ISSN 2413-516X

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

П А Ё М И
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
(маҷаллаи илмӣ)

БАХШИ ФИЛОЛОГӢ

4/4 (91)

В Е С Т Н И К
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
(научный журнал)

СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЯ

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2012

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Каримов М.Б. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор
Низомов М. - зам.гл.редактора, кандидат филологических наук, доцент

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:

Гулмуродзода П. - кандидат филологических наук, доцент
Исматов С. - кандидат филологических наук, доцент
Кабиров Ш. - кандидат филологических наук, профессор
Кучаров А. - доктор филологических наук, профессор
Нагзибекова М. - доктор филологических наук, профессор
Нарзикул М. - доктор филологических наук, профессор
Саломов М. - кандидат филологических наук, доцент
Сафаров У. - доктор филологических наук, профессор

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2012
Вестник Таджикского национального университета, 2012

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

САЙРИ ТАЪРИХИИ ҶОНИШИНҲОИ ЭНКЛИТИКӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
(форсии бостон, миёна ва порсии дарӣ)

Ф.Х. Шарипова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони тоҷикӣ шакли энклитикии ҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ мавҷуданд. Энлитика (фр.enclitique<юн.enklinā) калимаи безадаест, ки аз тарафи рост бо калимаҳои зададор дар шакли муттасил меояд [3,1]. Ҷонишинҳои энклитикӣ дар забони тоҷикӣ далолат бар ду шумора ва се шахс мекунанд:

танҳо	ҷамъ
ш. I -ам	ш. I.-амон
ш. II -ат	ш. II-атон
ш. III –аш	ш. III -ашон

Вазифаи ҷонишинҳои энклитикӣ дар раванди инкишофи таърихӣ тағйир ёфтааст. Ҷонишинҳои энклитикии забони тоҷикӣ бар мабнои ҷонишинҳои забони форсии бостон шакл гирифтаанд. Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки шаклҳои танҳои ҷонишинҳои энклитикии шахсӣ идомаи ҳолати генетив ва дативи забонҳои эронии қадим мебошанд [2.7;2.4]. Дар забони авестоӣ чунин шаклҳои ҷонишинҳои энклитикӣ мустаъмал будаанд:

	ш. I танҳо -	ш. II танҳо
Accusative (винительный)	-mā	-tvā/-θwā
Dative (дательный)	-mai/ mē,-mōi	-tai/-tē,-tōi
	Шумораи дугона	
Gen. (родительный)	-na	
	Шумораи ҷамъ	
Acc.	-naṣ/ -nå	-vaṣ /vå
Acc., Dat., Gen.	-naṣ/ -nō, -nē	-vaṣ /vō,vē

Ҷонишинҳои энклитикӣ дар матнҳои “Авесто” дар таркиби ҷумла пас аз вожаи аввали ҷумла бо калимаҳои мустақилмаъно ва ёвар муттасил меоянд [2,3]. Нигаред ба намунаҳо:

Na-it nah manah, **na**-it sanhah, **na**-it xratavan…На пиндорҳои мо, на гуфторҳои мо, на хирадӣ мо...

nas – ҷонишини энклитикӣ, шумораи ҷамъ ҳолати Acc.

Дар забони форсии бостон ба хати мехӣ ҷонишинҳои энклитикии ši-/ di- ва ҳолатҳои Acc. шакли танҳои ҷинси мардона šim/dim, ҳолати Acc. шакли ҷамъ šiš/diš, ҳолати Abl. š/-šat, Gen. ш.танҳо -šiy, шакли ҷамъ -šam мустаъмал будаанд [2,3]. Нигаред ба намунаҳо:

Haruvašim kāra avaina. Ҳама мардум **ӯро** диданд.

Imaiy sakā **hačāma** āiša. Ин сакоиҳо аз **ман** рафтанд.

Pasāvašim Arbairāyā uzmayāpatiy akunavam. Пас **ӯро** дар Арбил ба дор кардам.

Adamšim avāҫanam. Ман **ӯро** куштам.

Дар ҷумлаҳои боло ҷонишинҳои энклитикӣ бо ҷонишинҳои **haruva-** “ҳама”, **adam-** “ман”, пешояндҳои **hačā-** “аз”, **pasāva-** “пас” васл шудаанд.

Ҳамин тавр, ҷонишинҳои энклитикӣ вазифаҳои наҳвиро иҷро карда, дар баробари он маънои лексикӣ-ҷонишинии худ, яъне соҳибият ва объектро ифода мекунанд [2,1].

Чунонки медонем, ҳолатҳо (падеж) дар забони форсии миёна боқӣ намондаанд, бо вуҷуди ин ҷонишинҳои энклитикӣ дар осори давраи миёна ҳолати фоилӣ, мафъулӣ ва вобастагиро ифода кардан метавонистанд. Ҷонишинҳои энклитикии забони форсии миёна инҳоянд:

танҳо	**ҷамъ**
I. -ам –**m**	I.-амон **-mān**
II. -ат –**t**	II.-атон **-tān**
III. -аш –**š**	III.-ашон **-šān**

Ҷонишинҳои энклитикӣ дар забони форсии миёна низ маъмулан на бо калимаи ба он мансуб буда меоянд, балки бо калимаи аввали ҷумла васл шуда, мавридҳои корбурди мухталиф доштаанд. Ин ҷонишинҳо бо чунин калимаҳо меоянд:

1) бо пайвандакҳо: **U-š** pad sālārih be kas nē dahēd. Ӯро ба солории касе надиҳад (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 8).

Zan **kē-š** sālārih pad mard-ē. Зане, ки солориаш бо марде аст (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,9).

Ēg-iš sālārīh pad kē. Он гоҳ солориаш бо кист (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 9).

2) бо ҷонишини нисбӣ: Nas-ē andar **ī-š** hambārd be bawēd. Насое андар анбошта шуда бошад (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,7).

3) бо ҷонишин: **Har(w) čē-š** az āb ud ātaxš bīm be hišt. Ҳар чи аз бими об ва оташ бар ҷой ниҳод (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,13).

4) бо пешоянд:

Az-iš ēk widerān bawēd. Яке аз он ду мегурезад (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,17).

Abārīg ī **pad-iš** ān pahikōbišn. Дигар (чиз)ҳое, ки он бо онҳо бархурдор мекунад.

U-š xōn az-iš āmad. Ва хун аз он омада бошад (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 93).

5) бо феълҳо: **Nimūd-iš** xwadāy xwēš purqānā u-š pēš ramān. **Нишон дод** Худованд наҷоти хешро пеши пайравон (Забури паҳлавӣ, 68).

Энклитикаи **-š** дар феъли замони гузаштаи тарзи гузарандаи **nimūd-iš** таъсири амалро ба мафъул ё шахси сеюм нишон дода, маънои “ба ӯ нишон дод”-ро ифода кардааст.

Ҷонишинҳои энклитикӣ дар матнҳои осори форсии миёна вазифаҳои гуногуни грамматикӣ ва семантикиро иҷро мекарданд:

1) барои баёни фоили аслӣ (субъекти мантиқӣ) бо феълҳои сохти пассив (маҷҳул) ва замони гузашта гоҳе ба унвони фоили мантиқӣ ва грамматикӣ дар сохти феълҳои активи (маълум) монда дар ҳама замонҳо ва дар феълҳои гузаранда дар замонҳои ҳозира ва оянда меоянд [2,5]:

Čiš ī-š ō frazand rāy paydāgēnīd. Чизеро ӯ барои фарзанд (хвеш) муайян кард (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 23).

U-**m** urwāzist ō-t andarz. **Ман** шодмон шудам ба андарзи ту (Забури паҳлавӣ,70)

Ҷонишини энклитикии шахси якум ҳам ба сурати энклитика ва ҳам ба сурати мустақил (дар ибораҳои изофӣ ва ҳам бо пешояндҳо) барои ифодаи фоил омадаанд.Ҷонишини энклитикӣ дар ҳолати фоилӣ ба вазифаи мубтадо меояд. Чунончи:

U-**m** nē hišt zyān ud wardag kardan… **Ман** нагузаштам аз зиён ва ғорат кардан (Катибаи Картир дар каъбаи Зардушт, 192).

Ба вазифаи мубтадо ҷонишини энклитикии **m-** “ман”омадааст. Hišt асоси замони гузаштаи феъл ба маънии “гузаштан” буда, бе бандаки феълӣ омадааст. Гуфтан мумкин аст, ки ҷонишини энклитикии **m** барои ифодаи шахсу шумораи феъл низ омадааст. Дар забони форсии миёна ҷонишинҳои энклитикӣ ба ҷойи ҷонишинҳои шахсӣ ба унвони мубтадо ва пуркунанда ва муайянкунанда дар ҷумла меоянд. Дигар ҷонишинҳои энклитикӣ ба монанди -š, -t, -šān низ ба вазифаи мубтадо меоянд:

U-**šān** nē dānist rāh Ī man. **Онон** надонистанд роҳи маро (Забури паҳлавӣ, 67).

2) барои баёни мафъул:

Дар ҷумлаи зерин ҷонишини энклитикии шахси сеюми танҳо -š бо пайвандаки пайвастқунандаи **u- “**ва” муттасил омада, дар ҳолати мафъулӣ қарор дорад:

U-**š** was hast abāg purqānā bōzād. Ва **ӯро** наҷоти фаровон ҳамроҳ аст (Забури паҳлавӣ,79).

Ҷонишини энклитикии **š** нисбат ба дигар ҷонишинҳо дар ифодаи мафъулӣ корбурди бештаре дорад. Чунончи дар китоби “Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон” ҷонишини энклитикии шахси сеюми танҳо –š тақрибан сад бор мавриди корбурд қарор гирифтааст ва аксаран энклитикаи -š бидуни пасоянд пуркунандаи “вайро” ифода кардааст.

U-š xwāstag-ē frāz dād. Ва ӯро хоста дод (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 22).

U-**š** zan-ē hast. Ӯро зане ҳаст (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 20).

U-š zan ud frazand pad im dūdag. Ӯро зану фарзанд дар ин хонавода бошад (Озарфаранбағи Фаррухзодон,50).

Дар баъзе маврид ҷонишини **š** ба шахси ғоиб далолат мекунад ва танҳо барои нишон додани шахсу шумораи хабар омада, вазифаи грамматикиро дар ҷумла иҷро мекунад.Чунончи:

U-š pāy abar nihēd. Пой бар он мениҳад (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,97).

Ka-šān gumārd ēstād. Агар гуморида шуда буданд (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,18).

3) барои баёни соҳибият:

Ēg-**iš** pādixšāy zanīh xūb bawēd. Он гоҳ подшоҳзани **ӯ** хуб бувад (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,13).

Ҷонишини энклитикии -š бо ҷонишини нисбати ī дар шакли муттасил дар миёни муайяншаванда ва муайянкунанда барои ифодаи соҳибият меояд: Дар забони форсии нав маъмулан дар ин қолаб ҷонишин пас аз сифати **pākīh-** “пок” меояд. Мисол:

Namāz barēd ō xwadāy andar **srāward ī-š pākīh**. Намоз баред ба Худованд дар саропардаи поки **ӯ** (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 68).

Мавқеи ҷонишини энклитикӣ дар ҷумлаи осори забони форсии миёна гуногун аст. Чунончи дар ҷумлаи зерин энклитикаи -t барои ифодаи соҳибият дар байни ҷузъҳои хабари номӣ омада ва дар ҳар ду маврид бо муайяншавандаҳои **saxwan** “сухан” ва bandag- “банда” дар ҳолати препозитивӣ қарор гирифтаанд.

Wizīdag **-it** ast **saxwan** abēr u-**t**-iš **bandag** dōst būd. **Сухани ту** гузида аст ва **бандаи ту** ӯро дӯстдор будааст.

4) мансубияти чизеро ба шахсе далолат мекунанд:

U-**š** pad ruwān bawēd. Барои **равонаш** суд ҳаст (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,107).

U-**š** wināh čand. **Гуноҳаш** чӣ қадар аст (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,112).

5) барои баёни тараф ва мухотаб (адресат), ки чизе равона шудааст;

Mard-ē farzand ī xvēš rāy gōwēd kū **čī-š** dahom. Марде фарзанди хешро гӯяд, ки чизе (**ба ту**) медиҳам (105).

Ā-**t** pad šōy nē dahom. Он гоҳ туро ба шавҳар надиҳам (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 9).

Вазифаи (объект) мафъул яке аз вижагиҳои ҷонишинҳои энклитикӣ дар забони форсии бостон ва форсии миёна мебошад. Ҷонишинҳои энклитикии забони форсии миёна бо пайвандакҳо, пешояндҳо, ҷонишини нисбӣ дар шакли муттасил омада, дар ҷумла ҷойи муайян надоштанд. Ҷонишинҳои энклитикии забони форсии миёна дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда, пуркунанда ва мубтадои мантиқӣ омадаанд.

Дар забони порсии дарӣ ҷонишини шахси сеюми танҳои **-аш** корбурди бештар доштааст. Бандакҷонишини **-аш** ба сурати зоид бештар ба кор рафта ва онро “**шини фоилӣ**” номидаанд (Абулқосимӣ. Таър. заб. форсӣ, 290).

Ҷонишинҳои энклитикӣ дар насри форсии миёна дар ҷумла мавқеи гуногун дошта, барои ифодаи чунин маъниҳо меоянд:

а) барои ифодаи мафъул:

Мо **шон** ҳалок кардем (Қуръони маҷид, ҷ. 2,8). - Мо (онҳоро) ҳалокашон кардем.

Худой **шон** нигаҳ дорад (Таърихи Табарӣ, 207).-Худо (онҳоро) нигаҳашон дорад.

Густохӣ **тот** надиҳанд, макун (Таърихи Табарӣ, 207).- Густохӣ то надиҳандат (ба ту), макун.

б) Ин ҷонишинҳо дар шакли муттасил бо феълҳо омада, гузаштани амали мубтадоро ба шахси ғоиб ифода мекунад. Мисол:

Ба арафот берун **фармудаш** (Таърихи Табарӣ, 41).

Ва муҳр **бинамудашон** (Таърихи Табарӣ, 56).

Ва муғон Пешдод **хонандаш** (Таърихи Табарӣ, 67).

Писаре **омадаш**. Тур ном **кардаш** (Таърихи Табарӣ, 69).

Бародаре **будаш** Нарсӣ ном (Таърихи Табарӣ, 494).

Дар забони муосир энклитикаи –аш нисбат ба исмҳои шахсу ғайришахс ва исмҳои хосу ҷинс баробар истеъмол мешавад, аммо дар забони порсии дарӣ ин энклитика танҳо нисбати шахс корбаст мешудааст (Грамматика).

Ҷонишинҳои энклитикӣ дар инкишофи таърихии худ таҳаввулоти ҷиддиеро аз сар гузарондааст. Дар гузашта майдони вазифаҳои ин ҷонишинҳо васеътар ва мавқеи онҳо дар ҷумла озодтар будааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Сарчашмаҳо:
1.1.Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ.Таърихи Табарӣ.-Ҷ.1.2- Теҳрон, 2001.-1632с.
گاهان زرتشت و متنهای نواوستایی. با کوشش ه.رایشیلت.-تهران؛ققنوس،1386.-738ص.1.2
زبور پهلوی.پژوهش سعید عریان.-تهران،1382.-133ص.1.3
کتیبه های ایرانی میانه.پژوهش سعید عریان.- تهران،1382.-241 ص.1.4
روایت آذرفرنبغ فرخزادان.- تهران،1384.-402ص1.5
تفسیر قران مجید. نسخه محفوظ در کتابخانه دانشگاه کمبرج. به تصحیح ج.متینی.- تهران،1349.-295ص.1.6

2.Адабиёти илмӣ:
2.1.Баяндур А. Энклитические местоимения в среднеперсидском/Памяти В.С.Расторгуевой.- М.,2007.-С18-31.
2.2.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.- Ҷ. I.- Душанбе: Дониш, 1985,– 356 с.
2.3.Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки.- М.: Наука,1979.-386 с.ҳ.қ
2.4.Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки.- М.: Наука,1981.-543с.
2.5.Расторгуева В.С.Среднеперсидский язык.-М: Наука, 1966.-159с.
2. 6.Саймиддинов Д. Форсии бостон.-Душанбе: Пайванд, 2007.-190с.
2.7.Сиёев Б. Ташаккули ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ.-Душанбе: Ирфон, 2002.-494 с.
3.Адабиёти ёрирасон:
3.1.Крысин Л.П.Толковый словарь иноязычных слов.-М.:Эксмо, 2005.-939с.

ИСТОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ ЭНКЛИТИЧЕСКИХ МЕСТОИМЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье исследовано историческое становление энклитических местоимений в таджикском языке в период древности, среднеперсидского и новоперсидских периодов. А также исследована проблематика энлитических местоимений в составе предложения.

Ключевые слова: энклитические местоимения, личные местоимения, выражения лица и числа в энклитических местоимениях.

HISTORY OF FORMATION OF ENKLITICHESKY PRONOUNS IN THE TAJIK LANGUAGE

In article it is investigated historical formation of enkliticheskу pronouns in the Tajik language during the period of an antiquity, srednepersidsky and the new Persian periods. And also it is investigated a perspective of enliticheskу pronouns as a part of the offer.

Key words: enkliticheskу pronouns, personal pronouns, person and number энклитик.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ф.Х. Шарипова*** -доктарант Таджикского национального университета.

АСОЛАТИ ЗАБОН ДАР ЛАҲҶАҲОИ ТОҶИКӢ

С. Ҳ. Қурбонов, З. Каримова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони тоҷикӣ таърихи куҳан дошта, доираи истифодаи он васеъ мебошад, ки дар ин замина омӯзиши раванди таърихии он бе дарназардошти ташаккул ва таҳаввулоти лаҳҷаҳо ғайриимкон ба назар мерасад. Калима ҳамчун воҳиди забонӣ бо гузашти замон тағйири шакл намуда, вобаста ба имконоти луғавӣ дар ифодаи маъно низ аз дигаргуниҳо бархурдор мегардад, ки омӯзиши ин хусусият дар асоси осори гаронбаҳои шоирону нависандагони классикӣ ва муқоисаи он бо лаҳҷаҳои тоҷикӣ аҳамияти илмӣ дошта, барои муайян намудани раванди инкишофи таърихии забон ва шеваҳои он замина фароҳам меорад.

Лаҳҷаҳо яке аз манбаъҳои муътамади инкишофи забони адабӣ ба шумор мераванд. Дар лаҳҷаҳо асолати забон ҳазорсолаҳо маҳфуз мемонад ва дар навбати худ ба навгониҳо рӯ ба рӯ мегардад. Аз ин рӯ, мавриди тадқиқ қарор гирифтани ҳамаи

бахшҳои забон, хосатан бахши лексикология, дар асоси лаҳҷаҳо ба бисёр масъалаҳо рӯшанӣ меандозад.

Айни замон дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ калимаҳои зиёде ба ҳукми архаизм даромада мавҷуданд, ки баъзе аз онҳо ҳуқуқи ба забони адабӣ гузаштанро доранд. Профессор Ғ. Ҷӯраев яке аз сарчашмаҳои пайдоиши унсурҳои шевагиро (диалектизмҳоро) дар мавҷудияти чунин воҳидҳо дида навиштааст: «…сарчашмаи якуми захирашавии диалектизмҳои луғавӣ дар таркиби луғавии ин ё он шева ҳамин гуна унсурҳои архаистӣ ё худ реликтикӣ ба шумор мераванд» [7, 136].

Муҳаққиқи ин бахш Ҳасанов А. дар тадқиқи лаҳҷаҳо «ифшои сарчашмаи умумии шеваи гуфтори манотиқи гуногун ва дарёфти вожаҳои асили дарозумр»-ро муҳим мешуморад, ки воқеан ҳақ бар ҷониби ӯст [ниг.:6, 6].

Барои омӯзиши дараҷаи истифода ва ифодаи маъноии гурӯҳе аз ин гуна калимаҳои асил ба маводи лаҳҷаи навтадқиқгаштаи Бойсун –Қӯрғонча, ки аз таъсири забони ӯзбекӣ кам бархурдор мебошад, инчунин лаҳҷаи Даштиҷум (дар мавридаш ба лаҳҷаҳои дигар низ) такя намудем.

Калимаи ***кавдан*** дар гузашта ба маъноҳои аспи боркаш, аспи пир ва одами кундфаҳм истифода гардидааст. Дар мисраъҳои зерин ин калимаи таърихӣ ба маънои кундфаҳм омадааст:

Дарнагирад суҳбати Урфӣ ба шайхи савмаа,
К-ӯ ба зирак душману Урфӣ ба *кавдан* душман.

Урфӣ (5, 524).

Ин калима дар лаҳҷаи Даштиҷум ҳоло дар ифодаи одами кундфаҳм дар шакли ихтисорёфтаи кавда(н) истифода мегардад: *И одам бисйор одами кавда бъдаст.*

Калимаи ***дулмул*** дар адабиёти классикӣ ба маънои ғаллаи ҳанӯз батамом нопухта, нимпухта меояд. Ин калима дар лаҳҷаи Даштиҷум дар ифодаи номи хӯрок корбаст шудааст: *Бийо, ба нахъут* ***дълмъл*** *мепазем.*

Ин калимаи аслан тоҷикӣ дар гузашта дар шакли ***дунбул*** мавриди истифода қарор гирифтааст, вале ҳоло дар забони адабӣ корбаст намегардад.

Ҳоло дар забони адабӣ калимаҳои ***модарандар*** ва ***падарандар*** мавқеи устувори истифода надоранд. Дар лаҳҷаҳои шимол дар шакли изофии модари ӯгай ва падари ӯгай серистеъмол мебошанд. Дар лаҳҷаҳои ҷануб калимаҳои зикрёфта дар шаклҳои ***моиндар// мояндар*** ва ***пияндар*** корбаст мешаванд: *Ай дастойи мойандар-а қоқ зад-ай* (Даштиҷум).

Истифодаи ин шакл дар адабиёти классик маъмул будааст:

Душман ар меҳр тамаъ дорад, аз-ӯ беҳудагист,
Ки ҷаҳон модари ӯ нест, ки мояндари ӯст.

Фаррухӣ (5, 704).

Калимаи тоҷикии ***хорӣ*** ба маъноҳои пастӣ, зиллат ва ҳақорат дар адабиёти классикӣ истифода шудааст. Имрӯз дар забони адабӣ ҷойи калимаҳои аслан тоҷикии ***хорӣ*** ва ***дашном***ро калимаи арабии ҳақорат гирифтааст. Дар лаҳҷаи Қӯрғонча калимаи **хӯрӣ** (хворӣ// хӯрӣ) ба ҳамин маъно истифода мешавад: *Уно қад ба қад шуда йакдиге-шон-а хӯрӣ кардан.*

Дар осори Анварӣ ин шаклро мебинем:

Ҳон, эй санам, хорӣ макун морову озоре макун,
Оё, биё, боре макун, то дарди сар дорам туро (5, 495).

Дар лаҳҷаи Даштиҷум калимаи ***дашном*** серистеъмол мебошад: *Дашном-уш кънен, ки қимат нафруша.*

Ин калимаи куҳантаърих дар осори шоирони классик фаровон истифода шудааст:

Ба дашноми зишту овози сахт,
Ба тундӣ бишӯрид бо шӯрбахт Фирдавсӣ (5, 408).

Калимаи тоҷикии ***чалпас*** – ноуҳдабаро, ноқобил дар лаҳҷаи Даштиҷум дар шакли чалфас фаровон корбаст мешавад: *Бра, чалфъс, кор-та кадӣ.*

Ин калима дар осори Садри Зиё ба чашм мерасад:

Эй чалпас, чаро мусоҳала кардӣ? Акнун зуд бош, он ҷонварро ба даст ор! (5, 520).

Калимаи таърихии ***шӯша*** дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар шаклҳои ҳаммаънои шак, шӯшанак ва ғ. истифода мешавад:

Шак рехт-ай, хънукӣ омад (Даштиҷум); *Шӯшанак тайи пом-да наммӣ кард* (Қӯрғонча).

Дар осори Восифӣ ба маънои оби яхбаста истифодаи ин калимаро мебинем:

Сарриштаи офтоби сӯзон шуд,
Шӯшаи ях ба нимае дар он (5, 611).

Калимаи тоҷикии ***рада*** дар осори Фирдавсӣ ба маънои саф, қатор омадааст:

Рада баркашида сипоҳаш ду мил,
Ба дасти чапаш ҳафтсад жанда пил.
Фирдавсӣ (5, 115).

Истифодаи ин калимаи таърихӣ дар лаҳҷаи Қӯрғонча дар шакли рат ба чашм мерасад: *Ду рати дигар даравиданӣ шуд.*

Калимаи ***кумоч*** (кумоҷ) дар лаҳҷаҳои Даштиҷум ва Қӯрғонча доираи васеи истифода дошта, ба маънои нони дар хокистар пухташуда истифода мегардад: *Кӯмоччойи пухтагетона даҳан назад-ай* (Қӯрғонча);
Мам болойи лахча кумоч мепаза (Даштиҷум).

Ин калима дар осори шоирони классик низ ба ин маъно истифода шудааст:

Бигуфто коғазе, ку коғази рангини паргорӣ,
Ки пиндорам кумочи сурх аз хашхош афшонӣ.
Неъматхони Олӣ (5, 573).

Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаи **буна** (ба маъниҳои хоҷагӣ, хонавода ва ҳавлӣ) серистеъмол мебошад: *Иҷа сад бъна зийот дора* (Даштиҷум).

Ин калима дар осори классикон сервазифа буда, ба маъниҳои асбобу анҷом, рахти хона, мол; муҳимоти аскарӣ; манзил, хона корбаст шудааст. Дар ин мисраъҳои шеърӣ калимаи буна чун дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба маънои хона омадааст:

Чу Симурғро бачча шуд гурусна,
Ба парвоз- бар шуд баланд аз буна.
Фирдавсӣ (5, 212).

Ба ороми дил хуфта андар буна,
Чӣ донанд ҳоли шикамгурусна?!
Саъдӣ (5, 212).

Дар «Таърихи Бадахшон» ба маънои хонавода истифода шудани калимаи ***буна*** ба назар мерасад:

«…донист, ки буна, яъне хонавода ва аҳли аёл аз кӯтал гузашта, ба манзиле расиданд» (ниг.:2,18).

Калимаҳои ***чошт, чоштгайӣ*** дар лаҳҷаи Қӯрғонча ва дар шакли ибораи изофии ***чошти арӯс*** (баъди 3 рӯз ба арӯс хӯрок мебаранд) дар лаҳҷаи Даштиҷум (Ниг.:1, 31) серистеъмол мебошад: *Чоштгайӣ нахӯрда будам* (Қӯрғонча)*; Чошти аруси-ра кай гуфтен?* (Даштиҷум).

Дар осори Рӯдакӣ ин калима чун ифодагари вақти муайян, «ҳиссаи якум аз чор ҳиссаи рӯз, ки дар он вақт офтоб паҳн мешавад» [5, 548], омадааст:

То саму сар бароварид аз дашт,
Гашт зангоргун ҳама лаби кашт.
Ҳар яке корде зи хон бардошт,
То пазад аз саму таомаки чошт (4, 155).

Гуволидан дар лаҳҷаҳо маънои ***сабзидан, нашъунамо ёфтан***ро дорад: *Сараки гандум-а дидед амак, а **гуволидан-аш** зӯр-еш маълум буд* (Қӯрғонча).

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин калима истифода намешавад. Онро дар осори классикон ба маънои андӯхтан дучор омадем:

Бузургон ганҷи симу зар гуволанд,
Ту аз озодагӣ мардум гуволӣ.
Тайён (5, 276).

Калимаҳои **анде** (ба маъноҳои танҳо, каме, аммо, хеле, кошки, боз, агар) ба ғайр аз лаҳҷаҳои шимол дар дигар лаҳҷаҳои тоҷикӣ истифода мешавад: *Мон, анде бъгираву хап кунад* (Даштиҷум).

Калимаи мазкур дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин маънидод шудааст: а) бувад ки, бошад ки; б) хоса ки, махсусан ки…; в) барои он ки, чаро ки, зеро ки [ниг.: 4, 74]. Дар осори шоирони классикӣ ин калима ба ин маъниҳо ба назар мерасад:

Гар гулистон зи боди хазон зард шуд, равост,
Анде ки сурх бошад рӯйи худойгон.
Унсурӣ (5, 74).

Бо он ки ман аз ишқи ту расвои ҷаҳонам,
Ҳам розиям анде ки ту зебои ҷаҳонӣ.
Асири Ахсикатӣ (5, 74).

Калимаи ***анде*** ҳоло дар забони адабии ҳозираи тоҷик доираи васеи истеъмолӣ надорад.

Калимаи таърихии ***хинг*** дар адабиёти классикӣ ба маънои аспи сафед ва ё хокистарранг истифода шудааст.

Лаҳҷашинос Эшниёзов М. дар лаҳҷаҳо бо се маъно омадани ин калимаро шарҳ додааст: 1.Замини аз кормонда ё хоки кабуд; 2 Пӯст ва ё машки равғани зағир ва ё шиннӣ нигоҳ медоштагӣ; 3.Дар шакли таркибии хару хингила ба маъноҳои хару хутик, хару асп [ниг.: 8, 97].

Дар лаҳҷаи Қӯрғонча калимаи хинг дар таркиби хару хингил ба маънои таъкиди бисёрии хар истифода мегардад: *Хару хингил-а гирифта буромадан.*

Ин калима дар лаҳҷаи Даштиҷум маънои «беранг», «рангпарида»- ро касб кардааст [ниг.: 1,19]. Чунончи*: Кӯртаи хинг- и безеб, дига напушъш***.**

Хинг дар лаҳҷаи Дарвоз ба маънии маҷозӣ мустаъмал аст: *Ай гапои мън хинг шист.* Маъноияш хафа шудан, ки натиҷааш тағйири авзои рӯҳию зоҳирии шахс мебошад. Ин маъно ҳатто дар номгузории мардуми ин мавзеъ инъикос ёфтааст.

Ҳиссаи хинг дар исми хоси **Хингоб** (номи дарё) имрӯз маълум аст. Рӯдакӣ хингро бо калимаи бед тарзе дар шеър ҷо додааст, ки маънии хинг равшан ҳувайдо гаштааст:

Тани хингбед арчи бошад сапед,
Ба тариву нармӣ набошад чу бед (4, 148).

Дар осори Рӯдакӣ калимаи «хинг» ба маънои асп низ омадааст:

Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯи дӯст,
Хинги моро то миён ояд ҳаме (3, 125).

Яке аз маъниҳои калимаи «лат» дар «Фарҳани забони тоҷикӣ» чунин омадааст: «Лат- пора; лат-лат пора-пора, тикка-тикка, порча- порча» [5, 594], ки дар осори Рӯдакӣ ҳам ҳамин маъност:

Чуғз, ки бо бозу кулангон парад,
Бишканадаш парру бол, гардад лат-лат (3, 207).

Дар шеваи шимол дар феъли таркибӣ чун ҷузъи номӣ дар шакли «лат задан» ба маънои омехта кардан, дар шеваи ҷануб «лат кардан» ба маънои кӯфтан бо даст ва калтак меояд:

Чакка-йа гиру худат лат зан (Қӯрғонча); *Чиба лат-уш накарден* (Даштиҷум).

Ин маъноро дар осори Хусрави Деҳлавӣ дучор омадем:

Лат ҳамаро хам кунад аз саҷда пушт,
Саҷдаи ангушт нигар пеши мушт (5, 594).

Тадқиқу баррасии ин мавзӯъ дар доираи як мақола аз имкон берун мебошад. Калимаҳои **зов** (ҷарӣ), **качал** (ланг, каҷпо), **кашк** (хӯроки гандумин), **коч** (олус), **лак** (сода), **лош** (ғорат), **пай** (бор, маротиба), **полоиш** (тоза кардан), **реж** (нақша, тартиб), **фач** (нохуб, бад), **чапар** (девори хору хасин), **чамидан** (лангидан), **шах** (кӯҳу пушта, замини сахт), **яла (кушода, озод, раҳо),** ***кола***- матоъ ва ғайра дар ин ё он лаҳҷаи тоҷикӣ истеъмол гашта, дар осори классикон низ ба чашм мерасанд. Албатта, ин аз асолати лаҳҷаҳои тоҷикӣ далолат медиҳад. Бо гузашти айём ин калимаҳои асили тоҷикиро дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба кор намебаранд. Ҷойи бисёре аз онҳоро калимаҳои ба онҳо ҳаммаънои бегоназабон гирифтааст. Дараҷаи истеъмол, доираи густариш ва тобишҳои маъноии ин калимаҳо дар лаҳҷаҳо якранг нест. Омӯзиш ва эҳё намудану вориди забони адабӣ гардонидани онҳо тақозои давру замон мебошад.

Калимаҳои зиёде ба монанди **чалма** (саргини чандсолаи бузу гов)**, алағда** (парешонхотир), **вағра** (омос, варам), **вардӣ** (ҷарӣ), **гаҷум** (бетартиб), **ғавза** (як даста алаф), **ғайбар** (калон, азим), **ғаранг** (санги калон), **чӯғ** (лахча), **барзангӣ** (калон, азим),

заѓома (моҳихона), **чарѓоба** (обсабз) ва ѓ. дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ истифода гаштаанд, ки тадқиқи этимологии ин гуна калимаҳо бори дигар ба забони форсӣ-тоҷикӣ дахл доштани онҳоро собит хоҳад сохт.

А Д А Б И Ё Т

1. Замонов З.И. Лексикаи лаҳҷаи Даштиҷум (Рисолаи номзадӣ). –Душанбе, 2007.
2. Кабиров Ш. Хусусиятҳои лексикии «Таърихи Бадахшон». –Душанбе, 1984. –174 с.
3. Осори Рӯдакӣ. –Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. –543 с.
4. Рӯдакӣ (шеърҳо). –Душанбе: Ирфон, 1974. –223 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ (Ҷилди яку ду).–Москва:Советская энсиклопедия, 1969. –951; 952 с.
6. Ҳасанов А. Дурри дарёи дарӣ ва шеваи шимол. –Хуҷанд, 1999. –113 с.
7. Ҷӯраев Ғ. Калимаҳои хоси шева ва баъзе аломатҳои фарқкунандаи онҳо // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1976. –с.136.
8. Эшниёзов М.Шеваи Ҳардурӣ. –Душанбе: Ирфон, 967. -230с.

ПОДЛИННОСТЬ ТАДЖИКСКИХ ГОВОРОВ

Многие слова, которые используются в тех или иных таджикских говорах, очень часто встречаются в произведениях классиков. Это свидетельствует о подлинности таджикских говоров. Со временем эти слова не стали использоваться в современном таджикском литературном языке, а их место заняли чужеродные синонимичные слова.

THE AUTHENTIE IN TAJIK OF SOUND OF VOICES

The article considers about the many words, which using in that or tajik sound of voices, very often meets in the production of classics. By time these authentic tajik words did not use in the modern tajik languages and literature.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ: ***С.Н.Курбонов*** - кандидат филологическеих наук, доцент ТНУ
З. Каримова- соискатель Таджикского национального университета

ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКИЙ АСПЕКТ ОБУЧЕНИЯ РУССКОМУ ЯЗЫКУ

Л.Т. Рузиева
Таджикский национальный университет

Рост интереса к изучению языков приводит к активизации межкультурного общения, что делает чрезвычайно острой проблематику соотношения языка и культуры, как на национальном, так и на межнациональном уровне. Обучение русскому языку в условиях развития продуктивного таджикско-русского билингвизма ставит перед собой, в первую очередь, коммуникативную цель. Другими словами, коммуникативная направленность, несомненно, является основным принципом обучения русскому языку в национальной (таджикской) школе.

Исследователь Н.Ф. Краева пишет: "В современной лингвометодике признается необходимость включения национально-культурного компонента в преподавание языка, как одного из важнейших путей трансляции национальной культуры, формирования личности, так как национальная культура несет в себе большой социально-педагогический потенциал, остающийся до конца не востребованным в предметах гуманитарного цикла" [6:34].

Преподавание русского языка в школах с таджикским языком обучения мыслится как активное освоение учащимися русской речи в целях общения и формирования у них способности увидеть язык глазами его носителей, овладеть языком, основываясь на культуру изучаемого народа.

В настоящее время методика обучения русскому языку в таджикских школах находится в постоянном развитии и совершенствовании. Истоками её формирования служат эффективные методические поиски, новые исследования в лингвистике, такие как социолингвистика, когнитивная лингвистика, культурология, лингвокультурология и другие смежные науки. Основываясь на достижениях современной антропоцентрической парадигмы

научных знаний, опыт учебной практики совершенствуется методическими системами обучения, приёмами овладения русским языком и русской культурой с позиции носителей таджикского языка и таджикской культуры.

В конце XX столетия проблема "язык и культура" получила наиболее яркое освещение в новом антропоцентрически ориентированном направлении языкознания - *лингвокультурологии*, которая возникла на стыке лингвистики и культурологии и исследует проявления культуры народа, отразившиеся и закрепившиеся в языке. Основным постулатом для лингвокультурологии выступает положение о том, что язык есть орудие культуры и наряду с этим часть культуры.

Лингвокультурология – это синтез наук – культурологии и филологии. Лингвокультурология изучает взаимосвязь и взаимодействие культуры и языка в процессе их функционирования. Предметом исследования является языковая картина мира, т.е. материальная, духовная культура этноса, выражающаяся в его языке. Ю.В. Бромлей под лингвокультурологией понимает "все то, что создается человечеством, от орудий труда до предметов домашнего обихода, от привычек, обычаев, самого образа жизни людей до науки и искусства, религии и атеизма, морали и философии" [2:11].

Таким образом, возникает необходимость рассматривать феномен языка в контексте жизнедеятельности человека – носителя определённой культуры, представителя конкретного этноса, обладающего специфическим этническим сознанием и менталитетом и взаимодействующего с представителями других лингвокультурных общностей. Другими словами, это формирование знаний, умений и навыков у обучаемых в области инонациональной культуры. Этот процесс вполне может осуществляться через систематический и поступательный ввод национально-характерной лексики.

Приобщение носителей таджикского языка к русской национальной культуре вполне определённо требует закрепления в их сознании новой формулы сходств и отличий. Влияние родного языка практически даёт о себе знать в абсолютном большинстве случаев, поскольку, употребляя слова, обучаемые вкладывают в них родное национально-культурное содержание. В результате нередки случаи, когда человек, высказываясь на русском языке, оперирует категориями национальной культуры. Таким образом, влияние родной культуры осложняет коммуникацию на неродном языке. Отсюда очень важными и необходимыми представляются специальные, целенаправленные усилия, как подготовленного преподавателя, так и правильно ориентированного учащегося.

Мы считаем, что решение актуальных задач обучения русскому языку как средству коммуникации в условиях формирования и развития таджикско-русского билингвизма заключается в том, что *русский язык в таджикских классах должен изучаться в неразрывном единстве с миром и культурой народа, говорящего на этом языке*. Таким образом, мы предприняли попытку применить лингвокультурологический аспект в преподавании русского языка.

Значимость лингвокультурологического аспекта связана с тенденцией обновления образовательной системы, с усилением внимания к языкам. В последние годы наметилась тенденция не простого заучивания грамматических правил и законов таджикского, русского или другого (третьего) языка, а формирования коммуникативных умений, т.е. усвоения языка, как средства общения. Отсюда важность приобщения учащихся к материальной и духовной культуре народа изучаемого языка, его многовековым обычаям и традициям.

Лингвокультурологический аспект содержания обучения русскому языку должен включать, по В.А. Масловой [7:32], следующие лингвокультурологические единицы, которые являются источниками культурной информации:

- мифологизированные языковые единицы: архетипы и мифологемы, обряды и поверья, ритуалы и обычаи, закрепленные в языке;
- паремиологический фонд языка;
- фразеологический фонд языка;
- эталоны, стереотипы, символы;
- метафоры и образы;
- стилистический уклад языков;
- речевое поведение;
- область речевого этикета.

Все это охватывает национально-культурный пласт картины мира, т.е. это лингвокультурологические единицы, содержащие национально-культурный компонент и обозначающие предметы и явления быта, например, *изба, лапти, сарафан, русская печь, красный угол, кочерга*; образцы русского фольклора - *"Василиса Прекрасная", "Иванушка-дурачок", "Колобок"*; праздники - *"Масленица", "Рождество Христово"* и т.д. Все это требует последовательного проведения словарной работы и создания продуманной системы поэтапного введения таких слов и выражений в учебный процесс.

Следует отметить, что наиважнейшую роль имеет работа с текстом. Главный этап в подготовке к уроку – выбор самого текста. Он должен нести особую смысловую нагрузку, стать источником интеллектуального и нравственного развития учащихся, и, соответственно, нести лингвокультурологическую направленность. В качестве примера рассмотрим фрагменты урока, на котором ведётся подобная работа. Покажем на примере текста "Масленица", разработанного для учащихся 10 таджикских классов по теме "Обобщение, расширение сведений о тексте".

Главное на уроке при работе с текстом - это умение чувствовать и понимать, почему так и не иначе он выстроен. Какую информацию несёт? Чему учит? Надо приучать школьников всматриваться и вдумываться в содержание.

Как объект лингвистики, текст представляет собой группу предложений, объединённых общим смыслом и структурой. Основными его признаками являются членимость, смысловая цельность и структурная связность. На это следует обращать внимание учащихся. Работу с текстом на уроке следует разделить на несколько этапов.

Первый этап – задания, выполняемые перед работой с текстом.

1. Посмотрите в словаре толкования следующих слов и словосочетаний:

а) *традиция, обычай, обряд, ритуал.*

б) термины родства: *теща, зять, золовка, невестка.*

в) атрибуты масленичных гуляний: *сани, саночки, упряжки, повозки, пирушка, застолье, хоровод, маскарад, игрища, застолье, чучело, ряженые.*

2. Подберите к следующим словам однокоренные слова: *масленица, проводы, старина, поветрие.*

Второй этап – подача двух разновидностей информации – о чём говорится и что говорится (т. е. тема и основная мысль). Для достижения смысловой цельности понятие основной мысли не менее важно, чем понятие темы. Текст приобретает цельность лишь в том случае, если, сообщая что-либо о предмете речи, мы подчиняем отбор материала задаче передать основную мысль высказывания. Другими словами, не только тема, но и основная мысль объединяют предложения текста и придают ему смысловую цельность.

При анализе текста можно предложить ученику ответить на следующие вопросы: что он видит, читая текст, что слышит, что при этом чувствует (ощущает), что думает по поводу прочитанного. Отвечая на поставленные вопросы, ребёнок выстраивает логическую цепочку ответов. Необходимо отметить, что хорошо продуманные вопросы помогут учащимся увидеть текст детально.

Следующая линия анализа текста связана со словарной работой. Здесь настоящими помощниками на уроке окажутся различные словари. Например, в тексте о Масленице, встретились слова, которым необходимо дать толкование

1. *Языческий* - относящийся к идолопоклонству.
2. *Сатурналии* - в древнем Риме - народный праздник по окончании полевых работ в честь бога Сатурна; праздник длился 7 дней.
3. *Скоромный* - о молочной и мясной пище, не потребляемой религиозными людьми во время поста.
4. *Помин* - (устар.) здесь приношение умершим в знак любви, памяти.
5. *Слуховое окно* - окно на чердаке, в крыше.
6. *Воскресная служба* - у верующих: воскресное богослужение.
7. *Пасха* - у христиан весенний праздник Воскресения Христа.

Другая линия анализа текста связана с вопросами и заданиями после прочтения текста:

1. Расскажите, каково происхождение праздника "Масленица"?
2. Выпишите из текста прилагательные, которые сочетаются со словом "масленица". Объясните полученные словосочетания.

3. Вспомните, сколько дней празднуется масленица, как называется каждый день праздника и почему?

4. Как вы думаете, почему последний день праздника называют "прощеным воскресеньем"? С каким обрядом были связаны проводы масленицы?

5. Скажите, какое блюдо всегда готовят на масленицу? Расскажите рецепт приготовления такого блюда.

6. Прочитайте следующие поговорки о масленице и с помощью вашего преподавателя дайте им толкование:

Не все коту масленица, будет и Великий пост.

Не житье, а масленица.

На горах покататься, в блинах поваляться. Боится масляна горькой редьки, да пареной репы.

Без блина не масленица.

7. Придумайте ситуации, в которых можно было бы употребить следующие поговорки:

Не все коту масленица, будет и великий пост

Не житье, а масленица.

8. В каких картинах русских художников отражено празднование масленицы?

9. Расскажите вашим друзьям, есть ли в вашей стране праздник, похожий на русскую масленицу. Как он празднуется?

Следует обратить внимание на то, что идет углубленная работа с пословицами и поговорками, которые отражают национально-специфические особенности, менталитет народа во всем его разнообразии, более того, они являются важной частью моральных стандартов. А значит, являются ценнейшим материалом для изучения языка и культуры народа. Конечно, все перечисленные виды работ не представляется возможным использовать на каждом уроке. Можно варьировать вопросы в зависимости от темы. Но работа по осознанию и пониманию учащимися самого текста должна проводиться постоянно. И без погружения в чудные законы языка, трудно представить себе углублённое изучение текста. Ведь работа с текстом на уроке позволяет организовать самостоятельное открытие знаний и помогает развивать ассоциативное мышление, узреть взаимосвязь языка и культуры.

Создавая уроки в лингвокультурологическом направлении, следует тщательно продумать все задания. Важно помнить о том, что строительным материалом для связных высказываний является слово. Поэтому знакомить учащихся со значениями слов и особенностями их употребления в конкретном языке надо по словарям (толковый, фразеологический, этимологический, историко-этимологический, словарь символов и знаков). На уроке очень важна лексическая работа. Задания по орфографии и пунктуации, а также вопросы по морфологии и словообразованию позволяют повторить и закрепить изученное. Обсуждение текста помогает воссоздать языковую картину мира и образ человека в определенной культуре, способствует отображению психологии и ментальности в данном языке, создает эмоциональный настрой, повышает интерес к предмету.

Таким образом, разработанная методика направлена не только на то, чтобы учащиеся могли свободно говорить, грамотно писать, но и знакомиться с текстами – образцами русской художественной литературы, по которым можно представить национально-культурные особенности носителя изучаемого языка, а также сформировать представления об образе жизни, быте, традициях, национальной психологии носителей языка.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Афанасьев А.Н. Народные русские сказки. - М., 1957. - Т. I – 515 с.; II – 510 с.; III – 572 с.
2. Бромлей Ю.В. Этнические функции культуры и этнография. – М., 1978.
3. Буслаев Ф. И. Преподавание отечественного языка. - М.: Просвещение, 1992. – 512 с.
4. Воробьев В.В. Лингвокультурология (теория и методы). - М., 1997. - 332 с.
5. Гумбольдт В фон. Язык и философия культуры. – М.: Прогресс, 1985.
6. Краева Н.Ф. Лингвокультурологический аспект в преподавании татарского языка русскоязычным учащимся. http://www.tisbi.org/science/vestnik/2004/issue2/Kult7.html
7. Маслова В.А. Лингвокультурология. – М.: Академия, 2001. - 208 с.
8. Потебня А.А. Слово и миф. - М.: Правда, 1989. - 624 с.
9. Сепир Э. Избранные труды по языкознанию и культурологии. – М., 1993, - 165 с.

10. Телия В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты. - М.: Языки русской культуры. 1995. - 288 с.
11. Толстой Н.И. Язык и народная культура: Очерки по славянской мифологии и этнолингвистике. - М., 1995. – 450 с.

ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКИЙ АСПЕКТ ОБУЧЕНИЯ РУССКОМУ ЯЗЫКУ

В статье рассматривается лингвокультурологический аспект обучения русскому языку в условиях формирования таджикско-русского билингвизма.

Ключевые слова: межкультурное общение, коммуникативная направленность, таджикско-русский билингвизм, лингвокультурология, национально-культурные особенности, текст.

LINGUISTICS ASPECT OF TEACHING THE RUSSIAN LANGUAGE

Solution of actual problems of teaching the Russian language as a means of communication in the formation and development of the Tajik-Russian bilingualism is that the Russian language in Tajikistan classes should be taught in an indissoluble unity with the world and culture of the people who speak that language. Thus, we attempted to apply linguistics aspect of teaching the Russian language.

Key words: intercultural communication, communicative orientation, Tajik-Russian bilingualism, lingvokulturologiya, national and cultural features, text.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Л.Т. Рузиева*** - докторант Таджикского национального университета

К ИСТОРИИ ИССЛЕДОВАНИЯ ТАДЖИКСКОЙ АНТРОПОНИМИИ

С.М. Насруддинов
Технологический университет Таджикистана

История исследования антропонимии таджикского языка, показывает, что она представляется наиболее исследованной среди других иранских языков. По проблемам таджикской антропонимии написаны кандидатские диссертации А.Г. Гафурова, Ш. Хайдарова, Р. Шоева М.Б. Аюбовой, Д.Д. Мирзоевой, Л.Т. Рузиевой [1].

Начало изучения антропонимов таджикского языка восходит к 20-м годам прошлого столетия, когда личные имена и прозвища таджиков некоторых регионов привлекались исследователями в целях этнографической характеристики. В 50-ые годы опубликован ряд работ историко-этнографического характера, которые затрагивали вопросы способов, видов и мотивации наречения именами детей. Этнографические аспекты таджикской антропонимии отражены в трудах историков-этнографов М.С. Андреева, И.И. Зарубина, О.А. Сухаревой, А.Л. Троицкой, А.А. Семёнова, А.К. Писарчик, Кислякова Н.А.Пещеревой Е.М., М.Р. Рахимова и др [2].

В 40-х и 50-х годах XX века активизируются исследование и публикация научных работ по вопросам об именах, фамилиях, псевдонимах.

Основоположник современной таджикской литературы Садриддин Айни в своей книге «Ёддоштҳо» («Воспоминания») (1954, 1962) описывает мир псевдонимов в XIX - XX вв. среди поэтов, писателей и творческих деятелей. Он останавливается на вопросах о мотивах и причинах выбора псевдонимов и раскрывает значение некоторых псевдонимов современных ему творческих деятелей, касаясь тем самым ряда вопросов таджикской антропонимии.

С. Улуг-Заде, А. Дехоти публикуют заметки, в которых высказывают своё отношение о выборе и орфографии собственных имён, подвергают критике выбор неприглядных и несодержательных имён [3].

Исследование антропонимии в лингвистическом аспекте в таджикском языкознании началось в 60-е годы. Ее становление связано с именем А. Гафурова, который в этот период опубликовал ряд монографий и научных статей. В его работах наряду с описанием структуры и семантики антропонимов даётся этнолингвистическая характеристика таджикской антропонимической системы, описываются традиции наречения ребёнка, выясняется влияние религии, культурно-исторических и социальных

факторов на становление таджикской антропонимии, рассматриваются добавочные номинации, употребляемые современными таджиками. В работах А. Гафурова синхронное исследование дополняется историческим.

Первая статья А. Гафурова под названием «Способы и виды наречения детей у таджиков» [1964] является одной из важных научных работ по таджикской антропонимии и устанавливает научную основу таджикской антропонимии в языкознании. В этом же году он защитил кандидатскую диссертацию на тему «Лично-собственные имена в таджикском языке».

Задачи и цели данного исследования состояли в том, что показать, как развивалось таджикское имясловие, какие наиболее яркие отличительные черты характерны для имён таджиков, выявить их отношение к лексике языка. Первая глава «Социальные условия возникновения и развития лично- собственных имён таджиков» исследует отражение религиозных представлений в именовании детей; влияние культурно-исторических факторов на таджикское имясловие; социальный элемент в таджикских именах. Во второй главе-«Структурно-семантическая характеристика лично-собственных имён»-антропонимы рассматриваются в прикладном лингвистическом аспекте, дается их фонетическая, словообразовательная и семантическая характеристика. В третьей главе - «Добавочные номинации, связанные с общественной· жизнью» - исследуются прозвища, патронимические и фамильные имена, нисбе и тахаллусы.

В 1968 году результаты исследования А. Гафурова публикуются в монографии «Рассказы об именах» [4], в которой в кратком изложении освещаются способы и виды имянаречения таджиков. Потом рассказы и интерпретации и толкование ряда имён. Значительную часть монографии составляет «Словарь имён, бытующих среди таджиков» (с.84 - 138), который охватывает толкование и исторические справки 914 таджикских антропонимов.

Исследованию истории, семантики, структуры таджикских имен, а также способов наречения в различных регионах Таджикистана посвящаются статьи А. Гафурова «Биография имени» (1969), «Таджикская антропонимия» (1970).

Монография А. Гафурова «Лев и Кипарис: о восточных именах» [5] преследует цель общей историко-лингвистической характеристики антропонимии народов Средней Азии, Закавказья и Поволжья. Первая часть книги (Как появляется имя, с. 3 - 23) обосновывает факторы становления антропонимии указанного региона. Основная часть работы (Маленькие истории от Аббаса до Яхьи, с. 35 – 152) содержит исторические справки о 202 антропонимах народов Средней Азии, Закавказья и Поволжья. Научная значимость работы заключается также в том, что она содержит «Словарь обиходных имён» (с. 153 - 239), где даётся толкование 3 363 антропонимам, «упоминаемым в письменных источниках, имена малоупотребительные теперь, но сравнительно недавно бывшие в широком обиходе, имена, характерные для людей старшего поколения и современной молодёжи, которые должны дать читателю представление об исходной форме имени, в том или ином виде встречающегося у народов Средней Азии, Закавказья и Поволжья» [5]. Работа А. Гафурова нашла широкий отклик в научной литературе [6].

Исследованию истории, семантики и употреблению личных имён посвящены также статьи А. Гафурова «Аристотель Аллаха. Из истории антропонимии народов Средней Азии» [7], «Исм ва хисм» («Имя и тело»).

Структурно-словообразовательный анализ антропонимов находят личные имена таджиков в статьях А.Г.Гафурова «Аҷоиботи ном», «О сложносоставных антропонимах в таджикском языке», в которых исследователь даёт ценные сведения о формантах (бегим, биби (би), гул, мох, ой, пари, хон, хонум, хотун, ҷон, ниссо, дин, бек, бой, чон, кул, мир, хол, тош, шох и др.), образующих антропонимы таджикского языка в составе антропонимии таджиков и других народов Средней Азии.

А. Гафуров сделал очень многое для популяризации антропонимии и ознакомления широкой массы народа с таджикской антропонимией [8]. ряд статей в журнале «Памир» опубликовал, в том числе «Рассказы об именах» в части «Дядин цветок» (1980), из «Рассказов об именах» (1981). В этих статьях исследователь даёт

историческую интерпретацию и справку об именах типа Тагой, Тагойгул, Лахад, Лаким, Хусрави Анушервон и Хурсави Парвиз, Робиа и др.

Ценные сведения по теоретическим и практическим вопросам антропонимии содержит работа А. Гафурова «Шарҳи исму лақаб» («Толкование имён и прозвищ») [1981]. Автор отмечает, что изучение имён и прозвищ предоставляет ценный материал для многих гуманитарных дисциплин. Значительное внимание в работе уделяется истории становления таджикской антропонимии, определяются факторы перемены антропонимического фонда таджикского народа в истории. В отдельных главах исследователь анализирует имена, даёт их толкование, приводит отдельные сведения о возникновении и развитии, семантике и употреблении имен. Основную часть книги составляет толковый словарь имён, включающий толкование 3 687 антропонимов.

Специальная статья А. Гафурова посвящена месту таджикской антропонимии в системе личных имен народов мира, которая была подготовлена специально для сборника, подготовленного по инициативе группы ономастики Института этнографии АН СССР [9].

Результаты дальнейшего исследования А. Гафурова антропонимии таджикских и других восточных народов публикуются в ценной книге «Имя и история» (1987). Как пишет автор, в этой книге затронуты проблемы, связанные с историей восточных имён, многое из того, что осталось вне поля зрения востоковедов прошлого и настоящего времени. Автор останавливается на вопросе о мотивизации наречения, суевериях, связанных с именем, особое внимание уделяется анализу сложносоставных имен, специфичного явления в иранской и тюркской антропонимии, рассматриваются особенности образования титулов, почётных прозвищ и особых эпитетов, занимающих видное место в мусульманской антропонимии. В особой главе анализируются вопросы транскрипции, словообразования и фонетических изменений, касающихся антропонимии народов Среднего Востока. В словаре-приложении арабские, персидские, таджикские и тюркские антропонимы представлены в общепринятом фонетическом написании русскими буквами, в арабской графике и транскрипции на основе латинского алфавита.

Вопросы о происхождении имён, первых именах древних людей, мотивах выбора имён для новорожденных и других находят освещение в книге А. Гафурова «Маънои ҳазору як ном» («Имена и их значение» 1987).

Структура и семантика фамилий таджиков наряду с антропонимами других народов республик Средней Азии затрагиваются в исследованиях известного учёного-ономаста В.А. Никонова [11].

Вопросы словообразовательной модели в современных среднеазиатских фамилиях и фамилиеобразующих суффиксов: -ов, - ев, - ова, - ева в частности, таджикской, затрагиваются в работе Н.Б. Бутенко [11].

Во второй половине XX в. стала исследоваться региональная антропонимия, превращаясь в одно из направлений изучения таджикской антропонимии. Однако современная региональная антропонимия до сих пор остаётся малоизученной областью таджикского языкознания, специальное научно обоснованное изучение данного пласта лексики современного таджикского языка остается назревшей необходимостью и требует тщательного анализа, так как почти каждый регион Таджикистана имеет особые отличия в обрядах, обычаях и говорах. В связи с этим наблюдаются ощутимые различия в именах, их выборе и употреблении населением каждого отдельного региона. Поэтому часть таджикских антропонимов как составной элемент того или иного диалекта таджикского языка присуща, главным образом, носителям именно данного диалекта. Некоторая часть таджикских антропонимов и характеризуется определённой территориальной принадлежностью, исследование которой является основной задачей современной лингвистики. Кроме того, собранный материал по антропонимии определенного региона может стать и важным историческим и этнографическим источником для выяснения былого этнического состава и миграции населения в прошлом.

Исследование Ш. Хайдарова является первой попыткой системного изучения антропонимии в таджикских диалектах. В 80-е годы прошлого века им предпринимается всестороннее описание антропонимии таджиков на материале

Аштского района Республики Таджикистан, расположенного в северо-западной части Ферганской долины. Материал, собранный и охарактеризованный им, охватывает антропонимию, зафиксированную в периоды 1880 - 1919 и 1920 - 1989 гг. Как отмечает исследователь, «постановка вопроса о региональной антропонимии имеет важное значение для таджикской ономастики, прежде всего по той причине, что таджики в большинстве своём (более 70% населения Таджикистана) проживают в сельской местности и почти каждое селение отличается не только своими обычаями и обрядами, но и говором. Наряду с этим наблюдаются ощутимые различия и в именах, в их выборе и употреблении. Поэтому часть таджикских антропонимов, как состав элемент того или иного диалекта таджикского языка, присуща главным образом носителям именно этого диалекта и не характерна для других. Относительная отдалённость и изолированность друг от друга населённых пунктов и отсутствие между ними устойчивых контактов в течение длительного времени послужило условием возникновения богатой, разнообразной и красочной сокровищницы имён, ожидающей своих исследователей» [11].

На основе инструкции, составленной автором путём использования методических разработок советских учёных в области ономастики (в частности, методических рекомендаций А.В. Суперанской и С.И. Зинина), в течение 1975 - 1976, 1978 - 1981 и 1989 - 1990 гг. Ш. Хайдаровым был собран материал в Аштском районе, а также городов Худжанд, Пенджикент, Курган-Тюбе, районов: Айни, Колхозабад, Шаартуз и Вахш. Антропонимы и были извлечены главным образом из «Похозяйственных книг» сельсоветов и «Книг о рождении» отделов ЗАГСа, в общей сложности из 643 единиц документов.

Автор ставит перед собой цель «выявить содержание и динамику развития антропонимов по десятилетиям; определить степень использования антропонимов и границы их распространения в каждом населённом пункте изучаемой территории; установить количество мужских и женских имён, употреблённых в говорах; сопоставить антропонимию данного региона с антропонимией жителей некоторых других районов республики, а в ряде случаев и других народов; проанализировать семантику прозвищ жителей Аштского района» [11].

В работе исследуются личные имена с точки зрения их предметного, тематического содержания, символического значения. В именах отражались надежда и чаяния людей, их мировоззрения, моральные и этические взгляды, отношение к религии и степень образованности людей. На выбор имен оказали влияние история, быт, социально-экономическое положение народа. Мужские имена большей частью символизируют мужество, храбрость, отвагу, тогда как женские - красоту, изящество, нежность, любовь. Широко распространены имена детей, связанные с такими явлениями и понятиями как год, месяц, дни недели, праздники, времена года, растения (главным образом, травы и цветы), животные, предметы быта, драгоценные украшения, космос, топонимы, родственные связи, ремёсла, чины и должности, черты характера, исторические и культурные события и т.д. В работе определяется репертуар антропонимов жителей посёлка Шайдан и сельсоветов Пангаз, Ашт, Гудас, Камышкурган, Пунук, Джарбулак, и в результате чего устанавливается сумма употребительных здесь антропонимов. Сравнивая фонд динамики антропонимии жителей Аштского района, автор устанавливает, что состав и количество личных имён, используемых каждой местности, неодинаковы, они значительно отличаются друг от друга. На протяжении 70 лет, т.е. с 1920 по 1989 г. из общего количества для нареченных 28 61 мужчин использовано 2 400 имён, и для наречения 28 642 женщин -2 492 имени. Это означает, что в среднем одно имя было присвоено примерно 11 лицам.

Ценность исследования заключается также в том, что в нем впервые всесторонний анализ находят семантические особенности особой группы антропонимов - прозвищ. Автор исследует все типы прозвищ - личные, семейнородовые и коллективно-территориальные жителей Аштского района.

Различные вопросы прозвищ таджиков, жителей северного Таджикистана, в частности жители Аштского района, исследованы в ряде статей Ш. Хайдарова, включенных в сборник «Мақолаҳои номшиносӣ» («Статьи по антропонимии». Пермь, 2001) [12]. В ряде статей сборника автор описывает традиции наречения ребёнка,

определяет мотивы выбора личных имён, определяет влияние религии, культурно-исторических и социальных факторов на становление антропонимии, устанавливает социальную дифференциацию имён, очерчивает территориальную распространенность имён и основные форманты, дает лингвостилистическую и статистическую характеристику имен, показывает продуктивность тех или иных имён и словообразовательных типов по материалам региональной и общей антропонимии таджиков, характеризует динамику развития и употребления имён в настоящее время. Особое внимание уделено также вопросам правописания и практической транскрипции антропонимов, образования имён - неологизмов, своеобразия лексического значения личного имени. III Хайдаров выявляет дифференциональные признаки мужских и женских имён таджиков, исследует лингвогеографические проблемы региональной антропонимии таджиков. В статьях автора анализируются региональные антропонимы таджиков Кулябской области (С. 109-110), выявляются сравнительно-сопоставительные свойства антропонимов таджиков Таджикистана, Узбекистана и Афганистана (С. 110 - 139), определяет место иранизмов в системе антропонимии тюркоязычных народов Поволжья (С. 84 - 85), затрагивает проблему восточных псевдонимов среди жителей России (С. 144 - 148), изучает вопросы ономастики в литературных произведениях (К ономастике Шахнаме - С. 142 - 144).

Одним из существенных изданий, подготовка которого была завершена Ш.Хайдаровым - это именник иранских народов [13], материал для которой собирался в Таджикистане, Узбекистане, Афганистане из исторических, литературных произведений, документальных источников, как опубликованных, так и архивных. Данная работа получила высокую оценку в Таджикистане и в Узбекистане.

В ряде его работ отражены теоретические, практические и методические вопросы антропонимии. Ш. Хайдарову принадлежит первый опыт составления частотного словаря антропонимов [14], который охватывает материалы личных имён Аштского района за сто лет (с 1880 - 1980 гг.). А в 2007 г. выходит его частотный словарь антропонимии таджиков Хатлонской области [15]. Эта книга представляет собой первый опыт в составлении сравнительного частотного словаря антропонимии, который охватывает все районы и города одной области. Фонд антропонимов жителей названных регионов позволяет дать определённое представление о системе антропонимов, употребительных в настоящее время в северных и южных районах РТ. Статистический и сравнительный анализ свидетельствует о том, что состав и степень использования антропонимов в каждом десятилетии различен. Выяснилось, что частотность женских имён выше, чем мужских имён.

Общеизвестно, что применение статистического метода при исследовании диалектной антропонимии позволяет решать ряд проблем, как, например, выявление динамики и частоты употребления личных имён, вскрытие тенденций в развитии именника и др. Статистика позволяет также найти элемент точности, столь необходимо при количественном анализе. В практическом плане статистика является главным инструментом вскрытия характерных черт антропонимической системы одного или другого региона.

Одна из последних работ Ш. Хайдарова посвящена исследованию «следов арийской цивилизации в Прикамье, общие родственные черты у Ариев и народов, населяющих Пермский край в древности и сейчас, и показать, что история их взаимоотношений имеет глубочайшие корни» [16]. Автором предложены гипотезы о том, что ряд топонимов Прикамья (Кунгур, Ирень, Арий, Оса, Чашма, Барда, Майдан, Бадья и др.) имеют иранское происхождение. Осмысление истории Пермского края в контексте взаимодействия с культурой ираноязычных народов стало одним из показателей процессов начала формирования пермского регионального пласта этнокультурной идентичности. Словарь таджикских имён, составленный М. Косими и А. Мирбобоевым [17], охватывает более 8 тысяч личных имён, приведенных в кириллице и арабской графике, сопровожденных транскрипцией в литературном и диалектном произношении, а также диалектными и разговорными вариантами имён. Источником словаря послужили различные письменные и архивные материалы. Словарь имеет большое значение для исследования антропонимии ираноязычных народов, а также важен в прикладном аспекте.

Диссертационная работа М.Б. Аюбовой [18] посвящена общей характеристике современных лично-составных имен, встречающихся у таджиков Шаартузского и Кубодиёнского районов РТ. В диссертации дается систематическое описание таджикских собственных имён указанных районов; анализируются структурные, лексико-семантические и функциональные особенности антропонимии в целом; выявляются пути становления основных пластов лично-собственных имён; определяется степень употребляемости антропонимов разного происхождения в регионе; определяются диалектные особенности таджикских лично-собственных имён данного региона. Антропонимы были собраны автором в посёлках и селениях данного региона путём расспросов, бесед и сбора информации, знакомства со списками в школах, исполкомах, сельсоветах и отделах ЗАГСа, надписями на могильных камнях. Широко были использованы различные архивы, а также проведена выборка имён, встречающихся в книгах, журналах и газетах. При сборе языкового материала просмотрены в общей сложности 416 единиц хозяйственных книг и книг актов о рождении.

Анализ региональной антропонимии региона памироязычных народов представлен в статьях Карамшоева Д. и Бахтибекова Т. К. [19].

Проблема функционирования антропонимии в языке художественных произведений в лингвистических исследованиях освещена слабо, ей посвящены отдельные статьи [20].

Следует особо выделить работы, в которых таджикская антропонимия стала объектом сопоставительно-типологического изучения с собственно-личными именами других языков, прежде всего русского языка.

Кандидатская диссертация Д.Д. Мирзоевой [21] посвящена общему сопоставительно-типологическому исследованию таджикских и русских антропонимов. В ней анализируются пути становления таджикских личных имен в сравнении и сопоставлении с русской антропонимией, рассматриваются исконно таджикские имена, подвергается анализу вопрос об обогащении таджикской и русской антропонимии путём заимствования имён из греческого, арабского, тюркских языков, а также советско-интернациональные заимствования в таджикской и русской антропонимии. Здесь же вопрос о проблемах способов образования современных таджикских фамилий и отчеств, фонетических и семантических особенностей таджикских и русских антропонимов, дается лексико-семантическая и грамматическая классификация таджикских и русских антропонимов. Несмотря на свои достижения в изучении антропонимии таджикского и русского языков, диссертационная работа Д.Д. Мирзоевой не была лишена недостатков, в частности фрагментарностью и обзорностью освещения некоторых проблем русской и таджикской антропонимии, недостаточной последовательностью применения сопоставительного научного метода.

Объектом исследования диссертационной работы Л.Т.Рузиевой [22] избран лингвистический и функциональный аспекты антропонимии русского и таджикского языков. Исследовательский материал охватывает фактически все те стороны антропонимии, которые связаны с функционированием личных имен в обществе, рассматривается система антропонимии, действующая в таджикском и русском языках, как в ее литературной форме, так и в других сферах распространения, социально обусловленных разновидностях, в формах взаимодействия официального (книжного и канцелярского) и разговорного (народного) компонентов, а также в диалектных формах, содействующих формированию антропонимии в общей системе языка. Работа преследует комплексное исследование проблем становления и формирования русской и таджикской антропонимической системы на лексическом, грамматическом, фонетическом и графико-орфографическом уровнях. В работе определяются методологические и теоретические принципы лингвистического и социолингвистического анализа антропонимической лексики; рассматриваются способы организации и функции русской и таджикской антропомии как системы, а также описываются принципы функционирования и взаимодействия официальной и неофициальных антропонимических формул и моделей именования человека; раскрываются особенности возрастных изменений имен таджиков и русских; выявлены типы социальных отношений между людьми и влияние этих взаимоотношений на

формы и способы номинации; проведен лексико-семантический и словообразовательный анализ русской и таджикской антропонимии и дана классификация русских и таджикских антропонимов с точки зрения функционирования в речи, в том числе и в условиях функционирования конкретной экстралингвистической ситуации; раскрыты русско-таджикские языковые взаимодействия в сфере антропонимии, определяя способы и средства фонетического, грамматического, морфологического и семантического освоения таджикской антропонимии в русской языковой среде и фонетико-грамматического освоения русских антропонимов в таджикской среде.

Среди существующих работ следует выделить некоторую часть, которая носит прикладной характер, в них в определенной степени анализируются антропонимический фонд таджикского языка, традиции имянаречения, однако в целом они направлены на решение практического вопроса выбора имени при наречении в современных условиях. Исходя из этого, они имеют конкретный адресат и предназначены для работников ЗАГСа и родителей. В этом аспекте антропонимия таджиков стала объектом изучения в работах Ш. Хасановой и А. Рахимзода, Ф. Абдуллоева, Х. Ёрзода, Мухторова и М. Самеъбоева, С. Фатхуллоева [23]. В частности в работе Ш. Хасановой и А. Рахимзода раскрывается содержание Кодекса о семье, обсуждается вопрос о системе и структуре фамилий и отчеств, о современном состоянии мотива выбора имён, подвергается критике выбор неблагозвучных и бессмысленных личных имен, также затрагиваются вопросы правописания имён в документах, рассказывается о путях и порядке изменения фамилии, предлагаются образцы-варианты фамилий и отчеств.

Были опубликованы орфографические словари таджикских антропонимов Р.О. Ортикова, Я.И. Калонтарова и Ф. Абдулло [24].

Таким образом, исследование лично-собственных имён в таджикском языкознании представляет собой непрерывный процесс. Хотя к настоящему времени проблемам современной таджикской антропонимики посвящены монографические, в том числе и кандидатские и докторские диссертации, однако, таджикская антропонимика до сих пор еще остается недостаточно изученной областью иранского языкознания, поднимаемые в ней проблемы в целом носят еще постановочный характер и в основном проводится предварительная характеристика вопросов антропонимии.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Гафуров А.Г. Личнособственные имена в таджикском языке. 1964; Хайдаров Ш. Антропонимия таджиков северо-западной части Ферганской долины.(на материале Аштского района). –Д., 1991; Шоев Р. Ономастика «Самак Айёр». Д., 1996; Аюбова М.Б. Антропонимия таджиков Шаартузского и Кубодиёнского районов (Личные имена). АКД. –Д, 2002 24 с.; Мирзоева Д.Д. Лингвистические исследования таджикских и русских антропонимов в сравнительно-сопоставительном плане: Дисс. на соиск… уч… степ… канд… филол… наук. -Д., 2002; Рузиева Л.Т.Становление русской и таджикской антропонимии. Дисс. на соиск… уч… степ… канд… филол… наук. –Душанбе, 2007. 162 с.

2. Андреев М.С. Прозвища жителей различных селений в Матче (верховья Зеравшана) 1924 ; Его же. Наречение имени» в книге // Таджики долины Хуф (верховья реки Аму-Дарьи). –Ст., 1953; Зарубин И.И. Рождение шугнанского ребёнка и его первые шаги. –Д., 1927; Сухарева О.А. Мать и ребёнок у таджиков // Сб. в честь В.В.Бартольда. -Таш., 1927; . Троицкая А.Л. Рождение и первые годы жизни ребёнка у таджиков долины Зеравшана//Советская этнография', 1935, № 6; А.А. Семёнов. Бухарский трактат о чинах и званиях и об обязанностях носителей их в средневековой Бухаре. –Ст., 1948; Писарчик А.К. О некоторых терминах родства таджиков. – Ст., 1953; АН ТаджССР. Т. 7. Вып.Сталинабад, 1953. Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков. — 'Труды Ин-та этнографии АН СССР*. Новая серия. Т. XLIV. М.-Л., 1959; Пещерева Е.М. Домашняя и семейная жизнь. - Культура и быт таджикского колхозного крестьянства. — 'Труды Ин-та этнографии АН СССР'. Новая серия. Т.XXIV. М.-Л., 1954; Сухарева О.А. Мать и ребенок у таджиков (обряды и представления, связанные с материнством и младенчеством у таджиков г. Самарканда и кишлаков Кусохо, Канибадама и Шахристана). - Иран. Т. 3. Л,, 1929; Рахимов М.Р. Две заметки по антропонимии Зеравшанской долины // Ономастика Средней Азии. – М: Наука, 1978. –С.183-192.

3. Улуг-Заде С. Дар бораи фамилияҳо ва номҳо. 1940; Дехоти А. Қиссаи номмонӣ. 1953.

4. Гафуров А. Рассказы об именах. - Душанбе, Ирфон, 1968,- 137 с.

5. Гафуров А. Лев и Кипарис: о восточных именах. –М.: «Наука» , 1971.
6. Зинин С.И. Материалы XXII Международного конгресса ономастических наук . –М., 1978. –С. 149-158.
7. Наука и жизнь. 1971, № 4. -С. 120-126.
8. Гафуров А.Г.Дядин цветок // Памир. 1980, № 4; Рассказы об именах // Памир. 1981, № 2; Короли и Хосровы// Памир. 1982, №3.
9. Гафуров А. Таджики // Системы личных имён народов мира. - М.: Наука, 1986.
10. Никонов В.А. Как вас называть?//1974; Его же. Формы среднеазиатских фамилий// 1980. Его же. Среднеазиатские материалы для словаря личных имен//Ономастика Средней Азии. –М., 1978. -С. 153-161
11. Бутенко Н.Б. 1964.
12. Хайдаров Ш. Мақолаҳои номшиносӣ. - Пермь, 2001
13. Хайдаров Ш. Номвожаҳо: Қариб 38000 номҳои халқҳои эронизабон. - Пермь; Форвард – 2003.
14. Хайдаров Ш. Луғати басомади номҳои тоҷикони райони Ашт. -Душанбе, 1986 - 228 с.
15. Хайдаров Ш. Луғати басомади номҳои тоҷикони вилояти Хатлон. - Душанбе, 2007. - 473 с.
16. Хайдаров Ш., Одегов В. Следы арийской цивилизации в Прикамье (Историко-сравнительное изучение проблемы).-Пермь, 2006.
17. Косими М., Мирбобоев А. Фарҳанги номҷои тоҷикӣ. – Душанбе: Пайванд, 2000. -253 с.
18. Аюбова М.Б.Антропонимия таджиков Шаартузского и Кубодиёнского районов (Личные имена): Канд. дисс. –Душанбе, 2002. -156 с.
19. Карамшоев Д. Особенности памирских личных имен // Памироведение. - Душанбе, 1985, вып.2.- С. 263-285; Карамшоев Д. Аз кешу русумоти номгузорӣ миёни соҳибони забонҳои Бадахшон//Фишурдаи суханрониҳои «Анҷумани панҷуми байналмилалии устодон ва муҳаққикони забон ва адабиёти тоҷику форс». Душанбе, 2006. -С. 14 – 16; Его же. Памирские имена//Ономастика, типология, стенография. Москва, 1977. -С. 247-262; Бахтибеков Т. К семантико-грамматическим особенностям иранской антропонимии // Иранское языкознание. - М.. 1985.-С86-88; Назарова З.О. Этнолингвистический анализ памирских имен (на материале ишкашимского языка)// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Силсилаи филология ва шарқшиносӣ, № 1, 2009. - С. 24-27..
20. Шоев Р. Таҳлили лексикй-семантикии антропопимҳои "Самаки Айёр" // Проблемы развития лексического состава индоиранских и семитских языков. - Душанбе, 19Х7. - С. 33.
21. Мирзоева Д.Д. Лингвистические исследования таджикских и русских антропонимов в сравнительно-сопоставительном плане. Канд дисс.–Д., 2002. – 142 с. Ее же. Лингвистические исследования таджикских и русских антропонимов. -Худжанд, 2005. -139 с.
22. Рузиева Л. Т. Становление таджикской и русской антропонимии (сравнительно-сопоставительный анализ). Автореф…дисс… канд… филол… наук. -Душанбе – 2006. -19 с.
23. Ортиков Р.О., Калонтаров Я.И. Правописание таджикских имен. -Душанбе, Ирфон, 1978, 304 с.; Абдулло Ф. Номнома. –Душанбе: Ирфон, 1972, 70 с.
24. Ардамеҳр Сад ҳазор номи зебо ва пазиро. Оё мо аз ин хазина огоҳӣ дорем? // 1989, 1991; Его же Фарҳанги кӯчаки номҳои тоҷикӣ// Адаб 1991, № 1,2,3,4.; Фатҳуллоев С. Сирри номҳо. –Д., 1976; Ҳасанова Ш. Раҳимзода : М. Номнома. -Самарканд, 1993; Ёрзод Х. Номнома. Гулдастаи номҳои зебо барои фарзандони Шумо.-Д., 2005.

К ИСТОРИИ ИССЛЕДОВАНИЯ ТАДЖИКСКИХ АНТРОПОНИМОВ

В таджикской антропонимии накопилось немало нерешённых проблем, требующих постоянных поисков. То же самое касается аспекта сопоставительного изучения антропонимии. Исследование этой важнейшей проблемы языкознания фактически ограничивается отдельными работами. Важным в исследовании антропонимов является обращение к изучению конкретных сфер функционирования антропонимов к использованию личных имен в социолингвистическом, этнолингвистическом и других аспектах. Именно это обстоятельство представляет назревшую необходимость специального научно-обоснованного изучения антропонимии современного таджикского языка в аспекте становления и развития.

Ключевые слова: таджикская антропонимия, аспект сопоставительного изучения антропонимии, языкознание, функционирование антропонимов, антропонимии современного таджикского языка

TO THE HISTORY OF RESEARCH OF TAJIK ANTHROPONYMS

In the Tajik anthroponyms backlog of unresolved issues that require constant searching. The same applies to aspects of the comparative study of anthroponyms. The study of this most important problems of linguistics is actually limited to the particular work. Important in the study anthroponyms is to address the study of specific areas of functioning anthroponyms to the use of personal names in the socio-linguistic, ethno-linguistic and other aspects. This

circumstance is the urgent need for a special science-based study anthroponyms modern Tajik language in the aspect of the formation and development.

Key words: tajik anthroponyms, aspects of the comparative study of anthroponyms, inguistics, functioning anthroponyms, anthroponyms modern Tajik language

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***С.М. Насруддинов*** - соискатель Технологического университета Таджикистана.

ЯК ТАРЗИ ИСТЕЪМОЛИ МУРОДИФОТИ ЛУҒАВӢ АЗ ҶОНИБИ УСТОД АЙНӢ

М. М. Мирзоева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз воситаҳои дақиқ ифода кардани матлаб дуруст интихоб намудан ва истифода бурдан аз силсилаи калимаҳои ҳаммаъност. Образнок ва нотакрор тасвир намудани як лавҳаи зиндагӣ, табиати зебо ва дигар ҳолатҳои ҳаёт имкон медиҳад, ки диққати хонанда ба он ҷалб гардад ва ӯ аз он тарзи ифодаи марғуб баҳрае бардорад. Осори С. Айнӣ аз қабили ҳамин гуна эҷодиёт аст, ки метавонад намунаи забони ноби тоҷикӣ барои кулли хонандагонаш бошад. Қариб дар тамоми офаридаҳои устод Айнӣ нозукадоии ӯро дар истифодаи воҳидҳои забон, аз ҷумла муродифоти луғавӣ, мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин бобат забоншинос Б. Камолиддинов менависад: ««Нозукадо» сифати устоди каломи фасеҳ ва «нозукадоӣ» рукни фасоҳати калом аст. Ба таъбири дигар, «нозукадоӣ» як навъ зуҳуроти камолоти маҳорати суханварӣ ва сухангустарист. Ин мавзӯъ ба масъалаи муродифоти луғавӣ, тафовути тобишҳои маъно ва хусусияти услубии калимаҳои ҳаммаъно, ба тарзи интихобу мавқеи истеъмоли онҳо сахт марбут аст. Бинобар ин, дар матни асари бадеӣ пайиҳам омадани чанд калимаи ҳаммаъно танҳо ба сабаби майли гурез аз такрори бемавқеъ сурат намегирад» [1.1, 31].

Интихоб ва истифодаи саҳеҳи воҳидҳои забон ба донишу маҳорати эҷодии ҳар як адиб вобаста аст. Аз ҷумла устод Айнӣ бо мақсадҳои муайяни услубӣ аз силсилаи калимаҳои ҳаммаъно фоида бурдааст. «Синонимҳо яке аз воситаҳои муҳими пурра ва ҷозибанок тасвир намудани предмет ва ҳодисаву воқеаҳои гуногун мебошад. Онҳо воситаи бой намудани таркиби луғавӣ, дилчаспу мухтасарбаёнӣ ва дар шаклу намудҳои беҳтарин ифода намудани фикр мебошад» [1.2, 17].

Нависанда ҳангоми истеъмоли муродифот роҳу усулҳои мухталифро кор мефармояд. Яке аз усулҳои истифодаи муродифоти луғавӣ аз ҷониби адиб он аст, ки устод Айнӣ муродифҳоро дар дохили ибораҳои изофӣ меорад, ки ҷузъҳои асосӣ ва тобеи онҳо ба ҳамдигар муносибати ҳаммаъноӣ доранд. Дар порчаи зерин ибораҳои *хомӯшии гамгинона* ва *оромии пурандӯҳ* барои пурра, дақиқ тасвир намудани вазъияти баамаломада (дилгиркунанда) ва гурез аз такрор истифода шудаанд: *хомӯшӣ //оромӣ, гамгинона // пурандӯҳ*:

Аробаҳо рафтанд, ҷаллодон боз гашта омада ба рӯйи намад нишастанд, боз ***хомӯшии гамгинона*** *ва* ***оромии пурандӯҳ*** *маҷлиси онҳоро фурӯ гирифт* (Ҷ. Б., 22).

Хомӯшӣ маънои оромӣ, сукут, бесадоӣ [1.4, 490], *оромӣ* бошад, сукунат, қарор, ором буданро [1.3, 923] ифода мекунанд. Ин ду калима бо тобиши маънои сукут бо ҳам умумият дошта, хоси услуби адабии китобианд. Ибораҳои ҳаммаънои болоро бо ибораи *зиқии дилгиркунанда* қариб дар ҳамаи маҳалҳо кор мефармоянд. Калимаҳои *гамгинона* (аз *гамгин* ва пасванди – *она* – андӯҳгин, ғамнок (1.4, 645)) ва *пурандӯҳ* (ғамгин, андӯҳгин, маҳзун (1.4, 92)) бо тобиши маънои андӯҳгин ҳаммаъно буда, *гамгинона* серистеъмол, *пурандӯҳ* хоси услуби баланд аст ва тару тоза ба гӯш мерасад. Адиб бо истифодаи чунин усул ҳолати рӯҳии персонажҳои повестро ба таври воқеӣ инъикос намудааст, яъне онҳо (ҷаллодон) низ аз амале, ки худ иҷро мекунанд (яъне одамкушӣ), қаноатманд нестанд. Ҳамин маъниро нависанда бо ибораи *хомӯшии гамовар* низ ифода намудааст, ки фикри болоро тасдиқ мекунад:

Маҷлисро як ***хомӯшии гамоваре*** *пахш кард* (Ҷ. Б., 22).

Ба ҳамин монанд нависанда дар қисми якуми «Ёддоштҳо» ибораи *оромии андӯҳгинона*ро истифода бурдааст:

Баъд аз он ки садоҳо тамоман паст шуда, дар сарҳавз ***оромии андӯҳгинонае*** *ба вуҷуд омад, мо аз замин сар бардоштем* (Ёдд., 115).

Дар мисоли зерин устод Айнӣ ифодаи маҷозии *хомӯшии гамгинона*ро бо ибораи озоди *хомӯшии гӯристон* ба таври қиёс кор мефармояд:

Хомӯшии гамгинонаи *маҷлиси дар миёнаи мурдагон бударо, ки аз хомӯшии гӯристон ҳам гамгинтар ва вазнинтар буд, Ҳайдарча вайрон кард* (Ҷ. Б., 22).

Хомӯшии пурандӯҳи ҷаллодон (зиндагон), ки бениҳоят гарон ва дилгиркунанда аст, ба хомӯшии гӯристон (мурдагон), ки як ҳолати муқаррарист, шабоҳат дода шудааст.

Дар романи «Ғуломон»-и адиб ҷузъҳои асосӣ ва тобеи ибораҳои *савдогарони инсон* ва *тоҷирони одам* муродиф шудаанд:

Бахшӣ … матои худро (Зебои сесоларо) ба ***тоҷирони одам*** *… ба тарзи амонат супурд* (Ғул., 44)*;* ***Савдогарони инсон*** *ба сафар рафтанд …* (Ғул.,45).

Калимаи *тоҷир* бо *савдогар, одам* бо *инсон* ҳаммаъно гардида, нависанда бо ин тарзи ифода беқадру қимат будани инсонро таъкид менамояд. Ин фикрро калимаи *матоъ,* ки маҷозан ба маънои одам истифода гардидааст (Нависанда дар қавсайн ба ин маъно омаданашро шарҳ медиҳад, яъне: Зебои сесола), тасдиқ мекунад. Шояд ин тарзи интихоби калима аз ҷониби адиб бесабаб набошад, зеро маънои дуюми ин калима мол, коло, ашёи мавриди харидуфурӯш [1.4, 772] аст. Аз ҷониби дигар, барои боёну давлатдорони даврони ғуломдорӣ зару зевар, тангаву тилло, молу матои дунё аз инсон болотар меистод. *Тоҷир* калимаи арабист ба маънои тиҷораткунанда, савдогар (1.4, 353), *савдогар* вожаи тоҷикист ба маънои касе, ки касбаш хариду фурӯш аст, тоҷир (1.4, 188). Ин калимаҳо аз ҷиҳати тобиши маъно фарқ намекунанд, аммо аз нигоҳи доираи истеъмол тафовут доранд. Калимаи *тоҷир* камистеъмол буда, бештар дар забони адабӣ кор фармуда мешавад, *савдогар* доираи истеъмоли васеъ дошта, хоси ҳам услуби бадеист ва ҳам нутқи гуфтугӯйист. Дар алоҳидагӣ ин калимаҳо маънои фурӯшандаро муътадил ифода мекунанд, аммо дар мисолҳои боло обуранги манфӣ пайдо кардаанд. Ҳаммаънои ин вожаҳо дар айни замон калимаи *фурӯшанда* аст*,* ки дар баробари *савдогар* кор фармуда мешавад ва ин маъниро муътадил ифода менамояд.

Калимаҳои *инсон* ва *одам* бо тобиши маънои башар, одамӣ, одам муносибати ҳаммаъноӣ пайдо кардаанд, аммо онҳоро на ҳамеша ба ҷойи ҳамдигар истифода бурдан метавон, зеро вожаи *одам* инчунин ба маънои хизматгор низ меояд, ки чунин тобиши маъно дар калимаи *инсон* нест. Ҳамин маъноро дар мисолҳои зерин калимаҳои *кас* ва *шахс* низ муътадил ифода кардаанд:

(Савор) … ба ***касе*** *таъзимкунон салом дод. Он* ***шахс****, ба ҷойи он ки ба саломи савор ҷавоб гардонад, пурсид* (Ғул., 48).

Калимаи *кас* аслан исм аст ва ба маъноҳои 1. фард, шахс, одам, нафар; 2. ёр, рафиқ, мададгор [1.3, 598] далолат мекунад. Ин ҷо артикли *-е* қабул карда, ба маънои ким-кӣ (кадом як), шахси номаълум (номуайянӣ) омадааст ва бо ҷонишинҳои номуайянӣ ҳаммаъно гардидааст. Азбаски ҷонишин ба ҷойи исм ҳам меояд, муродиф шудани он бо вожаи *шахс* (арабӣ; кас, одам, нафар (1.4, 630) табиист. Аввалӣ серистеъмол буда, дар ҳама услубҳо роиҷ аст. *Шахс* хоси забони адабӣ буда, дар ҳама услубҳо муштарак истифода мешавад.

Ҷуфт-ҷуфт муродиф шудани калимаҳо мафҳуми ашё, аломатро барҷаста ифода мекунад. Чунин тарзи ҳаммаъно гардидани калимаҳо (ҷузъҳои асосӣ ва тобеъ бо ҳамдигар) дар мисоли зерин низ мушоҳида мешавад:

Аз ***карами худовандӣ*** *умедворем, ки бо* ***марҳамати илоҳӣ*** *ва ёрмандии табааи содиқамон дар наздикӣ он тарафҳоро ҳам мусулмонобод намоем* (Ғул., 255).

Карам вожаи арабӣ буда, маъноҳои зеринро ифода мекунад: марҳамат, иноят; саховат, ҳиммат, кушодадастӣ, ҷавонмардӣ; *лутфу карам* меҳрубонӣ ва мурувват [1.3, 595]. *Марҳамат* низ арабист, аммо доираи маъноияш нисбат ба *карам* васеътар: 1. раҳм, тараҳҳум, 2. меҳрубонӣ, лутф, илтифот. 3. даъват ба ҷое ё коре: бифармоед, марҳамат кунед [1.3, 765].

Худовандӣ ва *илоҳӣ* дар ин мисол сифатҳои нисбиянд. Инҳо истилоҳоти динӣ ба ҳисоб мераванд. *Илоҳӣ*, яъне 1. мансуб ба илоҳ; 2. кошкӣ [1.3, 543]. *Худовандӣ* аз калимаи *Худо* – 1. халққунанда, холиқ, Аллоҳ; 2. соҳиб, молик [1.4, 456]. Нависандаи нозукбин ин гуна калимаҳоро аз забони боёну ҳокимон меоварад, зеро онҳо аксари

корҳои зишту фосиқонаашонро дар зери пардаи ислом рӯйпӯш ва ба шариат мувофиқ мекунонданд.

Дар порчаи зерин ҳам ҷузъҳои асосӣ ва тобеи ибораҳои изофӣ бо ҳамдигар муродиф шудаанд:

… *ӯро* ***ёри абадӣ*** *ва* ***рафиқи умриаш*** *мешумурд* (Од., 208).

Калимаи *ёр* ба силсилаи синонимии *дӯст* (сарсилсила)*, рафиқ, ҷӯра* дохил шуда, тобишҳои маъноии зиёд дорад. Маъмултаринаш маҳбуба, маъшуқа аст. Аҳён – аҳён ба маънои ҳамроҳ, ҳамфикр ҳам меояд. Маънои асосиаш дӯст, рафиқ, ҷӯра буда, тобиши мӯнис, ҳамдам, ҳамнишинро ҳам фаро мегирад. Инчунин дар таркиби калимаҳои мураккаб маънои дорандаро мефаҳмонад: *шуҳратёр, давлатёр* ва ғ. Муродифи он калимаи арабии *рафиқ* танҳо як тобиши маъно – дӯст, ҳамдам, ҳамнишинро, ҳамсафар ифода мекунад. Аз ин рӯ ин ду вожа танҳо бо тобиши маънои ҷӯра, дӯст ҳамдигарро иваз карданашон мумкин, дар дигар ҳолат наметавонанд. Ин калимаҳо хоси услуби адабии китобӣ ва гуфтугӯйӣ буда, баробар истифода бурда мешаванд ва обуранги ҳисии мусбат доранд. *Ёри абадӣ* ва *рафиқи умрӣ* танҳо ҳамсар – мард (шавҳар) ва зан шуда метавонанд. Аз ин рӯ сифатҳои нисбии *абадӣ* ва *умрӣ* бо тобиши маънои ҳамешагӣ, якумра ҳаммаъноянд.

Калимаи *абадӣ* (аз калимаи *абад* ва пасванди *-ӣ*) маънои ҳамешагӣ, ҷовидонӣ, доимиро [1.3, 29], вожаи *умрӣ* (аз исми *умр* ва пасванди *-ӣ*) якумра, умрбод, ба таври доимӣ, маҷозан ҳамсар, ҳамхонаро [1.4, 369] ифода карда, ҳар ду иқтибосоти арабианд. Ин калимаҳо хоси забони адабӣ буда, камистеъмоланд. Дар гуфтугӯ бештар *якумра, умрбод, доимӣ* истифода мешавад. Сарсилсилааш: *доимӣ*.

Ҳаммаъношавии ҷузъҳои асосӣ ва тобеи ибораҳои изофӣ дар мисоли зерин низ мушоҳида гардид:

Дарди Гулбибӣ, чунончи дар боло ишора рафт, танҳо ***дарди ҷудоӣ*** *ва* ***доғи ҳиҷрон*** *набуд: ӯ метарсид, ки дилдодааш, яъне Одина, ба ин зудӣ аз диёри гурбат барнагардад* (Од., 209-210).

Дар ин мисол калимаҳои *дард, доғ* бо тобиши маънои азоби рӯҳӣ, ғаму андӯҳ ва вожаҳои *ҷудоӣ, ҳиҷрон* ба маънои фироқ ҳаммаъно шудаанд.

Дард вожаи тоҷикӣ буда, доираи васеи маъноҳоро фаро мегирад, ки дар калимаи *доғ* мушоҳида намешавад. Дар таносуби маъноӣ бо калимаҳои дигар тобиши маънои гуногунро ифода мекунад. Серистеъмол ва умумиистеъмол аст. Бо маънои дар ҷумлаи боло ифодакардааш ба силсилаи синонимии *ғам, ғусса, андӯҳ, алам* дохил мегардад ва сарсилсилаи онро ташкил медиҳад. Бо калимаи *доғ* бештар дар шакли ҷуфт истеъмол мешавад: *дарду доғ*.

Калимаи тоҷикии *доғ* нисбат ба *дард* маъноҳои зиёдтарро ифода мекунад. Он маъноҳои зеринро фаро мегирад: 1. Сахт тафсонидашуда, гудохта; сӯзон, хеле гарм; 2. Нишона, асар, нақш; 3. Ҷойи тамға; 4. маҷ. ғаму андӯҳ, аламу ҳасрати сахт; 5. Бадномӣ, айб, нанг; 6. Тиб. Нишонаҳои гуногунранг дар рӯйи пӯсти инсон, бо иллате пайдо мешавад; 7. Он чи таваҷҷуҳ ва диққати ҳамагонро ҷалб намуда, боиси баҳсу мунозираҳои шадид мегардад [1.3, 456-457]. Аз ин рӯ бо тобишҳои маъноии дигараш бо калимаҳои дигар ҳаммаъно гардида, ба чанд силсилаи синонимӣ дохил мешавад ва дар ҳамаи услубҳои ҷории забон серистеъмол аст. Ҳам дар адабиёти классикӣ ва ҳам муосир кор фармуда мешавад.

Ҷудоӣ калимаи тоҷикӣ буда, аз сифати *ҷудо* ва пасванди *-ӣ* таркиб ёфтааст ва серистеъмол аст. Ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ истифода гардида, дар ҳама минтақаҳои Тоҷикистон якхел фаҳмида мешавад. Қариб дар ҳамаи услубҳо баробар дучор меояд. Вожаи арабии *ҳиҷрон*, ки маънои дурӣ аз хешон, хусусан ҷудоӣ аз маъшуқро ифода мекунад, хоси услуби адабии китобӣ аст. Дар адабиёти гузашта ва муосири мо корбаст мешавад.

Маънои ҷудоӣ аз маъшуқ ва наздиконро калимаи *фироқ* низ ифода мекунад:

Акнун мулоҳиза фармоед: ҳамин ранг дил аз дастдодагон ба ***фироқе*** *дучор шаванд, ки оқибаташон маълум набошад, ба чӣ ҳолҳои табоҳ ва рӯзҳои сиёҳ меафтода бошанд?* (Од., 209)

Вожаи арабии *фироқ* хоси адабиёти бадеист ва камистеъмол аст. Бештар дар назми классикии ба мавзӯъҳои лирикӣ бахшидашуда дучор меояд ва муқобили калимаи *висол* аст.

Дар мисоли зерин калимаҳои *дилором*, *маҳбуба* дар қолаби ибора оварда шудаанд: яке – ҷузъи асосӣ ва дигаре – тобеъ:

Қаротегин … Ин чӣ гуна харобаи зулмобод буд, ки ба шумии Арбоб Камолҳои он Одина аз ***маҳбубаи дилороми*** *худ абадӣ ҷудо шуда буд* (Од., 287).

Чунон ки калимаҳои *ошиқ, маҳбуб, маъшуқ* ба мард нисбат дорад, вожаҳои *дилором, маҳбуба, маъшуқа* мансуби зан аст, аммо калимаҳои *дилдода, дилхоҳ, дӯстдошта, ёр* ба ҳар ду ҷинс тааллуқ доранд. Вожаи *ёр* танҳо бо тобиши маънои дилбохта, ошиқ ба силсилаи синонимии боло шомил мешавад, зеро бо ҷилоҳои маъноии дигараш ба дигар силсила мансуб мегардад:

Оре, Одина худро аз ***ёри меҳрубони*** *худ абадӣ ҷудошуда меангошт …* (Од., 287).

Дар мисоли зерин мафҳуми дӯстдоштаро ифодаи маҷозии *ороми ҷон* низ ифода кардааст:

Одина на танҳо худ аз ин зулмобод халос мешуд, балки як тариқа халос мешуд, ки модаркалони меҳрубонаш ҳамсафар ва ***ороми ҷонаш*** *дар бар* (Од., 25).

Ин ифода дар адабиёти классикии тоҷик хеле серистеъмол буда, ба адабиёти муосир низ гузаштааст. Хоси услуби малеҳ аст. Азбаски нависанда ба адабиёти гузаштаамон эҳтироми хоса дошт, аз воҳидҳои тайёри он самаранок фоида бурдааст. Ҳатто дар ин мисол унсурҳои санъати саҷъ (насри қофиядор: *ҳамсафар – дар бар*) низ мушоҳида мешавад. Мутаассифона, чунин унсурҳо кори тарҷумонро мушкил мегардонанд, зеро шояд дар забони ӯ ҳамоҳанг овардани калимаҳо роиҷ набошад. Дар тарҷумаи матни боло обуранги бадеии матни асл коҳиш ёфта, мазмуни он хушку холӣ ва ноқис ифода ёфтааст. Аз диёри ғурбат (зулмобод), ки сабабгори ҳама мусибатҳояш буданд, нияти гурез доштани Одина ноаён мондааст:

Ещё недавно он думал, как бабушка и невеста будут сопутствовать ему … (Од., 96).

Устод Айнӣ чунин тарзи истифодаи муродифот, яъне ҳаммаъноии ҷузъҳои асосӣ ва тобеи ибораҳои изофиро дар тасвири ҳолати рӯҳии персонаж низ кор мефармояд. Чунончи, *нолаи ҷонсӯз* ва *фарёди ҷонгудоз*:

Ин духтар ***нола*** *ва* ***фарёд*** *намекунад, лекин аз нигоҳҳои ҳасратноке, ки гоҳо ба рӯйи хона ва гоҳо ба сақфи он меандозад, таъсири як олам* ***нолаи ҷонсӯз*** *ва* ***фарёди ҷонгудоз****ро ба бинанда зоҳир месозад* (Од., 308).

Чунон ки мушоҳида мешавад, адиб аввал муродифотро ҷудо-ҷудо (*нола* ва *фарёд*), баъдан дар таркиби ибораҳои изофӣ меорад, ки ҷузъҳои тобеашон низ бо ҳам муродифанд. Ин бесабаб нест, зеро адиб ноаён ҳолати зоҳирӣ ва ботинии Гулбибиро қиёс мекунад: ӯ зоҳиран ором аст, намегиряд, аммо ботинан хун мегиряд, ҳазор бор мурда зинда мешавад. *Нола* ва *фарёд* аз рӯйи тобиши маънои оҳу фарёд, гиряву зории дарднок ва *ҷонсӯзу ҷонгудоз* бо маънои ҷонкоҳ, пуралам, аламнок бо ҳам муродифанд. Ин калимаҳо дар нутқи хаттию шифоҳӣ ба андозаи гуногун кор фармуда мешаванд. Обуранги ҳисии мусбат доранд. Тарҷумон мазмуни ин порчаро баргардонида, ифодаҳои маҷозиашро сарфи назар кардааст. Аз ин рӯ мо дар бобати ифодаи муродифоти матн ба забони русӣ муҳокима ронда наметавонем:

Она ***не плачет****. Она сидит на одном месте. Только взгляд её грустно блуждает по комнате, озирая дымные стены дыры, разрушающийся потолок* (Од., 122-123).

Монанди мисоли боло дар порчаи зерин низ ҷузъҳои асосӣ ва тобеи ибораҳо муносибати муродифӣ доранд:

Лекин мо гумон намекунем, ки ӯро ба ин наздикиҳо хоб бурда бошад, танҳо ***шиддати андӯҳ, гояти алам*** *ва* ***ниҳояти маъюсӣ*** *ӯро ба ҳолате овардааст, ки бинанда гумон мекунад, ки хоб аст* (Од., 312).

Нависанда дар ин матн ҳам ҳолати персонажро дақиқ ифода кардааст ва ҳам моҳирона аз такрори ноҷо худдорӣ намудааст. Калимаҳои *шиддат, гоят* ва *ниҳоят* ба ҳадди ниҳоӣ расидани ҳолати шахсро таъкид менамоянд. Вожаҳои *андӯҳ, алам, маъюсӣ* ифодакунандаи ҳамон ҳолатанд, ки персонаж дар он қарор дорад. Ӯ чӣ кор кардан, ба кӣ рози дил гуфтан ва дар ин зулмобод чӣ гуна зистани худро намедонад, зеро аз Одина дараке набуд ва ягона пуштибонаш – Бибиоиша вафот карда буд. Ана ҳамин манзараи ҳузнангез дар тарҷума ба таври умумӣ ифода ёфта, таъкиди нависанда аз байн рафтааст, яъне тарҷума хушку холист:

Казалось, Гульбиби спит. Но нет, это не сон, лёгкое забытье (Од., 125).

Дар мисоли зерин калимаи *ваҳшоният* бо тобиши маънои бераҳмӣ, озор бо муродифоти ҷуфти *азобу уқубат* синоним шудааст:

… он бас набуд, ки берӯйӣ, бешармӣ, беинсофӣ, бераҳмӣ бедиёнатиро ба ҷое расонданд, ки аз номи дин як одамро бо ***ваҳшонияти чашмнадида*** *ва бо* ***азобу уқубати гӯшношунида*** *нобуд карданд …* (Ёдд., 4, 370); *Чун дар воқеаи аробакаш кори инҳо ба* ***ваҳшонияти чашмнадида*** *ва* ***фоҷиаи гӯшношунида*** *анҷом ёфт, лозим аст …* (Ёдд., 4, 342).

Чунон ки аз мисолҳо бармеояд, устод Айнӣ дар истифодаи муродифоти луғавӣ аз калимаҳои ҳамоҳанг (чашмнодида, гӯшношунида) фоида мебарад. Бар замми ин як қатор сифатҳоро – *берӯйӣ, бешармӣ, беинсофӣ, бераҳмӣ, бедиёнатӣ*, ки ба исм гузаштаанд, бо ифодаҳои *ваҳшонияти чашмнадида* ва *азобу уқубати гӯшношунида* ҳаммаъно менамояд. Вожаҳои *ваҳшоният, азоб, уқубат* маънои ранҷу озор, бераҳмиро бо обуранги ҳиссии манфӣ ифода мекунанд. Калимаи *ваҳшоният* бештар дар услубҳои бадеию публисистӣ кор фармуда шавад, *азобу уқубат*ро дар гуфтугӯ низ кор мефармоянд. Муродифоти ҷуфти *азобу уқубат* бештар дар ифодаи ҳолати шахс истифода мегардад. Дар мисоли зерини «Ҷаллодони Бухоро», ки ба ҷумлаҳои боло монанд аст, нависанда онро истифода кардааст:

… боз марги ***пуразобу уқубати бодаҳшат ва ваҳшоният****е, ки дида ва шунида нашудааст, дидан ва шунидани он мумкин ҳам нест, ба пеши чашм намоён мегардид…* (Ҷ. Б., 13).

Чунонки мушоҳида мешавад, С. Айнӣ ҳатто дар истифодаи воҳидҳои забон аз шаклҳои гуногуни он фоида мебарад, ба мисли: *ваҳшонияти чашмнадида ва азобу уқубати гӯшношунида // марги пуразобу уқубати бодаҳшат ва ваҳшонияте, ки дида ва шунида нашудааст // марги пуразобу уқубати бодаҳшат ва ваҳшонияте, ки дидан ва шунидани он мумкин ҳам нест.*

Дар мисоли зерин калимаҳои *олим* ва *донишманд*; *калон, бузург* ва *гузаро* синоним шудаанд:

Ҳамин кас аст домуллои акаат,… ***одами бисёр калон, олими гузаро, донишманди бузург*** *ва шоири забардаст аст* (Ёдд., 1, 91).

Калимаҳои *олим* ва *донишманд* аслан сифатанд, аммо дар ин матн ба шахс далолат карда, исми шахс шудаанд. *Олим* калимаи арабӣ буда, ба маъноҳои соҳиби илм, донишманд, донанда [1.4, 26] далолат мекунад. *Донишманд* вожаи тоҷикӣ буда, маъноҳои соҳиби илму дониш, олим, фозил; доно, оқил, пурдон, хирадмандро [1.3, 464] дар бар мегирад. Бо маънои предметиаш дар ҳамаи услубҳои нутқ баробар кор фармуда мешавад.

Муродифоти *калон* ва *бузург* ба силсилаи синонимии *калон, бузург, азим, пурқудрат, кабир, муҳташам* дохил мешаванд, ки сарсилсилааш *калон* аст. Ҳар ду вожаи тоҷикӣ буда, *бузург* ҳамчун сифат муқобили хурд аст ва маъноҳои паҳновар, васеъ, фарохро ҳам ифода мекунад. Ҳамчун исм ба шахси калонсол, умрдида; нахустин; соҳибэътибор, муҳтарам, соҳибфазилат; калоншаванда, роҳбар, сардор, олимақом далолат менамояд [1.3, 243]. Калимаи *калон* ҳамчун сифат ҳаҷман ва миқдоран бузург, азим, ҳамчун исм шахси ба балоғат расида, ба воя расида, калонсол, солхӯрдаро ифода мекунад. Дар гуфтугӯ ба маънои сардор ва мансабдор (бештар дар шумораи ҷамъ) меояд. Аз рӯйи вазифа, рутба ва унвон нисбат ба дигарон мақоми болотарро мефаҳмонад: *лейтенанти калон, муаллими калон, муҳандиси калон, ходими калони илмӣ* ва амсоли ин [1.3, 583]. Азбаски калимаи *калон* бо ҷилоҳои нозуки маъно аз калимаи *бузург* тафовут дорад, инҳоро муродифоти ҳамсанг ҳисобидан мумкин нест. Калимаи *гузаро* ҳадди ниҳоии сифати шахсро ифода мекунад. Бо пайиҳам овардани ин калимаҳо нависанда ҳам сифати шахсро ошкор намудааст, ҳам ба ӯ баҳои воқеӣ додааст.

Пешояндҳои таркибии изофии *ба сурати, ба тарзи* ва *ба тариқаи* ҳамчун ҷузъи асосӣ, вожаҳои *гаштак, дангона, ҳарифона* ҳамчун ҷузъи тобеъ омада, бо ҳамдигар муносибати муродифӣ пайдо намудаанд:

Ин гуна ҷамъомадҳо ё ***ба сурати гаштак****, ё* ***ба тарзи дангона*** *ва ё ин ки* ***ба тариқаи ҳарифона*** *барпо мешуд* (Аҳм., 15).

Пешояндҳои таркибии изофии *ба сурати, ба тарзи* ва *ба тариқаи* бо калимаҳои мустақилмаъно, хусусан исм, омада, тобиши роҳу усулро ифода мекунанд. Инҳо хоси нутқи хаттианд. Калимаҳои *гаштак, дангона, ҳарифона* бо маънои умумии ҷамъомад синониманд, зеро онҳо бо тарзи таҳия ва ташкили чорабинӣ аз ҳамдигар як андоза фарқ

мекунанд. *Гаштак* зиёфатест, ки бо навбат дар хонаи яке аз иштирокдорон баргузор мегардад. *Дангона* (донгона) калимаи китобӣ буда, пуле, ки дар вақти сайругашт барои хӯрокворӣ ҷамъ карда, зиёфат меороянд [1.3, 463], *ҳарифона* дӯстона таҳия сохтани хӯроки зиёфат аст. Ҳоло низ дар баъзе ҷойҳо ин навъи зиёфатҳо аҳён-аҳён баргузор карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, мо танҳо як усули истифодаи муродифоти луғавиро аз ҷониби адиби забардаст мавриди тадқиқ қарор додем. Бояд иқрор шуд, ки дар кор фармудан ва интихоби калима аз силсилаи муродифот С. Айнӣ нозукадост. Нависанда бо роҳу усулҳои гуногун калимаҳоро моҳирона ҷо ба ҷо мегузорад ва ин воҳидҳои луғавӣ дар тасвирҳои адиб рангу ҷилои тоза мегиранд. Аз ин рӯ омӯхтан ва тадқиқ намудани чунин масъалаҳо дар асоси маводи насри бадеии С. Айнӣ аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Камолиддинов Б. Сухандонон сухан санҷида гӯянд. – Душанбе: Оптима, 2005. – 200 с.
2. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ). – Душанбе, 1962. – 160с.
3. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Ҷ. I. – Душанбе, 2008.
4. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Ҷ. II. – Душанбе, 2008.

а) ба забони тоҷикӣ:

1. Айнӣ С. Аҳмади девбанд. Куллиёт. – Ҷ. 5. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1963. – С. 5 – 37.
2. Айнӣ С. Ҷаллодони Бухоро. Акнун навбати қалам аст. – Душанбе: Ирфон, 1978. – С. 9 – 79.
3. Айнӣ С. Одина. Куллиёт. – Ҷ. 1. – Сталинобод : Нашрдавтоҷ, 1858. – 183 – 327.
4. Айнӣ С. Ғуломон. Куллиёт. – Ҷ. 3. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1960.
5. Айнӣ С. Ёддоштҳо. – Қ. 1, 2. – Душанбе: Адиб, 1990. – 852.
6. Айнӣ С. Ёддоштҳо. – Қ. 3, 4. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1955. – 570 с.

б) ба забони русӣ:

1. Айни С. Ахмад – покоритель дивов (пер. О. Сухаревой). – Т. 6. – М.:Художественная литература, 1983.
2. Айни С. Бухарские палачи. – Т. 6. – М.: Художественная литература, 1983.
3. Айни С. Одина (пер. З. Хацревин). Собрание сочинений. – Т. 3. – М.: Художественная литература, 1973. – С. 67 – 133.
4. Айни С. Рабы (пер. С. Бородина). – Душанбе: Ирфон, 1977. – 423 с.
5. Айни С. Бухара (пер. С. Бородина). – Ч. 1, 2. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 257 с.
6. Айни С. Бухара (пер. С. Бородина). – Ч. 3, 4. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 376 с.

ОДИН СПОСОБ УПОТРЕБЛЕНИЯ ЛЕКСИЧЕСКИХ СИНОНИМОВ САДРИДДИНОМ АЙНЇ

Автор проанализировала в статье лексические синонимы произведений С. Айни, которые сформулированы в форме словосочетаний, где основной и подчиненный компоненты проявляют синонимичность таким же другим изафетным словосочетанием. В некоторых случаях автор рассматривает их перевод на русский язык. В его произведениях лексические синонимы употреблены не только с целью воздержания от повтора слов, но и разными стилистическими потребностями.

Ключевые слова: лексические синонимы, семантические оттенки, круг употребления, стилистические особенности, основной и подчиненный компонент, сокращение слов, описательный перевод, индивидуальный стиль писателя.

THE SOME MODE (WAY) USING LEXICAL SYNONYMS BY S. AINI

In the present article the author gave lexical synonyms and their translation into Russian. She also analyzed them in prose S. Aini, and found out individual style of the writer in using these units of the language.

Key words: lexical synonyms, semantics, use, stylistic peculiarity (feature), translation, shortening (redaction), descriptive translation, explaining words, writer's style.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М. М. Мирзоева*** **–** докторант Таджикского национального университета.

ДИПЛОМАТИЧЕСКАЯ ТЕРМИНОЛОГИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Х. А. Саидов
Таджикский национальный университет

Исследование дипломатической и политической терминологии в английском и таджикском языках представляет большой лингвистический интерес. В связи с усилением темпов глобализации в мире последние несколько веков, во многих странах мира появилась необходимость выработать или же усовершенствовать дипломатическую и политическую терминологию в своем языке, чтобы наиболее четко выразить свою позицию во время переговоров. Со временем появились стандарты в дипломатическом политическом лексиконе, которые являются наиболее приближенными к единым («Венская конвенция о дипломатических сношениях - 1961г»). В настоящее время возрастает внимание к изучению дипломатической и политической терминологии в нашей стране, так как Республика Таджикистан является относительно молодым государством. Несмотря на большое количество трудов, разнообразие тематик и областей исследования в области дипломатических терминологий, ряд задач остается нерешенным. Так, достоверность переводов с английского и французского языков и узкая исследовательская база по данной тематике в нашей Республике нуждаются в дальнейших разработках.

Прежде чем раскрыть суть и значение дипломатических и политических терминов, я хотел бы уточнить само значение слово «термин» и «терминология».

Терминология каждой области знания ограничена определённым объемом терминов, так как словесно отражает систему основных ее понятий.

В качестве основного материала по раскрытию дипломатической терминологии в таджикском языке мы будем брать дипломатическую терминологию на английском, частично на французском и русском языках, поскольку английский и французский являются официальным языком дипломатии и многие важные переговоры и конференции проводятся на английском. А в русском языке дипломатические термины имеют наиболее четкий и точный характер.

Так, например:

To claim responsibility for smth. – брать ответственность за что либо – ба ӯҳда гирифтани масъулият, Uninamously – единогласно – ба як овоз, to implement agreements – выполнять соглашения – иљро намудани шартномаҳо, Participants to a convention/treat – участники конвенции/соглашения – иштирокчиени шартнома.

Также есть такие дипломатические термины, которые не имеют четкого перевода на другом языке, но произносится чуть по-другому, по сути, они являются международными терминами по дипломатии. Таковыми являются:

Агреман.Термин, употребляемый в дипломатической практике (от французского agreer — согласие), подразумевает согласие правительства принимающего государства на назначение определенного лица дипломатическим представителем направляющего государства. Агреман запрашивается только на глав дипломатических миссий (в современной практике — на послов) и, как правило, через ведомство иностранных дел принимающей страны убывающим послом или старшим сотрудником дипломатической миссии. В ходе личного визита ответственному лицу страны пребывания устно излагается суть дела и передается краткая биографическая справка вновь назначаемого представителя. В некоторых странах практикуется направление в ведомство иностранных дел также и официальной ноты с просьбой о выдаче агремана. Во многих случаях об отказе в агремане не сообщается — истечение уместного срока (4–8 недель) является сигналом нежелательности предложенного кандидата. В случае устного запроса агремана, положительный ответ дается также устно. После получения агремана назначаемый кандидат на должность главы дипломатического представительства рассматривается в качестве персоны грата, отрицательная реакция или ответ принимающей стороны означает, что данный представитель является персоной нон грата. Мотивы отказа в агремане государство пребывания сообщать не обязано. В соответствии с международной практикой возможная переписка или обсуждение вопроса об агремане не предаются огласке.

Аккламация. Аккламация (от латинского acclamatio — восклицание) означает метод принятия решений без проведения голосования в дипломатической практике, а также по регламенту некоторых парламентов, конференций, съездов, форумов и т. п. Решение принимается на основе реакции участников: возгласов, аплодисментов, реплик и высказываний участников с мест и т. п. В официальных протоколах проводимых мероприятий, как правило, делается пометка «решение принято путем аккламации».

Драгоман. Драгоман (французское dragoman от арабского — переводчик) — устаревшее название официального переводчика, состоявшего при дипломатических и консульских миссий в восточных странах. Согласно установившимся традициям, драгоман причислялся к членам дипломатического или консульского корпуса. Драгоманы, как правило, были не просто переводчиками, но и авторитетными специалистами, знающими порядки, нравы и историю страны пребывания. Эти специалисты очень высоко ценились и порой могли находиться в этой должности до преклонных лет. В современной дипломатической практике этот термин постепенно выходит из обращения, хотя может употребляться в переносном смысле — для характеристики состоящих в штате дипломатических миссий высококлассных специалистов, хорошо владеющих восточными языками.

Нунций. Нунций (от латинского Nuntius — посланец) — дипломатический представитель папы римского в странах, с которыми Ватикан имеет дипломатические отношения. Нунций относится к высшему уровню дипломатических представителей. В ряде католических стран нунций по традиции являлся дуайеном дипломатического корпуса вне зависимости от даты вручения верительных грамот другими послами. В настоящее время такая практика отошла в прошлое.Таким образом, можно заключить, что дипломатическая терминология в таджикском языке на сегодняшний день является не полноценной и не может охватывать все области дипломатии и ведения международных переговоров. Но все же доработки и исследования в этом направлении ведутся, что означает, что в скором будущем эта проблема должна решиться.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Алексеева Т.К., Дарская В.Г., Лясецкая Л.А., Шилкова Т.Г.-Деловой английский Москва, “Вече”, 2000.
2. Бурдин С.М. Выступление на Всесоюзном совещании, посвященном вопросам разработки терминологии // Вопросы терминологии. - -М., 1961. - -С. 100-108.
3. Виноградов В.В. Вопросы изучения словосочетания // Вопросы языкознания. - 1954. - № 3. - 19-27с.
4. Громова Н. М. Внешнеторговый контракт (Contracts in Foreign Trade): учеб. пособие. 2-е изд., М.: Магистр, 2008.
5. Mouratov E.N/- Diplomatic Documents and Diplomatic Correspondence in English-(Допломатические документы и дипломатическая переписка на английском языке)-учебное пособи для вузов. М., Астрель-АСТ-2005
6. Санников Н.Г.-Англо-русский глоссарий-справочник по процедурной терминологии и праву международных переговоров Москва, 1996.

ДИПЛОМАТИЧЕСКАЯ ТЕРМИНОЛОГИЯ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Исследование дипломатической терминологии в английском и таджикском языках представляет большой лингвистический интерес. В связи с усилением темпов глобализации в мире последние несколько веков, во многих странах мира появилась необходимость выработать или же усовершенствовать дипломатическую и политическую терминологию на своем языке, чтобы наиболее четко выразить свою позицию во время переговоров.

Ключевые слова: дипломатия, терминология, агреман, драгоман, аккламация, нунций, отношения, исследование, глобализация.

DIPLOMATIC TERMINOLOGY IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

Research of diplomatic and political terminology in English and Tajik languages represents the big linguistic interest. In connection with strengthening of rates of globalization in the world the last some centuries, in many countries of the world have appeared necessity to develop or improve diplomatic and political terminology in the language most accurately to express the position during negotiations.

Key words: diplomacy, terminology, agreer, dragoman, acclamation, nuntius, relations, research, globalization.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Х. А. Саидов*** - докторант Таджикского национального университета

МАВҚЕИ КАЛИМАҲОИ ПОМИРӢ ДАР ЛАҲҶАИ ВАХИЁ

И. Умаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бояд тазакур дод, ки забонҳои помирию тоҷикӣ таърихан ҳамрешаанд. Ҳарчанд ки имрӯз яке аз шохаи шарқӣ ва дигаре ба шохаи гурӯҳи ғарбии оилаи забонҳои эронӣ тааллуқ дошта, аз ҳамдигар фарқ кунанд ҳам, лекин сарчашмаи тараққиёти онҳо як аст. Аз ин ҷост, ки дар забони тоҷикӣ калимаҳои ҳамреша зиёд буда, онҳо манбаи муҳими тадқиқоти муқоисавӣ - таърихӣ ба ҳисоб мераванд. Бар замми ин дар фонди луғавии забонҳои помирӣ бисёр унсурҳои лексикии аслан тоҷикӣ ҷой доранд, ки барои муайян кардани таъсир ва муносибати мутақобилаи таърихии ин ду забон сарчашмаи омӯзиш ба шумор мераванд. Сарфи назар аз ин, лаҳҷаи Вахиёи забони тоҷикӣ бо забони помирӣ муносибати махсус дорад, ки дар умумияти як силсила воҳидҳои луғавӣ зуҳур меёбанд. Муносибати забонҳои помирию лаҳҷаи Вахиё махсусан, сабабгори он шудааст, ки як қатор унсурҳои лексикӣ ба тарзи муштарак давом мекунанд.

Чунин воҳидҳои луғавиро барои яке асосиву барои дигаре иқтибосӣ шуморидан душвор мебошанд, зеро бино ба қайди аҳли татқиқот, забонҳои помирӣ дар гузашта ҳудуди васеъ дошта, қисми зиёди ҳудуди интишори шеваи ҷанубии забони тоҷикро ҳам фаро мегирифтанд.

Бо вуҷуди ин, рафти инкишофи таърихӣ ба он далолат менамояд, ки барои маҳфуз мондани унсурҳои лексикии муштарак дар лаҳҷаи Вахиё осори забони помирӣ (алалхусус, гурӯҳи рӯшонию шуғнонӣ) зиёд аст, вагарна ин ҳодиса ҳамчун яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи маҳзи ин шева шуда намебаромад.

Ба ин тариқ, лексикаи шеваҳои Вахиё аз бобати нигоҳ доштани унсурҳои луғавии муштарак бо забонҳои помирӣ ҳам ба шеваи шимолӣ ва ба забони адабии тоҷик муқобил меистанд. Аз тарафи дигар, таъсири зиёди лаҳҷаи Вахиёи забони тоҷикиро ба забони помирӣ наметавон инкор кард. Ин шева якҷоя ба гурӯҳи шеваҳои ҷанубӣ - шарқии забони тоҷикӣ (Ванҷу Дарвоз) барои гузаштани калимаву ибораҳои умумитоҷикӣ ба помирӣ нафақат пули гузаргоҳ гаштаанд, балки худ таъсири пурсамаре гузоштаанд, ки ин масъаларо дар фасли унсурҳои муштараки истеъмол аз назар гузаронидан лозим аст.

Умумияти лексикии лаҳҷаи Вахиё ва забонҳои помирӣ ҳаргиз маънии айнияти пурраи воҳидҳои луғавиро надоранд. Балки ҳангоми омӯзиши он ба назар гирифтани ду меъёр муҳим аст:

- умумият ва тафовути шаклӣ;
- умумият ва фарқияти маъноӣ. Таҳти маҳфуми умумияти шакли чунин воҳидҳои луғавие дар назар дошта мешавад, ки ҳам дар забонҳои помирӣ ва ҳам дар лаҳҷаи Вахиё бо таркиби овозии ягона истифода мешаванд. Аз ҷумла, калимаҳои **ғажд (ифлос), мана (қуртъқ), теф (сари китф), қанот, бол, ба (бӯса), фи (бели чӯбӣ), ли (ғарам), гиз (инч), маза (сарраф - саҳад), сафора (замине ки киштгардон накарда соли дуюм зироат мекоранд)** ва ғайра.

Агар баъзе хусусиятҳои овозии забонҳои помириро истисно кунем (аз қабили овозии миёнизабонии «**к**» ҷуфтҳои дарозу кӯтоҳи садонокҳо, ки дар баъзе аз ин калимаҳо зоҳир мешаванд), воҳидҳои луғавии мазкур аз ҷиҳати шумораи фонемаҳо таркибан айнияти комил доранд. Аммо калимаҳои бисёре ҳам ҳастанд, ки дар забони помирию лаҳҷаи Вахиё аз нуқтаи назари фонетикӣ далелҳои намоён доранд.

Гоҳо ин ё он овози хоси помирӣ бо фонемаҳои забони тоҷикӣ мувофиқат мекунанд, гоҳе умуман таркиби калима тағйир меёбад. Чунончи, мувофиқати фонемаи **Х**- и забонҳои помирӣ бо **Ш**-и тоҷикӣ дар системаи овозии калимаҳои муайян ҷудоӣ ба вуҷуд овардааст. Муқоиса мекунем: **(овшин** дар лаҳҷаи Вахиё **обхин** дар гурӯҳи забонҳои рӯшонию шуғнонӣ), **овашк (**дар гурӯҳи вахиё - қаротегинии шеваҳо), **овахк** (Хуфу Рушон) - чӯби зери васса ва амсоли ин. Аммо мувофиқати овозҳои мазкур дар таркиби калимаҳои муштарак ҳодисаи ягона нест.

Бояд гуфт, ки қисман калимаҳо дар байни худи забони помирӣ бо гунаҳои савтӣ дучор меоянд. Дар ин ҳол талаффузи ин гуна калимаҳо дар лаҳҷаи Вахиё дар қатори

гунаҳо меафзоянд. Калимаи **ров** дар лаҳҷаи Вахиё роиҷ аст, ё ин ки калимаи **сипор, боби** ва ғайра.

Бештари калимаҳое, ки дар байни забонҳои помирӣ ва лаҳҷаи Вахиё умумиянд, аз ҷиҳати маъно мувофиқ меоянд. Намунаи онҳоро дар мисолҳои боло дидан мумкин аст. Вале дар баробари ин унсурҳои луғавӣ ва шеваи Вахиё фарқ мекунанд. Гоҳо наздикии маъноҳо ҳис карда мешавад, баъзан хеле дур ба назар мерасанд. Чунончи, ба тасвири М.С. Андреев, калимаи **сафора** дар водии Хуф маънии замини чанд вақт киштнакардаро дорад [8, 460]. А. З. Розенфелд (Андароб, Мулвоч, Нижгар) онро ба се маъно ба ҳам наздик қайд кардааст, ки яке аз онҳо замини беҳосил» мебошад [8, 118]. Аммо калимаи **пих** аз бобати ифодаи маъно дар забонҳои помирию лаҳҷаи Вахиё акси сафора аст, яъне дар ҳарду забон ҳамчун калимаҳои мустақил ба назар мерасад ва мумкин аст, ки тафовути маънои калима **«сафора»** дар ду мавзеъ тамоман зиёданд.

Аз ҷумла, онро М.С. Андреев дар водии Хуф ҳамчун як навъи пойафзол» шарҳ додааст, ки онро шаби тӯй ба шаҳ (домод) мепӯшонанд [81,462]. Лекин аз рӯи эзоҳи Р. Л. Неменова маълум мешавад, ки калимаи мазкур дар шеваҳои ҷанубӣ (Қаротегин, Кӯлоб ва Вахиё) асбоби ченак ё чӯб будааст, ки бо он занони ширнавбат (**певоз)** миқдори ширро муайян мекардаанд, агар **ма (**воҳиди ченак) нашава, **пех- ъш мекънъм [10, 63].**

Ба назар чунин мерасад, ки ифодаи «**асбоби ченак»** дар лаҳҷаи Вахиё танҳо яке аз маъноҳои калимаи **пех** аст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки воҳиди луғавии мазкур дар ифодаи маъноҳои танаи зироат, ки баъди дарав дар замин боқӣ мемонанд, низ фаҳмида мешавад. Дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб, Қаротегину худи Вахиё **нарангушти пои хурӯс**, ки нохунҳои тез дорад маълум мебошад. Аммо ба ҳамаи ин сермаъноии калимаи «**пех»-и** шева бо маънои **«пех»** - и помирӣ мувофиқат намекунад. Аз рӯйи монандии зоҳирии шаклҳои **«йарч - арч»** ва **йор**» ро ҳам ба ҳамдигар пайвастан мумкин аст. Аз ин гунаҳои **йарч - арч** дар водии Вахиё ва Қаротегин дучор оянд, назар ба нишондоди А. С. Андреев, дар забони вахонии помирӣ вомехӯрдааст. Аммо аз бобати маънии гунаҳои мазкур аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ҷумла, маънии **йарч, арч»** резиш, фурӯравии хоку санг» аз кӯҳ буда, (аз ин ҷо ибораи **йарч** чандон низ мустаъмал аст), йарчи вахонӣ ифодаи **пойгаҳ** - ро дар забони дигари помирӣ **пайга, пога** - ро доштааст.

Дар истеъмоли калимаи **къръм, къръмб (**дар лаҳҷаҳои Қаротегину Вахиё, Ҳисор ва Кӯлоб ва **кърумби** Хуфа) ҳам тақрибан чунин ҳолат ба назар мерасад. Аммо ба ду калимаи боло алоқаи маъни **«къръмб»** - и тоҷикӣ бо «**къръмб»-**и помирӣ то андозае нигоҳ дошта шудааст. Чунончи, маънои ин калима дар лаҳҷаҳои Вахиё «кулулаи лойи хушк шуда ё умуман **«кълух»** бошад. (**Дар сари як дъхтар къръмб парто)** ё ин ки дар забонҳои рушонию шуғнонӣ пораи тудаи санг пораҳои аз кӯҳ ғалтидаро ифода мекунанд [466]. М.С. Андреев дар хусуси интишори ин калима менависад. Калимаи «**къръмб» (қирум, қурумб)** дар маҳаллаҳои гуногуни тоҷикнишин интишор ёфта, ҳатто дар байни қавмҳои туркзабон дучор меоянд [467]. Ба ҳамин силсила калимаи «**йахдон»,** йахдун-ро низ дохил кардан мумкин аст.

Ҷолиби диққат аст, ки ин воҳиди луғавӣ дар баъзе забонҳои помирӣ [390], бо мафҳуми умумитоҷикии худ сероб, саргаҳи дарё, пирях мустаъмал бошад, дар лаҳҷаи Вахиё маънии «санг» - ро дорост. Унсурҳои лексикӣ, ки бо забони помирӣ умумияти истеъмолӣ доранд, дар ҳудуди интишори шеваи ҷанубӣ як хел нестанд. Дар ин бобат гурӯҳи Бадахшон гуфтан мумкин аст, ки ҷои аввалро ишғол менамоянд. Сабаби ин маълум аст, ки калимаҳои тоҷикии забонҳои помирӣ муносибати бевосита дошта, дар як ҳудуди ҷуғрофӣ зиндагӣ мекунанд. Ба назари мо, танҳо дар мисоли лаҳҷаҳои тоҷикии Бадахшон аз хусуси таъсир бо самараи забонҳои помирӣ метавон сухан ронд, зеро омилҳои ҷуғрофии таърихӣ ва этникӣ ба ин шароит фароҳам овардаанд. Бесабаб нест, ки А.З.Розенфелд аз 1620 калимаи хоси лаҳҷаҳои тоҷикони Бадахшон бештар 240 - тоаш ё худ 15 фоизашро ҳамчун бо унсурҳои бо забонҳои помирӣ муштарак маънидод кардааст [118,106]. Муаллиф ба ҳамин ҷиҳати лаҳҷаҳои мазкур ишора карда менависад:

«Лаҳҷаҳои Бадахшон аз бобати лексика аз дигар лаҳҷаҳои гурӯҳи ҷануби шарқӣ фарқи зиёд доранд. Пеш аз ҳама чун қоидаи лексикаи лаҳҷаҳои Бадахшон аз «помиризмҳо», хусусан, аз калимаҳое, ки бо гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ - рӯшонӣ умумият

доранд, саршор аст» (469). Ин андешаи муҳаққиқ ба ҳақиқати инъикоси лексикаи лаҳҷаҳои мазкур мувофиқат менамояд.

Дар гурӯҳҳои дигари лаҳҷаҳои шеваи Вахиё бошад, теъдоди калимаҳои бо забонҳои помирӣ муштарак тадриҷан маҳдуд шуда мераванд. Сабаби ин ҳам равшан аст: онҳо аз забонҳои помирӣ нисбатан дур буда, алоқаи худро ҳатто ба воситаи шеваи ҷанубӣ - шарқӣ (Ванҷу Дарвоз) нигоҳ медоранд. Ба ҳамин тариқ, умумияти лексикаи лаҳҷаҳои Вахиё бо забонҳои помирӣ, пеш аз ҳама, бо ду роҳ ҷараён мекунад:

1. Калимаҳое, ки бо ин ё он забони помирӣ ва қисми бештари лаҳҷаҳои Вахиё умумианд. Мисли **ғажд - ифлос,** чиркин (дар ноҳияҳои Рӯшон – Шуғнон - низ **ғажд**), **мак** – **хекиртак** (дар забонҳои рӯшонӣ ва шуғнонӣ низ **мак**), **теф - қанот, бол**: **шона** (дар рӯшонӣ ва шуғнонӣ **теф**), **чъхт - рост** (дар ишкошимӣ. **Чъхт** – **сақфи хона**), **ғурък** – **хом**, меваи нопӯхта (дар Ишкошим низ **ғурък**) ва ғайра;

2. Унсурҳои луғавии муштараки лаҳҷаи Вахиё бо забони тоҷикӣ ва забонҳои помирӣ барои нишон додани қаробати ҳаёти моддию маънавӣ, ҷараёни зиндагӣ, ҷараёни меҳнат, урфу одат ва шароитҳои ҷуғрофии мардуми тоҷик далели барҷаста мебошад. Ба ин маънӣ чунин воҳидҳои луғавӣ на фақат маводи асарҳои лингвистӣ ҳисоб меёбанд, балки онҳо манбаи муҳимми тадқиқотӣ ҳам ба шумор мераванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Андреев М. С. Этнографический очерк Вахио.- Тв 1989,- 93с.
2. Додихудоев Р. Х. Памирская микротопонимия. – Душанбе, 1975. – 165с.
3. Исмоилов Ш. Муносибати лексикаи лаҳҷаи Қаротегин бо баъзе аз забонҳои помирӣ // Масъалаҳои забони тоҷикӣ (маҷмӯаи илмӣ) –Душанбе, 1991. – С 3- 15.
4. Каримова А. Оид ба муносибати луғавии забонҳои помирӣ ва шеваҳои тоҷикӣ // Масъалаҳои шевашиносии тоҷик.Ҷ .1.– Душанбе: Дониш, 1970. – С 191- 197.
5. . Кисляков Н.А. Охота таджиков долины р. Хингоу, в быту и в фольклоре. – СЭ, 1937, №4 стр 104- 119.
6. Кисляков Н. А. Следы первобытиного коммунизма у горных таджиков Вахио – Боло М.Л., 1936. 160 стр №2.
7. Махмудов М. Ҷӯраев Ғ. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ (лаҳҷаҳои ҷанубӣ). – Душанбе: Дониш. – 1997. –288 с.
8. Махадов М. Припянджские говоры таджиков Дарвоза // Автореф. дисс. на соис. уч. степ, канд. филол. наук. – Душанбе.1972. –24с.
9. Неменова Р. Л. Язык таджиков Каротегина и Дарвоза // Таджики Каратегина и Дарвоза. Вып. 1– Душанбе: Дониш, 1966. – С 72-77
10. Розенфельд А.З.Дарвазские говоры таджикского языка//Труды Института языкознания, Вып. 6, АН СССР, 1956. – 252с.
11. Розенфельд А.З. Говоры Каротегина //Труды АН. Тадж. ССР. Т. XVIII. – Сталинабад, 1960. – 106 с.
12. Розенфельд А.З. Заметки по лексики Ванджских говоров таджикского языка // Иранский сборник. –М. 1963. – С. 68-80.

ПАМИРСКИЕ СЛОВА В ДИАЛЕКТЕ ВАХИО

В данной статье рассматриваются памирские слова в составе диалекта Вахио. Особое внимание уделено составу данного диалекта.

Ключевые слова: памирские слова, история, литературный язык, язык диалектов, структура, устная речь, местность, народ, обычаи, норма, обогащение.

PAMIR WORDS IN VAKHYO DIALECT

This article is considered Pamir words in the composition of Vakhyo dialect. The main question devoted to the composition of this dialect.

Key words: pamir words, history, literary language, the language of dialect, structure, oral speech, locality, people, customs, norm, improvement.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***И.Умаров*** **-** соискатель Таджикского национального университета.

РОЛИ ВОСИТАҲОИ ГРАММАТИКӢ ДАР ШАКЛГИРИИ МАЪНОИ ЗАМОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

М.Ҷ. Мирзоева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Роли пайвандакҳои тобеъкунанда дар шаклгирии маънои замон дар ҷумлаи пайрав муҳим аст, гоҳо бо ёрии онҳо тобишҳои маъноие ифода карда мешаванд, ки бо пайвандакҳои дигар ва бо ибораи масдарӣ баён карданашон мушкил ё номумкин аст. Пайвандакҳои ***пеш аз он ки, пештар аз он ки*** серистеъмол набошанд ҳам, тобишҳои маъноие доранд, ки дар қолаби ҷумлаи сода ифода карданашон ба фикр тобиши бениҳоят баланди услуби китобӣ медиҳад, аз ин рӯ нависанда бо мақсади ба услуби муошират наздиктар сохтани сабки худ, аз қолаби ҷумлаи мураккаб истифода карданро авлотар медонад: *Падару модарам, пештар аз он ки ман ба олами вуҷуд оям, гами умрдарозии маро хӯрда, сарамро «ба мазори Идрис-пайғамбар» назр карда будаанд*…(СҶ 67: 23). *Бехи ҷуворимакка, пеш аз он ки дар гирад, соате дуд мекард (СҶ 67: 60)*.

Чунонки аз ҷумлаи боло дида мешавад, ифодаи замон бо ёрии ҷумлаи пайрав нисбат ба роҳҳои дигари ифода чанд фарқ дорад. Категорияи замон бештар бо воситаи зарфи замон аз ҳама равшан ифода гардад ҳам, ҷумла, ки воҳиди иртиботӣ аст, имкониятҳои бештари ифодаи замонро бо фарогирии категорияҳои дигар – шахсу шумора, замони воқеъгардии хабари ҷумла дорад. Барои мисол як ҷумлаи мураккабро ба ҷумлаи сода баргардонда, муқоиса мекунем: *Бехи ҷуворимакка, пеш аз он ки дар гирад, соате дуд мекард (СҶ 67: 60) – Бехи ҷуворимакка пеш аз дар гирифтан соате дуд мекунад.*

Дар повести «Субҳи ҷавонии мо» дигар ҷумлае ба назар нарасид, ки бо пайвандаки ***пештар аз он ки*** ва ***пеш аз он ки*** омада бошад. Албатта, ҳангоме ки сухан дар бораи муродифоти ибораҳои масдарӣ бо ҷумлаҳои пайрав меравад, мо ба ҷойи ҳамдигар омадани онҳоро ба табиати сохтории забонамон вобаста медонем, лекин созгор наомадани ҳамнишинии овозҳо, яъне таъсири табиати овозии забон низ гоҳо ба ин ҳодиса таъсир мерасондааст. Дар мисоли аввал ҳамин ҳодисаро равшан мушоҳида кардан мумкин аст. *Падару модарам, пештар аз он ки ман ба олами вуҷуд оям, гами умрдарозии маро хӯрда, сарамро «ба мазори Идрис-пайғамбар» назр карда будаанд (*СҶ 67: *23)*. *Падару модарам пеш аз ба олами вуҷуд омадани ман…* Дар ин ҷо паҳлуи ҳам омадани ду пешоянд *пештар аз* ва *ба* боиси як нуқсони услубӣ - танофури калимот гашта, имкон намедиҳад, ки дар мавриди мазкур замон аз қолаби ҷумлаи пайрав ба ибораи масдарӣ баргардонда шавад. Дар акси ҳол лозим мешавад, ки пешоянди таркибии *пештар аз* бо зарфи замони *ҳанӯз* ва хабари ҷумла ба шакли инкорӣ баргардонда шавад ва дар ин ҳолат ҷумлаи пайрав бо ибораи: *Падару модарам ҳанӯз ман ба олами вуҷуд наомада…* табдил дода шавад.

Пеш аз он ки дар он гӯша корпуси нави табобатхона рост шавад, роҳи мардуми бисёре аз ҳамон самт мегузаштааст (ПК 74: 78).

Ҷумлаҳои пайрави замонро ба ибораи масдарӣ баргардонидан дар мавриди алоқаманд шудани онҳо ба сарҷумла бо пайвандаки *ҳар гоҳ ки / ҳар гоҳе ки* суфтагии ифодаро гум мекунад ва қолаби баёни фикр ҳам ба меъёри забони адабӣ номувофиқ мегардад. Таваҷҷуҳ кунед: *Ҳар гоҳ ки ба хонаи мо аз хешу табор ё аз ҳамсояҳо касе меомад, ман Мирзодиккакро номаълумакак ба наздаш мемондам. (СҶ 67: 44); Ҳар гоҳ ки мо дар ягон ҷо андак қарор мегирифтем, вай даррав заминро бӯй карда, хобиданӣ мешуд; модарам тарсида моро ҷеғ мезад, ягонтои мо давида рафта харро зада, аз хобидан манъ мекардем (СҶ 67: 67)*. - *Ҳар гоҳи ба хонаи мо омадани хешу табор …* Аз мисолҳои бо ин пайвандак аз ҷониби мо таҳлилшуда, ҳамин чизро собит мекунанд. Бо пайвандаки ҳар боре ки низ айнан ҳамин гуна аст: *Ҳар боре ки ба наздаш якто-дуто занҳои коргарони завод меомаданд, хурсанд мешуд, онҳоро бо ҷону дил меҳмондорӣ мекар. (СҶ 67: 109)*.

Агар дар мисолҳои бо пайвандаки *ки* овардашуда мо муносибати ҳамзамониро мушоҳида кунем, дар ҷумлаҳои пайрави замон, ки бо пайвандаки *ҳамин ки* ба сарҷумла тобеъ шудаанд, фосилаи байни амали сарҷумла ва ҷумлаи пайрав хеле кам мегардад. Амали сарҷумла бевосита пас аз амали ҷумлаи пайрав оғоз меёбад: *Ҳамин ки деҳа ба қабзаи босмачиён медаромад, дасти бою мулло баланд мегардид ва мардуми бечора ба*

танг меомаданд. (СҶ 67: 185); *Ҳамин ки ман ин гапро шунидам, даррав аз даҳанаи таги девор худамро ба кӯча гирифта ба ин тараф давидам* (СҶ 67: 186). Ҳам пайвандаки *ҳамин ки* ва ҳам пешоянди *бо* ба замони амале далолат мекунанд, ки якбора, фавран ичро мешаванд: *Бо даромадани деҳа ба қабзаи босмачён дасти бою мулло баланд мегардид ва мардуми бечора ба танг меомаданд.* Ифодаи фикр дар қолаби ҷумлаи мураккаб дар мисоли *Ҳамин ки деҳа ба қабзаи босмачиён медаромад…* дар шакли ҳикоягӣ (бо пешванди шаклсози ме-) омадани хабари ҷумла такрорӣ будани амалро барҷаста ифода мекунад, қолаби ҷумла мураккаб бошад ҳам, оҳанги гуфтори муошират нисбат ба ҷумлаи содаи ҳосилаи *Бо даромадани деҳа ба қабзаи босмачиён…* равшантар аст. Чунончи дар мисоли зерин, ки замон бо ёрии пешоянди бо ифода шудааст, фаврияти ичрои амал тамоман ба назар намерасад, балки ба яккарата ва бебозгашт будани он ишора мекунад: *Бо ҳамин рафтанаш вай дигар ба мактаб наёмад*.

Яке аз пайвандакҳои серистеъмолтарин дар ифодаи маънои замон дар забони тоҷикӣ пайвандаки *вақте ки* аст. Ин пайвандак маъмулан дар аввали ҷумлаи пайрав омада, дар ин маврид ҷумлаи пайрав низ пеш аз сарҷумла меояд, пас аз амали ҷумлаи пайрав ба вуқӯъ омадани амали сарҷумларо мефаҳмонад: *Вақте ки резаворфурӯш хӯрҷинро ба китфаш партофта равон шуд, мо ҳам аз қафояш рафтем (СҶ 67: 47). Вақте ки мо аз деҳа баромадем, амакам охирин бор ба падарам гуфт… (СҶ 67: 50). Вақте ки ба поезд нишастем, ман дар ин бора ба падарам савол додам (СҶ 67: 53)*.

Дар мавридҳои боло амали ҷумлаи пайрав худаш таъҷилӣ нест, аз ин рӯ амали сарҷумла ҳам гарчи қариб баробари амали ҷумлаи пайрав сурат мегирад, ба назар чунин мерасад, ки характери таъҷилӣ надорад ва оҳиста-оҳиста тадриҷан ба амал меояд.

Ҳангоми ба ҷумлаи сода баргардонидани ин гуна ҷумлаҳои мураккаб ҷойи баъзе аъзои ҷумла тағйир ёфта, ҷумлаи пайрав ба ибораи масдарӣ табдил меёбад *Вақти хӯрҷинро ба китфаш партофта равон шудани резаворфурӯш мо ҳам аз қафояш рафтем*. Агар дар ҷумлаи пайрави ҷумлаи мураккаб ибтидои амал эҳсос шавад, дар ҷумлаи сода тобиши маъноии ибтидои амал гум мешавад. Ин пеш аз ҳама ба он алоқаманд аст, ки ҷумлаи пайрав ба ибораи масдарӣ баргашт ва худи масдар замон надорад. Ин муносибатро дар ҷумлаҳои дигар низ дидан мумкин аст:
Вақте ки мо аз деҳа баромадем, амакам охирин бор ба падарам гуфт…- Вақти аз деҳа баромадани мо амакам охирин бор ба падарам гуфт…
Муносибатҳои маъноии мазкурро дар шаклҳои гуногун овардан мумкин аст. Аммо чизе, ки нависанда таъкид кардан мехоҳад, дар ҳосилаҳои гуногун метавонанд тағйир ёбанд. Масалан, дар ҷумлаи *Вақте ки резаворфурӯш хӯрҷинро ба китфаш партофта равон шуд, мо ҳам аз қафояш рафтем,* - амали ҷумлаи пайрав, амали резаворфурӯш таъкид меёбад. Ҳангоми ба ҷумлаи сода баргардонидан дар қолаби *Вақти хӯрҷинро ба китфаш партофта равон шудани резаворфурӯш мо ҳам аз қафояш рафтем*. – низ ҳамон амали резаворфурӯш таъкид меёбад, аммо агар дар ҷумлаи соддаи мазкур мубтадо дар ҷойи муқаррариаш оварда шавад, ин таъкид аз байн рафта амали мубтадо (сарҷумлаи аслӣ) дар мадди аввал мебарояд *Мо ҳам вақти хӯрҷинро ба китфаш партофта равон шудани резаворфурӯш аз қафояш рафтем*. Дар ҷумлаҳои дигар низ айнан ҳамин гуна аст. Оё воқеан амали резаворфурӯш дар мадди назари нависанда аст ё чизи дигар. Инро матн равшан мекунад:

Бародарам Азизхон дар айвон хӯрҷинро ба ман нишон дода гуфт:
- Биё, Мирзодиккакро ба даруни ин хӯрҷин андохта мемонему мардакро метарсонем. Мардак ба бозор рафта хӯрҷинашро кушояд, Мирзодиккак мебарояд, вай метарсад…

Бозича ба хӯрҷин андохта шуд. Вақте ки резаворфурӯш хурҷинро ба китфаш партофта равон шуд, мо ҳам аз қафояш рафтем (СҶ 67: 47).
Воқеан ҳам дар маркази диққати нависанда ҳамин резаворфурӯш меистад.

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки ҷумлаи пайрав ба сарҷумла бо пайвандаки *вақте ки* тобеъ шудааст, ҷонишинии таъкидии *ҳар* илова шавад, як хусусияти дигар мегирад. Ҷумлаи пайрав бо пайвандаки *вақте ки* ба амале далолат мекунад, ки ҳудуд ё карати такроршавии амал маҳдуд аст: *Вақте ки мо дар таги теппа бо ҳам видоъ мекардем, вай гуфт…* (СҶ 67: 162) - Дар шакли сиғаи хабарӣ омадани хабари сарҷумла яккарата будани амали сарҷумларо мефаҳмонад, дар шакли тобиши аорист доштани хабари ҷумлаи пайрав бошад, давомнокии амалро мефаҳмонад. Дар сиғаи хабарӣ

омадани хабари сарҷумла ба он далолат мекунад, амали ҷумлаи пайрав давомнок бошад ҳам, яккарата аст. Умуман дар ин гуна мавридҳо яккарата ё бисёркарата будани амали ҷумлаи пайрав ба хабари сарҷумла вобастагӣ дорад. Агар хабари сарҷумла дар сиғаи хабарӣ омада бошад, амали ҷумлаи пайрав новобаста ба он, ки дар кадом шакл аст, яккарата мебошад, агар хабари сарҷумла дар шакли аорист омада бошад, новобаста ба чигунагии хабари ҷумлаи пайрав, бисёркарата аст. Агар ҳам хабари ҷумлаи пайрав ва ҳам хабари сарҷумла дар шакли ҳикоягӣ омада, тобиши аорист дошта бошанд, бисёркарата будани амали ҳам сарҷумла ва ҳам ҷумлаи пайравро мефаҳмонанд: *Вақте ки маро хоб мебурд, вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар мегуфт* (СҶ 67: 116). Агар хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист ояд, хабари сарҷумла ҳатман дар дар шакли замоние меояд, ки тобиши аорист гирифта, бисёркарата будани амалро мефаҳмонад. Ба ҷадвал таваҷҷуҳ кунед:

1	*Вақте ки мо дар таги теппа бо ҳам видоъ мекардем, вай гуфт.*	Амали ҷумлаи пайрав яккаратаи давомдор	Муродиф бо 2, 3, 4
2	*Вақте ки маро хоб бурд, вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар гуфт.*	Амали ҷумлаи пайрав яккарата	Муродиф бо 1, 3, 4
3	*Вақте ки маро хоб мебурд, вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар мегуфт.*	Амали ҷумлаи пайрав бисёркарата	Муродиф бо 1, 2 Вариант бо 4
4	*Вақте ки маро хоб барад, вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар мегуфт.*	Амалии ҷумлаи пайрав бисёркарата	Муродиф бо 1, 2, Вариант бо 3

Қолабҳое, ки дар ҷадвал оварда шудаанд, бо тобишҳои маъноӣ аз ҳам фарқ мекунанд ва онҳоро мо наметавонем варианти ҳамдигар шуморем. Онҳо бешубҳа муродифоти баробарсатҳи грамматикианд. Танҳо ҷумлаҳои сеюм ва чорум дар назари аввал айнан як маъноро ифода карда ба варианти ҳамдигар монанд бошанд ҳам, онҳоро наметавон вариант гуфт, зеро дар ҷумлаи чорум баръакси ҷумлаи сеюм тобиши иловагии маъноӣ пайдо шуд, дар он маънои шарт пурқувват аст.

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави замон гоҳо таркиби пайвандаки *вақте ки* –ро аз ҳам дур кардан мумкин аст:

Вақте ки маро ба хонаамон оварданд, зан дар берун, дар дами дарвоза, ба ароба савор шуда истода буд (СҶ 67: 172).	*Вақте маро ба хонаамон оварданд ки, зан дар берун, дар дами дарвоза, ба ароба савор шуда истода буд.*
Вақте ки Хиромон ин воқеаро хандакунон ҳикоят мекард, дар паҳлӯи пояи кран буд…(ПК 74: 14).	*Вақте Хиромон ин воқеаро хандакунон ҳикоят мекард ки, дар паҳлӯи пояи кран буд…*

Дар мисолҳои боло хабари ҷумлаи пайрав дар замони гузаштаи мутлақ омада, пас аз амали сарҷумла воқеъ мегарданд, аз ин рӯ мумкин мегардад, ки таркиби пайвандак аз ҳам дур карда шавад.

Дар мисолҳои зерин бошад, хабари ҷумлаи пайрав дар шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ омада, амали ҷумлаи пайрав пеш аз амали сарҷумла воқеъ мегардад ва ҷойи ҷузъҳои пайвандаки таркибии *вақте ки* тағйир намеёбад: *Вақте ки маро хоб мебурд, вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар мегуфт* (СҶ 67: 116). *Вақте ки Иброҳимҷон бо ӯ дар як утоқ – дар палатаи дувоздаҳум мезист, мӯйсафед рӯйи кат чорзону зада, сар ба муроқиба мебурд…* (ПК 74: 81). Агар ҷузъҳои пайвандак дар ин ҷумлаҳо тағйир дода шавад, амали ҷумлаи пайрав чун натиҷаи амали сарҷумла зоҳир гардида, маънӣ тамоман тағйир меёбад ва гоҳо ба мантиқи муҳокимаронӣ рост намеояд. Таваҷҷуҳ кунед:

Вақте ки маро хоб мебурд, вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар мегуфт (СҶ 67: 116).	*Вақте маро хоб мебурд ки, вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар мегуфт*
Вақте ки Иброҳимҷон бо ӯ дар як утоқ – дар палатаи дувоздаҳум мезист, мӯйсафед рӯйи кат чорзону зада, сар ба муроқиба мебурд… (ПК 74: 81).	*Вақте Иброҳимҷон бо ӯ дар як утоқ – дар палатаи дувоздаҳум мезист ки, мӯйсафед рӯйи кат чорзону зада, сар ба муроқиба мебурд…*

Яъне агар ба ҷойи *Вақте ки Иброҳимҷон бо ӯ дар як утоқ – дар палатаи дувоздаҳум мезист, мӯйсафед рӯйи кат чорзону зада, сар ба муроқиба мебурд…* (ПК 74: 81), ҷузъҳои пайвандакро аз ҳам дур карда, *Вақте Иброҳимҷон бо ӯ дар як утоқ – дар палатаи*

дувоздаҳум мезист ки, мӯйсафед рӯйи кат чорзону зада, сар ба муроқиба мебурд… гӯем, тамоман хилофи мантиқи муҳокима мешавад.

Аз ҳам дур шудан ё нашудани ҷузъҳои пайвандаки *вақте ки* ба шаклҳои хабари ҷумлаи пайрав вобаста набуда, балки ба як чиз – пеш аз ё пас аз амали сарҷумла воқеъ гардидани амали ҷумлаи пайрав вобаста аст. Агар амали ҷумлаи пайрав пеш аз амали сарҷумла воқеъ гардад, ҷузъҳои пайвандакро аз ҳам дур кардан номумкин аст. Мисолҳои мушоҳидашуда низ нишон медиҳанд, ки танҳо дар сурати пас аз амали сарҷумла воқеъ гардидани амали ҷумлаи пайрав ҷузъҳои пайвандаки *вақте ки* аз ҳам дур омада метавонанд:

Вақте ман дидам, ки падарам аз нияташ гашт, хурсанд шуда гиряро бас кардам ва хоҳони зудтар ба хона бозгаштани ӯ шудам (СҶ 67: 169)	*1.Вақте ки ман дидам падарам аз нияташ гашт, хурсанд шуда гиряро бас кардам ва хоҳони зудтар ба хона бозгаштани ӯ шудам.* *Вақте ки ман аз нияташ гаштани падарамро дидам, хурсанд шуда гиряро бас кардам ва хоҳони зудтар ба хона бозгаштани ӯ шудам.*

Калимаи *вақте* ҳамчун ҷузъи пайвандак дар дохили ҷумлаи пайрав боқӣ мемонад. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави замон як хусусияти аҷиб доранд. Гоҳо бо тағйир додани пайвандак ҷойи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав иваз мешавад, яъне ҷумлаи пайрав ба сарҷумла ва сарҷумла ба ҷумлаи пайрав табдил меёбанд: *Вақте ман ҷавоб додам ки, мо бо ҳамдигар ҷанг намекардем ва даст ба гиребон намешудем* (СҶ 67: 154). Дар ин ҷумла *вақте ман ҷавоб додам ки* ҷумлаи пайрав ва *мо бо ҳам ҷанг намекардем*… сарҷумла аст. Аммо *Вақте ки мо бо ҳам ҷанг намекардем…, ман ҷавоб додам* гӯем, баръакс мешавад. Ин хусусият дар ҷумлаҳои дигари пайрав дида намешавад. Ба андешаи мо, маҳз ана ҳамин хусусияти ҷумлаҳои пайрави замон боиси гуногунандешӣ дар бораи сарҳади ҷумлаи пайраву сарҷумла ва калимаҳои ҳамнисбату пайвандакҳо гаштааст, ки ин мавзӯи баҳси дигар хоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Дониш, 1989.-423с.
2. Рустамов Ш. 1988 - Рустамов Ш. Мушкилоти синтаксис. – Душанбе: Маориф, 1988.-340с.
3. Тоҷиев Д. 1981 - Тоҷиев Д. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1981.-219с.
4. Ҳусейнов Х. 1960 - Ҳусейнов Х. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Сталинобод, 1960.121с.

Манбаъ

1. ПК 74 - Муҳаммадиев Ф. Палатаи кунҷакӣ.- Душанбе: Ирфон, 1974.-367с.
2. СҶ 67 - Улуғзода С. Субҳи ҷавонии мо.- Душанбе: Ирфон, 1967.-376с.

РОЛЬ ГРАММАТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ СВЯЗЫ В ОБРАЗОВАНИИ ЗНАЧЕНИЯ ПРИДАТОЧНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ ВРЕМЕНИ

В статье рассматривается роль различных подчинительных союзов в образовании значения времени в сложноподчиненных предложениях. Особое внимание выделяется синонимии и чередовании данных союзов.

Ключевые слова: грамматические средства связы, синонимия, вариант, вариативность, сложное предложение, придаточное предложение.

THE ROLE OF THE GRAMMATICAL FACILITIES RELATIONSHIP IN FORMATION IMPORTANCE OF SUBORDINATIVE CLAUSE OF TIME

The role different subordinative conjunction considered in article in formation of importance of time in complex sentences. Paid much attention to the problem of synonymy and interleaving dated conjunction.

Key words: grammatical facilities relationship, the synonymy, variant, compound sentence, subordinative clause of time.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М.Дж. Мирзоева*** **-** кандидат филологических наук, доцент кафедры стилистики и литературного редактирования факультета журналистики Таджикского национального университета.

ДАСТОВАРДҲОИ НАВИНИ ЛЕКСИКОГРАФИЯИ ТОҶИК

Абдусалом Мамадназаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Илми луғатнигории амалии тоҷик ё лексикография таърихи қадима дошта, марҳилаҳои мухталифи ташаккул ва такомулро аз сар гузаронидааст. Доир ба таҳлилу баррасии луғоту фарҳангҳо асару мақолаҳои зиёд таълиф шудаанд, вале мавзӯи таҳқиқоти худро мо ба дастовардҳои навини лексикографияи тоҷик дар ду даҳсолаи охир маҳдуд менамоем, ки он аз мадди назари муҳаққиқон то дараҷае дур мондааст. Албатта, таҳлил ва таҳқиқи ҳамаи фарҳангҳо ва луғатномаҳое, ки дар ин ду даҳсола чоп шудаанд, дар доираи як мақола аз имкон берун аст, зеро аз соли 1991 то соли 2011, то ҳадде ки мо иттилоъ дорем, зиёда аз 70 фарҳанг ва луғатномаҳои хурду бузурги гуногун ба чоп расидаанд. Пажӯҳиши мо яке аз баррасиҳои аввалин дар ин мавзӯъ мебошад.

Мавзӯи таҳқиқу таҳлили мазкурро метавон ба се бахш тақсим кард. Бахши аввал ба фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ бахшида мешавад, яъне фарҳангҳое, ки дар онҳо манбаъ ва ҳадафи омӯзиш забони тоҷикӣ мебошад. Дар бахши дуюм фарҳангҳои навини дузабона ё тарҷумавӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ин бахшро метавон шартан ба ду қисм ҷудо кард. Қисми аввал ба фарҳангҳое бахшида мешавад, ки забони хориҷӣ дар онҳо манбаи омӯзиш ва забони тоҷикӣ ҳадафи омӯзиши забон, мисли фарҳангҳои англисӣ-тоҷикӣ, немисӣ-тоҷикӣ, арабӣ-тоҷикӣ ва ғ. қарор гирифтаанд. Дар қисми дуюм фарҳангҳое мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки дар онҳо забони тоҷикӣ манбаи омӯзиш ва забони хориҷӣ ҳадафи омӯзиши забон аст, яъне мисли фарҳангҳои тоҷикӣ-англисӣ, тоҷикӣ-русӣ ва ғ. мебошад. Бахши сеюм ба фарҳангномаҳои соҳавӣ ё истилоҳӣ бахшида шудааст. Дар ин гуна фарҳангҳо, одатан, забони русӣ ё англисӣ ҳамчун манбаи омӯзиш ва забони тоҷикӣ ҳамчун ҳадафи омӯзиш қарор мегиранд. Фарҳангҳое, ки дар онҳо забони тоҷикӣ ҳамчун манбаи омӯзиш ва забони хориҷӣ ҳадафи омӯзиш қарор гирифтааст, камтар ба назар мерасад.

1. Фарҳангҳои тафисрии якзабона. Нахустин фарҳанг ё луғат, ки давраи баррасии моро оғоз мебахшад, «*Луғати имло*»-и Абдуқодир Маниёзов ва Абдусаттор Мирзоев мебошад, ки дар соли 1991 аз тарафи нашриёти «*Маориф*» ба чоп расида буд ва дар он қариб 30 ҳазор калима, таркиб ва ибораҳои забони адабии тоҷик гирд оварда шудаанд. Луғат мувофиқи «*Қоидаҳои имлои забони адабии тоҷик*» (Душанбе: Ирфон, 1972) тартиб дода шудаст. Амалан, ин луғати имло чорумин луғати орфографӣ мебошад, ки пас аз қабули алифбои кириллӣ (1940) таҳия шуда буд. Ёдовар мешавем, ки се луғати имлои пешин (с. 1953 бо 8 ҳазор, с. 1959 бо 16 ҳазор ва с. 1974 бо 40 ҳазор воҳиди луғавӣ) аз тарафи Я.И. Калонтаров таҳия гардида буданд. Муаллифон дар сарсухан рӯйхати адабиёти истифодашударо наовардаанд. Аз луғатҳои имлоии пешин фақат «*Луғати орфографӣ*»-и соли 1959 ёдовар шудааст. «*Луғати имлои забони адабии тоҷик*»-и Я.И Калонтаров (1974), ки қариб аз 40 ҳазор калима иборат аст ва низ дар асоси «*Қоидаҳои имлои забони адабии тоҷик*» (Душанбе: Ирфон, 1972) таълиф шудааст, дар пешгуфтор зикр нагардидаст. Пеш аз луғат тартибдиҳандагон қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик (1972)-ро овардаанд.

Дар соли 1998 қоидаҳои нави имлои забони адабии тоҷик, бо дигаргуниҳои назаррас дар имло, тартиб ва номи ҳарфҳо дар алифбо ва кам кардани шумораи ҳарфҳо аз 39 то ба 35 қабул гардиданд (*Имлои забони тоҷикӣ*, Душанбе: Ирфон, 1999). Аз алифбои тоҷикӣ ҳарфҳои «ц», «ь», «щ» и «ы» соқит шуданд. Ниҳоят, соли 2011 баъзе иловаҳо ба қоидаҳои имлои соли 1998 ворид карда шудаанд, ки ин иловаҳо ва дигаргуниҳои шашумин дар имлои забони адабии тоҷик аз давраи ба алифбои кириллӣ гузаштани забони тоҷикӣ мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамаи ин дигаргуниҳои ба қоидаҳои имло воридкардашуда, ҳанӯз дар луғати муосири имлои забони адабии ҳозираи тоҷик инъикос наёфтаанд. Бо дарназардошти он ҳараҷу мараҷе, ки дар имло дар матбуот ва нашрияҳои муосир ба назар мерасад зарур аст, ки фарҳангнигорони тоҷик луғати имлои муосирро тартиб ва ҳар чи тезтар дастраси ҷомеа гардонанд.

Бо вуҷуди дастовардҳои назарраси фарҳангнигории тоҷик баъзе категорияҳои муҳими лексикӣ-семантикии забони тоҷикӣ то дараҷае берун аз назари муҳаққиқони

забон монда буданд. Хушбахтона, дар соли 1992 бо кӯшиши Шаҳбоз Кабиров аввалин ва ягона «*Фарҳанги тафсирии омонимҳои забони тоҷикӣ»* дар фарҳангнигории тоҷик таҳия ва чоп гардид. Фарҳанг зиёда аз ду ҳазор ҷуфтҳои омонимиро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор медиҳад. Дар пешгуфтор муаллиф ақидаҳои забошиносонро доир ба омонимҳо мавриди таҳқиқ қарор дода, моҳияти омонимҳоро дар омӯзиши забони тоҷикӣ таъкид кардааст. Дар фарҳанг маъноҳои асосӣ ва иловагии ҷуфтҳои омонимиро тафсир карда, муаллиф аз адабиёти классикӣ далелу бурҳонҳои фаровон овардааст. Аз соли нашри ин фарҳанги пуразриш зиёда аз 20 сол гузашт ва имрӯз он ба рӯйхати фарҳангҳои камдастрас, нодир ворид гардидааст ва хуб мешуд, агар муаллиф онро бори дуюм такмил ва илова намуда, дастраси донишҷӯён ва устодон мегардонид.

Соли 1992 нашриёти «*Адиб»* «*Фарҳанги мухтасари Шоҳнома»*-и Иброҳим Ализодаро бо такмилу тасҳеҳ ва таҳрири Ҳофиз Рауфов ва Зоҳир Аҳрорӣ ба табъ расонидааст, ки барои амиқу дуруст дарк кардани абёти баландғояву мушкилписанди Абулқосим Фирдавсӣ кумаки зиёд мерасонад. Мусаввадаи ин луғати И. Ализодаро, ки тахминаи дар солҳои 50-60 садаи гузашта навишта шудаст Ҳ. Рауфов ва З. Аҳрорӣ такмилу таҳрир дода бо муқаддимаи муфассале бо номи *Ба ҷойи пешгуфтор* [с. 3-16] ба чоп ҳозир намуданд. Дар ин пешгуфтор очерки мухтасари таърихи навиштани луғатномаҳои «*Шоҳнома»* дар ҷаҳон ва дар Иттиҳоди Шӯравӣ таҳия гардидааст. Дар пешгуфтор теъдоди луғат мушаххас нашудааст, вале аз рӯйи ҳисоби мо, дар он тахминан ҳафт ҳазор калима бо иқтибоси байтҳо аз «*Шоҳнома»* шарҳу тафсир гардидааст.

Соли 1992 бо кӯшишу заҳмати Амон Нуров «*Чароғи Ҳидоят»-и* Сироҷуддин Алихони Орзу – яке аз машҳуртарин фарҳангҳои тафсирии форсӣ-тоҷикӣ, ки соли 1734 таълиф шудааст, аз тарафи нашриёти «*Ирфон»* бо хати кириллии тоҷикӣ ба чоп расид. Ҳарчанд фарҳанг теъдоди на он қадар зиёд – ҳамагӣ 2075 калимаю ибораро дар бар гирифта бошад ҳам, он сарчашмаи муҳиму муътабари фразеологиест, ки аз он аксари мураттибони минбаъдаи фарҳангҳои тафсирию дузабона истифода бурдаанд.

Соли 1997 «*Фарҳанги масодири забонҳо ва гӯйишҳои эронии Тоҷикистон»* дар ду ҷилд бо кӯшиши Маъсуд Қосимӣ, Азиз Мирбобоев, Сайфиддин Мирзозода ва марҳум Додхудо Кармшоев ба хати форсии тоҷикӣ ва лотинӣ дар нашриёти «*Пайванд»* ба чоп расид. Фарҳанги мазкур дорои панҷ ҳазор моддаи луғавӣ аст. Дар фарҳанг масодири забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он, масодири забони яғнобӣ, гурӯҳи забонҳои шуғнӣ-рӯшонӣ, забони вахӣ, забони ишкошимӣ ва забони язгуломӣ китобат ва тафсир шудаанд, ки нахустин кӯшиш дар роҳи гирдоварии феълҳои ин забонҳо ва гӯйишҳои Тоҷикистон мебошад. Ин фарҳанг бархилофи номаш феълҳои манотиқи форсизабони берун аз марзи Тоҷикистон, монанди шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва Сурхондарёву Кашқадарё ва водии Фарғонаи Ӯзбекистон ва вилояти Оши Қирғизистон ва Чимкенти Қазоқистонро дар бар гирифтааст. Бояд тазаккур дод, ки фарҳангҳои намуди *масодир,* дар баробари фарҳангҳои мавзӯй, асомӣ, алифбой ва фарҳангҳои назмӣ дар давраи классикӣ хеле маъмулу машҳур буданд.

Яке аз асарҳои пуразришу бунёдӣ «*Фарҳанги этимологии забонҳои эронӣ»-и* В. С. Расторгуева ва Д.И. Эделман мебошад, ки дар Москва солҳои 2000, 2003, 2007, мутаносибан, дар се ҷилд таҳия ва ба табъ расидааст. Фарҳанг дар забоншиносии эронӣ нахустин маҷмӯаи бонизоми этимологияи вожаҳои аслии забонҳои зинда ва қадимаи Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Покистон, Россия ва дигар кишварҳо мебошад. Фарҳанг аз рӯйи принсипи решагӣ тартиб дода шудааст: ҳар як моддаи луғавӣ аз решаи реконструксияшудаи эронӣ бо таърих ва давомияти он дар забонҳои қадима ва зиндаи эронӣ иборат мебошад. Ба ин тартиб фарҳанг на фақат захираи этимологияи лексикаи эрониро ба як низом медарорад, балки онро бо системаи забонҳои ҳиндуевропой ҳамоҳанг месозад.

Дар фарҳанг вожаҳои аслии эронӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Одатан, ин вожаҳо барои ҳар яке аз забонҳои эронӣ азалию аслӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, дар баъзе ҳолатҳо вожаҳои иқтибосӣ аз як забони эронӣ ба забони дигар, хусусан дар мавридҳое, ки ин гуна иқтибосҳо барои пуррагии захираи луғавии қадимаи эронӣ мусоидат мекунанд, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Масалан, дар фарҳанг вожаҳои алоҳидаи забонҳои мурда – суғдӣ ва ванҷии қадим, ки аз гӯишҳои маҳаллии забони тоҷикӣ гирифта шудаанд ва вожаҳои алоҳидаи тоҷикӣ, ки дар забони тоҷикӣ

дигар истифода намешаванд, вале дар забонҳои помирӣ ҳифз шудаанд, низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд [Расторгуева В.С., Эделман Д.И., 2000, 11]. Бешубҳа ин фарҳанги пуарзиш барои ҳамаи муҳаққиқони забонҳои эронӣ, аз ҷумла забони тоҷикӣ муроҷеи муфид хоҳад буд. Таҳқиқот барои омода кардани ҷилдҳои чорум ва панҷум давом дорад.

Дар ин давра ба таҳияи луғатномаҳои номҳои тоҷикӣ-форсӣ таваҷҷуҳи бештар дода шудааст, ки дар натиҷа чанд асари муфид ҳам ба табъ расидаанд. Нахуст, «*Фарҳанги номҳои тоҷикӣ*» дар соли 2000 аз тарафи М. Қосимова ва А. Мирбобоев, ки дар чопхонаи «*Пайванд*» ба табъ расидааст, дастраси хонандагон шуд. Чанде пас дар соли 2001 ва баъдан дар соли 2003, бо таҳриру иловаҳо «*Номвожаҳо*» ном луғати Ш. Ҳайдарӣ дар ш. Перм ба чоп расид ва ниҳоят дар соли 2010 «*Фарҳанги номвожаҳои форсии тоҷики*»-и Анвар Шукрии Самарқандӣ бо теъдоди 27 ҳазор номвожаҳо дастарси мардум гардид. Албатта, яке аз мақсадҳои навиштани чунин фарҳангҳо кӯшишест барои бартараф кардани ғалатҳои фаровон дар истифодаи исмҳои хос ва кумакест барои волидайн барои интихоби номҳои хубу зебо ва хушоҳанг.

Дар соли 2003 нашриёти «*Ирфон*» асари Ғ. Ҷӯраев ва С. Фатҳуллоевро бо номи «*Луғати калима ва истилоҳоти нав*» ба чоп омода намуд. Ҳарчанд луғат номи калима ва истилоҳоти навро дорад, аксарияти вожаҳои дар он ҷамъ оварда калима ва ибораҳое мебошанд, ки нав нестанд ва онҳоро дар «*Фарҳанги забони тоҷикӣ*» [1969], ки вожаҳо ва ибораҳои давраи садаҳои X-XX-ро тафсир мекунад, ёфтан мумкин аст. Масалан, аз 44 моддаи калима, ки дар сах. 36-37 ва 88-91 омадаанд, фақат яке – *мултиконфессионалӣ* вожаи нав мебошад. Бояд низ тазаккур дод, ки аксарияти сарвожаҳои ба ном «нав»-и фарҳанг калимаҳои иқтибосии душворфаҳми арабӣ, мисли – мудавван, мудовим, муқаллид, муқассир, муқин, муқтабас, муқтадо мебошанд. Ба фикри мо, агар муаллифон асарашонро «*Фарҳанги вожаҳо ва ибораҳои душворфаҳм*» меномиданд, саҳеҳтар мебуд.

Соли 2006 «*Фарҳанги забони тоҷикӣ*» дар зери таҳрири М. Шакурӣ, В. Капранов, Р. Ҳошим., Н. Маъсумиро, ки соли 1969 дар нашриёти Советская Энсиклопедия дар Москва ба чоп расида буд, бо номи «*Фарҳанги форсии тоҷикӣ*» (дар 2 ҷилд) бо тарҷумаи М. Шуҷоӣ дар Эрон бо хати форсӣ нашр шуда дастраси муҳаққиқон гардид.

Нахустин ва ягона «*Луғати антонимҳои забони адабии тоҷик*», ки аз тарафи Ҳуснигул Талбакова таҳия гардидааст, дар соли 2008 бори дуюм бо таҳлилу иловаҳо нашр шуд ва он таҷрибаи аввалин дар забоншиносии тоҷик мебошад. Дар луғат муаллиф зиёда аз 700 ҷуфти антонимҳоро гирд оварда мавриди таҳлил ва тафсир қарор додааст. Дар ҳар як ҷуфти антонимии калимаҳо на фақат маънои зидди луғавӣ ифода шудаанд, балки тавассути ин маъноҳо робитаҳои муродифӣ ва мавридҳои истеъмоли он калимаҳо низ таҷассуми бевоситаи худро ёфтаанд. Дар луғат аввал маъноҳои аслӣ, баъд вожаҳои антонимие, ки ба маънои маҷозӣ меоянд, оварда мешавад. Луғати мазкур барои донишҷӯёни макотиби миёна ва олӣ, ҳамчунин барои кормандони матбуот ва ходимони илм муроҷеи судманд мебошад.

Табиист, ки забон ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ ҳамеша дар ҳоли инкишофу такомул ва тағйиру таҳаввул буда, пайваста мафҳумҳои нав ва маълумоти тозаи фаровон тавассути расонаҳои мухталифи ахборӣ ба он ворид мегардад. Маъмулан, ин гуна воситаҳои ифода дар фарҳангҳои тафсирии забон танзим, такмил ва нигоҳдорӣ мешаванд. Дар забони тоҷикӣ то имрӯз чунин нақшро «*Фарҳанги забони тоҷикӣ*» (с. 1969) мебозид, ки он ҳам бештар барои омӯзишу таҳқиқи забони адабиёти классикӣ ба кор меравад [ФТЗТ, 8]. Имрӯз аз чопи «*Фарҳанги забони тоҷикӣ*» *43 сол* мегузарад. Дар тӯли ин муддат дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон рӯйдодҳои басо муҳим ва дигаргуниҳои бисёр амиқ ба вуқӯъ пайваст. Махсусан, пас аз эълони истиқлолият ва забони давлатӣ шудани забони тоҷикӣ дар бахши вожагону истилоҳоти он тағйироти зиёда ба вуҷуд омад. Ин таҳаввулот ва ин ҳама истилоҳоту наввожагон дар таркиби захираи луғавии забон бояд ҷойи худро пайдо кунанд. Ба ҳамин мақсад бори аввал барои тасвир ва инъикоси ин тағйироту таҳаввулот ва пешрафтҳое, ки дар муддати қариб як аср дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ рух додаанд, соли 2008 «*Фарҳанги тафсириии забони тоҷикӣ*» бо фарогирии тақрибан 80 ҳазор калимаву ибора дар ду ҷилд мураттаб ва нашр гардид. «*Фарҳанги тафсириии забони тоҷикӣ*» ба қалами С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим ва Ҳ. Рауфзода тааллуқ дорад ва дар таҳияву

таҳрир ва такмили ниҳоии он ҳайати калони муаллифон ва муҳаррирон иштирок карданд [ФТЗТ, 10-11]. *«Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ»* соли 2010 ва 2011 дар ду ҷилд аз нав чоп шуд.

Дар пешгуфтори ин фарҳанг таърихи мухтасари фарҳангнигории амалии тафсирии тоҷик аз давраи тоисломӣ то имрӯз тасвир шудааст. Ба ақидаи мураттибони фарҳанг ҳангоми таҳия нуктаҳои зерин ба назар гирифта шудааст: инъикоси хусусиятҳои асосии забони тоҷикии давраи классикӣ то садаи 20, истифода аз таҷрибаи фарҳангсозиву луғатнигории ҳамзабонони мо дар Эрону Афғонистон ва истифода аз калимаву истилоҳот ва таркибҳои забони тоҷикии муосир, ки то кунун дар фарҳангҳои тафсирӣ инъикос наёфтааст [ФТЗТ, 9]. Мураттибони ин фарҳанг ба сифати дастур ва раҳнамо дар қатори фарҳангҳои тафсирии тоҷикӣ ва форсии гуногун аз маводи ҳамаи луғатҳои дузабонаи тоҷикӣ-русӣ ва русӣ-тоҷикӣ, форсӣ ба русӣ ва русӣ ба форсӣ, «Энсиклопедияи советии тоҷик» дар ҳашт ҷилд, «Энсиклопедияи адабиёт ва санъат» дар се ҷилд ва дигар луғатномаҳои муътабар ҳамчун сарчашма васеъ истифода бурданд ва ба услуби нигориши онҳо пайравӣ намудаанд. Моддаҳои калима мувофиқи тартиби алифбои муосири тоҷикӣ ҷой дода шудаанд. Барои бехато навиштани калима дар паҳлуи ҳар як вожа тарзи навишти он бо ҳуруфи арабиасоси тоҷикӣ сабт шудааст. Дар шарҳу эзоҳи маъноҳои калимаю ибораҳо пеш аз ҳама маънои аслӣ ва бевоситаи воҳидҳои луғавӣ дода шуда, сипас маъноҳои киноявию маҷозӣ ва ниҳоят маъноҳои наву навтарини онҳо тафсир мегарданд. Бешубҳа, аз назари илми луғатнигорӣ «*Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ»* дорои аҳамияти амалӣ ва назарӣ мебошад ва барои пешрафт, ташаккул ва такомули забони адабии мусори тоҷик хизмати шоиста хоҳад кард.

Дар баробари муваффақияту дастовардҳо чанд нуктаро мехоҳем дар ин мақола таъкид кунем, ки барои беҳтар гардидани ин фарҳанг дар нашрияҳои оянда мусоидат хоҳанд кард. Пеш аз ҳама ба ҳарфҳои хеле калон чоп шудани фарҳанг ба назар мерасад, ки ба фарҳангҳо хос нест. Дар 900 саҳифаи ду ҷилд на фақат 80 ҳазор, балки 180 ҳазор калимаро ғунҷондан мумкин аст. Баъдан, ҳар як моддаи калима пеш аз тафсир бо аломатҳои шартӣ мансубияти калима ба ин ё он забон, шакли грамматикӣ, хусусияти лексикӣ ва услубии он бо ишораҳо ё ихтисораҳои зиёд мушаххас карда шуда бошанд ҳам, ба кадом ҳиссаҳои нутқ мансуб будани вожаҳо зикр нагардидааст, ки ин яке аз талаботҳои фарҳангнигории муосир мебошад. Дар пешгуфтор барои хонандагон иттилооти оморӣ хеле маҳдуд дода шудааст. Ба ғайр аз зикри он ки фарҳанг тақрибан 80 ҳазор калимаву ибораро фаро гирифтааст, иттилои дигаре оварда нашудааст. Масалан, дар фарҳанг чанд калимаву ибораҳои забони арабӣ ва вожаҳои софу ноби тоҷикӣ, чанд адад зарбулмасал ва мақол, чанд адад ибораҳои рехта, чанд адад вожаҳои нав, чанд адад мисолҳо оварда шудаанд ва ғ. барои хонанда ҷолиб хоҳад буд. Масалан, дар «*Фарҳанги форсӣ-и Нафисӣ*, ки 158 431 моддаи луғавиро дар бар мегирад, таъкид шудааст, ки 58 879-тоаш форсӣ ва 99 552-тоаш арабӣ мебошанд. Ғайр аз ин мураттибон аз овардани мисолҳо аз осори шоирон ва адибон низ худдорӣ кардаанд. Шарҳу тафсири калимаҳо бо мисолҳо яке аз хусусияти асосӣ ва муҳими фарҳангҳои сершумори тафсирии пешин ва муосири забонҳои дунё, хусусан фарҳангҳои дузабона, мебошад. Мавқеъ ва аҳамияти мисолҳоро барои тафсири шакл ва маънои калима луғатшиносони ҳамаи забонҳо қайд кардаанд. Луғатнависони давраи охири Эрон низ ба ин ҷиҳат бисёр аҳамият додаанд. Чунончи, Алиасғари Ҳикмат барои тасдиқи калимаҳо мисол надоштанро камбудии асосии «*Бурҳони қотеъ»* ҳисоб мекунад [Бурҳони қ, 90]. Ин камбудӣ сабаб шудааст, ки ноширии он Муҳаммад Муин дар баробари ҷустуҷӯҳо ва далелҳои этимологӣ дар бисёр мавридҳо барои исбот ё ради тавзеҳоти «*Бурҳони қотеъ»* дар ҳошия мисолҳо нақл намояд [ФЗТ, 9]. Мо итминони комил дорем, ки овардани мисолҳо аз осори мансуру манзуми классикон ва хусусан муосири тоҷик арзиши фарҳангро дучанд меафзуд. Маслан, калима ва ибораҳои *Фарҳанги англисии Оксфорд* (*Oxford English Dictionary)*, ки 415 ҳазор калимаву ибораро дар бар мегирад, бо тахминан ду миллион мисол шарҳу эзоҳ ёфтаанд.

Дар замима ба Фарҳанг дар 248 саҳ. мифтоҳи вожаҳои фарҳанг бо алифбои арабиасоси тоҷикӣ оварда шудааст, ки ҳаҷми фарҳангро хеле афзудааст. Бо назардошти он ки ҳамаи сарвожаҳои фарҳанг бо алифбои арабиасос низ дар дохили фарҳанг дода шудаанд, овардани мифтоҳ ҳамчун замима, ба фикри мо, такрори маҳз ҳаст. Хуб

мешуд, ки дар замима баъзе иттилооти дигари зарурӣ, аз ҷумла қоидаҳои имло, истифодабарии аломатҳои китобат, номҳои географии ҷумҳурӣ ва ҷаҳон, феҳрасти ихтисораҳои забони тоҷикӣ ва тартиби кӯтоҳ кардани вожаҳо ва ибораҳои забони тоҷикӣ ва ғ. оварда мешуданд, барои ҳамаи истифодабарандагони фарҳанг аз манфиати холӣ намебуд ва арзиши фарҳангро дучанд меафзуданд.

2. Фарҳангҳои тафсирии дузабона. Қисми аввали ин бахш ба таҳлилу баррасии фарҳангҳое бахшида мешавад, ки забони хориҷӣ дар онҳо манбаи омӯзиш ва забони тоҷикӣ ҳадафи омӯзиши забон, мисли фарҳангҳои англисӣ-тоҷикӣ, немисӣ-тоҷикӣ ва арабӣ-тоҷикӣ қарор гирифтаанд.

2.1. Забони хориҷӣ-тоҷикӣ. Дар ин бахш мо аввал фарҳангҳои англисӣ-тоҷикӣ, баъд немисӣ-тоҷикӣ ва арабӣ тоҷикиро баррасӣ менамоем. Ҳоҷати таъкид нест, ки ба фарҳангҳои англисӣ-тоҷикӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода шудааст, зеро он дар мактабҳои миёна ва олӣ забони асосии хориҷӣ ба шумор меравад ва қариб 75% толибилмон забони англисиро меомӯзанд. Аз ин ҷо ба таҳқиқ ва омӯзиши забони англисӣ ва таҳияи фарҳангҳои англисӣ-тоҷикӣ низ диққати бештар дода шудааст.

Аз назари хронологӣ фарҳанги нахустини ин давра «*Фарҳанги англисӣ-тоҷикии донишгоҳӣ*»-*и* муаллифи ин сатрҳо мебошад, ки соли 2003 бори нахуст бо теъдоди 13 ҳазор калима ва ибора дар нашриёти *Нодир* ба чоп расид. Баъдан ин фарҳанг дар муддати даҳ соли охир такмил дода шуда ба он миқдори зиёди вожаҳо илова гардиданд ва соли 2011 нашри сеюми он бо номи «*Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ*» бо теъдоди 100 ҳазор калима ва ибора дар нашриёти «*Эр-граф*», дар Душанбе, дастраси толибилмон гардид. Ин фарҳанг имрӯз пурратарин фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ мебошад, ки дар Тоҷикистон ва берун аз он чоп шудааст. Барои маънидод кардани калима ва ибораҳои забони англисӣ зиёда аз 200 ҳазор тарҷума, шарҳ ва тафсири вожаҳо оварда шудааст. Дар фарҳанг зиёда аз 8 ҳазор ҷумла ва ҳазор забулмасалу мақол истифода шудааст. Бо дарназардошти таҷрибаи фарҳангнигории байналмилалӣ ба фарҳанг замимиаҳои муфид – аломатҳои китобат ва баъзе қоидаҳои имло, оини навиштани ҳарфи калон, оини кӯтоҳнависӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва маводи зиёди дигари судманд илова шудаанд. Умедвор ҳастем, ки фарҳанг талаботи рӯзафзуни толибилмону тарҷумонҳо ва устодони забони англисиро то дараҷае қонеъ хоҳад кард.

Фарҳанги дуюми англисӣ-тоҷикӣ ба қалами П.Ҷамшедов ва Т. Розӣ тааллуқ дорад, ки соли 2005 дар чопхонаи «*Пайванд*» бо теъдоди 26 ҳазор калима ва ибораҳои забони англисӣ ва тарҷумаи тоҷикии онҳо ба чоп расид. Барои таҳияи ин фарҳанг мураттибон 46 номгӯй фарҳангҳои тафсирии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, фарҳангҳои дузабонаи англисӣ-форсӣ, англисӣ-русӣ, русӣ-англисӣ, русӣ-тоҷикӣ ва ғ. истифода бурдаанд. Хусусияти фарқкунандаи ин фарҳанг дар он аст, ки бори нахуст дар он теъдоди зиёди вожаҳо ва истилоҳоти компютерӣ ворид шудаанд. Ғайр аз ин фарҳанг дорои замимаҳои зиёд мисли феҳрасти мухтасари воҳидҳои рӯхта дар адабиёти илмӣ техникӣ, ихтисораҳое, ки дар матнҳои почтаи электронӣ истифода мешаванд, қоидаҳои имло, пасвандҳо ва пешвандҳои асосии забони англисӣ ва маводи дигари судманд мебошад [с. 685-783].

Мутаассифона, дар ин давра фарҳанги фаронсавӣ-тоҷикии нав таҳия нашудааст. Ёдовар мешавем, ки ягона ҳамин гуна фарҳанг соли 1963 аз тарафи И.С. Раҷабова ва М.Б. Шаҳобова бо теъдоди қариб 9000 калима дар Москва ба чоп расида буд.

Соли 2008 нахустин ва ягона «*Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ*»-*и* калонҳаҷми ин давра, ки бештар аз 70 ҳазор калимаи забони классикӣ ва муосири арабиро дар бар гирифтааст, дар ду ҷилд аз тарафи Сайидраҳмон Сулаймонӣ таҳия ва ба чоп расид. Дар фарҳанг барои нишон додани мавриди истеъмоли воҳидҳои луғавӣ ғайр аз калимаҳо ба таври фаровон ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақолҳои арабӣ ва ҷумлаҳо оварда шудаанд. Аз истилоҳот махсусан ба истилоҳоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангӣ аҳамият дода шудааст. Фарҳанг дар асоси решаи калимаи арабӣ тартиб дода шудааст. Дар замима мифтоҳи алифбоии феълҳои фарҳанг, солшуморӣ дар забони арабӣ ва маълумоти мухтасар доир ба давлатҳои араб, очерки мухтасари гарамматикаи забони арабӣ, номҳои ҷуғрофии ҷаҳону Тоҷикистон ва дигар маълумотҳои судманд ҷой дода шудааст.

Нахустин ва ягона «*Луғати олмонӣ-тоҷикӣ*» соли 2010 аз тарафи Лутс Жеҳан ва Хайрулло Сайфуллоев бо теъдоди 55 ҳазор калима ва ибора дар матбааи «*Шарқи Озод*»

ба чоп расидааст. Чунонки дар пешгуфтор таъкид шудааст, мусаввадаи ин фарҳангро солҳои шастуми садаи гузашта олмоншиноси тоҷик Раҳим Бурҳонов дар ҳаҷми 10 ҳазор калима ва ибора таҳия карда буд. Мураттибон ба ин мусаввада такя карда, онро бо таҳриру иловаҳо ба забони муосири олмонӣ ва тоҷикӣ мувофиқ кунонда, бо иловаи калимаю ибораҳои зиёд ба чоп омода карданд. Мураттибон, мутаассифона, феҳристи адабиёти истифодашударо наовардаанд. Дар бахши «*Тарзи истифодабарии луғат»*, ки баъд аз пешгуфтор омада, ба забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ таҳия шудааст [с. 9-30], мундариҷа ва сохти фарҳанг пурра тафсир шудааст, ки аз манфиат холӣ нест. Мураттибон аз ихтисораҳои гуногун ба ҳарду забон фаровон истифода кардаанд. Пас аз сарвожа ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб будани он мушаххас гардида, сипас маъноҳои асосию иловагӣ ва маҷозӣ, ҳамчунин ибораҳо ва мисолҳои зиёд оварда шудаанд. Сарвожаҳои луғат аз рӯйи алифбои олмонӣ ҷойгир карда шудаанд. Меъёри асосӣ барои интихоби сарвожаҳо пеш аз ҳама замонавӣ будан ва серистеъмолии вожаҳо мебошад. Луғати мазкур калимаҳои асосии фонди луғавии забони олмониро дар бар мегирад. Дар таҳияи фарҳанги мазкур устодони дигари забони олмонӣ ҳам ҳиссагузор мебошанд. Албатта ин фарҳанг барои суръат бахшидан ба омӯзиши забони немисӣ ва мусоидат ба тарҷума аз забони олмонӣ ба тоҷикӣ барои донишҷӯён, устодон ва мутарҷимон муроҷеи хеле зарур ва бомаврид мебошад.

2.2. Тоҷикӣ-забони хориҷӣ. Акнун ба баррасии қисмати дуюми фарҳангҳои дузабона, ки дар онҳо забони тоҷикӣ манбаи омӯзиш ва забони хориҷӣ ҳадафи омӯзиши забон, мисли фарҳангҳои тоҷикӣ-англисӣ ва тоҷикӣ-русӣ мегузарем. Дар ин соҳа лексикографияи тоҷик ба дастовардҳои назаррас соҳиб шудааст, зеро ин гуна фарҳангҳо на фақат дар Тоҷикистон, балки дар хориҷа ҳам нашр шудаанд.

Нахустин аз ин намуд фарҳангҳои ин давра фарҳанге бо номи «*Фарҳанги стандартии тоҷикӣ-англисӣ»* (*Standard Tajik–English Dictionary)* соли 2001 дар нашриёти «Ал-Салам» дар ш. Бишкек ба чоп расидааст. Фарҳанг ба қалами Р.Б. Олсон ва Р.А. Олсон таалуқ дорад, ки дар Тоҷикистон дар яке аз созмонҳои байналмилалӣ кор мекарданд. Дар фарҳанг теъдоди сарвожа ва ибораҳои гирдовардашуда зикр нагардидааст, вале аз рӯйи ҳисоби мо дар он тахминан 20 ҳазор калима ва ибора тафсир ва шарҳ дода шудааст, ки ин нисбати фарҳангҳои хурди пешин хеле зиёд аст. Пас аз ҳар як сарвожа муродифи форсии он, ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб будани сарвожа, тарҷумаи англисӣ ва ҷумлае барои шарҳу тафсири маънои калима дода шудааст. Хусусияти фарқкунандаи фарҳанг боз дар он аст, ки барои аксарияти сарвожаҳои англисӣ чанд синоним низ оварда шудааст. Бешубҳа, фарҳанг муроҷеи муҳиме аст барои тарҷума аз забони тоҷикӣ ба англисӣ ва барои хориҷиёне, ки мехоҳанд забони тоҷикиро омӯзанд.

Бо вуҷуди ин фарҳанги мазкур аз нуқсонҳо низ холӣ нест. Дар фарҳанг феҳристи 13 адабиёти истифодашуда оварда мешавад, вале он ба ягон талабот ҷавобгӯй нест ва хатогиҳои имлоӣ низ ба назар мерасанд ва ҳатто вожаи Тоҷикистон ду маротиба бо ҳарфи хурд навишта шудааст. Фарҳанг пешгуфтор надорад ва барои кӣ ва ба кадом мақсад таҳия шудани он мушаххас нашудааст. Дар дохили фарҳанг низ хатоиҳои имлоӣ ва тарҷумаҳои нодуруст ба назар мерасанд. Калимаҳои сермаъно ва синонимҳо дар ҳар ду забон фақат бо вергул аз ҳам ҷудо шудаанд, дар натиҷа ҷудо кардани синоним аз калимаи сермаъно барои хонанда мушкилӣ эҷод мекунад. Масалан: **буна** n. family, household, village, luggage, belongings. Он деҳа сад буна аҳолӣ дошту халос. **бунаҳ, хона, хонадон, оила, деҳ, бор, асбобу анҷом** [с. 57]**.** Мураттибон бояд синонимҳоро аз сермаъноии калима бо нуқтавергул ҷудо мекарданд.

Соли 2005 бо қалами Ҷаҳонгир Маматов, С. Харрелл, Кети Кехо ва Карим Ходжибоев дуюмин «*Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»* бо теъдоди зиёда аз 29 ҳазор сарвожа ва шумораи зиёди ибораҳои тоҷикӣ ва тарҷумаи англисии онҳо дар нашриёти «*Дунвуд Пресс»* (Dunwood Press), дар ИМА ба чоп расид. Фарҳанги мазкур то имрӯз пурратарин фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ мебошад, ки дар ҷумҳурӣ ва дар хориҷа нашр шудааст. Сарвожаҳои забони тоҷикӣ ва мисолҳо барои шарҳу тафсири онҳо аз рӯзномаҳои солҳои охир, мисли «*Нерӯи сухан», «Чароғи рӯз», «Минбари халқ», «Рӯзи Нав», «Одаму Олам», «Наҷот», «Адолат», «Тоҷикистон», «Ҷумҳурият ва Зиндагӣ»* ҷамъ оварда шудаанд. Яъне амалан он фарҳанги забони зиндаи муосири тоҷикӣ мебошад. Дар фарҳанг 21 361 ҷумла барои шарҳу тафсири маъноҳои калимаҳо оварда шудаанд.

Иловатан сарвожаҳо аз муколама бо тоҷикзабонон, ки забони модариашон тоҷикӣ аст, ворид шудааст. Фарҳанг асосан барои онҳое, ки забони модариашон забони англисӣ буда, ба тарҷумаи матнҳои хаттӣ аз забони тоҷикӣ ба англисӣ сару кор доранд, таҳия шудааст. Албатта, тоҷиконе, ки забони англисиро меомӯзанд, низ метавонанд аз он самаранок истифода кунанд.

Дар оғози фарҳанг муаллифон очерки кӯтоҳи сарфу наҳви забони тоҷикӣ ва шеваҳои асосии онро ба забони англисӣ овардаанд. Дар замима [с. 696-741] бист феъли маъмултарини забони тоҷикӣ дар ҳамаи замонҳо ва шаклҳои феълӣ, бо иловаи гӯйишҳои ҷанубӣ ва шимолӣ тасриф карда шудаанд. Бешубҳа, ҳамаи ин мавод барои омӯзиши забони тоҷикӣ аз манфиат холӣ нест. Бояд таъкид кард, ки ин фарҳанги пуразриш ба тамоми талаботи фарҳангнигории муосир ҷавобгӯй мебошад ва метавонад ҳамчун намуна барои таҳияи фарҳангҳои дигар хизмат кунад. Мутаассифона, ин фарҳанг дорои хатоҳои имлоӣ низ аст ва то имрӯз барои мутахассисон, тарҷумонҳо ва устодон дар кишварамон дастрас нест ва ҳатто Китобхонаи Миллии Тоҷикистон ҳам нусхаеро надорад.

Чанде пас дар соли 2008 «*Фарҳанги тоҷикӣ ба англисӣ*»-и профессор П. Ҷамшедов дастраси толибилмон гардид. Фарҳанги мазкур, ки сеюмин фарҳанги тоҷикӣ-англисии марбут ба давраи таҳқиқи мо мебошад, муҳити фарҳангии ҷумҳуриро боз ҳам ғанитар гардонд. Ба гуфтаи Алиасғари Шердӯст, муаллиф «яктана вазифаи як муассиса ва тадвини чунин фарҳангеро ба уҳда гирифтааст» [с.3]. Фарҳанг аз пешгуфтор, сарсухани муҳаррир Азиз Мирбобоев ба забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [с. 6-13], матни худи фарҳанг, феҳристи номҳои ҷуғрофӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва очерки пурраи сарфу наҳви забони тоҷикӣ ба забони англисӣ иборат аст. Барои таҳияи фарҳанг муаллиф 41 номгӯй фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ, англисӣ, фарҳангҳои дузабонаи тоҷикӣ-англисӣ, англисӣ-форсӣ ва ғайраро истифода кардааст.

Сарвожаҳои фарҳанг аз рӯйи тартиби алифбо ҷойгир карда шудаанд. Баъдан мансубияти вожаҳо ба ин ё он ҳиссаи нутқ, хусусиятҳои грамматикӣ ва услубии вожаҳо бо ишораҳо мушаххас гардидаанд. Очерки пурраи сарфу наҳви забони тоҷикӣ, ки ба қалами худи П. Ҷамшедов тааллуқ дорад ва ба забони англисӣ ба фарҳанг замима гардидааст, маводи судманде барои хориҷиён, ки забони тоҷикиро меомӯзанд, мебошад.

Фарҳанги охирини дузабонаи давраи таҳқиқи мо «*Фарҳанги тоҷикӣ ба рӯсӣ*» мебошад, ки соли 2006 бо таҳриру илова ва такмил бо теъдоди 70 ҳазор калима ва ибора дар як ҷилд, зери таҳрири Д. Саймиддинов, С.Д. Холматова ва С. Каримов ду маротиба аз чоп баромад. Бояд ёдовар шуд, ки кор барои таҳияи «*Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ*» солҳои 80-уми асри гузашта оғоз гардида буд ва соли 2004 ҷилди аввали он зери таҳрири С.Д. Холматова, С. Солеҳов ва С. Каримов ва ҷилди дуюм соли 2005 зери таҳрири Д. Саймиддинов, С.Д. Холматова ва С. Каримов бо теъдоди 65 ҳазор калима ва ибора ба табъ расид. Фарҳанги мазкур комилтарин манбаи чопӣ дар бахши луғоту истилоҳоти забони тоҷикии муосир ва классикии он мебошад, ки 70 ҳазор калима ва ибора, таркиб, зарбулмасалу мақол ва ибораҳои маҷозии забони тоҷикиро ба тарҷума ва шарҳи русии онҳо фаро мегирад.

Фарҳанги мазкур аз сарсухан, пешгуфтор, сохтори фарҳанг, феҳристи ихтисорот, худи фарҳанг, феҳристи мухтасари номҳои ҷуғрофӣ иборат аст. Хусусияти фарқкунандаи ин фарҳанг аз фарҳангҳои пешин дар он аст, ки моддаҳои луғавии фарҳанг аз рӯйи тартиби алифбои такмилшудаи тоҷикии соли 1998 корбурд шудаанд, мураттибон аз замима кардани очерки грамматикаи забони тоҷикӣ худдорӣ кардаанд, ба ин ё он ҳиссаи нутқ мансуб будани вожаҳоро низ нишон надодаанд. Дар замима феҳристи мухтасари номҳои ҷуғрофӣ дода шуда бошад ҳам, он тағйироту иловаҳои даҳсолаҳои охирро инъикос намекунад. Масалан: Бомбай – Бомбей (ҳозира Мумбай), Пекин (ҳозира Бейҷин), Шри-Ланка, Ҷумҳурии Демократии Сотсиалистии Шри-Ланка (ҳозира Ҷумҳурии Шри Ланка), Ҷумҳурии Демократии Самолӣ (ҳозира Ҷумҳури Самолӣ), Ҷумҳурии Федератвии Югославия (дигар вуҷуд надорад) ва ғ.

3. Луғатномаҳои соҳавӣ ё истилоҳӣ. Дар ин давра дар лексикографияи тоҷик зиёда аз 40 номгӯй (то ҳадде ки мо иттилоъ дорем) луғатномаҳои соҳавӣ ё махсус ё истилоҳӣ, ки соҳаи муайянеро дар бар мегиранд, ба табъ расидаанд. Теъдоди муайяни ин гуна асарҳо [3,1] луғатномаҳои соҳавӣ ё фаннии тафсирии забони тоҷикӣ мебошанд.

Дар қисмати дигаре аз ин гуна луғатномаҳо одатан забони русӣ [3,2.] ё англисӣ [3,3] ҳамчун манбаи омӯзиш ва забони тоҷикӣ ҳамчун ҳадафи омӯзиш қарор мегиранд. Ин гуна луғатномаҳоро луғуатномаҳои лингвистии соҳаи муайяни фаъолияти касбӣ, масалан иқтисодиёт ё техника номидан мумкин аст. Шумораи онҳо рӯз аз рӯз афзуда истодааст. Баъзе аз онҳо хеле хурд буда, ҳамагӣ 200-300 истилоҳро дар бар мегиранд ва феҳристи одии дузабонаи калимаҳоро мемонанд ва фақат ҳадафи таълимӣ доранд, баъзеи дигар шумораи зиёдтари вожаҳо аз 500 то 3-4 ҳазор ва аз он ҳам бештар луғатҳоро дар бар мегиранд. Аксарияти луғатномаҳои соҳавӣ дузабона ё чандзабона мебошанд.

3.1. Дар ин давра луғатномаҳои тафсирии соҳавии зерин ба табъ расидаанд:

- Бердиқулов Ҳ., Муродов С. *Луғати мухтасари лексикаи чорводории водии Зарафшон*. – Самарқанд, 1991. – 136 с.
- Тоиров У. *Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам*. – Душанбе, 1991. – 560 с.
- Мирзозода Х. *Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ*. – Душанбе, 1992. – 240 с.
- Насриддин А. *Фарҳанги мушкилоти адабиёт*. – Хуҷанд, 1992. – 210 с.
- Ҳабибов С., Исматуллопур А. *Вожаномаи мухтасари бозаргонӣ*. – Душанбе, 1992. – 70 с.
- Асрорӣ Д. *Фарҳанги истилоҳоти масолеҳи иншооти обёрӣ*. – Душанбе, 1994. – 158 с.
- Ҳакимов Н. *Фарҳанги истилоҳоти мусиқиии «Шоҳнома»*. – Хуҷанд, 1994. – 240 с.
- Қодиров К.С. *Луғати мухтасари истилоҳоти коргузорӣ*. – Душанбе, 1997.
- Ашӯров Д. *Фарҳанги рӯзнома ва маҷаллаҳои Тоҷикистон*. – Душанбе, 1999. – 143 с.
- Ҳабибов С. *Луғати истилоҳоти иқтисодӣ*. – Душанбе, 1999. – 260 с.
- Самарқандӣ Ш. *Фарҳанги физикии русӣ ба тоҷикӣ*. – Душанбе, 2002. – 481 с.
- Сияров А., Шарипов. *Фарҳанги истилоҳоти гумрук*. – Душанбе, 2004. – 170 с.
- Байзоев А. *Вожаномаи тафсирии истилоҳоти гендерӣ*. – Душанбе, 2005. – 104 с.
- *Луғати тафсирии истилоҳоти соҳаи муҳоҷират*. Муҳарири масъул. Ришар Перушу. – Душанбе, 2005. – 100 с.
- Назарзода. С. *Фарҳанги мухтасари истилоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ*. – Душанбе, 2006. – 192 с.
- Махмудов М.А. *Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ*. – Душанбе, 2009. – 620 с.
- Муродов М. *Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ*. – Душанбе, 2011. – 146 с.

3.2. Дар ин давра луғатномаҳои соҳавии русӣ-тоҷикии зерин ба табъ расидаанд:

- Давлатшоев Д. *Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти электроэнергетика*. – Душанбе, 1991. – 140 с.
- Бобохоҷаев С., Ҷанобилов М. *Луғати тафсирии русӣ ба тоҷикии истилоҳоти геология*. – Душанбе, 1992. – 212 с.
- Мирзоев Я., Қоқова Г.М., Зарифӣ С. ва диг. *Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти савдо*. – Душанбе, 1992. – 128 с.
- Турсунов Л. *Луғати русӣ-тоҷикии кибирнетика, информатика ва техникаи ҳисоббарорӣ*. – Душанбе, 1992. – 176 с.
- Мақсудов А., Ғафуров А. *Луғати русию тоҷикии техникӣ*. – Хуҷанд, 1993. – 100 с.
- Қурбонов Х., Муҳиддинов Х., Зоҳидова Н. *Луғати русӣ-тоҷикии технологияи металлҳо ва металлшиносӣ*. - Душанбе, 1993. – 80 с.
- Назарзода С. *Фарҳанги мухтасари истилоҳоти коргузорӣ* (русӣ-тоҷикӣ), – Душанбе , 1993. – 120 с.
- Розиқов Ш., Тоҳиров Ф., Шарипов Т.Ш. *Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноӣ*. – Душанбе, 1995. – 28 с.
- Тӯтиев М. *Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ оид ба сотсиология*. – Душанбе, 2000. – 132 с.
- Қосимова М., Искандарова Д. *Луғати мухтасари мавзӯии таълимии русӣ-тоҷикӣ*. – Душанбе, 2002. – 64 с.
- Қосимова М., Искандарова Д., Собирҷонов С., ва диг.. *Луғати мухтасари мавзӯии таълимии тоҷикӣ-русӣ*. – Душанбе, 2002. – 84 с.
- Розиқов А., Замирзода С. *Луғати мухтасари соҳавии русӣ-тоҷикӣ оид ба энергетика*. - Душанбе, 2003. – 46 с.

• Аҳроров А., Раҷабов А., Рӯзиев М. *Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти саноат*. – Душанбе, 2003. – 272 с.
• Кабиров Ш., Исоматов С., Қурбонов С. *Вожаномаи мухтасари соҳавии русӣ ба тоҷикӣ*. – Душанбе, 2007. – 72 с.
• Набиев Т.Н., Иззатов Т.К. *Луғати тафсирии истилоҳоти зироатпарварӣ* (русӣ-тоҷикӣ). – Душанбе, 2007. – 149 с.
• Муқимов Р., Ҷӯраев Т., Каримов М. Луғати русӣ-тоҷикии тафсирии мухтасар аз меъморию бинокорӣ. – Душанбе: ИКОМОС, 2007. – 262 с.
• Салимӣ Т. *Фарҳанги тафсирии русӣ ба тоҷикии обшиносӣ*. – Душанбе, 2007. – 260с.
• Саидхоҷаев Т. *Луғати мухтасари терминологии русӣ-тоҷикии муқовимати металлҳо*. – Душанбе, 2008. – 233 с.
• Сафаров Х. *Фарҳанги истилоҳоти техникаи кишоварзӣ ва технологияи филизот* (русӣ-тоҷикӣ). – Душанбе, 2011. – 265 с.

3.3. **Дар ин давра луғатномаҳои соҳавии англисӣ-тоҷикии (ва ё забонҳои дигар) зерин ба табъ расидаанд*:***

• Мирзоев Ҳ. *Луғати мухтасари англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисии ибораҳои молиявӣ*. – Душанбе, 2001. – 110 с.
• Назарзода С. *Фарҳанги мухтасари истилоҳоти коргузорӣ* (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ-форсӣ). – Душанбе, 2005. – 115 с.
• Нуриддинова М.М. *Фарҳанги англисӣ-тоҷикии идоракунии оммавии ИМА*. – Душанбе, 2005. – 416 с.
• Сулаймонӣ У. *Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ* (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ-форсӣ). - Душанбе, 2006. – 67 с.
• Ҷоматов С. *Фарҳанги истилоҳоти обёрӣ* (англисӣ ба тоҷикӣ, русӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ). – Душанбе, 2006.
• Дадахонова И.Б. *Фарҳанги демографии англисӣ-тоҷикӣ-русӣ*. – Душанбе, 2010.–148 с.
• Ҷоматов С. *Фарҳанги забоншиносӣ* (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ). – Душанбе, 2011. – 250с.

ДОСТИЖЕНИЯ ТАДЖИКСКОЙ ЛЕКСИКОГРАФИИ

Статья посвящена исследованию и анализу достижений таджикской лексикографии за последние двадцать лет после Независимости Республики Таджикистан. Данная статья является первым исследованием истории и достижений таджикской практической лексикографии нового периода.

Ключевые слова: лексикография, словарь, глоссария, язык, источник, одноязычный саловарь, двуязычный словарь, синоним, антоним, омоним.

RECENT ADVANCES OF THE TAJIK LEXICOGRAPY

The article is devoted to the research of recent advances of Tajik Lexicography during last twenty years since the Independence of the Republic of Tajikistan. The article is the first research on the history and advances of practical lexicography in the country.

Key words: lexicography, dictionary, glossary, target language, source language, monolingual dictionaries, bilingual dictionaries, synonym, antonym, homonym.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ : ***А. Мамадназаров***- докторант Таджикского национального университета

СУХАНЕ ЧАНД ОИД БА КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ФОРСИИ ҚАДИМ ВА МИЁНА

Ш. И. Ҳаитова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Далели аз ҳама муътабар дар тасдиқи қадимияти фарҳанги ҳуқуқии мардуми ориёитабор «Авесто» ва дигар осори хаттии дини зардуштӣ мебошанд. Ба ақидаи олими ҳуқуқшиноси тоҷик А.Ғ. Холиқов, дар ҳудуди Тоҷикистони муосир то асри VIII муносибатҳои иҷтимоӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқи зардуштӣ ба танзим дароварда ва идора карда мешуданд [11,15]. Олими номбурда дар таҳқиқоти монографии худ низоми ҳуқуқи зардуштиро батафсил ва ҳаматарафа таҳқиқ намуда, онро чунин тасниф

кардааст: 1) ҳуқуқи давлатӣ; 2) ҳуқуқи судӣ; 3) ҳуқуқи гражданӣ; 4) ҳуқуқи оилавӣ; 5) ҳуқуқи обиву экологӣ; 6) ҳуқуқи ҷиноятӣ. Яке аз хулосаҳои ҷолиби А.Ғ. Холиқов ин аст, ки низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба ҳуқуқи римӣ ва ҳуқуқи исломӣ таъсири бузурге расонидааст [11,381].

Дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ (авестоӣ) меъёрҳои ҳуқуқи давлатӣ мақоми хоса дошта, барои ба танзим даровардани ҳокимияти диниву сиёсӣ, ҳуқуқу ваколатҳо ва имтиёзҳои шоҳону ҳокимон, идора кардани муносибати давлатдорон бо раият ва дигар равандҳову падидаҳои ҳуқуқӣ хизмат мекарданд. Дар ин меъёрҳо муҳимтарин ҳуқуқу вазифаҳои зардуштиён нишон дода шудаанд.

Дар «Авесто» мафҳуми ҳокимият мутобиқ бо зинаҳои он бо вожаҳои гуногун ифода карда шудааст. Чӣ тавре ки аз мазмуни қадимтарин «Готҳо» ва «Яштҳо»-и ин китоб (Фарвардин-яшт, Зомёд-яшт, Меҳр-яшт ва ғ.) бармеояд, мазҳар ва манбаи ҳокимият ва ҳуқуқи давлатии зардуштиён Аҳурамаздо – Худои яккаву ягона ба шумор меравад, ки дорои 72 сифоти олӣ мебошад. Бархе аз ин сифатҳои Эзиди таолоро, ки дар «Авесто» тараннум шудаанд, зикр кардан мумкин аст: *офаранда, пуштибон, нигаҳбон, ҳамадон, шиносанда, чорабахш, пешво, фарраманд, доно ба ҳама чиз, дурбин, додвар, беҳтарин парваранда, додгартарин шаҳриёр, нофирефтанӣ, пирӯзшаванда бар душман, шикастдиҳандаи душман, офаридгори ягона, бахшандаи ҳамаи диҳишҳо ва хушиҳо, бахшоишгар, некикунанда ба хости худ, судманд, неруманд, ашаван, шаҳриёри барозандатарин ва донотарини дурнигоранда (1;202-203)*.

Аз нуктаи назари таълимоти авестоӣ, ҳар як шахси муъмин ва пайрави некиву ростӣ бояд ҳама вақт ба зикри номҳои офаридгори ягона машғул шавад, гуфтору пиндор ва амалҳои худро дар заминаи риояи қонунҳои неку одилона ба роҳ монад. Мувофиқи таълимоти «Авесто», ҳокимияти илоҳӣ дар рӯи замин тавассути Зардушт ва шоҳон ҷорӣ ва дар амал татбиқ карда мешавад. Аниқтараш, то замони Зардушт, адли илоҳӣ тавассути як зумра шоҳон, ки аз баракати *фарри эзадӣ* бархурдор буданд, тасдиқ ва татбиқ мешуд.

Истилоҳи *фар(р)* ба маънои фурӯғест эзадӣ, ки ҳар кас аз он бархурдор шавад, барозандаи солориву фармонравоӣ мегардад, ба шаҳриёрӣ мерасад ва осоишгустару додгар мешавад. Фарри эзадӣ ба покдинтарин марди аҳуроӣ (солеҳ) метобад, он мард дар партави он бахшиши илоҳӣ барои роҳбарии мардумон барангехта мешавад ва зимоми шаҳриёриву додгустариро ба дасти худ мегирад. Ба ақидаи зардуштиёни бостонӣ, ҳамаи офаридагони баргузида ва номдори Аҳурамаздо аз паёмбарону пешвоёни яздонпарасту солеҳ гирифта, то фармонравоёну шаҳриёрони додгар ва паҳлавонону размоварони ростроҳу дурусткирдор, - соҳиби фар, яъне аз ин фурӯғу мавҳибати эзадӣ бархурдор мебошанд.

Мутобиқи таълимоти «Авесто» ва дигар сарчашмаҳои зардуштӣ, шаҳриёрону паҳлавонони бедодгару зулмпеша, аз қабили Заҳҳоку Афросиёб, аз фарри эзадӣ бебаҳраанд ва ҳарчанд талош меварзанд, онро ба даст оварда наметавонанд. Муҳимтарин шарти бақои фарри эзадӣ - риояи меъёрҳои некӣ ва адолат мебошад. Ин меъёрҳо хусусияти мутлақ, ҳатмӣ ва умумӣ дошта, риояи онҳо барои ҳамаи афрод фарз аст. Чӣ тавре ки аз мазмуни ҳикоёти авестоӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бармеояд, ҳатто ашхоси соҳибфар, масалан Ҷамшед ё Ковус, агар аз гилеми худ фаротар по ниҳода, аз роҳи рост дур шаванд, ё забон ба дурӯғ кушода бедодгариву ситам пеша кунанд, фарри эзадӣ аз онҳо гусехта мешавад ва онҳо ба саранҷоми шум дучор мешаванд [1,719].

Аввалин шоҳе, ки ҳокимияти дунявиро мутобиқи усулҳои дини зардуштӣ ба роҳ монд ва ҳокимияти ӯро Аҳурамаздо тасдиқ ва пуштибонӣ кард, Ҷамшед буд. Тибқи ривояти «Авесто», Аҳурамаздо дар баробари атои фарри худ, инчунин ба Ҷамшед ангуштарӣ ва асои тиллоиро ҳамчун рамзи ҳокимият ато кард. Бисёр ҷолиб аст, ки аз ҳамон даврaҳои асотирӣ сар карда, дар таърихи сиёсии мардуми Осиёи Миёна ва Эрон чӯбдаст ва ангуштарини тиллоӣ ҳамчун рамзи давлатдорӣ ва ҳокимият шинохта мешуданд. Минбаъд вобаста аз васеъ шудани мазмуну мундариҷаи ҳокимияту давлатдорӣ ва пайдо шудани ниҳодҳову мақомоти гуногуни давлатӣ, барои ифода кардани ҳар кадоми онҳо, истилоҳот ва рамзу аломатҳои гуногун ба вуҷуд омаданд. Масалан, акси *гӯсфанд* нишони рамзии вориси тахту тоҷ, акси *ҳилол ва ситора* бошад нишони рамзии сарвари давлат, яъне шоҳ, маҳсуб мешуд. Вуҷуди ин рамзу аломатҳо

ҳамроҳ бо шумораи зиёди истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои ҳуқуқиву давлатӣ баёнгари он мебошад, ки давлат ва ҳуқуқи миллии мардуми эронитабор ҳанӯз дар замони қадим ба зинаи баланди инкишофу таҳаввулот расида буд.

Бояд тазаккур дод, ки падидаи мазкур, яъне пайдоиши ниҳоди гуногуни давлативу ҳуқуқӣ дар замони қадим, танҳо хоси кишварҳои шарқӣ буда, дар Аврупои қадим ба назар намерасад. Мутобиқи маълумоти кашфиёти бостоншиносӣ чунин нишонаҳо ва рамзҳои давлативу ҳуқуқӣ дар даврони қадим дар тамоми машриқзамин, аз ҷумла дар Осиёи Миёна, барои ифода кардани сифатҳо ва хусусиятҳои вижаи Аҳурамаздо хизмат мекарданд [6,218].

Дар асоси ҳикояти авестоӣ дар бораи ато шудани фарри эзадӣ ба Ҷамшед тахмин кардан мумкин аст, ки таърихи пайдоиши ҳокимияти дунявӣ ё ҳокимияти шоҳӣ нисбат ба ҳокимияти динӣ собиқаи қадимтар дошта, нисбат ба дувумӣ пештар оғоз ёфтааст. Чунин назария дар бораи пайдоиши давлат ва ҳокимият хоси танҳо таълимоти зардуштия мебошад. Дар ҳамаи дигар таълимоти бостониву асримиёнагии динӣ пайдоиши давлатҳо ва ҳокимиятҳои бостонӣ, аз ҷумла, давлатҳои қадимаи Миср, Бобулистон ва Чин, таҳти таъсири омилҳо ва ангезаҳои динӣ сурат мегирад [5,178-179].

Дар ҳақиқат, ҳарчанд «Авесто» ҳокимияти Ҷамшедро аз лиҳози назариявӣ бо таълимоти Аҳурамаздо пайванд медиҳад, вале як нуктаи ҷолиб ин аст, ки Ҷамшед аз иҷрои нақши мубаллиғи дин ё рисолати паёмбарӣ худро канора мегирад. Ба ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки шакли ҳокимияти дунявии шоҳӣ нисбат ба ҳокимияти динӣ таърихи қадимитар дошта, минбаъд анъанаҳои ҳуқуқиву сиёсии он аз ҳисоби усулҳои ҳуқуқи зардуштӣ таҳаввул ва такомул меёфтанд.

Дар «Авесто» на танҳо ба масъалаи танзими ҳуқуқии меъёрҳои ҳокимият ва давлатдорӣ, балки ба масъалаи идораи давлат ва риояи асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ низ таваҷҷуҳи амиқ зоҳир карда шудааст. Масалан, мутобиқи таснифи авестоӣ дар ҷомеаи бостонии мардуми ориёитабор ниҳод ё зинаҳои зерини ҳокимият вуҷуд доштанд: *сарвари оила, сардори авлод ва қабила, сарвари давлат ва г.* Сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ дар баробари баён кардани ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳар кадоми ин ниҳодҳо, инчунин, аз ҳар кадоми онҳо риояи ҳатмии меъёрҳои дар қонун дарҷгардидаро низ талаб менамуданд. Дар сурати вайрон кардани ин меъёрҳо шахси гунаҳкор бояд ба таври одилона танбеҳ ё ҷазо дода мешуд.

Муҳаққиқи эронӣ Ҳ. Пирниё комилан дуруст қайд мекунад, ки дар Эроншаҳри бостонӣ, дар тафовут аз дигар мамолики шарқӣ, шоҳро ҳамчун Худо намепарастиданд, балки тибқи анъана бо ӯ ҳамчун бо соя ё партави нури илоҳӣ муносибат карда, эҳтироми худро бо таъзим ва ё бо дар пеши ӯ ба зону нишаста сар фуруд овардан ифода менамуданд. Яъне ба шоҳ таъзим намуда, ба амри ӯ итоат кардани ориёитаборони бостонӣ маънои тамаллуқ ё тарсро надошт, балки рамзи итоат ба худованд ва эҳтироми қавонину ҳуқуқҳои аз ҷониби Худо танзил ва тасдиқшударо дошт [7, 1992].

Мутобиқи мазмуни «Авесто» шоҳ ҳокими мутлақи мамлакат, зимомдор ё сарвари тамоми шохаҳои ҳокимияти дунявӣ – қонунгузорӣ, иҷроия ва қазоӣ (судӣ) маҳсуб мешуд. Илова бар ин, се шохаи ҳокимияти дунявӣ, инчунин, ҳокимияти динӣ низ ба шоҳ тааллуқ дошт, аз ин рӯ ҳуқуқҳо ва озодиҳои шоҳ ниҳоят васеъ ва номаҳдуд буданд. Ягона меъёре, ки ҳокимияти шоҳро маҳдуд карда метавонист, ҳамон вазифаҳо ва уҳдадориҳои ӯ дар пеши мардум ва Аҳурамаздо буданд, ки дар Авесто дарҷ гардидаанд. Яъне ҳуқуқ ва озодиҳои шоҳро танҳо қавонини илоҳӣ ва иродаву дархости дастҷамъонаи мардум маҳдуд карда метавонист.

Як нуктаи дигари бисёр ҳам ҷолиб ва хоси суннатҳои қадимаи давлатдории мардуми Аҷам ин аст, ки на танҳо мардҳо, балки занҳо низ аз ҳуқуқи сарвари давлат ва ҳокимият шудан бархурдор буданд. Ҳарчанде ки дар «Авесто» дар ин бора чизи аниқе гуфта нашудааст, вале, чӣ тавре ки манобеи таърихӣ шаҳодат медиҳанд, дар ҳудуди Эрону Тӯрони бостонӣ дар замони қадим занҳо низ борҳо зимоми шоҳигариро ба дасти худ гирифтаанд. Масалан Баҳман, фарзанди Исфандиёр ва набераи шоҳи каёнӣ Гӯштосп, ҳанӯз дар замони дар қайди ҳаёт буданаш зимоми ҳокимиятро пурра ба дасти духтараш Ҳумойбону таҳвил карда буд. Дар сарзаминии бостонии Тӯрон (имрӯза Осиёи Марказӣ) бошад, мувофиқи маълумоти ривоёт ва манобеи таърихӣ, замоне қабоили сакоиҳо ва массагетҳоро занҳо – маликаҳо Зарринабону ва Томирис сарварӣ мекарданд.

Муҳаққиқи маъруфи тоҷик Х.Х.Муъминҷонов зимни таҳқиқи «Авесто» манобеъ ва низоми ҳокимияти сиёсиро аз дидгоҳи оини зардуштӣ ба таври хеле муфассал баррасӣ намудааст. Мутобиқи натиҷагириҳои Х.Х. Муъминҷонов, низоми ҳокимияти сиёсӣ ба тартиби аз боло ба поён аз якчанд зина иборат мебошад. Ҳокими мутлақи осмону замин ва башарият бевосита худи Аҳурамаздо буда, ӯ барои идора кардани ҷомеаи башарӣ аз хидмати ҳафт малак (фариштa)-и муқарраб – Баҳман, Урдубиҳишт, Шаҳривар, Спиндармад, Хурдод ва ғ., истифода мебарад. Ҳар нафари ин фариштаҳо ваколатҳои махсуси худро дошта, барои ба одамон дар ин ё он ҷанбаи ҳаёт ва фаъолият кумак расонидан масъул мебошанд. Дар «Авесто» барои ифодаи ин мақоми ҳокимияти илоҳӣ истилоҳи *амшоспанд* ба кор бурда шудааст. Баъд аз зинаи ҳокимияти амшоспандони ҳафтгона дар зинаи поёнӣ ҳокимияти паёмбар Зардушт ташаккул меёбад. Аҳурамаздо ҳамаи шоҳону сарварони ҷомеаи инсониро огоҳ мекунад, ки дар умури давлатдорӣ ба амру дастурҳои паёмбар ва суннатҳои ӯ итоат кунанд [6,124-127].

Шоҳону сарварони золиму бедодгарро «Авесто» ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ бо ҷазоҳои сахттарин ва оташи дӯзах таҳдид менамоянд. Дар ин боб, масалан, дар «Ардавирофнома» аз забони Ардавироф – қаҳрамони ин ривояти динӣ, ки гӯё барои шинос шудан бо сарнавишти пасазмаргии афроди некусиришт ва бадхисол ба он дунё сафар карда будааст, чунин нақл оварда шудааст: «Дар дӯзах мардеро дидам овехта, ки панҷоҳ мард ӯро бераҳмона қамчинкорӣ мекарданд. Пурсидам: «Ин мард кист?». Гуфтанд: «Ин мард шоҳе буд зулмпеша, ки бар хилофи адл ҳукм мекард!» [3,45].

«Авесто» мисли «Таврот»-у «Инҷил» ва «Қуръон» дар баробари эъломи ҳуқуқҳои сарварону зимомдорони ҳокимият инчунин ваколату уҳдадориҳои муайянеро ба зиммаи онҳо мегузорад. Яке аз чунин уҳдадориҳо – *садақа* ё *закот* мебошад. Мутобиқи маводи «Авесто» садақа (закот)-и молӣ ё пулӣ барои ҳар як марди дорову сарватманд ҳатмӣ буда, он бояд ба шоҳи одил ва мардуми нодору камбизоат дода мешуд [1,409]. Маросими садақаву закоти молу сарват маъмулан дар як мавсими муайяни сол – аз хуршедрӯз то дайгонрӯз (тахминан, аз 30-апрел то 5-май) баргузор мешуд. Ин маросими идмонанд *маидйузарем* ном дошт [14].

Дар Эроншаҳри бостонӣ шоҳону ҳокимон зимни тасвиби амру фармонҳо ва иҷрои ваколатҳои ҳуқуқии худ асосан ба манобеи динӣ такя мекарданд. Яъне, манобеи динӣ, феълан, муҳимтарин васоити назариявии идора ва танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ ба шумор мерафт.

Яке аз ниҳодҳои давлатие, ки дар он замон хеле ривоҷ ёфтаву аз ҳуқуқу ваколатҳои васеи машваратӣ бархурдор буд, *анҷуман* ном дошт, ки ҳамчун яке аз ниҳодҳои муҳими анъанавии давлатӣ то замони мо дар шаклҳои гуногун таҳаввул ёфтаву омада расидааст. Дар таърихи давлатдории аҷдодони қадимаи халқи тоҷик ва дигар мардумони ориёитабор аввалин шаклҳои *анҷуман* ҳанӯз дар замони гузариш аз сохти авлодиву қабилавӣ ба сохти давлатӣ пайдо шудаанд. Ба дурустии ин ақида зимни таҳқиқи маводи «Вандидод» (фаргарди 2, банди 21) итминон ҳосил кардан мумкин аст. *Анҷуман,* алалхусус дар замони салтанати Ҳахоманишиён хеле густариш ёфта буд. Дар давлати Парфия бошад, ин ниҳод ба ду шохаи мустақил – *шӯрои мӯбадон* ва *шӯрои давлатӣ* тақсим шуда буд [12,60]. Ба ақидаи М. Рашшод, дар замони Ҳахоманишиён *шӯрои ҳакимон* низ вуҷуд дошт, ки ба ҳайати он ҳафт тан бузургтарин ва бонуфузтарин пирону ҳакимони форснажод шомил буданд [9,109]. *Шӯрои ҳакимон* бо дастури шоҳ ба ҳаллу фасли муҳимтарин ва мубрамтарин масоили давлативу сиёсӣ сарукор дошт. Ин ниҳод, ба андешаи А.Кристенсен, дар замони салтанати Сосониён низ маъмул ва машҳур буд.

Дар Аҷами бостонӣ ҳокимияти судӣ низ мазҳари илоҳӣ дошта, ваколати зимомдории онро Меҳр (Митра) – яке аз ёварони Шаҳривар (яке аз амшоспандони ҳафтгонаи Аҳурамаздо), ба уҳда дошт. Меҳр вазифаҳои судии худро дар шакли *вар (ордалия)* ба иҷро мерасонд [1,110-112].

Дар замони Сосониён, ба қатори шаҳрвандони комилҳуқуқ танҳо *озодон* (маздопарастон) шомил мешуданд, *ғайриозодон* аз аксарияти ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ маҳрум буданд. Ба ақидаи А.Г.Периханян, ба волоият ё пастии мақоми ҳуқуқии шахс дар ҷомеа омилҳои гуногун – ба кадом табақа шомил будан, сарвату боигарӣ, касбу мансаб ва ғ. таъсир мерасониданд [8,21-25]. Аммо, ин шартҳо бештар танҳо ба ашхоси

ғайризардуштӣ дахл дошт, зардуштиён бошанд, ҳама – ҳам шоҳ, ҳам гадо – шаҳрванди комилҳуқуқ эътироф мешуданд.

Дар Аҷами бостонӣ мардум аз лиҳози вижагиҳои умумии муносибату равобити ҳуқуқӣ – анъанавие, ки дар байнашон мавҷуд буд, ба якчанд категорияҳо шомил мешуданд. Ин категорияҳо дар манобеи ҳуқуқи зардуштӣ бо чунин истилоҳҳо ифода карда шудаанд: *ҳамноф* (хеш, ҳамқабила), *абеник* (ҳамшаҳр, ҳамватан), *ҳамсоя* (аъзои ҷомеаи ҳаммарз) ва ғ. Дар «Авесто» меъёри ҳуқуқие низ вуҷуд дорад, ки озодии ҳаракат ва ҳуқуқи мардумро ба манзил ва интихоби макони зист эътироф мекунад: «Ман озодии рафту омад ва озодии доштани хонаву кошонаро барои мардумоне, ки бо чорпоёни хеш бар ин замин ба сар мебаранд, раво медорам… Аз ин пас рустои маздопарастонро зиён намерасонам ва ба вайронии он намехезам ва оҳанги тану ҷон (касе)- ро намекунам» (Ясно, ҳоти 12) [1,141]. Эъломияи ҳуқуқие, ки онро Куруши Кабир дар соли 539 қабл аз мелод дар бораи ҳуқуқу озодиҳои мардум ба манзил ва ҳаракат дар ҳудуди империяи бузурги Ҳахоманишиён интишор дода буд [10,112-124], аз ҳамин меъёри ҳуқуқии дар «Авесто» баёнгардида маншаъ гирифта буд. Риоя накардани ин меъёр метавонист фаъолияти муътадили дастгоҳи идоракунии давлатро халалдор намуда, муошират муносибати озодонаи одамони маскуни минтақаҳои мухталифи тобеи Ҳахоманишиёнро ғайриимикон созад [11,76-77].

Бояд тазаккур дод, дар моддаи 13-уми Эъломияи ҳуқуқи башар, сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 24) ва дигар давлатҳои демократӣ низ меъёрҳое вуҷуд доранд, ки онҳо мисли меъёри дар боло зикршудаи зардуштӣ ҳуқуқи ҳар як инсонро ба рафту омад ва интихоби озодонаи макони зист эътироф менамоянд. Ҳолати мазкур то чӣ андоза бо талаботҳи ҳуқуқии ҷомеаи муосири демократӣ мутобиқат доштани меъёрҳо ва усулҳои низоми ҳуқуқии дини зардуштиро нишон медиҳад.

Дар «Авесто» ду шакли идораи давлат муқаррар карда шудааст: идораи ҳарбӣ ва идораи шаҳрвандӣ. Шакли ҳарбии идораи давлат ба мақсади бартараф кардани хатари ҷангӣ, ҳифз кардан ва пурқувват намудани пояҳои ҳокимияти сиёсӣ ба кор бурда мешуд. Усули идораи шаҳрвандии давлат дар давраи сулҳу амонӣ корбаст мешуд. Мутобиқи таълимоти «Авесто», дар замони осоишта умури судии ҷаҳонро Меҳр (Митра) идора менамуд [1,665-666].

Дар «Авесто» ва дигар манобеи ҳуқуқи зардуштӣ бархе истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ низ вуҷуд доранд. Яке аз ин гуна вожаҳо – *мӯбад* (аз вожаи паҳлавии *магупати*) мебошад. Вожаи *мӯбад* дар осори зардуштӣ ба маънои *рӯҳонӣ, муллоё фақеҳ* ба кор бурда шудааст. Ба ин маъно дар «Авесто» ба ғайр аз вожаи *магупати (мӯбад)*, инчунин, вожаи *рату* низ ба кор бурда шудааст. Ба ақидаи Балъамӣ, истилоҳи *мӯбади мӯбадон* – маънои *муфтӣ* ё сарвари рӯҳониёни зардуштиро дорад [4,211]. «Авесто» ба мӯбадон ваколатҳо ва ҳуқуқҳои махсуси сиёсиву судиро медод. Дар давраи салтанати шоҳони сулолаҳои асотирии Пешдодиён ва Каёниён мӯбадҳо ҳокимияти судиро сарварӣ мекарданд ва ҳатто худи шоҳони ин сулолаҳоро ба додгоҳ барои ҷавобгарии судӣ кашида метавонистанд. Дар ин бора Низомулмулк дар «Сиёсатнома» чунин менависад: «Чунин гӯянд, ки расми мулукони олами Аҷам чунин будааст, ки рӯзи Меҳргон ва рӯзи Наврӯз подшоҳ мар оммаро бор додӣ ва ҳеҷ касро боздошт набудӣ ва пеш ба чанд рӯз мунодӣ фармудӣ, ки: «Бисозед фалон рӯзро!», то ҳар касе шуғли хеш бисохтӣ ва қиссаи хеш бинавиштӣ ва ҳуҷҷати хеш ба даст овардӣ. Ва хасмон кори хешро бисохтандӣ ва чун он рӯз будӣ, мунодии малик аз беруни дар биистодӣ ва бонг кардӣ, ки: «Агар касе мар касеро боздорад аз ҳоҷат бардоштан дар ин рӯз, малик аз хуни ӯ безор аст!». Пас малик қиссаҳои мардумон бистадӣ ва ҳама пеш бинҳодӣ ва як-як менигаридӣ. Агар он ҷо қиссае будӣ, ки аз малик бинолидӣ, мӯбади мӯбадонро ба дасти рост нишонда будӣ ва мӯбади мӯбадон қозиюлқуззот бошад ба забони эшон, пас малик бархостӣ ва аз тахт ба зер омадӣ ва пеши мӯбад ба ду зону биншастӣ ва гуфтӣ: «Нахуст аз ҳама довариҳо доди ин мард аз ман бидеҳ ва ҳеҷ майл ва муҳобо макун!». Он гоҳ мунодӣ фармудӣ кардан, ки: «Ҳар киро бо малик хусумате ҳаст, ҳама ба як сӯ боистед, то (мӯбади мӯбадон) нахуст кори шумо бигзорад!» [13,57].

Чӣ тавре, ки аз таҳқиқи забони «Авесто» ва дигар осори паҳлавӣ хулоса кардан мумкин аст, дар онҳо вожаҳои махсусу соҳавӣ, алалхусус истилоҳҳо, даврaҳои пайдоиш, густариш ва такомули семантикиро аз сар гузаронидаанд. Дар таркиби луғавии забони

паҳлавӣ (форсии миёна) бисёр вожаҳо ва истилоҳҳои марбути соҳаҳои гуногун вуҷуд доранд, ки онҳо тибқи қоидаҳо ва роҳҳои барои аксарияти забонҳои муосир маъмулии калимасозӣ сохта шудаанд. Ба ақидаи олими тоҷик Д.Саймиддинов дар забони паҳлавӣ шаш роҳи вожагузинӣ ва истилоҳсозӣ корбаст мешуд: 1 - аз тариқи ба маънои махсуси соҳавӣ истифода бурдани вожаи маъмул ва умумистеъмоли паҳлавӣ; 2- ба маънои истилоҳӣ ба кор бурдани вожаи ғайриистилоҳӣ; 3 – иқтибос аз забони авестоӣ (форсии қадим); 4 – тарҷума ё айнан кӯчонидани вожаву истилоҳҳо аз забони авестоӣ (форсии қадим); 5 – иқтибоси вожаву истилоҳҳо аз забонҳои ғайриэронӣ (юнонӣ, ҳиндӣ); 6 – бо роҳи калимасозӣ (истилоҳофаринӣ).

Омилҳои асосие, ки барои пайдоиш, танзим ва рушди истилоҳоти ҳуқуқӣ дар забони паҳлавӣ – забони расмии давлати Сосониён мусоидат намудаанд, аз инҳо иборат мебошанд:

а) Дар тӯли садсолаҳо ба таври муттасилона ва бетанаффус вусъат ёфтани чаҳорчӯбаҳо ё ҳудудҳои сохторӣ-ташкилӣ ва идории давлати Сосониён (дар ин замина дар забони паҳлавӣ (форсии миёна) истилоҳоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ, идориву маъмурӣ ва номвожагон – истилоҳҳои ифодакунандаи номҳои лавозимоти идорӣ ва ҳоказо ба вуҷуд омадаанд);

б) Мақоми динӣ - давлатӣ гирифтани оини зардуштӣ - ҳамзамон бо ин воқеият, зарурияти таълифи рисолаҳо ва тафсирҳое, ки дар онҳо бояд таълимоти мушкилфаҳми оини зардуштӣ оид ба масоили динӣ, теологӣ, ҳастишиносӣ, маърифатӣ, кайҳоншиносӣ ва ғ. шарҳу тавзеҳ дода мешуданд, барои таълифи қонунҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ки онҳо мебоист барои ба танзим даровардан ва идора кардани муносибатҳои иҷтимоӣ хизмат менамуданд ва дигар заруриятҳо ба миён омаданд. Дар ҳамин замина дар забони паҳлавӣ шумораи зиёди истилоҳоти динӣ, фалсафӣ, кайҳоншиносӣ, ситорашиносӣ ва дигар соҳаҳо пайдо шудаанд;

в) Ба забони паҳлавӣ тарҷума шудани матни «Авесто» (дар ҳамин замина бархе истилоҳҳои соҳавӣ аз забони авестоӣ (форсии қадим) ба таркиби луғавии забони паҳлавӣ иқтибос карда шудаанд);

г) Тарҷумаи осори динӣ, фалсафӣ ва тиббӣ аз забонҳои санскрит, юнонӣ ва дигар забонҳо ба забони паҳлавӣ (дар заминаи ин анъана, ки дар замони салтанати Сосониён ташаккул ёфта ва дар Гундишопур – яке аз муҳимтарин марказҳои илмии Шарқи бостонӣ ҷараён дошт, забони паҳлавӣ аз ҳисоби иқтибоси истилоҳҳо ва вожаҳои юнониву ҳиндӣ боз ҳам бой ва ғанитар гардид).

Ҳамин тавр, истилоҳҳои ифодакунандаи мафҳумҳои динӣ, фалсафӣ, ҳуқуқӣ, тиббӣ ва дигар соҳаҳои илм на танҳо дар забонҳои навину муосири эронӣ, балки ҳанӯз дар забонҳои авестоӣ (форсии қадим) ва паҳлавӣ (форсии миёна) хеле зиёд ба назар мерасанд. Дар «Авесто» ва дигар осори паҳлавӣ, аз лиҳози фаровонӣ, истилоҳҳои ҳуқуқӣ мақоми аввалро ишғол менамоянд. Аз ҷумлаи мафҳумҳои ҳуқуқие, ки дар осори паҳлавӣ бештар мавриди шарҳу тафсир қарор гирифтаанд, масалан, мафҳуми *додварӣ (доварӣ, додситонӣ, қазоӣ, суд)*-ро зикр кардан мумкин аст. Мақомоти додварӣ (судӣ), мутобиқи маводи «Матекдони ҳазор додистон», дар замони Сосониён ва қабл аз онҳо се зина ё дараҷа дошт: *додвари хурд, додвари калон ва додвари олӣ*. Истилоҳи *pareraan* мафҳуми *муфаттиш*, яъне шахсеро ифода мекард, ки вазифаи тафтиш ва таъйини ҷиноятро ба зимма дошт. Аз ҷумлаи дигар истилоҳҳои ҳуқуқии забони паҳлавӣ инҳоро ба таври намуна зикр мекунем: *jadagwar* ё *jadaggow (*ёвари адвокат*), wikay (*шоҳид*), wikay droz (*шахсе, ки шаҳодати бардурӯғ медиҳад*), winahkor (*гунаҳкор, муҷрим, айбдор*), awinah (*шахси бегуноҳ*), sahrig (*худӣ, таҳҷоӣ*), ansahrig* (бегона, аҷнабӣ, мусофир, ғариб*), zanih (*никоҳ, издивоҷ, ба занӣ гирифтан*), hilisn (*талоқ, халос шудан, ҷудо шудан*), histnamag (*хати талоқ, санади талоқ, ҳуҷҷате, ки бекор шудани ақди никоҳро тасдиқ мекунад*), dad* (қазоват, ҳакамӣ), payman (аҳд. паймон) *ва г.*

Истилоҳҳои ҳуқуқии «Авесто» ва дигар осори хаттии забони паҳлавиро аз лиҳози соҳаи истифодабарӣ ба чанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1) Истилоҳҳои умумиҳуқуқӣ, яъне истилоҳҳое, ки онҳо категория (макула)-ҳо ё мафҳумҳои куллии ҳуқуқиро ифода менамоянд. Ин гуна истилоҳҳо нисбат ба дигар истилоҳҳо доираи васеътари истифода доштанд, чунки мафҳумҳое, ки онҳо ифода мекарданд (масалан, мафҳумҳои некӣ, бадӣ, дӯстӣ, душманӣ, муҳофизат ва ҳимоят, таҷовуз ва истило, адлу дод, зулму ситам, меҳру рафоқат, кинаву рақобат, имону

саодат, куфру залолат, подоши амал ва ғ.), ин гуна мафҳумҳо ҳатман дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёту фаъолият ва муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд доштанд ва дарк карда мешуданд.

2) Истилоҳоти марбути ин ё он соҳаи ҷудогонаи ҳуқуқ, масалан, истилоҳоти ҳуқуқи давлатӣ, идориву маъмурӣ, ҳуқуқи андоз ва меҳнат, судӣ, ҷиноят ва ҷазо, ҳуқуқи оилавӣ, шаҳрвандӣ ва ғ.

Бояд тазаккур дод, ки шумораи назарраси вожаву истилоҳҳои ҳуқуқии забонҳои форсии қадиму миёна дар забонҳои муосири эронӣ, аз ҷумла дар забони модарии мо низ қисман бетағйир ва қисман бо баъзе тағйиротҳои шакливу фонетикӣ мавриди истифодабарӣ қарор доранд, чунончӣ: *дод. додвар, довар, додгустарӣ, додситонӣ, додхоҳӣ, патёрагӣ, душманӣ, подош ва ғ.*

А Д А Б И Ё Т

1. Авесто: Куҳантарин сурудаҳои Эрони бостон/ Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалил Дӯстхоҳ. Теҳрон: «Марворид», 1375. –С. 409.
2. Авесто: яштҳо: Ҳурмуздяшт, бандҳои 12-15 // Авесто. Куҳантарин матнҳо ва сурудҳои эронӣ. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ.-Душанбе, 2001. –С. 202-203.
3. Ардавирафнома: Биҳишт ё дӯзах дар ойини маздоясно. Пешгуфтор ва тарҷумаи Раҳим.Ҳошим. -Тус, 1372. –С. 45.
4. Балъамӣ Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таърихи Табарӣ / Бо муқаддима ва тавзеҳоти М.Умаров ва Ф.Бобоев. -Теҳрон, 1380/2001. –С. 211.
5. История Востока. Т.1. Восток в древности. М.: Восточная литература, 2000. –С. 178-179. Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма. -Душанбе: Нодир, 2000. –С.218.
6. Муъминзода Ҳ.Ҳ. Зардушт ва оини ӯ. -Душанбе, 1997. –С. 64, 124-127.
7. Пирниё Ҳ. Эрони бостон ва таърихи муфассали Эрони қадим. Ҷ.2. -Теҳрон, 1369. –С. 1992.
8. Периханян А.Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды. М.: Наука, 1983. –С. 21-25.
9. Рашшод М. Фалсафа аз оғози таърих. -Душанбе: 1990. –С.109.
10. Тахиров Ф.Т., Холиков А.Г. Декларация Великого Кира как исторический источник о правах и свободах человека / Духовная культура таджиков в истории мировой цивилизации: Сборник статей.- Душанбе, 2002. –С. 112-124.
11. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма.- Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. –С. 15.
12. Холиқов А. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Ҷ.1. -Душанбе: Матбуот. 2002. –С.60.
13. Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ. Сияр-ул-мулук (Сиёсатнома) / Бо эҳтимоми Ҳ.Дорк. Теҳрон, 1387. –С. 57.
14. Яъқубов Ю. Гоҳномаи Авастоӣ. Дар бораи ин ҷашнвора Душанбе: Деваштич, 2003.

НЕСКОЛЬКО СЛОВ ОБ ОСОБЕННОСТЯХ ПРАВОВОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В СТАРОПЕРСИДСКОМ И СРЕДНЕПЕРСИДСКОМ ЯЗЫКАХ

В Авесте, каменных надписях Ахеменидов и других пехлевийских, согдийских, бактрийских источниках существуют многие термины, свидетельствующие о богатой государственно-правовой культуре и традициях древних арийцев. Эти традиции нашли преемственное развитие также в раннесредневековый (сасанидский) и исламский периоды.

Ключевые слова: закон, религии, короли, искусство закона, Европа, Авесто.

SOME ASPECTS OF PERFORMANCE OF LAW REFORMS IN MID AND ANION PERSIANS

The article devoted to the presenting some facts of art of law in Arians and in the Avesto of the religion Zarathustra. It is mentioned that the first time the king Ahurumazdo put issues of law to religion. Some other facts and historical information are also discussed

Key words: law, religions, kings, art of law, Europe, Avesto.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ш.И.Хаитова*** - доктарант Таджикского национального университета.

СИҒАИ ШАРТӢ-ХОҲИШМАНДӢ ДАР ЗАБОНИ АРАБӢ

Т. Якубов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони тоҷикӣ феълҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ амалеро ифода мекунанд, ки гӯянда воқеъ гардидани онро раво, имконпазир ва ё вобаста ба шарте медонад. Яке аз шаклҳои асосӣ ва аломати сиғавии феълҳои шартӣ-хоҳишмандӣ аорист буда, вобаста ба он ва сохти ҷузъи асосии феълҳои таркибӣ тобишҳои замонӣ ва маъноӣ ифода меёбад. Замон ва тобишҳои маъноии феълҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ вобаста ба сохту робитаҳои синтаксисӣ ва оҳанги гуфтор низ равшан мегардад. Ҳамаи тобишҳои маъноии ин сиға, ки бештаринашон аҳамияти услубӣ доранд, ба ду маънии умумӣ ва асосӣ, яъне шарт ва майлу хоҳиш марбутанд. Дар забони ҳозираи тоҷик ду тарзи баёни маъниҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ маъмул аст:

1. Тобишҳои маъноии сиға бо худи шаклҳои феълӣ алоқамандона бо сохти ҷумла, робитаҳои синтаксисӣ ва оҳанг ифода меёбанд. Калимаҳои махсуси ёридиҳанда кор фармуда намешаванд. Масалан:

Тӯйро ба чор кас маъқул карда гузаронем (Р. Ҷалил, Шӯроб) (1, 280).

2. Тобишҳои маъноии шаклҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, ғайр аз сохти ҷумла ва оҳанг, бо калимаҳои ёридиҳанда, пайвандак ва ҳиссачаҳо равшантар таъкид мешавад. Ҳар як унсури грамматикӣ ё калимаи ёридиҳанда бо тобиши махсуси маъноӣ омада, маънои сиғавӣ ва ҷилои услубии феълҳоро, хусусан шаклҳои аористро ошкор месозад ва қувват медиҳад.

Калимаҳои модалӣ ва ҳиссачаҳои мон, монед, биё, биёед, бигзор, бигузоред, бояд, бояд ки, мебоист, ақаллан, майлаш, аслан барои ифодаи орзуву хоҳиш хизмат мерасонанд:

— **Биёед**, мо ҳам рафта кори ҳашарро тамошо кунем ва ба ҳашарчиён «монда нашаведӣ» **гӯем** (4, 72).

…. ман **бояд** бе ҳеҷ сактахонӣ ва забонгирӣ дарси гузаштаро дар пеши домулло **хонда** диҳам (4, 92).

Бинобар ин **мебоист** ман ӯро дуруст шинохта гирифта бошам (4, 249).

Дар забони арабӣ ин навъи сиға низ корбаст буда, барои равшантар ва возеҳтар намудани сиғаи феъл калимаҳои ёридиҳанда, пайвандак ва ҳиссачаҳо хизмат мерасонанд. Дар забони мазкур низ унсурҳои грамматикӣ ё калимаи ёридиҳанда бо тобиши маъноии хеш омада, маънои сиғавии феълро равшан менамоянд. Дар ифодаи ин навъи сиғаи феъл дар забони арабӣ ҳиссачаҳои зиёде кор бурда мешаванд, ки баъзеи онҳо ба феъл маънои майлу хоҳиш ва баъзеи дигар маънои шартро мебахшанд. Ба ҳамин хотир беҳтар он аст, ки ин навъи сиғаро дар забони арабӣ ба монанди забони осори асрҳои IX-X тоҷик ба ду қисмат: **сиғаи дуоӣ (орзӯӣ, оптатив, хоҳишмандӣ) ва сиғаи шартӣ** тақсим намоем.

Сиғаи дуоӣ (хоҳишмандӣ). Дар забони арабӣ ин навъи сиғаи феъл бо роҳҳои гуногун сохта мешавад. Яке аз он роҳҳои сохтани сиғаи хоҳишмандӣ ин истифодаи ҳарфи носибаи أَنْ мебошад. Ҳарфи носибаи أَنْ - *ин ки* пеш аз феъли музореъ омада, эъроби рафъи феълро мансуб менамояд. Илова бар ин, маъмулан баъди феъле қарор мегирад, ки мазмуни майлу хоҳишро дошта бошад. Чун: ... أُرِيْدُ أَنْ - *мехоҳам, ки* … . Ин матлабро дар забони тоҷикӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст:

Дар нутқ **фаҳмидан мехостам, ҷӯр кардан мехостам, пӯшидан мехоҳад** барин таркибҳо худ ба худ маънои майлу хоҳишро ифода мекунанд [1, 280].

Он рӯз аввали пагоҳ бачаро сер карда, ба гаҳворааш басту аз Оймулло **хоҳиш кард**, ки то омадани вай дар болохона, дар пеши бача китобашро **хонда шинад** (5, 354).

Дар мисоли дуввум шакли замони гузашта истифода шудааст, ки мазмуни хоҳишро дорад.

Ин навъи таркибҳоро дар забони арабӣ низ дучор омадан мумкин аст, ки возеҳона далолат ба сиғаи хоҳишмандӣ менамоянд:

وَإِنْ شَاءَ اللهُ ظُرُوفُ عَمَلٍ بَابًا تُسَاعِدُهُ لأَنَّهُ لا يُرِيْدُ أَنْ يُغْلِقَ الْعِيَادَةَ هُنَا

Худо хоҳад, мавқеи корӣ падар ба ӯ кӯмак мерасонад, зеро ӯ ин ҷо ***қабулгоҳро бастан намехоҳад*** (10, 54).

يُرِيْدُ أَنْ يُسَافِرَ إِلى أفْغَانِسْتَان

Ба Афғонистон ***сафар кардан мехоҳад*** (10, 83).

Илова бар ин дар забони тоҷикӣ як гурӯҳ калимаҳои модалӣ ва ҳиссачаҳое дар нутқ амал менамоянд, ки барои ифодаи ҷилоҳои маъноии хоҳишу орзӯ ва таъкиду супориш хизмат мекунанд. Ин калимаҳо инҳоянд: мон-монед, биё-биёед, бигзор-бигузор, бояд-бояд ки, мебоист, ақалан, майлаш, кошки-кош, наход-наход ки, канӣ, даркор. Дар робита ба ин мавзӯъ дар забони арабӣ ҳиссачае вуҷуд дорад, ки он ҳиссачаи لِـ аст. Ин ҳиссача дар аввали феъли музореъ омада, феъли музореъ баъди он маҷзум мешавад Ин ҳиссача ба феъл мазмуни хоҳишу орзӯ ва таъкиду супоришро мебахшад. Забоншиносони араб ин ҳарфро «لامُ الأمْر» - (ломи амр) низ номидаанд, зеро мазмуни ӯ ба сиғаи амри аслӣ шабоҳат дорад. Аз сиғаи амри аслӣ аз он фарқ менамояд, ки сиғаи амри аслӣ ба шахси II-юм тааллуқ дорад, аммо ҳиссачаи لِـ дар шахси III-юм низ корфармуда мешавад:

وَلْتَأْتِ طائِفَةٌ أُخْرَى لَمْ يُصَلُّوا فَلْيُصَلُّوا مَعَكَ وَلْيَأْخُذُوا حِذْرَهُمْ وَأَسْلِحَتَهُمْ

Бояд *ба пушти сари шумо (ба майдони набард)* ***бираванд*** *ва он дастаи дигаре, ки намоз нахондаанд (ва машғули пайкор будаанд)* ***биёянд*** *ва бо ту намоз бихонанд; Онҳо* ***бояд*** *васоили дифоъ ва силоҳҳояшонро (дар ҳоли намоз) бо худ* ***ҳамл кунанд*** (Сураи Нисоъ, ояти 102).

Дар ояти овардашуда феълҳои تَأْتِي - *бираванд,* يُصَلُّوْنَ - *намоз мехонанд,* ва يَأْخُذُوْنَ - *мегиранд* баъди ҳиссачаи لِـ маҷзум гардида, маънои хоҳишу орзӯ ва супоришу таъкидро дар худ ифода намудаанд. Сабаби бо аломати сокин омадани ҳиссачаи لِـ бошад, дар он аст, ки ӯ баъди пайвандакҳои فَـ ва وَ қарор гирифтааст.

Роҳи дигари сохтани сиғаи дуоӣ (хоҳишмандӣ) нисбатан, содатар буда, танҳо бо илова намудани калимоти ҷудогона, бар аввали феъл сохта мешавад. Ба ин гурӯҳи калимот номҳои Худо, ки бо услуби ниёишу дархост дар нутқ истифода мешаванд, аз қабили: الله - *Худоё!,* اَللّٰهُمَّ - *Парвардигоро!* ва رَبِّي - *Худовандо!* дохил мешаванд:

اَللّٰهُمَّ آتِنَا فِي الدُّنْيَا حَسَنَةً وَفِي الْآخِرَةِ حَسَنَةً وَقِنَا عَذَابَ النَّار

Парвардигоро*! Ба мо дар ин дунёву охират хубӣ* ***ато намоӣ*** *ва моро аз азоби оташ* ***нақот бидиҳӣ*** (7, 784).

Дар ин навъи ҷумлаҳо, ки дар онҳо услуби ниёишу дуо ва хоҳишу дархост вуҷуд дорад, ҳатман феъли вуҷуддошта мазмуни сиғаи дуоӣ-хоҳишмандиро ифода менамояд. Ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки дар чунин ҷумлаҳо феъл асосан дар сиғаи амрӣ қарор мегирад. Аммо ба ҳеҷ вақҳ мазмуни амру фармонро намефаҳмонад. Дар мисолҳои фавқӣ феълҳои آتِنَا – *ато кун* ва قِنَا - *нақот деҳ* дар сиғаи амрӣ қарор дошта, баъди калимаи اَللّٰهُمَّ – *Парвардигоро!* сиғаи он ба сиғаи дуоӣ-хоҳишмандӣ табдил ёфтааст.

Илова бар ин феъл дар чунин ҷумлаҳо дар замони мозӣ низ истифода мешавад, ки дар натиҷа аз мазмуни шакли замонии хеш дур рафта, мазмуни дуову орзуро ифода менамояд:

لَعَنَ اللهُ حَامِلَهَا وَبَائِعَهَا وَشَارِبَهَا

Худованд фурушанда ва нушандаи ӣро (пиво) ***лаънат кунад*** (10, 88).

Дар ин мисол феъли لَعَنَ – *лаънат кард,* шаклан, шакли замонии гузаштаи одии сиғаи хабариро доро бошад, ҳам мазмунан, ба сиғаи дуоӣ-хоҳишмандӣ далолат менамояд. Дар робита ба ин мавзӯъ дар забони арабӣ баъзе таркибҳое вуҷуд дорад, ки айнан, ин хусусият дар онҳо ошкор аст. Ба монанди: رَضِيَ اللهُ عَنْهُ - *Худованд аз ӯ розӣ бошад,* رَحِمَهُ اللهُ - *Худованд ӣро раҳмат кунад* ва صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ - *Дуруду саломи Худо бар ӯ бод.*

Ин маънои онро надорад, ки дар ин сиға феъл танҳо дар замони гузашта ва сиғаи амр истифода мешавад. Дар матни арабӣ мисолҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки феъли дар сиғаи дуоӣ омада, дар шакли музореъ истифода шудааст:

كَتَبْتُهَا فِي وَفَاةِ جَدِّي – اللهُ يَرْحَمُهُ

Ин абётро ҳангоми марги бобоям навиштам – Худованд раҳматаш кунад (10, 53).

Сиғаи шартӣ. Барои ифодаи сиғаи шартӣ дар забони арабӣ ҳиссачаҳои ҷазмкунандаи феъли музореъ, хизмат мерасонанд. Ба ин гурӯҳ на ҳамаи ҳиссачаҳои ҷазмкунанда, балки баъзеи онҳо дохил мешаванд, ки баъди истифодаи онҳо пеш аз феъли музореъ феъли номбурда мазмуни шартиро қабул менамояд. Илова бар ин, онҳо ба эъроби феъл низ таъсир расонида, эъроби аслии феълро, ки марфуъ аст, тағйир дода, маҷзум менамоянд. Ба ин гурӯҳ «لِـ»-и амр дохил мешавад, ки агар ӯ баъди худ як феълро

маҷзум намояд, қисмати дигари ҳиссачаҳо бошанд, ки зикрашон хоҳем намуд, баъди худ ба ду феъли музореъ таъсир расонида, ду феълиро маҷзум мегардонанд. Тафовути дигар миёни онҳо дар он аст, ки қисмати аввал («ломи амр») танҳо барои дархост ва талаб истифода мешавад, аммо қисмати дуввум дар навбати худ эъроби рафъи феълҳои пайиҳамомадаи музореъро ҷазм намуда, сиғаи хабарии феълро ба сиғаи шартӣ табдил медиҳанд. Ҳуруфи мазкур инҳоянд:

إنْ - *агар*, إذْما - *агар, ҳаргоҳ*, مَنْ - *касе ки*, ما - *чизе ки*, مَهْما - *ҳаргоҳ*, أيُّ - *бо ҳар касе, бо ҳар чизе*, كَيْفَمَا - *ҳар тавре*, مَتَى - *ҳар вақте*, أيْنَمَا - *ҳар ҷое*, أيَّانَ - *ҳар гоҳ*, أنَّى - *ҳар ҷое,* ва حَيْثُما- *ҳар ҷое.*

Қайд намудан зарур аст, ки баъди адавоти ҷозимаи мазкур ду феъли музореъ маҷзум меояд, ки ҳар яки аз он феълҳо як ҷумлаи содаро ташкил медиҳанд. Аз ин хотир дар муқоиса бо забони тоҷикӣ метавон феъли аввалро ҷумлаи пайрав ва феъли дуюмро сарҷумла номид. Чун:

إنْ تَكْسَلْ تَخْسَرْ - *Агар тамбалӣ намоӣ, хасорат мебинӣ* (9, 16).

Дар ин ҷумла калиами إنْ - *агар* яке аз адавоти ҷозима (аниқтараш пайвандаки шартӣ) буда, пеш аз ҷумлаи пайрави шарт омадааст (яъне феъли تَكْسَلْ - *тамбали намоӣ*) ва феъли تَخْسَرْ - *хасорат мебинӣ* сарҷумла ба ҳисоб меравад.

Ба ҳамин наздик Ҷамолуддин ибн ал-Ҳоҷиб низ ҷунин қайд мекунад:

كَلِمُ الْمُجَازَاتِ تَدْخُلُ عَلَى الْفِعْلَيْنِ لِسَبَبِيَّةِ الأَوَّلِ وَمُسَبَّبِيَّةِ الثَّانِي وَتُسَمَّيَانِ شَرْطًا وَجَزَاءً

Калим-ал-муҷозот бар аввали ду феъл қарор мегиранд, ки феъли аввалро сабаб ва феъли дуввумро мусаббаб гӯянд, ки шарт ва ҷазо низ номида мешаванд [6, 68].

Рашид аш-Шартунӣ дар асари худ مَبَادِئُ الْعَرَبِيَّة ҷунин мефармояд:

أَوَّلُ الْفِعْلَيْنِ الْوَاقِعَيْنِ بَعْدَ أَدَوَاتِ الشَّرْطِ يُسَمَّى شَرْطًا وَالثَّانِي يُبْنَى عَلَيْهِ بِاعْتِبَارِ كَوْنِهِ مُسَبَّبًا عَنْهُ وَيُسَمَّى جَوَابًا وَيُقَالُ لَهُ الْجَزَاءُ أَيْضًا

Феъли аввал, ки баъди пайвандакҳои шартӣ қарор мегирад, шарт номида шуда, феъли дуввум, ки баъди феъли аввал меояду мусаббаби он мебошад ва ба ҳамин хотир гузошта мешавад, ҷавоб номида мешавад, ки ҷазо низ меномандаш [9, 17].

Аз ин гуфтаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он феълеро, ки Ибн ал-Ҳоҷиб ва Рашид аш-Шартунӣ бо истилоҳи «**шарт**» баррасӣ намуданд, ҳамон ҷумлаи пайрави шарти забони тоҷикӣ мебошад. Феъли дуввум, ки ин ду забоншинос онро бо истилоҳи «**ҷавоб**» ва ё «**ҷазоъ**» ёдрас шуданд, сарҷумлаи ҷумлаи мураккаби тобеъ мебошад.

Алъон, ба баёни он ҳиссачаҳои ҷозима мепардозем, ки дар гурӯҳи дуюм дохил мешаванд. Дар ин навбат ҳам маънои луғавӣ ва ҳам вазифаи грамматики онҳо баён мешавад. Дар фарҳангҳои арабӣ-форсӣ ин адавот чунин шарҳ ёфтаанд:

إنْ . 1) Ҳарфи шарт аст, ки ду феълро маҷзум мекунад. Мисол: إنْ تَزْرَعْ تَحْصُدْ - *Агар бикорӣ, медаравӣ*. 2) Ҳарфи нафии шабеҳ ба لَيْسَ - *на…, нест* аст: إنْ هُوَ ناجحا إلَّا بالاجتهاد - *У пирӯз нахоҳад буд, магар дар сояи кӯшиш* (8, 282).

Дар ҷумлаи إنْ تَزْرَعْ تَحْصُدْ - *Агар бикорӣ, медаравӣ* феъли إنْ تَزْرَعْ - *Агар бикорӣ* ҷумлаи пайрави шарт ва ё бо истилоҳи арабӣ феъли шарт буда, феъли дуввум تَحْصُدْ - *медаравӣ* сарҷумла, яъне ҷавобу ҷазо мебошад.

إذْما - *Ҳаргоҳ, агар*. Ҳарфи шарт аст. Мураккаб аз إذْ ва ما -и зиёдатӣ, ки ба ду феъл ҷазм медиҳад. Мисол: إذْما تَدْرُسْ أدْرُسْ - *Ҳаргоҳ, ки ту дарс бихонӣ, ман низ мехонам* (8, 73).

Дар ҷумлаи إذْما تَدْرُسْ أدْرُسْ - *Ҳаргоҳ, ки ту дарс бихонӣ, ман низ мехонам* низ феъли إذْما تَدْرُسْ - *ҳаргоҳ, ки ту дарс бихонӣ* ҷумлаи пайрав буда, феъли أدْرُسْ - *ман низ мехонам* сарҷумла ба ҳисоб меравад.

مَنْ . 1) Исми шарти ҷозим (ҷазмкунанда) аст: فَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقالَ ذَرَّةٍ خَيْرًا يَرَهُ -*пас ҳар кас ҳамвазни заррае кори хайр анҷом диҳад, онро мебинад*. 2) Исми истифҳом (саволӣ) аст; монанди: مَنْ أنْتَ؟ - *ту кистӣ?*. 3) Исми мавсула (ҷонишини нисбӣ)-и муштарак аст, ки ғолибан барои оқил ба кор меравад: أنا أحْتَرِمُ مَنْ يَحْتَرِمُ الإنْسانِيَّة - *бузург мешуморам касеро, ки инсониятро муҳтарам медорад*.

Дар ояти муборакаи فَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقالَ ذَرَّةٍ خَيْرًا يَرَهُ - *пас ҳар кас ҳамвазни заррае кори хайр анҷом диҳад, онро мебинад* қисми аввали оят فَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقالَ ذَرَّةٍ خَيْرًا - *пас ҳар кас ҳамвазни заррае кори хайр анҷом диҳад* ҷумлаи пайрав буда, қисми дуввум يَرَهُ - *онро мебинад* сарҷумла мебошад.

مَا . Ҳарфи шарт аст, ки ду феълро ҷазм месозад: مَا تَتَعَلَّمْ فِي الصِّغَرِ يَنْفَعْكَ فِي الْكِبَرِ - *он чизеро, ки дар хурдӣ таълим мегирӣ дар калонсолӣ манфиатат мебахшад*. 2) Исми

истифҳом (саволӣ) аст: مَا اِسْمُكَ؟ - *номат чист?*. Исми мавсул (ҷонишинӣ нисбӣ) аст: هَذَا هُوَ مَا يَنْفَعُكَ - *ин ҳамон чизест, ки ба ту фоида дорад*.

Дар ҷумлаи مَا تَتَعَلَّمْ فِي الصِّغَرِ يَنْفَعْكَ فِي الْكِبَرِ - *он чизеро, ки дар хурдӣ таълим мегирӣ дар калонсолӣ манфиатат мебахшад* қисмати аввал مَا تَتَعَلَّمْ فِي الصِّغَرِ - *он чизеро, ки дар хурдӣ таълим мегирӣ* ҷумлаи пайрав буда, қисмати дуввум يَنْفَعْكَ فِي الْكِبَرِ - *дар калонсолӣ манфиатат мебахшад* сарҷумла ба ҳисоб меравад.

مَهْما . Исми шарт аст, ки ду феълро ҷазм мекунад, ё а) ба замон далолат мекунад: مَهْمَا تَلْقَنِي أُسَلِّمْ عَلَيْهِ - *ҳаргоҳ маро бубинад, ба ӯ салом мекунам*, 2) ё ба ғайри замон далолат мекунад: مَهْمَا تَكُنْ صِفَاتُكَ تُعَلَّمْ - *рафтор ва сифати ту ҳарчи бошад, бадон шинохта мешавӣ* (8, 1685).

Дар ҷумлаҳои مَهْمَا تَلْقَنِي أُسَلِّمْ عَلَيْهِ - *ҳаргоҳ маро бубинад, ба ӯ салом мекунам* ва مَهْمَا تَكُنْ صِفَاتُكَ تُعَلَّمْ - *рафтор ва сифати ту ҳарчи бошад, бадон шинохта мешавӣ* қисмати аввали онҳо مَهْمَا تَلْقَنِي - *ҳаргоҳ маро бубинад* ва مهما تكنْ صفاتك - *рафтор ва сифати ту ҳарчи бошад* ҷумлаи пайрав мебошанд, аммо қисмати дуввум أسلّمْ عليه - *ба ӯ салом мекунам* ва تعلّمْ - *бадон шинохта мешавӣ* сарҷумлаанд.

أيُّ . 1) Исми шарт аст, ки ду феълро маҷзум месозад: أيًّا تُعاشِرْ أُعاشِرْ - *бо ҳар касе, ки ту муошират кунӣ, ман низ муошират мекунам*. 2) Исми истифҳом (саволӣ) аст: أيُّ الطَّالِبِ سَلَّمْ عَلى أيهم أفضَلُ - *кадом як аз донишҷӯён қабул шудан?*. 3) Мавсула (ҷонишини нисбӣ) аст: نَجَحَ؟- *ба онки фозилтар аз ҳама аст, салом кун*. 4) Васф (ҳайрат ва тааҷҷуб) аст ва ба камол далолат мекунад: عِصَامٌ رَجُلٌ أيّ رجل! - *Исом мард аст ва чӣ марде!*. 5) Мунодо (ҳиссачаи нидо)-и муттасил ба هَا -и танбеҳ аст: يا أيُّهَا الرَّجُلُ المُعَلَّم غَيْرَه - *эй ки дигаронро омӯзиш медиҳӣ* (8, 437).

Дар ҷумлаи أيًّا تُعاشِرْ أُعاشِرْ - *бо ҳар касе, ки ту муошират кунӣ, ман низ муошират мекунам* қисмати аввали он أيًّا تُعاشِرْ - *бо ҳар касе, ки ту муошират кунӣ* ҷумлаи пайрав мебошад, аммо қисмати дуввум أُعاشِرْ - *ман низ муошират мекунам* сарҷумла мебошад.

كَيْفَمَا . Исмест мабнӣ (бе эъроб) бар фатҳа (бо ҳаракати фатҳа тамом мешавад), ки ғолибан аз он пурсиш ирода кунанд: كَيْفَ حَالُ أخِيْكَ؟ - *ҳоли бародарат чи гуна аст?*. 2) Одоти шарт аст, ки гоҳ бо مَا ҳамроҳ ояд: كَيْفَما تَمْشِ أمْشِ - *ҳар тавре ки роҳ биравӣ, ман ҳам меравам* (8, 1467).Дар ҷумлаи كَيْفَما تَمْشِ أمْشِ - *ҳар тавре ки роҳ биравӣ, ман ҳам меравам* қисмати аввали он كَيْفَما تَمْشِ - *ҳар тавре ки роҳ биравӣ* ҷумлаи пайрав мебошад, аммо қисмати дуввум أمْشِ - *ман ҳам меравам* сарҷумла аст.

مَتَى . 1) Исми истифҳом (ҳиссачаи саволии кай?) аст, барои замон: مَتَى سَافَرْتَ؟ - *чӣ вақт мусофират кардӣ?*. 2) Исми шарт аст, ки ду феълро ҷазм медиҳад: مَتَى تَذْهَبْ أذْهَبْ - *ҳар мавқее ки ту биравӣ, ман ҳам меравам* (8, 1535). Дар ин қавли муаллиф дар ҷумлаи дуввум, ки ҳиссачаи مَتَى -ро ба ҳайси ҳиссачаи шарт баррасӣ менамояд, қисмати аввали он ҷумла مَتَى تَذْهَبْ - *ҳар мавқее ки ту биравӣ* ҷумлаи пайрав буда, қисмати дуввум أذْهَبْ - *ман ҳам меравам* сарҷумла ҳисобида мешавад.

أيْنَما – *Ҳар куҷо*. Зарфи замон аст, ки бо маънии шартӣ ду феълро ҷазм медиҳад: أيْنَما تَذْهَبْ أذْهَبْ - *ҳар ҷо ту биравӣ, ман ҳам меравам* (8, 349).

Дар ин ҷумлаи фавқӣ низ қисмати аввал أيْنَما تَذْهَبْ - *ҳар ҷо ту биравӣ* ҷумлаи пайрав ва қисмати дуввум أذْهَبْ - *ман ҳам меравам* сарҷумла дониста мешавад.

أيَّانَ . Исми шарт аст ба маънои замон, ки ду феълро маҷзум месозад: أيَّانَ تَدْرُسْ تَنْجَحْ - *ҳаргоҳ дарс бихонӣ, комёб мешавӣ*. 2) Исми истифҳом аст ба маънои «*чӣ вақт?*»: أيَّانَ تَرْجِعْ؟ - *чӣ вақт бармегардӣ?* (8, 347).

Дар ҷумлаи аввал қисмати якум أيَّانَ تَدْرُسْ - *ҳаргоҳ дарс бихонӣ* ҷумлаи пайрав аст ва қисмати дуввум تَنْجَحْ - *комёб мешавӣ* сарҷумла мебошад.

أنَّى . Ҳарфе аст, ки ба чанд ваҷҳ ба кор меравад: 1) Барои истифҳом ба маънии «*куҷо?, чи гуна?, аз куҷо? ва чи вақт?*». 2) Маънои зарфи замон ё маконро бо ифодаи шарт дорад. Дар ин сурат ба шарт (феъли аввал) ва ҷавоб (феъли дуввум) (сарҷумла ва ҷумлаи пайрав) ниёзманд аст, ҳарду маҷзум мешаванд: أنَّى تَذْهَبْ أذْهَبْ - *ҳар ҷо ки ту биравӣ, ман ҳам меравам*. Дар мисоли дуввум низ қисмати аввал أنَّى تَذْهَبْ - *ҳар ҷо ки ту биравӣ* ҷумлаи пайрав ва қисмати дуввум أذْهَبْ - *ман ҳам меравам* сарҷумла дониста мешавад.

حَيْثُما . Гоҳо ба калимаи حَيْثُ -и коффа муттасил мешавад. Дар ин сурат аз адавоти ҷазм маҳсуб мешавад: حَيْثُما تَعْمَلْ تَنْجَحْ - *ҳар ҷо ки кор кунӣ, пирӯз мешавӣ* (8, 711).

Илова бар гуфтаҳои боло дар забони арабӣ ҳиссачаи дигаре мавҷуд аст, ки бе тағйири эъроби феъл ба ӯ мазмуни шартӣ ва хоҳишмандӣ мебахшад. Ин ҳиссача لَوْ –

агар мебошад, ки бо феъли замони гузашта истифода шуда, амали ғайри воқеӣ ва шарти ғайри воқеиро баён менамояд. Масалан: لَوْ كَانَ الْفَقْرُ رَجُلا لَقَتَلْتُهُ

Агар фақру тангдастӣ инсон мебуд, мекуштамаш.

Дар ин ҷумла ҳиссачаи لَوْ бо феъл амали шартиро баён намуда, ҳиссачаи لـ -е, ки пеш аз феъли мозӣ омадааст, ҳамчун ҷавобдиҳандаи шарт ба ҳисоб меравад, ки онҳо дар якҷоягӣ сиғаи шартиро баён менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик, Қисми 1.- Душанбе: Ирфон, 1973.
2. Расторгева В.С., Керимова А.А. Система таджикского глагола. -Москва: Наука, 1964.
3. Розенфельд А.З. Очерки по грамматике современного таджикского языка (выпуск 4, глагол).- Сталинабад, 1954.
4. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо. Қисми 1,2. –Душанбе: Адиб, 1990.
5. Ҷалол Икромӣ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро. –Душанбе: Ирфон, 1984.
6. ابن الحاجب: جمال الدين ابن الحاجب. الكافية في النحو، - تاشكند، 1903.
7. الإمام أحمد بن عبد اللطيف الزبيدي، مختصر صحيح البخاري، الرياض.
8. جبران مسعود. الرائد. فرهنگ الفبایی عربی- فارسی، ترجمهٔ دکتور رضا انزابی نژاد، مؤسسهٔ چاپ وانتشارات آستان قدس رضوی.
9. الشرتوني: رشيد الشرتوني. مبادئ العربية. ج. 4. – ايران: البعثة - قم، 1417.
10. ميرال الطحاوي. الباذنجانة الزرقاء، مطابع الهيئة المصرية العامة للكتاب، 2002.

СОСЛОГАТЕЛЬНОЕ НАКЛОНЕНИЕ В АРАБСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье описывается сослагательное наклонение в арабском языке и их способы передачи. В арабском языке термин «сослагательное наклонение» не употребляется и это категория не встречается в грамматике арабского языка. Однако, для выражении этого наклонения используются частицы и модальные слова.

Ключевые слова: арабский язык, грамматика арабского языка, сослагательное наклонение в арабском языке, частицы, модальные слова.

SUBJUNCTIVE MOOD IN THE ARABIC LANGUAGE

In article the subjunctive mood in the Arabic language and their ways of transfer in this language is described. In the Arabic language the term "subjunctive mood" isn't used and it is category doesn't meet in grammar of the Arabic language. However, for expression of this an inclination it is used particles and modal words.

Key words: arabic language, grammar of the Arabic language, subjunctive mood in the Arabic language, particles, modal words.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Т. Якубов***- кандидат филологических наук, доцент ТНУ

АЗ ТАЪРИХИ ИНТИШОРИ ИСТИЛОҲИ МАСДАР ВА ТАҲҚИҚИ ОН ДАР ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ

Наҷмиддин Солиҳов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Агар ба таърифи масдар дар забоншиносии умумӣ ва забоншиносии араб диққат диҳем, ба сурати умум вай яке аз мавзӯъҳои асосии морфология буда, маънои муҷарради амал ва ҳолати феълро бе нишондоди шахс, замон, сиға ва дигар хусусиятҳои мушаххаси он баён месозад [1].

Ҳар як феъл дорои калимае мебошад, ки хусусияти исмӣ дошта, фақат маънои амалро фаҳмонида, он дар забоншиносии араб бо исми масдар маъруф аст. Масдар, одатан, барои шарҳу баёни амал, ки ба воситаи феъли ҷумлаи мушаххас ифода гардидааст, истифода мегардад [2]. Ҷойи тазаккур аст, ки ин навъ калимасозӣ дар забони арабӣ серистеъмол буда, исми амал ё ҳолатеро далолат мекунад, ки ба воситаи феъл ифода гардидааст. Масдар, ки худ исм аст, тамоми хусусиятҳои онро дар бар гирифта, дар айни ҳол бисёр хосиятҳои феълро низ доро мебошад, зеро масдар амалро далолат карда, дорои хусусиятҳои мондагӣ, гузарандагӣ, мафъулӣ ва изофӣ мебошад. Аз ҷониби дигар, хусусияти фарқкунандаи масдар аз феъл дар он аст, ки вай амалро бидуни баёни замон ва шахси иҷрокунандаи он ифода менамояд. Масдарҳо чун ба

маънои феъл корбаст гарданд, ҳолати муайяниро касб менамоянд, агар ба маънои исм истифода гарданд, одатан чун исми одӣ ва маъмулӣ ба кор бурда мешаванд.

Истилоҳи масдар дар забоншиносии араб ҳанӯз аз даврони қадим диққати забоншиносони асримиёнагии арабро ба худ ҷалб сохта, роҷеъ ба он асарҳои алоҳида офарида шудааст. Аз ҷумла, забоншиносони асримиёнагии араб ал-Кисоӣ (тав. 183 ҳ.) ва ал-Фарроъ (тав. 207 ҳ.) дар бораи масдар асарҳои алоҳида навиштаанд. Мутаассифона, ҳарчанд онҳо дар асарҳои забоншиносони қадим ёд мешаванд, вале ё то замони мо нарасидаанд ва ё дар шакли дастхат дар китобхонаҳо маҳфуз ва ҳанӯз ҳам дастраси муҳаққиқон нагардидаанд.

Истилоҳ ва истилоҳофаринӣ аз мавзӯъҳои муҳими ҳама соҳаҳои илм, техника, фарҳанг, забон ва адабиёт, таъриху фалсафа, ҷомеашиносӣ ва равоншиносӣ мебошад. Хусусияти хоси истилоҳ дар қиёс бо калимаи одӣ ва мутадовили забон аз он иборат аст, ки вай калимаро аз сермаъногӣ ва номушаххасӣ берун месозад. Ба ибораи дигар, истилоҳ ба сабаби табиат ва моҳияти хеш мавзӯъ ва ҳадафи таҳқиқро осон мегардонад. Муҳаққиқи машҳури забоншиносии араб Мустафо роҷеъ ба истилоҳ мегӯяд: Истилоҳ, одатан, дар забон ба маънии мусолаҳа ва созишу оштӣ кардани мардум аст, яъне онҳо байни худ сулҳу оштӣ менамоянд. Истилоҳ ба маънои хос низ чуноне ки дар Туларӯс омадааст: иттифоқи тоифаи махсус нисбат ба амри махсус аст… . Истилоҳи илмӣ лафзе мебошад, ки олимон барои қабул кардани он созиш кардаанд, то ки маъное аз маъниҳои илмиро баён созанд, чунончи тасъид (*болобарории газҳо*) – истилоҳи кимиё, ҳаюло (*нахустмоя*) – истилоҳи фалсафӣ, алҷарроҳа (*амалияи ҷарроҳӣ*) – истилоҳи тиб ва татъим (*пайвандкунӣ*) истилоҳи кишоварзӣ мебошанд. Дар ҷойи дигар забоншиносони муосири араб Абдуссабур Шоҳин мегӯяд: Истилоҳ лафз ё рамзи забоние мебошад, барои ифода намудани мафҳумҳои илмӣ, амалӣ, ҳунарӣ ё худ ҳар гуна мавзӯе, ки табиати хоса дорад, истифода мегардад [4]. Рӯшан аст, ки дар забоншиносии муосир истилоҳоти илмӣ – фалсафӣ аз назари овозӣ, сарфӣ ва наҳвӣ низ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд, вале пеш аз ҳама ба вазифаи истилоҳии он таваҷҷуҳи хоса дода шуда, истилоҳотеро, ки ба масдарҳо алоқаи зич доранд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамоянд:

1. Масдари аввалӣ ё сареҳ;
2. Исми масдар;
3. Масдари мимӣ;
4. Исми як маротиба ё худ масдари як маротиба (марра);
5. Исми ҳайат ё масдари ҳайат ё масдари синоӣ (сохта).

Аз он ҷо ки мақсади асосии мақолаи мо таҳлил ва баррасии истилоҳи масдар дар забоншиносии араб мебошад, танҳо ба шарҳу баёни он иктифо намуда, таҳқиқи масдарҳои дигари арабиро ба фурсати дигар вогузор месозем.

Калимаи масдар ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ аз решаи феъли арабии садара (*берун шудан, баромадан*) берун гардида, бо вазни мафъал меояд ва ба вазифаи исми замон, макон ва худи маънои масдарӣ хидмат мекунад. Ба ибораи дигар, мафҳуми масдар дар забон асосеро меноманд, ки аз он феълҳо содир мегарданд. Ал-Лайс мегӯяд: Масдар асли калимаро гӯянд, ки аз он асоси феълҳо падид омада, ба ин маънӣ шарҳу тафсир дода мешавад, ки масдарҳо он шаклҳое мебошанд, ки аз онҳо сухан оғоз меёбад, мисли: *рафтан*, *шунидан*, *азбар кардан* ва ғ. Аз масдарҳо феълҳо пайдо гардида мегӯянд: *рафт – рафтане*, *шунид– шунидане*, *ҳифз кард–ҳифз кардане* [5].

Чун ба таърихи баҳсҳои доманадори забоншиносӣ дар осори донишмандони қадими араб нигарем, мебинем, ки роҷеъ ба таърифи истилоҳи масдар баҳсҳои тӯлонӣ доир гардида, дар натиҷа ин баҳсҳо сабабгори пайдоиши ду мактаби қавии забоншиносии Куфа ва Басра гардидааст [6]. Мисоли равшани чунин баҳсҳо гуфтугӯи байни ду забоншиноси араб аз-Зуҷоҷӣ ва Абӯбакр ибн ал-Анборӣ мебошад. Аз-Зуҷоҷӣ, ки намояндаи мактаби забоншиносии Басра буд, бо ал-Анборӣ пайрави мактаби Куфа дар китоби худ Ал-Изоҳ роҷеъ ба мавзӯи масдар, ки онро Ассуютӣ дар китобаш Ал-Ашбоҳ ва-н-назоир овардааст, чунин мегӯяд: Миёни ман ва Абӯбакр ал-Анборӣ роҷеъ ба мавзӯи масдар баҳс ба вуқӯъ пайваст ва ман ба ӯ гуфтам: Аз лиҳози забон дар забони арабӣ чиро масдар мегӯянд: Ӯ [Ал-Анборӣ] гуфт: Масдар маконеро гӯянд, ки чизе аз он берун шавад, мисли масдари шутур ва монанд ба он, ҳамчунин мегӯянд масдари кор. Масдар чизе аст, ки онро наҳвиён масдар мегӯянд, мисли гуфтори мо зараба Зайда

зарбан, мазрабан (*Зайдро зад задане*), қома қиёман, мақоман (*Хест хестане*) ва монанд ба он. Инчунин шакли мафъал ҳам макон ва ҳам масдарро баён мекунад [7].

Аз ин гуфтугӯ байни аз-Зуҷоҷӣ ва ал-Анборӣ ба ин натиҷа мерасем, ки мафҳуми масдар аз назари Басриён исми макон аст, ки монанд ба он масдари мимдор ва масдари умумӣ мебошанд ва аз дидгоҳи Куфиён шакли мафъал ба маънои исми мафъул мебошад, ки аз феъл содир гаштааст, мисли он ки мегӯяд: ҳаза маркабун фориҳун (*Ин маркаби чолок аст*), ки маъноаш *Ин марқуби чолок аст*, мебошад ва машрабун ъозибун (*Машраби ширин*), ки маъноаш машрубун ъозибун (*Машруби ширин*) мебошад [7].

Дар ҷойи дигар Сибавейҳ – асосгузори низоми сарфу наҳви арабӣ – мафҳуми масдар-ро чун ҳадас (*ҳодиса*) додааст ва Ибн Сида ба ин шарҳи Сибавейҳ афзуда мегӯяд, ки масдар навъе аз исмҳо буда, исми ҳодисае мебошад, ки тавассути он феълҳо тасриф мегарданд, мисли зараба (*зад*), йазрибу (*мезанад*), сайазрибу (*хоҳад зад*)». Ҳамчунин Ибни Ҳишом ба исмияти масдар ишора намуда, онро чунин муайян кардааст: «Масдар исме мебошад, ки танҳо ҳодисаро далолат мекунад ва сухани «би-л-ҳадас» умуман ба ҳодиса бидуни вақти муайяни он далолат мекунад» [7]. Бархе аз муҳаққиқон "масдар"-ро дар чорчӯби бахшҳои калом, ки замони наҳвиро далолат мекунанд, мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Чунин тавсиф аз замон ба сурати умум фарқ дорад. Пас замони наҳвӣ вазифае мебошад, ки дар матн онро феъл ё сифат ё он чи аз чизҳои дигар, ки ба феъл нисбат дода мешавад, далолат мекунад. Замон дар ин маъно аз он чи дар сарф (морфология) фаҳмида мешавад, фарқ менамояд, зеро маъно танҳо вазифаи сиғаи феъл мебошад, ки аз матн берун аст. Пас, аз сифат ва аз масдаре, ки дар бораи ҳодиса бидуни замони он хабар медиҳанд, истифода намегардад [7].

Истилоҳи «масдар» замоне дар байни забоншиносон густариш пайдо карда, онро ба сурати густурда Абу Умар ибни Ало, Халил ибни Аҳмад, Сибавейҳ, ал-Фарроъ, ал-Ахфаш, Абу Убайда, ал-Маъзинӣ, ал-Мубаррид, Ибни Қутайба ва ас-Саълаб мавриди истифода қарор доданд [7].

Дар забоншиносӣ ин ақида роиҷ аст, ки Сибавейҳ истилоҳи «масдар»-ро аниқ муайян накардааст ва сабаби инро бархе аз муҳаққиқон дар он мебинанд, ки «истилоҳи масдар як мафҳуми равшан дар назди истифодабарандагон буд ва ба таваҷҷуҳи илмӣ эҳтиёҷ надошт [7].

Сибавейҳ истилоҳи «масдар»-ро дар шакли ҷамъ ва танҳо истифода намуда, баробари он муродифоте аз қабили «ҳадас», «аҳдос», «исми ҳадасон» ва «феъл»-ро истифода намудааст. Ин равиши кори Сибавейҳ доир ба муайян накардани маънои масдар як таърифи возеҳ ва равшан боқӣ монда, ҳар он ки баъди ӯ омадааст, ин таърифро пазируфтааст. Барои мисол ал-Фарроъ масдарро дар бисёр ҳолатҳо барои далолат бар масдари сареҳ истифода кардааст: «Калимаи «алҳамд» (*ситоиш*) исм набуда, масдар аст» [7] ва «ал-исбоҳ» (*шудан*) масдари «асбаҳа» мебошад. Ҳамчунин ал-Фарроъ «масдар»-ро ба маънои «масдари мимӣ» истифода намудааст: «Ҳар ки масдар сохтан хоҳад ҳарфи «айн»-ро фатҳа мегузорад, мисли: ал-мазриб-*ал-мазраб*, ал-мадиб-*ал-мадаб*, ал-мафир-*ал-мафар*» [7]. Баъдтар ӯ истилоҳи «масдар»-ро ба маънои масдари синоӣ истифода кардааст. Ал-Мубаррид аз Сибавейҳ чандон фарқ накарда, масдарро чун ӯ бо баъзе тавзеҳот ва тафсилот истифода кардааст: «Масдарҳо–мегӯяд ал-Мубаррид–монанди дигар исмҳо мебошанд, вале онҳо бар феълҳои исмҳо далолат мекунанд [7].

Истилоҳи «масдар» дар қарнҳои II мелодӣ шакли устуворро касб карда, тағйироте, ки ӯ дучор гардидааст, дар ҳудуди шарҳу тафсир буда, мазмуни масдарро тағйир намедиҳанд. Ибни Сароҷ дар "Усул"-и худ «масдар»-ро аз исме, ки ба шахс далолат мекунад, фарқ менамояд. Ибни Ҷиннӣ онро чунин шарҳ додааст: «Масдар ҳар як исмеро гӯянд, ки ҳодисаро далолат кунад». Ибни Ҳоҷиб истилоҳи «исм ал-ҳадас»-ро истифода намуда, ӯро ал-Мубаррид пайравӣ намуда, онро «исми феъл» номидааст. Ибни Молик бошад, вазифа ва номҳои мухталифи онро бештар баён сохтааст: «Масдар – мегӯяд Ибни Молик–асосан исмеро мегӯянд, ки ба маънои кунандаи амали исм ё аз он беруншаванда дар ҳақиқат ва ё дар шакли маҷоз далолат намуда ё дар мафъул воқеъ мегардад ва ё «феъл», «ҳадас» ё «ҳадасон» номида мешавад [7].

Охирин шарҳи истилоҳи «масдар» дар «Таърифот»-и Ҷурҷонӣ чунин омадааст: «Масдар исмест, ки аз он феъл берун шуда, аз он реша мегирад» [7]. Аз таъриф чунин бармеояд, ки масдар дар радифи исмҳо гузошта мешавад, ки чунин ақидаро басриён

тарафдор буданд ва мегуфтанд, ки масдар асли феъл аз решаи он берун мешавад ва ин ақида бо ақидаи куфиён мухолифат дорад [8].

Аз таҳқиқ ва баррасии таърихи истеъмоли истилоҳи "масдар" дар забоншиносии араб ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1) истилоҳи "масдар" қариб аз назари ҳама забоншиносони гузашта ҳамчун воҳиди грамматикие мебошад, ки аз феъл сар зада, вале танҳо амалро бидуни замон ва шахсу шумора баён месозад, зикр ёфтааст;

2) ин истилоҳро на ҳама забоншиносони араб дар шакли масдар зикр кардаанд, балки бархе аз онҳо барои ифодаи масдар истилоҳоти дигаре: ҳадас, аҳдос, исми ҳадас, ҳадасон, исми феъл, маонӣ, исм-ул-маонӣ ва мисол зикр намудаанд;

3) дар забоншиносии муосир истилоҳеро, ки худи амалро ифода карда, замон, шумора ва шахси онро баён намесозад, масдар хондаанд, ки ин истилоҳ дар забоншиносии араб яке аз истилоҳоти серистеъмол буда, шаклҳои дигареро аз қабили масдари сареҳ, масдари мутлақ, масдари мимӣ, масдари суноӣ ба худ қабул кардааст, ки ҳар яке аз онҳо дар низоми грамматикаи арабӣ вазифаҳои мухталифи морфологӣ ва синтаксисиро иҷро менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Лингвистический энциклопедический словарь. М., Советская энциклопедия, 1990, с. 198;
1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. -Душанбе, 1985. – С. 237; Б.М. Гранде. Курс арабской грамматики в сравнительно-историческом освещении.- М., 1963–С. 186; В.В. Лебедев. Польный курс литературного арабского языка. Начальный этап.– М., 2011, С. 227; Современный русский язык. Н.С. Валгина, Д.Э. Розенталь. М.И. Фомина, В.В. Цапукевич. -М., 1966, С. 229; A grammar of the arabic langvaje. Beirut, 1974, P. 110.
2. ГрандеБ.М. Курс арабской грамматики в сравнительно-истироческом освещении. Изд-во вост. лит. М., 1963, С. 186; В.В. Лебедев. Польный курс литературного арабского языка. Начальный этап. М., 2011.- С. 227; А.А. Ковалев, Г.Ш. Шарбатов. Учебник арабского языка. Изд-во "Восточная литература" РАН, М., 2002, С. 218.
3. Шиҳобӣ А.М. Ал-Мусталаҳот ал-илмийа фи-л-луғати-л-арабийа фи-л-қадим ва-л-ҳадис. Ал-Қоҳира, 1965, С. 5-6.
4. Шоҳин А. Ал-Арабийа луғату-л-улум ва-т-тақанийа. "Тор-ул-иътисом" ал-Қоҳира, 1986.- С. 118.
5. Шаҳота М.А. Ал-Масдару-с-суноъӣ фи-л-арабийа. Дироса сарфийа ва далолийа мин хилол муаллафот ал-Киндӣ, ал-Форобӣ ва Ибн Сино. Ал-Қоҳира, бидуни соли нашр. С. 13.
6. Габучан Г.М. К вопросу об арабских грамматических учениях. Семитские языки. Сборник статей. М., 1963, С. 37-55; Ахведиани В.Г. Арабское языкознание в средние века. История лингвистических учений. Средневековый восток. "Наука", Л., С. 53-95; Амирова Т.А., Ольховиков Б.А., Рождественский. Грамматическое учение у арабов. Очерки по истории лингвистики. -М., 1975, С. 146-162; Гиргас В. Очерк грамматической системы арабов. С. Петербург, 1873, С. 108; Робинз Р.Ҳ. Забони арабӣ ва забоншиносии исломӣ. Таърихи мухтасари забоншиносӣ. Тарҷумаи Алимуҳаммад Ҳақшинос. -Теҳрон, 1370ш., С. 212-216.
7. Шаҳота М.А. Ал-Масдару-с-суноъӣ фи-л-арабийа. Дироса сарфийа ва далолийа мин хилол муаллафот ал-Киндӣ, ал-Форобӣ ва Ибн Сино. Ал-Қоҳира, бидуни соли нашр. С. 15.
8. Ҷурҷонӣ М.Ш. "Китобу-т-таърифот", Бейрут, 1978, С. 231.

ИЗ ИСТОРИИ УПОТРЕБЛЕНИЯ И ИССЛЕДОВАНИЯ ТЕРМИНА "МАСДАР" (ИМЯ ДЕЙСТВИЯ) В АРАБСКОМ ЯЗЫКОЗНАНИИ

Неопределенная форма (инфинитив) глагола, именуемая "масдаром" в арабском языке, прежде чем получить свой современный устойчивый термин в арабском языкознании претерпела различные изменения. На основе источников по арабскому языкознанию в статье делается попытка рассмотреть историю распространения и мнения различных средневековых и современных лингвистов относительно этого термина.

Ключевые слова: масдар, термин, глагол, инфинитив, арабское языкознание, грамматическая теория, лингвистические школы, морфология, синтаксис.

FROM HISTORY OF THE USE AND TERM "MASDAR" RESEARCH (THE ACTION NAME) IN THE ARAB LINGUISTICS

The uncertain form (infinitive) of the verb, called "masdary" in the Arabic language before receiving the modern steady term in the Arab linguistics underwent to various changes. On the basis of sources on the Arab linguistics in

article attempt to consider history of distribution and opinion of various medieval and modern linguists concerning this term becomes.

Key words: масдар, term, verb, infinitive, Arab linguistics, grammatical theory, linguistic schools, morphology, syntax.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Н. Салихов***– соискатель Таджикского национального университета.

ИФОДАИ НОМУАЙЯНИИ ИСМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ
(дар асоси романи «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромӣ)

М. О. Назарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Исм дорои категорияҳои хоси грамматикию морфологӣ мебошад. Яке аз категорияҳои исм категорияи номуайянӣ ба шумор меравад, ки он бо роҳу воситаҳои гуногун ифода шуда, исмро аз дигар ҳиссаҳои нутқ ҷудо мекунад.

Ифодаи номуайянии исм ба аксарияти забонҳои ҷаҳон хос аст. Мо тасмим гирифтем, ки ин хусусияти исмро дар ду забон, дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ба қадри имкону фаҳмиши худ дида бароем.

Номуайянӣ маънои басо васеъ дошта, бо усул ва роҳҳои гуногун ифода меёбад. Предмет, ки ба ҳамсуҳбатон маълум аст, муайян ва предмете, ки танҳо ба ноқил маълум буда, ба шунаванда маълум нест, номуайян мебошад [I. 2, 94].

Агар ифодаи номуайянии исм дар забони фаронсавӣ ба воситаи артикл ифода ёбад, дар забони тоҷикӣ бо роҳҳо ва воситаҳои гуногун, ба монанди морфологӣ, синтаксисӣ ва лексикӣ – грамматикӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони фаронсавӣ исм дорои категорияҳои морфологии муайянӣ ва номуайянӣ мебошад, ки воситаи асосии ифодаи он дар забони фаронсавӣ артиклҳои ***le, la, les*** (муайянӣ), ***un, une, des*** (номуайянӣ), ***du, de la*** (ҷузъӣ) ва дар забони тоҷикӣ артикли ***–е*** ва калимаҳои ***як***, ҷонишини ***ягон***, ҷонишинҳои номуайянии ***ким-чӣ, кадом, ким-кадом, ҳеҷ*** мебошанд.

Мавқеъ ва маънои ифодаи артикли ***-е*** нишон медиҳад, ки дар забони тоҷикӣ ду артикл (***е¹*** ва ***е²***) истифода мешавад, ки дар ифодаи маънои грамматикӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» доир ба вазифаи артикли –е чунин зикр шудааст: «Вазифаи асосии артикли ***-е¹*** ифодаи номуайянӣ мебошад. Артикли ***-е²*** хусусияти муайянкунӣ ишоратӣ дорад ва муродифи он ҷонишини ишоратӣ ба шумор меравад…» [I. 2, 96-97].

Рӯзи дигар ***ҳодисае*** шуд, ки ман нагӯяму ту нашунав! (II. 1, 63)

Le lendemain, il se passa ***une chose*** que je n'ai même pas envie de te raconter … (II. 2, 87).

Рӯзе Устоназрӣ дар зери токи ангур чӯбу асбобҳояшро гузошта, чӯбтарошӣ мекард… (I. 2, 41).

Un jour Ousta-Nazri travaillait le bois, installè près d'une vigne (II. 2,55).

Чунонки аз мисолҳои боло бармеояд, дар забони тоҷикӣ дар шакли номуайянӣ исмҳои ***ҳодисае*** ва ***рӯзе*** бо артикли ***–е*** ифода гардидааст. Дар забони фаронсавӣ бошад, ифодаи номуайянӣ дар мисоли аввал бо артикли номуайянии ҷинси занона ***une*** (***une chose***) ва дар мисоли дуюм бо артикли номуайянии ҷинси мардона ***un*** (***un jour***) истифода шудааст. Дар забони тоҷикӣ артикл ба ҷинси занона ва мардона ҷудо намешавад.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар забони тоҷикӣ барои ифодаи номуайянӣ калимаҳои ***ягон, кадоме, ҳеҷ, як*** низ корбаст мешаванд, мисолҳои зиринро дида мебароем.

-Не гуфт Олимхӯҷа ***ягон*** кори зарури дигар будагист,-ба ҳар ҳол то оша пухта шуморо қоил накунад, ба ***ҳеҷ*** ҷо намеравам (II. 1,454).

-Non, répliqua Olim-khodja. Ce doit être ***quelque chose*** de plus sérieux, ***sans quoi*** il ne m'aurait pas envoyé chercher (II. 1,543).

Вай суруди худро тамом накарда, ***кадоме*** аз кунҷи дигар ҳунгос зада нолид ва ***як*** нафари дигар қоҳ-қоҳ зада хандид ва дар даруни собот дар як дам ***ғавғое*** шуда монд (II. 1, 243).

Aussitôt ***quelqu'un*** se mit à gémir, ***un autre*** se mit à rire et ce fut ***un bruit*** indescriptible (II. 2, 310).

Дар мисоли якум ифодаи номуайянӣ дар забони тоҷикӣ бо ёрии ҷонишинҳои ***ягон*** ва ***ҳеҷ*** ифода ёфта, дар забони фаронсавӣ бо калимаҳои ***quelque chose*** ва ***sans quoi*** тарҷума шудааст. Дар мисоли дуюм бошад ифодаи номуайянӣ ба воситаи ҷонишинҳои ***кадоме***, ***як*** ва артикли номуайянии ***–е*** (***ғавғое***) омадааст. Дар тарҷумаи фаронсавӣ онҳо бо ёрии ҷонишини номуайянии ***quelqu'un,*** ва калимаҳои ***un autre*** ва ***un bruit*** ифода ёфтааст.

Ақидаи олимон дар бораи артикли забони тоҷикӣ гуногунанд. Чунончи, забоншиносон Расторгуева В. С. артиклро «аломати номуайянӣ, ягонагӣ ва ҷудокунӣ» (I. 8, 537), Каримов Х. «номуайянӣ, таъинӣ, ягонагӣ, ҷудокунӣ» (I. 4, 18-23), Маъсумӣ Н. «суффикси номуайянӣ, ишоратӣ» (I. 6,177-182), Рубинчик Ю. А. «артикли ҷудокунӣ» (I. 2 ,176-205), Муравёва Л. Н. «артикли маҳдудӣ» (I. 7,154), номидаанд.

Дар китоби «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» артикл ҳамчун «аломати номуайянӣ, ягонагӣ ва муайянӣ» [I. 2, 36,38 сах] нишон дода шудааст.

Ифодаи номуайянии исм дар забони фаронсавӣ низ ба воситаи артикл муайян карда мешавад. Дар грамматикаи забони фаронсавӣ артикли номуайянии ***un, une*** ва ***des*** ба шумор меравад**.** Дар ин ҷо ***un***- артикли номуайянии ҷинси мардона, ***une***- артикли номуайянии ҷинси занона ва ***des*** -артикли номуайянии шакли ҷамъ барои ҳарду ҷинс интихоб шудааст.

Умуман, дар забони тоҷикӣ ҷинсияти грамматикӣ вуҷуд надорад, бинобар ин артиклҳои ҷинси занона низ мавҷуд нест, лекин ин ҳолат дар забони фаронсавӣ хеле серистеъмол аст:

Ҷӯра – Қаровулбегӣ бо супориши ***махсусе*** ба вилояти Ҳисор омада буд, бо худ шаш нафар сарбоз ҳамроҳ дошт, гирдор ва савлаташ аз мири Ҳисор монандӣ надошт (II. 1, 50).

Djoura- Karaoulbégui se rendait à Hissar pour ***une*** *mission spécial*, il était accompagné de six soldats et il prenait un air aussi important que le gouverneur de Hissar lui-même (II. 2, 67).

Дар мисоли зерин дида мешавад, ки артикли номуаяйнӣ ***-е*** бо артикли номуайянии ҷинси занонаи ***une*** ифода гардидааст.

Ифодаи номуайянӣ дар забони тоҷикӣ инчунин бо калимаҳои ***як*** ва ***ягон*** ифода мегардад:

Ҳамон рӯзҳо писари ***як чойфурӯш***, ки Акамахсум ҳамеша аз дӯкони вай чой мехарид, ба вай муроҷиат карда паноҳ бурдааст (II. 1, 163)

Un jour, le fils d'***un marchand de thé*** lui avait demandé de l'aider (II. 2. 211).

Қушбегӣ аз рӯйи миз ҷузгирро гирифта, аз даруни он ***ким-чӣ як қоғазеро*** меҷуст. (II. 1, 206)

Le Kouchbegui prit des documents sur la table et se mit à les feuilleter: il cherchait ***quelque chose*** (II. 2, 262).

Умед доштам, ки аз Бухоро дуртар ки рафтам, ***ягон асп*** ва ё ***харе*** ёфта мегирам (II. 1. 4).

J'esprérais m'éloigner un peu de Boukhara, prendre ***un cheval*** ou ***un âne*** et continuer ainsi mon chemin (II. 2, 135).

Дар мисоли якум ифодаи номуайянӣ дар забони тоҷикӣ бо ёрии ***як*** ва дар забони фаронсавӣ бо артикли номуайянии ҷинси мардонаи ***un (un marchand de thé)*** ифода ёфтааст. Ибораи ***ҳамон рӯзҳо*** дар забони фаронсавӣ ба воситаи артикли номуайянии ҷинси мардонаи ***un*** (***un jour*** - ***рӯзе***) мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар мисоли дуюм номуайянӣ дар забони тоҷикӣ бо калимаи ***як*** ва артикли номуайянии ***–е*** дар забони франсавӣ бошад, ба воситаи ифодаи номуайянии ***quelque chose*** тарҷума шудааст. Дар мисоли сеюм бошад, ифодаи номуайянии забони тоҷикӣ бо ёрии ***ягон*** ва артикли номуайянии ***–е*** ва дар тарҷумаи фаронсавӣ бо артикли номуайянии ***un*** ифода гардидааст

Дар забони тоҷикӣ артиклҳо шумораи ҷамъ надоранд, вале дар забони фаронсавӣ онҳо дорои шумораи ҷамъ мебошанд:

… вай ***танбур*** навохта, ғазал мехондааст ва ***шеър*** мегуфтааст (II. 1, 14).

… elle jouais très bien du luth chantait ***des garelles*** et composait ***des vers*** (II. 2, 18).

Вақте ки як пайт бозӣ тамом шуду дойра ва сурудхонӣ хомӯш гашт, дастурхон партофтанду аввал ***лаълиҳои ширавор, ангуру шафтолую зардолу***ю ғайра меваҳоро даровардand (II. 1, 28).

Après les danses et les chants, on apporta des plateaux, avec ***des sucreries*** et ***des fruits,*** du raisin***, des pêche***s et ***des abricots*** (II. 2,37).

Чунончи аз ин мисолҳо ва тарҷумаи онҳо бармеояд исмҳои забони тоҷикӣ (***танбур***, ***шеър, лаълиҳои ширавор, ангуру шафтолую зардолу***), ки дар шумораи танҳо омадаанд, дар забони фаронсавӣ бо артикли номуайянии шакли ҷамъи ***des*** (***des sucreries, des fruits, des pêches*** et ***des abricots***) дар шумораи ҷамъ ифода шудааст.

Дар байни забоншиносон доир ба муносибатҳои шумора ва номенклатураи артиклҳои забони фаронсавӣ фикру ақидаи ягона нест. Галише ду артиклро эътироф мекунад: le ва un. Вагнер ва Пеншон ба онҳо артиклҳои du, de la илова мекунанд, вале онҳоро ҷузъӣ намешуморанд. Дар грамматикаи Ларусс чор намуди артикл нишон дода шудааст: муайянӣ, номуайянӣ, ҷузъӣ ва сифрӣ [I. 1, 92].

Бе артикл исм функсияҳои асосии синтаксисии худро иҷро карда наметавонад, аммо агар бе артикл истифода шавад, ба дигар категория (prendre peur, vivre en paix, mourir de froid, Paul est artiste) дохил шуда, маънои грамматикии худро гум мекунад.

Масъалаи мураккаби назариявии грамматика муайян кардани маънои артиклҳои гуногун (le, un) ба шумор меравад. Дар артиклҳо муқобилгузорӣ ба монанди муайянӣ ва номуайянӣ ба назар мерасад.

Артикли номуайянии забони фаронсавӣ нишон медиҳад, ки аз байни якчанд предметҳои якхела якеро интихоб кардан мумкин аст, ки ин ҳолат дар забони тоҷикӣ низ мушоҳида мегардад. Аммо агар объект танҳо ба гӯянда маълум ва барои шунаванда номаълум бошад, дар ин ҳолат артикли номуайянӣ истифода мешавад. Масалан, дар ҷумлаи Je t'ai apporté *un roman* de Balzac сухан дар бораи китоби ба гӯянда маълум вале, ба шунаванда номаълум меравад ва артикли номуайянӣ истифода мешавад.

Хулоса, ифодаи номуайянии исм дар забони тоҷикӣ ба воситаи артикли номуайянии ***–е***, калимаҳои ***як, ягон*** ва дар забони фаронсавӣ бо артиклҳои номуайянии ***un, une, des*** ва детерминатҳои дигар ифода мегардад. Агар исми забони тоҷикӣ ҷинсияти грамматикӣ надошта бошад, дар забони фаронсавӣ исм дорои категорияи ҷинсият (занона ва мардона) мебошад.

Таҳлили мисолҳо нишон дод, ки ифодаи номуайянӣ дар ҳар ду забон бо воситаи артикли номуайянӣ, ҷонишинҳои номуайянӣ ифода мешаванд. Фарқият дар он аст, ки дар забони франсавӣ ҷинсият ва шумораи ҷамъи артиклҳо мавҷуд аст, аммо дар забони тоҷикӣ артикли –е[1] ва-е[2] мушоҳида мешавад, ки хусусияти муайянӣ ва номуайянии исмро ифода мекунанд.

Умуман, ин мавзӯъ ба пуррагӣ омухта нашудааст ва мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки онро бо тарзи дуруст таҳқиқ карда дар мақолаи ояндаи худ ба табъ расонем.

А Д А Б И Ё Т

I) илмӣ:

1. Гак В. Г. Теоретическая грамматика французского языка. Морфология. -М.: Высшая школа, 1979.- 304с..
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1985. - 347с
3. Илия Л. И. Синтаксис современного французского языка.- М.: 1962. – 384с.
4. Каримов Х. Мухтасар дар бораи морфемаи Е(Э-йэ). «Масъалаҳои забоншиносии тоҷик». -Душанбе, 1967.
5. Керимова А. А. Роль Садриддина Айни в развитии современного таджикского литературного языка (на примерах анализа глагольной системы). Автореф. канд. дис. -М,. 1957.
6. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии ҳозираии тоҷик.- Сталинобод, 1959.
7. Муравьева Л. Н. Артикль в современном таджикском и персидском литературном языках. Автореф. канд. дис. М,. 1956.

[8.] Расторгуева В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка. Таджикско-русский словарь. М.,1950.
[9.] Рустамов Ш. Исм. –Душанбе:Дониш, - 1981, 220 с.
II) маводи тадқиқот:
1. Икромӣ Ҷ. Духтари оташ. -Душанбе: Ирфон, 1983.- 528 с.
2. .Ikromi Dj. La fille de feu. Traduit de russe par A. Mazzi. Editions du progrès. Moscou, 1966. - 611 p.

КАТЕГОРИЯ НЕОПРЕДЕЛЁННОСТИ В ТАДЖИКСКОМ И ВО ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ
(на основе романа ДЖ. Икрами «Дочь огня»)

Настоящая статья является своеобразным новым изысканием в вопросе об использовании имени существительного в различных категориях, в частности здесь исследуется категория неопределённости этой части речи в таджикском и французском языках.

Ключевые слова: артикль, неопределенность, французский язык, таджикский язык, имя существительное, сопоставление.

USAGE OF CATEGORY OF İNDEFİNİTY IN TAJIK AND FRENCH LANGUAGES
(at the materials of J. Ikromi's novel "The daughter of file")

The Present article is a new research to the problem of using the Nouns in different categories, particularly research category of indefinites in two languages.

Key words: article, Tajik and French languages; The Noun; comparison.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М. О. Назарова*** - соискатель Таджикского национального университета

ВОДОРКУНИИ ШАХСИ ДУЮМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФРАНСАВӢ
(дар асоси повести «Марги судхӯр» - и С. Айнӣ)

Д.О. Маҳмудов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Водоркунии шахси дуюм ба воситаи сиғаи амрӣ ифода меёбад. Дар ин тарзи водоркунӣ гӯянда бевосита шунавандаро ба иҷрои амале водор мекунад ва иҷрокунандаи амал мусоҳиб аст [I. 1, 24].

Водоркунии шахси дуюм дар забони тоҷикӣ дар шумораи танҳо ва ҷамъи сиғаи амрӣ ифода меёбад. Сиғаи амрии забони тоҷикӣ дар шахси дуюми шумораи танҳо ба асоси замони ҳозира баробар аст. Дар шахси дуюми шумораи ҷамъ бошад, бо роҳи ба асоси замони ҳозира илова намудани бандакҳои феълии *–ед* ва *–етон* ифода меёбад:

– Берун *бароварда бин,* агар ислоҳ шаванд*, баробар кун,* агар нашаванд*, биёр,* мувофиқи шарҳи шариф ҳукм карда мешавад [II. 2, 82].

– Шоҳидҳотонро *гузаронед!* – гуфт (II. 2.83).

– Оқсақолро *хурсанд кунетон,* – гуфт мулозим ба ҷавобгарон нигоҳ карда [II. 2, 83].

Дар мисоли аввал ба вазифаи хабари ҷумла феълҳои *бароварда бин, баробар кун, биёр* дар шакли сиғаи амрӣ, замони ояндаи наздик ифода ёфта, шахси дуюми танҳоро нишон медиҳанд. Дар мисоли дуюм феъли *гузаронед* дар шахси дуюми шумораи ҷамъ ба вазифаи хабари ҷумлаи амрӣ дар шакли сиғаи амрӣ омада, замони ояндаи наздик ва аз рӯйи интонатсия амрро ифода мекунад. Ва дар мисоли сеюм бошад, ба вазифаи хабари ҷумлаи амрӣ феъли таркибии *хурсанд кунетон* дар шакли сиғаи амрӣ омада, ба шахси дуюми шумораи ҷамъ далолат мекунад. Иҷрои амал дар замони ҳозираи наздик амалӣ гашта, аз рӯйи интонатсия фармоишро мефаҳмонад. Бандаки феълии *–ед* шахси дуюми ҷамъро ифода мекунад, вале барои ифодаи ҳурмат нисбат ба шахси дуюми танҳо низ кор фармуда мешавад. Бандаки феълии *–етон* асосан ба нутқи гуфтугӯӣ хос буда, барои ифодаи шахси дуюми шумораи ҷамъ хизмат мекунад

Дар забони форонсавӣ низ водоркунии шахси дуюм дар шумораи танҳо ва ҷамъи сиғаи амрӣ ифода меёбад. Сиғаи амрии забони форонсавӣ ҳам монанди забони тоҷикӣ дар шахси дуюми шумораи танҳо ба асоси замони ҳозира баробар аст. Дар забони франсавӣ се гурӯҳи феълҳо мавҷуданд ва гурӯҳи якум дар шахси дуюми шумораи танҳо

бандакҷонишини *–es* мегирад. Дар шакли сиғаи амрӣ ҳарфи *–s* партофта мешавад (tu parl*es* → Parl*e*). Шахси дуюми шумораи ҷамъ бошад, бо роҳи ба асоси замони ҳозира илова намудани бандаки феълии *–ez* сохта мешавад:

– *Sors* et *examine.* Si c'est possible, *arrange* tout à l'amiable. Sinon, *ramène* – les ici. La décision sera prise suivant la noble loi du Chariate (II. 7, 124).

– *Laissez avancer* vos temoins (II. 7, 127).

– *Daignez vous asseoir!* nous convia le maître de céans,... (II. 7, 93).

Дар мисоли якум хабари ҷумла бо феълҳои *sors, examine, arrange, ramène* дар шакли сиғаи амрӣ омада, ба шахси дуюми шумораи танҳо далолат мекунад. Иҷрои амал дар замони ҳозира ба вуқӯъ омада, аз рӯйи интонатсия амрро ифода мекунад. Хабари ҷумла дар мисоли дуюм бо ду феъл *laissez* ва *avancer* истифода шудааст, ки дар ин ҷо феъли *laissez* шахси дуюми шумораи ҷамъ ва феъли *avancer* шакли масдарро ифода мекунад. Амал дар замони ҳозира иҷро шуда, аз рӯйи интонатсия ба амр далолат мекунад. Дар мисоли сеюм бошад, ба вазифаи хабари ҷумлаи содаи амрӣ ибораи феълии *daignez asseoir* омадааст. Феъли *daignez* дар шакли сиғаи амрӣ, дар шахси дуюми шумораи ҷамъ ва феъли *asseoir* дар шакли масдар ифода ёфтааст. Амал дар ин мисол низ дар замони ҳозира иҷро мешавад ва аз рӯйи интонатсия фармонро ифода мекунад.

Чунонки аз мисолҳо ва тарҷумаи онҳо дида мешавад, дар тарҷума тафовутҳо ба назар мерасанд. Масалан, дар мисоли якуми матни асл ҷумлаи мураккаби пайваст дар тарҷумаи он ба якчанд ҷумлаи содаи алоҳида ҷудо карда шудааст. Қисми аввали ҷумла *берун бароварда бин* дар тарҷума бо ду феъл *sors* et *examine* (барор ва бин) ифода гардидааст. Дар мисоли дуюм феъли амрии *гузаронед* бо ёрии ду феъл *laissez* ва *avancer* тарҷума шудааст, ки феъли якум дар шакли сиғаи амрӣ, дар шахси дуюми шумораи ҷамъ ва феъли дигар дар шакли масдар истифода шудааст. Дар тарҷумаи мисоли сеюм низ ин ҳолат ба назар мерасад. Вале сарфи назар аз ин фарқҳо мазмуни матни асл тағйир наёфтаанд. Танҳо аз ҷиҳати грамматикӣ замони ояндаи наздик бо замони ҳозира тарҷума шудааст.

Вобаста ба матн сиғаи амрӣ амалу ҳолатеро нишон медиҳад, ки дар айни замон рӯй медиҳад ва ё ҳанӯз оғоз наёфта, дар оянда содир мешавад.

– Курнамакӣ *накун*! Дирӯза ошро *аз ёдат набарор*!...(II. 2, 31).

– *Ne sois pas* ingrat et *n'oublie pas* mon pain et mon sel. *Souviens-toi* de pilaf d'hier (II. 7, 73).

а) шахси дуюми шумораи танҳо; б) амри таъкидӣ; в) замони ҳозираи наздик.

Дар ин мисоли матни асл шакли сиғаи амрӣ *накун* ва *аз ёдат набарор* дар шакли инкорӣ омадааст, аммо дар тарҷумаи он ҷумлаи содаи *n'oublie pas* mon pain et mon sel – нону намаки маро *фаромӯш накун* зам шудааст. *Ne sois pas* ingrat ва *n'oublie pas* дар шакли инкории сиғаи амрӣ ва *Souviens-toi* de pilaf d'hier (Оши дирӯзаро ба хотир ор) дар шакли тасдиқии сиғаи амрӣ тарҷума шудааст.

– Қалам *ёбед*, мешавад, – гуфтам ман ба ӯ,… (II. 2, 77).

– Si vous *trouvez* le crayon, ce sera suffisant, – je me mêlai à la conversation -,... (II. 7, 118).

а) шахси дуюми шумораи ҷамъ; б) хоҳиш; в) замони ояндаи наздик.

Дар мисоли дуюм водоркунии мусоҳиб – шахси дуюми ҷамъ бо ёрии сиғаи амр (*ёбед* – дар забони тоҷикӣ ва *trouvez* – дар забони фаронсавӣ) бевосита сурат мегирад, аммо водоркунии шахси сеюми шумораи танҳо ё ҷамъ ба воситаи мусоҳиб воқеъ мегардад.

– Қориамак, беҳуда *хомтамаъ нашавед*, ин одам тоқия намехаранд! – гуфт (II. 2, 20).

– ...*N'y comptez pas*! Vous perdez votre temps (II. 7, 61).

Дар равшан гардидани замони воқеъшавии амали сиғаи амрӣ, ҳоли замон ёрӣ мерасонад: ...Фардо аз он ҷо ду одамро ҳамроҳи худ *гирифта меоред* (I. 2, 64). Vous *m'amenerez* demain deux personnes de là-bas [II. 7,106]. Дар ин мисол ҳоли замони *фардо* (*demain*) дар замони оянда содир гардидани амалро нишон медиҳад. Ҳоли замон барои равшантар ифода кардани ҷараёни замони иҷрои амру фармоиш кӯмак мерасонад:

– …Дирӯза ошро *аз ёдат набарор*!... (II. 2, 31).

– *Souviens-toi* de pilaf d'hier (II. 7,73).

– Шумо албатта, имшаб ба мо *меҳмон мешавед*, - гуфт арбоб ба ман (II. 2, 75).

– Il va de soi que cette nuit vous *serez notre hôte*, me dit Arbob (II. 7, 117).

Дар мисоли аввал сиғаи амрӣ дар шахси дуюми шумораи танҳо, дар шакли инкорӣ тавассути ба асоси замони ҳозира илова кардани пешванди *на–* сохта шуда, исрор, таъкидро ифода мекунад. Аммо дар забони фаронсавӣ дар шакли тасдиқӣ (*souviens-toi – ба хотир (ёд) ор*) тарҷума шудааст. Дар мисоли дуюм бошад, ифодаи амр дар шахси дуюми шумораи ҷамъ бо ёрии шакли замони ҳозира-оянда омада, хоҳиш, илтимоси нармро нишон медиҳад. Дар тарҷумаи фаронсавӣ шакли амрии *меҳмон мешавед* (*serez notre hôte*) айнан тарҷума шудааст, ки хеле бомавқеъ аст.

Шакли дуюми сиғаи амрӣ, ки бештар ба назму насри классикӣ хос аст, дар забони тоҷикӣ бо пешванди *би- (-бу)* сохта мешавад.

Дар забони муосири тоҷик ин пешванд бо гурӯҳи муайяни шаклҳои феълӣ, хусусан бо феъли фармоиш, шакли аористи феъл омада, амрро бо оҳанги таъкид ифода мекунад ва ба гуфтор салосат ва равонӣ мебахшад [I. 1, 28].

– Ба ин кас ҳам *ош биёретон*, охир! – гуфта маро нишон дода… (II. 2, 32).

– *Donnez* donc enfin l'ordre de server de pilaf à Aka-Rakhimi! (II. 7, 73).

– *Daignez* vous *asseoir*! nous convia le maître de céans,...(II. 7, 93).

Дар ин мисолҳо шакли сиғаи амрӣ таъкидро низ ифода мекунад. Чи тавре ки аз мисолҳо бармеояд, бо илова кардани пешванди *би-* дар тарҷумаи франсавии он тағйироте ба назар намерасад. Дар мисоли дуюм воситаи луғавии нарм кардани амр дар забони тоҷикӣ бо ёрии ибораи *марҳамат карда* ва дар забони фаронсавӣ бошад, бо феъли *daignez* ифода шудааст.

Сиғаи амрии забони фаронсавӣ ду замон дорад: сиғаи амрии замони ҳозира ва сиғаи амрии замони гузашта. Сиғаи амрии замони ҳозира амр, фармон, супориш ва монанди инҳоро дар нисбати замони ҳозира ва ё ояндаи дур ё наздик ифода мекунад:

– *Asseyez-vous* donc, proposa le marchand en plaisantant. *Permettez-moi* de commander une théière de thé,…(II. 7, 61).

– Au nom d'Allah, *donnez-moi* encore un petit morceau...(II. 7, 62).

Дар забони тоҷикӣ сиғаи амрӣ бе шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ (як пиёла чой меовардӣ) истифода шуда илтимос, хоҳиш, зорӣ, илтиҷоро ифода мекунад.

Сиғаи амрии замони гузаштаи забони фаронсавӣ амр, фармон, супориш ва монанди инҳоро ифода мекунад, ки бояд дар оянда дар як лаҳзае анҷом ёбад. Ин лаҳза бештар бо пуркунанда ё ҳоли тобеи замон ифода мегардад. Сиғаи амрии замони гузашта ба воситаи феълҳои ёридиҳандаи *avoir* ё *être* дар шакли сиғаи амрӣ ва сифати феълии замони гузашта сохта мешавад:

– Cela suffit déjà que vous *soyez contenté*, nous nous arrangerons entre nous, dit l'un d'eux. (II. 7, 125).

–Tu peux aller à cette fête mais surtout *sois revenu* avant que ton père ne rentre.

Шакли инкории сиғаи амрӣ дар забони тоҷикӣ бо роҳи ба асоси замони ҳозира илова кардани пешванди *на-* (дар баъзе ҳолатҳо *ма-)* сохта мешавад. Истифодаи пешванди *ма-* бештар дар назм ба назар мерасад.

Шакли инкории сиғаи амр низ вобаста ба матн хоҳишу таъкиди нарму навозишкорона ва ё баръакс ҷиддият, сарзанишу эътироз ва манъи кору ҳолеро ифода мекунад. (I. 6, 239).

– Суханро *дароз накун*, - гуфт… (II. 2, 82).

– *Ne parle pas* trop! (II. 7, 124). – амр, супориш.

– Қориамак, шухӣ *накунед*! Ман одами аёлманд мебошам, пули қанду конфету обидандонро *дода равед*! – гуфт бо оҳанги зорӣ (II. 2, 31).

– Oncle Kori, cessez de plaisanter!... *Payez-moi* pour tout ce que vous avez mangé! (II. 7, 73). – хоҳиш, илтиҷо.

– Оварда додани табақро аз хотир *фаромӯш накунед*! – гуфт (II. 2, 33).

– *N'oubliez pas* de rapporter le plat. (II. 7, 74). – таъкид.

– Ба ин гуна одам *наздик нашавед*, ки аз вай туҳмат меборад (II. 2, 37).

– *Ne vous approchez pas* de cette homme, car il vous calomniera (II. 7, 78). – маслиҳат.

Бояд қайд намуд, ки пасванди –иш дар забони тоҷикӣ ба сифати пасванди шаклсоз барои ифодаи исмҳои ҷомеъ низ истифода гардидааст: хӯриш-анвои хӯрданӣ, бахшиш-туҳфаҳо ва ғ. [3,168].

4. Пасванди –*ия.* Тибқи нишондоди Ш.Рустамов ин пасванд танҳо дар калимаи **баҳория** мушоҳида шудааст. Вале пешрафти илми иқтисоду молия ва зарурати ба забони тоҷикӣ ифода намудани мафҳумҳои тахассусӣ боиси тавассути пасванди мазкур сохта шудани калимаҳои нави дигар гардидааст. Ҳамин тариқа, дар қолаби калимаи ***баҳория*** калимаҳои ***фарзия, саҳмия, хайрия*** (бо роҳи ба исм ҳамроҳ намудани пасванди -ия) сохта шудаанд. Албатта, ҳангоми сохтани калимаҳои мазкур наздикии маънои луғавии онҳо ба маънои ифоданамудаи истилоҳиашон ба назар гирифта шудааст. Масалан, калимаи фарз дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: 1. фармудаи ҳатмии Худо дар дини ислом; 2.чизи воҷиб ва зарурӣ; 3.эҳтимол, пиндор, тахмин. Ҳангоми сохтани калимаи фарзия ва истифода намудани он ба ҷойи калимаи гипотеза (масалан, денежная гипотеза- фарзияи пулӣ) маънои сеюми он (эҳтимол, тахмин) ба асос гирифта шудааст.

Калимаи *хайрия* низ маҳсули давраи муосири инкишофи забони тоҷикист, ки барои ифодаи истилоҳи тахассусии ***«благотворительность»*** сохта шудааст. Аз назари мо, ҳангоми сохтани калимаи мазкур маънои луғавии унсурҳои варианти русии он **(*благо*-** хайр, ***творить***-ба амал овардан) ба назар гирифта шудааст.

Калимаи ***саҳмия*** низ дар асоси маънои луғавиаш маънои истилоҳӣ пайдо намудааст: саҳм-баҳра, ҳисса, насиб; саҳмия- коғази қиматноке, ки аз хусуси саҳми муайян гузоштани шахс дар сармояи ҷамъияти саҳҳомӣ шаҳодат медиҳад.

Вобаста ба калимаи ***раддия*,** ки решаи он арабӣ аст, ҳаминро бояд қайд намоем, ки он дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: 1. паст, нописанд, фурӯмоя, ганда; 2.навъи шеър [11.II.115]. Вале, аз назари мо, истилоҳи ***раддия*** бо ***раддияи*** арабӣ умумияте надошта, бо роҳи ба калимаи дигари арабӣ - ***рад*** (қабул накардан) ҳамроҳ намудани пасванди тоҷикии ***-ия*** сохта шуда, маънои истилоҳи русии «отказ»-ро ифода намудааст (ҳуҷҷатест, ки дар сурати санади пардохтро рад намудани бонк таҳия карда мешавад).

Калимаи ***бақия*** низ дар назари аввал дар қолаби калимаи ***баҳория*** сохта шудааст, вале аз шарҳе, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» оварда шудааст, калимаи мазкур ду шакл (бақия/бақият) дошта, тибқи қоидаҳои калимасозии забони арабӣ сохта шудааст (суффикси –***ият*** дар забони тоҷикӣ дар шакли ***-ия*** ихтисор шудааст).

5. **Пасванди –ат/-ят:** пасванди мазкур дар якчанд калимаи аслан арабӣ ба назар расид, ки дар асоси қиёс (аналогия) сохта шудаанд, аз ҷумла, калимаҳои ***моликият*** ва ***мудирият***.

6. Пасванди –*от, -ёт.* Дар асоси маводи гирдоварда муқаррар намудем, ки дар ташаккули истилоҳоти соҳаи молияву бонк сермаҳсултарин пасванд пасванди арабии –от/-ёт мебошад. Дар забони арабӣ ин пасванд барои ифодаи шумораи ҷамъи исмҳо истифода мешавад, вале дар забони тоҷикӣ, аз ҷумла сохтани калимаҳои соҳавӣ, вазифаи калимасозиро адо намудааст. Масалан, калимаи ***муҳосибот*** (*муҳосабот*) дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чун шакли ҷамъи калимаи ***муҳосаба*** (ҳисобгирӣ) шарҳ дода шудааст. Вале ба маънои истилоҳи соҳаи молия калимаи ***муҳосибот*** утоқи кории муҳосибон ва ё сохтори муайяни муассисаву корхонаро ифода мекунад (бухгалтерия). Ҳамчунин калимаи ***муомилот,*** ки аслан шакли ҷамъи калимаи ***муомала*** аст, ба маънои доду гирифти молиявӣ (барои ифодаи истилоҳи русии ***сделка*)** истифода шудааст.

Калимаҳои ***иқтисодиёт*** (экономика), ***маҳсулот*** (продукт), ***хароҷот*** (издержка), ***тақсимот*** (распределение), ***талабот*** (потребность), ***истеҳсолот*** (производство), ***истеъмолот*** (потребление), ***инҳисорот*** (монополия), ***воридот*** (импорт), ***таблиғот*** (реклама), ки аслан шакли ҷамъи калимаҳои алоҳида мебошанд, ба маънои истилоҳӣ корбурд гардидаанд, вале дар баробари ин маънои ҷамъро ифода намудани ин калимаҳо низ дар назар дошта шудааст. Гуфта метавонем, ки пасванди мазкур дар калимаҳои боло дар баробари вазифаи шаклсозӣ (ифодаи категорияи ҷамъ) вазифаи калимасозиро низ адо намудааст.

7. Пасванди ***-она*** дар исмсозӣ бемаҳсул аст. Аз ҷумла, дар сохтани калимаҳои тахассусии соҳаи молия низ ин пасванд кам истифода гардидааст. Дар асоси маводи гирдоварда ба хулосае омадем, ки ин пасванд бо исм омада, ҳамчун истилоҳи соҳаи молия намуди пардохтҳои алоҳидаро ифода кардааст, аз ҷумла: ***муҳрона***- як намуди андоз; ***байъона***- пули пешакӣ додашуда (задаток); ***хидматона***- ҳаққи хизмат; ***моҳона*** – музди меҳнат ва ғ. Калимаҳои мазкур дар забони тоҷикӣ таърихан мафҳуми ба маънои истилоҳии имрӯза наздикро ифода мекарданд.

8. Пасванди ***–ӣ*** ҳарчанд дар адабиёти илмиву таълимӣ пасванди серистеъмол хисобида шавад ҳам, дар соҳаи молия бо роҳи ҳамроҳ намудани он ба решаи калима истилоҳи кам сохта шудааст. Пасванди мазкур бештар дар таркиби истилоҳоте ба назар расид, ки бо истифода аз асосҳои феъл сохта шудаанд, ки ин мавзӯи баҳси корҳои минбаъда қарор хоҳад гирифт.

Бо роҳи ба реша ҳамроҳ шудани пасванди –ӣ ва сохтани истилоҳи тахассусӣ фақат 3 калимаро дучор гардидем. Аз ҷумла, дар калимаи ***дороӣ*** ба воситаи ба сифат ҳамроҳ шудан исми ифодакунандаи ашё сохта (яъне сарват), барои ифодаи истилоҳи русии ***актив*** истифода шудааст.

Дар нисбати истилоҳи ***ҳанноти*** бояд гӯём, ки он дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳамчун ғаллафурӯш шарҳ ёфтааст. Ба воситаи ба исми ҳаннот хамроҳ намудани пасванди –ӣ истилоҳи ***ҳанноти*** сохта шудааст, ки исми амал буда, маънои истилоҳи русии ***спекуляцияро*** ифода намудааст.

Калимаи муфлисӣ, ки решаи он аслан калимаи арабӣ аст ва маънои бенавоиро дорад, дар адабиёти классикии мо ба ҳамин маъноюш истифода шудааст:

Соқиё, аз ***муфлисӣ*** шуд чеҳраи ман хоки роҳ,
Ин қадар маърӯзи табъи кимиё таъсири туст.
Мушфиқӣ

Бо назардошти маънои аслии калимаи муфлисӣ он дар адабиёти соҳаи молияву иқтисод ба маънои истилоҳии қобилияти пардохтии худро гум кардани шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ (банкрот шудан) истифода гардидааст. Масалан, «Аз рӯзи расман эълон шудани ***муфлисӣ*** қарздор ҳуқуқи мустақилона идора кардан ва ихтиёрдории амволи худро аз даст медиҳад» [5,123] .

9.**Пасванди** ***–чӣ.*** Ин пасванд аслан пасванди туркӣ буда, дар забони тоҷикӣ исми шахс месозад ва аз пасвандҳои сермаҳсул маҳсуб мегардад. Ба воситаи пасванди *–чӣ* на танҳо аз калимаҳои аслан тоҷикӣ, инчунин аз калимаҳои иқтибосии русӣ-интернатсионалӣ, ки ба таркиби забони тоҷикӣ дохил шудаанд, исми шахс сохта шудааст: трактрочӣ, танкчӣ, автоматчӣ ва ғ.

Ба воситаи пасванди ***-чӣ*** исмҳои шахс сохта мешаванд, вале дар сохтани мафҳумҳои ифодакунандаи соҳаи молияву бонкдорӣ камистеъмол буда, танҳо дар калимаҳои ***иқтисодчӣ*** ва ***молиячӣ*** ба назар расид. Калимаҳои мазкур дар адабиёти соҳавӣ инчунин дар шакли иқтисоддон, иқтисодшинос ва молияшинос низ истеъмол мегарданд, ки мантиқан ва услубан ба қоидаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ бештар мувофиқанд.

10. Бо пасванди ***–гар*** калимаҳои ***тафтишгар*** (ревизор) ва ***таҳлилгар*** (аналитик) ба назар расиданд, ки аз исм сохташудаанд ва шахсро аз рӯи фаъолияти касбиаш ифода намудаанд. Ин тарзи калимасозӣ ба табиати забони тоҷикӣ мувофиқ буда, калимаҳои ба воситаи онҳо сохташуда маънои истилоҳии худро низ пурра ифода намудаанд.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи маводи гирдоварда муқаррар сохтем, ки дар тарзи калимасозии морфологии исмҳои ифодакунандаи мафҳумҳои соҳаи молияву бонк тақрибан 10 пасванди маъмули тоҷикӣ иштирок менамоянд. Ин пасвандҳо аз ҷиҳати маҳсулнокӣ дар як қатор намеистанд. Аз байни онҳо пасвандҳои ***–от/-ёт, -иш*** ва ***–а*** нисбатан маҳсулноктар буда, бо истифода аз онҳо мафҳумҳои зиёди истилоҳӣ сохта шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1.Бобомуродов Ш., Муминов А. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик. –Душанбе: Маориф, 1983.-116 с.

2.Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология. Фонетика.Морфология. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ.-Душанбе:Маориф, 1982.-464 с.

3.Касимов О. Деривация в «Шахнаме» Абулкасима Фирдавси.-Душанбе: Деваштич, 2006.-185 с.

4.Луғати муосири истилоҳоти иқтисодӣ. –Душанбе: Ирфон, 2006.- 221 с.
5.Луғати истилоҳоти иқтисодӣ. –Душанбе: Дониш, 1999.-260 с.
6.Оймаҳмадов Г.Н. Молия. –Душанбе: Нодир, 2005.- 304 с.
7. Пейсиков Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка.-Москва: издательство МГУ, 1973.- 200 с.
8. Пиров Т., Хонҷонов Т., М.Х. Султон. Фарҳанги молия ва бонкдорӣ.- Душанбе: ЭР-граф, 2008.-569 с.
9. Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ. –Душанбе: Дониш, 1971.- 61 с.
10. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш,1972.- 79 с.
11. Рустамов Ш. Исм. –Душанбе: Дониш, 1981.-219 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ. I- II.- Москва: Советская энциклопедия 1969.-1904 с.

РОЛЬ СУФФИКСОВ В ОБРАЗОВАНИИ ФИНАНСОВО-БАНКОВСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Автор статьи пытается рассмотреть некоторые пути и способы образования финансово-банковской терминологии в таджикском языке. По утверждению автора, самым продуктивным способом образования терминов данной отрасли является морфологический способ словообразования. В образовании такой терминологии участвуют все суффиксы таджикского языка.

Ключевые слова: терминология, финансово-банковская терминология,образование финансово-банковской терминологии, суффиксы таджикского языка.

ROLE SUFFIXES FORMATION OF FINANCIAL AND BANKING TERMINOLOGY IN THE TAJIK LANGUAGE

The author of the article tries to examine some ways and methods of building of the Financial-Banking terminology in the Tajik language. The most productive way of the building terminology of the sphere is the morphological way of word formation. All suffixes in Tajik language take part in the formation of such terminology.

Key words: terminology, financial-banking terminology, building , suffixes in Tajik language.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ф.Иномова***-соискатель Института экономики Таджикистана

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ЧОРВОДОРӢ ДАР ЛЕКСИКАИ ЛАҲҶАИ МУЪМИНОБОД

Ҷаббор Саидов
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Воҳидҳои луғавии соҳаи чорводорӣ дар хазинаи лаҳҷаи Муъминобод чун дигар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ як ҳиссаи калонро ташкил медиҳад. Ин аз он сабаб аст, ки мардуми тоҷик аз қадимулайём боз ба чорводорӣ машғул мебошанд. Ин машғулият барои баъзеи онҳо ҳамчун касби доимӣ низ шудааст. Аз ин рӯ, ба ин машғулият муҳаббату самимияти хосе низ доштанд ва имрӯз низ ин шуғл идома дорад. Мардум барои пеш бурдани зиндагии хеш бузу гӯсфанд, гов ва дигар анвои ҳайвонҳоро парвариш мекунанд ва аслан дар кӯҳистон беҳбудии зиндагии хешро дар молу гов мебинанд. Зеро мол бойгарии асосӣ ва пешбарандаи рӯзгори ҳар як оилаи кӯҳистон аст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи **мол** «**сарват, бойгарӣ**» шарҳ дода шудааст [134, 699], аммо дар лаҳҷаи Муъминобод калимаи **мол** мафҳуми умумӣ дошта, на танҳо маънои бойгарӣ, балки мафҳуми гов, бузу гӯсфандро низ ифода мекунад. Аз ҳамин рӯ, калимаҳои ба ҳайвонот вобастаро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунем:

1. Калима ва мафҳумҳое, ки номи ҳайвонҳои хонагиро фарогиранд. Ҳайвонҳои хонагӣ дар ҳаёти инсон мавқеи муҳим касб кардаанд. Барои аз якдигар фарқ кардан одамон ба ҳар кадоми онҳо номи махсус додаанд. Аз ин ҷост, ки калимаҳои ба ин соҳа тааллуқдошта миқдоран хеле зиёд буда, таърихан қадимаанд ва дар лексикаи лаҳҷаи Муъминобод мавқеи ба худ хосеро ишғол менамоянд. Ҳайвонҳои ваҳшӣ бошанд, аз чунин имкониятҳо бархурдор нестанд. Аксари калимаҳои ба ин соҳа тааллуқдошта умумиистеъмолӣ (умумитоҷикӣ) мебошанд.

а). Калима ва мафҳумҳое, ки номи ҳайвонҳои калони шохдорро ифода мекунанд: **ғънаҷин** (гови модаи як-дусола), **тайлоқ** (гови то дусола), **ҷъwуна//ҷъwона** (гови нари се-

чорсола), **барзагоw** (гови се-чорсолаи ҷуфтӣ), **гусала** (гӯсола), **бъқа** (гови нари дучорсола), **бъқача** (гови нари то яксола), **калгоw** (гови бешох), **модагов** (гови мода), ҷушо (гови ширдеҳ), **бъқалочък** (бъқача, синоними бъқа) ва ҳоказо.

б). Калима ва истилоҳоте, ки номи хӯрок, ҷои зист ва амалиёти ба ҳайвоноти хонагӣ алоқамандро дар бар мегиранд: **лал** (номи саргини хушккардашудаи гов, гӯсфанд, буз). Ин калима дар лаҳҷаи водии Рашт низ дар ҳамин шакл дар истифодааст. **Тапък//тапак** (аз саргини гов тайёр мекунанд). Дар лаҳҷаи Бухоро ин вожа дар шакли «тапак» ба мънои «саргини хушки гов» дар гардиш аст [60, 211].

Хафа//хафък (тапакча, ки аз чарогоҳ ҷамъоварӣ карда мешавад). **Тапъкалоw** (оташе, ки аз тапак аст ва барои тафсондани печ, танӯр, дегдон истифода мешавад), **лалалоw** (оташе, ки аз лал мегиронанд), **санглал** (саргини сахтшудае, ки аз оғил ва ҷойҳои дигари нигаҳдории ҳайвонҳо ба воситаи белу каланд канда ва хушк карда мешавад), **қъсир** (гови бегӯсола), **тарит** (хӯроки омехта ва серғизои чорво), **нъхшор** (нушхор, хоидан, ҷунбидани даҳони гов, гӯсола, гӯсфанд, буз ва ғайра ба ҷуз хар).

Бояд зикр кард, ки калимаи **нъхшор** дар гӯйишҳои мардумони Мастчоҳи кӯҳӣ ба маънои **боқимондаи хӯроки чорво дар охур** дар гардиш аст [153, 91].

Охърча (охӯр), **йошоw** (боқимандаи коҳи дар охӯр монда), **куча** (ҷое, ки саргини ҳайвонҳои хонагӣ ҷамъ карда мешаванд). Ин калима дар лаҳҷаҳои Дарвоз, Даштиҷум ва Рашт дар шакли **пъшк** (саргини бузу гӯсфанд) мавқеи истеъмолӣ дорад [41, 12], **қуш** (ҷои исти рама дар саҳро), **қътан** (муродифи қуш), **эл//ҳел** (ҷои зисти гов, бузу гӯсфанд дар назди ҳавлӣ). Ин мафҳумро дар лаҳҷаи Даштиҷум дар шакли «шола» ба кор мебаранд [88, 131].

в). Воҳидҳои луғавие, ки ном ва ашёи марбут ба харро ифода мекунанд: Хар ҳамчун дастёр дар зиндагии инсон зарур аст. Аз қадим боз одамон қариб, ки ҳамаи корҳои рӯзгорро ба воситаи ин ҳайвони боқувват анҷом медиҳанд. Имрӯз низ ин ҷонвар дар муҳити кӯҳистон ба ҷои нақлиёт ҳамчун воситаи ёрирасон хизмат мекунад. Аз ин рӯ, дар лексикаи лаҳҷаи Муъминобод калимаҳои зиёдеро дучор шудан мумкин аст, ки ба хар иртибот доранд: **мочахар//къчхар** (хари мода), **нархар** (хари нар), **къра//хутик** (хари навзод, хари ҷавон), **тъғум** (полон), **айил** (як ҷузъи полони хар), **тапъштӣ** (матое, ки дар пушти хар аз таг гузошта мешавад), **пазала** (як навъи бори хар), **пордум** (банд, матоъ ва ё тасмаи аз ришта бофташудае, ки аз зери думи хар гузаронида мешавад ва полонро дар пушти хар устувор нигоҳ медорад). Вожаи **пордум** хел қадима буда, дар забони адабиёти классикӣ мавриди истеъмол қарор доштааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин омадааст: «**Пордум** –банди маҳини чармине, ки таҳти думи хар гузаронида, ба полон баста мешавад» [134, 86].

Воҳидҳои луғавии **улоғ** ва **улав** дар лаҳҷа хеле фаъоланд. Вожаи **улоғ** дар лаҳҷа маънои **ҳайвони саворӣ, хар ва аспро** ифода мекунад. **Улоғотуна дар ахтахуна бърен банден, як пиёла чой бъхърен, дам бъгирен, бега мерен (К).**

Калимаи **улав** бошад, ифодакунандаи бори ҳайвони боркаш, хар, асп аст: **Йаг (як) улав эзъм биёр, нун бъпазъм, бачам (Ч.н).**

Дар забони адабиёти классикӣ воҳидҳои луғавии мазкур ба маънои **ҳайвони саворӣ**, **аз қабили аспу хар** истеъмол мешуд [107, 386]. **Дъ улав каи дига дар адир монд, улоғо монда шидан дига наметонъм (К).**

г). Калимаҳое, ки номи асп ва зину авзори онро ифода мекунанд. Асп яке аз ҳайвонҳои боқувват, зебо, дӯсти беҳамтои инсон аст. Ҳасани Муродиён дар китоби худ «Тасвири ҳамбастагии қисмати инсон ва олами ҳайвонот (дар мисоли асп) дар адабиёти форсу тоҷик» дар тавсифи асп дар ҳамбастагӣ бо инсон аз китоби муқаддаси «Авесто» ва «Қуръон» сар карда, то ба сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва ривоятию шифоҳӣ, осори адибони классикии форсу тоҷик ва адабиёти садаи ХХ ва оғози қарни ХХ1 мавриди пажӯҳиш қарор дода, нисбати аҳамият ва зарурати асп ба инсон, ҳамчунин вожаҳои зиёдеро, ки ба асп марбутанд, овардааст [86, 335].

Дар лаҳҷаи Муъминобод вобаста ба ранг, зот, шакл ва синну соли асп воҳидҳои луғавии зиёде мавриди истифода қарор доранд: **айгър** (аспи наре, ки барои наслгирӣ тарбия карда мешавад). Ин калима баъзан нисбат ба инсон ба маънои маҷозии «шартакигӯ, ба сухани касе гӯш намекардагӣ» роиҷ мегардад. Ба маънои мазкур дар ҳамаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ фаъол аст ва ба маънои кӯчида танҳо ба зан нигаронида

мешавад: **Фариштa занаки айғър бъд-ай (Ғ.б). И занаки айғър шуш-а гавзанӣ намонд (Т.в).**

Воҳиди луғавии **търуғ** (аспи сурхи сиёҳчатоб), **ҷеран** (аспи сурхи қашқа, як дасту по ва пешониаш сафед), **саманд** (аспи зард), **қъзил** (аспи сафед), **чавкӣ** (холдона, холдор), **булул** (аспи кабудча), **қаҳар** (аспи сурхи сиёҳчатоби бинӣ ва лабу даҳонаш сафед), **ситорапешонӣ** (аспи пешониаш гирд сафед), **алааспа** (аспи сафеду сиёҳ), **бурё** (аспи ҷингиламӯй), **охёл** (аспи ёлаш сиёҳчаи зард), **чабдар** (аспи сурхи пешонисафеди ёлаш зард), **бърноқ** (аспи пешониаш сафеди борик), **ёбу** (аспи боқуввати корӣ), **ёсов** (аспи носара), **байтал** (аспи мода), **той** (аспи як-дусола), **ирға** (як тарзи роҳравии асп), **кра//тойча** (аспи навзоидашуда), **калтатой** (аспе, ки дусолагиро тамом карда, сесола мешавад), **чағър** (аспи сафедчашм) дар лаҳҷаи Муъминобод дар ифодаи мафҳуми хелҳои асп ва сину соли аспҳо ба кор мераванд. Калимаи **чағир** дар лаҳҷаи тоҷикони Бухоро дар шакли **чақир** (аспи чағер, аспи сафедчашм) мавриди истифода қарор дорад [60, 239].

Бояд иброз намуд, ки намуд ва аломатҳои зоҳирии асп меъёри асосии пайдоиши вожаҳои боло дар лаҳҷа гардидааст. Калимаву истилоҳоте, ки ба асп нигаронида шудааст, хеле зиёданд. Боз як гурӯҳи дигари вожаҳо номи авзори аспро мефаҳмонанд: **зин** (зин), **ҷалъқ** (болиштчаҳои чармини зери зин), **қош** (қоши зин), **ҷил** (болопӯши асп), **айил** (банди чармине, ки ба воситаи он зини асп дар пушти асп сахт кашида баста мешавад), **эзангу//изангу** (рикоб), **нал** (наъл). Ин калима дар «Ғиёс-ул-луғот» ба маънои **кафш; ва ба маънии оҳане, ки зери пошнаи кафш таъбия кунанд** шарҳ дода шудааст [31, 347], **лаҷум** (лаҷом), **қамчин** (қамчин), **овсар** (як ҷузъи лаҷом), **ҷилаw** (банди лаҷом; ба маънои маҷозӣ ба инсон нигаронида шуда, пеши роҳи касеро гирифтан, аз амали нохубе касеро баргардонидан, тарбия карданро ифода мекунад), **нухта** (нӯхта), **қуш** (бандест, ки аз таги думи асп гузаронида, аз ду тарафи асп ба зин баста мешавад), **чъргин** (матоест, ки аз таги ҷалуқи асп гузошта мешавад), **қайза** (баланд бастани асп), **таwела** (занҷир ё банди мустаҳками дарозе, ки тавассути он асп дар чарогоҳ баста мешавад). Ин калима дар луғатҳо дар шакли **тавила** чунин шарҳ дода шудааст: «**Тавил-муштак аз тул; ва он расоне дароз бошад, бад-он пои чанд аспон мебанданд; ва маҷозан ба маънии макон ва иморате, ки дар он аспонро нигоҳ доранд. Ва он иморат аксар ҷо тавил бошад, ки дар он чанд аспонро макон бошад… Ва тавила ба маънии силк ва риштаи марворид** (аз «Баҳори Аҷам» ва «Мунтахаб» ва «Латоиф» ва «Кашоф» [31, 31], **гълмех** (мехи оҳанӣ ё чӯбӣ мустаҳками борику дарозе, ки дар он занҷир тавила баста ва ба замин куфта мешавад), **тавелагардон// тавилагардон** (иваз намудани ҷои асп дар чарогоҳ), **ахтахона//ахтахуна** (оғили асп), **чълбър** (банди борики аз ришта ё пашм бофташуда), навзин (аспи нав ромшуда).

ғ). Калимаву истилоҳоте, ки ба бузу гӯсфанд нигаронида шуданд. Ин вожаҳо дар ҳамаи гурӯҳи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ мавқеи фаровони истеъмолӣ дошта, хусусияти умумитоҷикӣ доранд: **мол** (бузу гӯсфанд), **молwонӣ//молwунӣ** (поидан, бонидани моли хоҷагӣ бо навбат), **нawбати мол ё пода** (навбати бонидани подаи хоҷагӣ), **чапъш** (бузи модаи яксола), **калбъз** (бузи бешох), **така** (бузи нари яксола), такалочък (такача), **сирка** (бузи нари се-чорсолаи ахтакардашуда), **бича** (бузғола), **нарбича** (бузғолаи нар), модбича (бузғолаи мода). **И калбъз-а дар эл махкам кънен, ки ҳамай ниҳоло-ра къръндид-ай (пуст кандан) (К).**

Дар вокеъ, вожаи **буз** дар лаҳҷаи тоҷикони Бухоро низ роиҷ аст, ки ду маъно дорад: **1. Хомсуф; 2. Нокорам, бекорхобида** [60, 56].

Гуспанд (гӯсфанд), **меш** (гӯсфанди мода), **къшқор** (гӯсфанди нар), **модгуспанд** (меш), **шишак** (гӯсфанди як то дусола), **дъбар** (дусола), **солъқ** (модгӯсфанди пир) ва ғайра. **И къшқор-а бътърошен, ки хароб мешawa (Ш.к). Ай гуспандои owардагит и чӣ фойда накардъм (М).**

2. Калима ва истилоҳҳое, ки номи ҳайвоноти ваҳшӣ ва ба онҳо марбутро ифода мекунанд:

Ба ин гурӯҳ номи ҳайвонҳои дар кӯҳу биёбон зиндагӣ мекардагӣ дохил мешаванд. Ин калимаҳо аз нигоҳи истеъмол хусусияти умумитоҷикӣ дошта, барои ҳамаи лаҳҷаҳо муштараканд: **хърс** (хирс), **шер, паланг** (паланг), **гърг** (гург), **хуг** (хук), **гъроз** (хуки нар), **руба** (рӯбоҳ), **шағол, ҷайра, ҷайраи мъғлӣ** (як намуди ҷайрае, ки ҷисман хурд аст), **қашқалдоқ, харгуш //заргуш** (харгуши зард), **сағър** (суғур), **меш, нахчир** (бузи кӯҳӣ),

чурпа (хукбача), **палвон //палвун** (ишора ба хирс), **ҷондор //ҷундор** (ҳайвони ваҳшӣ), **оҳу** (ғизол, бузи кӯҳӣ), **дала** (ҳайвони ваҳшии гурбамонанд) ва ҳоказо.

Дар лаҳҷаи Муъминобод дар баробари ин унсурҳои луғавие дар истеъмоланд, ки ба киштукор, зироат ва ҳайвонҳои ваҳшӣ алоқаманданд ва вобаста ба ин номи амалиёти гуногуни инсонро ифода менамоянд: **чайла** (хонаи муваққатии аз чӯбу хас сохташуда), **хугвонӣ //хугwунӣ** (нигоҳубин ва муҳофизати ғалла ва зироатҳои хоҷагии қишлоқ аз хук), **хугканък** (ҷое, ки барои нигоҳубин аз хук канда мешавад), **шawwон //шawунӣ** (шабона дар саҳро истодан ва нигоҳубин кардани зироат), **шawестӣ** (шабона дар саҳро истодан), **бармол** (паҳлуи кӯҳ, теппа). Калимаҳои дар боло овардашуда хоси лаҳҷа буда, истеъмоли баъзеи онҳо дар лаҳҷаҳои дигари ба ин минтақа наздик аз эҳтимол дур нест.

А Д А Б И Ё Т

1. Десницкая А.В. Вопросы изучения родства индоевропейских языков.
М, 1955, с.52.
2. Зайниддинова З. Маълумотҳо доир ба истилоҳоти ифодакунандаи
«зан» дар шеваҳои ҷанубӣ // Забоншиносии тоҷик. -Душанбе: Дониш, 1976, с.162-170).
2. Ғиёсиддин Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот.- Ҷ.2.-Душанбе: Адиб, 1988.- 416 с.
3. Исмоилов Ш. Лексика Каротегинского говора.Автореф. на соиск. канд. фил. наук. –Душанбе, 1982, 24 с.
4. Исмоилов Ш. Баъзе хусусиятҳои лексикаи феъл дар шеваҳои Қаротегин. //Баъзе масъалаҳои забони адабии тоҷик, маҷмӯаи илмии кафедраи забони тоҷикии ИДП ш. -Душанбе, серияи филологӣ, 1974, с. 155-165.
5. Мамудов Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара. –Душанбе: Ирфон, 1977.- 197 с.
6. Муҳаммадиева Ҳ. Қайдҳо дар бораи баъзе хусусиятҳои лексикаи нонвой.// Забоншиносии тоҷик. –Душанбе: Дониш, 1980, с. 60-66.
7. Маҳмудов М., Бердиев Б. «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро». -Душанбе: Дониш, 1989.- 278 с.
8.Набиева Г. В. Инкишофи лексикаи сару либос.// Забоншиносии тоҷик.–Душанбе: Дониш, 1980, с. 45
9. Неменова Р.Л., Ҷӯраев Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ».- Ҷ 1. (фонетика, лексика). –Душанбе: Дониш, 1980, 328 с.
10. Неменова Р.Л. Кулябские говоры таджикского языка (северная группа).-Сталинобод. 1956.- 190 с.
11. Рауфов Х.С. «Фарҳанги ҷаҳонгир-ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс». –Душанбе: Дониш, 1973, 191 с.
12. Успенская Л.В. Говоры таджиков Гиссарского района.-Душанбе, 1962.- 170 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ.1. –М., 1969.- 951 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ.2. – М., 1969.- 951 с.
15. Ҷалолов О. Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони райони Ёвон.-Душанбе: Дониш, 1976.- 152 с.
16. Ҷӯраев Ғ. Калимаҳои хоси шева ва баъзе аломатҳои фарқкунандаи он. //Забоншиносии тоҷик.-Душанбе: Дониш, 1976.- с.123-129.
17. Шарофов Н., Ҷӯраев Ғ. Лексикаи касбу ҳунар сарчашмаи терминологияи тоҷикӣ. –Душанбе, 1991.- 92с.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ТЕРМИНОВ СФЕРЫ ЖИВОТНОВОДСТВА В ЛЕКСИКЕ ДИАЛЕКТА МУМИНАБАД

Словарные единицы сферы животноводства в копилке диалектов Муминабада как и другие южные диалекты таджикского языка занимают очень большоеместо. Это зависит от того что таджикский народ с древнейших времен занимается животноводством. В данной статье автором подвергнуты изучению некоторые особенности терминов сферы животноводства в лексике диалекта Муминабад.

Ключевые слова: лексика, диалект, лексика диалекта Муминабад, словарные единицы сферы животноводства, южные диалекты таджикского языка.

SOME FEATURES OF TERMS OF THE SPHERE OF ANIMAL HUSBANDRY IN DIALECT LEXICON MUMINABAD

Dictionary units of the sphere of animal husbandry in a moneybox of dialects of Muminabad as well as other southern dialects of the Tajik language figure prominently. It depends on that that the Tajik people since the most ancient times go in for animal husbandry. In this article the author subjected to studying some features of terms of the sphere of animal husbandry in dialect lexicon Muminabad.

Key words: lexicon, dialect, dialect lexicon Muminabad, dictionary units of the sphere of animal husbandry, southern dialects of the Tajik language.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Дж.Саидов*** – соискатель КГТУ им. Носира Хусрава

МУРОДИФОТИ ЛАҲҶАИ ВАХИЁ

И. Умаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар лаҳҷаҳои Вахиё барои ифодаи як маъно, маҳфуму ашё ду ва зиёда калимаҳо истифода мешаванд. Баъзан чунин воҳидҳои луғавӣ аз рӯи мавқеъ истифода ё ҷилоҳои услубӣ тафовут дошта бошад ҳам, дар ифодаи маънои умумӣ муштараквазифа мебошанд. Ин гуна калимаҳо дар забоншиносӣ муродиф (синоним) номида мешаванд. Онҳо асосан калимаҳоеанд, ки ҳангоми истеъмол ҷои якдигарро ба хубӣ иваз мекунанд ва онҳо тобишҳои гуногуни услубиро ба ҷо меоваранд. Аз ин рӯ, муродифҳо нутқи моро таъсирнок карда, ба он тобишҳои эмотсионалӣ мебахшанд. Муродифҳо ба тобиши иловагии маъно ва ҳудуди истеъмол, обуранги бадеӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Дар забоншиносии тоҷик муҳаққиқи муродифҳои забони тоҷикӣ М.Муҳаммадиев ба шумор меравад. Ӯ тамоми хусусиятҳои муродифҳои забони тоҷикиро дар асоси маводи забони муосири тоҷик дар асарҳояш **«Синонимҳо дар забони адабии тоҷик»** [80,165] ва **«Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ»** [80, 245] таҳқиқ намудааст.

Дар шевашиносии тоҷик бошад, то ҳол тадқиқоти махсус доир ба муродифҳо, ки маводи ин ё он лаҳҷаро пурра дарбар гирад, ба анҷом нарасидааст. Танҳо муаллифони алоҳида дар рисолаҳои худ дар бораи мавқеи муродифҳо дар он лаҳҷаҳо, ки таҳқиқ кардаанд, мулоҳизаҳои судбахш баён намудаанд. Масалан, Ғаффор Ҷӯраев дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ [150,201], Шамсулло Исмоилов дар асоси маводи лаҳҷаи Қаротегин [45,24], Нурхон Гадоев дар заминаи далелҳои лаҳҷаи Тагнов [22,82] ин мавзӯъро мавриди омӯзиш қарор доданд. Чи тавре ки баён намудем, муродифҳо калимаҳоянд, ки аз нигоҳи шакл гуногун буда, аз нигоҳи маънӣ як маҳфум ва ё маҳфумҳои ба ҳам ниҳоят наздикро ифода мекунанд.

Муродифоти исмӣ. Ин гуна калимаҳо дар лаҳҷаи Вахиё зиёданд, онҳоро вобаста ба ифодаи маънӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мекунем.

Муродифҳое, ки номи узвҳои биологӣ ва кору бори инсонро ифода мекунанд: **фък (фук), кълйак, алохша, шък, манна.** Ин калимаҳо дар лаҳҷаи мазкур дар ифодаи як маънӣ – маънии «**фък**» ҳамрадифанд. Аз инҳо калимаи «**фък**», ки калимаи умумитоҷикӣ аст, нисбат ба муродифҳои худ дар лаҳҷа фаъолтар буда, воҳидҳои лексикии **къляк**, **алохша**, **мана**, ва **шък** дар бисёр мавридҳо якдигарро иваз мекунанд. Ин муродифҳо аз нигоҳи тобиши маъни як андоза аз якдигар тафовут доранд. Масалан, агар «**фък**» маҳфуми умумии **«ҷоғи болову поён»** - якҷоя бо занахдонро ифода намоянд, **кълйак** ва **алохша**, **шък** маънии ҷоғи поён ва **манна маънои «занахдон»** - ро ифода менамоянд: **Як мъшт дар кълакъш хурд** (Дашти Шер). **Дар шъкът фалону (баҳъмадон) кънъм** (маънои нафасро дорад) деҳаи Ғурум.

Мисли ин муродифҳои **арқан**, **мак**, **гардан** бо маънои умуми худ ифодакунандаи узви бадани инсон - **китф** ё **шона** мебошанд. Ҳар дуи ин калима дар нутқи соҳибони лаҳҷа ба таври баробар адои вазифа мекунанд.

Дар қисми шимолии Вахиё **китфро** бештар **арқан** ном мебаранд, аммо дар ҷанубӣ ин мавзеъ бошад, зиёдтар калимаи **гардан** мавриди истеъмолӣ дорад. Калимаи «**мак**» дар лаҳҷаи Вахиё умуман истифода карда намешавад, зеро, ки дар дигар маънои узви инсонро ифода мекунад. Ин шояд ба таъсири лаҳҷаҳои Қаротегин ва Тагнов ба амал омадааст. **Пъгаи дидъм, ки амаким дар сари кътфъш як қоп гандъм оварда (**деҳаи Сайёд**). Ку бъгӣ амира сари арқан къ бъра** (деҳаи Сабзихарф).

Муродифҳои **чъғерак, сандък, сағера, мунда,** дар лаҳҷа бисёр фаъол нестанд. **Сағера** - аслан бачаи бепадару модарро мегӯянд ва ба ин маънӣ дар лаҳҷа бештар фаъол аст, калимаи **мунда** дар лаҳҷа ин маҳал ба кор бурда мешавад. «**Сағерота (сағераҳоятро)**

бъгивъ бъра (деҳаи Вуҷун). **Одамзодаъи ҷӯ ин мундаи тъай? ҳов ҷуни шърин** (деҳаи Лангаро). Дар лаҳҷа бештар калимаи **(сағера)** афзалият дорад,

Доираи истеъмолии «**мунда»** тангтар аст. Калимаи «**турпӣ»** аслан дар ифодаи «гӯсфанди нари то яксола» меояд. Аммо зимни маҷоз мафҳуми кӯдакро низ ифода мекунад: **Ин занак да дъмбаъш шаш турпӣ дора дъга шура чь коръш мекъна (деҳаи Хипшун)**.

Муродифҳои ифодакунандаи ашёҳои беҷон ва амалу ҳолатҳои гуногун. Чунин муродифҳо дар лаҳҷаи Вахиё бештар ба чашм мерасанд. Онҳо дар лаҳҷаи мазкур як ҳиссаи басо муҳимро ишғол мекунанд ва бо маъноҳои мухталиф барои пуробуранг баромадани нутқи соҳибони лаҳҷа хизмат менамоянд.

Калимаҳои **киъғр**, **файрод**, **ҷағас**, **чъриғ** ё ки **ҷиғас** дар маънои умумии фразеологии овоз доданд ба калимаҳои гуфташуда дар як қатор меоянд: **Овозъш бъдъ бийойта (деҳаи Хур).** Аз инҳо калимаи **файрод** таркиби **«овоз доданд»** мақсаднок аст. «**Чъриғ»** бошад овоз баровардан ҳангоми дарди ҷонкоҳ ё ягон мусибату фалокат аст. «**Киғър»** овози баланд барои аз худ дур кардани ҳашароту паррандаҳо мебошад.

Муродифҳои «**мачак»** ва ошноӣ дар ифодаи **«бӯса»** муродифанд. Лекин онҳо тобишҳои маъноии ба худ хос доранд. Калимаи **«ошноӣ»** дар вақти вохӯрии дӯстон ва бародарони ҳамхун ё хешутабор пайдо мешавад: **Биё акъ як ошноит къняъм бачам** (деҳот Сағирдашт). «**Мачак**» дар байни ошиқон ва дилдодагон дида мешавад. Ҳар ду дар лаҳҷа ниҳоят фаъоланд: **Дӯстдоштама якъмбор мачак кардъм** (деҳаи Марғак).

Калимаҳои **таштак** (тағора), **таз** (тос) дар лаҳҷаи Вахиё мафҳуми зарфи нисбатан калон, мисли табақи чӯбин меоянд. Дар ифодаи маънои умумии зарфи ҷомашӯӣ онҳо муродиф ба ҳисоб мераванд ва дар нутқ баробар истеъмол мешаванд. Муродифҳои **воз, фох, шъкоф, симох** дар ифодаи маънии умумии **«сӯрох»** меоянд. Инҳо ҳам тобишҳои иловагии худро доранд. Ду калимаи аввал сӯрохии калонро ифода мекунанд, дутои охираш сурохии хурдро мефаҳмонад.

Муродифҳои **мъчък**, **мъшт** ҳарду ба ҳамдигар маънои ба ҳам омадани ангуштонро ифода мекунад. Дар лаҳҷа ҳар ду воҳиди луғавӣ баробар кор фармуда мешаванд: **Чи дъста мънҷък кардай? Касера мъшт мезанӣ?** (деҳаи Сарипул).

Калимаҳои **мазмун, мазоқ, эрмак, шӯхӣ** дар лаҳҷаи Вахиё маънои масхараро ифода мекунанд. Аз ин ҳисоб ба маънои умумии **«масхара кардан»** муродифи ҳамдигаранд ва аз диди ҷои истеъмол баробаранд. Ба ин муродифҳои ибораи фразеологии «**мазмун гирифтан»** - ро ифодаи ҳаммаъно мебошад. **Аъзамҷон иқа эрмакъш накъ қади тъ намешава? Амаким да вақтъш бисёр шухӣ мекад, ҳамара механдун (деҳаи Хур)**.

Воҳидҳои луғавии «**кашак** ва **чапар»** ба маънои олоте, ки аз шоху навдаи дарахт месозанд ва барои зери хок намудани тухми пошидаи зироат дар замин истифода бурда мешавад, ҳамрадиф мебошанд. Калимаи «**чапар»** умумиистеъмолӣ буда, дар ҳама лаҳҷаҳои ҷанубӣ мавқеи васеи истифодабарӣ дорад, аммо «**кашак»** бошад, на танҳо дар водии Вахиё, балки дар минтақаҳои Қаротегин, Тагнов, Даштиҷум ва Роғ ҳам мавриди истифода қарор дорад. Ба ҳар ҳол **чапар** дар лексикаи лаҳҷаи номбурда бештар истеъмол мешаванд. **Бачаи як чапари хъшру созкъки дънуҳоро тайи хок къна (деҳаи Лухч)**

Калимаҳои «**сатрӣ»** ва «**ёшов»** дар лаҳҷаи водии Вахиё аз якдигар фарқ мекунанд. «**Ёшов»** боқимондаи коҳе, ки баъд аз хӯрдани ҳайвон дар охур мемонад, ҳамонро ифода мекунад. «**Сатрӣ»** дар лаҳҷаи маҳал бо ду маъно истифода бурда мешавад, маънои чоряки дарзаро ифода мекунад, ки ҳанӯз баста нашуданд. Маънои дуюмаш «нонеро мегӯянд, ки дар тӯйю маъракаҳо дар лагани калон дар зери хумурӣ оташ дар танур пӯхта мешавад». Аз рӯи ифодаи маънои умумӣ ба ҳам муродифанд: **Бъра ёшовои нохӯрдаро ҷаъм кън бийёр бай алови нуна. Сатриёи кардагита бъра баншу қоқ шиданд** (деҳаи Пунарвоғ). **Бачаи ҷун бъра иқа ҳезъм биёрда як сатрӣ бай туйя бъдозъм** (деҳаи Юфан).

Унсурҳои луғавии **чӯл** ва **ялъм** танҳо дар ифодаи маҳфуми **ҷои беоб** муродиф мешаванд, аммо дар мавриди дигар не. Дар лаҳҷаи Вахиё аз нигоҳи истеъмол калимаи **ялъм** нисбат ба чул имтиёзи бештарро соҳиб аст, зеро ин калима на танҳо дар Вахиё, балки қариб дар ҳамаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба кор бурда мешавад. **Кам бъкор яълъм бъкор (деҳаи Хур).**

Муродифҳои сифатӣ. Ин хел муродифҳо дар лаҳҷаи Вахиё аз нигоҳи миқдор хеле зиёданд. Шояд аз он ҷиҳат бошад, ки дар ифодаи аломати як ашё дар лаҳҷаҳо чандин калимаҳо ба кор мераванд. Бо назардошти ифодаи маъно ва мафҳумҳояшон муродифҳои сифатиро ба чунин гурӯҳҳо тақсим менамоем.

а) Муродифҳое, ки намуди зоҳирии инсонро ифода менамоянд. Одами қадпастро дар лаҳҷаи зикршуда бо чунин калимаҳои муродифӣ ифода менамоянд: **пақана, мъндъқ, мътък, лилипут, ғъндолък, дҳъл.** Бояд тазаккур дод, ки **дҳъл** – одамест, қадпаст, вале фарбеҳу шикамаш дамида: **Шарифи дҳъл ай шъками калунша да ҷош мешист хеста наметунист** (деҳаи Хипшун). Муродифҳои боқимонда аз рӯйи ифодаи маънои умумӣ фарқ надоранд. Аз инҳо воҳиди луғавии «**мъндъқ»** дар истеъмоли соҳибони лаҳҷа нисбат ба ҳаммаънои худ фаъол аст. Калимаи «**ғъндолък»** бошад дар лаҳҷа мавқеи худро аз даст дода андаке дар истеъмол маҳдуд гардидааст.

Калимаҳои **качала, якътрева, чавел** маънии одами «**качпо» - ро** мефаҳмонанд. Онҳо метавонанд дар нутқ ҳамеша якдигарро иваз намоянд. Мисол: **Хунаъи мо чавелпои Юнус омада буд (деҳаи Сайёд). Бачаи Мирзо поҳош якчреваъ бъданд** (деҳаи Қалъаиҳусен).

Калимаи (**чавелпо ва якчравеъ**) дар истеъмоли соҳибони лаҳҷа нисбат ба ҳаммаъноии худ фаъол аст. Калимаи **качала** бошад, дар лаҳҷа маънои одами якравро мефаҳмонад, дар нутқи аҳолӣ гоҳ - гоҳ вомехӯрад. Ба ҳар ҳол, муродифҳои сифат, чунон ки гуфтем, дар захираи лексикаи лаҳҷаи мазкур мавқеи муайянро дар бар мегиранд.

Калимаҳои **айғок**, **гизала**, **ҷангара**, **қаҳръндик** (бадхашм) дар ифодаи маънои **ҷангҷӯ, моҷароҷӯ** муродифи якдигар мебошанд. Аз инҳо калимаи **гизала**, **қаҳръдик** дар лаҳҷа то дараҷае серистеъмол аст, чунки ин калимаҳо то як андоза хусусияти умумиистеъмолӣ (умумиточикӣ) пайдо намудаанд. Калимаи **«айғок»** низ таърихи қадима дошта, дар нутқи мӯйсафедон дида мешавад ва асосан дар лаҳҷа дида намешавад. **Ғамъш наъде - ки коррош буд нашъдан гизалааст** (деҳаи Лангар**). Бобии ҷангараи Латиъфа харъш мурдаст қаҳръндикай ай раҳъш качкъне** (деҳаи Пастироғ).

Воҳидҳои луғавии **ашък, лағна, мънзър, қоқ** маънои шахси харобу лоғарро ифода менамоянд. Аз ин ҷиҳат онҳо ба маънои дар боло зикршуда муродиф мешаванд. Ҳамаи ин калимаҳо хоси лаҳҷа маҳсуб мешаванд, лекин доираи истеъмоли онҳо он қадар васеъ нест. Калимаҳои **ашък, лағид** дар муошират лаҳҷаи мазкур мавриди истеъмолӣ надоранд. Калимаҳои **мънчр** ва **қоқ** баъзан нисбат ба ҳайвонот, аниқтараш нисбат ба гов кор фармуда мешавад. Мисол: **И гови шъмо мънчър задаст ҳиъла ҷун дора** (деҳаи Саридашт). **Бъра гова каҳ бъдоз қоқ шъидас ай гъшнагъира** (деҳаи Сарипул).

Барои ифодаи маҳфуми **«фарбеҳ»** нисбат ба инсон муродифҳои **дамбус, тарғел, баовътов, бузбала** ва **сулама** дар лаҳҷаи Вахиё васеъ истеъмол меёбанд. Ин калимаҳо мавқеи баробари истифодабарӣ доранд. **Оча бачаъи Ҳаъкими бузбала ъай мън калунай** (деҳаи Марғак).

б) Муродифҳое ки бо хислату хусусияти шахс иртибот доранд. Дар лаҳҷаи Вахиё барои ифодаи одами соддаю гумроҳ калимаҳои **лавҳъос, даҳъавоз, лапух, абох** истеъмол мешаванд. Бинобар ин, калимаҳои мазкур дар ифодаи маънои умумӣ муродифи якдигаранд ва аз рӯи мавқеи истифодабарияшон ва тобишҳои маъноӣ андаке тафовут доранд. Масалан, **лавҳъос, даҳъавоз** одамест ниҳоят сода, вале безарар. Доираи истифодаи ин калимаҳо дар лаҳҷаи Вахиё хусусияти муродифӣ пайдо мекунанд ва дар ҳама ҳолатҳо якдигарро иваз менамоянд, то ки онҳо якрангу дилбазан набошад. Ин як роҳи таъмини фасоҳат ва ғановати лаҳҷа аст.

Аз ин калимаҳо воҳиди луғавии сода характери умумиточикӣ дорад ва сарсилсила ҳисоб мешавад, калимаҳои боқимонда унсурҳои луғавии хоси лаҳҷаи мазкур ва лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ ба шумор мераванд. Доираи истеъмоли «**лапух, абох»**, ки аз забони русӣ гузашта ба маънои **«сода, нодон»** дар лаҳҷаи Вахиё то як андоза маҳдуд буда, дар истеъмоли мардум чандон фаъол нест. **Саид уқа бачаъи лапух нест** (деҳаи Ҷӯр). Калимаи «**лавлода»** ба маънои «**гӯл, нодон, сода»** дар лаҳҷаи Панҷакент низ роиҷ аст [7,151]

Муродифҳои **тълон, шъмрӯ, чалфъс, шълақ** (нокора) ифодагари сифати одамони танбалу нокора ба шумор мераванд. Дар ин ҷо калимаҳо **шъмрӯ, чалфъс ва шълақ** нисбат ба муродифҳои худ дар истеъмол фаъолтаранд, вале аз рӯи маънои умумӣ аз

муродифҳои худ фарқ надоранд. **Як бачаъи шълақи умадайки ай дъстът ҳичи кор намёя** (деҳаи Юфан).

Калимаҳои **тентак, ақлак** ва **қортак** маънии одами ҳавобаландро ифода мекунанд. Ҳар се дар лаҳҷа баробар истеъмол шуда, ҷои якдигарро иваз карда метавонанд. Калимаи **ақлак** ва **қортак** нисбат ба муродифҳои худ фаъолтар ба шумор мераванд. Калимаҳои **саркарда** ва **қорун** аз рӯи ифодаи маъно бо калимаҳои **тентак** ва **ақлак** то ҷое шабоҳат доранд. Калимаҳои мазкур дар лаҳҷа ба шахси донотарош, ки дар ҳамакор қодир будани худро нишон медиҳад, вале на ҳама вақт ба иҷрои кори ба ӯ супорида шуда муваффақ мегардад, истифода мешавад. Муродифҳои номбаршуда танҳо ба нутқ занону духтарон иртибот доранд: **Ами қорун гарита бас къи** (деҳоти Тавилдара).

Калимаҳои **сахт, зихна, хасис, мисък, мурда, мъҷък, криса** муродифҳое мебошанд, ки ба хислати шахс иртибот доранд. Муродифҳои мазкур ба шахси мумсику дилтанг нигаронида шудаанд. Онҳо аз рӯи ифодаи маъно аз якдигар фарқ надоранд, вале аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол тафовут доранд.

Воҳидҳои луғавии **сахт, хасис, мурда, мисък** ба маънии «**мумсик**» аз нигоҳи доираи истеъмолӣ бартарӣ доранд. Калимаи «**криса**» аз забони русӣ гузашта зимни маҷоз ба калимаҳои зикршуда ҳаммаъно гардидааст ва дар лаҳҷаи мазкур мавқеи мустаҳками истеъмолӣ дорад. **То и вахта намедунистъм, ки тъ иқа крисаи** (деҳаи Чашмасор).

в) Муродифҳое, ки ба ҳайвонот марбутанд. Ин муродифҳо он қадар зиёд нестанд. Аммо доираи истеъмоли онҳо васеъ аст. Муродифҳои **хъндӣ**, **омъхта**, **хунагӣ** маънои **«ромшуда» -** ро ифода мекунанд. Ҳар се ин калима дар лаҳҷаи мазкур мавқеи баробари истеъмолӣ доранд.

Воҳиди луғавии «**хундӣ**» баъзан нисбат ба паррандагон истифода бурда мешаванд. Калимаҳои дигари ин силсила дар нутқ ҳамеша якдигарро иваз карда метавонанд. Воҳидҳои луғавии «**хундӣ**» ба маънои кӯчида омада боз маънои посбонӣ карданро низ касб кардааст: **зъминмуна хъди къме** (деҳаи Қалъаиҳусайн).

г) Муродифҳое, ки сифати ашёро ифода мекунанд. Чунин муродифҳо зиёд нестанд. Калимаҳои **вейруна, ҷъғариданъ, къндора** дар ифодаи биноҳои кӯҳнаю валангоршуда муродиф мешаванд. Вале ҳар кадоми ин тобиши махсуси маъноӣ дорад. **Вейруна-къндора** биноест, ки танҳо таҳкурсии он боқист ва то замони мо аз аҷдодон мерос мондааст. **Дар вақти зъмин ҷънбъш хунавошъ ҷъғаридан** (деҳаи Шохорон). **Ай хунаҳои бобигиму ҳаму къндоръҳошу мъндан ҳамашу вейрун шъдан** (деҳаи Ёзғанд).

Воҳидҳои луғавии **қоқ, чакалӣ, ёғара** дар ифодаи **«хушк шудан»** муродиф мешаванд. Вале ҳар яке ба худ мавқеи истеъмолӣ доранд. Масалан, **қоқ** дар гӯиш доираи истеъмолии васеъ дорад.

Чакалӣ - хушкшавии аз ҳад зиёд мебошад, **ёғара** бошад хушкшавиест, ки ба воситаи шамол сурат мегирад.

Баъзан калимаи **қоқ** ва **чакалӣ** маънои маҷозӣ гирифта нисбат ба шахс низ кор фармуда мешавад. **Валӣ ай зъқидана қоқи чакалӣ шъдай** (деҳаи Сафедрон). **Чӣ иқа қоқ шъдӣ?** (деҳаи Туто).

Унсурҳои луғавии **гулмаза** ва **шъринчоп** ифодакунандаи мафҳуми **таъм**, **маза** мебошанд. Ин калимаҳо баъзан ҳангоми муошират дар нутқи соҳибони лаҳҷа тобишҳои гуногуни маъноӣ зоҳир намудан, ба ин восита хусусиятҳои рангорангии таркиби луғавии лаҳҷаро таъмин месозанд. Масалан, калимаи **гулмаза** ҳангоми ширин ё бамазза намудани хӯроки кӯдакон истеъмол мешавад. **Широша камакък гулмаза къ, баъд ва чочак бъдъш** (деҳаи Шоҳ).

Дар ҳолатҳои боқимонда калимаи **«шъринчоп»** истифода мешавад. Дар лаҳҷаи Вахиё ҳар ду муродиф ҳам ба кор мераванд. Агар мо ин тобишҳои услубиро ба назар нагирем, онҳо муштараквазифаанд. Аз ин ду воҳиди луғавӣ худи истеъмоли «**шъринчоп ва гулмаза»** васеътар буда, дар дигар гӯишҳои ҷанубӣ низ ба кор меравад, аммо дар лаҳҷаи Вахиё ҳар ду муродифи зикршуда ба таври васеъ истифода мешаванд.

Дар лаҳҷаи зикршуда воҳидҳои луғавии умумиистеъмолии **безеб, ҳабата, бадрӯ, шъмрӯ** бо диалектизми лексики **ҳабата** муродиф мешаванд. Онҳо дар ифодаи маънии ашёи шаклан безеб ва хунуку дилнокаш муродифанд. Ин калимаҳо дар лаҳҷа мавриди махсуси истеъмолӣ доранд. Калимаҳои **безеб** ва **ҳабата** нисбат ба ҳайвонот истифода мешаванд, вале сифати **бадрӯ** ба шахс нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, муродифҳои сифатӣ дар лаҳҷаи Вахиё хеле зиёданд. Онҳо барои пуробу ранг баромадани забони лаҳҷа хизмати босазое менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Кулиёт.-Ҷ.11, қ.2. – Душанбе 1963, саҳ 311
2. Атобуллоев С. Материалҳо аз луғати шеваи диёри Рӯдакӣ. Даркит. Шевашиносии тоҷик ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1970, 257 с.
3. Маҳмудов М. Ҷӯраев Ғ. Луғати шеваҳои ҷанубӣ (макети ҳарфи Д) - Душанбе: Дониш, 1971. – 75с.
4. Муҳаммадиев М. Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ.- Душанбе, 1975, 239с.
5. Муҳаммадиев М. Талбакова Ҳ. Нурмаҳммадов Ю. Лексикаи забони тоҷикӣ, - Душанбе, 1997, 239 с.
6. Неменова Р. Л. Ҷӯраев Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ (фонетика, лексика). -Ҷ. 1. – Душанбе: Дониш, 1980. – 328 с.

СИНОНИМИЯ В ГОВОРЕ ВАХИЁ

В статье речь идет о лексической категории синонимии в говоре Вахиё и ее семантико-стилистических особенностях. Наряду с этим на основе обширного материала проводится классификация синонимов говора Вахиё, которые по морфологическим признакам разделены на две большие группы как синонимия имен существительных и синонимия имен прилагательных. В свою очередь, каждая группа делится на тематические подгруппы синонимов говора Вахиё.

Ключевые слова: синоним, имя существительное, имя прилагательное, говор, тематические группы.

SYNONYMES IN DIALECT VAKHYO

The article focuses on the lexical category of synonymy in say Vakhyo and its semantic and stylistic features. Along with this, based on a classification of the vast material synonyms dialect Vakhyo, that are morphologically divided into two groups, as synonymous nouns and adjectives synonymy. In turn, each group is divided into thematic subgroups synonyms Vakhyo dialect.

Key words: synonym, noun, adjective, dialect, talk, thematic groups.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***И. Умаров*** - соискатель кафедры истории языка и типологии ТНУ, Телефон: **981046837.** Email: **umarov70@mail.ru**

РУССКИЕ ПОВЕСТВОВАТЕЛЬНЫЕ ИНФИНИТИВНЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕДАЧИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

К.Н. Самардинов
Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава

В современной лингвистике особенно активно изучаются те речевые единицы, наиболее яркие особенности которых выявляются в реальных условиях коммуникации. В данной работе объектом наблюдения является функционирование русских односоставных повествовательных инфинитивных предложений в современном русском языке, употребляемых в различных коммуникативных ситуациях и их эквиваленты в таджикском и английском языках.

Сопоставление способов и средств передачи русских инфинитивных предложений на таджикский и английский языки **проводится, в основном, на материале русских художественных текстов и их переводов на таджикский и английский языки.** Следует отметить, что с целью наиболее точного определения способов и средств передачи инфинитивных односоставных предложений русского языка на таджикский и английский языки в некоторых случаях использовался подстрочный перевод.

Инфинитивными называются такие структурно одночленные предложения, сказуемое которых выражено **независимым предикативным инфинитивом.** Специфической синтаксической особенностью инфинитивных в собственном смысле этого слова предложений является употребление в их составе именно независимого предикативного инфинитива, отмечает К.А.Тимофеев [225, 257- 301].Например:

Дательный падеж при независимом предикативном инфинитиве обозначает то лицо, которому должно, необходимо или придется совершить действие, названное инфинитивом:

Мне нечего **тебе подарить** (К.Паустовский. Корзина с еловыми шишками, 293). … **Ему** совсем не в чем **ходить** (Анатолий Рыбаков. Дети Арбата, 11). Не **вам учить** меня (Чехов. Палата № 6, 181). **Мне** нынче **дежурить** во дворе до четырех утра (Е.Замятин. Мамай, 181).

Однако, в русской синтаксической науке вопрос о месте инфинитивных предложений в системе односоставных решается по-разному. Одни лингвисты выделяют их в **особый структурный тип** на основании специфической **предикативной основы** - структурной схемы (независимый инфинитив), **соотнесенности действия или состояния с активным деятелем,** модальности, выражаемой инфинитивной формой и интонацией (Грамматики - 60, 70, 80; В.В. Бабайцева, В.А. Белошапкова, Н.С. Валгина, П.А. Лекант, О.Б. Сиротинина, Е.С. Скобликова, К.А.Тимофеев, Золотова Г.А.). Другие лингвисты рассматривают их как **особую разновидность безличных предложений** на основании общего синтаксического признака несочетаемости главного члена с именительным падежом (подлежащим) (Е.М. Галкина-Федорук, Л.Ю. Максимов, А.К. Федоров и др.). В школьном учебнике и в учебнике для педучилищ они также рассматриваются в рамках безличных предложений.

Сказуемое в этих предложениях,- отмечает А.М. Пешковский,- мы признаем инфинитив сам по себе, вне его отношений к собственному глаголу или глагольной связке. (Пешковский. Русский синтаксис в научном освещении, с.381).

Наиболее приемлемым, на наш взгляд, является выделение основных структурно-семантических типов повествовательных инфинитивных предложений в современном русском языке в целях определения способов их передачи на английский и таджикские языки.

Первый тип представляют инфинитивные предложения со структурно-обязательным компонентом-дательным падежом + инфинитив с модальным значением **долженствования.**

Тип 1. **Тебе завтра петь.**

Как явствует из примеров, данным конструкциям в таджикском языке соответствуют двусоставные предложения, а также односоставные определенно-личные предложения с модальным компонентом бояд (должен)+ глагол в форме сослагательного наклонения. Способы передачи двусоставными и определенно-личными предложениями связаны с тем, что глагол сослагательного наклонения в таджикском языке может указывать также и на лицо.

Соответствия инфинитивных предложений в таджикском языке

Язык	**Русский язык**	**Таджикский язык**	**Английский язык**
Модель	**Дополнение+обстоятельство+инфинитив**	**Подлежащее+ обстоятельство+Модальное слово бояд+сказуемое**	
Примеры	**Мне** скоро на дежурство идти. (Горький. Мещане, 34)	а) Ба зудӣ **бояд** ба навбатдорӣ **равам** (29). - **бояд** равам-должен идти (должен +иду) –	As soon as I have to go to the duty
	Мне завтра рано вставать (Петр Проскурин. Судьба, 79). Мне сегодня улетать в Москву Мне через час сдавать экзамен. Мне завтра работать. Ему сегодня выступать.	б) Ман пагоҳ **бояд** саҳар барвақт аз хоб **хезам.** (букв. Ман имрӯз ба Маскав **бояд парвоз кунам** Ман баъди як соат **бояд имтиҳон супорам**. Ман пагоҳ бояд кор кунам. Ӯ имрӯз бояд баромад кунад.	I must get up early tomorrow. I must leave for Moscow today/ It is necessary for me to pass examination after an hour I have to work tomorrow. He must report today
Тип предложения	Односоставное инфинитивное	Односоставное определенно-личное. Двусоставное	Двусоставные предложения с модальным компонентом

Иногда наблюдается также передача русских инфинитивных предложений русского языка на английский язык и инфинитивным предложением, например: Завтра рабочим

платить (Чехов. Иванов, с.21) -To pay the workmen tomorrow. Однако они отличаются по своей структуре. Инфинитив располагается в начале предложения

Второй тип – это инфинитивные предложения со структурно- обязательным компонентом - дательным падежом + не + инфинитив с модальным значением возможности и невозможности выполнения действия в коммуникативной функции оценки возможности, огорчения, досады.

Тип 2. Ему решить эту проблему (Ему не решить эту проблему).

Данным конструкциям в таджикском языке соответствуют как двусоставные, так и односоставные определенно-личные предложения с модальным компонентом **тавонистан** + мочь (быть в состоянии) в утвердительной и отрицательной форме), например:

Не век же нам быть вместе (Чехов. Анюта, с. 81).	We can't stay together for ever."	Мо як умр якчоя буда наметавонем
Не вам учить меня (Чехов. Палата № 6, 181).	- Шумо маро таълим дода наметавонед.	You can't teach me
Вам не понять его	Шумо ӯро фаҳмида наметавонед.	You can't understand him

Русские инфинитивные предложения со значением возможности/невозможности выполнения действия передаются на таджикский и английский языки двусоставным предложениями и модального компонента *сап и тавонистан* (мочь).

Структуры данных моделей в русском, английском и таджикском языках можно представить таким образом: доп.+(не) инфинитив+доп (в русском языке), П + Д+ С (причастно-деепричастн. форма глагола+ модальн. глагол в таджикском языке) и П+С+Д

Русский	Таджикский	Английский
Ключевые слова: словарь, роль, анализ, фразеология, комментарии, язык, лексикография.

ROLE OF DICTIONARIES IN DEVELOPMENT OF TAJIK LANGUAGE

The article focuses on the history of Lexicography and linguistics features of dictionaries in XVII centuries such as «Charoqhi Hidoyat» Sirojiddin Alikhoni Orzu.

Key words: history of language, lexicography, linguistics features, dictionaries.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Н. Рахмонзода*** **–** сотрудник научной библиотеки Таджикского национального университета. Телефон: **988746756.**

«ЗАБОНИ ХУШКАРДАИ» С. АЙНӢ ЧӢ ГУНА ЗАБОН АСТ?

М. Р.Сафаралиева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар охири солҳои бистуми асри гузашта дар атрофи забони адабии тоҷикӣ баҳси доманадоре ба вуҷуд омад. Исбот кардан лозим буд, ки забони адабии тоҷик вуҷуд дошт ва имрӯз ҳам вуҷуд дорад. Бо ҳамин мақсад С. Айнӣ чунин тадбир ёфт: «Ман бо забони хушкардаи худам якчанд сатр менависам, то ин ки ба муддаои худ мисол нишон дода бошам: «Ашӯр деҳқони миёнаҳол буд, ки дар хона як гови корӣ, як модагов, хар ва ҳашт таноб замин дошт.

Ашӯр бо Аҳмад, ки гови кории ӯ ҳам тоқа буд, ҳамюғ шуданд, ҳар кадоми инҳо дар замини худ шаб дар миён ба навбат говронӣ мекарданд.

Ашӯр марди коркуни боғайрат буд. Шабе, ки навбати говронӣ ба худаш мерасид, сари шом гови Аҳмадро оварда, дар таҳи соботи худ мебаст, ба говон ба сериву пурӣ хӯрок медод, худаш ҳам бо об ва ёвғоне, ки дошт, шикамашро сер карда зуд мехобид. Дар аввали ҷеғ задани хурӯс аз хоб мехест, ҷуфти говро мебаст, омоч, поза (говоҳан) ва дандонаро гирифта ба сари замин мерафт. Ним таноб заминро бераҳа карда, сурма барин майин меронд, пеш аз сар задани офтоб дандона ва мола мекард, ки нами замин намепарид.

Албатта, шаб дар миён бедорхоб шудан ва шабкорӣ кардан душвор буд. Лекин чора чист: бе ин рӯзгорашро гузаронда наметавонист» [1, № 11 – 12. 1928].

Дар ин порчаи наср, ки С. Айнӣ «хуш кардааст», ҳам калимаю ифодаҳои хоси касби деҳқонӣ*: деҳқони миёнаҳол, гови корӣ, ҳашт таноб замин, ҳамюғ шудан, марди коркун, ҷуфти говро бастан, омоч, поза, дандона, заминро майин рондан, дандона ва мола кардан, заминро гардондан, алафҳои бегона, решаков кардан, замин ҳосилхез мешуд;* ҳам таъбирҳои мардумии *тоқа будан, шаб дар миён, сари шом, сари замин, ба серию пурӣ, ёвғон, шикам сер кардан, аввали ҷеғ задании хурӯс, заминро сурма барин сераҳа рондан, пеш аз сар задани офтоб, напаридани нами замин, бедорхоб шудан, шабкорӣ кардан, рӯзгорро гузаронидан, камакак – камакак, заминро чаппаву роста кардан;* ҳам тарзҳои калимасозию таркиббандии *миёнаҳол, модагов, ҳамюғ шудан, говронӣ кардан, коркун, боғайрат, серӣ, пурӣ, хӯрок, сераҳа, дандона ва мола кардан, бедорхоб шудан, рӯзгор гузаронидан, пурфоида, камбағал, решаков кардан, ҳосилхез;* ҳам ибораву ҷумлабандии нависанда осебе надидаанд. Аз ҷумла, С. Айнӣ *зуд мехобид (на тез мехобид), заминро меронд (на мисли матбуоти имрӯзаи мо «шудгор мегузаронд»), хӯрок медод (на хӯрока медод), рӯзгорро мегузаронд-мисли рӯз мегузаронд (на кишти тирамоҳӣ мегузаронд), ба ширкат шарик шудан (на ба ширкат даромадан, дохил шудан, ворид шудан)* гуфтааст.

Мунзим ба ин порчаи намунаоварда чунин эрод мегирад: «Ин намунаҳои навишташуда хеле содаву равон афтодааст. Вале якчанд ҷойи онро, шояд аз надонистани худам бошад, зебо наёфтам, чунончи: «*Ашӯр деҳқони миёнаҳол буд*» *миёнаҳол*, агарчанде ки дар миёни мардум бисёр гуфта ва дар матбуот навишта шавад

ҳам, худаш як сухани барҷаста нест. «*Ҳол*» арабӣ аст. Маънояш чӣ буданро ҳама медонанд. *Миёнаро* оварда ба *ҳол* часпонидан хуб намешавад. Худ аз сухани арабӣ ва порсӣ як чизи сохтаи хунук мебарояд. Чунончи, ҳаст *миёна*ро ба қад мечаспонад. *Миёнақад* зебо мешавад. Вале, *миёнаҳол, миёнаилм, миёнасарват* гуфтан ба гӯш хуб намерасад…

Мешавад, «Ашӯр деҳқони бисёр дастмоянок набуд» гӯянд» [4,1929].

Ҷавоби С. Айнӣ: «Пеш аз ҷавоб ва эзоҳҳои худ дар бораи ин «парча» ҳаминро қайд мекунам, ки чунончи, рафиқ Мунзим гумон кардаанд, ман ҳар чӣ бошад, ба хоҳиши худ як парча навиштанӣ набудам, балки як парча, ки ба зиндагонии имрӯзаи деҳқонони тоҷик ба кор равад навиштанӣ будам. Бинобар ин, ман маҷбур будам, ки «*деҳқони миёнаҳол*» гӯям. Бояд рафиқ Мунзим дар соли ёздаҳуми инқилоб фаҳмида бошанд, ки деҳқонон ба се табақа ҷудо мешаванд: «*муштзӯр, миёнаҳол ва камбағал*». Мо ҳар коре, ки мекунем, бо иттифоқи деҳқонони миёнаҳол ва камбағал мекунем ва ҳар чизе, ки аз зиндагонии деҳқонон бинависем, бояд иттифоқи деҳқонони миёнаҳол ва камбағалро нишон дода истад. Инҳо таъбирҳо ва тақсимҳои сиёсиеанд, ки дар забони русӣ, ӯзбакӣ ва дигар миллатҳо, ки бо ҳукумати шӯроӣ сари коре доранд, ба як мазмун тарҷумаи якдигар шуда навишта мешаванд. Ба ҳамин сабаб аст, ки таъбири «*деҳқони миёнаҳол*» ҳам (ба қавли рафиқ Мунзим), дар миёни мардум бисёр гуфта ва дар матбуот бисёр навишта мешавад» [2,1929].

Мунзим: Боз: «Ашӯр марди коркуни *бағайрат* буд». Дар ин ҷо ба ҷойи *бағайрат* «*чолок*» мегуфтанд, хуб мешуд, чунки ба гуфтани *бағайрат* ночорӣ нест. Ҳам он ки як сухани арабиро нагуфтагӣ мешуданд. Ва ин парчаи якум, ҳамчунонки худашон гуфтанд: тамоман «сода мешуд» [3, 1929].

Айнӣ: «Рафиқ Мунзим боз ба ҷойи «Ашӯр марди коркуни *бағайрат* буд» таъбири «*чолок*»-*ро* таклиф мекунанд. Дар ин ҷо ҳамин қадар мегӯем, ки «*чолок*» маънии «*ғайрат*»-*ро*, ки дар ин ҷо қайд карда шудааст ва тоҷикон ҳам ба ҳамон маънӣ ба кор мебаранд, намедиҳад, зеро «*чолок*» ба маънии «*тезрав*» аст, аммо «*ғайрат*» тезҳавсалагӣ дар корро нишон медиҳад. Модом ки тоҷикон «*ғайрат*»-и арабиро, ки аз маънии аслиаш бароварда ба як маънии дигар ба кор бурдаанд мо чаро аз вай гурезем. Араб, масалан «*тарзабони*» тоҷикро аз маънии аслиаш бароварда ба маънои *тарҷумон*, яъне нақлкунандаи чизе аз забоне ба кор барад, гунаҳкор нашуд ва ба пуррагии забонаш халал ҳам нарасид, тоҷик чаро ба гирифтани «*ғайрат*»-*и* монанди он гунаҳгор шавад ё ба забонаш халал расад?» [2,1929].

Дар ин тавзеҳ назари С. Айнӣ ба зарурати калимаю истилоҳоти бегона, ки ба забони мо аз забонҳои арабию русӣ омадаанд, равшан аён мегардад. Калимаи дигари арабии иқтибосӣ вожаи «*собот*» аст, ки боиси баҳси С. Айнӣ бо Мунзим гардидааст:

Мунзим: Боз: «Сари шом гови Аҳмадро оварда дар таҳти *собот*и худ мебаст».

Дар ин ҷо ба ҷойи «*собот*» «*айвон*» мегуфтанд, хуб мешуд, чунки *собот* дар ҳеҷ як адабиёт *дида нашудааст*, ё он ки *ман надидаам*. Агарчанде ки *соботро* мардумон гӯянд, *айвон*ро ҳам мегӯянд, медонанд. Гумон мекунам, ки *собот* сухани туркӣ бошад. Касоне, ки *аз забони содаи тоҷикӣ гурехтанӣ мешаванд*, аз ҳамин гуна «*таҳти соботаш*» метарсанд [3,1929].

Айнӣ: «Дар бораи «*собот*» боз як хабари бад ба рафиқ Мунзим мерасонам, ки ин *туркӣ нест*, балки *арабист* ва арабиест, ки дар миёнаи тоҷикон *шуҳрат ёфтааст*. Аммо «*айвон*» нагуфта, «*собот*» гуфтан барои он аст, ки «*айвон*» ба нишастгоҳи мардум махсус буда, «*собот*» махсуси сутурон аст. Ин ҳарфро деҳқонони тоҷики туманҳои Бухоро то имрӯз риоя карда омадаанд, ба ҷойи «*собот*» ӯзбакон «*бостурма*» мегӯянд.

Рафиқ Мунзим ба дуруст набудани «*собот*» дар ҳеҷ як адабиёт дида нашудани онро дар мавриди далел меоранд.

Аҷабо, магар ҳар луғате, ки мо кор мефармоем, дар адабиёти кӯҳна будани он шарт аст?

Агар мо дар ҳар луғате, ки имрӯз кор фармуданӣ шавем, дар адабиёти кӯҳна ёфт шудани он шарт бошад, ҳазорон эҳтиёҷи худро, ки ҳаррӯза ба пеши мо баромадааст, ба кадом забон адо мекунем?

Адибони кӯҳна, ки бештарини сари корашон бо *тахтҳо, тоҷҳо, кошонаҳо* ва *айвонҳо буд* ва *ба оғилҳо, юғҳо* ва *соботҳо* нигоҳ карданро ор медонистанд, бинобар ин

инҳоро нагуфтаанд. Мо ки имрӯз зиндагонии деҳқононро тасвир мекунем, маҷбурем, ҳар чизеро, ки ба онҳо даркор аст, биёрем ва гӯем» [2, 1929].

Чизи дигаре, ки мавзӯи бевоситаи баҳси мост, муносибати С. Айнӣ ба интихоби калима ва мавқеи истеъмоли он ва муносибати ӯ ба иқтибоси калимаю истилоҳот аст.

С. Айнӣ калимаи «*поза*»-ро дар қавсайн «*говоҳан*» шарҳ додаст, зеро он олоти шудгор кардани заминро на ҳар кас дидаасту ба осонӣ тасаввур мекунад. Ҳамчунин калимаи адабии *«деҳа»,* ки бештар дар забони адабии хаттӣ истифода мешавад, бо калимаи хоси забони гуфтугӯйи *«қишлоқ»* шарҳ ёфтааст. Ин далели он аст, ки ҳар ду вожа ҳам дар забони тоҷикӣ маъмуланд, вале яке дар навиштор бештар ба кор мераваду дигар – дар гуфтор.

Айнӣ: «Ман шахсан ба кор фармудани баъзе *суханҳои арабӣ*, ки имрӯз дар забони форсию тоҷикӣ *ҳазм шудааст*, муқобил нестам ва инчунин кор фармудани *истилоҳҳои илмии арабиро*, ки аз имрӯза форсӣ ва тоҷикӣ ба ҷойи онҳо сухани қобиле ёфт намешавад, лозим медонам, лекин на ба ин дараҷа, ки аз забони форсӣ танҳо *адот* боқӣ монад, ё баъзе суханҳои дар форсӣ ҳазмшудаи арабиро ба қоидаи араб ҷамъ карда хонандагонро ба кофтукови луғат ва сарфу наҳви арабӣ маҷбур кунем» [1,1929].

Калимаҳои иқтибосии туркӣ (ӯзбекӣ). Агар аз забони арабӣ бештар калимаю истилоҳҳои илмию фарҳангӣ иқтибос шуда бошад, аз забонҳои туркӣ (асосан аз забони ӯзбекӣ) на истилоҳоти илмию фарҳангӣ, балки калимаҳое иқтибос шудаанд, ки мафҳумҳои муҳити зиндагиро ифода мекунанд ва бештарини онҳо ифодаи маълуму маъруфи тоҷикӣ ё арабии тоҷикишуда доранд, ба мисли *гавда (ҷасад, тана, пайкар), байтал (модиён), ихчам (мӯҷаз), тентак (ҷинӣ), қарчигай (боз), узот (гусел), ҷиян (додарзода)*.

Матн: Ӯ дар пеши сафи аскарон пасу пеш роҳ гашта, дар ҳар як қадаммонӣ миёнашро андаке хам карда, *гавдаашро* ларзонда мемонд.

Қайд: *Гавда, ҷасад, тан, пайкар.* Албатта, *гавда* нодуруст аст, дар шароите ки чандин калимаи тоҷикӣ ҳаст [7,180].

Аз мактуби саркушодаи С. Айнӣ ба П. Толис аён аст, ки устод ба ҷойи феъли «*узот кардан*» ба гумони ин ки аз истеъмоли забони имрӯза баромадааст, дар повести «Одина» лафзи туркии «*узот*»-ро дар таркиби феълии *узот кардан* кор фармуда будааст.

Қариб ҳамаи иқтибосот ва тарҷумаҳои таҳтуллафзии туркӣ бо роҳи мубодилаи бевоситаи шифоҳии намояндагони ду забон ворид шудаанд. Чунончи, калимаҳои *ёрдам, бойчечак,* таркибҳои рехтаи *ҳар доим, хуб шудааст* аз ҳамин қабил калимаю таъбирҳоянд.

С. Айнӣ дар ҳошияи романи «Шодӣ» дар забони тоҷикӣ ғалат будани феъли «*ёрдам кардан*»-ро муфассал шарҳ дода, тоҷикии онро «*ёрӣ расонидан*» ё «*ёрмандӣ кардан*» шуморидааст. Матн: Аз мо *ёрдамаш*ро дареғ надорад. Таҳрир: …*ёриаш*ро дареғ надорад.

Қайд: Калимаи *ёрдам* ҳам аз он ҷумлаи калимаҳост, ки касони ғайри форсу тоҷикзабони нодон сохта баровардаанд ва аз забони онҳо ба тоҷикон гузаштааст. Ба ҷойи *ёрдам «ёрӣ» – «ёрмандӣ»* кор фармудан даркор аст. Аммо ин ду калимаи охир дар ҷумла фарқ мекунанд: *«ёрӣ медиҳанд», «ёрмандӣ мекунанд»* мешавад. Маънои ин ду ҷумла як аст. Агар мо калимаи *«ёрдам»*-ро таҳлил кунем, ҳ*амдам – ҳам – дам* барин як чиз мешавад [6, 142].

Аз намунаи «Забони хушкардаи» С. Айнӣ ва мунозираи илмии ӯ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. «Забони хушкардаи» С. Айнӣ забонест, ғанӣ ва қудратманд, ки тамоми эҳтиёҷоти ҳамарӯзаи ҷомеаро қонеъ гардонида метавонад, чунонки дар намунаи боло фаъолияти як марди деҳқонро шарҳ додем.
2. «Забони хушкардаи» С. Айнӣ забонест, ки танҳо ба вожаҳои асили худ маҳдуд намешавад, мисли ҳама забонҳои дунё аз рӯйи эҳтиёҷоти худ аз иқтибосоти бегона худдорӣ намекунад.
3. «Забони хушкардаи» С. Айнӣ забони «шахшудамонда» нест, балки забонест, ки ҳамеша дар ҳолати такмилу инкишоф аст.
4. «Забони хушкардаи» С. Айнӣ забони мардумист. Соҳибони забон ҳар вожаи бегона ва тарзи таъбирро пазируфта бошад, онро рад кардан нашояд, ба шарте ки

хилофи қоидаҳои маъмули забони адабӣ набошад. Асолати забонро забони кулли мардуми тоҷик нигоҳ медорад ва ҳар калима ё таъбире, ки дар забони вай вуҷуд дорад, бунёди забони адабӣ ба шумор меравад, бинобар ин «як чизеро бечораи авом мувофиқи қоидаи худаш мегуфтааст, «ту ғалат кардӣ, мувофиқи анъана гап зан» гуфта рад карданамон дуруст нест», – навиштааст С. Айнӣ дар бораи дуруст будани феъли «*бархостан*» дар баробари *бархестан*.

А Д А Б И Ё Т

1. АйнӣС. Забони тоҷикӣ // Роҳбари дониш, 1928. – № 11 – 12.
2. Айнӣ. С. Ҷавоби ман // Овози тоҷик, 1929. – 7 феврал.
3. Бердиева Т. Назарияи иқтибос. – Душанбе: Ирфон, 1991.
4. Мунзим. Дар бораи забони адабии тоҷикӣ // Тоҷикистони сурх, 1929 – 16 январ.
5. Раҳмон Ш. Маърифати забон. – Душанбе, 2008.
6. Тарҷума ва балоғати сухан.– Душанбе, 2004.
7. Тарҷума ва тарҷумаи бадеӣ. – Душанбе: Матбуот, 2011.

ИЗБРАННЫЙ ЯЗЫК С. АЙНИ

Богатый и могучий язык, который удовлетворяет повседневные нужды не ограничивается только своими родными словами, как и другие языки при необходимости не воздерживается от использования чужих заимствований. Это язык, который всегда находится в состоянии развития и обогащения.

Ключевые слова: выражение крестьянской отрасли, народные изречения, словообразование, составление словосочетаний, предложения фразеологических составов чужих заимствований.

YOUR LANGUAGE BY S. AINI

A rich and powerful language that meets the daily needs oftheir families by limiting only the words, as well as other languages if necessary, do notrefrain from the use of foreign borrowing. is the language Cator always in a state of development and enrichment.

Key words: Expressions krestyanskoy industry, folk sayings, word formation,making phrases,idiomatic sentences convoys of foreign borrowing.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М. Р. Сафаралиева–*** аспирантка Таджикского национального университета

ТАҲЛИЛИ МАТНҲОИ ТАҲРИРШУДАИ «ЗАНБӮР» ВА «ҒУРМАГАС»

Сарвиноз Гулова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Илми тарҷума илми баҳрабардории як миллат аз миллати дигар, як кишвар аз кишвари дигарест, ки ба воситаи тарҷума намояндагони халқҳои гуногун аз эҷодиёти якдигар бохабар шуда, ба ҳам наздик мешаванд. Дар баробари ин тарҷумон кӯшиш мекунад, ки асари тарҷумакардааш ба завқ ва талаботи ҳунари тарҷумонӣ ҷавобгӯ бошад. Асари нависандаи англисзабон Э. Л. Войнич «Gadfly» аз тарафи нависанда, мутарҷим, мунаққид ва драматург С. Улуғзода ду маротиба тарҷума ва борҳо таҳрир шуда, панҷ маротиба рӯйи нашрро дида буд.

Мутаассифона, фаъолияти тарҷумонии С. Улуғзода ва заҳматҳои ӯ ҳангоми таҳрири матни тарҷума аз тарафи олимони ҳунари тарҷумонӣ ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ нашудааст.

Таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи матнҳои ду тарҷумаи як роман мавзӯи тадқиқоти чанд рисолаи номзадист, зеро таҳрири матн ҷанбаҳои гуногуни адабию бадеӣ ва забонӣ дорад. Барои таҳқиқи амиқ ва ҳарҷонибаи он, бахусус барои баҳо додан ба бурду бохти фаъолияти тарҷумонӣ ва қобилияти сухандонию нуктасанҷии Сотим Улуғзода барин пири олами илму адаб ва тарҷума қудрату тақрибаи кори тадқиқоти илмӣ зарур аст. Мо қарор додем, ки аз фаслҳои муайяни асар порчаҳои аз лиҳози таҳрири унсурҳои забони ҷолибро интихоб намуда, дар бораи он тағйироти забонӣ, ки тарҷумон воҷиб донистааст, дар тарҷумаи нашри солҳои гуногун ба қадри тавоноии худ изҳори ақида намоем.

Ногуфта намонад, ки қабл аз таҳлили хусусиятҳои забонӣ таҳрири матни тарҷума матни асли англисии асар, сипас тарҷумаи русии он, баъдан матни тарҷумаи тоҷикии солҳои 1931, 1935, 1937, 1952-юми «Занбӯр» ва ахиран матни тарҷумаи «Ғурмагас» (соли 1982) оварда мешавад.

Аз тарҷума ва таҳрири матни асар, ки солҳои гуногун чоп шудааст, чанд намуна оварда таҳлил мекунем.

- I can t bear the town, «he began after a moment s pause» (G)
- Я не могу жить в этом городе, - начал он после минутной паузы - Не могу видеть магазины, где она когда- то покупала мне игрушки;...(1973).
- Ман ба зиндагонии ин шаҳр тоқат карда наметавонам, он ҷо **аттор** ва **баққолҳое** ҳастанд, ки дар бачагиам модар**и** ман аз онҳо ҳаргуна бозичаҳо харида медод (1931).
- Ман ба зиндагонии ин шаҳр тоқат карда наметавонам, он ҷо **магазин**ҳое ҳастанд, ки дар бачагиам модар**и** ман аз онҳо ҳаргуна бозичаҳо харида медод (1937).
- Ман ба зиндагонии ин шаҳр тоқат карда наметавонам, - *гуфт ӯ баъд аз каме хомӯшӣ*. - Дар он ҷо **магазин**ҳое ҳастанд, ки дар бачагиам модар**ам** аз онҳо **ба ман** ҳаргуна бозичаҳо харида медод (1952).
- Ман **дар он** шаҳр зиндагӣ карда наметавонам, дар он ҷо **магазин**ҳое ҳастанд, ки дар **айёми** бачагиам модар**ам** аз онҳо **ба ман** ҳаргуна бозичаҳо харида медод (1982).

Тарҷумаи матни асли англисӣ чунин аст: «Ман дар ин шаҳр зиндагӣ карда наметавонам», -- гуфт ӯ баъд аз лаҳзае. Вале дар тарҷумаи русӣ шарҳи сабаби дар ин шаҳр зиндагӣ карда натавонистани Артур илова шудааст: «Он дӯконҳоро чашми дидан надорам, ки як вақтҳо модарам барои ман бозичаҳо мехарид».

Тарҷумаи чанд варианти аввал аз рӯйи ҳамин матни русӣ сурат гирифтааст:… (1931, 1935); …. (1937). Дар матни тарҷумаҳои мазкур сухани муаллиф (гуфт ӯ баъд аз лаҳзае) вуҷуд надорад. Тарҷумон танҳо ба ҷойи унвони фурӯшандагон, ки бо калимаҳои маъмули ҳамонвақта -- **аттор** ва **баққолҳо** ифода шуда буданд, исми макони русии **магазинҳоро** истифода кардааст. Шояд ин тағйир бо таъсири сиёсати маҷбуран ҷорӣ намудани калимаҳои русӣ ба ҷойи калимаҳои маъмули тоҷикӣ сурат гирифта бошад ва мутарҷим ҳам аз тарси гуноҳи парастиши забони миллии худ чунин амалро раво дида бошад. Дар матни тарҷумаи соли 1952 шарҳи сухани муаллиф пайдо шудааст: «…гуфт ӯ баъд аз каме хомӯшӣ».

Тағйири дигар он аст, ки мутарҷим ибораи «модари ман»-ро бо калимаи «модарам» иваз намудааст, ки бешак, як омили муъҷазбаёнист. Аз муқоисаи матнҳои мазкури тарҷума маълум мешавад, ки С. Улуғзода аввал аз матнҳои тарҷумаи русии дигар истифода бурда, ниҳоят ба матни тарҷумаи русии дар боло овардашуда қарор гирифтааст. Дар тарҷумаи матни «Ғурмагас» (1982) ба ҷойи ҷумлаи «Ман ба зиндагии ин шаҳр тоқат карда наметавонам» матлабро мутарҷим бо ҷумлаи «Ман дар он шаҳр зиндагӣ карда наметавонам» ифода кардааст, ки ба матни асли англисӣ (Gadfly) ва тарҷумаи русии он (Овод) мутобиқати том дорад. Гарчи «ба зиндагии ҷое тоқат карда натавонистан» қаробат дорад, вале байни *тоқат карда натавонистан* тафовути нозуки маъноӣ вуҷуд дорад. Амали *тоқат кардан* дар шарҳи сабаби амали *зиндагӣ карда натавонистан* зикр ёбад, матлаб дар забони тоҷикӣ табиӣ ифода мегардад: «Ба дидани дӯконе тоқат карда наметавонам, ки ….» ё «Тоқати дидани дӯконеро надорам, ки …» Нисбат ба таркиби пешояндии «дар бачагӣ» таъбири «дар айёми бачагӣ» мафҳуми замон мушаххастар ифода ёфтааст. Дар матни ниҳоии тарҷума таркиби пешояндии «ба ман» фурӯгузор шавад, мазмуни ҷумла осеб намебинад, зеро аён аст, ки модар бозичаҳоро барои кӣ мехарид.

Матни дигарро аз назар мегузаронем:

- But they held that English gentlemen must deal fairly, even with Papists; and when the head of the house, findingit dull to remain a widower, had married the pretty Catholic governess of his younger children, the two elder sons, James and Thomas, much as they resented the presence of a step-mother hardly older than themselves, had submitted with sulky resignation to the will of Providence (G).
- Бертоны держались того мнения, что английскому джентльмену подобает быть беспристрастным даже по отношению к католико**м;** и по этому, когда глава дома, наскучив вдовством, женился на католичке, хорошенькой гувернантке своих младших

детей, **старшие синовья, Джеймс и Томас,** мрачно покорились воле провидения, хотя им и трудно было мириться с присутствием в доме мачехи, почти их ровесниц (1973).

• Онҳо чунин ҳисоб мекарданд, ки параваришдидагони англис, ҳатто бо муътакидон ва пайравони *папа* низ бояд муносибати боинсофона ва беғаразона дошта бошанд. Аз ин ҷиҳат ҳам, *ҳангоми* вафоти зани аввалааш аз безанӣ ва бевагӣ дилгир шуда, дар Итолиё як духтари *хушрӯйро*, *ки мансуб ба мазҳаби Католикӣ буд*, ба зании худ қабул кард ва ин зани дувум мураббияи бомаърифати фарзандони хурдсоли ӯ *шуд*, он гоҳ ду писари калонсоли вай Ҷеймс ва *Том*, ба *иродаи* тақдир тан дода бо падар ва модари дуввуми худ муросо карданд, агарчи дар хонавода шарики ҳаёт будани зани охирӣ, ки дар синну сол бо он ду писар баробар буд, барояшон хеле гарон менамуд (1931).

• Онҳо чунин ҳисоб мекарданд, ки парвариш дидагони англис, *дар ҳар муборизa,* ҳатто *дар муборизa* бо пайравони *папа* низ бояд муносибати боинсофона ва беғаразона дошта бошанд.

Аз ин ҷиҳат ҳам, ҳангоме ки сардори хонадон – падари Артур пас аз вафоти зани аввалааш аз *безанӣ ва бевагӣ* дилгир шуда, дар Итолиё як духтари *хушрӯйро*, *ки мансуб ба мазҳаби Католикӣ буда,* мураббияи фарзандони хурдсоли ӯ буд, ба зании худ *қабул кард,* он гоҳ ду писари калонсоли вай Ҷеймс ва *Том* , ба *иродаи* тақдир тан дода бо падар ва *модари дувуми* худ муросо карданд, агарчи дар *хонавода шарики ҳаёт* будани зани охирӣ, ки дар синну сол бо он ду писар баробар буд, барояшон хеле гарон менамуд (1935).

• Аммо ба ҳар ҳол чунин ҳисоб мекарданд, ки *ҷентелменҳои* англис ҳатто *дар муносибат* бар зидди пайравони *папаи Рим* ҳам бояд *боинсоф* ва *бошараф* бошанд.

Аз ин ҷиҳат ҳам, ҳангоме, ки *сардори* хонадон – падари Артур пас аз вафоти зани аввалааш аз *безанӣ ва бевагӣ* дилгир шуда, дар Итолиё *як* духтари *соҳибҷамол*ро, ки мансуб ба мазҳаби Католикӣ буда, мураббияи фарзандони хурдсоли ӯ буд, ба зан*ии худ гирифт,* ду писари калони вай – Ҷеймс ва Томас – ба тақдир тан дода бо *падар* ва *модари* дуюми худ муросо карданд, гарчанде ки дар *хонавода шарики ҳаёт* будани зани охир, ки дар синну сол бо он ду писар баробар буд, барояшон хеле гарон менамуд (1952).

• *Бертонҳо* бар он *ақида буданд*, ки ҷентелменҳои англисро ҳатто бо *католикҳо* ҳам *рафтори* беғаразона доштан *мезебад*, бинобар ин ҳангоме ки *сари* хонадон пас аз вафоти зани *якумаш* аз *зистан ба муҷаррадӣ* дилгир шуда, дар Италия духтари *хушлиқои католикмазҳаб* - мураббияи фарзандони хурдсол*ашро* ба занӣ *гирифт,* ду писари *калонсолаш* – Ҷеймс ва *Томас* бо рӯи *турш ба* тақдирашон тан доданд, гарчанде ки ҳ*амхонагии модарандари* қариб бо худашон *ҳамсолро таҳаммул* кардан барояшон *кори осоне набуд. Аз зани ҷавон Артур таваллуд ёфт* (1982).

С.Улуғзода дар ибтидои тарҷумонӣ дар кор фармудани калимаҳои иқтибосӣ аз забони русӣ ва ба василаи он аз забонҳои аврупоӣ хеле эҳтиёткор будааст. Чунончи, дар матни тарҷумаи солҳои аввал (1931,1935) маънои калимаи «ҷентелмен»-ро бо таъбири «парваришдидагони (парваришдидагони) инглис» ифода карда буд. Дар нашри соли 1952 худи калимаи аслро (ҷентелмен) авлотар донистааст, зеро дар ин давра ба ворид намудани калимаҳои русӣ ва аврупоӣ роҳро хеле ҳамвор карда буданд. Бо таъсири сиёсати ҳамонвақта мутарҷим дар таҳрири соли 1982 низ он вожаи бегонаро нигоҳ доштааст.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки С.Улуғзода дар таҳрири матни тарҷума таъбири «модари дуюми худ»-ро бо калимаи «модарандар» иваз намудааст, ки айни мудаост.

Пас аз солҳои панҷоҳуми садаи бистум дар забони тоҷикӣ майли покиза намудани забони адабӣ аз калимаҳои бегонаи безарурат иқтибосшуда оғоз ёфта буд. Мутарҷими хушсалиқа аз ин падидаи нек дар рушди забони модарӣ на танҳо ба хубӣ огоҳӣ дошт, балки яке аз пешоҳангони покиза нигоҳ доштани забони ноби тоҷикӣ ба шумор мерафт.

Ибораҳои «сари хонадон» ва «сардори хонадон» аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздиканд, вале калимаи сар дар осори гузаштагон ба маънои «сарвари ҷанговарон», «лашкаркашон» маъмул будааст. Фирдавсӣ мефармояд, ки:

Гирифтанд гирдаш диловар **сарон,**
Пиёда бибурдандаш он **сарварон.**

Вожаи «сардор» маънии «саркарда», «сарвар»-ро дорад. (II.4,193).

С.Улуғзода шояд ба эҷодиёти гузаштагонамон такя кардааст. Инчунин, вожаи **«сар»** дар ҳолати танҳо мафҳуми шахсро ифода карда наметавонад††††††††.

Тарҷумон «ба зании худ қабул кард» (31), «ба занӣ қабул кард» (35) ва «ба зании худ гирифт» (52) гуфта дар «Ғ» онро иваз намудааст. Худи калимаи «**қабул кардан»** лафзи арабӣ буда, мафҳуми «пазируфтан», «пазироӣ», «писандидан»-ро ифода мекунад (II.4,661). Ҷойи ин калимаро бо вожаи «гирифтан» иваз намудааст, яъне **қабул кардан** шакли китобӣ аст. Ба занӣ гирифт –гуфтан шакли маъмул ва омиёна аст. Ба «занӣ гирифтан» худ кифоя аст, зеро ӯ алббата, занро барои худ мегирад. Академик М.Шакурӣ дар китоби худ «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» оид ба «**худ**»-ҳои барзиёд зикр намудааст. Ин ҷиҳат ҳам аз мадди назари мутарҷим С.Улуғзода дур намондааст ва дар тарҷумаи дуюм «ба занӣ гирифт» гуфтааст.

Вожаи **хушрӯй** ду маротибаи дигар бо калимаҳои **соҳибҷамол** («Ғ» 1952) ва **хушлиқо** («Ғ» 1982) иваз шудааст. Ин калимаҳо дар фарҳанг ба як «маъно», «хушрӯй», «хушлиқо», «зебо»**,** «зебочеҳра» шарҳ ёфтааст (II.4,267).

Хушлиқо нисбат ба «хушрӯ» ва «соҳибҷамол» сифати камистеъмол ва хушобуранг аст ва ҳусну ҷамоли духтарро тару тозаву муассиртар ифода мекунад. Шояд мутарҷим ҳам аз назми классикӣ илҳом гирифта чунин таҳрир карда бошад.

Дар матни тарҷумаи охир «дар хонавода шарики ҳаёт будани зани охир» (1952) ба ибораи «ҳамхонагии модарандар» иваз шудааст. Сабаб ин аст, ки ифодаи аввал матлабро табиӣ ифода мекунад ва хеле такмилёфта аст (7 калимаро дар бар мегирад) имконпазир аст.

Воҳиди фразеологии «ба иродаи тақдир тан додан» варианти комилан асл буда, тадриҷан аз рӯйи қонуни сарфаи нерӯи сухангӯйӣ ва сухангустарӣ ҷузъи аввал «ба иродаи тақдир» ихтисор ёфта, варианти кӯтоҳшудаи воҳиди фразеологӣ- «ба тақдир тан додан» ҳосил шудааст. Мутарҷми ҳам ба забони мардумӣ риоя намуда, хамин варианти воҳиди фразеологиро писандидааст.

Матни асари тарҷумавӣ аз лиҳози тағйироти калимасозию ҷумлабандӣ низ хеле ҷолиб аст. Мутарҷим мафҳуми «дар хона шарики ҳаёт буданро» бо як калима «ҳамхонагӣ» ифода кардааст, ки он исми маънӣ буда, аз решаи хона бо пешванди «ҳам» исми шахси ҳамхона ва аз он бо пасванди «-ӣ» исми маънии ҳамхонагӣ сохтааст.

Нисбат ба исмҳои сохтаи безанӣ ва бевагӣ мафҳуми муродро исми сохтаи муҷаррадӣ мушаххас ва саҳеҳтар ифода намудааст.

Дар ҷараёни таҳрир дар бобати сохти калимаҳо низ С.Улуғзода хеле мулоҳиза кардааст. Муқоиса кунед: «бояд муносибати боинсофона ва беғаразона дошта бошанд» (1931, 1935) – «дар муносибат… бояд боинсоф ва бошараф бошанд (1952) – «рафтори беғаразона доштан» (1982)

Тарҷумон дар байни «муносибати боинсофона ва беғаразона», «дар муносибат боинсоф ва бошараф будан», «рафтори беғаразона»-ро пазируфтааст, ки воқеан, кӯтоҳ ва саҳеҳмаъност.

Аз охири сифати нисбии охирӣ (зани охирӣ – 1931,1935) партофтани пасвнди «-ӣ» (зани охир - 1952) низ ҷустуҷӯйи тарҷумон дар роҳи саҳеҳ ва табиӣ ифода кардани матлаб дарак медиҳад.

Хеле аҷиб аст, ки матни асл (англисӣ) бо пайвандаки хилофии «but» оғоз ёфта, дар тарҷумаи русӣ хилофгузории матни мазкур бо матни пешомада фурӯгузор гардида, бо калимаи «бертоны» оғоз ёфтааст. Маълум мешавад, ки матни англисӣ ҳам чанд варианти таҳрир доштааст ва мутарҷимони рус аз он вариантҳо баргардон кардаанд. Шояд аз ҳамин сабаб матни тарҷумаи солҳои 1931 ва 1935 бепайвандаки «аммо» ва бо ҷонишини «онҳо» оғоз гардидааст.

Танҳо дар матни тарҷумаи тоҷикии соли 1952 мутобиқи матни англисӣ тарҷумаи суханро ба тарзи «Аммо ба ҳар ҳол…» оғоз кардааст.

---

†††††††† …калимаи **сар** ҳамчун ҷузъи асосии исмҳои мураккаб воқеъ мегардад. Агар ҷузъи тобеи **сар** шахсро далолат кунад, исми мураккаб шахсро мефаҳмонад… Калимаи **сар** тобишҳои маъноии зиёда пайдо кардааст, ки онҳо бештар дар таркибу ибораҳо равшан зоҳир мегарданд. Ҳамин хусусияти сермаъноии он ва алалхусус ба маънои **сардор** омаданаш имконият додаст, ки бо исмҳои абстракт омада шахсро ифода мекунад (I.1,168).

Дар матни тарҷумаи ниҳоӣ (1982) мисли матни тарҷумаи русӣ бо ҷумлаи «Бертонҳо бар он ақида буданд, ки…» оғоз гардидааст.

Мутарҷим «чунин ҳисоб мекарданд, ки»-ро бо «бар он ақида будаанд» иваз кардааст, дар натиҷа тарзи ифода обуранги услубии адабии китобӣ (хаттӣ) пайдо кардааст.

С.Улуғзода дар тарҷумаи аввал (1931, 1935, 1952) матлабро бо ду ҷумла, вале дар таҳрири охирин бо як ҷумлаи мураккаби хеле тафсилёфта баён кардааст. Ҷумлаи дуюм бо якум бо ёрии таркиби «аз ин ҷиҳат ҳам» алоқаманд гардидааст. Мутарҷим дар варианти ниҳоии таҳрир матлабро бо як ҷумлаи мураккаби омехта, ки панҷ ҷузъро (ҷумлаи соддаро) дар бар мегирад, ифода намудааст.

С.Улуғзода нозукиҳои тарзи ифодаи фикрро хуб дарк мекунад, бинобар ин ҳангоми таҳрири матн аз қолабҳои муродифи забони модариаш моҳирона истифода бурдааст: …як духтари хушрӯйро, ки мансуб ба мазҳаби католикӣ буд, … ; … як духтари соҳибҷамолро, **ки** мансуб ба мазҳаби католикӣ буда,…//…духтари хушлиқои католикмазҳаб.

Ё ин ки:

… зани охирӣ, ки дар синну сол бо он ду писар баробар буд, …(1931, 1935, 1952)// … ҳамхонагии модарандари қариб бо худашон ҳамсол… (1982).

Дар матнҳои боло мутарҷим дар чанд варианти аввал аломати муайянкунандаро бо ҷумлаи пайрав шарҳ дода, дар таҳрири минбаъда бо калимаи мураккаби «католикмазҳаб» ё ибораи номии «қариб ба худашон ҳамсол» тавзеҳ намудааст.

Мутраҷим бо чи андешае дар ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф пайвандаки «агарчи»-ро бо «гарчанде ки» иваз намудааст.

Матнҳои гуногуни таҳрир аз ҷиҳати калимасозӣ ва таркиббандӣ, шаклсозӣ ва истифодаи воситаҳои грамматикӣ, иборасозию ҷумлабандӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Бахусус, дар нашри соли 1952 ва 1982 дигаргунии зиёд мушоҳида мешавад.

Чизи дигаре, ки мутарҷим дар тарҷумаи «Ғурмагас» (1982) овардааст, як ҷумлаи «**Аз зани ҷавон Артур таваллуд ёфт**» мебошад. Ин ҷумла дар матни асл (англисӣ) ба чашм нарасид ва дар нашри солҳои пештар низ истифода нагардидааст. Тарҷумон онро шояд барои равшан кардани он оварда бошад, ки қаҳрамони асосии асар Артур аз ҳамин зан таваллуд ёфтааст.

Дар матни асли англисӣ номи яке аз қаҳрамонони асарро, ки дар асл «Thomas» аст, мутарҷим дар тарҷумаи аввал ва нашри соли 1935 «Том» гуфта буд. Дар нашри русӣ низ «Томас» омадааст. Бинобар ин, мутарҷим ин ҷиҳатро ба назар гирифта, онро дар нашри соли 1952 ва тарҷумаи «Ғ» (1982) ислоҳ намуда, «Томас» гуфтааст.

Хулоса, тарҷумаи «Ғурмагас» бо вижагиҳои худ ва сатҳи забону услуб дар адабиёти даврони шӯравии тоҷик мавқеи хоса дорад. Аҳамияти ин асари тарҷумавӣ аз он иборат аст, ки зуҳури нашрҳои гуногунаш бозгӯйи вазъи забони адабии тоҷик ва сатҳи рушду такомули он аст. Ҳамзамон, тарҷумаи он дар мароҳили гуногун аз ғановати имконоти луғавӣ, калимасозию шаклсозӣ ва ибораю ҷумлабандии забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ шаҳодат медиҳад. Инчунин, ҳамгироии адабиёт ва фарҳанги Аврупоро бо адабиёт ва фарҳанги мо таъмин намуд. Нақши ин асар ва эҷодиёти С. Улуғзода дар такомули мактаби тарҷумонии тоҷик хеле муҳим ва бориз аст.

А Д А Б И Ё Т

I.

илмӣ

1.Анварӣ С. Хушачини хирмани мулки сухан // Паёми андеша. - №8. 1998. – С. 45-52.

2.Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1973. – Қ.I.

3. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 188 с.

4. Кӯчаров А. Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1994. – 144 с.

5.Мухторов Ш. Замон ва тарҷумон. – Душанбе: Адиб, 1989. – 208 с.

6.Раҷабӣ М. Сотим Улуғзода – абармарди набард ва андеша. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 172 с.

7.Шукуров М. Сотим Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961.

8.Эмомалӣ С. Сотим Улуғзода ва фарҳанги миллӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 112 с.

9.Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1989. – Ҷ. III.

II.

фарҳангҳо
1. Мамадназаров С. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. – Душанбе, 2007.
2. Смиринитский А. А. Русско-английский словарь. – М., 1998.
3. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. I.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. II.
5. Ҷамшедов П., Розӣ Т. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ (бо вожагони тоҷикӣ) – Душанбе : Пайванд, 2005. – 1202 с.

III.

манбаи тадқиқот

1. Voynich E.L. Gadfly. M.: Forenge languages, publ., hose, 1953. – 332 p.
2. Войнич Э.Л. Овод. – М.: Детская литература, 1972. – 304 с.
3.Войния Э.Л. Zanbur. – Сталинобод – Ленингард, 1937. – 338 с.
4.Войнич Э.Л. Занбӯр. – Сталинобод: Нашрдавточик, 1952. – 310 с.
5.Войнич Э.Л. Ғурмагас – Душанбе: Маориф, 1982. – 320 с.

АНАЛИЗ ОТРЕДАКТИРОВАННЫХ ТЕКСТОВ «ЗАНБУР» И «ГУРМАГАС»

В данной статье автором сделана попытка изучения и сравнения первого и второго варианта переводов романа английского писателя Э.Л.Войнича «Овод» с оригиналом, который был дважды переведен на таджикский язык Сотимом Улугзаде. Во второй раз данное произведение было переведено и издано Сотимом Улугзаде в 1982 году. При второй редакции С. Улугзаде было изменено название переведенного произведения, которое в первом издании было названо «Занбур», а при вторичном издании называлось «Гурмагас», и данное слово более соответствовало оригиналу.

Ключевые слова: роман английского писателя Э.Л.Войнич «Овод», Сотим Улугзаде, перевод на таджикский язык переводный вариант, первый и второй вариант перевода, сравнение.

THE ANALYSIS OF THE EDITED TEXTS "ZANBUR" AND "GURMAGAS"

In this article the author made attempt of studying and comparison of the first and second option of translations of the novel of English writer E.L.Voynich "Gadfly" with the original which was twice translated into the Tajik language by Sotim Ulugzada. For the second time this work was translated and published by Sotim Ulugzada in 1982. At the second edition to S. Ulugzada the name of the transferred work which in the first edition was called "Zanbur" was changed, and at the secondary edition was called "Gurmagas", and this word more corresponded to the original.

Key words: novel of the English writer E.L.Voynich "Gadfly", Sotim Ulugzada, translation into the Tajik language relater option, first and second variant of translation, comparison.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ*:* ***Сарвиноз Гулова***- аспирантка Таджикского национального университета

ПОСЛОВИЦЫ И ПОГОВОРКИ О ЕДЕ В РУССКОМ И ПЕРСИДСКОМ ЯЗЫКАХ: ОБЩЕЕ И РАЗЛИЧИЕ

Махди Мухаммадбегии Косвои
Таджикский национальный университет

Народная мудрость – это опыт накопленный сотнями лет развития человечества. Каждому народу на планете Земля свойственны те или иные манеры поведения, особенности общения, менталитет. Помимо всего прочего каждый народ имеет свой набор пословиц и поговорок, которые составлялись многие столетия и воплощают в себе всю историю развития народа. Они несут в себе саму сущность бытности народа, сложившейся за всю историю существования и развития. При детальном рассмотрении пословиц можно понять, чем и как живет народ. Не секрет, что пословицы являются огромным пластом культуры, без которого жизнь народа была бы неполной.

Именно пословицы и поговорки стали истинным воплощением народной мудрости. В них народ «высказывает себя живее и сильнее, нежели все описания сторонних наблюдателей» [10,3].

Пословица — это краткое, вошедшее в речевой оборот и имеющее поучительный смысл, ритмически организованное изречение, в котором народ на протяжении веков

обобщал свой социально-исторический опыт. Годами наблюдая за поведением живых существ и природными явлениями, проводя аналогии и замечая, что они повторяются: *Пустая бочка громче гремит - ср.* طبل خالی بلند صدا کند, люди создали свои собственные (преднаучные) системы для управления природой и психоанализа. Пословицы интересны не только как исторический материал, но и как практическое руководство в современной жизни.

Поговорка — это устоявшаяся фраза или словосочетание, образное выражение, метафора, которая не употребляется самостоятельно. Поговорки употребляются в предложениях для придания яркой художественной окраски фактам, вещам и ситуациям. Например, *медвежья услуга – ср.* دوستی خاله خرسه.

Пословицы и поговорки — меткие выражения, в краткой форме, выражающие мудрые мысли народов. Многие русские и персидские пословицы и поговорки состоят из двух соразмерных, рифмующихся частей. Им свойственна ритмическая окраска, необычное звуковое оформление, каждое из них несет свою смысловую нагрузку. Часть пословиц и поговорок была заимствована из художественных произведений - сказок, песен, повествований и рассказов. Некоторые из них были взяты из Библии и Корана. Например, изречение из Библии *Господь даде, господь и отья* было переведено с церковнославянского языка на русский: *Бог дал, Бог взял.* – ср. حلوای لن ترانی تا نخوری ندانی (букв.: Халву Лантарони, пока не съешь, не узнаешь, Лантарони - в Коране означает «никто никогда не может увидеть меня»). Иногда в народе говорят «Халва Тантанони».

Пословицы отличаются от поговорок более высоким обобщающим смыслом. Часто поговорки являются частью соответствующей пословицы: *Дадут хлебца, дадут и дельца* – نان بده فرمان بده *(букв.: Дай хлеба – и приказывай).*

Функция обобщения и систематизации житейского опыта, присущая любым пословицам, не может не оказывать воздействия на их лексический состав: слова-компоненты пословицы приобретают более обобщённое и в этом смысле ослабленное значение по сравнению с теми же единицами в свободном употреблении. Иными словами, любым пословицам присущ признак компликативности, т.е. «специфического осложнения семантической структуры», отражающего в них «итоги познавательной деятельности человека» [3,104].

Сервантес называл пословицы «коротким выражением, порожденным долгим опытом». Некоторые из старейших идиом и в самом деле ведут свое происхождение от тех устойчивых сравнений и образных моральных советов, которые идут с древних времен *(Сам кашу заварил, сам её и расхлёбывай – ср.* هر کس خربزه بخوره پا لرزش هم می ایستد (*букв. К*аждый должен отвечать за последствия своих поступков).

Пословицы, являясь достоянием целого народа, стали народным изречением, в котором выражается не мнение отдельных людей, а народная оценка, народный ум. Они отражают духовный облик народа, стремления и идеалы, суждения о самых разных сторонах жизни. Пословицы живут в речи, и только в ней емкие пословицы приобретают свой конкретный смысл.

Созданные в веках, переходя от поколения к поколению, пословицы и поговорки поддерживали уклад народной жизни, крепили духовный и нравственный облик народа, выражали мысли, к которым пришел народ через вековой опыт. Менялась жизнь, появлялись новые поговорки, забывались старые, но оседало бесспорно ценное, имеющее значение и для последующих эпох. Широкому распространению и долголетию пословиц способствовало то, что часть их, теряя свой прямой смысл, приобретала переносный смысл: *Яблоко от яблони недалеко падает; От яблони - яблочки, а от сосны - шишки – ср.* تره به تخمش میره حسنی به باباش *(букв.: Каково семя, таков и порей, каков отец, таков и Хасан)*. Часто существует несколько вариантов пословиц с одним и тем же значением: *В чужой лодке всегда больше рыбки; В чужих руках кусок больше кажется; В чужих руках калач слаще; В чужих руках пирог велик; Дешева рыба на чужом блюде; Соседская курица гусыней кажется* – ср. مرغ همسایه غازه مرغ همسایه به چشم غاز می یاد

Проблемы, затронутые в пословицах и поговорках охватывают все сферы деятельности человека без исключения: они касаются всех предметов, вторгаются во все области человеческого бытия, людских надежд, помыслов, оценок ближних.

Моральные идеалы, отраженные в пословицах и поговорках, имеют огромное значение в формировании характерных социально-исторических типов и в реальной жизни и в культурном мышлении народа. В этом смысле они являются своеобразным ключом к правильному восприятию характерных черт того или иного языка. И поэтому при изучении

того или иного языка непременно должно обращаться к пословицам и поговоркам, как к ценнейшим образцам языка.

В то же время в пословицах и поговорках разных народов есть много интернациональных тем и мотивов. Это вполне оправданно, так как народы разных стран имеют, как правило, схожие моральные идеалы и устремления. Поэтому, изучая и сравнивая русские и персидские пословицы и поговорки, мы получаем возможность существенно расширить знание, как русского, так и персидского языка, ознакомиться с некоторыми обычаями и фактами истории России и Ирана, понять нравственные устои и заповеди а также научиться понимать народную мудрость, приобщиться к общечеловеческим ценностям.

Как было отмечено, пословицы и поговорки возникли в глубокой древности в процессе непосредственной трудовой деятельности наших далеких предков. В период определяющей роли охотничьего промысла в жизни у людей активно рождались изречения о природе, о мире, о разнообразных его особенностях, о взаимоотношении человека с окружающей средой. Таким образом, у истока своего зарождения пословицы и поговорки были тесно связаны с жизнью, бытом людей того времени, выражали их конкретные суждения, основанные на повседневных наблюдениях. Эти изречения, органически связанные с определенными событиями и явлениями, постепенно отходили от них, переходили в область абстрактных логических суждений, выражающих общее, характерное для всего коллектива или общества умозаключение. Персидской пословице آشپز که دو تا شد غذا شور میشه یا بی نمک *(букв.: Два повара - и еда пересолена или недосолена*) - в русском языке было обнаружено следующее соответствие с семантическим значением «безответственность»: *У семи нянек дитя без глазу*.

Передаваясь из уст в уста, они закреплялись, шлифовались, обретали устойчивость и в силу преемственности переходили из поколения в поколение, не утрачивая при этом своей органической связи с эпохой, которая способствовала их возникновению. И в настоящее время в афоризмах разных народов находим следы далекого прошлого. Например: *Эти щи из Царь-града пеши шли* - هر که نان از عمل خویش خورد منت حاتم طائی نبرد (*букв.: Кто ест заработанный своим трудом хлеб, тот не нуждается в благодеяниях Хатама Тая*). Краткость, лаконичность, ритмичность афоризмов способствовали более легкому запоминанию и передаче их в дальнейшем без особых изменений. Поэтому афористические выражения, по сравнению с другими жанрами, особенно эпическими, оказались менее подверженными влиянию нового времени. В настоящее время, мы располагаем множеством афоризмов, характеризующих глубокую древность и сохранивших многие архаические моменты. Но, тем не менее, каждая новая эпоха пополняет арсенал афоризмов новыми выражениями, созданными под влиянием изменившихся социально-экономических и бытовых условий жизни их создателей. В пословицах запечатлены почти все крупнейшие события в жизни народа с далеких времен и до наших дней. Следовательно, одним из основных источников пословиц, поговорок являются историческая действительность, реальная жизнь.

Само их зарождение в глубокой древности было связано с интересами, характером, потребностью общества, нуждавшегося в своеобразном лаконичном оформлении важных жизненных явлений, трудового опыта людей, их мировоззрения. В те времена, когда не было письменности, афористические выражения играли важную роль, в устойчивой и краткой форме, передавая основные положения нравственных, этических и эстетических норм человеческого общежития и являясь своеобразным сводом неписанных законов общества. Об этом свидетельствуют дошедшие до нас пословицы и поговорки нравоучительно-назидательного характера: *Хлеб-соль дружбу водит, а ссору выводит.*- ср. از محبت خارها گل می شود*(букв.: От любви и колючка расцветает); Жить чужим умом* - بخور نان خود بر سر خوان خویش *(букв.: Есть свой хлеб за чужим столом).*

Несмотря на то, что время не стоит на месте (*Всё течёт – всё меняется – ср.* در همیشه رو یک پاشنه نمی چرخد), потребность людей увековечить мудрость не становится меньшей. Анализ пословиц и поговорок показал, что некоторые известные изречения в оригинале либо были, либо со временем стали не совсем такими, какими они употребляются теперь. Устное народное творчество, переходя от одного поколения к другому, может и лишиться какой-то части, и преобразиться семантически. А иногда в зависимости от настроения или новых реалий их значение меняется нашими**

современниками. Например: ***Ни рыба, ни мясо,*** *ни кафтан, ни ряса****; Хлеб на стол – и стол престол,*** *а хлеба ни куска – и стол доска****; «Спасибо» на хлеб не намажешь*** – из *«спасибо» шапку не сошьёшь****; Мала*** *морозилка****, да*** *влазит бутылка;* ***Нет лучше*** *эклектики, чем в винегретике; Бутерброд? Идет он в рот;* ***Ложечку за маму****, рюмочку – за папу;* ***Держи*** *брагу* ***в тепле, а*** *пиво* ***– в холоде****;* ***Яйца курицу не*** *красят; Таракан не огурец, но тоже хрустит;* ***Друг познается*** *в еде****; Аппетит приходит во время еды,*** *а счет – после****; Чаще аппетит приходит во время*** *отсутствия* ***еды.***

Являясь отражением ментальных структур в живом народном языке, пословица также занимает важное место в «симболарии культуры» [12]. Вопрос о статусе паремий в теории языка, об отношении единиц паремиологии к фразеологии вызывает много споров и дискуссий. Небывалый интерес к паремическим языковым формам (разговорным штампам, шаблонам, фразеологизмам, фольклорным образованиям и т.д.) обусловлен фундаментальными тенденциями развития культуры на современном этапе, причём это касается не только сферы лингвистических и филологических дисциплин, но и культурологии, философии, семиологии и этнографии [8].

Пословично-поговорочные изречения, «проявляя минимальную степень коммуникативной автономии, могут выступать ... как тексты (высказывания), однако, их воспроизводимый характер и неупотребительность в отрыве от контекста (в силу малоинформативности) сближают их с единицами языка» [8,4], то есть пословицы и поговорки занимают срединное положение между фразеологизмами (типа единств, сращений, штампов) и паремиями (типа басен, сказок, песен) (там же).

Несмотря на то, что пословицы и поговорки формально выступают в виде предложений, в аспекте своего функционирования они принципиально отличаются от предложений. Г.Райл видит одно из отличий слова от предложения в том, что предложение не является определённым по своему употреблению. «Мы можем спросить, знает ли какой-то человек, как следует и не следует употреблять определённое слово. Но мы не можем спросить, знает ли он, как употреблять определённое предложение. Предложение не имеет роли, которую оно могло бы снова и снова исполнять в разных пьесах» (Райл, 1998:166-167). Исходя из этого рассуждения, учёные считают уместным вопрос о том, знает ли некто, как употреблять определённую пословицу или поговорку. Следовательно, «последние по своему конструктивному статусу входят в тот же ряд, что и слова» [8,4].

По В.Л. Архангельскому, пословицы и поговорки представляют собой две разновидности устойчивых фраз - фразеологизмов, обладающих структурой предложения (1964).

А.В. Кунин полагает, что главным лингвистическим признаком пословиц, впрочем, как и других фразеологических единиц, является устойчивость: устойчивость употребления, структурно-семантическая устойчивость, семантическая устойчивость, лексическая устойчивость, морфологическая и синтаксическая устойчивость [5]. *Остаться без хлеба (фраз.)* - نونش آجر شد .

Следующим лингвистическим признаком пословицы, как и фразеологических единиц, по А.В. Кунину, является переосмысленность (1964). Под переосмыслением понимаются не только метафорический или метонимический переносы, но и вообще неравноценность общего значения пословицы содержанию соответствующего переменного предложения (и, конечно, механической сумме лексических и грамматических значений её компонентов) [2]. Переосмысление, понимаемое таким образом, объединяет как образные единицы, так и пословицы с буквальным значением компонентов. В экономной, сжатой форме пословицы передают значительно больше информации, чем лежит на поверхности, что видно, например, из толкования пословицы *Тишь да гладь, да Божья благодать* - آب از آب تکان نمی خورد.

Взятые в комплексе, они могут характеризовать основные правила морали, выработанные в разные эпохи, но не потерявшие своего значения и в наши дни. Связь между формой и содержанием пословицы не менее тесная, чем у традиционного фразеологизма, она лишь несколько иного порядка. Её фразеологичность базируется не только на закреплённости, но и на обобщённости значения. Являясь преимущественно назидательным изречением, пословица носит глубоко прагматический характер; выражая традиционный взгляд на вещи, она обнаруживает глубинное родство с концептами русской культуры, характеризуя поразительную ментальную «гибкость» народа [6].

Пословица, соединяя в себе черты как фразеологически связанного, так и свободного сочетания, является ценным материалом для лингвокультурологического анализа, поскольку

её значение, как отмечает Н.Н. Семененко, «сохраняя историческую актуальность, реализуется и как вневременное» [7,101]. Отсутствие личной, временной и пространственной конкретизации значения пословицы, а также её поликонцептуальные свойства позволяют восстановить посредством комплексного анализа структуры её значения, ряд особенностей национальной картины мира.

Комплексный анализ семантической структуры учитывает наличие у пословицы слитного значения, соотносимого с одним или несколькими концептами, а также принимает во внимание двукомпонентность композиции пословицы. «Семантическая упорядоченность» пословицы базируются на «естественной последовательности мотивирующей и мотивированной частей» [11,168]. Таким образом, перефразированная пословица не теряет смысла как высказывание, но перестаёт быть пословицей, поскольку именно на «семантической упорядоченности», так тесно связанной с синтаксисом, основана её фразеологичность. В то же время когда человек слышит такую фразу, всегда при разговоре, к случаю ему приходит на память та или иная пословица.

Рассмотрев более двух тысяч русских и персидских пословиц и поговорок, мы отобрали пословицы и поговорки, относящиеся к теме «еда», к которым затем были подобраны пословицы и поговорки с тем же значением в другом языке. Анализ позволил разделить эти пословицы и поговорки на три группы:

1. В первой группе мы поместили русские и персидские пословицы и поговорки с одинаковым значением, содержащие названия продуктов и напитков в обоих языках:

Голодной курице все просо снится – مرغ گرسنه ارزن در خواب می‌بینه

Масло с водой не смешать – آب و روغن با هم نمی آمیزند

В ступе воду не толкут – آب در هاونگ کوبیدن

На халяву и уксус сладкий - سرکه مفت از عسل شیرین‌تره

(а также: سرکه نقد بهتر از حلوای نسیه‌است *(букв.: Готовый уксус лучше, чем неготовая халва)*, سیلی نقد به از حلوای نسیه *(букв.: Пощечина лучше, чем халва, которой нет).*

В мутной воде хорошо рыбу ловить - آب را گل آلود می کند تا ماهی اش را بگیرد

Дал бог ротик - даст и кусочек – هر آنکس دندان دهد نان دهد *(букв.: Кто дал зубы, тот даст и хлеб) (а также: Родится роток - родится и кусок; Родись человек - и краюшка хлеба готова; Бог даст день, даст и пищу).*

«Спасибо» на хлеб не намажешь – بارک الله برای کسی نان نمی شود *(букв.: Похвала никому не заменит хлеба).*

Хлеб наш насущный: хоть черный, да вкусный. – نان جو هم نعمت خداست *(букв.: И ячменная лепёшка - дар Божий).*

Рыба гниёт с головы – آب از سرچشمه گل آلود است *(букв.: Вода у истока мутная).*

Молоко на губах не обсохло – دهنش بوی شیر می دهند *(букв.: Его рот пахнет молоком).*

Сытый считает звезды на небе, а голодный думает о хлебе – گرسنه خواب نان سنگک می بیند *(букв.: Голодному снится лепешка Сангак).*

В Тулу – со своим самоваром - زیره به کرمان می‌بره *(букв.: Везти тмин в Кирман (где его очень много).*

Без обеда не красна беседа. - اول طعام بعدش کلام *(букв.: Сначала поешь, затем говори).*

Зелен виноград – не сладок - پیرزنه دستش به درخت گوجه نمی‌رسید، می‌گفت: ترشی بمن نمی‌سازه *(букв.: Баба не достав сливу, сказала: кислое мне нельзя)(а также:* گربه دستش به گوشت نمی رسه می گه پیف پیف بو می ده *(букв.: Кошка не достав мясо, сказала:Фу-фу! Воняет!).*

Сам не едал, но видел, как барин едал - اگر نخورده ایم نان گندم دیدهایم دست مردم *(букв.: Хоть и не ели пшеничный хлеб, но видели его у других).*

Катается как сыр в масле – نونش تو روغنه *(букв.: Его хлеб - в масле).*

На безрыбье и рак рыба; Съешь морковку, когда яблока нет- ср. جایی که میوه نیست چغندر، سلطان مرکباته (*букв.: Там, где нет фруктов, свекла – царь цитрусовых*) или جایی که گوشت نیست چغندر پهلوان است (*букв.: Там, где нет мяса, свекла – герой*).

1. Во второй группе - пословицы и поговорки с одинаковым значением, где названия продуктов питания или напитков присутствуют лишь в русском языке:

В поле и жук мясо; Добра снедь и редька, коли нет рыбки – ср. در بیابان لنگه کفش هم نعمت است

От капусты бежал, да на брюкву попал – ср. ازچاله درآمد به چاه افتاد

Станешь есть и мед, как голод проймет; Больному и мед не вкусен, а здоровый и камень ест – ср. گشنه باشی سنگ هم می خوری

*Хлеб-соль – оплатное дело; Хлеб-соль – заёмное дело; Хлеб-соль платежом красна– ср.*هر مهمانی یه پس دادنی هم داره

Одни сласти есть - горечи как узнаешь– ср. سواره غم پیاده نمی داند

Сытый голодному не товарищ; Сытый голодного не разумеет, бедный богатому не верит; Сытый голодного, а богатый бедного не знает – ср. سیر از گرسنه خبر ندارد

Это еще цветочки, а ягодки впереди – ср. کجاشو دیدی این تازه اولشه

Яблоку негде упасть – ср. جای سوزن انداختن نیست

Хлеба к завтрему оставляй, а не дела – ср. کار امروز را به فردا میناز

Чтобы рыбку съесть, надо в воду лезть; Без труда не вытащишь и рыбку из пруда - ср. اگر طاووس خواهی جور هندوستان کشی

В брюхе солома, а шапка с заломом; Шапка в рубль, а щи без круп – ср. جیب خالی و پز عالی *(букв.: Пустой карман, а амбиции высоки)*

В муке не без отрубей; Без костей и рыбки не съешь – ср. هر گلی خاری دارد

Слово к ответу, а хлеб – к обеду – ср. هر سخن جایی و هر نکته مکانی دارد

Без заботы и репу не вырастишь; – ср. نابرده رنج گنج میسر نمی شود.

Тот же блин, да на другом блюде; Та же щука, да под хреном –ср. ***خرهمون خره پالونش عوض شده***

2. В третьей группе – пословицы и поговорки с одинаковым значением, где названия продуктов питания или напитков присутствуют лишь в персидском языке:

هر گردی گردو نیست *(букв.: не всё что круглое - орех) - Не всё то золото, что блестит.*

بادمجان بد آفت ندارد *(букв.: плохой баклажан и черви не едят) - Зараза к заразе не пристаёт.*

بوی حلواش می یاد *(букв.: запахло его халвой, т.е. которая готовится на его поминках) - Дышит на ладан.*

با حلوا حلوا گفتن دهن شیرین نمی شود *(букв.: сказав «халва-халва» сладость не почувствуешь) - Сладки твои речи, да не лизать их; Гляденьем сыт не будешь.*

توی دعوا حلوا خیرات نمی کنند *(букв.: в драке халву не подают) - В драке волос не жалеют.*

یکسال بخور نون و تره یک عمر بخور نون و کره *(букв.: год ешь хлеб с пореем – всю жизнь ешь хлеб с маслом) – Летний день год кормит.*

با یکدست دو هندوانه نمی‌شود برداشت *(букв.: одной рукой два арбуза не поднять) - За двумя зайцами погонишься – ни одного не поймаешь.*

آش نخورده دهن سوخته *(букв.: не поев горячего обжёг рот) - Без вины виноватый.*

هیچ ماست بندی نمی گه ماست من ترشه *(букв.: ни одна молочница не скажет: "моя простокваша кислая") - всяк кулик свое болото хвалит*

بزک نمیر بهار میاد کمبزه و خیار می یاد *(букв.: не умирай, козочка, придет весна с дынями и огурцами) - Ждать у моря погоды.*

نه سر پیاز نه ته پیاز *(букв.: ни верх лука, ни низ лука) - Ни к селу, ни к городу; Ни телом, ни душой.*

سیب بندازی هوا هزارتا چرخ می خوره تا زمین بیاد *(букв.: яблоко пока падает на землю тысячу раз перевернется) - Баба с печи летит – семьдесят семь дум передумает.*

از او آبی گرم نمی شود *(букв.: от него вода не нагреется) - С него взятки гладки.*

نه به اون خمیری نه به اون فطیری *(букв.: ни тесто, ни пресный хлеб) - Когда густо, когда пусто.- (а также:* نه به آن شوری شور نه به آن بی نمکی *(букв.: ни очень солоно, ни без соли)*

آب از دستش نمی چکد*(букв.: с его рук даже вода не капнет) - У него зимой и снега не выпросишь.(а также*: یک ارزن هم از دستش نمی افتد *(с его рук даже пшено не упадет).*

نمک خوردن نمکدان شکستن *(букв.: съев соль, разбить солонку) - У Фили пили, да Филю и побили.*

آب ریخته به کوزه باز نیاید *(букв.: вылитая вода в кувшин не вернется) - Что упало, то пропало.*

الهی نان سواره تو پیاده باشی *(букв.: чтоб твоему хлебу быть верхом, а тебе – пешим) - Чтоб тебе ни дна, ни покрышки.*

نان امروز که داری غم فردا چه خوری؟ *(букв.: Сегодня у тебя есть хлеб насущный. Зачем печалиться о завтрашнем дне?) - В среду съедим, а в четверг не глядим.*

کاچی بهتر از هیچی است *(букв.: Качи лучше, чем ничего. «Качи» - жидкая кашица из муки, масла и сахара) - Лучше мало, чем ничего.*

تا تنور گرم است نان را بچسبان *(букв.: Пеки хлеб, пока печь горячая) - Куй железо, пока горячо.*

Таким образом, анализ показал, что в русском и персидском языках пословицы и поговорки очень близки друг к другу и в них очень много пословиц и поговорок с одинаковым значением. Их объединяет сходство процессов мышления и общечеловеческое гуманное начало. Возможно, поэтому у значительного числа русских пословиц есть параллели в персидском. Более того, некоторые из них совпадают дословно: *Пословица беседу красит* - ср. مثل چاشنی زبان است (*букв.: Пословица – приправа языка)*.

В более одной трети пословиц и поговорок, рассмотренных нами, можно встретить названия продуктов питания и напитков, которые относятся или не относятся к теме «еда». Очень часто эти пословицы и поговорки носят воспитательный характер. Они учат человека с самого раннего возраста преодолевать трудности: *Терпи горе, пей мед* – ср. گر صبر کنی ز غوره حلوا سازی *(букв.: Если подождать, из кислого винограда можно приготовить халву).* Огромная часть пословиц содержит в себе советы и пожелания: کاری بکن بهر ثواب نه سیخ بسوزه نه کباب (*букв.: Сотвори благое дело, чтоб ни вертел не сгорел, ни шашлык*) - *И волки сыты, и овцы целы.*Иногда пословицы и поговорки русского и персидского народов совпадают лишь по смыслу. Но каждая из них содержит свои географические и предметные реалии.

Знание как русских, так и персидских пословиц и поговорок имеет огромное значение и незнание их ведёт к коммуникативным неудачам и способствует возникновению непонимания. Следовательно, для полноценного общения и в целях адекватной коммуникации необходимо знание пословиц и поговорок.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Архангельский В.Л. Устойчивые фразы в современном русском языке. Ростов н/Д., 1964.
2. Буковская М.В., Вяльцева СИ., Дубянская З.И. и др. Словарь употребительных английских пословиц. М., 1990.
3. Гаврин С.Г. Фразеология современного русского языка. Пермь, 1974.
4. Дубровин М.И. Английские и русские пословицы и поговорки в иллюстрациях. М., 1995.
5. Кунин А.В. Основные понятия английской фразеологии, как лингвистической дисциплины и создание англо-русского фразеологического словаря. Докт. дис. М., 1964.
6. Савельева О.Г. Концепт «еда» как фрагмент языковой картины мира: лексико-семантический и когнитивно-прагматический аспекты (на материале русского и английского языков). – Краснодар, 2006.
7. Семененко Н.Н. Русская пословица, как объект лингвокульту-рологического анализа // Фразеология - 2000. Тула, 2000.
8. Сидоркова Г.Д. Прагматика паремий: пословицы и поговорки как
9. речевые действия. Краснодар, 1999.
10. Снегирев И.М. Русские в своих пословицах. Рассуждения и исследования об отечественных пословицах и поговорках. Кн. 1. М., 1831.
11. Тарланов З.К. Язык. Этнос. Время. Петрозаводск, 1993.
12. Телия В.Н. Первоочередные задачи и методологические проблемы исследования фразеологического состава языка в контексте культуры // Фразеология в контексте культуры. М., 1999.
13. Фарсадманеш С.А., Ежова Л. Русско-персидский словарь пословиц и поговорок. - Тегеран, 2006.
14. Баба-заде Дж. Русская фразеология в иранской аудитории.- Тегеран, 2009.
15. سیده زیبا اجتهد، کتاب فرهنگ ضرب المثل ها و اصطلاحات روسی –1379، تهران،
16. دهخدا، امثال و حکم دهخدا، تهران 1340

ПОСЛОВИЦЫ И ПОГОВОРКИ О ЕДЕ В РУССКОМ И ПЕРСИДСКОМ ЯЗЫКАХ: ОБЩЕЕ И РАЗЛИЧИЕ

В данной статье рассматриваются общее и различия русских и персидских пословиц и поговорок. Вначале указываются сходства и различия пословиц и поговорок. Из всех рассмотренных нами были отобраны пословицы и поговорки, в которых употребляются названия продуктов питания и напитков. Затем они были разделены на три группы. В первую группу мы поместили пословицы и поговорки с одинаковым значением, содержащие названия продуктов и напитков в обоих языках. Во второй группе - пословицы и поговорки с одинаковым значением, где названия продуктов питания или напитков присутствуют лишь в русском языке. В третьей группе – пословицы и поговорки с одинаковым значением, где названия продуктов питания или напитков присутствуют лишь в персидском языке.

Ключевые слова: пословицы, поговорки, продукты питания, напитки, общее, различия, русские, персидские.

PROVERBS AND SAYINGS ABOUT FOOD IN RUSSIAN AND PERSIAN LANGUAGES: SIMILARITIES AND DIFFERENCES

This essay is about similarities and differences of Russian and Persian proverbs and sayings. First we mention about proverbs and saying and their own differences and similarities and what we could find about them in Russian literature then our focus is more on names of food and drinks in proverbs and sayings next we divide them to three groups. In the first group, we enter proverbs and sayings with the same meaning that in both languages we could find names of food and drinks. In the second group, we choose proverbs and sayings from Russian language that include names of food and drinks and then we write their equivalents in Persian language just with the same meaning. The third group is the vice versa of second group. There are also some benefits and usages of the proverbs and sayings.

Key words: Proverbs, sayings, food, drinks, similarities, differences, Russian, Persian.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Махди Мухаммадбегии Косвои*** - аспирант Таджикского национального университета.Телефон: **907 71 93 82**; e-mail: **mahdimb@yahoo.com**

МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В ИРАНЕ

Фатема Шахомат
Институт гуманитарных наук АН РТ

Известно, что преподавание английского языка как иностранного языка в развивающихся странах считается сложной задачей, в целом, и в нашей стране, в частности. Английский язык включен в учебную программу иранских школ и университетов. Значительное внимание уделено изучению этого языка в иранском обществе по следующим причинам. Прежде всего, доступ к новейшим технологическим и научным ресурсам, в основном написанным на английском языке, требует хорошего знания английского языка. Во-первых, для того, чтобы отвечать требованиям эпохи информационного взрыва и эффективного использования Интернета делает изучение английского необходимостью. Во-вторых, овладение английским языком способствует культурному обмену между народами и диалогу между цивилизациями. Несмотря на это, результаты некоторых исследований показывают, что преподавание и изучение английского языка в иранских школах не в состоянии удовлетворить указанные цели (см., например, Моради, 1996; Рахими, 1996; Саадат, 1995; Рашиди, 1995; Зангане 1995; Багери, 1994). Таким образом, ввиду недостатка формальной учебной программы EFL (английский как иностранный язык) в школах, с одной стороны, и необходимость изучения английского языка, с другой стороны, по всей стране были созданы различные EFL институты, в том числе в городе Ширазе (Иран). Таким образом, данное исследование направлено, в первую очередь, на изучение методики преподавания языка, используемой в этих институтах, колледжах и университетах в Ширазе, особенно на продвинутых уровнях. Во-вторых, оно направлено на оценку этих методик преподавания языка с точки зрения их эффективности. Основываясь на результатах исследования, представлены некоторые предложения центрам EFL Ирана, в целом, и Шираза, в частности.

В этой части рассматриваются методы, используемые для обучения языку в Иране. Саадат (1995) утверждает, что невозможно подвести четкую линию выделения периодов, в течение которых применялся конкретный метод обучения. Хотя определенный метод может быть широко использован в течение определенного периода времени, в то же время можно было наблюдать некоторые функции и технику других методов обучения.

Учителя английского языка в Иране в разное время использовали различные подходы, методы и приемы. Рахими (1996) показал грамматико-переводческий метод (GTM), который использовался в 1950-х годах по всей стране. Селе Морсия (1991) перечисляет следующие характеристики для GTM.

1. Грамматические правила представлены и изучены ясным образом;
2. Словарный запас изучен из двуязычных списков слов;
3. Родной язык использовался в качестве средства обучения;
4. Уделялось мало внимания речевым и разговорным навыкам.

Вместе с тем, Мусави (2001) утверждал, что английский язык в иранских школах большей частью основан на понимании и коммуникативных навыках. Он считает, что

преподавание и изучение английского языка не удовлетворяют указанные установленные цели в силу следующих факторов:

1. Равнодушие студентов к целям и задачам изучения нового языка и его преимуществам;
2. Неквалифицированные учителя и отсутствие средств обучения;
3. Старые методы и стили обучения;
4. Старые, неоригинальные и устарелые ресурсы;
5. Отсутствие отечественных носителей языка, владеющие хорошим знанием английского языка;
6. Отсутствие ТВ программ или спутниковой связи, чтобы смотреть передачи на английском языке.

Саадат (1995) отмечает, что в 1960-х годах в Иране в практику уроков английского языка был введен аудио-лингвальный метод (ALM), аналогичный в других странах. Селсе Морсиа (1991) отмечает основные особенности ALM следующим образом:

1. Компетенция в речи и аудировании предшествует компетенции в чтении и письме.
2. Использование родного языка не в классе приветствуется.
3. Языковые навыки являются следствием формирования привычек.
4. Большое значение уделяется произношению.
5. Грамматических объяснений мало или их не существует, то есть студенты изучают грамматику индуктивно.

Оба - Саадат (1995) и Рахими (1996) утверждают, что GTM большей частью использовался в большинстве уроков английского языка в Иране. Рахими (1996:9) отмечает, что ALM не был успешным в иранских английских уроках из-за следующих факторов: «Нехватка квалифицированных учителей, учебно-методических пособий, времени и т.д.».

Что касается исследований, связанных с институтами EFL / ESL, то следует отметить, что Кунц (1997) в своем исследовании подвергнул изучению характеристики 14 институтов со вторым языком, доступных для взрослых в Сане (Йемен). Данные были собраны в ходе интервью и наблюдений. Было установлено, что квалификация учителей, разработка программ, оценка, учительская зарплата и плата за обучение в различных программах различались существенным образом. Очень малое количество институтов подготовили свои собственные инструктивные материалы, большей частью использовались материалы, опубликованные на коммерческой основе. Результаты показали, что директоры, учителя и студенты в рамках программы согласились с несколькими вопросами обучения языка: программам требуются нанять квалифицированных преподавателей языка, развитих преподавательских методов и разработка учебных программ в сервисные мастерских; учителя должны быть оплачены во время подготовительных курсов; учителя должны быть в состоянии наблюдать за преподаванием своих коллег и попробовать новые методы обучения, не опасаясь за свои рабочие места.

Скотфильд и Гитсаки (1996) исследовали различия между преподаванием языка в частных и государственных учреждениях через целенаправленное классное исследование. Кроме того, с учащимися были проведены интервью о том как они учились и как они изучили лексику в качестве руководства для изучения разницы между частными институтами иностранных языков и государственных школ. Вопреки ожиданию, что частные школы будут представлять явные различные и лучшие практики, возникает сложная картина. Некоторые отмечали недостатки в методике преподавания лексики, с последующим отражением в форме словарного запаса, изученного учащимися. Они пришли к такому выводу, что успех частных институтов, казалось, не должен быть основан на лучшем преподавании и обучении. Такое обстоятельство, возможно, исходило из-за следующих причин: строгая среда с большим количеством классных тестов и большими дисциплинами, меньшим числом учащихся в классе, и большим числом учебных сессий.

Райс и Ставрианос (1995) в своем исследовании сделали обзор вопросов по программам для взрослых «Английский как Второй Язык» (ESL), так как исследователи и политики проявили интерес к изучению новых возможностей компонентов ESL. В результате тестов были получены три основных вывода. Во-первых, ESL отличается от базового образования и компонентов среднего образования взрослых AEA, подчеркнувших важность тестирования ESL в отдельности в подобном роде исследования. Кроме того, ESL представлял собой беспокойство, характерное для множества государств и городских районов. Так население

ESL сконцентрировалось в отдельных городах и государствах, и требования, связанные с этой группой населения, как правило, падали на плечи пострадавших районов. В-третьих, существовало разнообразие среди взрослых программ ESL с точки зрения демографических характеристик, управления и финансирования, учебной программы и учебных подходов.

Митс (1995) оценил программу Paradisu, разработанную Институтом иностранных языков Микронесиам в 1992 году, целью которой было укрепление и развитие английской грамотности. Преимущества программы заключались в обязательстве и квалификации персонала, учебных программах, направленных на укрепление потенциала родителей. Выявленные недостатки включали отсутствие скоординированных усилий в рамках программы и с внешними организациями, хроническую проблему посещаемости, неясную философию и стратегию. Были предложены такие рекомендации, как рассмотрение философии программы; акцентированное сотрудничество, единство цели, и обмен идеями; фокусировка больших ресурсов приема на работу и оценки, а также планирование после действия программы.

Бернс (1994) обобщил историю, масштаб, содержание и стратегии обучения английского как второго языка (ESL) в Австралии, особенно в области образования взрослых. История преподавания ESL была прослежена начиная с послевоенной иммиграционной политики до начала предоставления мигрантам образования в высших учебных заведениях и образовательных программах для взрослых. Сообщалось, что программы ESL были предложены в рамках национальной программы по образованию взрослых иммигрантов, высших учебных заведений, учебных программ по образованию взрослых и общины, школьных округов, а также высшего образования, частных образовательных учреждений. Типы программ включали урегулирование, развитие рабочей силы, общинность, профессиональность и рабочее место, доколледжские и коллежские программы поддержки. Развитие учебной программы эволюционировало из подхода, ориентированного на учителя через местные разработки учебных программ, коммуникативный подход, появление децентрализованной поддержки подразделений учебных программ, акцент на профессиональную подготовку, и через обучение, основанное на обучение. Была отмечена тенденция к национально стандартизированным курсам.

Кампелл и Янг (1993) в своем исследовании подвергли изучению иностранные языки в институтах Китайской Народной Республики. Результаты показали, что в этих институтах использовалось сочетание аудио - язычного метода и традиционный грамматико-переводческий метод, ориентированный на учителя.

Абадан (1991) в своем исследовании изучил учебники и методы обучения в частных и государственных центрах EFL Саудовской Аравии. Он пришел к такому выводу, что учебники и методики преподавания были в той же форме, как и в частных и общественных центрах. Превосходство частных центров приписывалось к большему воздействию, не исходило от одновременного присутствия, а из того факта, что английский язык в частных центрах был начат в более раннем возрасте.

Маротоли (1973) изучил успех частных языковых школ во Франции. Наблюдение осуществлялось в некоторых более известных частных языковых школах с целью анализа их методов обучения. Большинство из этих частных языковых школ использовали аудио-языковой метод в своих классах с особым акцентом на аудирование, говорение, повторение, механические упражнения и без использования родного языка.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Abdan, A. (1991). An Exploratory Study of Teaching English in the Saudi Elementary Public Schools, System, 19,153-266.
2. Bagheri, H. (1994). A Profile for Teaching and Teaching English in Pre-university Schools of Sistan and Baluchestan: Problems and Solutions, Unpublished M.A. Thesis, Shiraz University, Shiraz.
3. Burns, A. (1994). Adult ESL in Australia, Digest-of Australian-Languages-and-Literacy-Issues, (7).
4. Campbell, K.& Yong, Z. (1993). The Dilemma of English Language Instruction in the People's Republic of China, TESOL-Journal, 2 (4),4-6.
5. Celce-Murcia, M. (1991).teaching English as a Second or Foreign Language, (2nd ed.). New York. Newbury House Publishers.
6. Kuntz, P.S. (1997).Language Institutes in Sana'a, Yemen.ED404885.

7. Marottoli, V.J. (1973). The Success of the Private Language Schools: A Lesson to be learned. Foreign-Language-Annals, 6(3), 354-358.
8. Moradi, F. (1996) .An Investigation into the Problems of Teaching & Learning English in Tehran Province, Unpublished M.A. thesis, Shiraz University, Shiraz.
9. Musawi, Z. (2001). An Overview of the TEFL Situation in Various Countries
10. http://www.asahi-net.or.jp/ykt/overview4.html.
11. Rahimi, M. (1996).The study of English Language Instruction at the Secondary Schools of the Isfahan Province, Unpublished M.A. thesis, Shiraz University, Shiraz.
12. Rashidi, N. (1995). Teaching and Learning English in Guidance and High School in Kordestan: Problems and Suggested Solutions, Unpublished M.A. Thesis, Shiraz University, Shiraz.
13. Rice, J.K. &Stavrianos, M. (1995). Adult English as a Second Language Programs: An Overview of Policies, Participants, and Practices. ED388115.
14. Saadat, M. (1995).An Investigation into the Problems of Teaching and Learning English in the Guidance and High Schools of Fars Province, Unpublished M.A. Thesis, Shiraz University, Shiraz.
15. Schmitz, S. (1995). PARADISU: Program Evaluation of the Micronesian Language Institute's Guam Family English Literacy Program. ED392521.
16. Schofield, P. J. &Gitsaki. (1996). What is the advantage of Private School Instruction? The Exampleof English Vocabulary Learning in Greece.System, 24(1), 117-127.
17. Zanganeh, M. (1995).Analysis of Problems of Teaching and Learning English in the High Schools of the Kermanshah Province, Unpublished M.A. Thesis, Shiraz University, Shiraz.

МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В ИРАНЕ

Целью данного исследования, во первых, является изучение методологий обучения языку, используемых в институтах и университетах EFL. Во-вторых, исследование направлено на изучение степени, в которой эти методы обучения по мнению директоров, учителей и студентов были эффективными.

Ключевые слова: методология, институты EFL, язык преподавания.

ON THE TEACHING METHODOLOGY OF IRAN

The purpose of this study was, firstly, to investigate the language teaching methodologies used in EFL institutes, universities. Secondly, the study aimed at exploring the extent to which these teaching methods were effective from the directors', teachers', and the students' views.

Key words: methodology, EFL institutes, language teaching

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Фатема Шахомат*** – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

БАРРАСИИ САНАДҲОИ ВАҚФ ДАР ЭРОН

Молаи Мохаммад Ахмад
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ

Пас аз он ки шахс ҳозир шуд моли худро вақф кунад боясти барои он санаде таҳия намояд, то ҳам худи ӯ ва ҳам ояндагон бар мафодди он огоҳӣ ҳосил карда ва ба он амал намоянд, ки ба он вақфнома гуфта мешавад. Агар яке аз вақфномаҳои мавҷудро мулоҳиза кунем, мебинем, ки дар таҳмидия, нависандаи вақфнома (ки дар бархе маворид худ воқиф аст ва дар пораи маворид нависандаи вақфнома фарди дигаре мебошад) ба забони форсӣ ва ё ба забони арабӣ ба наът ва ситоиши Худованд ва Паёмбари Акрам (с) ва Имомони маъсум (а) мепардозад ва сипас ангезаи худ аз анҷоми чунин вақферо баён мекунад ва дар идома зикре аз маҳосини хайрот ва мабаррот ва аъмоли неки дунявӣ, ки захираи охират хоҳад буд ба миён меоварад. Сипас ба теъдоди рақаботи вақф ва маҳал ва навъи ҳар як то ҷойе, ки ибҳоме боқӣ намонад ишора намуда, пас аз он наҳваи сарфи авоиди мавқуфа ва саҳми мутаваллӣ ва нозирро таъйин намуда, дар идома худро ва баъд аз худ маъмулан авлоди худро мутаваллии мавқуфа қарор медиҳад. Ва дар интиҳои санади вақфнома низ ояте аз Қуръони Каримро зикр мекунанд, то касе ҳаққи тасарруф ва табдили онро надошта бошад. Таъйиди гувоҳон ва шоҳидон бар анҷоми вақф, ки умуман ба забони арабист охирин қисмати санади вақфномаро ташкил медиҳад, [1,148].

Вақфномаҳо умуман аз ҷумлаи аснод ва манобеи бисёр муҳиме ҳастанд, ки метавонанд ба равшанӣ баёнгари фарҳанги динӣ ва миллӣ ва таърихи иҷтимоии кишвар бошад ва ба унвони ганҷинаи ғанӣ мавриди истифодаи муҳаққиқон дар риштаҳои мухталифи илмӣ қарор гиранд.

Баррасӣ ва таҳлили аснод аз назари забоншиносии имрӯза аз аҳамияти вижае бархурдор аст. Аз ин дидгоҳ илова бар пардохтан ба ҷамбаҳои таърихӣ, адабӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофиёӣ, бостоншиносӣ, меъморӣ, насабшиносӣ ва ғайра дар ҳар санад, таваҷҷуҳ ба вожагон ва муҳтавои санад низ худ мавзӯи муҳим барои пажӯҳиш аст. Рукни асосӣ дар баррасӣ ва таҳвили аснод аз як сӯ нигоҳи интиқодӣ ба санад ба манзури касби огоҳӣ аз дурустӣ ва нодурустии он, вижагиҳои сабкӣ, дастурӣ ва наҳваи нигориши нусхаҳои хаттӣ ва аз сӯйи дигар нигоҳи тезбинона ба сурати аснод аст. Барои шинохти бисёре аз нукот, одоб ва равишҳое, ки дар тӯли замон дар тавлиди як санад дахил будаанд, метавонад барои ҳар давра ба минтақа як вижагӣ шумурда шавад. [2,114].

Равиши иншои вақфномаҳо. Иншо ва танзими вақфномаҳо аз гузаштаҳои дур то кунун услуб ва равиши хосе доштааст. Навъи нигориши ҳар вақфнома ва таъбироти мутафовит ва истилоҳоти бакоррафта дар он на танҳо ҳикоят аз навъи тафаккур ва андешаҳои мазҳабӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он аср дорад, балки дар ҳавзаи санъатшиносӣ низ дархури таваҷҷуҳ буда, мавриди истифодаи пажӯҳишгарони ҳавзаи забоншиносӣ мебошад.

Наср ва истилоҳоти хоси адабӣ, фиқҳӣ ва ҳуқуқии бакоррафта дар нигориши он муҷиб шуда, то адабиёти хосе дар матни вақфномаҳо қобили ташхис бошад. Истилоҳоти хоси доираи ҷуғрофиёии вақф, иборатҳо ва калимаҳои арабӣ, оёти "Қуръон" ва мазомини адабии бакоррафта дар иншои вақфномаҳо бо андаке диққат ҳокӣ аз мавзӯи марбут ба мавқуфа ва муҳтавои куллии он аст, ки аз ҳайси забоншиносӣ бисёр ҳоизи аҳамият мебошад ва аз ҷумла далоили зарурати анҷоми ин таҳқиқ ба шумор меравад.

Вақфномаҳо яке аз беҳтарин манобеи адабӣ, забонӣ ва фарҳангӣ маҳсуб мешаванд, зеро ҳовии нукот, вожагон ва адабиёте ҳастанд, ки саҳми бисёре дар ғанисозии забони форсӣ доранд. Арзиши адабии ин аснод ба қадре ҳаст, ки метавон аз онҳо ба унвони манбаи барои дарк ва пайгирии тасаввуроти забони форсӣ истифода кард. Шинохти дағдағаҳои ҷавомеи пешин ва барномаҳои фарҳангии онон аз дигар фавоиди вақфномаҳо мебошад, ки мутаассифона то кунун таваҷҷуҳи шоистае бо онҳо нашудааст. Вақфномаҳо саршор аз иттилооти рез ва дурушти таърихӣ, луғавӣ, мардумшиносӣ, забонӣ ва ... аст ва барои муҳаққиқони ҳавзаи забоншиносӣ манбаи ғанӣ ва муътабар маҳсуб мешаванд [3,114].

Чорчӯби вақфномаҳо. Аксари вақфномаҳои мавҷуд дорои чорчӯби яксон ва шабеҳ ба якдигар мебошанд, ки метавон онҳоро ба чанд қисмат тақсим кард: қисмати таҳмидия, мавриди вақф ва масорифи он, вазоифи мутаваллӣ ва нозир ва гувоҳон.

Ин шакли вақфноманависӣ суннатест, ки амалан аз замони Сафавия марсум шудааст. Воқиф дар бахши аввал ба навъе ба ситоиши Парвардигор барои додани чунин моли ҷиҳати масориф дар умури хайр мепардозад ва он гоҳ ба гунае аз гуноҳони худ тавба карда, талаби афв менамояд ва зикр мекунад, ки ҳадафи дунё чизе ҷуз сохтани охират нест, бинобар ин ҳар чӣ дороӣ дорад барои обод кардани он ба кор мебарад ва дар ҳолати ҳушёрии комил дар умури хайр вақф менамояд. Коре, ки муҷиби мағфирати ҳазрати бори таъоло гардида ва қалами бахшиш бар аъмоли ношоиста мекашад, ки ин қисмат ағлаб аз аҳодис ва ривоятҳо ва пораи ҷумлаҳои арабӣ ташкил мешавад.

Дар идома ва пас аз бахши нахуст қисмати форсӣ шурӯъ мешавад, ки дар он нависанда зимни таъриф ва тамҷидҳои бисёре аз воқиф ба зикри маротиби порсоӣ ва дониши вай мепардозад. Сипас воқиф ва ё нависандаи вақфнома ба зикри амволе, ки вақфшуда мепардозад. (монанди заминҳо, мағозаҳо, хонаҳои маскунӣ, заминҳои кишоварзӣ ва боғҳо) ва дар қисмати баъдӣ, ки ба нияти воқиф машҳур аст мавриди масрафи даромади ҳосилӣ аз мавқуфаро баён мекунад, ба ибораи дигар воқиф мегӯяд, ки даромади амвол ва ё амлоки вақфиро дар чӣ роҳе ба масраф бирасонанд? Ва ниҳоятан мутаваллӣ ва нозири мавқуфа ва вазоифи ишонро дар қиболи амал ва иҷрои нияти воқиф мушаххас намуда, дар хотима торихи анҷоми вақфро зикр ва теъдоде аз

муътамадин ва бузургонро низ гувоҳ бар анҷоми вақф гирифта ва номи эшонро зикр менамояд.

Ғолиби куллии вақфномаҳо умуман дар даврaҳои мухталиф яксон будааст ва санадеро метавон вақфнома номид, ки дорои шароити зайл бошад: ном ва мушаххасоти молик ё моликоне, ки бахше аз амвол ва амлоки худро барои умури хайр аз моликияти худ муҷаззо кардаанд, дақиқан зикр шуда бошад, баёни дақиқи мушаххасоти амволи вақфшуда ва миқдори саҳҳом ва маҳалли қарор гирифтани рақабот, таъйини масорифи мавқуфа, ашориби абадӣ будани мавқуфа (маъмулан воқиф дар вақфнома зикр мекунад, ки мавриди вақф ба сурати ҳамешагӣ ва доимӣ вақф шудааст барои ин манзур дар санади вақфнома қайд мегардад: вақфи муаббад ва ҳабси мухаллад), ки дар ин ҷо дар давоми вақф ва абадӣ будани он таъкид шудааст, таъйини мутаваллӣ барои идораи умури мавқуфа ва сарпарастӣ ва ҳифозат аз амвол ва амлоки вақфшуда, анҷоми қабз ва иқбоз, эълони ҷори шудани сиғаи вақф, қайд кардани рӯз, моҳ ва соли таҳрири санад, ки маъмулан ба ҳичрии қамарӣ навишта мешавад, сиҷиллот ё таъйиди вақфнома тавассути гувоҳон ва шоҳидон низ, ки маъмулан дар аксари вақфномаҳо дида мешавад охирин бахши санади вақф ё вақфномаро ташкил медиҳад [4,148].

Вижагиҳои навиштorӣ, сабкӣ ва чанд нуктаи дастурӣ дар вақфномаҳо. Метавон гуфт, ки аз нимаи дуввуми қарни панҷуми ҳичрӣ, то чандин садаи баъд заминаҳои вуруди насри форсӣ ба як давраи хос фароҳам шуд. Гузар аз насри мурсал ба насри фаннӣ равише буд, ки бо эҷоди рақобат байни аҳли қалам рӯз ба рӯз насри форсиро ба сӯйи таваҷҷуҳи ифротӣ ба ороиши лафзӣ гароиш дод. Саноеи лафзии мавҷуд дар шеър ба наср ворид шуд ва луғатпардозӣ ба гунае дар миёни нависандагон мавриди таваҷҷуҳ буд, ки битавонад тааҷҷуби хонанда ва мухотаби насрро дар кашфи маонии нуҳуфта дар вожа барангезад. Вожаҳои фаровоне аз забони арабӣ ба насри форсӣ ворид шуд ва пардохтан ба ин равиш дар навиштор, аз хасосиси фазл ва илм шинохта мешуд. Тӯлонӣ кардани калом ва итноб дар тамоми навиштор, дар ин сабк, ба вижа қабл аз овардани лақаб ва ё исми фарди соҳибмансабе аз ҷумлаи маҳосин буд. Болотарин ҳадди тӯлонӣ намудани калом дар насрҳои иншоӣ аз қабили осори муншиён ва котибон машҳуд аст. Саҷъ ва тавозун аз зумраи муҳимтарин ороишҳои каломии мавриди назар буд. Риояти саҷъ дар ҷумалоте, ки ба ҳам атф дода мешуданд аз усул маҳсуб мешуд ва саҷъ аз зебоии калом шумурда мешуд. Агарчи дар миёни осоре, ки дар ин сабк падид омадаанд мизони гароиш ба такаллуф дар овардани ороишҳои лафзӣ ба сурати ом ва саҷъу тавозун ба сурати хос, мутафовит аст, аммо дар муншаоти (номаҳо) расмӣ ва девонӣ ҳамчун вақфномаҳо ва касрати истеъмоли саҷъ аз ҷумлаи вижагиҳои аслӣ ва аркони лозими ороиши калом будааст. Ин равиш дар осори насри форсӣ маҳдуд ба замони хосе набудааст ва дар қарнҳои мутамодӣ метавон баъзе аз анвои ин сабки навишторро ёфт, ба тавре ки дар вақфномаҳое, ки дар ин пажӯҳиш мавриди бозхонӣ, баррасӣ ва таҳлил қарор гирифта ин масъала ба хубӣ ба чашм мехурад ва аз сабки муншиёнаи матн ҳикоят мекунад.

Татобуи изофот. Овардани чанд вожа пушти сари ҳам ва иттисоли онҳо ба василаи касраи изофаро татобуе изофот гӯянд. Дар татобуи изофот вожагон бо оҳанги хос ба якдигар изофа мешаванд. Агарчи татобуи изофот ё пайи ҳамойии касраҳоро қудамо (пешиниён) аз айбҳои калом шумурдаанд, вале баъзе муаллифони китобҳои баъдӣ гуфтаанд чи қадар татобуи изофот мухилли фасоҳат набошад, овардани он дар ҷумла муҷоз аст, ба тавре ки дар вақфномаҳои рӯзгори Қоҷория бӯъди мусиқии каломро рангинтар ва онро оҳангинтар сохтааст [5].

Монанди: замоири софияи арбоби сидқ ва сафо, соликони масолики шариат, шамъи миръоти азалӣ, таҳсили дараҷоти олиёти ухравия, маротиби умури дунявия.

Мутобиқати сифат ва мавсуф дар музаккар ва муаннас будан. Дар гузашта бисёре аз адибони форсизабон, ки забони арабиро ҳам хуб медонистанд, бидуни тааммул дар ҳад ва ҳудуди мантиқӣ дар гирифтани калимаҳои забони арабӣ фикр мекарданд, ки дар ҷойе, ки калимаи арабӣ ба кор мебаранд бояд пайрави қоидаҳои арабии ҳоким бар он калима бошанд. Аз ин рӯ бисёре аз нависандагони классик ин қоидаи мутобиқати сифат ва мавсуфро, ки як қоидаи дастури забони арабист, дар забони форсӣ риоят мекарданд. Гӯё онҳо мехостанд забони форсиро, ки музаккар ва муаннас ва тасния ва ҷамъи мукассар надорад ва дар он сифат ба таври куллӣ бо мавсуф мутобиқат намекунад, мустаъмираи забони арабӣ кунанд. Ҳамчунин дар забони арабӣ дар бисёри мавридҳо

сифатро барои ҷамъи мукассар низ ба сурати муфради муаннас меоваранд. Монанди: аъмоли солеҳа, масорифи марқумаҳ, афъоли ҳасанаҳ, шароити муътабараҳ ва монанди инҳо.

Ин қоидаи мутобиқати сифат бо мавсуф махсусан дар мавриди исм ё мавсуфи муаннас дар баъзе аз нависандагони вақфномаҳо ба андозае нуфуз кардаст, ки дар мавридҳое, ки мавсуф, як калимаи форсӣ барои ҷинси мода ё калимае аст, ки ба мусаввити касра (ҳамзаи ғайрималфуз) хатм мешавад, сифатро низ ба табаият аз он ба сурати муаннас меоваранд, монанди: “маризхонаи воқеъ дар қарияи Ҳисор”, “ҳамшираи муҳтарамаҳ”.

Авзон ва мақодири бакоррафта дар вақфномаҳо: Ба истилоҳоте гуфта мешавад, ки барои андозагирии камиятҳои гуногун истифода мешудааст. Дар мабоҳиси авзон мақодири таърихӣ, 3 камияти вазн, ҳаҷм ва тӯл ба унвони камиятҳои асосӣ баррасӣ мешавад. Дар манобеи таърихӣ иттилооти бисёре дар бораи нисбати воҳидҳо бо якдигар вуҷуд дорад, ки дар сурати маълум будани ҳар як, андозаи дигарӣ маълум мешавад. Ҳамчунин бояд таваҷҷуҳ дошт, ки дар муқоиса бо воҳидҳои урфӣ, воҳидҳои шаръӣ аз суботи қобили мулоҳизае бархурдор будаанд ва дар сарзаминҳои мухталифи исломӣ ба таври муштарак ба кор мерафтаанд. Дар идома авзон ва мақодири бакоррафта дар вақфномаҳои давраи Қоҷория шарҳ дода мешаванд:

Нахуд: аз миқёсҳои вазн аст; 24 нахуд як мисқол аст (6,1156).

Мисқол: вазне аст муодили 24 нахуд; мисқол як шонздаҳуми “сир” аст ва “сир” низ аз миқёсҳои вазн дар Эрон аст. Муодили 75 грамм (6,1057).

Донг: ба як шашуми мулк гуфта мешавад (6,586).

Раъс: барои шумориши баъзе аз чорпоён истифода мешавад, монанди: даҳ раъс гов (6,642).

Тӯмон: дар давраи Қоҷория воҳиди пули Эрон ва муодили “даҳ қирон” ва “даҳ ҳазор динор” будааст (6,436).

Риёл: воҳиди пули Эрон аст, ки дар гузашта ба он “қирон” мегуфтанд (6,671).

Динор: аз калимаи лотинии (динориюс-denarius) гирифта шудааст, ба маънии сиккаи тилло, ки дар гузашта ривоҷ дошта ва ба вазни чаҳор грам будааст. Дар форсӣ як садуми риёли Эронро “динор” гӯянд; дар гузашта ба як ҳазоруми “қирон” ё “риёл” гуфта мешуд. **Ҷилд**: воҳиди шумориши китоб аст (6,626).

Сулс: як қисмат аз се қимати чизеро гӯянд (як севвуми чизе) (6,445).

Ҷариб: масоҳате аз замин муодили ҳазор метри мураббаъ (6,461).

Ушр: як пора аз даҳ пораи ҳар чизе, як қисмат аз даҳ қисмат (6,865).

Тасуҷ: ба як чаҳоруми донг гуфта мешавад.

Шаъир: як наваду шашуми шашдонг аст (6,796).

Харвор: аз миқёсҳои вазни роиҷ дар Эрон аст баробари 100 мани Табрез ё 300 килограмм (6:552).

Ман: миқёси вазн дар Ирон аст муодили 40 сир ва тақрибан 3 килограм аст ва онро “мани Табрез ҳам мегӯянд” (6,1120).

По: миқёси тӯл аст, баробари 30 / 48 см (6,302).

Сир: ин вожаи Паҳлавӣ ва асли он «сетир» аст. Аз миқёсҳои вазн дар Эрон, ки иборат аз 16 мисқол аст (6,771).

Хулоса, навъи нигориши ҳар вақфнома ва таъбироти мутафовит ва истилоҳоти бакоррафта дар он на танҳо ҳикоят аз навъи тафаккур ва андешаҳои мазҳабӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он аср дорад, балки дар ҳавзаи санадшиносӣ низ қобили таваҷҷуҳ буда, мавриди истифодаи пажӯҳишгарони ҳавзаи забоншиносӣ мебошад. Вақфномаҳо яке аз беҳтарин манобеи адабӣ ва забонӣ ва фарҳангӣ маҳсуб мешаванд, зеро ки ҳовии нукот, вожагон ва адабиёте ҳастанд, ки саҳми бисёре дар ғанисозии забони форсӣ доранд. Арзиши адабии ин аснод ба қадре аст, ки метавон аз онҳо ба унвони манбае барои дарк ва пайгирии таҳаввулоти забони форсӣ истифода кард.

Баррасиҳо ҳокӣ аз он аст, ки асноди вақф дар ҷойгоҳи яке аз муҳимтарин манобеъ таҳқиқоти таърихӣ аз аҳамияти хосе бархурдоранд, зеро яке аз абзорҳои иртиботии мутмаини ҳол бо гузашта ба шумор меоянд.

Яке аз шоҳкорҳои ҳунарии мавҷуд дар вақфномаҳо “моддаи таърих” аст, ки дар бархе аз асноди вақф дида мешавад.

Аксари вақфномаҳои мавҷуд дорои чаҳорчӯби яксон ва шабеҳ ба якдигар мебошанд, ки метавон онҳоро ба чанд қисмат тақсим кард: қисмати таҳмидия, мавриди вақф ва масорифи он, вазоифи мутаваллӣ ва таъйиди гувоҳон.

А Д А Б И Ё Т

1. Деҳхудо Алиакбар, Луғатнома. (давраи нав) Муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳи Теҳрон. - Теҳрон, 1998.
2. Хоқонии Шервонӣ, Афзалиддин Бадил ибни Алӣ, девони Хоқонии Шервонӣ.- Теҳрон: Нашри зувор, чопи ҳафтум, 2003.
3. Ровандии Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон. –Ҷилди 8, чопи аввал, Теҳрон: Нашри нигоҳ, 1995.
4. Росихмаҳанд Муҳаммад. Усул ва мафоҳимии бунёдии забоншиносии шинохти. -Теҳрон: Нашри бухоро, 2007.
5. Ҳабиб Асадуллоҳ. Матни суханронӣ дар кунгараи байналмилалии Бедили Деҳлавӣ.- Теҳрон, 2008.
6. Амид Ҳасан. Фарҳанги форсии Амид.- Теҳрон: Амиркабир, 2006.
7. Ботинии Муҳаммадризо. Пиромуни забон ва забоншиносӣ.- Теҳрон: фарҳанги муосир. 1992.
8. Буруманд Ҷавод. Дигаргуниҳои калимаҳо дар забони форсӣ.- Теҳрон: Интишороти Тус, 1984.
9. Шамисо Сирус. Куллиёти сабкшиноси. -Теҳрон: Нашри Фирдавс, 1993.
10. Сафавии Куруш. Аз забоншиносӣ ва адабиёт, (ҷилди аввал:назм) Теҳрон: Нашри чашма, 1994.
11. Афшори Эраҷ. Нусхаи хаттии исломӣ ва собиқаи таърихии онҳо, маҷаллаи ҳунар ва мардум, рақами 122, 1972.
12. Хусравии Муҳаммадалӣ. Санадҳои вақф ва дониши санадшиносӣ, фаслномаи вақф мероси ҷовидон, рақами 72, Теҳрон, 2010.
13. Шаҳристонии Сайид Ҳасан. Ҷилваҳои ҳунари Эронӣ дар санадҳои миллӣ, созмони асноди миллӣ. - Теҳрон, 2002.
14. Юсуфии Ғуломҳусейн. Коғази зар: ёддоштҳое дар адабу таърих, яздон.- Теҳрон, 1984.
15. Муставфии Абдуллоҳ Шарҳи зиндагонии ман ё таърихии иҷтимоӣ ва идории давраи Қоҷория, нашри илми, Теҳрон, 1945.
16. Сафавии Куруш. Фарҳанги тавсифии маъношиносӣ. нашри Муассисаи фарҳанги муосир.- Теҳрон, 2005.

ИЗУЧЕНИЕ ДОКУМЕНТОВ НА ВАКУФНОЕ ИМУЩЕСТВО В ИРАНЕ

Документ на вакуфное имущество является одним из ценных и важных актов Ирана, который можно использовать как историческую реликвию. В данной статье автор на основе изучения материалов, касающихся данного вида документации, рассматривает их с точки зрения языкознания и приходит к выводу о том, что данная документация содержит очень большое количество материалов, которые можно рассматривать как важный материал для языкознания.

Ключевые слова: имущественное пожертвование, документ об имущественном пожертвовании, документ на вакуфное имущество.

STUDYING OF DOCUMENTS ON PROPERTY IN IRAN

The document on property is one of valuable and important acts of Iran which can be used as a historical relic. In this article the author on the basis of studying of the materials concerning this type of documentation, considers them from the point of view of linguistics and comes to a conclusion that this documentation contains very large number of materials which can be considered as an important material for linguistics.

Key words: property donation, the document on a property donation, the document on property.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мухаммад Мавлои*** – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

БАРРАСИИ ВИЖАГИҲОИ ҶУМЛАҲОИ СОДАИ ЯКТАРКИБА ДАР «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ»

Маҳдӣ Дорхол
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҷомеа инсонҳо ҳадаф ва мақсадҳои хешро бо сурати ҷумла баён мекунанд. Ва масоили чун авотиф, эҳсосот, амалҳоеро аз ин тариқ ба дигарон мефаҳмонанд. Ҷумла дар забони форсӣ маҷмӯи калимаҳое мебошад, ки ба ҳамдигар алоқаи наҳвӣ дошта, дорои як мазмуни комил ва тамом аст ва бо гузашти қарнҳои зиёд тағйир ва такомули фаровоне ёфтааст. Яке аз даврони пураҳмияти баррасии ҷумла ва сохтори он дар қарни IV ва V ҳиҷрӣ (X-X1 мелодӣ) мебошад. Дар такмили сохтори ҷумла донишмандони қарнҳои гузашта бо таълифи асари бадеии манзуму мансур саҳми боарзиш гузоштаанд. Аз боарзиштарин китобҳо ва гуфтор ва навиштори забони форсӣ дар ин даврон китоби «Таърихи Байҳақӣ» мебошад.

Ин китоб, ки ба қалами шево ва муъҷизагари Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусейни Байҳақӣ ба риштаи таҳрир даромадааст ва ба гуфтаи ӯ ҳадаф аз навиштани ин китоб ин аст: «Аммо қарзи ман он аст, ки таърихпояе бинависам ва бинои бузург афрошта гардонам, чунонки зикри он то ахири рӯзгор боқӣ монад» [саҳ.149].

Ба ростӣ, ки ин таърихнигор дар навиштани таърих беҳамто аст ва дар ин баҳс маҷоли гуфтори он нест. Аммо дар таҳрир ва сохтори ҷумлаҳои китоби «Таърихи Байҳақӣ» навъе аз сабки навиштори форсиро поя гузошта, ки ҳам аз насри сода қабл аз худ ва ҳам аз насри маснӯъ баъд аз худ нишонаҳое дида мешавад.

Дар хусуси баррасии сохторӣ ва маъноии наср ва ҷумлаҳои китоби «Таърихи Байҳақӣ» бузургоне аз Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон қалам задаанд, вале он чи аз тамоми ин осор бармеояд, наср ва сохтори ҷумлаҳои китоби «Таърихи Байҳақӣ» дар тамоми асрҳои такомули насри форсӣ беназир буда ва маҳорати ӯ бар ҳамагон исбот гардид ва бар осор ва навиштаҳои баъдӣ таъсири дучандон доштааст.

Аз вижагиҳои муҳими «Таърихи Байҳақӣ» таъсири сохтор ва навиштори забони форсӣ аст. Чунончи, аксари нависандагон ва бузургони адаби пешин ва ҳозираи забони форсӣ «Таърихи Байҳақӣ»-ро асари меъёр медонанд ва мегӯянд, чи дар асри худ ва то чи асри ҳозир таъсири фаровон дошта ва каломеро, ки имрӯз бар забон меронем, то ҳадди зиёде бозмонда ва асарпазируфта аз наср ва ҷумлаҳои китоби боарзиши «Таърихи Байҳақӣ» аст.

Дар ин мақола вижагиҳои созмонии ҷумлаҳои сода (ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркибаи феълӣ, ҷумлаҳои бениҳод ва бехабар) баррасӣ мешавад.

Ҷумлаи содаи яктаркибаи феълӣ дар «Таърихи Байҳақӣ»

Ҷумла дар забони форсӣ тибқи таърифе, ки барои он баён доштаанд, ҷамъе аз калимаҳо аст, ки ягон фикри нисбатан ба анҷом расидаро нишон медиҳад. Усуле дар ҷумлаи феълӣ, ки қисмати аслии он аст ва ба таври куллӣ ҷумла аз лиҳози сохтор ба ду қисм: сода ва мураккаб тақсим мегардад. Ҷумлаи сода (басит)- ҷумлае, ки як аз маснад (мубтадо, фоил), хабар (маснадия) иборат мебошад, ҷумлаи басит ё сода мегӯянд.

Мисол: Онҳо мулоқот карданд
мубтадо хабар

Аммо бинобар назари иддае аз асотиди «Дастури забони форсӣ» чун Хонларӣ ҷумлаи содаро ҷумлае, ки танҳо як феъл дошта бошад, ҷумлаи сода медонад. Ҷумлаи содаро ба навъе метавон аз ҳисси паём ва мафҳум мустақил донист, ба сурате ки ин навъи ҷумла мафҳум ва паёми равшан ва комил дошта. Ҷумлаи сода ба таври куллӣ аз ду қисмат-мубтадо ва хабар ташкил меёбад. Яке аз хусусияти муҳими ҷумлаҳои сода дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» кӯтоҳии ҷумлаҳо ба далели эҷоз ва хусусияти сабки ин китоб аст, гоҳо мубтадо ва гоҳо хабар дар ҷумлаҳои содаи ин китоб ба далели мухталиф ҳазф (истифода нашудан) мегарданд.

Мисол ҳазфи мубтадо: Ба саҳро омадӣ- (Ту) ба саҳро омадӣ (саҳ.5).

Ҳар гоҳ дар ҷумлаи сода мубтадо (ниҳод ва фоил) ҳазф шуд ва танҳо хабар (феъл ва вобастаҳои он) боқӣ бимонд, ин навъ ҷумлаҳо ҷумлаи содаи яктаркибаи феълӣ гуфта мешаванд.

Мисол: Сухан некӯ гӯед (саҳ. 8).

Ҷумлаи содаи яктаркибаи феълӣ дар дастурҳои мавҷуд дар забони форсӣ ба ду сурат дида мешавад:

1.Ҷумлаи яктаркибаи холис (содаи феълӣ): Рафт (саҳ.21).

2.Ҷумлаи содаи яктаркибаи тафсилӣ: Фардо барои имтиҳон ба донишгоҳ меравам (саҳ.191).

Ҷумлаи яктаркибаи холис (содаи холис). Дар ин навъ ҷумла, ки дар «Таърихи Байҳақӣ» фаровон ёфт мешавад, нависанда илова бар ниҳод (мубтадо ё фоил) вобастаҳои марбути ба феълро низ намеоварад ва фақат феъл ба танҳоӣ дида мешавад. Мисол: Гуфтанд. Чунин кунем. Боздоштанд [саҳ.443].

Ин навъ ҷумлаҳо муҳимтарин хусусияти сабки китоби «Таърихи Байҳақӣ» аст, ки боиси зеботар шудан ва эъҷоз ва ихтисори калом мегардад. Дар навъи дигари ҷумлаи сода ҷумлаи яктаркибаи тафсилӣ нависанда фақат ниҳод (мубтадо фоил)-ро ҳазф менамояд ва феъл ва вобастаи марбути онро ҷиҳати тавзеҳ ва тафҳим дар бештари ҷумла зикр менамояд. Аз ин гуна ҷумлаҳо дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» фаровон ба чашм мерасанд.

Мисол:

Иборат аз ду ҷузъ: Ба саҳро омадӣ? (саҳ.5)

3 ҷузъӣ: Ҷабҳае дошт ҷабри ранг (саҳ.231)

4 ҷузъӣ: Дигар рӯз рӯзҳоро гусел кард бо каромати бисёр (саҳ.191).

Аз ин навъи ҷумлаи яктаркибаи холис ва тафсилӣ дар гуфтори имрӯзаи забони форсӣ ба чашм мехӯранд ва корбурди фаровон низ доранд. Метавон гуфт, ки корбурди ин навъ ҷумлаҳои сода дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» заминаи истифода аз онро дар қарнҳои баъдин, бахусус дар гуфтори форсии ҳозир ба вуҷуд овардааст ва метавон корбурди ин навъ ҷумлаҳо дар китоби «Таърихи Байҳақӣ»-ро қоидае барои истифода дар забони форсӣ донист. Мисол дар форсии имрӯза ба чунин шакл:

Рафтам, баргаштам ва истироҳат кардам (ҷумлаи соддаи яктаркибаи холис).

Барои ҳузур дар ҷашни миллӣ ба пойтахт рафтам ва аз баргузории ин иди миллӣ лаззат бурдам (Ҷумлаи содаи яктаркибаи тафсилӣ).

Дар баррасие, ки ин ҷониб дар боби панҷум ва шашуми «Таърихи Байҳақӣ» бар рӯйи беш аз ҳазор ҷумлаи сода анҷом додам, беш аз сад ҷумлаи яктаркибаи феълии холис ва беш аз 300 ҷумлаи яктаркибаи тафсилӣ вохӯрдам, ки навъи ҷумлаи яктаркибаи тафсилӣ бештар аз яктаркибаи холис мебошад. Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи феълӣ дар забони форсӣ аз лиҳози шахс ба чаҳор қисм тақсим мешаванд, ки ҳар чор навъ дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» дида мешаванд.

1.**Ҷумлаи яктаркибаи феълии муайяншахс.** Ҷумлаи яктаркибаи феълии муайяншахс ҳамон тавр ки аз номаш бармеояд, ниҳод (фоил ё мубтадо) шахс дар он василаи бандак (шиноса) мушаххас мегардад ва шахси ин навъ ҷумла ошкор ва мушаххас аст ва яке аз фаровонтарин навъи ҷумлаи яктаркибаи феълӣ дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» мебошад. Ҷумлаи яктаркибаи феълии муайяншахс дар китоби «Дастури забони форсӣ» усулан ба ин сурат ишора шудааст, ки шахс дар ҷумла ба василаи ниҳод мушаххас мегардад, гоҳ ниҳод ба сурати зоҳир ошкор аст ва гоҳо ба сурати ғайри ошкор мебошад. Ҳол он ки ниҳод (фоъил ё мубтадо) ё ба сурате замири фоилӣ ҷудо мисли: Шумо ба мадраса меравед. Ва баъзе вақтҳо ба далели фоил ҳазф мешавад (ҳазф ба қаринаи лафзӣ) ва замири ҷудо ҷойи худро ба замири мутасили пайваста (шиноса ё бандак) медиҳад.

Мисли: Ба мадраса рафтам- (фоил-) замири муттасил, (пайваста) [саҳ.11].

Аз Хоҷа Тоҳир ва пире шунидам. (саҳ.20). Кадом муътамадро хоҳӣ? (саҳ.285). Се рӯз пайваста бихӯр (саҳ.185). Ҳар якеро як чӯбӣ фармуда будем (саҳ.185). Сухани накӯ гӯед (саҳ.8).

2.Ҷумлаи содаи яктаркибаи феъли номуайяншахс. Тавре аз номи ин ҷумла бармеояд, шахс ва фоили он ҷумла мушаххас нест.

Мисол: Китоб аз рӯйи миз бардошта шуд.

Дар феъли **бардошта шуд**, шахси он нест ва феъли ҷумла ба китоб нисбат дода шудааст ва китобе, ки дар ҷумла аст, фоили феъл шумурда нашавад, зеро ки феъли «**бардоштан**»-ро китоб анҷом надодааст, балки ин феъл бар китоб анҷом гирифтааст ва фоили он дар ҷумла зикр намудааст ва яке фоил маълум нест.

Ба ин гуна афъол, ки ба мафъул нисбат дода мешавад («феъли маҷҳул») мегӯянд. Ин афъол дар ҷумлаҳои феъли содаи китоби «Таърихи Байҳақӣ» дида мешавад ва тақрибан корбурди ин гуна феълҳо дар ҷумлаҳои содаи яктаркиба дуруст, мисли гӯйиши имрӯзаи забони форсӣ аст.

Мисол: Ҳам дар он шаб гузашта шуд (саҳ.25).

Навъи хос аз афъоли маҷҳул дар ҷумлаҳои содаи яктаркибаи феълии номуайяншахс дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» вуҷуд дорад, ки ба ҷойи феъли муайяни шуд феъли омад ояд ва дар воқеъ маънии ҳамон **шуд**-ро медиҳад.

Мисол: Абдусро фармуда омад (саҳ.25).

Дар ҷилди 5 ва 6-уми китоби «Таърихи Байҳақӣ», ки аз баррасии тақрибан 50-ҷумлаи содаи яктаркибаи феълии номуайяншахс пайдо намудем, ки ин ҷумлаҳо дар гӯйиши имрӯзаи форсӣ низ корбурд доранд. Аммо шакли дуввуми афъол маҷҳул (**омад** ба ҷойи **шуд**) дар форсии имрӯза дигар корбурд надорад ва истифода намешавад.

Мисол: Ва бисёр мардуми вай кушта омад.

Бисёр мардуми вай кушта шуд (гуфтори имрӯза).

Дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» нависанда то ҳадди имкон саъй кардааст, ки аз афъоли маҷҳул ва номуайяншахс истифода кунад.

3) Ҷумлаи содаи яктаркиба феълии умумишахс. Яке аз дигар намуд ва сохторҳои ҷумлаҳои соддаи яктаркибаи феълӣ навъи умумишахси он аст, ки дар ин навъи ҷумла манзур ва мақсади гӯянда шахси хосе нест, балки ба ҳамаи афрод умуми бошанд.

Мисол, дар ҷумлаи: Беранҷ, ганҷ муяссар намешавад.

Дар ин ҷумла мақсади гӯянда дар шахси хос нест, яъне бояд талош кард, то ба ҳадаф расид ва манзури гӯянда шомили ҳама афрод мебошад.

4). **Ҷумлаи содаи яктаркибаи бешахс.** Аз анвои ҷумлаҳои содаи яктаркибаи навъи бешахсе аст, ки дар ин феъли ҷумла шахс мадди назар нест ва дар он башахс ва ашхос ишора намегардад, балки воқеият ва аслро ишора менамояд.

Масалан: Уштурро бо кафлес об намедиҳанд.

Дар ин ҷумла ҳарчанд бандаки (шиноса) –«анд» шахси сеюми ҷамъ вуҷуд дорад, вале манзури ин шахс ё ашхос мадди назар нест, балки баён ё воқеияте аст. Аз ин қабил ҷумла дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» кам ба чашм мехӯрад.

Мисол: Дар корҳо ғулув кардан носутудааст (саҳ.40).

Рондани таърих аз лавни дигар бояд (саҳ.79).

Ҷумлаҳои сода дар «Таърихи Байҳақӣ» аз лиҳози сохтор ва кайфияти аҷзои он бо қарнҳои баъд тафовути чандон надорад, балки бисёр шабеҳ ба ҳам мебошанд. Пас аз баррасии беш аз ҳазор ҷумлаи сода дар ҷилди 5-ум ва 6-уми «Таърихи Байҳақӣ» ва муқоисаи ин ҷумлаҳо бо ҷумлаҳои корбурди ҳозираи забони форсӣ метавон натиҷа гирифт, ки забон ва дастури китоби «Таърихи Байҳақӣ» бар осори мансур баъд аз худ осори фаровон дошта ва метавон гуфт насри «Таърихи Байҳақӣ» насри меъёр мебошад ва метавон ҷумлаҳои имрӯзро, аз гӯйиши имрӯзи ҷумлаҳои форсӣ (Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон)-ро аз лиҳози корбурд ва сохтор бо насри ин китоб муқоиса кард.

Аз бештари ҷанбаҳо шабоҳати зиёде бо насри «Таърихи Байҳақӣ» дорад ва дар асри гузаштаи замон ин наср камтар дучори дигаргунӣ ва тағйир гардидааст ва шояд ба ҷуръат метавон гуфт, ки зебоии каломи забони форсӣ ва мондагори он ҳадди зиёди каломи гуфтори китоби «Таърихи Байҳақӣ» мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1.Дастурнома дар сарфу наҳви форсӣ. Муҳаммадҷаводи Машкур.- Теҳрон: Интишори Шарқ, чопи сездаҳум, 1368.

2.Дуктур Ҳасан Аҳмад, Ҳасан Анварӣ. «Дастури забони форсӣ». -Теҳрон, 1379.

3.Дуктур Парвиз Нотил Хонларӣ. Дастури забони форсӣ.-Теҳрон: Интишори Тӯс.- 1373ҳ.

4. Дуктур Парвиз Нотил Хонларӣ. Дастури забони форсӣ. Интишори Бунёди фарҳанги Эрон.-Теҳрон, 1363.ҳ

5.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе, Ҷилди 2, 1989.

6.Хоҷаев Д. Андешаҳои Носири Хусрав оид ба анвои ҷумлаҳои сода//Маърифат, 2004,№11-12.-С.11-12.

ИЗУЧЕНИЕ ОСОБЕННОСТЕЙ ПРОСТЫХ ОДНОСОСТАВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В «ИСТОРИИ БАЙХАКИ»

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению использование простых односоставных предложений в историческом произведении “История Байхаки” Абулфазла Мухаммада ибн Хусейна Байхаки.

Ключевые слова: историческое произведение “История Байхаки”, простые односоставные предложения, использование простых односоставных предложений в “Истории Байхаки”.

STUDYING OF FEATURES OF SIMPLE MONONUCLEAR SENTENCES IN "HISTORY BAYKHAKI"

In this article the author subjected to consideration and studying use of simple mononuclear sentences in the historical work "Baykhaka's History" of Abulfazl Mahomed ibn Hussein Baykhaki.

Key words: the historical work "Baykhaka's History", simple mononuclear sentences, use of simple mononuclear sentences in "Baykhaka's Stories".

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:*Махди Дорхол* – соискатель Таджикского национального университета

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

РАВИНДРАНАТҲ ТҲАКУР – РАССОМ

Ҳабибулло Раҷабов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маъмулан ҳамаи онҳое, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Равиндранатҳ Тҳакур (1861-1941) - маъруфтарин адиби Ҳиндустон, нахустин шоире, ки дар қитъаи Осиё сазовори Ҷоизаи Нобел шудааст, ошно мешаванд, ба чунин савол ҷавоб меҷӯянд, ки дар шастуҳафтсолагӣ шуғли тасвирофариро ихтиёр кардани адиб дар чӣ бошад? Ба ин савол онҳое, ки адибро хуб мешинохтанд, ё мероси фарҳангии ӯро омӯхтаанд, махсус ҷавоб доданро зарур надонистаанд, зеро ин гуна майлро дар фаъолияти Тҳакур барин шахсияти боистеъдод шояд табиӣ меҳисобанд ва тасодуф намешуморанд. Худи адиб чунин гуфтааст: «Субҳи зиндагии ман саросар пур аз суруд буд, ғуруби зиндагиям пур аз рангҳо хоҳад шуд». Лекин, ба ҳар ҳол, кӯшиши як навъ ҷавоб гуфтан ҷой дорад. Аз ҷумла, Кшитис Рой - яке аз муҳаққиқоне, ки ин паҳлуи фаъолияти Тҳакурро бештар омӯхтааст, чунин ҷавоб додааст: «Тасаввури зинда, қобилияти модарзодӣ, дасти моҳир гӯё ки маҳз барои хушнависӣ офарида шуда бошад, мутлақо кашфи тасодуфии истеъдоди нуҳуфта – шояд ҳамаи ин сабабҳо дар якҷоягӣ мефаҳмонанд, ки чаро ниҳоят дер, дар охирҳои умр, дар синни шасту ҳафтсолагӣ (1928) Равиндранатҳ Тҳакур ба санаъти графикӣ рӯ овардааст» [3, 5]. Санъатшиноси рус Семён Иванович Тюляев низ ҳамин ақидаро дорад: «Тҳакур вақте ки ба синни 67 расида буд, ба кашидани тасвирҳо машғул шуд. То ин вақт аллакай шуҳрати адабии умумиҷаҳонии ӯ аз авҷи худ гузашта буд. Ин таркиши ногаҳонии шакли нав дар эҷодиёти ӯ соли 1928 рӯй додааст» [7, 177]. Лекин ба ақидаи академик Е. П. Челишев Тҳакур дар синни шастсолагӣ расмкаширо шурӯъ кардааст.

Оид ба шумораи тасвирҳои кашидаи Тҳакур якхела рақам дида намешавад. Баъзеҳо, тавре ки дар боло гуфтем, ду ҳазор мегӯянд, баъзеҳо ду ҳазору панҷсад ва баъзеҳо ҳатто се ҳазор. «Дар 12 соли охири умраш шоир ба наққошӣ машғул буд. Ба ӯ муяссар шуд, ки дар ин муддат тақрибан се ҳазор тасвирҳои гуногун офарад» [7, 177]. Лекин новобаста аз миқдори ин тасвирҳо, Тҳакур, бе баҳс, баробари бузургтарин шоир ва нависандаи Ҳиндустон будан боз рассоми боистеъдоде низ дар ин кишвар шинохта мешавад. Барои ҳамин ҳам ин самти фаъолияти адиб низ диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Ба ғайр аз Кшитис Рой боз чандин муҳаққиқони дигар, аз ҷумлаи ҳам ҳиндустониҳо ва ҳам хориҷиён дар синни шасту ҳафтсолагӣ ба тасвирофарӣ машғул шудани адибро махсус ёдовар шуда, нотакрору аслӣ будани тасвирҳояшро зикр кардаанд.

Равиндранатҳ Тҳакур, метавон гуфт, ки дар ҳамаи самтҳои фаъолияти худ, чун шахсияти дар ҷомеа эътибору мақоми хос дошта, ҳамеша як ҳадафро думболгир аст – бо роҳҳои гуногун тавоноии истеъдоди худро дар хизмату манфиати халқ ба кор бурдан. Барои пиёда кардани ин ҳадаф истифодаи имкониятҳои санъати рассомӣ низ бисёр қулай буданд. Вақте ки вай ба забони банголӣ асарҳои манзуму мансур эҷод мекард, медонист, ки онҳо то мардуми босаводи банголизабон зуд рафта мерасанд, вале барои расидан то мардумоне, ки забонашон дигар аст миёнарав, яъне боз тарҷумон ҳам лозим аст. Барои ошно шудан ба маҳсули санъати рассомӣ бошад на тарҷумон лозим асту на саводи хатхонӣ доштан. Тасвир хеле зуд ба дидаю дилҳо роҳ меёбад ва то агар худи тамошобин аз назди тасвир дур наравад ва ё худ он тасвирро як тараф нагузорад, ҳар чӣ мебинад, ба ӯ як навъ таъсире расонидан мегирад, образ дар хотир зиндатар нақш мебандад. Ҳамин гуна хусусияти санъати рассомиро дар назар дошта, Тҳакури мукаммал таҷрибаи кору рӯзгор гирифта нигоҳашро ба инсон, ба зиндагӣ ва ба масъалаҳои мубрами вақт ба воситаи тасвирҳо низ баён кардан мехоҳад ва илова бар ин, дар шароити камсавод будани мардуми Ҳиндустон, ин воситаро зарур ва хеле қулай мешуморид. Ғайр аз ин, ӯ бо вуҷуди устоди беназири сухан будан наметавонист эҳсос накунад, ки баъзе паҳлуҳои нозук, мафтункунанда ва ғании табиат инчунин кирдору эҳсос ва симои сеҳрангези инсонро сухан қобилияти пурра ифода кардан надорад. Ин ҷо бамаврид аст, агар иқтибосе аз мақолаи худи Тҳакур, «Эҳсоси зебоӣ» биёрем:

«Ҳамин тариқ, Зебоӣ то ҳамон вақт муҳиму маънидор намешавад, ки аз манзараи диданибоб танҳо барои чашм ба ғизое барои ақлу зеҳн табдил наёбад… Пас, агар дар бораи тасвирҳо гап занем, мо ҳаловати бисёр зиёд аз ҳамон тасвирҳое мебарем, ки онҳо паҳноии калон ба тасаввуроти мо медиҳанд. Чеҳраи инсон аз зебоии гулҳо дида диққати моро зиёдтар ҷалб мекунад. Ин аз барои он, аст, ки чеҳраи инсон дар худ на танҳо шакли пурлатофатро шомил кардааст, балки боз нури хирад, ифодаи ақл ва зебоии рӯҳиро низ таҷассум мекунад; вай ақл, шуур ва қалби моро мафтун мекунад, вале зуд ба мо кушода намешавад [8, 375].

Чунин далел низ ба назар мерасад, ки Равиндранатҳ Тҳакур пас аз сафарҳои худ ба Англия, Франсия, Италия ва Германия барин марказҳое, ки садҳо рассомони машҳури оламро зодгоҳ мебошанду дорои машҳуртарин осорхонаҳоянд, муносибаташ ба санъати рассомӣ дигар шудааст. Илова бар ин боз як сабаби дигаре низ боиси рассом шудани Тҳакур аст, ки онро ҳам бояд дар назар дошта бошем. Чӣ тавре ки маълум аст, дар авлоди Тҳакурҳо рассомони болаёқат низ буданд. Кофист агар ин ҷо номи бародарзодаи Равиндранатҳ Тҳакур Обониндронатҳ Тҳакурро ба ёд биёрем. Обониндронатҳ Тҳакур (1871-1951) машҳуртарин рассоми асри ХХ дар Ҳиндустон буда, ҳамчун яке аз шахсиятҳои бузурги фарҳанги ин мамлакат, сазовори унвони фахрии «Ачария» (Устод) шудааст. Вай мехост дар кори худ ҳам аз таҷрибаи ғании санъати рассомии миллӣ истифода бараду ҳам аз дастовардҳои рассомони ҳозиразамони аврупоӣ. Ба ҳардуи ин аз назари рассоми замони худ нигоҳ карда, ба роҳ мондани истифодабарии якҷояи ин ду манбаъро ба талаботи замона ҷавобгӯ меҳисобид. Ҳамаи ин, бешак муҳитеро омода менамуд, ки метавонист ба Равиндранатҳ Тҳакур таъсири муайяне расонад. Равиндранатҳ Тҳакур дар навбати худ чун шахси аз санъати рассоми кофӣ бохабар, ҳанӯз дар солҳое, ки ба рассомӣ пурра дода нашуда буд, ба Обониндронатҳ Тҳакур ва дигар рассомони ба хонаи Тҳакурҳо тез-тез меомадагӣ суҳбатҳо дошт ва назари худро нисбат ба санъат дар маҷмӯъ ва хусусан санъати рассомӣ изҳор мекард. Дар ин гуна мавридҳо назари Тҳакур ба масъалаҳои мухталифи санъати рассомӣ чун назари рассоми касбӣ аён мегашт ва хуб пазируфта мешуд. Яъне шавқи ба рассомӣ дар ягон шакле сару кор доштан, ҳамеша дар қалби ин адиб ҷой доштааст. Кшитис Рой фаъолияти Тҳакурро дар солҳои навадум ба ёд оварда, менависад: «Тақрибан ба ҳамин вақт аввалин ёддоштҳои Тҳакур оид ба шуғли рассомӣ доштанаш ба чашм мерасад. Дар мактуби ба хоҳарзодааш Индира дар таърихи 13 июли соли 1893 навишта буд:

«Рости гапро ба ту гӯям, ман намедонам, ки майлу рағбати воқеии ман кадом бошад… Ман монанд ба зани ҷавоне ҳастам, ки аз ҷавонии худ лаззат бурда, намехоҳад, ки аз ягон дӯстдораш ҷудо шавад. Ман ҷасорат надорам, ки ягон олиҳаи худро аз назари эътибор дур гузорам… Агар ман метавонистам, ки бе тарсу шарм қоил шавам, он гоҳ ба ту мегуфтам, ки бисёр зуд-зуд нигоҳи шаҳвонии ноумедонаи ошиқонаи ман ба тарафи олиҳаи санъати рассомӣ майл дорад» [8, 6].

Кшитис Рой бо вуҷуди он, ки «…ниҳоят дер, дар синни шасту ҳафтсолагӣ (1928) Равиндранатҳ Тҳакур ба санаъти графикӣ рӯ овардааст», мегӯяд, боз худ гуфтаҳои шоирро ба асос гирифта, ёдовар шудааст, ки Тҳакур дар соли 1900 аллакай дар тасвирофарӣ навқалам набуд. Дар воқеъ, Равиндранатҳ Тҳакур дар яке аз мактубҳояш ба дӯсташ Ҷ. С. Боуз, ки дар Лондон зиндагӣ мекард ва чун олим шинохта мешуд, дар моҳи сентябри соли 1900 навиштааст: «Шумо шояд ҳайрон шавед, ки ман дар албом расм мекашам. Ҳоҷат ба гуфтан нест, ки ин тасвирҳои ман барои дар толорҳои намоишии Париж нишон додан пешниҳод нашудаанд. Ман як зарра ҳам тарс надорам, ки Галереяи миллии ягон мамлакат розӣ шуда, барои ин расмҳо маблағи андозсупорҳои худро сарф мекунад». Аз ин гуфтаҳо ба ғайр аз он, ки ифодаи хоксории адиб аст, боз ду хулосаи дигар баровардан мумкин аст. Яке ин, ки Равиндранатҳ Тҳакур то аввали асри ХХ аллакай як силсила тасвирҳо кашида будааст. Ва дуюм – ҳадаф аз ин навъ фаъолият худнамоӣ набуда, як машғулияти ба адиб роҳатовару оромбахш будааст. Барои ҳамин ҳам, бисёр қатъӣ тасдиқ кардан, ки Равиндранатҳ Тҳакур танҳо дар шастуҳафтсолагиаш ба рассомӣ даст задаст, то андозае дуруст аст. Гапи дигар ин аст, ки барои расмкашӣ шояд шоир то соли 1928 мунтазам не, балки гоҳ-гоҳе вақт ҷудо карда бошад. Лекин дар солҳои аз тасвирофарӣ дур будан ҳам, ин дар даҳсолаи аввали асри ХХ мушоҳида шудааст, Равиндранатҳ Тҳакур аз муҳит ва воқеаву рӯйдодҳои дар ҳамон вақт ба

санъати рассомӣ тааллуқдошта дар канор набудааст. Ба ин рӯйдодҳо ташкилёбии «Маркази санъат» («Вичитра») дар хонаи худи Тҳакур дар шаҳри Калкутта ташкил намудани мактаби санъат дар Шантиникетон‡‡‡‡‡‡‡‡ ва гузаронидани озмуни расмкашӣ, ки худи шоир он ҷо ҳамчун довар фаъолият мекард, мисол шуда метавонанд. Дар ҳар сурат хулоса ин аст, ки Равиндранатҳ Тҳакур ҳанӯз аз овони наврасӣ машқи тасвирофарӣ намудааст. Ӯ ин машқро то охирҳои солҳои бистум, ҳарчанд номунтазам бошад ҳам идома додааст. Кофист бигӯем, ки саҳифаҳои «Оҳангҳои шомӣ», («Пуробӣ», 1925) бо як силсила тасвирҳо пур карда шудаанд. Муҳаққиқон ҳамин далелро ҳамчун аввалин кӯшиши ба воситаи образҳои диданӣ баён кардани фикру андеша аз тарафи Тҳакур ҳисоб мекунанд. Пас аз ҳамин гуна таҷрибагузарониҳо Тҳакур ниҳоят дар синни шастуҳафтсолагӣ ба ин шуғл паёпай ва бо тамоми ҷиддияту дилбастагӣ муносибат кардааст. Ҳамин тариқ, Равиндранатҳ Тҳакур шогирди ягон устоде нашуда, ягон мактаби махсуси рассомиро хатм накарда, танҳо аз тариқи худомӯзӣ то ба он зинаи баланду олии расмофарӣ расидааст, ки худ ҳаққу ҳуқуқи устодӣ пайдо кардааст. Адиб ҳангоми сафарҳояш ба мамлакатҳои гуногуни дунё бо санъати рассомии мусаввирони машҳури Ғарбу Шарқ аз наздик бодиққат шинос шуда бошад ҳам, вале ягон рассомеро тақлид накардааст, на то соли 1928 ва на пас аз он. Ва ниҳоят, сирри чунин истеъдодро ба мисли Равиндранатҳ Тҳакур, гумон аст касе то ба охир кашф ё тахмин карда тавонад.

Санъатшиносон бар он ақидаанд, ки Тҳакур беҳтарин тасвирҳои худро маҳз дар солҳои 1928 - 1930 офаридааст. Намоиши тасвирҳояш низ расман аз соли 1930 оғоз ёфтааст. Танҳо дар ҳамин сол, аз моҳи май то моҳи декабр, тасвирҳои Равиндранатҳ Тҳакур дар галереяҳои машҳури шаҳрҳои Париж, Бирмингем (Англия), Лондон, Берлин, Дрезден, Мюнхен, Копенгаген, Женева, Москва, Бостон (ИМА) ва Ню - Йорк аз тариқи намоишҳои шахсӣ ба намоиш гузошта шуда буданд. Хотиррасон мекунем, ки аввалин намоиши тасвирҳои Равиндранатҳ Тҳакур на дар Ҳиндустон, балки дар шаҳри Париж дар Галери Пигал баргузор шуда, дар ин шаҳр чунон ҳангомаро ба миён овардааст, ки ҳамватанони рассом дар ҳайрат мондаанд. Пас аз ин намоиши тасвирҳои бо акварел, қалам ва туш кашидаи Равиндранатҳ Тҳакур на як бору ду бор, балки борҳо дар толорҳои намоишии обрӯманди шаҳрҳои гуногуни Ҳиндустон: Мумбай (Бомбай), Калкутта, Ченай (Мадрас), Деҳлӣ, Деҳрадун, Шантиникетан, Патна, Оллоҳобод ва ғайра, мамлакатҳои хориҷӣ: Англия, ИМА, Австралия, Италия, Бангладеш, Покистон, Швейтсария, Гана, Германия (РФГ), Шри Ланка (Сейлон) бештар аз як саду даҳ сол мешавад, ки пайваста идома дорад.

Тасвирҳои Равиндранатҳ Тҳакур чӣ гунаанд, кадом мавзӯъҳоро дар бар мегиранд ва тарзи тасвирофарии ӯ чӣ тавр аст? Ба ин саволҳо то андозае худи рассом ҷавоб додааст: «Расм кашидан ва ё кӯшиши расм кашидан – ин хислати ман нест… Фақат ба ман якчанд мӯйқалам ва коғази калон диҳед ва ман метавонам як чизи аҷоибу ғайриоддие аз омехтагии рангҳо тасвир намоям". Тҳакур ҳеҷ гоҳ кӯшиш накардааст, ки дуру дароз фикр карда, нақшеро дар хаёл ҷой дода, онро пурра пеши назар оварда, пас дар рӯйи коғаз ҷой диҳад. Вай нуқтаеро интихоб мекунад ва ҳанӯз маълум нест, ки аз он нуқта ба кадом самт рафтан лозим аст, гӯё қалам худ беихтиёр самти мувофиқу заруриро пайдо намуда, нақшро аз паси худ мебарад. Фақат шуур дахолат мекунаду халос. «Ман тасвирҳои худро ҳамон тавре, ки хаёли ман мефармояд, ҳамон тавр ба қалам медиҳам. Дар назди ман коғазу ранг истодааст. Сахт шавқи дилро холӣ кардан меояд. Ҳамин тариқ, сар мекунем ва тезтар. Ақли ман бозии худро бо мӯйқаламу рангҳо оғоз кардан мехоҳад. Ана ҳамин тавр тасвирҳои ман офарида мешаванд» - навиштааст Тҳакур.

Бешубҳа, Равиндранатҳ Тҳакур тарзи хоси тасвирофарии худро дорад, лекин, ба ҳар ҳол, санъатшиносон мавҷудияти як навъ монандиеро дар мавзӯъ ва услуби ӯ ва чунин рассомони номии Ғарб ба мисли Модилянӣ (1884-1920), Поллайоло (1433-1498), Эдвард Мунк (1863-1944), Эмил Нолде (1867-1956), Пол Кли (1879-1940), Христиан Эрнест Бернгард Моргенштерн (1805-1867), Отакар Кубин (1883-1969) ва Франс Марк

‡‡‡‡‡‡‡‡ Соли 1919 Равиндранатҳ Тҳакур мактаби шахсии худро дар Шантиникетон бунёд карда, сарварии онро ба ӯҳдаи рассоми маъруф Нандалал Бошу (1882-1966) мегузорад.

(1880-1916) мушоҳида намудаанд. Ин далелро ёдовар шуда, наметавонем дар ин масъала ба андешаи С. И. Тюляев эътибор надиҳем: «Эҷодиёти Тҳакур мустақил, ифодаи истеъдод ва танҳо ба худи ӯ хос аст ва ба ягон мактаби дигар тааллуқ надорад. Ҳангоми сафарҳояш ба мамлакатҳои Аврупо, Осиё ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Тҳакур ба санъати рассомӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, лекин ӯ ягон рассоми Аврупо ё Осиёро, аз ҷумла Ҳиндустонро тақлид накардааст. Ва агар дар тасвирҳои ӯ гоҳ - гоҳе аломатҳои ба экспрессионизм§§§§§§§§ ва ё ба усулҳои асосии анъанаи Ҳиндустони қадим наздикшаванда аён гардида бошад, он гоҳ ин натиҷаи беэҳтиётии истеъдоди ба худи ӯ хосбуда аст». [9, 167].

Лекин дар ҳар сурат чун Тҳакур бо олами услуби санъати рассомии дар тамоми дунё, алалхусус дар Аврупо дар асри ХХ машҳуру дар истифодабуда шинос шудааст, қатъӣ гуфта наметавонем, ки ин бетаъсир мондааст, зеро аз баъзе тасвирҳои манзара ва автопортретҳои Тҳакур пай бурдан мумкин аст, ки вай ба импрессионизм********* дилчаспӣ доштааст. Ба мо чунин менамояд, ки Равиндранатҳ Тҳакур дар офаридани симои воқеии ҳамватанони худ ҳамин услуби импрессионизмро дар назар дошта, амал кардааст. Симои инсоне, ки ӯ тасвир менамояд, идеалӣ нест. Ин ҳамон инсонест, ки дар сарзамини Ҳинд ва дар ҳамаи мамолики дунё зиндагӣ мекунанд. Лекин дар ин чеҳра вазъи кунунии инсони тасвиршуда ва вазъи вақту чигунагии муҳит ва чигунагии ҳолати иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсиро ҷустуҷӯ кардан мумкин аст.

Равиндранатҳ Тҳакур дар офаридани образи зан, ки ба он бо муҳаббату эҳсоси хос муносибат кардааст, бештар муваффақ шудааст. Дар ин гуна тасвирҳо соддабаёнӣ дар ҷойи аввал меистад ва ин усул то андозае дарки матлаби дар тасвир ниҳонро осон мекунад. Он чӣ ба монандии тасвиршаванда ба тасвири эҷодшуда тааллуқ дорад, ба он рассом ё тамоман эътибор надодааст ва ё кам эътибор додааст. Ин на танҳо ба тасвири чеҳра, балки ба ҳама гуна тасвирҳои Тҳакур пурра дахл дорад. Яке аз тасвирҳои Равиндранатҳ Тҳакур «Зани ношинос» ном дорад. Рассом худ дар бораи ин тасвираш чунин гуфтааст: «Вай занест, ки ҳамеша бароям ношинос, лекин ба ҳар ҳол ба ман чунин менамояд, ки ман ӯро медонам». Ин тасвири сиёҳу сафед мебошад. Барои тамошобини аз ҳадафи тасвиркашӣ, услуб ва нигоҳи Тҳакур ба санъати рассомии замонаш бехабар ва ноошно ба вазъи фарҳангии замони мустамлика ва зери таъсири Ғарб будани Ҳиндустон дар асрҳои нуздаҳу бист, ин тасвир ва бисёр чунин тасвирҳои дигари ӯро тасвирҳои оддии ягон нуқтаи ҷолиб надошта менамоянду халос. Лекин онҳое, ки бо санъати рассомӣ чун мутахассис хуб ошно ҳастанд ва бо мактабу ҷараёнҳои мухталифи замонавии дар фарҳанги асри ХХ ҷой ва сазовор ба эътибор буда сару кор доранд, ин тасвир ва ин гуна тасвирҳоро оддӣ ва холӣ аз мазмун намегӯянд.

Мо одат кардаем, ки вақте тасвири зани ҳинду мегӯянд, як занеро пеши назар меорем, ки пеш аз ҳама дар пешонӣ - миёни ду абрӯ холи ҳиндӣ ва дар тан либоси миллии Ҳиндустонӣ – сарӣ дорад. Лекин дар тасвири «Зани ношинос»-и Равиндранатҳ Тҳакур ин нишонаҳоро намебинем. Аввало зан бо тамоми қомат кашида нашудааст, ки сарӣ ё ягон либоси дигар пӯшиданаш маълум бошад ва баъдан шояд рассом маҳалли тасвирро маҳдуд карданӣ нест. Барои ҳамин ҳам ӯ симои як занеро ба қалам додааст, ки холи ҳиндӣ надорад, яъне образи офаридааш рамзист (символӣ), занест, ки мисолашро дар тамоми дунё дидан мумкин аст. Он чӣ дар атрофи чеҳра кашида шудааст, шояд

§§§§§§§§ Экспрессионизм – ҷараёнест дар санъати рассомӣ ва адабиёти Аврупо дар солҳои 1905-1920. Ин ҷараён як вокунише ба буҳрони иҷтимоии даҳсолаҳои аввали асри ХХ, эътирозе муқобили тамаддуни зишти буржуазӣ, муқобили ҷангҳои ҷаҳонӣ буд. Намояндагони маъруфи ин ҷараён Кирхнер Э. Л. (1880-1938), Пехштейн М. (1881-1955), Хекел Э. (1880-1970) ва Карл Шмидт- Ротлуф (1884-1976) мебошанд.

********* Импрессионизм – калимаи франсавӣ буда, маънои таассуротро дорад. Ин ҷараён асосан дар санъати рассомӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва даҳсолаҳои аввали асри ХХ арзи вуҷуд кардааст. Ҳадафи асосӣ - аз муқаррароти шартии классисизм, романтизм ва академизм озод шудан аст. Намояндагони он Клод Моне (1840-1926), Ренуар (1841-1919, Э. Дега (1834-1917), Писарро (1830-1903), А. Сислей (1839-1899) ва ғайра тарафдори зебоии ҳаррӯзаи воқеӣ буда, талош доштанд он чӣ оддӣ, ҳаррӯза ва воқеӣ аст, ҳамонро тасвир намоянд.

рамзи кадом як бадбахтие бошад, вале ин ҷо ин чиз зуд ба назар намерасад, ҳарчанд онро аз назар ғойиб ҳам карда наметавонем. Он чӣ фаромӯшнашаванда ва муҳим аст ин нигоҳи пуртаъсири зан мебошад. Нигоҳ хурсандиро ифода намекунад, вале ифодакунандаи он ҳам нест, ки ашки ғам рехтанист, то андозае сеҳрангез аст, гӯё саволе доданист. Пӯшида наменомад, ки рассом бо муҳаббати гарм ба зан ин тасвирро кашидааст. Дар нигоҳи зан ботамкинӣ ва ба ҳар навъ тақдир доштан пуртоқатӣ кардан, бе костагӣ ва бовариноқ акс ёфтааст.

Занҳоро ӯ инчунин ҳар навъ нишон додааст: гоҳе дар вақти рақс кардан, гоҳе дар даст кӯдак, гоҳе бо кӯза ва мисли инҳо. Ин гуна тасвирҳо занҳоеро ба ёд меоранд, ки миёни мардум маъмуланд ва ягон хусусияти махсуси фарқкунанда надоранд, яъне баромади иҷтимоии онҳо аз мардум мебошанд. Онҳо на образҳои асотирианду на аз ашрофзодаҳо, занҳои даврaҳои гузашта низ нестанд, асосан ҳамзамони рассом мебошанд.

Вақте ки Равиндранатҳ Тҳакур симо ё манзараеро бидуни рӯ ба рӯ истодан тасвир карданӣ мешавад, албатта, дар пеши назараш он симо ва манзараро равшан эҳсос мекунад, вале ҳадафи ӯ нусхабардорӣ нест, вай образ офаридан мехоҳад. Тасвир кардан душвор нест, ки шояд ин образҳо зуд равшан намешуданд. Дар тасвири графикӣ ҳамаи ҷузъҳо оҳиста-оҳиста шакл мегирифтанд, ки аз тасвирҳои ба назм ва ё ба наср дахлдоштаи Тҳакур бо пуррагии худ фарқ мекарданд. Ин новобаста аз усули тасвир ва ранги истифодашуда. Равиндранатҳ Тҳакур худ иқрор шудааст, ки вай аз қалам дида, бештар ба хаткӯркунак кор мекардаст, яъне аз расм кашидан дида зиёдтар ба пок кардани он машғул будааст. Маълум мешавад, ки вай ба тасвирофарӣ ҷиддӣ ва пуртоқат муносибат мекардааст. Вай тасвири кашидаашро пурра ё ягон қисматашро чанд дафъа пок карда аз нав мекашидааст, то он вақте ки худ қаноатмандӣ ҳосил намекардаст. Бояд гуфт, ки ин на ба хотири тасвирро зеботар кардан, балки ба хотири пурра додани он чизе, ки ҳангоми расмкашӣ чун бо чашми пӯшида тасаввур мекард. Зебо тасвир кардан ё намуди воқеиро дар шакли табиияш бе дигаргунӣ додан, ҳадафи Тҳакур нест. Коҳиш ёфтани ҷисм ва дигар шудани хислат, андеша ва эҳсоси зери бори ғам монда- маҳз ҳаминҳо буданд он чизе, ки аз зиндагии гарон бармеомад. Аз ҷониби дигар, воқеияти ӯро иҳотакарда худ росту зебою бе нуқсон набуд. Ҳастанд ашхосе, ки «аз тасвирҳои Тҳакур чизеро фаҳмидан бисёр мушкил аст», «вай рассоми асилу касбӣ нест», «вай шоир аст на рассом» ва мисли инҳо мегӯянд. Чунин суханҳо ҳанӯз дар солҳои дар қайди ҳаёт будани Тҳакур ҳам садо медоданд ва шояд ба гӯши ӯ мерасиданд, вале гумон аст, ки ӯ ба ин гуфтаю маломатҳо эътиборе дода бошад. Тҳакурро ақида бар он аст, ки ҳар як тасвир бояд дар худ ягон муаммоеро ниҳон кунад, то ин ки тамошобин каме ба хаёлот рафта, барои дарки он кӯшиш намояд. Як силсила тасвирҳои дар ин солҳо кашидаи Равиндранатҳ Тҳакур автопортрет мебошанд. Зуд пай бурдан мумкин аст, ки ин тасвирҳо бе баҳс пас аз соли 1928 кашида шудаанд, зеро аз тасвирҳо ба сӯйи мо Тҳакури ҷавон не, балки шахси ба камоли пирӣ расида, бо нигоҳи танҳо ба хирадмандон хосбуда назар дорад. Тҳакур дар ин гуна тасвирҳо кӯшиш накардааст, ки монандии объекти тасвиршавандаро бо тасвири кашидааш пурра нигоҳ дорад. Фақат ба ҳамон андоза монандиро нигоҳ доштааст, ки имконияти шинохтани шахси тасвиршуда бошад. Мо дар ин чеҳраҳо Тҳакури файласуф, мутафаккир, инсони зиндагидида, соҳибтаҷриба, пири хирадманд ва покандешро мебинем. Ин пири хирад нигоҳи гарму таъсирбахш дорад.

Равиндранатҳ Тҳакур дар тасвири манзара низ ба соф нусхабардорӣ машғул нашудааст. Беҳтарин манзараро ҳам интихоб намекунад. Охир дуруст аст, ки табиат танҳо аз манзараҳои беистисно зебо иборат нест. Рангҳои гуногунро гоҳе аз зарурат бештару гоҳе, баръакс, аз зарурат камтар истифода бурда, ҳадафро назаррас месозад. Тасвири манзараҳо хоси як маҳалу як ҷойи дақиқ набуда, хусусияти ҷамъбастӣ доранд.

Ҳамин тариқ, Равиндранатҳ Тҳакур бо тасвирҳои сершумору пурмазмуни худ, ки навоварӣ ҳам доштанду нишонаҳои анъанаҳои миллиро низ таҷассум мекарданд, мақоми хосе миёни қадрдонҳои санъати рассомӣ ҳосил кардааст ва дар таърихи санъати рассомии Ҳиндустон дар давраи нав соҳиби мақоми шоистае шудааст.

Калидвожаҳо: Равиндранатҳ Тҳакур, санъат, рассом, тасвирҳо, намоиш, образи зан, автопортрет, анъана, чеҳра, истеъдод.

А Д А Б И Ё Т

1. Рабиндранат Тагор. Сочинения в восьми томах. Том V III. Воспоминания. Письма о России. Статьи. М., 1957, с. 375.
2. Roy C. Craven. Indian Art. A Concise History. («Санъати Ҳиндустон. Таърихи мухтасар»). London, 1997.
3. Се рассоми Ҳиндустон. Деҳлии Нав, 1987
4. Sisir Kumar Das. A Histori of Indian Literature (1911-1956). («Таърихи адабиётҳои Ҳиндустон»). New Delhi, 1995.
5. Tagore Beyond Frontiers. (« Тҳакур берун аз сарҳадҳо»). Kolkata, 2009.
6. Тюляев С. И. Живописное творчество Тагора. // Рабиндранат Тагор. Жизнь и творчество. Сб. статей. М., 1986, с. 177.
7. Тюляев С. И. Искусство Индии. М., 1968, с. 167.
8. Шишӣ Кумар Гҳош. Равиндранатҳ Тҳакур. Деҳлӣ, 1997.

РАБИНДРАНАТ ТАГОР – ХУДОЖНИК

Рабиндранат Тагор (1861-1941) – величайший поэт не только Индии, но и всего Востока. Первый на Востоке лауреат Нобелевской премии создал высокохудожественные стихи, рассказы романы и драмы. Когда ему было 67 лет он начал серьезно заниматься рисованием и скоро стал одним из лучших художников Индии. В данной статье рассматривается еще одна грань таланта великой личности XX века – художника нового времени.

Ключевые слова: Рабиндранат Тагор, величайший поэт Индии и Востока, высокохудожественные произведения, художник.

RAVINDRANAT TAGORE AS A PAINTER

Ravindranat Tagore (1861-1941) the eminent poet of not only India, but the whole East. The first Noble Prize Winner in the East has created highly artistic poetry, stories, novels and dramas. When he was 67 yars old he started drawing seriously and soon began one of the best painters of India. This article is devoted to another brink of talent of the twentieth century's great personality and the new age painter.

Key words: Rabindranath Tagore, the greatest poet of India and East, highly artistic works, artist.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Хабибулло Раджабов***-доктор филологических наук, профессор ТНУ

АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ ЖАНРИ НОВЕЛЛА ДАР АДАБИЁТИ ЛИБИЯ

К. Мусофиров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти Либия як қисми ҷудонашавандаи адабиёти муосири араб буда, проблема ва хусусиятҳои хоси худро дорад ва мо ҳам, пеш аз он ки дар бораи пайдоиши жанри ҳикоя ва новелла дар адабиёти ин кишвари араб сухан ронем, ба рушди таърихи адабиёти Либия мухтасар назар меафканем, ки барои дӯстдорони адабиёти араб чандон равшан нест.

Адабиётшиносони араб ва ҷаҳонӣ таърихи пайдоиши адабиёти Либияро ба асрҳои XII-XIII, ба давраи аз тарафи арабҳо забт кардани Африқои шимолӣ нисбат медиҳанд. Дар ин давра аввалин нишонаҳои назми классикӣ пайдо мешавад, ки он дар асрҳои миёна рӯ ба тараққӣ оварда. Аммо дар асри XVI аз тарафи туркҳои усмонӣ забт кардани Либия инкишофи илму маданиятро дар ин кишвар ба муддати дурудароз бозистод. Мардуми Либия саросар бесавод монданд. Дар чунин шаҳрҳои калон, ба монанди Тароблус, Гадамес, Мурзук, Бенғозӣ ва ғайра одамони камеро дучор омадан мумкин буд, ки хонда ва навишта метавонистанд.

Аз охирҳои асри X1X сар карда дар кишварҳои араб ҷунбиши азнавсозии маданият, ки дар таърихи тамаддуни араб бо номи «Ан- наҳза» машҳур аст, сар шуд. Ин ҷунбиш ва ҳаракат дар Либия танҳо дар аввалҳои асри XX характери оммавӣ пайдо намуд.

Ҳукмронии италяниҳо ба пешрафти маданияти Либия на камтар аз ҳукми туркҳо таъсир расонд. Либия бештар аз 30 сол (1911-1943) мустамликаи Италия буд. Дар ин

давра бисёр асарҳои назмию насрии адибони Либия беному нишон гум шуда рафтанд. Кӯшиши интелегенсияи мамлакат барои нигоҳ доштани маданияти миллии анъанавӣ ба зарбаи мустамликадорон дучор гашт. Лекин ба ҳама мушкилиҳо нигоҳ накарда назми рӯҳияи миллӣ ва ватанпарварӣ дошта дар мамлакат паҳн шуд ва мустаҳкам гашт. Шоирони он давра кӯшиш мекарданд, ки анъанаҳои куҳнаро дар адабиёт шиканданд ва дар ашъори худ ҳаёт, орзую омоли халқро реалистона тасвир кунанд. Онҳо ба ҳимояи занҳои беҳуқуқ баромад намуда, зулму истибдод ва истисмори инсонро аз тарафи инсон маҳкум мекарданд. Ҷолиби қайд аст, ки адибони ин давра ба таъсири аҷнабиён нигоҳ накарда, бо забони худ- бо забони арабӣ эҷод карданд.

Яке аз асосгузорони адабиёти муосири Либия Иброҳим ал – Усто Умар, Абурабӣ Берунӣ, ал- Фақиҳ Ҳасан ва дигарон мебошанд, ки дар асарҳои худ идеяи озодӣ ва истиқлолиятро тараннум намудаанд. Шоири халқӣ Мустафо бен Зикрӣ дар қасидаҳои худ оммаи халқро дар мубориза ба муқобили истисморгарони турк ва баъдтар италиявӣ даъват мекард. Фашизми Италияро зери танқиди сахт гирифтааст. Дар байни шоирони Либия мавқеи асосиро Муҳаммад Башир, Аҳмад Каннаба, Сулаймон Наъм ва дигарон ишғол намуданд, ки маънии ҳаётро дар мубориза баҳри озодии ватанашон медиданд. Ашъори онҳоро оммаҳои халқ дӯст медоштанд ва бо завқ мутолиа менамуданд.

Баъди истиқлолият пайдо кардани Либия илму маданият дар ин кишвар рӯ ба тараққӣ овард. Ба майдони адабиёт шоирони ҷавон, носирон, драматургон ва мунаққидони адабӣ омаданд. Мавзӯи асарҳои адабӣ – бадеӣ васеъ шуд. Шакли қадима ва анъанавии назми араб аз байн рафт. Он мазмуну мундариҷаи нав пайдо намуд.

Аз ҷумлаи шоирони муосир, ки адабиёти Либияро бо асарҳои зиёдашон ба зинаҳои баланди инкишоф расонданд, номи Алии Сидқӣ Абдуқодир, Холида Зағбия, Алӣ ал- Халлӣ, Ҳасан ас- Суса, Алӣ ал- Харотӣ, Абдураббӣ ал- Ғаноӣ, Анвар Сулаймонро қайд кардан мувофиқи матлаб аст. Баъзе аз онҳо асарҳои гаронбаҳое офариданд. Соли 1961 шоир ас- Суса барои силсилаи қасидаҳояш Мукофоти якумро дар конкурс гирифт, ки ҳар сол Вазорати ахборот ва планкашии Либия ташкил мекард.

Наср бошад дар Либия асосан баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон пайдо шуд. Ба майдони адабиёт ҷавононе омаданд, ки аз анъанаҳои қадимаи адабии гузашта озод буданд, ба адибони пешқадами ҷаҳон ва пеш аз ҳама, ба нависандагони Миср бародарон Маҳмуд ва Муҳаммад Темуриҳо, ал- Хамисӣ, аш- Шарқавӣ, Тавфиқ ул- Ҳаким ва дигарон пайравӣ намуда эҷод мекарданд. Жанри новелла жанри асосии адабиёти муборизи Либия мебошад, ки тавлиди он ба солҳои 60-уми асри ХХ тааллуқ дорад.

Аввалин намунаҳои ин жанр дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо пайдо шуданд. Монанди нависандагони Миср ва кишварҳои Мағриб, насрнависони Либия манзараи ҳақиқии ҳаётро тасвир мекарданд, азобу кулфати одамонро нишон медоданд, ки оддитарин ҳуқуқро ҳам надоштанд. Онҳо мустамликадорони навбаромадро сахт маҳкум менамуданд. Дар асарҳои онҳо рӯҳияи инсондӯстӣ, ватанпарварӣ ва тараҳҳум ба ҳаёти мардуми оддӣ баръало ҳис карда мешуд.

«Новелла яке аз жанрҳои тезтаъсиркунандаи адабӣ мебошад, ки он аз дигар жанрҳои адабӣ дида бештар ба халқ наздиктар ва муфидтар аст», - менависад адабиётшиноси машҳури Миср Маҳмуд Амин ал- Алим.

Оре, ин ҳақ асту рост. Имрӯз мо бисёр адибони машҳури арабро зикр карда метавонем, ки ба навиштани асарҳои калон -достон, драма, роман ва ғайра гузаштаанд.

Мавзӯи асосии новелланависони муосири Либия- ин мубориза баҳри озодӣ ва баробарии иҷтимоӣ, баланд бардоштани дараҷаи зисту зиндагонии оммаҳои халқ, масъалаҳои камбағалӣ, урфу одат, хурофот ва ҷаҳолатпарастӣ аст.

Нависандаи машҳури Либия Мустафо ал- Мисуратӣ дар асари худ «Адабиёти Либия» роҳи тайнамудаи насри миллиро таҳлил намуда менависад, ки «Аз новеллаи муосири Либия бӯи дашту саҳро ва баҳр меояд, яъне, сарчашмаи пайдошавии новелла дар Либия – ин саҳро ва баҳр мебошад. «Дар ҳақиқат ҳам, муҳаббат ба ватан ва халқи он дар ҳар як новеллаи новелланависони Либия инъикос ёфтааст. Адабиётшиносони араб пайдоиши жанри новелларо дар адабиёти муосири Либия ба фаъолияти публитсистони машҳур Ваҳбӣ ал- Бӯрӣ ва Муҳаммад Комил ал- Ғӯлӣ марбут медонанд, ки аз солҳои 1935 сар карда, ҳикоя ва новеллаҳои худро дар саҳифаҳои рӯзномаҳои «Тароблус ал -Ғарб» ва «Барака ал- ҷадида» чоп мекарданд. Дар новеллаҳои ин ду адиб идеяи рад намудани маданияти Аврупо, муқобили Аврупо гузоштани Шарқ баръало

ҳис карда мешавад. Каҳрамонони асосии ҳикоя ва новеллаҳои онҳо ва дигар нависандагони Либия –ҳаёти арабони бадавӣ, моҳигирон, косибчиён, кӯчманчиён ва сокинони шаҳру деҳот бо ҳазор орзую омолашон мебошанд.

Солҳои 60-ум солҳои дигаргунсозиҳои амиқе дар иқтисодиёт, сиёсат ва маданияти ҷамоаи Либия буд. Соли 1969 дар Либия инқилоб ғалаба кард, сохти монархистӣ сарнагун карда шуд. Инқилоб аз тарафи зиёиён, синфи коргар, деҳқонон ва аҳли илму адаб дастгирӣ карда шуд. Ба майдони адабиёт як гурӯҳи калони адибони ҷавони тараққихоҳ омаданд, ки дар байнашон номи Мустафо ал- Мисуратӣ, Абдуқодир Абуҳарӯс, Рашид, ал-Хунӣ, Заима ал -Барунӣ, Муҳаммад Фарид Сейил, Муҳаммад Алфидоӣ, Толиб ар-Ровӣ, Башир ал-Ҳошимӣ, Халифа Ҳусайн Мустафо, Аҳмад Иброҳим ал-Фақиҳ, Комил Ҳасан Макҳӯр, Иброҳим ал Кунӣ, Муҳаммад Алӣ аш-Швейҳидӣ, Фавзӣ ал-Башта, Хаём Рамзӣ Дурдунчӣ (адиба), Халифа ат- Тиқбалӣ, Юсуф Шариф машҳур мебошанд, ки масъалаҳои оилавӣ, кӯдакон ва ғайра дар маркази эҷодиёти онҳо меистод.

Мо дар ин кори на чандон калони худ ҳаёт ва эҷодиёти баъзе аз новелланависони болоро мухтасар баён мекунем, ки бидуни ин роҳи тайкардаи адабиёти Либия ва пеш аз ҳама, пайдоишу инкишофи жанри новелларо дар Либия имрӯз тасаввур кардан номумкин аст.

Алӣ Мустафо ал- Мисуратӣ - яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти солҳои 60-ум, нависандаи машҳур ва ходими ҷамъиятии Либия мебошад, ки соли 1926 дар шаҳри Мисурат таввалуд шудааст. Алӣ Мустафо ал Мисуратӣ дар Искандария ва Қоҳира, дар Донишгоҳи исломии «ал- Азҳар» таҳсил намудааст. Ӯ чанд сол дар мактаб муаллими забони арабӣ шуда кор кардааст. Ӯ яке аз иштирокчиёни фаъоли ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ дар Либия мебошад. ал- Мисуратӣ директории радиокомитет, раиси Совети Олӣ оид ба масъалаҳои санъат ва адабиёт, аъзои Совети ахборотии Либия шуда кор кардааст.

Нависанда байни солҳои 1960-1964 аъзои парламенти мамлакат интихоб гардида буд. Дар ҳамин солҳо ӯ муҳаррири маҷаллаи «Хуна Тароблус ал- Ғарб» низ шуда кор кардааст. ал- Мисуратӣ шахсан рӯзномаи «аш- Шаъб» («Халқ»)- ро ташкил намуд, ки дар саҳифаҳои он ғайр аз материалҳои сиёсӣ- иҷтимоӣ, инчунин мақолаҳои адабӣ чоп мешуданд. Ал- Мисуратӣ яке аз асосгузорони Иттифоқи нависандагон ва эҷодкорони Либия ва дар солҳои 80-90 раиси он буд.

Ба қалами Алӣ Мустафо ал- Мисуратӣ, чи тавре адабиётшиносони араб қайд мекунанд, бештар аз 30 асарҳои хурду калони адабӣ, адабӣ –тадқиқотӣ, очеркҳо, дар бахши таърих ва тамаддуни Либия, маҷмӯаи мақолаҳои публицистӣ ва ғайра тааллуқ дорад. Ӯ соли 1982 як маҷмӯаи фолклорӣ- амсолу ақволи мардуми Либияро ҷамъ намуда, ба табъ расонд. Пеш аз ин, соли 1958 асари аввалини фолклории худ «Ҷуҳо фи Либия» («Ҷуҳо дар Либия»)- ро ба табъ расонда буд. ал -Мисуратӣ ба жанри новелла таваҷҷуҳи калон дорад ва бесабаб нест, ки дар байни асарҳояш ҳикояву новеллаҳо бештаранд, ки дар маҷмӯаҳои гуногун ба табъ расидаанд. «Мирсал», «Бодбони дарида», «Офтоб ва ғалбер», «Теппаи хокистар» ва ғайра аз маҷмӯаҳои ҳикояву новеллаҳои адабии баркамол мебошанд, ки нависанда дар онҳо ҳаракати миллӣ - озодихоҳии халқҳои арабро ҷонибдорӣ карда, империализми ҷаҳонӣ ва мустамликадориро сахт танқид ва маҳкум мекунад, оммаҳои халқро ба мубориза баҳри озодӣ ва истиқлолияти миллӣ даъват менамояд. Қаҳрамонони асосии новеллаҳои ал-Мисуратӣ – инҳо оммаҳои халқ, синфи коргари ҷавони Либия ва деҳқонон, зиёиёни ҷавон ва шууран тараққӣ карда истодаи Либия, муаллимони деҳот, аҳли касбу ҳунар мебошанд. Нависанда ба қувваю матонати оммаҳои халқ боварии калон дорад. Ал – Мисуратӣ, дар асарҳои худ он проблемаҳоеро ба миён мегузорад, ки имрӯз дар пеши ҷамъияти Либия ва халқи он меистанд. Масалан, нависанда дар як қатор новеллаҳояш ва аз ҷумла дар новеллаи «Муаллимаи мусулмондухтар», ки ба забони русӣ ва тоҷикӣ чоп шудааст, масъалаи озодии занонро дар ҷамъият ба миён мегузорад. Муаллиф дар як новелла урфу одатҳои куҳнаро танқид карда, он падаронеро, ки духтарҳои худро байни чор девори хона нигоҳ медоранд ва садди роҳи хондану маърифатнок шудани онҳо мегарданд, сарзаниш мекунад. Фикри болоро гуфтугӯе, ки байни падари духтар ва муаллими кирӣ, ки ба духтараш бояд дарс медод, чунин шартҳо мегузорад:

«Якум: Ман духтари яккаю ягона дорам, ту ӯро таълим медиҳӣ… Шарт ҳамин, шумо бояд ҳамдигарро набинед.

Дуюм: Ту номи духтари маро набояд донӣ, барои донистан накӯшӣ, ӯ ҳам номи туро бояд надонад.

Сеюм: Машғулиятҳо танҳо дар ҳузури ман бояд гузаранд.

Чорум: Агар ман банд бошам, маро кампири доя иваз мекунад

Панҷум: Машғулиятҳоро ҳамеша дар соати се бояд гузаронд.

Шашум: Ба духтари ман танҳо қонунҳои динӣ ва забони арабиро ёд медиҳӣ, вассалом!

Хафтум: Навиштан қатъӣ мамнӯъ аст. Бинобарин, дафтар, қаламу қоғаз лозим нест.

Ҳаштум: Шуморо аз ҳамдигар пардаи ғафсе ҷудо мекунад.

Нуҳум: Гуфтугӯе, ки ба рафти таълим дахл надорад, қатъӣ ман аст.

Даҳум: Дар вақти машғулият хандидан мумкин нест.

Ёздаҳум: Ҳазл, шухӣ ва аскияву латифагӯӣ байни шумо набояд шавад.

Дувоздаҳум: Сурудхонӣ ва шеъргӯӣ ҳам тамоман манъ карда мешавад.

Сенздаҳум: ҷавоб ба саволҳо як хел шавад: ҳа ё не, шарҳ лозим нест.

Фаромӯш накун: ман аз оилаи кӯчманчиам, ҳамаро мебинам ва мешунавам. Аз ман ҳеҷ чиз пинҳон монда наметавонад.

Ҳамин тавр, тамоми новеллаҳои ал-Мисуратӣ мазмуну мундариҷа ва ғояву идеяи баланд доранд ва бо шавқ ҳар як хонанда онҳоро мутолиа мекунад.

Абдулло ал – Ғувейрӣ - низ намояндаи адабии солхои 60-ум, яке аз нависандагони тараққихоҳи Либия мебошад, ки асосан дар жанри ҳикоя ва новелла асар менависад. Ба қалами ал – Ғувейрӣ якчанд маҷмӯаҳои новеллаҳо тааллуқ дорад, ки дар байнашон новеллаҳои маҷмӯаи аввалини ӯ ба номи «Ҳаёти онҳо» аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа фарқ мекунанд. Ин маҷмӯа соли 1960 чоп шуда баромад. Дар ин маҷмӯа нависанда ҳаёти мардуми Либияро не, балки ҳаёти Мисрро дар давраи таҷовузи сегона ба Миср тасвир мекунад. Нависанда ба ҳаёти мардуми бодиянишин, қабилаҳо, ҳаёти деҳот, шаҳриён ва хаёти пурҷӯшу хурӯши онҳо аҳамияти махсус медиҳад.

Абдулло ал- Ғувейрӣ дар эҷодиёти худ афкори пешқадаму демократиеро давом медиҳад, ки асосгузори он Алӣ Мустафо ал-Мисуратӣ буд.

Дар инкишофи адабиёти ҷавони Либия ва хусусан жанри ҳикояву новелла хизмати Ахмад Иброҳим ал- Фақиҳ хеле калон аст. Ал- Фақиҳ насрнависи машҳур , публитсист, драматург, ходими ҷамъиятӣ мебошад, ки соли 1942 дар шаҳри Мизде таваллуд шудааст. Ал- Фақиҳ дар Қоҳира ва Лондон таҳсил кардааст. Ӯ солҳои дароз дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо ва радио ҳамчун мунаққид ва публитсист баромад мекард. Чанд сол роҳбари шуъбаи санъат ва адабиёт дар Вазорати ахборот ва маданият буд. Соли 1959 бошад бо ташаббуси ӯ дастаи театри миллӣ ташкил ефт. Ал- Фақиҳ барои ин дастаи саҳнавӣ на танҳо дар мавзӯъҳои иҷтимоӣ саҳначаҳо менавишт, балки дар фаолияти театр ҳамчун режиссёр, актёр ва оҳангсоз фаъолона иштирок мекард. «Рӯзномаи пагоҳирӯзӣ», «Меҳмони шабона» ва песаи мазҳакавӣ-мусиқии «Ханда ва Маҷур» аз ҷумлаи он асарҳои саҳнавие мебошанд, ки ба қалами ал-Фақиҳ тааллуқ доранд ва онҳоро театри миллии Либия ба саҳна гузошт.

Ба қалами Аҳмад Иброҳим ал-Фақиҳ инчунин якчанд маҷмӯаи ҳикояву новеллаҳо тааллуқ дорад. Муҷмӯаи аввалини нависанда соли 1965 ба номи «Баҳри бе об» ба табъ расид. Баъди ин маҷмӯаҳои дигари муаллиф «Тасмаҳоро бандед» (1968), «Дарҳои бастаро мешиканем» (1972), «Ситораҳо пинҳон шуданд» (1976) чоп шуданд, ки дар байни хонандагон баҳои баланд гирифтанд. Онҳо ҳатто солҳои 1965, 1970 дар конкурсҳои беҳтарин новеллаҳои новелланависони араб сазовори ҷоиза дониста шуданд.

Аҳмад Иброҳим ал- Фақиҳ ҳаёти оммаҳои ҳалқи меҳнаткаш ва гуногункасбу корро бо самимият, бо истеъдоди баланд тасвир мекунад ва сабаби шӯҳрат пайдо кардани новеллаҳои ал- Фақиҳ ҳам нисбат аз дигарон маҳз дар ҳамин аст.

Ба забони русӣ якчанд новеллаҳои ал- Фақиҳ тарҷума шудааст, ки «Малах», «Саҳифаҳо аз Китоби майитин» аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Шахси дигаре, ки дар инкишофи жанри новелла дар адабиёти Либия бештар ҳисса гузоштааст ва имрӯз гузошта истодааст ин Комил Ҳасан ал- Макҳӯр (тав. 1945)

мебошад, ки дар Либия ҳамчун нависанда, рӯзноманигор ва ходими ҷамъиятӣ шуҳрат дорад. Касби асосии ал-Макҳӯр ҳуқуқшиносист, аммо ба нависандагӣ, ба илму адаб низ дил бохтааст. Ал- Макҳӯр чанд сол дар суди олии мамлакат ба сифати муфаттиш, баъд намояндаи доимии Либия дар Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида, сафири Либия дар Франция кор кардааст. Инчунин намояндаи Либия дар комиссияи Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида оид ба ҳуқуқи одам кор кардааст.

Ба қалами ал-Макҳӯр якчанд маҷмӯаи новеллаҳо тааллуқ дорад, ки машҳуртарини онҳо «14 ҳикоя дар бораи шаҳри ман» ва «Чормех кардан» мебошанд. Маҷмӯаи охирин асосан ба ҳодисаҳои инқилоби соли 1969, ки сохти подшоҳӣ дар Либия сарнагун карда шуд, бахшида шудааст. Ҷолиби қайд аст, ки новеллаҳои ал-Макҳӯр хеле кӯтоҳ буда, мазмуну мундариҷаи амиқ ва иҷтимоӣ доранд. Аз ин ҷост, ки хонандагон бо завқ онҳоро мехонанд ва мутолиа мекунанд. Баъзе асарҳои нависанда бо забони русӣ тарҷума шудаанд.

Дар инкишоф додани жанри новелла ва ғанӣ гардонидани он ҳиссаи Иброҳим ал-Кунӣ низ хеле калон аст. Ал-Кунӣ ходими матбуот ва нависандаи намоёни Либия мебошад, ки соли 1948 дар ш. Тодамес, дар ҷанубии Либия таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаб ӯ ходими шуъбаи адабии рӯзномаҳои «Ал-Билод» ва «Феззан» шуда кор кардааст. Ал Кунӣ баъди инқилоби соли 1969 муҳаррири шуъбаи мадании рӯзномаи «ас-Савра» шуда кор кард, ки органи қувваҳои мусаллаҳи Либия мебошад. «ал-Кунӣ» яке аз барандаҳои қисми мадании радиои Либия машҳур аст. Ҷолиби қайд ва таваҷҷуҳ аст, ки Иброҳим ал-Кунӣ солҳои 1970-1977 дар ш. Москва таҳсил намуда, Институти адабии ба номи Горкийро тамом карда аст. Ӯ муаллифи китоби «Таърихи ҳаракати инқилобӣ дар Либия» «ва Сахара» ва «Танқиди конференцияи афкори инқилобӣ» мебошад, ки соли 1979, яъне 10 сол баъд аз инқилоб навишта шуда, дар Бейрут ба табъ расидааст. Инчунин ба қалами ал-Кунӣ маҷмӯаҳои «Қайдҳои марди ғариб» (1974), «Намози қазоӣ» (1974) «Оҳанги ягона» тааллуқ доранд. Яке аз новеллаҳои машҳури ал-Кунӣ «Як қатра хун» мебошад, ки ба аксари забонҳои олам, аз ҷумла бо забони русӣ тарҷума шудааст. Иброҳим ал- Кунӣ солҳои 1978-1986 намояндаи мадании Либия дар Полша буд. Ӯ тайи солҳои тӯлонӣ сармуҳаррири маҷаллаи адаби – сиёсии «ас-Садақа» шуда кор кард, ки ба забони полякӣ интишор мешуд. Ал-Кунӣ инчунин муддати тӯлонӣ мухбири махсуси маҷаллаи «Тадқиқотӣ таърихӣ» дар шаҳри Москва буд.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст: Иброҳим ал-Кунӣ нависандаи пурмаҳсул, баркамолу шинохта ва ходими ҷамъиятӣ буда, дар пешрафти ҳаёти адабӣ ва сиёсию иҷтимоии халқи Либия солҳои тӯлонӣ ҳиссагузорӣ дорад.

Новелланависи дигари машҳури Либия Муҳаммад Алӣ аш-Швейҳидӣ мебошад, ки соли 1942 дар Бенғозӣ таваллуд шудааст. Ӯ соли 1971 факултаи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи Тароблусро бомуваффақият хатм мекунад. Алӣ аш – Швейҳидӣ ҳамчун ходими матбуот шуҳрат дорад. Ӯ муддате муҳаррири рӯзномаи « ал-Ҳақиқат» буд. Дар бенғозӣ ӯ раиси Бюро оид ба масъалаҳои адабиёт ва санъат, солҳои 70-ум бошад сармуҳаррири маҷаллаҳои «ас-Савра», «ал-Ҷиҳод», «ас- Сақофа ал- арабия» шуда кор кардааст. Инак чанд сол аст, ки аш - Швейҳидӣ роҳбари Ассотсиатсияи матбуоти Либия мебошад.

Алӣ аш – Швейҳидӣ муаллифи чандин маҷмӯаи ҳикояву новеллаҳо мебошад. «Ғамҳои якрӯза» (1973), «Шоҳидӣ додани шахси бинанда» (1976), «Пуртоқатон» беҳтарин маҷмӯаҳои нависанда мебошад, ки бисёре аз онҳо бо забонҳои дунё, аз ҷумла, бо русию тоҷикӣ тарҷума шудаанд.

Маҷмӯаи «Ғамҳои як рӯза» («Аҳзон ул – навм воҳид») чунон ба хонандагони араб маъқул шуд, ки он ҳатто соли 1978 бори дуюм нашр гардид. Маҷмӯа 14 новеллаҳои кӯтоҳ- кӯтоҳро дар бар мегирад, ки аз рӯи мазмун ва мундариҷа аз якдигар фарқ мекунанд ва дар мавзӯъҳои мухталифи рӯзмарраи ҳаёти меҳнаткашони Либия навишта шудаанд. Беҳтарин новеллаҳои маҷмӯа «Туҳфа», «Хоббинӣ», «Баромадан манъ аст», «Эътирофи бегуноҳ» ва ғайра мебошанд, ки бо як забони ширин, сода ва оммафаҳм иншо шудаанд. Алӣ аш – Швейҳидӣ дар Либия, дар дигар мамлакатҳои Араб ва берун аз он хонандагони зиёде дорад. Ӯ бо эҷодиёти худ писандидаи оммаҳои халқ гаштааст.

Халифа ат – Тиқболӣ (1938-1966) яке аз новелланависони ҷавону боистеъдоди Либия буд, ки хеле барвақт саҳнаи адабиётро тарк намуд. Аммо ӯ ба умри кӯтоҳаш

нигоҳ накарда, дар қалби ҳазорҳо хонандагон бо асарҳои пурмазмуну баландидеяаш маскан гирифт.

Соли 1966, соле, ки нависанда аз дунё чашм пӯшид, маҷмӯаи новеллаҳои ӯ бо номи «Ошӯб» ба табъ расид. Соли 1976 маҷмӯаи якҷилдаи ҳикояҳои ӯ бо номи «Асарҳои ҷамъкардашуда» ба табъ расонида шуд. Новеллаҳои ат-Тиқболӣ характери сиёсӣ дошта, ба муборизаи фаъоли оммаҳои халқ ба муқобили мустамликадорон ва империализми ҷаҳонӣ бахшида шудаанд.

Новелланависи имрӯз бисёр машҳури Либия Абдуқодир Абӯхарӯс мебошад. Ин нависандаи сермаҳсул бо ҳикояву новеллаҳои худ ба воситаи радио ва телевизор ва саҳифаҳои рӯзномаҳои «Ҳуна Тароблус ал - Ғарб», «Ҷаридат Тароблус ал -Ғарб» ва ғайра мунтазам баромад мекунад,

Ба қалами Абдуқодир Абӯҳарӯс якчанд маҷмӯаҳои ҳикояву новеллаҳо таалуқ дорад, ки дар байнашон бештар маҷмӯаи «Ҷонҳои ба истироб омада» муаллифи шаҳир аст, ки соли 1957 ба табъ расидааст. Абӯҳарӯс аксар дар мавзӯъҳои иҷтимоӣ, озодии занону духтарон, масъалаҳои оилавӣ ва ғайра асар менависад. Ҷолиби қайд аст, ки ду новеллаи Абӯҳарӯс «Арӯси импортшуда» ва «Тӯй аз рӯи шариат» ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ тарҷума шуда писанди хонандагон гаштаанд.

Солҳои 60-ум новелланависи ҷавон Юсуф Шариф (тов. 1938) ба ҳикояву новеллаҳои худ дар байни аҳли адаб ва хонандагон шуҳрат пайдо кард, ки факултети гуманитарии Донишгоҳи Тароблусро хатм намудааст.

Ибтидои фаъолияти адабии Юсуф Шариф ба солҳои 1958-1959 таалуқ дорад. Дар ин давра ӯ якчанд ҳикояҳо чоп кунонд, ки диққати хонандагони бешуморро ба худ ҷалб намуд. Юсуф Шариф яке аз асосгузорони новеллаи навин дар адабиёти муосири Либия маҳсуб мешавад.

Юсуф Шариф фаъолияти илмиашро ба корҳои эҷодӣ- адабӣ якҷоя пеш мебарад. Ҳозир ӯ декани факултаи табиатшиносии Донишгоҳи Тароблус мебошад. Шариф барои фаъолияти адабиаш сазовори бисёр мукофотҳои давлатӣ гардидааст.

Шариф муаллифи якчанд маҷмӯаҳои ҳикоёт ва новеллаҳо, аз ҷумла: «Девор» (1965), «Пойҳои урён» (1975), «Баҳри бе об» ва ғайра мебошад. Шариф дар конкурси «Новеллаҳои кӯтоҳ» соли 1965 барои маҷмӯаи «Девор» сазовори Мукофоти сеюм гардид.

Дар байни шоирону нависандагони Либия адибаҳо низ кам нестанд. Яке аз чунин адибаҳои намоён ва машҳур, ки на танҳо дар Либия, балки дар тамоми олами араб машҳур аст, – ин Хаём Рамзӣ Дурдунҷӣ (тов.1942) мебошад, ки дар Либия ва Фаластин иқомат карда, ба камол расидааст. Хаём Рамзӣ соли 1965 факултаи адабии Донишгоҳи Тароблусро хатм намуд. Ӯ муддате ба касби муаллимӣ шуғл пардохт. Хаём аз айёми донишҷӯияш ба илму адаб мароқ зоҳир намуда, асарҳои адибони замонаш ва гузаштаро чуқур меомӯзад, дар ҷамъомадҳои адабӣ, конференцияҳо ва баҳсҳои адабӣ фаъолона иштирок мекунад.

То солҳои 70-ум агар Хаём Рамзӣ ҳамчун шоира ном бароварда бошад, пас баъди солҳои 70-ум ӯ ҳамчун насрнавис машҳур мегардад. «То вохӯрӣ дар Яффа» (1970), «Хайр рӯзи гузашта» (1972), «Нахл ва тӯфон» беҳтарин повесту романҳои ӯ мебошанд. Соли 1979 бошад аввалин маҷмӯаи новеллаҳои ӯ ба табъ расид, ки мақбули хонандагон гашт. Адиба асосан дар асарҳои худ образи занону духтаронро тасвир намуда, озодию баробарҳуқуқии онҳоро дар ҷамъият талаб мекунад.

Баъди сарнагун шудани сохти монархистӣ ва ба сари ҳокимият омадани қувваҳои тараққихоҳ дар Либия дигаргуниҳои калони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию маданӣ ба вуқӯъ омад. Инқилоби соли 1969 тамоми қувваҳои эҷодиро бедор кард. Ба майдони адабиёт ҷавонони эҷодкор омаданд, ки онҳо бо асарҳои худ идеяҳои инқилоб ва дигаргунсозии куллиро дар мамлакат дастгирӣ намуданд.

Ҷолиби қайд аст, ки адабиёти Либия нисбат ба адабиёти Мисру Ироқ, Сурияву Лубнон, Тунису Алҷазоир, Судону Урдун ва дигар мамолики араб ҳанӯз ҷавон бошад ҳам, лекин босуръат тараққӣ карда, мавқеи худро дар байни адабиёти халқҳои дигари араб мустаҳкам карда истодааст.

Осори адибони муосири Либияро имрӯз тамоми халқҳои ҷаҳон мехонанд ва мутолиа мекунанд. Дар собиқ кишвариҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бошад, шиносоӣ бо адабиёти Либия асосан аз солҳои 60-ум сар мешавад. Аввалин намунаҳои ашъори

шоирони Либия дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо интишор мешаванд. Соли 1964 бошад дар Москва маҷмӯаи шеърҳои шоирони Либия бо номи «Шеърҳои шоирони Либия» ба табъ расид. Силсилаи калони ҳикоя ва новеллаҳои насрнависони Либия низ дастраси хонандагони шуравӣ шуданд, ки «Тӯй аз рӯи шариат» ва «Арӯси хориҷӣ»- и Абӯҳарӯс, «Муаллими мусулмондухтар» ва «Туҳфа ба соҳибҷашн»-и ал- Мисуратӣ, «Айбдоркунӣ»-и Ғувейрӣ, «Барои дигарон»-и ат-Тиқболӣ, «Саҳифаҳо аз « Китоби майитин»-и ал-Фақиҳ, «Садои табл», «Сагҳо», «Намози қазоӣ» ва «Як қатра хун»-и Иброҳим ал-Кунӣ, «Интихоби арӯс», «Орзӯҳои амалӣ нашуда»-и Алӣ аш-Швейҳидӣ, «Фортуна» ва «Алами падар»-и Юсуф Шариф намунаҳои беҳтарини новеллаҳои новелланависони Либия мебошанд, ки бо забони русӣ ва дигар забонҳои халқҳои собиқ Шӯравӣ ва аз ҷумла, қисман ба забони тоҷикӣ дар тарҷумаи Комил Мусофиров, Қосимбек Насимов, Уктамҷон Холиқов ва дигарон дастраси хонандагони тоҷик гаштаанд.

Соли 1980 ва 1985 дар Москва ду маҷмӯа бо номи «Асарҳои мунтахаби нависандагони Африқои шимолӣ» ва «Садои табл дар саҳро» баромад, ки маҳз новеллаҳои адибони Либияро дар бар мегиранд.

Хулоса, адабиёти муосири Либия ва жанрҳои навини он ба монанди жанри новелла, дар алоқа бо адабиёти халқҳои дигари араб, имрӯз дар пешравӣ, такомул ва инкишоф аст. Адабиёти муосири Либия анъанаҳои гуманистии пешқадамро имрӯз тараққӣ дода истодааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Азия и Африка сегодня, № 2, 1982
2. Барабан пустыни. Сборник Современная Либийская новелла. -М., 1985.
3. Восточный альманах. Выпуск десятый. -М., 1982.
4. Восточный альманах. Выпуск пятнадцатый. -М., 1987.
5. Дорогая наша земля. М., 1967.
6. Современная арабская литература.- М., 1960.
7. Современная Ливия. -М., 1965
8. Натянутая струна. «Правда» 21.01.89.
9. Муҳамад Алӣ аш-Швейхидӣ. Аҳзон ал-йавм ал-воҳид.-Тароблус, 1978.
10. Комил Мусофиров. Шарораи аввал (Маҷмӯаи адибони араб). -Душанбе, 1988.

К ИСТОРИИ РАЗВИТИЯ ЖАНРА «НОВЕЛЛА» В ЛИВИЙСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Сататья посвящена изучению истории возникновения и развития жанра «Новелла» в Ливийской литературе.Автор на основе арабских и русских источников отчетливо показывает историю возникнования жанра «Новелла» в ливийской литературе и рассказывает об основателе данного жанра и выдающихся его представителей.

Ключевые слова: жанр «Новелла» в ливийской литературе, история возникновения жанра «Новелла», новеллы новеллистов Ливии, арабский язык, арабский и русский источники.

TO DEVELOPMENT OF THE GENRE OF "NOVELL" IN THE LIBYAN LITERATURE

Сататья it is devoted to history of emergence of a genre of "Short story" in the Libyan literature.

The author on the basis of the Arab and Russian sources distinctly shows history of a vozniknovaniye of a genre of "Short story" in the Libyan literature and tells about the founder of this genre and its outstanding representatives.

In article three Short stories of short-story writers of Libya, perevednny are offered for an example to authors from the Arabic language on tadzhikisky language.

Key words: genre "Short story" in the Libyan literature, history of emergence of a genre "Short story", short stories of short-story writers of Libya, the Arabic language, the Arab and Russian sources.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***К. Мусофиров*** – кандидат филологических наук, доцент ТНУ

ПОЭТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА ДЕТСКИХ СТИХОВ ГУЛЧЕХРЫ СУЛАЙМОНОВОЙ

Дж. М. Исломова
Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни

Коммуникация, в том числе порождение и понимание текстов, строится на теснейшем взаимодействии знаний двух видов - языковых и внеязыковых. Это взаимодействие, имеющее место в любом отдельно взятом тексте, особенно явственно обнаруживается в теоретическом анализе при сопоставлении текстов, представляющих разные языки и, соответственно, разные культуры, а на практике - в условиях интеркоммуникации, то есть общения между носителями разных языков и разных культур. В самом деле, текст как единица коммуникации и законченное речевое произведение несёт определённую информацию, в которой могут также отражаться факты и особенности данной национальной культуры в широком смысле слова - истории, политического и социального строя, материального производства, искусства и т.п. Эта часть содержания текста вместе с соответствующими языковыми средствами и образует национально-культурный аспект текста.

В национально-культурном аспекте текста могут быть выделены универсальные (общечеловеческие), региональные (ограниченные рядом национальных культур) и национально-специфические элементы. Признавая за лексическим значением слова функцию вторичного отражения действительности, осуществляемую через понятие, следует считать, что каждому типу понятия соответствует определенный компонент лексического значения слова: рациональному понятию - информативный компонент лексического значения слова, соответственно эмоциональному - прагматический.

Одной из важных и ярких страниц многонациональной литературы и культуры является современная школа литературного перевода.

Перевод на русский язык литературных произведений каждого из советских народов и знакомство с ними посредством русского языка в мировом масштабе, творческое развитие поэтов и писателей национальных республик стало возможным благодаря новому направлению в культуре и искусстве – художественному переводу.

Перевод художественных произведений классической и советской таджикской литературы на русский и другие языки мира, хотя и осуществляется достаточно давно, однако произведения детской литературы начали переводить сравнительно недавно. Первые попытки такой работы отмечаются в тридцатых годах. Однако действительно серьёзно и основательно произведения детской литературы начали переводить на русский язык в 60-70 годы.

В этот период переводчики и детские русские писатели – Я. Аким, В. Орлов, Н. Гребнёв, И. Мезин, Т. Стрешнева, М. Тарасова, С. Корнеев, В. Суслов, М. Фофанова, Ю. Нейман и многие другие стали зачинателями традиций школы художественного перевода в детской литературе и наряду с переводами произведений К. Чуковского, С. Маршака, С. Михалкова, прилагали большие усилия для популяризации таджикской детской литературы.

Благодаря усилиям перечисленных переводчиков стало возможным напечатать на русском языке произведения детской литературы, написанные М.Миршакаром, Г.Сулаймоновой, У. Раджабом, Н.Бакозаде, Н.Разыком и другими таджикскими писателями в таких издательствах, как «Детская литература», «Молодая гвардия», «Советский писатель» и познакомить с ними миллионы читателей.

Всестороннее исследование творчества этих писателей в русском переводе, вообще история перевода детской литературы, различных ступеней её развития превратилось в одну из важнейших и актуальных задач литературоведения. Мы не ставим в этой статье задачу всестороннего анализа этой проблемы, а лишь затрагиваем некоторые грани переведённых блестящих произведений таджикских писателей Гульчехры Сулаймоновой, Убайда Раджаба, Наримона Бакозаде.

Гулчехра Сулаймонова – известная детская писательница. Широко известны такие прекрасные переводы её произведений как «Сорок косичек» («Детская литература» 1974), «Полевой цветок» («Советский писатель» 1980), «Деревушка…» («Маориф») 1983.

Переводами её произведений на русский занимались Н.Требнев, В. Орлов, Я. Аким, И.Мазин, Т.Стрешнева, М. Тарасова, М. Фофанова.

Как мы видим, переводами произведений Гульчехры Сулаймоновой занимались разные переводчики. И поэтому можно утверждать, что все они отличаются друг от друга, так как каждый переводчик имеет своё видение переводимого произведения.

Понимая Гулчехру Сулаймонову по-своему, переводчики постарались донести до читателя своё понимание её творений.

Переводчики, которых мы упоминали выше, имеют большой опыт переводческой деятельности, каждый из них имеет свой своеобразный стиль, свои способы и методы перевода, отвечающие требованиям, предъявляемым к переводу детской литературы.

Например, сборник «Сорок косичек» со стихотворением «Бодом» («Миндаль») перевёл Н.Гребнёв. В подтверждение художественных достоинств этого стихотворения можно отметить, что 25 мая 1973 года оно было отмечено медалью. Однако при сравнении подлинного текста с переводом, с сожалением отмечаем, что русский читатель не сможет до конца понять и по достоинству оценить все тонкости оригинала. Гулчехра Сулаймонова в своём стихотворении красочно описывает весну, цветение миндаля, восторг и радость детей, однако перевода этих определений не было сделано.

Переводчик 7 строф трансформировал в 4, а 27 строк в 18, строфы 2,3, 6 и 7 не были переведены вообще.

Последняя строфа перевода:

Будто прошептал миндаль:
«Мне для вас добра не жаль!
Не гранаты, не орех
Зеленеют раньше всех, -
Расцветать весной земля
Начинает с миндаля!»[1]

Местами наблюдается творческая обработка стихотворения самим переводчиком. Моменты, пробуждающие интерес и формирующие эстетический вкус детей, отрывочны, приведены частично.

«Миндаль» был вторично переведён М. Тарасовой в 1980 году. Её перевод ближе к оригиналу, нежели перевод Н.Гребнёва, однако и этот перевод не лишён погрешностей, и он не начинается с первой строфы:

Дар рӯи ҳавлии мо
Гул карда бодом
Бодоми хушрангу бу,
Бодоми бобом.

Этот момент очень важен для восприятия всего стихотворения в целом. Пейзаж, описанный во второй строфе, также очень важен, однако, переводчики не придали им должного внимания.

Например, указанная строфа в переводе М.Тарасовой:

Чун духтари озода,
Курташ сафед.
Ҳавас карда нигарад
Ба суяш хуршед.

В какие он шелка одет,
И в каждом нежном лепестке
Разлит победоносный свет (!?) (для ребёнка это вряд ли понятное выражение)
Дрожащий на моём виске (!?)

Во-первых, выбрана лексика, которую трудно воспринимать детям. Во- вторых, в переводе отсутствует образы, присутствующие в оригинале – «солнечный взор» (нигоњдоштани хуршед), сравнение цветущего миндаля с белым нарядом девушки.

Популярная песенка «Бабушка» («Бибиљонам»)олицетворяет не просто бабушку, милого, родного, близкого человека. Бабушка Гулчехры Сулаймоновой и бабушка в переводе Н.Гребнёва схожи в описании, но есть между ними неуловимая сразу разница. Схожесть проявляется в форме и мелодике стиха. Однако оригинальный образ гораздо глубже, чем

этот же образ в переводе, он обращён к эстетическому миру ребёнка, в нём много детской неподкупной доброты, искренности.

Раздаётся скрип ворот –
Бабушка моя идёт.

С этого бейта начинается перевод стихотворения, но в нём первая строка принадлежит не автору, а переводчику, кстати очень удачно сделанная им. Затем автор - переводчик почему-то отказывается от трёх строчек, следующих за строкой «Бибиљонам меояд» («Бабулечка идёт»), в которых помимо смысловой нагрузки идёт смещение звуков, наслоение мелодичных, отточенных слов:

Дилу ҷонам меояд,
Аз раҳи дур меояд.
Базӯр-базӯр меояд[1]

И сразу же после строки *Бабушка моя идёт* идет следующий перевод:

У неё полны карманы
И орехов и сластей
Мне приход её желанней
Чем приход других гостей… [2]

Тут, на наш взгляд, помимо отдельных неточностей в первых двух строках несколько не согласуются слова «*Мне приход её желанней, Чем приход других гостей».* Утеряна также связующая нить с заключительным бейтом:

Бабушка моя кладезь сказок,
Бабушка моя неповторима, единственная в своём роде.

Нам думается, что эти упущения являются издержками подстрочных переводов, при выполнении которых не акцентируется внимание на эти важные элементы выражения мыслей и чувств авторов стихотворений. Это подтверждается тем, что в стихотворении немало удачных, на редкость великолепно переведённых строф, таких, например, как эта:

Подбегу я к ней сначала,
Поцелую посильней, (сказано чисто по-таджикски)
Постелю ей одеяло,
Принесу подушки ей.

Перу Н.Гребнёва принадлежит также перевод стихотворения «Наргиси мо» («Наша Наргис»), выполненный на высоком художественном уровне.

В переводе этого стихотворения Н.Гребнёв сохранил систему образов, мелодику и ритм оригинала, дал описание Наргис словами её маленькой сестрёнки.

Не была Наргис у нас
Никогда бездельницей,
Подросла Наргис у нас
Стала рукодельницей… (-, 16)

Таким образом, переводческая школа произведений детской таджикской литературы ушла далеко вперёд, те, кто занимаются такими переводами, обладают хорошими знаниями психологии и поэтическими особенностями произведений для детей.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Гулчехра Сулаймонова «Шаддаи марҷон».- Душанбе «Ирфон», 1976.
2. Гулчехра Сулаймони Нихол – «Саженец».- Душанбе: Ирфон, 1979.
3. Гулчехра Сулаймони Айёми гули лола – «Время цветения».-Душанбе:Маориф, 1982.
4. Бобокалонова Дж. Особенности развития таджикской детской литературы.- Душанбе :Ирфон, 1984.
5. Бобокалонова Дж . Таджикская детская литература.-Душанбе: Маориф, 1982
6. Гульчехра С. Падарам (Отец).-Девони Пайрав (Диван Пайрава).-Душанбе:Ирфон, 1971.
7. Гульчехра С. Чил кокули бозангар (Сорок косичек).-Душанбе:Ирфон, 1973.

ПОЭТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА ДЕТСКИХ СТИХОВ ГУЛЧЕХРЫ СУЛАЙМОНОВОЙ

В данной статье рассматривается вопрос о поэтических особенностях детских произведений таджикской поэтессы Гулчехры Сулаймоновой. Автор анализирует переводы детских стихотворений поэтессы на русский язык несколькими переводчиками.

Ключевые слова: перевод, детская литература, стихотворения, взаимодействия, поэты, творчество.

POETIC SPECIFICATION OF THE TRANSLATION OF CHILDREN'S POEM OF GULCHEHRA SULAIMONI ISLOMOVA J.M.

Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ainy

There is considering issues and poetic specialties of children's novels of tajik poem Gulchehra Sulaimonova. The author is analyzing the translation of children's poems of poem in Russian language by the number of translators.

Key words: Translation, children's literature, poem, interaction, poets novelism.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Дж. М.Исломова*** - старший преподавтель ТГПУ им. Садриддина Айни

ТАЪЛИМОТИ НАҚШБАНДИЯ ВА ИНЪИКОСИ ОҲ ДАР ОСОРИ МАВЛОНО АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Муҳриддин Низомов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нақшбандия аз пешқадамтарин ва сернуфузтарин ҷараёнҳои тасаввуфӣ дар Осиёи Марказӣ ва Хуросон аст, ки дар садаи 14 бо кӯшиши Баҳоуддини Нақшбанди Бухороӣ таъсис ёфтааст. Асосҳои идеявии ин силсила дар заминаи таълимоти орифи садаи XII Абдулхолиқи Ғиждувонӣ устувор шуда, Баҳоуддин ва пайравони он ин таълимотро такмил додаанд. Дар садаи 15, яъне дар давраи Темуриён ин силсила дар ҳудуди васее аз манотиқи тобеи ин ҳукумат интишор ёфт ва таъсири пешвоёни он ба ҳадде буд, ки давлатмадоронро низ зери нуфуз қарор дода буд. Аз амир Темур сар карда, хонадони темурӣ ба машоихи кибори сӯфия эҳтиром қоил буданд ва худи Темур ба ҳар шаҳре, ки ворид мешуд, ба зиёрати машоих ва ё мақбараи орифони гузашта мерафт. Дар тавсеаи дастгоҳи ҳукумати Темуриён низ нақши машоихи сӯфия, махсусан пешвоёну пайравони Нақшбандия басо бузург буд. Ба назари донишманди урупоӣ Леонардо Люзан он чи пояҳои салтанати Темуриёнро қувват бахшид, се ниҳоди иҷтимоӣ-шариат, муассисоти авқоф ва тариқатҳои сӯфия буд.

Иртиботи Мавлоно Ҷомӣ бо тариқат ва пешвоёни силсилаи Нақшбандия, тавре ки худи ӯ қайд кардааст, ҳанӯз аз даврони кӯдакии ӯ дар муҳити хонавода ва ошноӣ бо яке аз бузургони ин силсила Хоҷа Муҳаммади Порсо оғоз шудааст. Вохӯрии Абдурраҳмони ҷавон бо Хоҷа Муҳаммади Порсо умре ӯро таҳти таъсир қарор дода будааст. Дар "Нафаҳот" дар ин бора менависад: "Ва чун дар муҳаррами санаи иснатайн ва ишрин самонамоа юба нияти тавофи Байтуллоҳ ва зиёрати набийа алайҳиссалот вассалом аз Бухоро берун омаданд ва ...равон шуданд, ҳама ҷо содоту машоиху уламо мақдами шарифи эшонро муғтанам шумурданд ва ба икрому эъзози тамом талаққӣ намуданд. Ба хотир меояд, ки чун аз вилояти Ҷом мегузаштанд ва ба қиёс чунон менамояд, ки дар авохири ҷимодиюлаввал ё авоили ҷимодиюлухро буду бошад, аз соли мазкур падари ин фақир бо ҷамъе касир аз ниёзмандону мухлисон ба қасди зиёрати эшон берун омада буданд ва ҳанӯз умри ман панҷ соли тамом нашуда буд. Яке аз мутааллиқонро гуфт, ки маро бар дӯш гирифта, пеши маҳфаи маҳфуф ба анвори эшон дошт. Эшон илтифот намуданд ва як сар наботи кирмонӣ иноят фармуданд ва имрӯз аз он шаст сол аст, ҳанӯз сафои талъати мунаввари эшон дар чашми ман аст ва лаззати дидори муборaки эшон дар дили ман. Ва ҳамоно, ки робитаи ихлосу эътиқоду иродату муҳаббате, ки ин фақирро нисбат ба хонадони хоҷагон воқеъ аст, ба баракати назари эшон буда бошад. Ва умед медорам, ки ба юмни ҳамин робита дар зумраи муҳибону мухлисони эшон маҳшур гардам"[6, 397-398].

Агар зиндагии Ҷомиро ба се давра тақсим кунем, марҳилаи аввал давраи кӯдакию донишандӯзӣ, марҳилаи дувум пайвастани ӯ ба тариқати Нақшбандия ва марҳилаи сеюм ҳосилу дастоварди ду марҳилаи аввал, яъне марҳилаи таълифу тасниф аст.

Дар марҳилаи дувум, пас аз таҳсили мадрасаву такмили дониш назди донишмандони машҳури Самарқанд, Мавлоно Ҷомӣ ба Ҳирот баргашта, дасти иродат ба домани Шайх Саъдуддини Кошғарӣ зад ва муддате ба риёзату муҷоҳидат дар касби мақомоти ирфонӣ машғул шуд. Дар ин маврид муридону мухлисони Мавлоно Ҷомӣ ривоятҳое сохтаву пардохтаанд (ишқи бебарор дар Ҳирот, бозгашт ба Самарқанд, хоб дидани Кошғарӣ...). Вале аз ин кори Ҷомӣ донишмандони замон ҳайрон ва то ҳадде

норозӣ буданд, вале бузургони Нақшбандия аз ин хеле шод шуданд. Чунончи, Шайх Кошғарӣ пайвастани Ҷомиро ба тариқати Хоҷагон миннати Илоҳӣ дониста, мартабаи донишмандии ӯро қадр мекард ва фармуд, ки "имрӯз шаҳбозе ба дом афтод, ки дар ҳама олам касе нест, ки паҳлуи вай нишинад"[4,221]. Ҳамчунин ба ривояти Фахруддин Алии Сафӣ мударриси маъруф Абдурраҳими Кошғарӣ гуфтааст: "То Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ тарки муомила накарданд ва рӯй ба тариқи сӯфия наёварданд, моро яқин нашуд, ки беҳтар аз мутолиа ва таҳсили улуми расмӣ коре дигар мебошад ва фавқи мартабаи донишмандӣ амре дигар мебудааст, вақте вай тариқаи дарвешон (Хоҷагон) ихтиёр кард, бартарии ин тариқат маълум шуд" [4, 220]. Бинобар ин, пешвоёну пайравони Нақшбандия аз вуруди Ҷомӣ ба ҳалқаи эшон шоду муфтахар буданд.

Пас аз фавти Кошғарӣ Мавлоно Ҷомӣ чун ҷонишин бар маснади пешвоии ин тариқа дар Ҳирот нишаст, вале "таҳаммули бори шайхӣ надорам"- гуфта, аз масъулияти тарбияти муридон дурӣ меҷуст.

Баъди вафоти Кошғарӣ пири суҳбати Мавлоно Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор машҳур ба Хоҷа Аҳрори Валӣ буд. Ихлос ва алоқаи Ҷомӣ ба Аҳрори Валӣ ба ҳадде буд, ки маснавии "Туҳфат-ул-аҳрор"-ро ба ӯ бахшид ва дар осори дигари худ аз ӯ бисёр ёд кардааст.

Ба ҷуз ин ду нафар пирони тариқат ва суҳбат Мавлоно Ҷомӣ аз бузургони дигари тариқати Нақшбандия, чун Баҳоуддини Нақшбанд, Мавлоно Низомуддини Хомӯш, Хоҷа Алоуддини Аттор, Хоҷа Муҳамади Порсо, Сайидамири Кулол ва дигарон дар "Нафаҳот" ва дигар осори худ ёдоварӣ ва суханони онҳоро шарҳу тафсир кардааст.

Тавре ки аз осори Мавлоно Ҷомӣ бармеояд, ба ин силсила иродату муҳаббати хос дошт ва "кулли рисолот ва кутубе, ки Мавлоно Ҷомӣ дар тасаввуф таълиф кардааст, бар сабку равия ва таълимоти Нақшбандия аст" [2, 151].

Мавлоно Ҷомӣ доир ба ин силсила рисолаи хурде бо номи "Рисолаи шароити зикр" ё худ "Рисолаи тариқи хоҷагон"-ро навиштааст.

Бояд қайд кард, ки муассисону пешвоёни силсилаи Нақшбандия ташаббусеро, ки Ғаззолӣ пештар дар амри наздик кардани тасаввуф ва ирфон бо шариат анҷом дода буд, идома доданд. Дар амри робитаи ин силсила бо ҷомеа аввалан хидмати Абдулхолиқи Ғиждувонӣ бузург аст ва баъдан Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд низ ин иқдомро пайгирӣ ва устувор кард. Чунончи, Хоҷа Баҳоуддин мефармояд: "Тариқати мо муҳаббат аст, дар хилват шуҳрат аст, дар шуҳрат офат аст, пас хайрият дар ҷамъият аст ва ҷамъият дар суҳбат аст" [6, 416].

Ин силсила дар миёни тариқатҳои мутааддиди сӯфия бештар ҷанбаи иҷтимоӣ дорад. Бузургони ин силсила барои рафъи ноадолатию зулм бар раият ва анҷоми муассири амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар бо салотин ва давлатдорон робитаи устувор барқарор намуданд. Аз ин рӯ, пешвоёни ин силсила дар замони ҳукумати Темуриён иртибот бо салотину ҳокимонро як вазифаи иҷтимоии худ медонистанд.

Усул ва таълимоти Нақшбандия бар ҳашт поя бунёд ёфтааст, ки бо таъбироти зайл ифода ёфтаанд: ҳуш дар дам, хилват дар анҷуман, сафар дар ватан, назар дар қадам, ёдкард, бозгашт, нигаҳдошт, ёддошт. Ин усулҳои бунёдии силсилаи Нақшбандия дар осори пешвоёну пайравони он бо вузӯҳ ва ишорот зикр шудаанд. Мавлоно Ҷомӣ низ дар маснавии "Туҳфат-ул-аҳрор" асосҳои таълимии Нақшбандияро дар фасли "Дар манқабати Хоҷа Баҳоулмиллата ва-д-дин "чунин баён кардааст:

Роҳнамои сафар андар ватан,
Хилвати доираи анҷуман.
Кам зада бе ҳамдамии ҳуш дам,
Дарнагузашта назараш аз қадам.
Баски зи худ карда ба суръат сафар,
Бознамонда қадамаш аз назар.
Вақти таваҷҷуҳ шуда хам чун камон,
Аз чилаи хилватиён баркарон...(5, 485).

Усули асосии таълимоти Нақшбандия иборат аз тобеияти комил аз суннати паёмбар (с) дар амал ва эътиқод ба аҳли суннат ва ҷамоат аст. Мавлоно Ҷомӣ дар "Нафаҳот" ба ин пояи бунёдии таълимоти Нақшбандия ишора карда менависад: "Аз зикри баъзе аҳвол ва ақволи хонаводаи хоҷагон ва баёни равиши тариқати эшон, ба

тахсис хидмати Хоҷа Баҳоуддин ва асҳоби эшон маълум шуд, ки тариқаи эшон эътиқоди аҳли суннат ва ҷамоат аст ва итоати аҳкоми шариат ва иттабои сунани Сайидулмурсалин ва давоми убудият, ки иборат аст, аз давоми огоҳӣ ба ҷаноби Ҳақ субҳонаҳу бе музоҳимати шуур ба вуҷуди ғайре. Пас гурӯҳе, ки нафйи ин азизон кунанд, ба воситаи он тавонад буд, ки зулмати ҳаво ва бидъат зоҳиру ботини эшонро фурӯ гирифтааст ва рамади ҳасад ва асабият дидаи басирати эшонро кӯр сохта, лоҷарам анвори ҳидоят ва осори вилояти эшонро набинанд ва ин нобиноии худро ба ҷуҳуду инкори он анвор ва осор, ки аз машриқ то мағриб гирифтааст, изҳор кунанд, ҳайҳот, ҳайҳот!

Нақшбандия аҷаб қофиласолоронанд,
Ки баранд аз раҳи пинҳон ба ҳарам қофиларо.
Аз дили солики раҳ ҷозибаи суҳбаташон
Мебарад васавасаи хилвату фикри чиларо.
Қосире гар занад ин тоифаро таъни қусур,
Ҳошалиллаҳ, ки барорам ба забон ин гиларо.
Ҳама шерони ҷаҳон бастаи ин силсилаанд,
Рӯбаҳ аз ҳила чӣ сон бигсилад ин силсиларо (6,417).

Бинбар ин, пешвоёни Нақшбандия пайравони худро аз бидъат дур нигоҳ медоштанд. Онҳо дар сайру сулук ва касби мақомоти сӯфия муридонро аз худнамоию риёкорӣ барҳазар медоштанд. Чунончи, ба ҷои зикри ҷалӣ, яъне ошкор зикри хуфя, яъне пинҳонро талқин мекарданд, зеро дар зикри ошкор гоҳо осори риёву худнамоӣ зоҳир мешуд ва иҷтимоъро аз худ мерамонд.

Мавлоно Ҷомӣ низ ҳамин амр, яъне зикри хуфяро тарғибу талқин намуда, онро бар зикри ҷаҳр тарҷеҳ медиҳад. Чунончи, дар маснавии “Силсилат-уз-заҳаб”, ки аввалин маснавии шоир аст ва Ҷомӣ дафтари аввали достонро бо таъсир ва барои таблиғи оро ва ақоиди нақшбандия навиштааст, дар ин бора менависад:

Зикр ганҷ асту ганҷ пинҳон беҳ,
Ҷаҳд кун, доди ганҷи пинҳон деҳ.
Ба забон гунг шав, ба лаб хомӯш,
Нест маҳрам дар ин муомила гӯш... (5, 80).

Ҷомӣ масъалаи зикри хуфяро дар “Рисолаи шароити зикр”, маснавии “Туҳфат-ул-аҳрор”, дар баъзе рубоиёт ва охири рисолаи “Шарҳи рубоиёт” аз рӯйи таълимоти Кошғарӣ матраҳ кардааст.

Зикри як нукта бақост, ки Мавлоно Ҷомӣ маснависароиро бо “Силсилат-уз-заҳаб” оғоз бахшида, аз ишораи ӯ дар “Туҳфат-ул-аҳрор” зимни зикри Хоҷа Баҳоуддин ва Хоҷа Аҳрор маълум мешавад, ки номи ин асарро бо таъсири силсилаи хоҷагон гузоштааст:

Ҳаст ба он каъбаи сидқу савоб
Силсилашон силсилаи зарратоб.
Афканад овозаи ин силсила
Дар сафи шерони ҷаҳон зилзила (5, 486).

Дигар нуктаи таълимоти Накшбандия пинҳон доштани ибодот ва парҳез аз рақсу самоъ, вақду тавоҷид мебошад. Дар ҳамин маснавӣ Ҷомӣ ба накуҳиши рақсу самоъ ва аҳли он пардохтааст:

Рақси ноқис ба сӯйи нақс бувад,
Ҷунбиши комилон на рақс бувад.
Гарчи ҳар рӯз як садову нидо,
Ба ҳавои самоъ ҷаста зи ҷо.
На зи анвори зикрашон шарараре,
На зи ҳоли самоашон асаре.
Ҳосили зикр дарди гардану сар,
Асари рақс заъфи пушту камар (5, 85).

Ҳамчунин дар ин силсила тарки дунё мамнӯъ буда, сӯфиён муваззаф сохта шудаанд, ки шуғли дунёӣ дошта бошанд ва аз ин тариқ ҳам худу аҳлу аёлро таъмин созанд ва ҳам ба ниёзмандон кӯмак расонда тавонанд.

Дар ин маврид низ Ҷомӣ ба сӯфиёне, ки аз ҳисоби мардум муфт мехӯранду шуғле надоранд, бо назари интиқодӣ менигарад:

Ҳазар аз сӯфиёни шаҳру диёр,
Ҳама мардумдаранду мардумхор.
Корашон ғайри хобу хӯрдан не,
Ҳеҷашон фикри рӯзи мурдан не (5, 231).

Аз мавқеи тариқати нақшбандия ва пирони он дар замони Ҷомӣ робита бо дарбор амали солеҳ ва василаи хуби расидан ба мақсудҳои динию дунявӣ хонда шудааст. Аз бузургтарин чеҳраҳои ирфонии замони Абдурраҳмони Ҷомӣ Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор дар дарбори Темуриён нуфузи баланд дошт ва бар ин ақида буд, ки «салтанат низ мартабаи рафеъ аст, қариб ба мартабаи нубувват. Баъд аз нубувват ҳеҷ мартабае ашроф аз салтанат нест...» [2,66].

Мавлоно Ҷомӣ низ дар номае, ки ба Шайх Наҷмуддини Заргари Ироқӣ навиштааст, таъкид мекунад: «Қурби подшоҳ, чунончи бар ҳушмандони равшандил зоҳир аст, беҳтарин василаест дар таҳқими муродати динию дунявӣ ва таҳкими саодати сувариву маънавӣ» [3,87].

Ба истиноди Лорӣ ва Бохарзӣ Хоҷа Аҳрор аз мулоқоти нахустин бо Ҷомӣ ӯро ба қурбати подшоҳ ва робита бо дарбор ташвиқ кардааст. Ва Ҷомӣ аввалан ба дарбори Абӯсаид ва баъдан Султон Ҳусайни Бойқаро робитаи устуворе пайдо кард, ки дар ин миён иродати Мир Алишери Навоӣ бо Ҷомӣ ин алоқаро мустаҳкам кард, то ҳадде, ки ба қавли Ҳиравӣ «Пас аз он ки Ҷомӣ аз сафари Ҳиҷоз баргашт, ҳамроҳ бо Султон Ҳусайни Мирзо ва Амир Алишери Навоӣ мусалласи ҳукуматеро бозофарид, ки дар зулъи он дар дарбор қарор доштанд ва як зулъаш дар миёнаи хонақоҳу мадраса…» [4,71]. Ҳамчунин, Ҷомӣ бо салотини туркманони Оққуюнлу ва Қароқуюнлу, султони Туркияи Усмонӣ (Султон Муҳаммади Фотеҳ) ва давлатмандони Ҳинд (Маликутточҷор) робитаи қавӣ дошт..

Чунончи, дар ин бахш дар баробари он ки шоҳро тибқи ақидаи маъмул сояи Худо дар рӯи замин мехонад, ӯро ба шубон монанд кардааст, ки барои ҳимояи мардум (рама) аз гург (яъне золим) саъй намояд:

Шоҳ бошад шубону халқ рама,
Рамаву гурги он рама залама.
Баҳри он аст ҳою ҳуи шубон,
То биёбад рама зи гург амон.
Чун шубон созгори гург бувад,
Рамаро офате бузург бувад.
Лутф бо гург кори бехирад аст,
Марҳамат бар рама ба ҷои худ аст (5, 74).

Ҷомӣ бо истифода аз мавқее, ки дошт, пайваста ба шоҳони замон насиҳат мегуфт ва онҳоро ба адлу дод, нигаҳбонии раият, риояти инсоф, ғамхории аҳли илму адаб раҳнамун месохт. Ҷомӣ аз мавқеи шариат ба шоҳ хитоб менамояд:

Чист, донӣ, ба зери чархи асир,
Ҳикмат андар вуҷуди шоҳу амир.
То бувад пушт бепаноҳонро,
То диҳад дод додхоҳонро.
Адлро пешвои худ созад,
Корҳоро ба адл пардозад (5,75).

Шоир ҳар тавсияе, ки дар боби сиёсату адолат пешниҳод менамояд, онро аз мавқеи шаръ эрод менамояд:

Чист адл, он, ки бигзарӣ зи фузул,
Накунӣ аз тариқи шаръ удул.
Шаръро насби айни худ созӣ,
Чашм бар ғайри он напардозӣ.
Аввал онро ба шаръ созӣ рост,
Он гаҳ орӣ ба ҷой бе каму кост (5,76).

Ва ғояи шоҳи одил ва маърифатпарварро Ҷомӣ дар достони “Хирадномаи Искандарӣ”, бешак, бо таъсири ҳамин ақидаи нақшбандия ироа намудааст.

Аз нигоҳи мабодӣ ва маорифи ирфонӣ бузургони силсилаи Нақшбандия ҳама пайрави мактаби “ваҳдати вуҷуд”-и Ибни Арабӣ буданд ва Ҷомӣ низ бо пайравӣ ба эшон муътақид ба мактаби Ибни Арабӣ буд. Вай дар суҳбатҳое, ки бо Хоҷа Аҳрор

дошт, бештар мавзӯи суҳбати эшон осори Ибни арабӣ, бахусус “Футӯҳоти Маккия” ва “Фусус-ил-ҳикам” буд. Худи Ҷомӣ низ бар “Фусус-ал-ҳикам”-и Ибни Арабӣ шарҳ навиштааст. Рисолаи “Шарҳи рубоиёт”-и ӯ низ дар шарҳи ақоиди ваҳдати вуҷуд иншо шудааст. Инчунин “Рисолаи ноия”-и Мавлоно Ҷомӣ дар шарҳи байтайни “Маснавӣ”-и Мавлоно ба шеваи мактаби Ибни Арабӣ навишта шудааст. Рисолаҳои “Ашъат-ул-ламаот” дар шарҳи “Ламаот”-и Ироқӣ ва “Лавоеҳ”-ро низ бо машраби Ибни Арабӣ навиштааст.

Ин ҳама нишондиҳандаи он аст, ки пайвастани Ҷомӣ ба силсилаи Нақшбандия ва хидмати ӯ дар ин росто такмили ин тариқа ва баланд бардоштани ҷанбаи илмии он шуд.

Ҳамин тариқ, Мавлоно Ҷомӣ дар осори худ муҳимтарин мабодии таълимоти Нақшбандияро мундариҷ сохта, барои тарвиҷи ҷанбаҳои мусбати ин таълимот дар миёни аҳли фазлу адаб ва алоқамандони тасаввуфу ирфон хидмати бузург намудааст. Ҳамчунин такмили ҷанбаҳои назарии таълимоти Нақшбандия дар шарҳу тафсирҳои Ҷомӣ бар осори сӯфия, бахусус Ибни Арабӣ ва пайравони онҳо боиси баланд гаштани сабғаи илмии он гардид.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Дунболаи ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон.-Теҳрон, 1378.
2. Алиасғари Ҳикмат. Ҷомӣ:мутазаммини таҳқиқот дар таърихи аҳвол ва осори манзуму мансури хотам-уш-шуаро Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ.-Теҳрон: Интишороти Тус, 1379.-407с.
3. Аълохон Афсаҳзод. Ҷомӣ- адиб ва мутафаккир.- Душанбе:Ирфон, 1989.- 384с.
4. Наҷиб Моили Ҳиравӣ. Шайх Абдурраҳмони Ҷомӣ.- Теҳрон:Тарҳи нав, 1377.-341с.
5. Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маснавии «Ҳафт авранг». Ҷилди аввал. Муқаддима аз Аълохон Афсаҳзод. Зери назари «Дафтари нашри «Мероси мактуб».- Теҳрон: Маркази мутолеоти эронӣ, 1378.-912с.
6. Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот-ул-унс. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Маҳмуди Обидӣ. – Теҳрон:Аҳмади Ҷом, 1379.- 607с.

УЧЕНИЕ НАКШБАНДИЯ И ЕГО ОТРАЖЕНИЕ В НАСЛЕДИИ МАВЛОНО АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ

Изучение воззрений, взглядов и идей мыслителей прошлого актуально тем, что оно служит целям защиты предыдущего духовного опыта от всевозможных негативных тенденций, В данной статье автором подвергнуто изучению и рассмотрению учение Накшбандия, его отражение в произведениях великого ученого Востока Мавлоно Абдуррахмана Джами, который был последователем данного учения и в своих произведениях отражал важнейшие истоки учения Накшбандия.

Ключевые слова: учение Накшбандия, Мавлоно Абдуррахман Джами, отражение Накшбандия, наследие, суфизм, последователи учения Накшбандия.

THE DOCTRINE NAKSHBANDY AND ITS REFLECTION IN HERITAGE MAVLONO ABDURRAHMAN DZHAMI

Studying of views, views and ideas of thinkers of the past is actual that it serves the purposes of protection of the previous spiritual experience from various negative tendencies, In this article the author subjected to studying and consideration Nakshbandy's doctrine, his reflection in works of the great scientific East of Mavlono Abdurrahman Dzhami who was the follower of this doctrine and in the works reflected the most important sources of the doctrine of Nakshbandy.

Key words: Nakshbandy, Mavlono Abdurrahman Dzhami, Nakshbandy's reflection, heritage, sufism, followers of the doctrine of Nakshbandy.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М. Низомов*** – докторант Таджикского национального университета

ТАРҶУМАҲОИ «ГУЛИСТОН»-И САЪДӢ БА ЗАБОНИ ӮЗБЕКӢ

Ж.Ӯ. Мамадиев
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мо медонем, ки дар бисёре аз забонҳо чеҳраҳои намоён ва мондагоре зуҳур кардаанд, ки дар ҳавзаи фарҳанг ва адабиёт ном ва мавқеи ҷаҳонӣ ёфтаанд. Баъзан чунон ҷойгоҳеро соҳиб шудаанд, ки мутааллиқ ба фарҳанги халқи дигар шудаанд, дар ҳар кишваре номе ва шуҳрате ҷовидон ёфтаанд. Андешаҳои онҳо яке аз паси дигаре ба забонҳои мухталиф тарҷума ва нашр шудаанд. Саъдии Шерозӣ яке аз чунин бузургонест, ки адабиёти форсии тоҷикиро дар ҳавзаи фарҳанг ва адабиёт ба дунё арза доштааст. Ба ин далел нақш ва ҷойгоҳи Саъдии Шерозӣ дар адабиёти ӯзбек низ калон аст.

«Гулистон»-и Шайх Саъдӣ нахустин бор аз тарафи Сайфи Саройӣ ба забони ӯзбекӣ (туркии қадим) тарҷума шудааст. Ватани мутарҷим Хоразм будааст. Дар бораи сарнавишти ӯ дигар маълумоти дақиқе вуҷуд надорад. Фақат ҳамин қадар маълум аст, ки Сайфи Саройӣ «Гулистон»-ро дар соли 793ҳ. (1390-91м.) тарҷума кардааст. Ба қавли донишманди ӯзбек Ҷ. Шарипов: «Забони тарҷума сода ва ширадор буда, одамро ба худаш ҷалб мекунад» [6,48].

Ҳамин тариқ, «Гулистон» нахустин асари Саъдӣ ва дувумин осори адабии форсу тоҷик буд, ки ба забони ӯзбекӣ тарҷума шудааст. Сайфи Саройӣ «Гулистон»-ро тарҷума карда, онро «Гулистон бит туркий», яъне «Туркча Гулистон» гӯён ном бурдааст [2,7]. Шоири асри XIX-и ӯзбек Огаҳӣ аз ин тарҷума бехабар бори дувум «Гулистон»-ро тарҷума мекунад. Баъдтар мударрис ва шоири тошкандӣ Муродхоҷа бини Алҳоҷ Салоҳхоҷаи Тошкандӣ онро бори сеюм ба ӯзбекӣ мегардонад. Соли 1968 «Гулистон» дар тарҷумаи тозаи Ғ. Ғулом, Ш. Шомуҳаммедов ва Р. Комилов аз чоп баромад.

Тарҷумаи нахустини «Гулистон», чунон ки мутарҷим низ ишора кардааст, ба забони туркӣ анҷом гирифтааст. Сайфи Саройи дар муқаддимаи тарҷумаи «Гулистон» худро «Жаҳон орифларининг хоки пойи» [6,49] ҳисобида, худро «уларнинг уш бири» медонад ва хоксорона менигорад:

Ани сан жумла шоир камтари бил,
Қамар юзга ҳамиша муштари бил (6, 49).

Сайфи Саройӣ «Гулистон»-ро пурра тарҷума кардааст, ки он аз ҳашт боб иборат аст. Мутарҷим бобҳои асарро ба туркӣ чунин номгузорӣ –тарҷума кардааст: Боби аввал – «Подшоҳларни хислати» («Дар сифати подшоҳон»), боби дуюм- «Дарвешларни ахлоқи» («Дар ахлоқи дарвешон»), боби сеюм – «Қаноатнинг яхшилиги» («Дар фазилати қаноат»), боби чорум – «Хомушликнинг фоидаси» («Дар фавоиди хомӯшӣ»), боби панҷум – «Ишқ ва ёшлик» («Дар ишқ ва ҷавонӣ»), боби шашум-«Нотавонлик ва қарилик»(“Дар заъф ва пирӣ”-саҳеҳаш “Дар заъф ва пирӣ”-М.Ж.), боби ҳафтум-«Тарбиятнинг таъсири» («Дар таъсири тарбият») ва боби ҳаштум – «Суҳбат одоби» («Дар одоби суҳбат»).

Чунонки мебинем, тарҷумон номи бобҳоро саҳеҳ ба туркӣ гардонда, дар тарҷумаи матн ва пораҳои шеърӣ низ амонатнигаҳдор аст. Вале, чунон ки муҳақиқи ӯзбек Ҷ.Шарипов низ иқрор кардааст, тарҷумон гоҳо аз қолаби бобҳои нусхаи асл берун рафта, гоҳо ҳикояҳоро мухтасар мекунад ва гоҳи дигар ба он меафзояд. Вожаи ҳикоятро низ тарҷумон соқит кардааст. ҳамчунин вожаи ҳикматро низ «қиссадан ҳисса» меоварад, ки саҳеҳ нест [6, 50].

Мо дар бораи тарҷума таассуроти комил ҳосил кардан, матни яке аз ҳикояҳои «Гулистон»: ҳикояти бисту ҳафтуми боби аввал – «Дар сирати подшоҳон»-ро бо матни тарҷума, ки онро донишманди озарӣ Р.Алиев ба чоп расонидааст, муқоиса мекунем.

Матни ҳикояти бисту ҳафтумро аз нашри тозаи «Гулистон», ки дар асоси матни таҳиякардаи Саҳобиддин Сиддиқов ва Мубашшири Акбарзод ба чоп тайёр кардаанд, интихоб намудем.

Ҳикоят. Яке дар санъати гӯштӣ гирифтан саромад буд, 360 банди фунун бидонистӣ ва ҳар рӯз ба навъе аз он гӯштӣ гирифтӣ, магар гӯшаи хотираш бо ҷамоли яке аз шогирдон майле дошт, сесаду панҷоҳу нӯҳ бандаш даромӯхт, магар як банд, ки дар

таълими он дафъ андохтӣ ва таъхир кардӣ. Филҷумла, писар дар қуввату санъат саромад ва касеро бо ӯ имкони муқовимат набуд, то ба ҳадде ки пеши малики он рӯзгор гуфта буд: «Устодро фазилате, ки бар ман аст, аз рӯй бар бузургист ва ҳаққи тарбият, вагарна ба қувват аз ӯ камтар нестам ва бар санъат ба ӯ баробарам».

Маликро ин тарки адаб нописанд омад, фармуд, то мусораат кунанд. Мақолаи муттасеъ тартиб карданд ва аркони давлату аъёни ҳазрат ва зӯроварони рӯи замин ҳозир шуданд.

Писари ҷавон чун пили маст андаромад ба салобате, ки агар кӯҳи оҳанин будӣ, аз ҷой баркандӣ. Устод донист, ки ҷавон ба қувват аз ӯ бартар аст. Бад-он банди қариб, ки аз вай ниҳон дошта буд, бо ӯ даровехт. Писар дафъи он надонист. Устод ба ду даст аз заминаш болои сар бурду фурӯ кӯфт. Ғирев аз халқ бархост.

Малик фармуд, то устодро хилъату неъмат доданд ва писарро зафру маломат кард, ки бо парварандаи хеш даъвои муқовимат кардӣ ва ба сар набурдӣ.

Гуфт:

- Эй подшоҳи рӯи замин, ба зӯроварӣ бар ман даст наёфт, балки маро аз илми гӯштӣ дақиқае монда ва аз ман дареғ ҳамедошт. Имрӯз бар он дақиқа бар ман ғолиб омад.

Устод гуфт:

- Бале аз баҳри чунин рӯзе, ки зиракон гуфтаанд: Дӯстеро чандон қувват мадеҳ, ки гар душманӣ кунад, натавонад. Нашунидаӣ, ки чӣ гуфт он ки аз парвардаи хеш ҷазо дид?

Ё вафо худ набуд дар олам,
Ё магар кас дар ин замона накард.
Кас наомӯхт илми тир аз ман,
Ки маро оқибат нишона накард (4, 46-47).

Тарҷумаи ин ҳикоят аз тарафи Сайфи Саройӣ:

Ҳикоят: Бир курашчи паҳлавон уч юз олтмиш турли кураш илмин булур эрди, текма бир кун бир турли илм билан курашур эди. Шогирдларидан бир соҳибжамол ўғлон билан хотири мутааллиқ бўлуб, уч юз эллик тўққуз турли кураш илмин онга ургатди. Ўғлон ул ғоятқа еттиким, бу вилоятда не қадар қурашчи бор эди, барчасин бости. Бир кун султон хизматина келиб, ер ўпуб айтти: «Устодимнинг меним уза тарбиат ҳаққи бор, йуқса қуватда ва санъатда ман андан ортуқман». Бу сўз султонға хуш келмади. Буюрдиким, курашсунлар. Мақом тартиб қилдилар, аркони давлат ва аъёни ҳазрат, умаро ва вузаро ҳозир булдилар. Ўғлон усрук фил каби майдонга кириб, тасаввур этти ким, темурдан тоғ бўлса еридан қупарғайман. Устоди дағи билдиким, ўзиндан ортуқ турур. Ул бир илмниким мундан гезлаб (яширган –М.Ж.) эди, они амалга кетурди, ўғлон дафъ эта билмади, ўғлонни кутартиб ҳаводан ерга урди. Халқдан ғирив қўпти. Султон буюрди, устодина хилъат ва неъмат бердилар; дағи уғлонни маломат қилдиларким: «Сан ўз устодинг билан даъвӣ қилдинг, даъвинг ботил бўлди». Уғлон айтти: «Ул меним уза қувват билан ғолиб булмади, балки кураш таълимидан бирдақиқани гезламиш, анинг билан ғолиб бўлди". Устоди айтти: «Бали, ул дақиқани бу кун учун гезлаб эдим». Оқиллар масали турур: дустқа ул қадар ёри қилғилким, душман бўлса санга, зафар топмағай» [6, 52].

Хулосаи донишманди ўзбек Ҷ.Шарипов дар бораи ин тарҷума ин аст, ки: «Ба ҷуз баъзе камбудиҳо, Сайфи Саройӣ ин ҳикоятро ниҳоят саҳеҳ тарҷума кардааст» [6, 52].

Вале агар матнҳоро муқоиса бикунем, мебинем, ки баъзе коҳишҳо ва афзоишҳои тарҷумон маънӣ ва салосати сухани Саъдиро пойин бурдаанд. Чунончи, мутарҷим фақат маънии зоҳирии ҷумлаи «Филҷумла писар дар қуввату санъат саромад ва касеро бо ӯ имкони муқовимат набуд, то ба ҳадде, ки пеши малики он рӯзгор гуфта буд…» [4, 46]. Дар сухани баъдӣ низ нуқтаи муҳими сухани писар «аз рӯи бузургист» дар тарҷума соқит шудааст, ки ноҷояст. Дар ҷумлаи баъдӣ – «Мақоми муттасеъ тартиб карданд» низ бо фурӯ гузоштани вожаи «муттасеъ» дар тарҷума шаҳомат ва нафосати сухани Саъдӣ коҳиш ёфтааст. Дар ҳамин ҷумла, ибораи «зӯроварони рӯи замин» низ аз тарҷума афтодааст. Дар қисмати дигари матни тарҷума низ норавшаниҳо, ихтисор ва афзудаҳои нописанд ба назар мерасад.

Бо вуҷуди камию костиҳо тарҷумаи Сайфи Саройӣ даричаи ҳикмати Саъдиро ба рӯи олами туркзабонҳо боз намуд. Саъдӣ бо пои худ ба дунёи андеша ва орои халқ ва адабиёти халқи дигар ворид гардид.

Мо суханро дар бораи ин тарҷума дар ҳамин ҷо ба поён бурда, доир ба тарҷумаи дигари асар, ки аз ҷониби Муҳаммадризои Огаҳӣ анҷом гирифтааст, муфассал сухан хоҳем кард.

Муҳаққиқон тарҷумаи Муҳаммадризо Огаҳиро аз ҷиҳати бадеият, равонии забон ва ифодаи рӯҳияи шоирона афзал донистаанд. Огаҳӣ аз 187 ҳикояти «Гулистон» 25 тоашро фурӯ гузошта, аз ҳазор мисраъ шеър 522 байтро ба шеър гардонда, боқимондаашро бо наср ифода кардааст. Бисёре аз матнҳои арабиро низ ба ӯзбекӣ баргардондааст.

Донишманди ӯзбек В.Зоҳидов дар бораи фазилати тарҷумаи Огаҳӣ чунин менависад: «Тарҷумаҳои бадеии Огаҳӣ ба маънии томи сухан бо хусусияти эҷодияш таҳқиқи хоси илмиро тақозо мекунад. Шоир дар матни тарҷумаҳояш гоҳо ҳикоятҳо ва шеърҳои худашро ворид сохтааст. Огаҳӣ бо тарҷумаҳои нодираш забони адабии ӯзбек ва сабки онро ғанӣ сохт» [1, 141].

Ҳадафи Огаҳӣ дар тарҷумаи «Гулистон», пеш аз ҳама, баёни равшан ва фаҳмои мақсуди Саъдист. Зимни тарҷума ӯ кӯшидааст ва низ тавонистааст, ҳар чӣ равшантар мақсади Саъдиро ба забони дигар баён кунад. Вале чун ҳадафи аслии мутарҷим ҳар чӣ дақиқтар ва равшантар ва оммафаҳмтар баён кардани муҳтаво будааст, сабки Саъдӣ дар ин тарзи тарҷума зарар дидааст.

Огаҳӣ панҷ аср баъд аз Сайфи Саройӣ ба тарҷумаи «Гулистон» даст зад. Инак, ҳикояти 27-и «Гулистон» дар тарҷумаи Огаҳӣ:

Ҳикоят. «Бир киши кураш тушмоқ илмида бағоят олим эрди ва уч юз олтмиш амал билур эди. Иттифоқо, ӯз шогирдларидан биринг жамолига хотира майл этиб, ҳар кун зиёдароқ тарбият қилур эрди ва таълим берур эрди. То уч юз эллик тӯққиз амални ӯргатди. Аммо бир амалнинг таълимида таъхир қилиб, тааллулға солди. Алқисса, шогирд қувват ва суръатда барча полвондин баланд бӯлди ва онинг била кураш тутмоқға ҳеч кишида қувват ва мажол қолмади, то бир кун поддшоҳнинг олдида дедиким: «Устодимнинг мендин зиёдалиги тарбиятда улуғлик жиҳатиндур, йуқ эрса қуватда ман ондин кам эрмасман ва санъатда баробардурман». Подшоҳға бу сӯз оғир, келиб, буюрди, то иккови кураш тутғайлар ва бир ӯлуғ майдонни таъйин этдилар. Подшоҳ бошлиқ аркони ҳазрат, барча шаҳру саҳронинг халоиқи ва ер юзининг паҳлавонлари – барча, ҳозир булдилар. Шогирд фили мастдек бир навъ садмат била майдонга кирдиким, агар олдига кӯҳи оҳанин бӯлса эрди, бир ҳамлада жойидин қӯпорур эрди. Устод билдиким, қувватда ӯзидин зиёдадур. Ҳамул ургатмай пинҳон сақлаған амали била кураш тутди. Шогирд они дафъ эта олмай ожиз булди. Устод они икки қули била ердин кӯториб, боши устига чиқариб ондоқ ерда урдиким, халойиқ ғирев ва ғулғула садосин авжидин ошурди ва подшоҳ устодга хилъат ва неъмат берди ва шогирдга зажр ва маломат қилди ва деди: «Нечун тарбият қилған устодинға бевафолик қилиб, муқобил бӯлдинг?» Шогирд ер ӯпуб деди: «Эй подшоҳ, устод зӯрлик била мени йиқмади, лекин кӯраш илмида бир амални мендин дариғ тутуб ургатмамиш эрди. Бугун ҳамул амал била мени йиқди». Устод деди: «Ул амални мундоқ бир кун учун ургатмай сақлаб эрдим, нединким, ҳакимлар дебдурлар. Дӯстга андоқ қувват бермагилким, бир вақт сенга душманлик қилса, муқобил була олмағайсан. Эшитмадингмуким, бир киши ӯзининг парвариш қилған шогирдидин жафо кӯруб на сӯз айтубдур. Қитъа:

Вафо йуқ эрдиму оламда ҳаргиз,
Ва ё худ қилмади аҳли замона.
Ки ҳар ким отмоқ ӯқ ӯргани мендин,
Мани ул оқибат қилди нишона».

Подшоҳга устоднинг бу достони бағоят хуш келиб, буюрди, кӯб неъматлар еткурдилар. Шогирдга сарзаниш қилиб, таъна таёғин урдилар, то мундин сӯнгра устоди ҳақида бевафолиғ қилмагай ва ӯзгаларга доғи танбеҳ бӯлгай» [5, 32-33].

Албатта, дар қиёс бо тарҷумаи Сайфи Саройӣ ин тарҷума хеле сода, равон ва оммафаҳм аст. Огаҳӣ пеш аз он ки суханони Саъдиро хеле тафсил додааст, баъди қитъаи шеър чанд ҷумлаеро дар шарҳи дарунмояи ҳикояти Саъдӣ афзудааст. Дар ин мавриd оё мо метавонем бигӯем, ки тарҷумон риояти амонат кардааст.?

Дар ин мавриД, лозим донистем, ки як тавзеҳоти бисёр муфиди донишманди эронӣ Абулҳасани Наҷафиро, ки дар мақолаи ӯ «Масъалаи амонат дар тарҷума» баён шудааст, иқтибос кунем. Ӯ мефармояд: «Ҳар навиштае, ки барои тарҷума интихоб кунем, дар ҳар ҳол ба забоне навишта шудааст, ки дар он ё калом вобаста ба воқеият ё калом ба худ ба кор рафтааст. Забони муҳовара, хабари рӯзнома, гузориши вақоеъ, тафсири сиёсӣ, таҳқиқи иҷтимоӣ ва ҳатто бисёре аз китобҳои таърих ва тазкира ва хотирот ва албатта, китобҳои илмӣ ва фаннӣ аз навъи авваланд. Дар инҳо муҳтаво аз сабк ҷудост ва вазифаи мутарҷим дар марҳалаи нахуст ин аст, ки муҳтаворо ҳарчи дақиқтар ва рӯшантар аз забони мабдаъ (забоне, ки аз он тарҷума мешавад-М.Ж.) ба забони мақсад (забоне, ки ба он тарҷума мешавад, - М.Ж.) мунтақил кунад ва дар ваҳлаи баъд, сабки нависандаро фақат дар сурате бояд баргардонд, ки латмае ба фаҳми муҳтаво назанад. Аммо осори тахайюл ва ба тариқи аввали осори шеърӣ, чунон ки гуфта шуд, аз навъи дувуманд. Дар инҷо муҳтаво аз сурат ҷудо нест ва мутарҷим бояд сайъ кунад, ки ҳам ин ва ҳам онро ба забони мақсад баргардонад» [3, 6].

Тарҷумаи Огаҳиро мо ғайриамин гуфта наметавонем. Зеро вақте тарҷумаеро ғайриамин медонем, ки мутарҷими он бар фаҳми матни аслӣ дучори лағзиш шуда ва то охир дарк накарда бошад. Ин навъи лағзиш ва аз асл дурравӣ метавонад аз надонистани забони мабдаъ сарчашма гирад ва дар мавриди надонистани маънии вожаҳо ба миён ояд. Тарҷумаи Муҳаммадризо Огаҳӣ гувоҳ аст, ки аз ин навъи лағзишҳо ва аз мақсад дур рафтанҳо бар канор будааст, зеро вай забони тоҷикиро медонист, ба маънии матн сарфаҳм мерафт ва забони мақсад низ забони модариаш буд. Аз матни тарҷума низ бармеояд, ки вай дар дарки маънии вожаҳо низ мушкиле надоштааст. Ба назари мо, шароите ки дар Хоразм барои равнақи забони туркӣ ва сода кардани забон ба вуҷуд омада буд, яке аз оинҳои асосии содагароӣ ва тафсил додани тарҷумаи матн нусхаи аслӣ мебошад. Ин омил реша дар он дорад, ки дар он рӯзгор, ки Огаҳӣ «Гулистон»-ро тарҷума кард, ин китоби арзишманд дар мадорис ба сифати китоби дарсӣ истифода мешуд. Бинобар ин, ҳам барои ба омма дастрас шудани асар тарҷумон, илова ба тарҷума, ба тафсил ва ба шарҳу баст низ даст додааст, ки илова ба мисоли боло, ин ҳолат дар матни тарҷума хеле зиёд ба назар мерасад.

Хулоса, вуруди Саъдӣ дар шакли тарҷумаи осори ӯ дар таърихи робитаҳои адабии тоҷикону ӯзбекон ҳодисаи нодир аст. Агар байту қитъаоти ҷудогонаро истисно кунем, нахустин тарҷумаи осори Саъдӣ «Гулистон» аст, ки аз тарафи Сайфи Саройӣ анҷом гирифтааст. Баъд дар асри XIX Огаҳӣ онро тарҷума кард. Баъдтар Муродхоҷаи Тошкандӣ онро бори сеюм ба ӯзбекӣ гардонд. Соли 1968 ин асари Саъдӣ бори чорум аз тарафи Ғафур Ғулом, Шоислом Шомуҳамедов ва Рустам Комилов тарҷума карда шуд.

Бо вуҷуди баъзе камбудиҳо тарҷумаи Сайфи Саройӣ даричаи ҳикмати Саъдиро ба рӯи туркзабонҳо боз намуд. Тарҷумаи Огаҳӣ тарҷумаи комили «Гулистон» набуд, вале ба эътирофи муҳаққиқон аз ҷиҳати бадеият бартарӣ дошт [1, 141]. Тарҷумаи Муродхоҷа комилтарин тарҷумаи «Гулистон» ба забони ӯзбекӣ буда, ҳам маънӣ ва ҳам сабки «Гулистон»-ро ҳифз намудааст. Ҳамчунин дебочаи мутарҷим ба наҳве шарҳи «Гулистон» ба забони ӯзбекист, ки хеле арзишманд аст. Тарҷумаи охирин низ комил нест ва бобҳои «Гулистон»-ро мутарҷимон ихтисоран тарҷума кардаанд. Камбудие, ки ба ҳамаи тарҷумаҳо дахл дорад, асосан ба тарҷумаи маъноӣ диққат дода, ҳунари Саъдиро фурӯ гузоштани ҳамаи тарҷумонҳо, ба ҷуз Муродхоҷа, мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Зоҳидов В. Ӯзбек адабиёти таърихидан. –Тошкент: ӮзССР давлат бадиий адабиёт ва нашриёти, 1961. – 265 с.
2. Комилов Н. Ҳикматлар хазинаси. -Дар кит.: Саъдий Шерозий. Гулистон. –Тошкент: Абдулло Қодирий номидагӣ халқ мероси нашриёти, 1993. -С. 3-8.
3. Наҷафӣ А. Масъалаи амонат дар тарҷума // Нашри дониш, шумораи 1, Озар ва дай. – Теҳрон, 1341. – С. 5-11.
4. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. –231 с.
5. Саъдий Шерозий. Гулистон. – Тошкент: Абдулло Қодирий номидаги халқ мероси нашриёти, 1993. – 101 с.
6. Шарипов Ж. Бадиий таржималар ва моҳир таржимонлар. -Тошкент: Фан, 1972. -260 с.

ПЕРЕВОДЫ «ГУЛИСТАНА» САДИ НА УЗБЕКСКОМ ЯЗЫКЕ

Данная статья посвящена изучению первых переводов «Гулистана» Саади Ширази на узбекском языке. Автор тщательно проанализировал все переводы, которые в таджикском и узбекском литературоведении имеют большое значение. Результаты исследования могут быть использованы при составлении учебных пособий и антологии по литературным связям.

Ключевые слова: оригинал, «Гулистан», перевод, турецкий язык, текст рассказа, перевод рассказа, поэтика, комментарий.

TRANNSLATIONS "GULISTAN" SAADI INTO UZBEK LONGUGE

This article for translation into uzbek longuge. The author chokes oll deferent translations in tojic longuge wich in holeroter con not exist. The rezolt of this in text- books cen be used.

Key words: oriqinal, Gulistan, translation, turky longuge, text foler, referet, poetic, commentary.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ж. У. Мамадиев*** -аспирант ТГПУ им. Садриддина Айни

САБАБҲОИ ТАЪЛИФИ «ВАРҚА ВА ГУЛШОҲ» - И АЙЮҚӢ

Ғозибек Тупалов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Айюқӣ аз байни қиссаву ривоёти эронӣ, ҳиндӣ, юнонӣ ва арабӣ, ки то замони ӯ вуҷуд доштанд, маҳз қиссаи ишқии арабии “Урвав а Афро”-ро мавзӯи достони худ қарор додааст. Ба ин суол, ки чаро ӯ маҳз ба ин ҳисса руҷӯъ намуда, дар асоси ишқи ду ҷавони нокоми дилдодаи араб достони худро офаридааст, танҳо аз худи достони Айюқӣ ҷавоби мувофиқ метавон пайдо намуд.

Вақте ки маснавии «Варқа ва Гулшоҳ»- ро мутолиа менамоем, дар фасли «Шикваи шоир» бо абёти зерин мувоҷеҳ мешавем:

Дареғо, ки бадмеҳр гардон ҷаҳон,
Надорад вафо бо касе ҷовидон.
Набояд ҳаме баст дилро дар ӯй,
Ки бас нобакор асту бас зиштрӯй.
Басо меҳр пайваставу баста дил,
Ки ӯ кард бе коми дил зери гил.
Бас умедҳоро, ки дар дил шикаст,
Басе бандҳо, к – ӯ кушоду бубаст.
Агар ман бигӯям, ки бо ман чӣ кард,
Чӣ овард пешам зи доғу зи дард.
Бимонад аҷаб ҳар кас аз кори ман,
Хӯрад то ба ҷовид тимори ман.
Маро қисса з-ин турфатар уфтод,
Валекин наёрам гузаштан ба ёд.
Чӣ карданд бо ман зи макру ҳаял,
Касоне, к-ашон буд дил пурдағал.
Зи марду зану пиру барно ба ҳам,
Зи шаҳриву турку зи бешу зи кам.
Супурдам ба Яздон ман онро тамом,
Ки Яздон кунад ҳукм рӯзи қиём.
Ситонад зи ҳар нокасе доди ман,
Расад рӯзи маҳшар ба фарёди ман (1,135).

Чунонки аз мазмуни байтҳои фавқуззикр маълум мегардад, Айюқӣ дар ҷавонӣ ошиқи дилбохта буда, ба сабаби бадхоҳону душманонаш ишқи ӯ ба нокомӣ анҷомида будааст. Шоир дар миёни ишқи нокоми худ ва фоҷиаи ба сари Урва ва Афро омада шабоҳате мебинад ва тасмим мегирад, ки онро дар шакли достони ошиқон ба риштаи назм дароварад. Ба сабаби он ки тибқи расми замони шоир осори адабии суханварон маъмулан ба подшоҳи вақт бахшида мешуд. Айюқӣ дар оғози достон пас аз ҳамди

Худову расули у (с) фасле ба ситоиши Султон Маҳмуд ихтисос дода, пазируфтани онро чун ёдгорӣ хоҳиш менамояд:

Кунун, к-омад ин гулбуни нав ба бар,
Бари шоҳ аз ӯ ёдгорӣ бубар.
Ки ин достон чун дар айёми туст,
Ба ҳар барги гул – бар рақам номи туст.
Чунон кун кунун то ба рӯзи ҷазо,
Нагардад зи ромиш замоне ҷудо.
Азеро, ки ҳаргиз нагардад куҳун,
Гули тоза, к-аш асл бошад сутун (1,4).

Дар масъалаи он ки оё мамдӯҳи Айюқӣ, ки «Варқа ва Гулшоҳ» ба номи ӯ тақдим шудааст, кист, ихтилофи назар вуҷуд дорад. Аксари муҳаққиқон бар он андешаанд, ки мамдӯҳи Айюқӣ Султон Маҳмуди Ғазнавист, вале баъзе донишмандони дигар дар тасдиқи ин андеша шакку тардид доранд. Аз ҷумла донишманди турк Аҳмади Оташ дар мақолаи маъруфи худ «Як маснавии гумшуда аз давраи Ғазнавиён» мамдӯҳи Айюқиро Султон Маҳмуди Ғазнавӣ медонад [2,13]. Донишманди дигари эронӣ Содиқи Киё бо назардошти баъзе алфозу таъбирот ва тағйироти сабкӣ онро на асари давраи Султон Маҳмуди Қазнавӣ, балки маҳсули давраҳои минбаъда мешуморад.

Бино ба ақидаҳои мухталифи донишмандон мамдӯҳи Айюқӣ яке аз се нафар подшоҳони зерин буда метавонистанд, ки дар таркиби номи худ Султон Маҳмудро доштанд: яке Султон Маҳмуд ибни Сабуктегини Ғазнавӣ, дигаре Султон Маҳмуд ибни Маликшоҳ ва сеюми Султон Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ. Ба назари мо андешаи мураттиб ва муаллифи муқаддимаи маснавии «Варқа ва Гулшоҳ» - и Айюқӣ устод Забеҳуллоҳи Сафо муътамад менамояд, ки Султон Маҳмуди Ғазнавиро ҳамаср ва мамдӯҳи Айюқӣ мешуморад ва андешаи худро чунин асоснок мекунад:

«Танҳо ҳаринае, ки то ҳадде метавонад ба мо дар таъйини ин Маҳмуд ва интихоби ӯ аз миёни он се тан ёрӣ диҳад, унвони «Султони ғозӣ» аст, ки бо кунияи Абулқосим ҳамроҳ шуда ва моро бар он медорад, ки мамдӯҳи шоирро ба ҳадсу гумон Султони ғозӣ Абулқосим Маҳмуд ибни Сабуктегин бидонем. Куҳнагии иборот ва калимот дар баъзе аз қисматҳои манзума дар он ки мусалламан дар он борҳо тасарруф шуда ва тағйироти шиканандаву дарҳамрезандае дар он сурат гирифта ва аз сурати қадими аслияш дур гардонидааст, низ маро дар ин тасаввур андаке пойдор ва муассир месозад [3,5].

Андешаҳои устод Сафоро дар ҳақиқат байтҳое, ки дар «Варқа ва Гулшоҳ» омадаанд ва дар онҳо ба «Султони ғозӣ» будани мамдӯҳи ӯ ишора меравад, тақвият дода метавонанд. Чунончи Айюқӣ мегӯяд:

Ту, Айюқиё, гарат ҳуш асту рой,
Ба хидмат бипайванд, ба мидҳат гарой.
Ба дил меҳри Султони ғозӣ бичӯй,
Ба ҷон мадҳи Султони Маҳмуд гӯй.
Абулқосим он шоҳи дину дувал,
Шаҳаншоҳи олам, амири милал.
Набинад ҷаҳону назояд сипеҳр,
Чун ӯ роду фарзонаву хубчеҳр.
Дар иқболу дар фазлу дар ҳар фане,
Ҷаҳонест дар зери пироҳане.
Гаҳи ҷуд чун абри бобахшиш аст,
Гаҳи илм дарёи пурдониш аст.
Тани ҷуду озодагиро сар аст,
Сари фазлу фарҳангро афсар аст…. (1,3)

Воқеан, ишораҳои Айюқӣ ба «Султони ғозӣ» ва «Абулқосим», ки лақаб ва кунияи Султон Маҳмуди Ғазнавист, аз мамдӯҳи шоир будани ин подшоҳ дарак медиҳад. Дар ин ки шоир дар ҳалқаи мадеҳасароёни Султон Маҳмуди Ғазнавӣ чӣ мақому мартабае дошта ва достони ӯ аз ҷониби султони мазкур то чӣ андоза мавриди қабул ва қадршиносӣ афтодааст, иттилое дар даст нест, вале чунин ҳақиқатро, ки достони «Варқа ва Гулшоҳ»-и Айюқӣ дар замони ҳукмронии Султон Маҳмуди Ғазнавӣ таълиф гардида ва ба номи ӯ бахшида шудааст, байти зерини шоир ҳам тасдиқ карда метавонад, ки мегӯяд:

Ки ин дастаи гул дар айёми туст,
Ба ҳар барги гул – бар рақам номи туст (1,4).

Ҳамин тавр маълум мегардад, ки яке аз сабабҳои асосии ручӯъ кардани Айюқӣ ба назми қиссаи ишқи фоҷиабори шоири араб Урва ибни Ҳизом ба духтари амакаш Афро бинти Иқол шабоҳати он ба ишқи нокоми худи шоир буда, ӯ асли сужети қиссаро аз маъхазҳои арабӣ ва манзумаи шоири араб – Ҷарир иқтибос кардааст. Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки нахустин манзумгардонандаи ин қисса ба забони арабӣ Ҷарир ва ба форсӣ Айюқӣ будааст ва худи шоир ҳам инро тасдиқ намуда мегӯяд:

Бигуфтам ба ширин сухан ин самар,
Ки кас нест гуфта аз ин пештар.
Чунин қиссаеро кас аз хасу ом,
Нагӯяд бад-ин вазну иншо тамом.
Ману ҳуҷраву тавба аз шоирӣ,
Гусаста шуд андар миён доварӣ.
Ман аз баҳри он афсари сарварӣ,
Сухан ронд хоҳам ба лафзи дарӣ…
Ба назм оварам саргузаште аҷаб,
Зи ахбори тозаву кутби араб.
Чунин хондам ин қиссаи дилпазир,
Зи ахбори тозиву кутби Ҷарир… (1,5)

Аз суханони шоир, ки мегӯяд: «Ману ҳуҷраву тавба аз шоирӣ» метавон тахмин кард, ки дар замони таълифи «Варқа ва Гулшоҳ» ӯ узлат ихтиёр карда ва аз хидмати дарбор дар канор афтода бошад, вале гуфтаҳои дигари ӯ: «ман аз баҳри он афсари сарварӣ, сухан ронд хоҳам ба лафзи дарӣ» бармеояд, ки сабаби дигари таълифи «Варқа ва Гулшоҳ» тибқи одати маъмули замони шоир ба ҳукмрони давр – Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ҳадя кардани он аст. Зеро дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бисёр воқеъ шудааст, ки шоирон новобаста ба мансубияти худ ба дарборҳои подшоҳон осори адабиашонро ба номи ин ё он ҳукмрони давр мебахшиданд ва Айюқӣ ҳам аз ин шумор истисно набудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айюқӣ. «Варқа ва Гулшоҳ». Ба эҳтимоми доктор Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон, 1343. – 135с.
2. Оташ Аҳмад. Як маснавии гумшуда аз давраи Ғазнавиён. Маҷаллаи Донишкадаи адабиёт. Шумораи 1 – 4. – Теҳрон. – С.1 – 13.
3. Муқаддимаи З. Сафо ба маснавии «Варқа ва Гулшоҳ». – Теҳрон, 1343. – С.5.

ПРИЧИНЫ СОЧИНЕНИЯ «ВАРКА И ГУЛШАХ» - АЙЮКИ

Айюки среди иранских, индийских, греческих и арабских рассказов и преданий, которые существовали в период его жизни, выбрал темой своей поэмы любовное сказание “Урвав и Аф”. Ответ на вопрос о том, почему он выбрал темой своей поэмы данный рассаказ, основанный на несчастной любви двух молодых арабских влюбленных, можно получить ознакомившись с самой поэмой Акики “Варка и Гулшах”.

Ключевые слова: Айюки, арабская любовная легенда “Урвав и Аф”, поэма“Варка и Гулшах”, несчастная любовь, период правления Султана Махмуда Гезневи

THE COMPOSITION REASONS "VARKA AND GULSHAKH" - AYYUKI

Ayyuki among the iranian, indian, greek and arab stories and legends which existed in the period of his life, chose as a subject of the poem the love legend "Urvav and Af". The answer to a question of why he chose as a subject of the poem given рассаказ, based on unfortunate love of two young Arab lovers, it is possible to receive having studied Akika's poem "Varka and Gulshakh".

Key words: Ayyuki, the Arab love legend "Urvav and Af", the poem"Varka and Gulshakh", unfortunate love, the period of board of the Sultan Mahmoud Geznevi.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Тупалов Гозибек*** – соискатель Таджикского национального университета

СИМОИ ЗАН ДАР ЭҶОДИЁТИ БОЗОР СОБИР

Адиба Азизова
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Ҳар шоири соҳибзавқ бо вижагиҳои шеъри худ дар майдони ҳунар муаррифӣ гашта, тасвири табиӣ ва хотирмон аз дидгоҳи шоирона далолат ба мумтоз будани ӯро мекунад. Бозор Собир аз зумраи шоирони лирик аст, ки инъикоси зебоӣ яке аз хусусиятҳои асосии шеъри ӯ маҳсуб меёбанд. Ашъори Бозор чун шеърҳои тасвирии Нодири Нодирпур, Сӯҳроби Сипеҳрӣ, Сергей Есенин бо бӯи табиати саршор аз манзараҳои дилфиреби кӯҳистон буда, дорои вижагиҳои умдаи хеш мебошад. Муҳимтарин сабки Бозор ҳамин тасвир аст, ки сухани обшустаро бо ҳазорон ранг наққошӣ мекунад ва ин тарзи корбурди ӯ мисли тир ба ҳадаф мерасад. Бавижа, тасвири зан дар ашъори Бозор Собир зиёд ба чашм мерасад, ки дар истифодаи санъатҳои бадеӣ зимни ин симо аз ташбеҳи пӯшида ва ибдоъ ниҳоят фаровон истифода шудааст. Қабл аз баррасии истифодаи ин саноеи бадеӣ донистани назари пажӯҳишгарон дар бораи хусусиятҳои аслии ин санъатҳо аз манфиат холӣ нест.

Ташбеҳ аз санъатҳои маъруфи адабиёти тоҷику форс ба шумор меравад ва яке аз намудҳои он ташбеҳи пӯшида аст, ки бе иштироки ёридиҳанда (чун, ҳамчун, мисли, монанди, гӯё, пиндорӣ ва ғ.) сохта мешавад. Истифодаи ташбеҳи пӯшида бошад, аз ҳунармандии шоир дарак медиҳад, зеро аксар вақт суханварон барои дарёфти тасвир аз воситаҳои ёридиҳанда бемавқеъ ва бешумор сӯйистифода мекунанд. «Гоҳе ташбеҳ аз ғайри иштироки ёридиҳанда (адоти ташбеҳ) ташкил меёбад ва беҳтарину барҷастатарин ташбеҳ ҳамон ташбеҳест, ки аз ғайри иштироки ёридиҳанда ташкил ёфтааст» [6, 65].

Санъати дигаре, ки дар саросари эҷодиёти Бозор мушоҳида мешавад, ибдоъ аст. Агарчи муҳаққиқони илми бадеъ ибдоъро танҳо ба унвони яке санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ донистаанду бас,«Ибдоъ дар луғат ба маънои тарзи нав эҷод кардан, навоварӣ ва офариниш буда, дар истилоҳи бадеъ ба маънои падид овардани мазмуни тоза ва обнарасида, эҷоди маънии латифу нағз дар назму наср аст. Бояд калима ва таркибҳо сода, пухта, форам ва паси ҳам ба ҷойи худ чида шуда, умуман байтҳо равону дилчасп ва аз такаллуф озод бошанд. Инчунин аз тарафи шакл, ҳам аз тарафи мазмун дар он моли касе омехта набошад. Хулоса карда гӯем, ибдоон аст, ки маънии латифу хуш дар либоси калима ва таркибҳои нозуку мулоим ҷилвагар ояд.

Дар айни ҳол ибдоъро як санъати махсус набояд ҳисоб кард. Ибдоъ монанди таносуби калом шомили саноеи лафзӣ ва маънавист. Бинобар ин, Рашиди Ватвот ва чанде дигар аз муаллифони илми бадеъ ибдоъро аз қатори саноеъ нашумурдаанд» [6,51]. Аммо истифодаи ибдоъ ва ташбеҳи пӯшида, бахусус, дар зимни офаридани симои зан ва инъикоси шаҳомату назокати онҳо дар осори Бозор Собир ниҳоят ҳунармандона ба назар мерасад, ки сабки шоирии ӯро аз ин ҷо мушаххасан метавон муайян намуд. Ҳамон гуна ки шеъри шоир дар мавзӯъҳои мухталиф аз навгӯӣ ва тасвир маншаъ гирифтааст, дар баробари ин аз исёну инқилоби ҷаҳони хусусии инсонҳо низ огаҳӣ дорад. Ба ин маънӣ, ки шоир ҳангоми тасвир авзои рӯҳи қаҳрамони худро хуб эҳсос менамояд.

Бозор Собир симои зан ва таҷассуми зебоиро аз табиат меҷӯяд ва аз инҷост, ки шеърро содаву дилчасп ва табиӣ мегӯяд. Чуноне ки дар намунаи зер ба назар мерасад, эҷодкор аз шукуфтани лолаҳо, сурхии гулҳо монандӣ ба ранги хун ва эҳсоси шарми занонаро дида, мушоҳидаи шоирона кардааст.

Як саҳнаи одии табиат, манзараи баҳор ба Бозор Собир имкон дод, ки зебоиофаринӣ ва мӯшикофии манзари шеърро фарохтар намояд. Хонанда аз мутолиаи ин мисраҳо ба ҷустуҷӯйи луғату фарҳанг намеравад, зеро содабаёнӣ аз вижагиҳои кори ӯст. Муроди шоир ҳамин аст, ки таровати баҳор ва нафосати занро дар калимоту ташбеҳоти зебо ба қолаби шеър бирезад. Ҳамин пораи шеърӣ ҷилваи баҳори дилангез ва эҳсоси занро дар ҳамоҳангӣ бо табиати назарраборо пешорӯи хонанда мегузорад:

Ин лолазори гулҷӯш
Сурхида то баногӯш,
Инро макун фаромӯш,

Хунаш, ки мезанад ҷӯш,
Шарми занона дорад (4,92-93).

Мусаллам аст, ки Бозор на танҳо фасли баҳорро, ки саропо шабеҳи зан аст, ба сурати шеър даровардааст. Ӯ дар ҳар як ҳодисаи табиӣ метавонад андому хислат ва авзои занро дар робита бо ғояҳои гуногуни пурқувват, барҷастатарин симоҳои хотирмон мисли: зан-дилбар, зан-модар, зан-хоҳар муштарак биофарад. Дар мисраҳои зерин шоир тани маҳбубаи хешро ба барфи навборида, пайи дандони худро ба изи пойи гург ташбеҳ карда, як тасвири урён ва дар ҳамин ҳол дилангезеро ба бор овардааст:

Танаш чун барфи навборидаи фасли зимистон буд,
Пайи дандони ман ҳар ҷо
Саҳаргоҳон чу нақши пойи гургон буд,
Пайи ошӯби гургони биёбон буд.
Ғизоли печутоби қоматаш, оҳуи рафтораш,
Ту гӯйӣ, гурги мастам карда буд охир,
Чу гургони зимистон гушнамастам карда буд охир (1, 80).

Офариниши симои зан дар эҷодиёти Бозор манбаи якҷониба надорад, шоир ҳунармандона дар баробари монандиҳои зан ва табиат, яъне ҳолати зоҳирӣ, ҳамчунин вазъи равонии бонувон ва ҳолати ботинии эшонро бо унсурҳои табиӣ ба мизони қиёс мегузорад. Сазовори таваҷҷуҳ аст, ки Бозор дар шинохти тасвир аз табиати зан ва зебоии табиат шеъри фаровон гуфтааст ва ҳар кадоме аз дигарӣ куллан тафовутпазиранд. Дар порчаи поёнӣ шоир борон ва занро он қадар ба ҳам монанд дидааст, ки хонанда бешаку шубҳа як симои тоза дар олами тахайюлоташ пайдо мекунад. Бозор дар резиши борон суроби занеро мебинад, ки бо ҳама ҷиҳози нозу пардоз қадам мезанаду ба абрӯвони чун камони Рустамаш қалам мекашад

Тӯре ба сараш кашида мерафт.
Мӯяш ба қадаш хамида мерафт.
Нозаш ба қадаш чакида мерафт,
Абрӯи камони Рустамашро
Бо ишва қалам кашида мерафт… (2, 177)

Дар лаҳзаи дигар Бозор андоми занро ба шир ва маҳтоб монанд карда, як силсила тасвири нотакрор ва нав пешорӯи хонанда мегузорад, зеро дар адабиёт ҳеҷ шоири дигаре ниҳоли қомати занро аз шир руставу бадани ӯро аз маҳтоб ширабаста нагуфтааст:

Поят сафеду гардану рухсораат сафед,
Гӯё ниҳоли қоматат аз шир рустааст.
Ҳам қатраҳои модарии шири одамӣ,
Ҳам моҳтоб дар баданат шира бастааст… (2, 142)

Тасвири симои зан барои Бозор ба андозае содаву табиӣ ба даст меояд, ки ҳангоми хондани чаҳорпораҳо чеҳра, андом, ҳаракоти мавзун, пираҳану сарбанд, атру упо ва ишваю карашмаи занонаро дар рамзи обшорон пеши назар ҷилвагар мегардонад:

Мӯи ту ба қомати баландат ҷорист,
Зулфи ту ба рӯйи дилписандат ҷорист.
Пероҳани мавҷи обат аз атласи ноб,
То хам-хами соқи арҷмандат ҷорист (1,221).

Муассирӣ ва ҷаззобияти кори ҳунарии Бозор Собир дар он ҳувайдо мегардад, ки тамоми ашёву ҷузъиёти табиат ҳамчун воситаи мушаххаси тасвирофаринӣ барои шеъри ӯ хидмат мерасонанд:

Мижгони туву сӯзани мижгони санавбар,
Чашмони дурахшони туву тезии алмос.
Оғӯши туву синаи хезобу талотум,
Бӯйи туву атри гули садбаргу гули ёс (4,108).

Дар ҷои дигар бошад, шоир лабҳои маъшуқаро ба анор, дандонҳои ӯро ба борон, ки ин тасвирҳо дар эҷодиёти аксари шоирон бисёр ба мушоҳида мерасанд, аммо вақте бадани дӯшизаро ба барфи пагоҳӣ монанд мекунад, ин воқеан тасвири обношуста аст:

Сурхида лабат анори хандон воре,
Дандони ту қатраҳои борон воре.
Барфи баданат ҳанӯз номолида,

Он барфи пагоҳии зимистон воре (1,236).

Чӣ тавре, ки дар боло зикр кардем, яке аз вижагиҳои офариниши симоҳо дар эҷодиёти шоир тасвири натанҳо намои зоҳири қаҳрамони лирикии ӯ, балки чеҳрасозӣ ва кушодани ботини зан маҳсуб меёбад. Барҷаста нишон додани хулқу атвор, далерию тавонмандӣ, иродатмандию таваккалгарои, дар маҷмӯъ мунъакиссозии хислатҳои фарқкунандаи қаҳрамон аз ҳунари волои Бозор Собир дарак медиҳад:

Рухшонаи мо ошиқи Искандар буд,
Савғот ба ошиқаш сари шавҳар буд.
Вақте ки ҳарамсарои ошиқ мерафт,
Сар то қадамаш ба хуни шавҳар тар буд (1, 241).

Ишқи якҷоніба чи дар рӯзгорони муқаррарӣ ва чи дар олами шеъру шоирӣ бо аксаран бо мушкилиҳо тавъам меояд. Симои Зулайхо дар адабиёт ниҳоят боэҳсосот ва фаровон истифода шуда, ҳар соҳибқалам аз нигоҳи худ зани ошиқро қаламкашӣ кардааст. Муҳтаво, албатта, дар ҳамаи қиссаву достонҳо якест, лекин тасвири симо, ҷаззобияти он вобаста аз истеъдоди худовандгори асар аст:

Аз ин пас Зулайхо, ки ноком буд,
Зулайхо набуд, гурги бадном буд.
Ки он Юсуфи хӯрдааш зинда монд,
Даҳонаш, вале Юсуфолуда монд.
Пароканда шуд моҷарояш, вале
Ба гуфтан нишастанд мисризанон,
Ки ҳамбистари бевафои Азиз
Тамаъ карда аз бардааш хобухез (1,60).

Дар боло мо аз ашъори шоир намунаҳое овардем, ки ба таърифу тавсифи зан ва ситоиши ӯ бахшида шуда, ҳусни зан аз ҷониби шоир мавриди накӯҳиш қарор гирифтааст. Ҳамзамон бояд ёдоварӣ намуд, ки Бозор Собир шоири ҳақгӯву талхгӯст, ки аз интиқоду сарзаниш ва аз ҷурму қубҳи занон хомӯширо ихтиёр надорад. Ба ин васила шоир шарҳи ҳоли занони фиребхӯрда, ки дар ҷавонӣ арзиши зиндагиро нафаҳмида, аз пушти хаёлҳои хом домани худро бо чормағзи пуч пур кардаанду дар авҷи камолот заҳри пушаймонӣ мечашанду афсӯс мехӯранд, нишон медиҳад. Ин мисраҳо, дар ҳақиқат ҳам аҳамияти баланди тарбиявӣ доранд:

Обутоб аз дасту бозуяш парида,
Дасту бозуяш
Моҳии дар ҷӯйбори остин мурда.
Ҷоми лабҳояш
Аз шароби бӯсаҳо холӣ,
Лаб ба лаб аз заҳри талхи ғуссаҳо пур… (1,94)

Симои зан барои Бозор Собир як симои муқаррарӣ ва маҷбурӣ нест. Ӯ дар офаридани ҳар як шеър мекӯшад дараҷаи сифоту маънавияти занро ба унвони мавҷудоти муқаддас исбот намояд ва баҳри ҳимояи ҳуқуқи онон садо баланд намояд:

Бар қабри занон хеҷ касе бӯса накардаст,
Ҳар бӯсагаҳе ҳаст, яқин мадфани мард аст.
Танҳо туӣ, эй Тоҷмаҳал бӯсагаҳи зан.
Танҳо туӣ, эй Тоҷмаҳал бӯсагаҳи ман (3, 61).

Ба ҳамин маънӣ ҷойи дигар шоир занонро муъҷиза мехонад ва ҷойгоҳи эшонро ниҳоят дар мартабаи воло мегузорад:

Дар бистарат нигар,
Биност марди кӯр,
Чолок марди шал.
Эй зан, ҳамин бас аст,
Пайғамбарӣ агар (3,98).

Мувофиқи ривоятҳои қадимӣ зан аз қабурғаи чапи мард офарида шудааст, ки миёни мардум қиссаи густурда ба шумор меравад ва ба ривояти устуравӣ бадал гаштааст. Бозор Собир дар ин ҷо ҳам занонро арҷгузорӣ карда, онҳоро ба қалби мардон наздик эҳсос мекунад:

Магӯ беҳуда занро норасида,
Ки аз паҳлуи чап шуд офарида.

Дар он паҳлуи мо дил ҷо гирифтаст,
Зану дил ҳарду як маъно гирифтаст (3, 124).

Озодиву озодагӣ аз арзишҳои дӯстдошта ва хостаҳои шоир барои зан мебошад ва аз ин ҷост, ки дар саросари эҷодиёти хеш ҳамин мафҳумҳои барои инсон муҳимро шоир пайваста тарғибу ташвиқ менамояд:

Занҳо, ки ба зери чодаранд, озоданд,
Аз кабки қафас, ки бадтаранд, озоданд.
Аз фалсафаи Хумайнӣ гардам, ки дар он
Занҳо, ки ҳамин мушти паранд, озоданд (1,219).

Дар ғазалворае барои занон Бозор Собир манзалату қимати занро хеле ҳимматбаландона арзёбӣ карда, нерӯи ҳастисозу ҷозибаи муҳаббаташонро қавитар аз замину осмон баҳо медиҳад:

Тамоми қуввати кашидани замин,
Баробари кашидану рабудани ду кунҷи дидаи шумост.
Ба як назора мекашад ҳазор дил,
Ба як назора мекашад ҳазор ҳуш,
Тамоми моҳи нав,
Ба қадри нохуни буридаи шумост (4,117).

Бозор Собир симои занро натанҳо ба ҳайси олиҳаи зебоӣ тасвир мекунад, ҳамчунин ӯ симои модар ва хоҳарро низ дар майдони фарохи эҷодиаш меҳрубону дилсӯз, заминиву дӯстдоштанӣ нишон медиҳад. Мусаллам аст, ки зан ба ҷуз маъшуқаву ҳамсар, боз модар ва хоҳар, аз ҳама мавқеи арзанда барои мардумони сайёра дорад:
Эй номуборакон!

То дар пайи шиканҷаи олам нишастаед,
Ин ҳашми модаронаи ман кам намешавад,
Фарёди модаронаи ман мерасад ба гӯш (2,15).

Дар ин шеър бошад, шоир модари азизи деҳотии худро пас аз маргаш ба дарахти садда монанд мебинад ва хоксории ӯро ба хотир меорад. Аз рӯйи эътиқод мардумони кӯҳистонӣ то ҳанӯзам ба хотири нияту ормонҳои хеш ба дарахтони мазор латта мебанданд:

Дарахти садда шуд дар пушта модар,
Ба тифлонаш баромад бар баландӣ.

Чу мардум куҳнапӯшаш дида буданд,
Дарахти модарам шуд латтабандӣ (2, 34).

Таҳти ҳамин ному мазмун, аммо бо тобишҳои нав Бозор Собир дар китоби дигараш ҳамин шеърро идома дода, ибрози ҳақиқат мекунад, ки фарзандон на ҳама вақт ба модар подоши некӣ медиҳанд. Истифодаи содатарин тасвирҳои ба мардум наздик, хизматҳои нокардаи фарзанд пеши модар, воқеан ҳам баъд аз хондани ин мисраҳо чун навор пеши чашм ҷилвагар мегардад:

На боре нон, на собунаш харидем,
На боре докаву попӯшии нав.
Ба умраш куртаи моро напӯшид,
Кафан ҳам бар танаш аз мо напӯшид…

Касе дар кулбаи модар намондаст
Ба ғайр аз корбофакҳои чун ӯ,
Ба ғайр аз риштаҳои корбофак,
Ба ғайр аз лонаи ҷуфти парасту (1,109).

Боз ҳам шоири тасвиргар аз дарахтони сабзу шодоби зодгоҳ модари гумкарда ҷуста, дар намои онон азизи дуррафта, зани заминӣ ва модари хешро дидаву бузургиҳои ӯро дар хоксориаш маънидод менамояд:

Олучаи латтадор буд модари ман,
Қишлоқии хоксор буд модари ман.
Яъне, ки бузургвор буд модари ман,
Дар зиндагиаш мазор буд модари ман (1, 202).

Дар шеъри дигар шоир замони бачагии худро, ки солҳои сахти қаҳтӣ буду модар фарзандони ятимашро бо азоб ба камол мерасонд, аз таҳаммулпазирии модар қисса мекунад:

Як мушт ятими хуфтаро модар,
Дар тахтаи дил гирифта мехобад.
Дар пахтаи дил гирифта мехобад.
Сар монда ба тахтаи дили модар,
Сар монда ба пахтаи дили модар,
Бо чак-чаки чака мебарад хобам,
Бо равғани маска мебарад хобам (4,70).

Баъдан ғамхориҳои модаронаро, ки баъди анҷоми ташвиши зиндагӣ кӯдаки худро ба бағал гирифта, бистари хоб мебарад, дар воқеъ мундариҷаи умумӣ ва ҳасбиҳолӣ дорад, дилнишину табиӣ ба қалам медиҳад:

Модарам аз шабдарав аз пушта баргашта,
Хобу хоболудаам
Зери каш мекарду мегуфт:
Бачаи бечораи ман тоқу танҳо
Монда ин ҷо маҳтали кино (4,110).

Шоир мисли тамоми инсонҳои рӯйи замин ҳангоми бузургӣ ҳам ба модар ниёз эҳсос менамояд ва медонад, ки касе ҷойи қалби раҳмгину шафиқи вайро гирифта наметавонад. Табиист, ки одамон дар талхтарин соати зиндагӣ аз офаридгору модар бештар ёд мекунанд. Ҳамин лаҳзаи риққатоварро Бозор бо вокуниши модар аз изтироби писараш таҷассум кардааст:

Модарам мурд,
Пеш аз он рӯзе, ки ман гаштам муҳоҷир;
Модарам мебуд,
сатилҳо ашки сӯзон гиря мекард (1,41).

Манзараи зиёрати оромгоҳи модар аз ҷониби бародар барои Бозор Собир тахайюли тоза дод ва ӯ мисли абр ба сари гӯр ашкрезии бародарро тавсия медиҳад:

Дар саригӯри модарам
Хушк машин бародарам
Абри ҳаво шав аз сиришк,
Силсилапо шав аз сиришк
Гиряи мард вубол нест (4,57).

Назари адабиётшиноси маъруф Раҳим Мусулмонқулов роҷеъ ба ин мавзӯъ бамаврид аст: «Шоир ҳеҷ гоҳ маънии забонзадаю тавсифи обшуста ба кор намебарад. Тавсиф дар шеъри Бозор Собир умуман кам вомехӯрад. Ӯ мекӯшад, ки тавсифҳои гарму дилнишин истифода намояд. Чунончӣ абри парешонро аввалан ба хобу хаёл монанд мекунад, пас хоҳарони ҷонии кокулпарешон меномад. Оё одаме бошад, ки хоҳаракашро дӯст надораду баробари ҷонаш нашуморад? Абр, ки як унсури неки табиат аст, барои ҳар каси соҳибтамиз чун хоҳар азиз аст:

Он ҳама абри парешоне, ки чун хобу хаёл,
Дар канори кӯҳсор,
Дар лаби оби равон биншастаанд,
Хоҳарони ҷонии кокулпарешони мананд (5,8-9).

Ҳадс задану пажӯҳиш бурдани ашъори Бозор Собир, ки симои зан фаровону барҷаста таҷассум ёфтааст, дар саросари ҳаҷми як мақолаи илмӣ аз имконот берун мебошад. Ниҳоят таҳаввул ва ташаккули зан, нақши созандаву боризи ӯ дар иҷтимоъ аз ормонҳои бузурги шоир ба ҳисоб меравад. Шоир занро дар баробари паёмбар эътироф намуда, шоҳкориҳои ҳама нависандагони ҷаҳонро роҷеъ ба мартабаву манзалати модар кофӣ намедонад:

Тамоми дору дарахтони рӯи замин
Агар ба дасти нависандагон қалам гардад.
Агар, ки ранг шавад оби чашмаву дарё
Ва барги дору дарахтон агар шавад дафтар,
Агар навишта шавад дар ситоиши Модар,
Шавад тамому сухан нотамом монад боз (4,51).

Дар фарҷом, мавриди таззакур аст, ки таҷассуми симои зан дар афкору ақида ва ашъори Бозор Собир дар робита ба масоили муҳими рӯз, ба монанди: баробарҳуқуқӣ ва озодии зан, арҷгузорӣ ба заҳмату матонати модар, ҷасорату самимияти бонувони пешво возеҳу мушаххас дида мешавад. Аз шеърҳои шоир бармеояд, ки ӯ таваҷҷуҳ ва муносибати худро нисбат ба зан дар эҳтирому шинохти шахсияти онҳо арзёбӣ мекунад. Муносибат ба дунёи ботинии зан, модар ва хоҳар аз сӯйи шоир дар ҳолатҳои гуногуни сарнавишт аз дидгоҳи як зиёӣ, шахсияти ҷаҳонгашта ва инсони худшинос гувоҳӣ медиҳад. Ва симои зан барои ҳамеша дар эҷодиёти шоир ҷиҳатҳои фаросату ҷасорат, сабуриву дилрабоӣ, ишқу худфидоӣ дорад.

Бозор дар мавриди зан ниҳоят зиёд шеърҳо гуфта, эҳсоси отифат, ҷамолу висол, қудрату мағфирати онҳоро ҳамчун маҳбуба, модар, роҳбар ҷолибу хотирмон ва қаҳрамони ҳар давру замон рӯйи коғаз овардааст.

Шеъри Бозор аз ҷиҳати бадеият ва аҳамияти маърифатӣ ғояти намоёни илмиро сазовор буда, дар баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеаи кунунӣ нақши муҳиму мондагор бозида, моҳияти баланди сабақомӯзӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бозор Собир. Аз «Гули хор то «Симхор». Москва:- Интрансдорнаука, 2003.-С.80.
2. Бозор Собир. Бо чамидан, бо чашидан. –Душанбе: Адиб, 1987.
3. Бозор Собир. Хуни қалам. Шуҷоиён, 2010.-С.61.
4. Бозор Собир. Шоиру шеъре агар ҳаст.- Душанбе: Адиб, 2006.-С.92-93.
5. Раҳим Мусулмонқулов. Қирони саъд. Маҷаллаи «Занони Тоҷикистон», 1988, №11.с.8-9.
6. Туракул Зеҳнӣ. Санъати сухан. -Душанбе:Адиб, 2007.- С.65.

ОБРАЗЫ ЖЕНЩИН В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ БОЗОРА СОБИРА

В данной статье рассмотрены образы женщин в поэзии известного таджиского поэта Бозора Собира. Автор статьи доказывает с точки зрения таланта создание образов, особенности поэтики поэта, также образ женщин как символа красоты, любви, преданности, неверности, благоразумия и силы воли.

Ключевые слова: Бозор Собир, образы женщин в поэзии Бозора Собира, особенности поэтики.

IMAGES OF WOMEN IN THE WORK OF BOZOR SOBIR

This article examines images of women in the poetry of the famous - tajik poet Bozor Sobir. The author argues from the standpoint of talent, creating an image, especially poetry and methods of the poet, as the image of women as a symbol of beauty, love, fidelity, infidelity, wisdom and strength of will.

Key words: Bozor Sobir, images of women in Bozor Sobira's poetry, feature of poetics.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Адиба Азизова*** **–** аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки АН РТ

ДАР БОРАИ ШАКЛУ МАЗМУН ВА ЗАБОНУ УСЛУБИ ДОСТОНИ «АСРОР»

С.Г. Аҳмадов
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Ғаффор Мирзо ба зумраи шоирони ҷӯё ва навгарои адабиёти тоҷики садаи бистум маҳсуб буда, дар давоми фаъолияти эҷодии зиёда аз панҷоҳсолаи худ бо шаклҳои гуногуни шеърӣ - чӣ дар қолабҳои анъанавии шеъри форсӣ ва чӣ дар вазну қаволиби нав асарҳои манзуми зиёде навиштааст. Вале бо иддаои аксари муҳаққиқин ва мушоҳидаҳои шахсии мо низ, яке аз қисматҳои асосӣ ва арзишманди навиштаҳои шоирро достонҳо ташкил медиҳанд ва дар нақди адабии тоҷик (ва шӯроӣ низ) бештар достонҳои Ғаффор Мирзо мавриди таҳқиқ ва муҳокима қарор гирифта буданд.

Яке аз аввалин достонҳои шоир «Асрор» дар давоми солҳои 1953-1956 навишта шуда, сараввал дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (шумораҳои 9,10,11,12-и соли 1956 ва 1,2,3-и соли 1957) ба табъ расида, баъдан аз тарафи Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба шакли китоби алоҳида чоп мешавад. Бори савум достон дар маҷмӯаи «Аз гаҳвора то майдон» дар қатори достони «Нору Нур» ва силсилаашъори бачагонаи «Гулҳои

дастабаста» ба табъ мерасад. Вале бояд гуфт, ки дар ҳар сеи ин нашр достон шаклу мазмуни ягонаи худро нигоҳ дошта, шоир дувумбора ба таҳриру такмили он иқдом накардааст.

Достони «Асрор» дар яке аз маъмултарин баҳрҳои вазни арӯз – ҳазаҷи мусаддаси мақсур (рукнҳояш: мафоӣлун, мафоӣлун, мафоӣл) навишта шуда, бо достонҳои маъруфи адабиёти форсӣ, аз қабили «Хусрав ва Ширин»- и Низомии Ганҷавӣ, «Вис ва Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ ва «Юсуфу Зулайхо» -и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамвазн мебошад. Вале бо эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки интихоби вазни достон ба ин шоҳкориҳои адабиёти форсӣ иртиботе надошта, бештар ба дубайтаҳои мардумӣ вобаста аст, ки бо ҳамин вазн гуфта мешаванд.

Чуноне ки маълум аст, навиштаҳои Ғаффор Мирзо, бахусус шеъру достонҳои ӯ, ба эҷодиёти шифоҳии мардум қаробати беназире дошта, мундариҷаи аксари асарҳои ӯро нақлу ривоятҳо ва масалу ҳикматҳои халқӣ ташкил медиҳанд. Инчунин забон ва тарзи баёни шоир ба гуфтори мардумӣ хеле наздик буда, ӯ ҳамвора барои содаву оммафаҳм, вале пурмазмуну ҳадафрас ва дилнишину таъсирбахш сухан гуфтан кӯшиш мекардааст. Ин хусусияти эҷодиёти ӯро олими забоншинос Раззоқ Ғаффоров чунин баҳогузорӣ намудааст: «Мавзӯи эҷодиёти Ғаффор Мирзо васеъ ва доманадор мебошад. Гуногунии мавзӯъ тақозо намудааст, ки ӯ аз хелҳои мухталифи сарвати луғавӣ, аз ҷумла аз калимаҳои лаҳҷавӣ, зиёд истифода барад» [2,144]. Ба андешаи мо, ана ҳамин наздикӣ бо забону услуб ва эҷодиёти шифоҳии мардум дар интихоби вазни достон низ таъсири худро гузоштааст.

Достони «Асрор», агар байтҳои алоҳида ва сурудаҳои халқии дар дохили он бударо ба назар нагирем, аз 625 байти чаҳормисрагӣ иборат буда, қофиябандиаш низ шакли ягона надорад ва гоҳо ба шакли маснавӣ:

(Ҷавоне ба Сталинобод омад,
Парешонхотиру ношод омад.
Худаш Асрор Розиқ ном дорад,
Нав андар понздаҳ по мегузорад) (5,51)

гоҳи дигар ба шакли рубоӣ:

(Ҳамин бача расид аз ким-куҷо маст,
Гиребонаш тару каҷ химча дар даст.
-Бас акнун Буалиҳои замона!-
Ба рӯи стол зад, ки химча бишкаст) (5,58)

баъзан ба шакли қофиябандии якдармиён:

(Яки онҳост ҳозир сахт бемор,
Нигар онҳо, нигар онҳо чӣ рӯянд:
Ба монанди бародарҳои ғамхор,
Ҳама бемори бемории ӯянд) (5,78)

ва аз ҳама зиёдтар ба шакли қофиябандии маъмулии чаҳорпора:

(Нахоҳад шуд хатое, гар бигӯям,
Ки дар он рӯзҳои сахти пуршӯр
Тамоми мамлакат буд гӯшна-хурсанд,
Тамоми мамлакат буд гӯшна-пурзӯр) (5,58)

қофиябандӣ шудааст.

Пеш аз он ки оид ба мундариҷаи достон сухан гӯем, андаке дар бораи ба кадом ҷинс тааллуқ доштани он дахл кардан мехостем. Аслан мафҳуми ҷинс чун ҳама мафҳумҳои дигар хусусияти нисбӣ ва ё шартӣ дошта, дилхоҳ асари бадеӣ, бахусус достон, сирф ғиноӣ ва ё ҳамосавӣ буда наметавонад. Ба қавли адабиётшинос Юсуфи Акбарзода: «Дар ин рӯзгори шурангези мо, ки табиат ва қонунҳои азалии ҷинсу жанрҳои адабӣ тағйиру такмил ёфта, аз ҳисоби ҳамдигар ғанӣ гашта истодааст ва лирика ба эпосу драма ва эпосу драма ба лирика сар дароварда як омезиши аҷибе ба вуҷуд омада истодааст, асарҳои адабиётро ба асарҳои соф лирикӣ ва ё соф эпикию драмавӣ ҷудо кардан муҳол аст» [1,122].

Ин гуфтаҳои донишманди муҳтарам дар бораи робитаи мутақобилаи ҷинсу намудҳои осори бадеӣ комилан дурустанд, вале, ба андешаи мо, онро танҳо махсуси замони муосир донистан иштибоҳ мебуд. Ин муносибату алоқамандӣ асрҳои аср вуҷуд дошт ва минбаъд низ мавҷуд хоҳад буд. Барои мисол яке аз ҳамосаҳои бузурги дунё

«Шоҳнома»-и Фирдавсиро, ки ҳамчун достони сирф эпикӣ шинохта шудааст, агар вобаста ба хусусиятҳои алоҳидаи ҷинсҳои адабӣ таҳлил намоем, дар он ба ғайр аз хусусиятҳои махсуси ҳамоса ба хусусиятҳои алоҳидаи дигар ҷинсҳо низ ба таври фаровон вомехӯрем. Ҳатто дар ҳамон порчаҳое, ки шоир ҳиссиёту ҳаяҷони худро маълум накарда, ҳамчун шахси бетараф ба нақл кардани ҳодисае машғул мешавад, достон хусусияти ҳаяҷонангезӣ ва драматизми худро гум накарда, баръакс, ин хусусиятҳо ба дигар васоил равшан ва пурқувват мегарданд. Ин гуна муносибат ва вобастагии ҷинсу намудҳоро мо дар тамоми достонҳои қадиму ҷадид дида метавонем, ки достони «Асрор» низ аз ин қатор берун нест. Мо бо ин гуфтаҳо иддаои ба ҷинси эпика мансуб набудани ин достонро надорем, балки фақат таъкид кардан мехостем, ки достони «Асрор», бо вуҷуди эпикӣ буданаш, баъзе хусусиятҳои дигар ҷинсҳои адабиро низ доро мебошад.

Достони «Асрор» асари шарҳиҳолӣ буда, дар чор қисмати он шоир лаҳзаҳои гуногуни зиндагии худро ба василаи образи Асрор нақл намудааст. Яъне, тамоми он ҳаводису рӯйдодҳое, ки дар достон нақл карда мешаванд, маҳсули тахайюли бадеии шоир набуда, ӯ худ шоҳид ва ширкаткунандаи бевоситаи ин ҳаводис мебошад. Яке аз сабабҳои асосии воқеӣ ва боварибахш будани достон низ дар ҳамин аст. Вале, чуноне ки аз мутолиаи достон маълум мегардад, мақсади аслии шоир баён намудани шарҳи ҳоли қаҳрамони марказӣ набуда, ӯ бо таъсири воқеа ва ҳаводиси гуногуни зиндагӣ дигаргуншавии хулқу хӯ ва ташаккули шахсияти Асрорро тасвир кардан хостааст. Яъне, дар маркази диққати шоир на худи воқеаву ҳаводис, балки натиҷаи онҳо ва дараҷаи таъсиррасонии онҳо меистад. Аз ин рӯ шоир тамоми ҷузъиёти зиндагии қаҳрамони худро пай дар пай нақл накарда, фақат ба ҳамон воқеаҳое диққат медиҳад, ки ба ҳиссиёти Асрор таъсири бештаре дошта, дар дигаргуншавии аҳволи рӯҳии ӯ саҳмгузор будаанд. Ҳамин хусусияти достонро Хуршеда Отахонова ба назар гирифта мегӯяд: «Шоир ба тасвири маънавиёт ва ҳаёти ботинии қаҳрамони худ эътибори зиёде дода, як асари манзуми психологӣ офаридааст» [6,146].

Дар қисматҳои якум ва дуюми достон ҳаёти давраи донишҷӯии Асрор нақл карда мешавад, вале ин нақл пай дар пай ва муфассал набуда, шоир бо тасвири чанд лаҳзаи ҳаёти қаҳрамони худ портрети психологии ӯро офаридааст. Асрор дар ин ҳангом «хомушу бедимоғ», «парешонхотиру ношод» ва «одамгурезу танҳоиҷӯ» тасвир ёфтааст. Ӯ бо таъсири воқеаҳои даврони бачагӣ нисбат ба одамон бадгумон ва нобовар буда, ба касе дарди дили худро намекушояд. Бо сабаби дамдуздӣ ва канорачӯияш ӯ то дер гоҳ барои рафиқонаш ҳамчун муаммои нокушода боқӣ мемонад. Шояд сабаби қаҳрамони худро «Асрор» номидани шоир низ дар ҳамин бошад.

Дар охири қисми якум ва аввали қисми дувуми достон воқеаи бемор гардидани Асрор нақл карда мешавад ва ҳамин ҳодисаи дар назари аввал ногувор сабаби тағйирёбии вазъи рӯҳии Асрор ва дигаргун шудани муносибати ӯ бо одамони гирду атроф мегардад. Ҳангоми беморӣ ӯ чӣ гуна мушфиқу меҳрубон ва якдилу якҷон будани рафиқони худро мушоҳида намуда, батадриҷ бадгумонӣ ва нобовариаш нисбат ба онҳо барҳам мехӯрад. Ин ҳодиса ӯро бо атрофиён, махсусан бо Сафар ва модари ӯ- Азиза Шомуродовна, наздиктар мегардонад. Таъсири ин ду шахс, бахусус Азиза Шомуродовна, дар табаддулоти рӯҳӣ ва инкишофи мусбии шахсияти Асрор ниҳоят бузург аст. Шафқати модаронаи ин зан дили ӯро ба зиндагӣ гармтар ва хулқу хӯи ӯро нармтар мегардонад:

Ба рӯи меҳрубон, пурнури модар
Хирадмандонаву масрури модар
Ҷаҳони модариву ишқи зан дид,
Ҷаҳони нав ба чашми хештан дид (5,85).

Шоир барои кушодани ин ду образ он қадар кӯшиш ба харҷ надодааст, вале аз ҳамин маълумоти кӯтоҳ низ хонанда ба зумраи одамони соҳибдилу покният мансуб будани онҳоро пай мебарад ва аз нақши онҳо дар ташаккули шахсияти Асрор огоҳ мегардад.

Дар қисми савуми достон саргузашти ғамангезу пурмоҷарои Асрор аз забони худи ӯ нақл карда мешавад. Ба монанди ду қисмати аввал дар ин ҷо низ ҷараёни зиндагии Асрор пай дар пай нақл нашуда, шоир танҳо ба муҳимтарин воқеаҳо, ки ба аҳволи рӯҳии қаҳрамон таъсиргузор будаанд, дахл мекунад. Ба ақидаи Муҳаммадҷон Шакурӣ,

«шоир нахостааст, ки ҳаёти қаҳрамони худро дар сағирхона ба воситаи як хати мустақили воқеаҳо равшан кунад. Вай қарор додаст, ки чанд лавҳаи алоҳидаи байни худ робитаи ботинӣ доштаро пайи ҳам оварда, ба ин восита дар бораи зиндагии Асрор, машғулиятҳои ӯ ва аҳволи рӯҳии вай маълумоти гуногун ва ҳартарафа диҳад» [9,12]

Ҷиҳати фарқкунандаи ин қисмати достон аз ду қисмати пешин дар он аст, ки агар дар қисматҳои якуму дуюм воқеаҳои зиндагии Асрор ҳамчун шахси сеюм аз тарафи шоир нақл шуда бошанд, дар ин қисмат рӯйдоду ҳаводиси зиндагиашро худи қаҳрамони марказӣ – Асрор нақл мекунад. Табиист, ки ба ин васила шоир тамоми ҳиссиёту ҳаяҷон ва аҳволи рӯҳии қаҳрамони худро аз таъсири воқеоти гуногун равшантар баён карда тавонистааст.

Дар ин қисмат яке аз образҳои равшану ҷолиб ва таъсиргузор образи мураббияи боғчаи бачагон мебошад. Агар ба эҷодиёти Ғаффор Мирзо назар андозем, дар бисёр шеъру достонҳои дигари шоир («Тоҷи давлат», «Сесаду шасту шаш паҳлу», «Фарзанди ҳукумат» ва бисёр шеърҳои хурди ғиноӣ) тавсифномаҳое дар бораи ин зан меёбем, ки бо сипосгузории бениҳоят ва муҳаббати самимӣ навишта шудаанд. Дар достони «Асрор» ин гуна мехрномаҳо зиёданд ва барои мисол ба яке аз онҳо шинос мешавем, ки дар алоҳидагӣ як манзумаи зебои ғиноӣ буда метавонад:

Мураббия, мани дунёнадида
Ба кӣ бигзорамат дигар баробар?
Ба қадру эҳтироми ту расидан
Асоси эҳтирому қадри модар.
Сано бодо туро, тоҷик-модар,
Сағирапарвари нохонда устод.
Туро дар тарбия буд илми дигар,
Ки худ кардӣ барои хеш эҷод.
Ту моро эркаву нозук накардӣ,
Ки зӯри худ ба барги тара санҷем.
Ба қадре меҳрубон будиву сарде,
Ки не сӯзем мо, не ях бубандем.
Туро фарзанд буд дар хона, аммо
Дили ҷӯшони худ ду ним кардӣ.
Ҳақи меҳру навозишҳои ӯро
Ба мо, бемодарон, тақсим кардӣ.
Ба ҳар оҷингу ҳар мӯи сафедат
Мураббия, будам ман ҳам сабабгор.
Маро аз модари худ дида бар ту
Адои қарзи фарзандист душвор (5,115)

Ба ҳамин минвол, Азиза Шомуродовна, Сафар, Мукаррам ва мураббия образҳои мусбати достон буда, ҳар як дар тарбияи ахлоқии Асрор ва ташаккули шахсияти ӯ ҳиссагузор будаанд. Вале баръакси ин образҳо дар достон як зумра шахсиятҳои дигаре амал менамоянд, ки дар рӯҳия ва эҳсосоти Асрор таъсири манфӣ расонидаанд. Ба ин гурӯҳ образҳои амаки Асрор ва шавҳари апаи ҷавонмаргаш Мукаррам шомиланд.

Вохӯрии аввалин бо амаки номеҳрубон ва гирифтори муомилаи сарду дағалонаи ӯ гардидан дар дили бекина ва софу бекудурати Асрор тухми нобоваривву ноумедӣ ва ғаму андӯҳ корида, хулқу атвор ва табиати ӯро ба таври манфӣ тағйир медиҳанд. Бар асари ин рӯйдод Асрор аз кӯдаки шӯху беқарор ва зиндадил ба одами тамоман дигар шикастадилу ғамхора ва одамгурезу танҳоиҷӯ мубаддал мешавад:

Маро бишкаст он бегоҳ гӯё,
Маро бишкасту гӯё аз дигар сохт.
Ҳавои н-ошно кардам ба сар ҷо,
Дили бегонае дар сина андохт.
Зи ёру дӯстонам дод парҳез,
Маро сарпасту ғамгину пакар кард.
Ба чашмонам чу золи фитнаангез
Разилону бадонро бештар кард (5,127).

Шахси дигаре, ки дар дигаргунии авзои Асрор таъсиргузор аст, шавҳари апаи ҷавонмаргаш Мукаррам мебошад. Ин шахси пасту фурумоя ва ноҷавонмард сабабгори

марги Мукаррам гардида, якумрӣ дар дили Асрор доғи сиёҳи ҳасрат боқӣ мегузорад. Ёфтани Мукаррам барои Асрор метавонист оғози зиндагии хушбахтона гардад. Ӯ дар симои Мукаррам гӯё аз сари нав ҳам падару модар ва ҳам хоҳару додари аздастдодаи худро ёфта буд. Вале ин хушбахтии Асрор дер давом намекунад. Баъди чанде бар асари зарбу лат ва хориву таҳқири бениҳояти шавҳари ноҷавонмардаш Мукаррам аз дунё мегузарад ва барои ҳамеша дар дилу дидаи Асрор ҳузну андуҳи бепоёне нақш мебандад.

Ҳамин ду ҳодисаи мағшуши зиндагӣ сабабгори минбаъд доштани хулқу атвори номувофиқ ва ноҷӯриву одамгурезии Асрор гардида, аз тарафи дигар дар сиришти ӯ ҳисси ҳақталошиву адолатхоҳӣ ва ҷавонмардиву устувориро бедор мекунад.

Ҳамин тавр, он гунае ки Расул Ҳодизода қайд намудааст: «гоҳо чунин ба назар мерасад, ки озору сахтии зиндагӣ ӯро ба дараҷае расонидааст, ки бо ягон кас унс гирифтан ва ё дил бастани ӯ мумкин нест. Аммо ҷиҳатҳои беҳтарини ҳаёт, зебоии зиндагӣ, пеш аз ҳама коллектив … ӯро ба кори фаъолонаи ҷамъияти имрӯза ҷалб мекунад. Ин аст, ки қаҳрамон аз ҳолати рамидадиливу озурдагӣ баромада, дар зиндагӣ мавқеи худро пайдо менамояд» [8,145].

Чуноне ки пештар қайд намудаем, достони «Асрор» ба давраи аввали фаъолияти эҷодии Ғаффор Мирзо мансуб буда, натиҷаи нахустин кӯшишҳои ӯ барои офаридани асари калонҳаҷми манзум мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, дар забону услуби нигориши достон баъзе камбудиҳои ҷузъӣ вомехӯранд, ки дар вақташ адабиётшиносону мунаққидони гуногун, аз ҷумла устодон Муҳаммадҷон Шакурӣ, Хуршеда Отахонова, Раззоқ Ғаффоров ва Юсуфи Акбарзода, ба ин масъала дахл намуда буданд. Аз ин миён Раззоқ Ғаффоров мақолае бо номи «Дар бораи забони достони «Асрор»-и Ғаффор Мирзо» навишта, фикру андешаҳои ҷолибе дар масъалаи забону тарзи баёни шоир иброз намудааст. Дар ин мақола ба таври ҳаққонӣ ва дуруст бисёр камбудиҳои шоир, аз қабили муғлақбаёнӣ, истифодаи бемавриди калимаҳо ба хотири мисраъпуркунӣ, аз шеърият дур будани баъзе порчаҳо ва ба ҳамин монанд баъзе норасоиҳои дигари достон ошкор карда шудаанд. Вале дар баробари ин фикру андешаҳои дуруст дар мақолаи мазкур фикрҳои баҳсталаб ва андешаҳои носолим низ кам нестанд. Масалан забоншиноси муҳтарам мегӯянд, ки «Ба кор бурдани мақол, зарбулмасал, идиома ва ибораҳои фразеологӣ забони асарро матин, пурқувват ва бурро мекунад, ба асар фасоҳати бадеӣ мебахшад. Вале шоир дар ин бобат ҳам ба бемуваффақиятӣ дучор гардидааст. Вай ин гурӯҳ ибораҳои пойдори нутқамонро, ки таърихан таркиб ёфтаанду вайрон кардани онҳо ба гум шудани маънои аслиашон меоварад, вайрон мекунад.» [3,4] Баъд забоншинос барои исботи ин вайронкорӣ зарбулмасали халқии «Лӯлиё лаб-лаби бом, Хапако кора тамом»-ро меорад ва иддао менамояд, ки асли зарбулмасал ин тавр аст: «Валвалакон лаб-лаби бом, фисфисакон кора тамом.» Вале мо ба ин фикр ҳеҷ розӣ буда наметавонем ва кӯшиш менамоем, ки аз ҷиҳати шаклу мазмун солимӣ ва пурбории зарбулмасали якумро исбот намуда, баръакс заъфу норасоии зарбулмасали дуюмро равшан намоем.

Чуноне ки мушоҳида мегардад, дар ҳар ду зарбулмасал амалҳо ягона буда (лаб-лаби бом «гаштан», корро тамом «кардан»), фақат иҷрокунандагони аъмол (лӯлиҳо-валвалакон, хапако-фисфисакон) аз ҳамдигар фарқ мекунанд, яъне ба андешаи забоншинос калимаҳои вайроншуда «лӯлиё» ва «хапако» буда, ба ҷои онҳо «валвалакону фисфисакон» бояд мавриди истифода қарор гиранд. Агар мо ин калимаҳоро аз ҷиҳати шакл таҳлил кардан хоҳем, дар ду калимаи аввал ягона унсуре, ки онҳоро ба шева мансуб мегардонад, шакли ҷамъбандии мардумии исм мебошад, вагарна онҳо аз вожаҳои маълуму машҳури забони адабии тоҷик буда, ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам маҷозӣ дар адабиёти бадеӣ зиёд истифода мешаванд. Дар зарбулмасали мавриди баҳс ин вожаҳо ба маънии маҷозӣ омада, калимаи «лӯлӣ» ифодагари одамони бешарму ҳаё ва дар бадхисолӣ ангуштнамо буда, аз вожаи «хаппак» шахсиятҳои назарногиру зоҳиран боодобу хуштарбия дар назаранд. Яъне, гоҳо одамони хапу хомӯш ва назарногир коре (бешармие) мекунанд, ки одамони бешарму бепарво ба кардани он ҷуръат намекунанд.

Дар зарбулмасали дуюм низ шояд мақсад ифода кардани ҳамин маъно бошад, вале дар он ҳар ду калимаи ифодагари ашхос (валвалакону фисфисакон) ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз рӯи маъно ҳатто, хароб ва бемаъноанд. Калимаи «валвалакон» ҳеҷ гоҳ маънии «валвалакунандагон», «ғавғокунандагон», «мағалкунандагон», ки мақсад аст,

намедиҳад. Ба ин тарз тахфифшавии калима, ки як овоз (он ҳам як ҳиссаи пасванди шаклсози тасғир «ак») тавонад як вожаи бисёрҷузъаро (кунанда) ифода намуда, аз исми амал (валвала) исми шахс (валвалакунанда) созад, дар забони форсӣ ҳодисаи нодиру беназир буда, ҳатто дар шеваҳо низ мавриди истифодаи васеъ надорад. Калимаи «фисфисак» ҳам, бо вуҷуди дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ бо ишораи «гуфтугӯӣ» ҷой доштанаш, нофаҳмост ва таркибан низ ба гурӯҳи калимаҳои солим ворид шуданаш гумон аст. Ин калимаҳои баъдина, ҳатто дар шакли дуруставон, аз ҷиҳати пурбории маъно ҷои ду вожаи аввалро гирифта наметавонанд.

Дар мақолаи мазкур Раззоқ Ғаффоров ҳамчун нишондоди норасоии дигари забониву услубии достон чунин мегӯяд: «Шоир аксар аз пайи назми хушку холӣ ва мисраъпуркунӣ рафта, дар аксари мисраъҳо калимаҳоро такрор ва барзиёд кор мефармояд, ки ин ҳолат ба гум шудани назокати шеърӣ сабаб мешавад. Масалан:

Дар он хона ҷавоне пурмағал буд,
Ки пашмакрӯй буд, номаш Бадал буд (3,4).

Мо иддаои шоҳбайт будани ин ду мисраъро надорем, фақат ҳамин қадар гуфтанием, ки калимаи се бор такроршудаи «буд» дар он на бемавриду ноҷо, балки бамаврид омада, сабабгори назокати байт гардидааст, на баръакс. Зоҳиран, мунақкид «буд»-и дуюмро дар байт зиёдатӣ мешуморад, вале, агар мо аз ӯ пайгирӣ намуда, мисраи дуюмро ба ин тарз ислоҳ намоем: «Ки пашмакрӯю номи ӯ Бадал буд» оё ба ҳусну маънии шеър меафзояд? Албатта не! Дар ин сурат байт ҳам шаклан ва ҳам мазмунан хароб мешавад, чаро ки вожаи «пашмакрӯ» сифат аст ва «Бадал» бошад исм ва мо наметавонем ин ду калимаи аз ҷиҳати вазифаву маъно гуногунро ба феъли ёвари «буд» тобеъ намуда, як феъли таркибии номӣ созем. Аз дигар рӯ ин байт дорои санъати такрир аст ва «такрори бамавқеъ боиси пурқувваттар шудани таъсири тасвир мегардад» [4,147].

Ба ҳамин тартиб, Раззоқ Ғаффоров ба якчанд камбудии дигар ишора намудааст, ки агар баъзе онҳоро ҳақиқатан норасоӣ номидан мумкин бошад, қисмати дигарро, чуноне ки дидем, ба ҳеҷ рӯ ба маъюбӣ тавҷеҳ кардан нашояд.

Забони достон, сарфи назар аз баъзе носуфтагиҳо, равону бообуранг ва дилпазиру хушоҳанг буда, шоир бо вуҷуди ҷавонӣ ва таҷрибаи ками эҷодӣ дар рангоранг баён намудани фикр кӯшиш намудааст. Ба ин мақсад ӯ бар замми истифода аз забони мустаъмали адабии имрӯза аз хазинаи бебаҳои забони мардумӣ ба таври фаровон истифода бурда, ба ин васила ба ҳусни гуфтор ва дилпазирии ашъори худ афзудааст. Гузашта аз ин дар достон пайгирӣ ва баҳрабардорӣ аз эҷодиёти шифоҳии мардум чӣ дар шаклсозӣ ва чӣ дар маъниву мазмунофарӣ равшану возеҳ ба назар мерасад. Дар достон ҳикмату таъбирҳои халқӣ, сурудаҳои қадимаи мавсимӣ («Майдаё», «Ман доғ»), таронаҳои бачагона («Санговдавак», «Сангпушт»), нақлу ривоятҳои мардумӣ («Санговдавак ва майна») ва инчунин рубоиву дубайтиҳои мардумӣ ҷой дошта, ба забону услуб ва мазмуну муҳтавои достон таъсиргузорӣ намудаанд. Дар баробари таъбироти маъмулу машҳур дар достон як қатор ибораву ифодаҳои рехтае вомехӯранд, ки хоси услуби гуфтугӯӣ буда, дар забони адабӣ он қадар роиҷ нестанд, аз қабили «ғалтанак задан», «нуқ нагуфтан», «шерак шудан», «пуштӣ гирифтан», «рӯз надодан», «сари фарзанд рафтан», «ба дил барфоб рехтан», «як гард ҷон», «сархӯр», «ҷигаррехта», «ғам додан» ва ба ҳаминҳо монанд бисёр таъбирҳои дигар.

Чуноне ки пештар ёдовар шудаем, яке аз махсусиятҳои услуби нигориши Ғаффор Мирзо дар асарҳои худ ба таври фаровон истифода бурдани вожаҳои мардумӣ мебошад. Дар бораи ҳусну қубҳи ин шеваи пешгирифтаи ӯ мунаққидон ва забоншиносони гуногун фикру андешаҳои мухталиф баён намудаанд, ки тамоми он ақидаҳоро метавон бо як ҷумлаи Раззоқ Ғаффоров ҷамъбаст намуд: «Дар асарҳои вай (Ғаффор Мирзо-А.С.) ду гурӯҳ калимаҳои шевагӣ - аз як тараф калимаҳои шоиста ва сазовор, аз тарафи дигар калимаҳои номувофиқ ва ғайримашҳур ба назар мерасанд.» [2,145].

Ҳамин тавр, достони «Асрор» - и Ғаффор Мирзо, бо вуҷуди ба давраи аввали фаъолияти эҷодии шоир тааллуқ доштан ва барӣ набудан аз камбудиву норасоиҳо, мазмуну мундариҷаи бою рангин ва тарзи баёни муассиру дилнишинро молик аст. Аз ҳамин лиҳоз достон соли 1957 ҳангоми баргузории Даҳрӯзаи адабиёту санъати тоҷик дар шаҳри Москва аз ҷониби мунаққидону адабиётшиносони гуногунмиллати шӯроӣ

мавриди баҳсу муҳокима қарор гирифта, сазовори баҳои мусбат гардид ва ҳамин достон буд, ки шахсияти Ғаффор Мирзоро ҳамчун шоири хушталъ ва соҳибқалами тоҷик барои алоқамандону дӯстдорони каломи манзум муаррифӣ намуда, мақоми ӯро дар адабиёти бадеии тоҷик муайян намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбаров Юсуф. Шеъри эҳсос ва тафаккур. -Душанбе: Ирфон, 1985.
2. Ғаффоров Раззоқ. Нависанда ва забон. -Душанбе: Ирфон, 1977.
3. Ғаффоров Раззоқ. Дар бораи забони достони «Асрор». «Газетаи муаллимон», 9-уми феврали 1957.
4. Зеҳнӣ Турақул. Санъати сухан. -Душанбе: Маориф, 1992.
5. Мирзо Ғаффор. Асрор. Сталинобод: Нашриёти давлатииТоҷикистон, 1957.
6. Отахонова Хуршеда. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири
7. тоҷик. Душанбе: Дониш, 1983.
8. Ҳодизода Расул. Аз Рӯдакӣ то имрӯз. -Душанбе: Адиб, 1988.
9. Шукуров Муҳаммадҷон. Дар хусуси достони «Тоҷи давлат». «Шарқи Сурх», 1958, №11, саҳ.120-129.

О ФОРМЕ, СОДЕРЖАНИИ, ЯЗЫКЕ И СТИЛЕ ПОЭМЫ «АСРОР»

Поэма «Асрор» считается одним из лучших поэм известного таджикского поэта Гаффара Мирзо. В данной статье автор всесторонне анализирует данную поэму.

ИЗОБРАЖЕНИЕ ЖИЗНИ ДЕРЕВЕНЬ В РАССКАЗАХ УДАЙ ПРАКАША

Удай Пракаш с такой художественной яркостью и широтой описал в своих рассказах облик деревенских людей, их наивных верований, их чистую душу. Герои его рассказов - простые и добрые люди, живущие повседневной деревенской жизнью с её радостями и горестями. Всё в них восхищает: разум, ловкость. Им чужды жадность, зависть, пошлость. У них своё представление о красоте, о доброте и зле.

Ключевые слова: изображение прекрасной природы деревень, тусклые и яркие звёзды, глиняные кибитки, сезон дождей, угроза селевых потоков, стирающие женщины на берегу реки, пение птиц, плачь женщин.

THE SUMMERY «THE DESCRIPTION A LIFE OF VILLAGE IN STORIES»

Uday Prakash with such art brightness and width has described shape of rural people, their na beliefs, their pure soul in the stories. Heroes its stories simple and the kind people, leading daily rural life with its pleasures. All in them admires, reason, dexterity. At them the represetantion about beauty kindness and harm.

Key word: The nature description, dim and bright stars, mud houses, a season of rains, threat of the earth flows, the washing women on river bank, singing of birds, cry women.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Джобирова Салтанат*** - аспирантка Таджикского национального университета

ТАЪСИРИ «СИЁСАТНОМА»-И ХОҶА НИЗОМУЛМУЛК БА «МАХЗАН УЛ-АСРОР»-И НИЗОМӢ

Марям Вофӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Хоҷаи бузург Низомулмулк аз деҳқононӣ Тӯс буд. Ин деҳқонон, ки дар нахустин садаҳои давраи исломии Эрон нақши пураҳмият дар созмондиҳии эронзамин бозӣ кардаанд, бозмондаи хонадонҳое аз заминдорону аъёни мутаввасити давраи сосонӣ буданд ва ба дунболи чирагии дастгоҳи хулафо бар Эронзамин ҳамаи тавону нерӯи худро ба кор бурданд, то бо барпоии растохези фарҳангӣ ва созмондиҳии пойдории миллӣ, шикасти низоми эрониён аз тозиёнро ҷуброн намоянд. Ин созмондиҳии пойдории миллӣ ва барпоии растохези фарҳангӣ, умдаи мероси фарҳангӣ ва фарзонагии Эрони бостонро ба давраи исломӣ мунтақил кард [4, 94].

Дар миёни деҳқонон, ҳеҷ чеҳраи дурахшонтар аз симои шукӯҳманди Абулқосими Фирдавсӣ, ҳаким ва сарояндаи «Шоҳнома» вуҷуд надорад, ки бо «Шоҳнома»-и худ таърихи ҳамоса ва кишвардории Эронзаминро бо суд ҷустан аз ҳамаи дафтарҳое, ки аз гуфтаи бостонӣ боқимонда буд, ҳамчун кохи баланди газанднопазирӣ барафрошт ва бад ин сон, бахши бузурге аз фарҳангу суннати Эронро аз газанднобудӣ наҷот дод. Илова бар Фирдавсӣ, нухбагони (бузургон) дигаре низ ҳар як ба навбати худ бахше аз мероси миллии Эронро ба давраи исломӣ интиқол доданд, аммо аз кӯшиши бесобиқаи Фирдавсӣ, ки бигзарем, то юриши муғулон дар қаламрави андешаи сиёсӣ, «Сиёсатнома»-и Хоҷа Низомулмулкро метавон пураҳмияттарин навиштаи ин давра дар тадоввум бахшидан ба андешаи сиёсии эроншаҳрӣ ба шумор овард.

Аз ҳамон оғози даврони исломӣ мутафаккирони эронӣ дар ҳавзаи кишвардорӣ назарияи хилофатро ба ҷид нагирифтанд ва бо тарҷумаи навиштаҳои бозмонда аз асри Сосонӣ ба забони арабӣ давраи ҷадиде аз назарияпардозӣ дар бораи низоми кишвардорӣ ва ҳукуматро ба ҷомиаи он рӯз арза карданд. Метавон гуфт, ки умдатарин ҷараёни андешаи сиёсӣ дар Эрон, сиёсатноманависӣ буд, зеро дар ду саддаи нахусти давраи исломӣ, навиштаҳое дар тадоввуми суннати андешаи эроншаҳрӣ падид омад, ки аз он миён ба унвони мисол, метавон ба рисолаи Тоҳири Зуляминин ба фарзанди худ Абдулло ишора кард. Матни ин рисола дар «Таърих»-и Табарӣ омада ва Бозурас низ онро дар мақолаи худ тафсир кардааст [10, 25-41].

Навиштани китобҳои «Сайр-ул-мулук» ё «Сиёсатнома» роиҷтарин шеваи пардохтан ба андешаи сиёсӣ буд ва ба вижа аз замоне, ки шолудаи (таҳкурсӣ) забони

форсӣ ба унвони забони адабии Эронзамин устувор шуд. Нависандагоне аз миёни вазирон, дабирон ва дигар мутафаккирон ба тадвини ин навъи навиштаҳо ҳиммат гумоштанд. Дар воқеъ, бисёре аз навиштаҳои пураҳамияти форсӣ, умуман аз назму наср, ба хилофи он чи, бино ба одат гуфтаанд, сирф навиштаи адабӣ нестанд ва нукоти бисёр зариф дар бораи сиёсат ва ойини кишвардорӣ дар лобалои онҳо вуҷуд дорад.

Метавон гуфт, ки бархе аз шоҳкориҳои назму насри форсӣ, монанди «Шоҳнома», «Калила ва Димна» ва қисматҳое аз «Махзан-ул-асрор» дар тӯли саддаҳо дар ҷиҳати додан ба рӯйкарди эрониён ба умури сиёсӣ нақши таъйинкунанда доштаанд. Агарчи ин осор аз арҷмандтарин осори адаби форсӣ ба шумор меоянд. Ҷанбаҳои марбут ба андешаи сиёсии онҳо камтар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, дар ҳоле ки бахши бузурге аз андешаи сиёсии эроншаҳрӣ дар давраи исломӣ аз маҷрои ин навиштаҳо тадоввум пайдо карда, ба ҷузъе аз андешаи сиёсии роиҷи Эрон табдил шудааст.

Хоҷа Низомулмулк яке аз барҷастатарин намояндагони ҷараёни сиёсатноманависӣ ва «Сиёсатнома»-и ӯ яке аз бунёдтарин навишта дар интиқоли андешаи эроншаҳрӣ дар давраи исломӣ будааст. Ин асар дар таҳаввули андешаи сиёсӣ дар Эрон аз чунон мақоме бархурдор аст, ки ба тақриби ҳеҷ навиштаи сиёсии мутааххир бар онро наметавон пайдо кард, ки қисматҳое аз «Сиёсатнома»-ро тазмин наоварда бошад. «Насиҳат-ул-мулук»-и Ғаззолӣ, ки нахустин сиёсатномаи пураҳмиятест, ки ду даҳа пас аз «Сиёсатнома» навишта шуда, то дигар осори манзум, монанди «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ, ҳар кадом ба навъе аз он мутаассир будаанд.

Сиёсатноманависӣ ҷараёне аз андешаи сиёсӣ дар Эронзамин буд, ки аз сарчашмаи анзор ва ойинноманависии давраи бостонӣ моя мегирифт ва бо устувор шудани пойдевори хонадонҳои фармонравоии эронӣ ба дунболи ду қарни сукут, пуштувонаи тануманд дар маҳофил ва андешаи эронӣ роҳ ёфт, ки мекӯшиданд, то мероси бостониро то ҷое ки мумкин буд, ба давраи исломӣ интиқол диҳанд.

Ба назар мерасад, ки кӯшиши Хоҷа дар тадвини «Сайр-ул-мулук» дар ҳамин ростост, ки ҳадаф аз навиштани «Сиёсатнома» ҷуз ин набудааст, ки ойинномаҳо ва одоби мулкдорӣ ба султон омӯхта шавад. Аммо Хоҷа дар «Сиёсатнома» барои эҳтироз аз сӯйи тафоҳуми эҳтимолӣ ва аз боби одобдонӣ, меафзояд, ки Худованди оламро ниёзе ба ин суханон нест. Ба назар мерасад, ки ин ҷумлаи муътариза дарвоқеъ, таъкиде бар ин воқеият аст, ки Хоҷа дар ниҳоят, Худованди олам – Маликшоҳро бениёз аз ин суханон намедонистааст [3, 141].

Хоҷа зимни баён ҳикоятҳое дар риояти амал ва инсоф ба сароҳат мегӯяд, ки нақли достонҳои подшоҳон барои он аст, то Худованди олам халадуллоҳи мулк бидонад, ки подшоҳон дар амалу инсоф чӣ гуна будаанд. Ӯ дар миёни ҳокимони Эрон аз Хусрави Анӯшервон, Амир Исмоили Сомонӣ, Абдулло бини Тоҳир ва ба вижа султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ба унвони салотини одил ёд карда [5,65]. Он чи бо таъкид дар бораи асри ормонии Хусрави Анӯшервон гуфтааст, дар ҷойҳои дигаре аз «Сиёсатнома» ба ҳамаи таърих, аз Одам Абулбашар ба баъд таъмим медиҳад ва бақои мулкро ҷуз ба иҷрои амал тавассути мулк устувор намедонад «ба рӯзгор аз гоҳи Одам (а) то кунун дар ҳар муомилате ва дар ҳар мулке адл варзидаанд ва инсоф бидодаву инсоф бистудаанд ва ба ростӣ кӯшидаанд, то мамлакат дар хонадони эшон солҳои бисёр бимондааст» [5,56]. Ҳамчунон ки додгарӣ ва адолатро сабаби бақо ва устувории мулк медонад, зулму бедодро низ мояи заволу нобудии ҳукумат медонад. Доноён гуфтаанд, ки «ғафлат давлатро бибарад» [5, 38]. Искандар низ ғафлати амир ва хиёнати вазирро мояи табоҳӣ медонист [5, 41]. Хоҷа дар қаламраву андешаи сиёсӣ, риояти адолатро муқаддам бар иҷрои шаръ медонад ва бар он аст, ки пойдории мулк ба риояти адолат вобаста аст, ба баёни дигар, миёни ду вижагии зарурии подшоҳи ормонӣ, яъне адлу дин, адл авлавият дорад. Вай дар фасли дувуми «Сиёсатнома» пас аз зикри шинохти қадри неъмати Худованд, аз тариқи риояти «адлу эҳсон» ва таваҷҷуҳи подшоҳ ба риояти адолат овардааст: «… гуфтаанд бузургони дин, ки *“ал-мулку ябқо маъалкуфру ва ло ябқо маъаззулми”*, ба маънии он аст, ки мулк бо куфр бипояд ва бо ситам напояд» [5, с.15]. Ҳамон тавре ки худи Хоҷа пешбинӣ карда буд, пас аз кушта шудани ӯ дар соли 685 (ҳичрии қамарӣ) инсиҷоми давлати Салҷуқӣ аз ҳам гусаст ва назму инзиботу адолатсанҷиҳое, ки ӯ ба тадбир барқарор карда буд, аз ҷомеа рахт барбаст. Замоне, ки императори Салҷуқиён дар замони султон Санҷар (1117-1157) ҳанӯз аз марзҳои Чин то Рум фармон меронад, Низомӣ мутаваллид шуд. Ӯ баъдҳо дар мақоми мусаллаҳи

иҷтимоӣ ва мураббии ахлоқ, подшоҳонро мухотаб қарор медиҳад, то аз онон бихоҳад ҳаммонанди подшоҳони куҳани Эрон ба адолат ҳукумат кунанд. Ба гуфтаи Майкл, тахаллуси шеърии худро аз Низомулмулк, вазири қудратманди ду подшоҳи бузурги Салҷуқӣ, яъне Алпарслон ва Маликшоҳ иқтибос кард, ки дар сафаҳоти қабл ба ихтисор дар бораи андешаи ӯ сухан гуфтаем [1, 40].

Низомулмулк, яъне назмдиҳандаи императории бузурги Салҷуқӣ тахаллусе, ки Низомӣ, шоири ҳаким барои худ баргузид. Ба ҳамин мафҳум буд, ки мунтаҳо назмдиҳандаи шеъру сухани ӯ дар ин ки ба далели устувори сурудаҳояш, худро Низомулмулки ҷадиди даврон муаррифӣ кунад, тардиде ба худ роҳ намедиҳад, ҳамон тавре ки баъдҳо, дар дебочаи «Ҳафт пайкар» ба равшанӣ ба ин матолиб ишора мекунад:

Чор шоҳ доштанд, чор тароз, Панҷумин шон туӣ ба умри дароз.
Дошт Искандари Арастотолис, К-аз вай омӯхт илмҳои нафис.
Базми Нӯшервон сипеҳрӣ бувад, К-аз ҷаҳонаш бузургмеҳрӣ бувад.
Бувад Парвизро чу бори бадӣ, Ки наво сад на, садҳазор задӣ.
В-он мулкро, ки буд Маликшаҳ ном, Бувад динпарварӣ чу хоҷа Низом.
Ай Низомӣ, баланд ном аз ту, Ёфта кори ӯ низом аз ту.

[1, 41].

Агарчи ин абётро хитоб ба Алоуддин Алпарслон сурудааст, вале ӯ ба нақши маънавии худ дар ҷойгоҳи ройзани шоҳон бовар дорад. Ӯ дар нахустин сурудааш «Махзан-ул-асрор»-и худро вазири шоирпеша медонад ва монанди Низомулмулк ба подшоҳон дарси кишвардорӣ медиҳад. Забони ӯ ҳаммонанди вазири сиёсатпешаи салҷуқӣ дар андарзгӯӣ раҳи рост ва бидуни ибҳому инҳироф аст, аз дин нишот мегирад ва ба кумаки дин ҳам тавҷеҳ мешавад. Маноди ин ахлоқ рафтореро пешниҳод мекунад, ки инсонро бар меҳвари болотарин фазоил, яъне адл, мутазоди бедодгарӣ ба ҳаракат дароварад. Дар натиҷаи ин амал, подшоҳ дар раъси қоимавӣ чунин ахлоқе ҷой мегирад ва дар воқеъ, калиддори он мешавад, зеро бояд ӯ дар ҷомеа нахустин маҷри (иҷрои амал) адолат бошад. Мақолати аввал то чаҳоруми «Махзан-ул-асрор» усулан хитоб ба шоҳ ва амир суруда шудааст ва дар онҳо тавсиа шудааст, ки зиндагии хусусии подшоҳ бояд дар ниҳояти хештандорӣ бигзарад ва аввалин таклифи динии ӯ ҳам бояд иҷрои адолат бошад. Ӯ ҳаммонанди Хоҷа Низомулмулк барои подшоҳ ду масъулияти муҳимро дар назар мегирад, ки яке парваридани дин ва дигаре иҷрои адолат:

Кори ту парвардани дин кардаанд,
Коркунони кор чунин кардаанд.

Мамлакат аз адл шавад пойдор,
Кори ту аз адли ту гирад қарор [9,101].

Ҳамон гуна ки дар сафаҳоти қабл ишора шуд, «Сиёсатнома» достонҳояшро на танҳо аз таърихи ислом, балки аз таърихи Сосониён ва Мақдуния баргирифта буд, то нишон диҳад, ки кофирони парҳезкори императорҳои Эрони бостон сармашқи ногузир аз кирдори сиёсӣ ба фармонравоёни ҷадиди турк медиҳанд ва чашми танги золиму хашани фуқаҳои дарбори шоҳони салҷуқӣ низ ҳеҷ аз эътибори ин гуфтаи Низомулмулк дар «Сиёсатнома» намекост, ки мулк ба куфр мемонад, аммо ба зулм намепояд:

Хона бар мулк ситамкорист,
Давлати боқӣ зи камозорист [9,100].

Хоҷа Низомулмулк ба тасреҳ мегӯяд, ки дар нисбате, ки миёни куфр ва зулм дар сиёсат барқарор мешавад, зулм, мафҳуми бунёдист, на куфр. Бинобар ин, риояти адолат ва дурӣ аз зулм омилест, ки низоми сиёсиро аз муталошӣ шудан мусаввин медорад [5,193].

Нависандаи «Сайр-ул-мулук» назари подшоҳи замонро ба суннати подшоҳони фараҳманди эронӣ ҷалб мекунад ва мегӯяд: «Ин ҷаҳон рӯзномаи макон аст, агар нек бошанд, номашонро ба некӣ ёд кунанд ва офарин гӯянд ва агар бад бошанд, ба бадӣ ёд кунанду нафрин гӯянд…» [5,123].

Ба назар мерасад ин дидгоҳи Хоҷа аз тариқи «Сиёсатнома» ба Низомӣ низ мунтақил шуда бошад. Ӯ дар ҳикояти «Анӯшервон ва деҳи вайрон» ба подшоҳи замонаш ёдоварӣ мекунад, ки:

Ҳар ки ба некӣ амал оғоз кард, Некии ӯ рӯй бад ӯ боз кард.

Гунбади гарданда зи рӯйи қиёс, Ҳаст ба неку бадӣ ҳақшинос.
[9,104].

Хоҷа назорати мустамар бар амалкарди амал ҳукуматро аз вазоифи султони ориёнӣ бармешуморад ва мегӯяд: «Дар ҳама вақт подшоҳро аз аҳволи гумоштагон ғофил набояд буд ва пайваста аз равишу сирати эшон бармеояд расид. Чун норостиву хиёнат аз эшон падидор ояд, ҳеҷ ифо набояд кард, ӯро **м**аъзул кунанд ва барандозаи ҷурми ӯро молиш диҳанд, то дигарон ибрат гиранд…» [5,42].

Ӯ сипас, бо зикри ҳикояти «Баҳроми Гӯр ва чӯпон» ва бо ишора ба достони «Муомилати саг бо гург» ғафлати подшоҳ аз амалкарди амалро рамзи табоҳӣ ва суқути ҳукумат бармешуморад ва аз забони доноён мегӯяд: «Ғафлат давлатро бибарад». Низомӣ низ дар «Махзан-ул-асрор» рамзи тобоҳии ҳукуматҳоро ғафлати ӯ аз умури мамлакат дар медонад:

Ғофил будан на зи фарзонагист,
Ғофилӣ аз ҷумлаи девонагист [9,104].

Ӯ дар мақолати чаҳоруми ҳикояти «Камназарии султон Санҷар ва пиразан»-ро матраҳ мекунад, ки дар он пиразани ситамдида ба султони мусулмонбехабар аз авзои кишвараш бемуҳобот пархош мекунад ва вайро ошкоро мавриди накӯҳиш қарор медиҳад:

Пиразанеро ситаме даргирифт, Даст заду домани Санҷар гирифт.
К-эй малик, озарми ту кам дидаам, В-аз ту ҳама сола ситам дидаам.
Давлати туркон, ки баландӣ гирифт, Мамлакат аз додсипеҳрӣ гирифт.
Чунки ту бедодгарпарварӣ, Турк най, ҳиндуи ғоратгарӣ.
[9,112-113].

Аз он ҷо ки низоми умури Эронзамин дар давраи тасаллути туркон аз ҳам гусехта бувад ва суҳбати ниёкон зи ҷаҳон дургашта бувад. Хоҷа дар бисёре аз фаслҳои «Сиёсатнома» дар бораи адл баҳс карда, онро ба унвони мафҳуми бунёди ин андешаи сиёсии худ ворид кардааст. Бад ин умед, ки назме дар беназмии ҳукумати туркон ба вуҷуд овард. Ӯ бо муқаддам шумурдани адл бар дин, адолатро зербинои иззати дину қудрати султон ва маншаи ҳамаи хубиҳо медонад.

Дар андешаи сиёсии андарзноманависон «шоҳи ормонӣ вақте таҳқиқ хоҳад ёфт, ки қудрати ҳукумат бо адлу дин ва ҳукумат тавъам бошад» [8,95]. Низомӣ низ дар «Махзан-ул-асрор» подшоҳонро андарз медиҳад ва бар ин андешаи Хоҷа, ки як андешаи суннат аст, таъкид мекунад ва ӯ хитоб ба подшоҳ мегӯяд:

Кори ту парваридани дин кардаанд,
Коркунон кор чунин кардаанд.

Адли ту мирист, ҷаҳон шод кун,
Коргарии мамлакат обод кун.
Мамлакат аз адл шавад пойдор,
Кори ту аз адли ту гирад қарор [9,101].

Ҳамчунон ки додгарӣ ва адолат сабаби бақо ва устувории кишвар аст, зулму бедод низ мояи заволи давлат аст. Дар назари Хоҷа, адл, ҳатто дар сиёсати хориҷии мамлакат низ таъсиргузор аст. Ӯ мегӯяд: «Вақте фиристодагони кишварҳои дигар анбӯҳе аз мутаззалимонро бар даргоҳ бубастанд, чунон пиндоранд, ки бар ин даргоҳ зулми азим меравад ва раияти подшоҳро намехоҳад ва аз зулми ӯ ба ҷон омадаанд ва ба султони худ хабар медиҳанд, ӯро бар дастдарозӣ ба мулк **таҳриз** мекунанд ва аз ин ҷангу хунрезӣ падид меояд, дар андешаҳои эроншаҳрӣ ба маҳзи ин ки подшоҳ нияти зулму ситам дошта бошад. Дар табиат низ харачу марач ва ошӯб эҷод мешавад. Ин мазмун дар «Шоҳнома» дар достони «Куштани Баҳроми Гӯр аждаҳоро» муносибати ӯ бо зани полезбон ба равшанӣ баён шудааст. Хулоса, ин ки Баҳром ба дил андешаи бад мекунад ки:

Дурушти кунам з-ин, сипас моҳи чанд,
Ки пайдо шавад меҳру дод аз газанд [7,262].

Шир дар пистони гови бузург, ки Баҳром дар хонаи ӯ меҳмон буд, хушк мешавад:

Биёвард гов аз чарогоҳи хеш,
Фаровони гиёҳ бар ду бинҳод пеш.
Ба пистонаш бар даст молиду гуфт,

Ба номи Худованди бебору ҷуфт.
Тиҳӣ дид пистони говаш аз шир,
Дили мизбони ҷавон гашт пир.
Чунин гуфт бо шӯй, к-эй кадхудой,
Дили шоҳи гетӣ дигар шуд ба рой.
Ситамкора шуд шаҳривари ҷаҳон,
Дилаш дӯш печон шуд андар ниҳон.
Чу бедодгар шуд, ҷаҳондор шоҳ,
Зи гардун натобад, бибоист моҳ… [7,262].

Дар «Насиҳат-ул-мулук»-и Ғаззолӣ низ ҳикояте аз Анӯшервон, шоҳи одил ва дил бад кардани ӯ бар раият омадааст. Ғаззолӣ менависад, ки рӯзе Анӯшервон барнишаста ва ба шикор рафта буд, ба деҳе расид ва об хост. Духтараке, як то найшакар бикӯфт, дар об омехт ва ба подшоҳ дод. Анӯшервон, пас аз он ки пай мебарад, ки он об аз як найшакар фароҳам омадааст, бар он мешавад, ки миқдори харҷи он деҳро изофа кунад. «Пас, вақти дигар бад он деҳ расид, сӯйи он хона гузар кард ва об хост, ҳамон духтар берун омад, ӯро бидид ва шинохт, ба хона боз омад, то об берун оварад ва дер бимонд. Нӯшервонро шитоб гирифт, бонг зад, духтар берун омад гуфт: «Чаро дер омадӣ?» Духтарак гуфт: «Зеро ки аз як найшакар чандон об наомад, ки ту бихӯрӣ ва имрӯз се найшакар бикӯфтам то чандон об омад, ки аз яке омада буд». Нӯшервон гуфт: «Ин аз чӣ афтод?» Гуфт: аз нияти подшоҳ, ки шунидаам, ки чун подшоҳро бар раият ният бад гардад, баракот аз ҳама чизҳо бишавад. Нӯшервон бихандид ва боз нияти некӯ бикард ва он духтаракро ба ҳалол бихост, ки сахт зирак буд» [6,67]. Шояд ин дарёфт аз ҷойгоҳи шоҳи ормонӣ дар ҳеҷ як аз сиёсатномаҳои давраи исломӣ ба тасреҳӣ, ки дар навиштаи Хоҷа Низомулмулк пардохта шуда, наомада бошад [5,3-12].

Ҳамон тавре ки гузашт, ин ақоид дар бораи ситамкории подшоҳ қабл аз Хоҷа дар фазои фарҳангии он рӯз, дар андешаи мутафаккирону шоирони эронӣ вуҷуд дошт ва ба назар мерасад, ки аз роҳи «Сиёсатнома»-и Хоҷа ба Низомӣ расида бошад, зеро Низомӣ дар дигар асари гаронқадраш, яъне «Ҳафт пайкар» ҳам чанд ҳикоят аз «Сиёсатнома»-ро ба зарурат овардааст.

Ба назар мерасад, ки Низомӣ ҳушмандона ҳикояти «Анӯшервон ва деҳи вайрон»-ро, ки инъикос аз андешаи эроншаҳрӣ дар осори Хоҷа Низомулмулк ва Ғаззолӣ аст, дар мақолати дувуми «Махзан-ул-асрор» овардааст, то ба подшоҳ ёдоварӣ намояд, ки вайронии мулк ва нобасомонӣ ва ҳатто тағйир дар низоми табиат ҳам натиҷаи зулми фармонравоёни золиму бехирад аст ва албатта, саъй мекунад монанди салафи (пешгузаштагон) худ шеваи фармонравоёну бозмондагони туркони салҷуқиро ба расми маликони аҷам низ наздик кунад.

Дуфоша Кор муътақид аст, ки ҳикояти «Анӯшервон ва деҳи вайрон» мулғамаест, ки асли он дар «Шоҳнома» дар дарсе, ки аз як зани рустоӣ дар шеваи нодуруст ҳукумат мегирад, омадааст [2,37].

Ҷудоии матлабе, ки гузашт бо андаке диққату баррасии дақиқи китоби «Сайр-ул-мулук», метавон гуфт, ки Низомӣ ба дигар андешаҳои Хоҷа дар бораи мулкдорӣ низ дар достони «Анӯшервон ва деҳи вайрон» ишора кардааст.

Хоҷа подшоҳро ниёзманди омӯзишу тарбият медонад ва усулан китоби «Сайр-ул-мулук»-ро дар ҳамин росто навишта, ҳамон тавре ки ба сароҳати худ борҳо ишора кардааст, ба истинод, ба бархе аз ахбору ҳикоятҳои садри ислом, зимни салби масъулият аз мардум ва ишора ба тафовути зотӣ миёни султону раият дар адабиёти сиёсии Эронзамин султонро мутаваллӣ ва посухгӯи авзои мамлакат ва амалкарди силтаи хеш бармешуморад: «… рӯзи қиёмат шубоне, ки гӯсфандон нигоҳ дошта бошад, ҷавоби онро аз ӯ бихоҳанд» [5,16]. Низомӣ низ аз забони Анӯшервон, подшоҳи замонаш ӯро аз масъулияти муҳиму хатари мамлакатдорӣ огоҳ мекунад.

Номи худ аз зулм чаро бад кунам,
Зулм кунам, вой, ки бар худ кунам.
Беҳтар аз ин дар дилам озарам бод,
Ё зи худам ё зи Худо шарм бод.
Зулм шуд имрӯз тамошои ман,
Вой ба расвоии фардои ман.
Рӯзи қиёмат зи ман ин турктоз,

Боз бипурсанду бипурсанд боз [9,103].

Дар андешаи сиёсии андарзноманависон, подшоҳи бунёдгузор хонда мешавад, ки низоми нав ва додгаронаеро бунёд гузошта бошад. Ин назми нав ба хилофи дарки ҷадиди он дар андешаи сиёсии ҷадид, ношӣ аз инқилоб ба маънои ҷадиди он нест, балки ҳаракате дар хилофи ҷиҳати он аст, яъне «…бо қоидаи хеш овардани ҳар коре ва расме, ки аз қоида ва бунёди хеш биафтода бошад» [5,19].

Бозгашт ба назми пешин, яъне аз миён бардоштани асбоби заволи мулк ва ин дарвоқеъ, ҳамон истиқрори назми нав ва додгаронае аст, ки аз дидгоҳи андешаи сиёсии андарзноманависони эронӣ ҷуз ба дасти подшоҳи соҳиби рой имконпазир нест. Ба назар мерасад, ки ин тарзи тафаккур дар достони «Анӯшервон ва деҳи вайрон» дар тағйири ҳоли Анӯшервон ва бозгардонидани ҷомеа ба қоидаи гузашта, яъне адл ба равшанӣ дида мешавад ва идомаи ҳамон суннати андарзноманависони эронист, ки вориди сиёсатнома шуда, баъдан, ба андешаи Низомӣ низ роҳ ёфтааст.

Шоҳ дар он бора чунон гарм гашт,
К-аз нафас наъли фарс нарм гашт.
Чунки ба лашкаргаҳу роят расид,
Бӯи навозиш ба вилоят расид.
Ҳоле аз он хита қалам баргирифт,
Расми баду роҳи ситам баргирифт.
Дод бигустурду ситам дарнавишт
То нафаси охир аз он барнагашт.
Баъд басе гирдаш чарх озмой,
Ӯ шудаву овозаи адлаш ба ҷой [9,104].

Хулоса, он ки Хоҷа Низомулмулк бо нигориши китоби «Сайр-ул-мулук» саъй кард бо эҳёи суннати кишвардории эронӣ ба маркази қудрати саҳрогардони мустақар дар Эрон бипардозад ва бо дар пеш гирифтани сиёсати коҳиши парокандагии қудрат аз зулму ситами буду бони бегона бар эрониён бепаноҳ бикоҳад. Низомӣ низ агарчи ошкоро ҳаргиз заҳмати рафтан ба дарбори подшоҳонро ба худ намедод, аммо худро Бузургмеҳри шоир медонист, ки ба саҳна омад ва ойини кишвардориро ҳамчун ойинае баробари умарои турк қарор дод ва бад он умед, ки аз масъулияти гурезиҳои фармонравоён бикоҳад то аз норавоиҳо ва бедодҳои муҳити Ганҷа ва дунёи асри ӯ коста шавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Майкл Б. Тафсири Майкл Барӣ бар «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ. – Теҳрон, 1385.
2. Дуфоша К.Ш., Шарл Х. Ахлоқиёт (мафоҳими ахлоқӣ дар адабиёти форсӣ аз садаи савум то садаи ҳафтум). //Тарҷ. А.М Муҳаммадалӣ. - Теҳрон, 1385.
3. Заргарӣ Н., Фурӯзиш С. Нақши андешаи сиёсии Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ дар тамаркузи қудрати туркони салҷуқӣ. //Фаслнома №8.
4. Забеҳулло С. Таърихи ҳамосасароӣ дар Эрон. - Теҳрон, 1369.
5. Таботабоӣ С. Хоҷа Низомулмулк. - Теҳрон, 1375.
6. Тӯсӣ А.Ҳ. Сайр-ул-мулук. – Теҳрон, 1387.
7. Ғаззолӣ И.М. Насиҳат-ул-мулук. – Теҳрон, 1361.
8. Казозӣ М.Ҷ. Номаи бостон. -Ҷ.7. – Теҳрон, 1385.
9. Муҷтабоӣ Ф. Шаҳри зебои Афлотун ва шоҳи ормонӣ дар Эрони бостон. – Теҳрон, 1352.
10. Низомӣ Г. Махзан-ул-асрор. – Теҳрон, 1387.
11.-C.E.Bosworth, «An Early Arabic mirror of princes: Tahrir dhul'Yaminin's epistle to his son Abdollah (206/821)», JNES XXIX 1970, p. 25-41.

ВЛИЯНИЕ «СИЁСАТНАМЕ» ХОДЖА НИЗОМУЛМУЛКА НА «МАХЗАН УЛ-АСРОР»- НИЗАМИ

Произведение «Сиёсатнаме» Ходжа Низомулмулка является прозаическим произведением исторического, географического, литературоведческого характера, которая содержит богатый новеллистический материал и в ней запечетлены средневековые исламские исторические и политические хроники IX–XI вв. Статья посвящена анализу основных причин, заставивших Низами сочинить свое известное произведение «Махзан-ул-асрор».

Ключевые слова: «Сиёсатнаме» Ходжа Низомулмулка, произведение «Махзан-ул-асрор» Низами, средневековые исламские исторические хроники, наставления для правителей, управление, государство.

INFLUENCE TO "SIYOSATNAM" OF HODGE NIZOMULMULK ON "MAKHZAN UL-ASROR" NIZAMI

Work to "Siyosatnama" of Hodge Nizomulmulk is prosaic work of historical, geographical, literary character which contains a rich novellistichesky material and in her medieval Islamic historical and political chronicles of the IX-XI centuries are imprinted. Article is devoted to the analysis of the main reasons which have forced by Nizami to compose the known work of "Makhzan-ul-asror".

Key words: To "Siyosatnam" of Hodge Nizomulmulk, work of "Makhzan-ul-asror" by Nizami, medieval Islamic historical chronicles, manuals for governors, management, the state.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Марям Вофи*** **–** соискатель Таджикского национального университета

НАСР ВА БАРРАСИИ ОН АЗ ДИДГОҲИ ЗАБОНШИНОСӢ

Аҳмадӣ Калатаҳ Аҳмад Заҳро
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Наср дар луғат ба маънои парокандан ва афшондан аст. Дар истилоҳ наср ба маънии сухане мебошад, ки муқайид ба вазн ва қофия набуда, нависанда ба василаи он мавридҳо ва мавзӯъҳои зеҳнии худро ба хонанда мунтақил менамояд. Дар истилоҳи англисӣ Prose аз калимаи лотинӣ Prosa ё proversa oratio гирифта шудааст, ки бар сухани мустақим ва сареъ далолат мекунад [3, 458].

Наср чун аз қайди вазну қофия ва баҳрҳои арӯзӣ ва тахайюлоти шоирона холӣ аст, вусъати майдони он барои баёни ҳар навъ фикре муносибтар аз каломи манзум аст. Ва ба ҳамин далел анвои донишҳои башарӣ, андешаҳои фалсафӣ, динӣ, сиёсӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоӣ дар қолаби наср баён шудааст.

Аз назари адабӣ, насри дорои арзиш ва мавриди таваҷҷуҳи афроди аҳли фаҳм қарор дорад, ки нисбат ба суханон ё навиштаҳои маъмулӣ зеботар ва аз ҷиҳати лафз ва маънӣ фасеҳтар ва балеғтар бошад. Ҳамонанди насри «Калила ва Димна», «Сафарнома»-и Носири Хусрав [9].

Наср дар адабиёти тоҷик оини қадимӣ дорад, аммо дар маънои истилоҳи имрӯзӣ дарки он дар солҳои 20-уми асри XX маълум гардид. Аввалин намунаҳои насри бадеии забони форсии дарӣ асосан достонҳои қаҳрамонии «Шоҳнома» буданд. Қадимитарин намунаи насри боқимонда муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ мебошад, ки соли 958 таълиф шудааст. Сипас, дар шакли тарҷума ва таълифоти адабиёти панду ахлоқӣ ва таърихӣ инкишоф ёфт, ки оини онҳо ба замони Сосониён тааллуқ дорад. Китобҳои таърихӣ ва адабиёти таърихӣ асосан равияи воқеъӣ ва реалистии адабиётро ташкил додаанд [7, 426].

Наср дар адабиёти асри миёнаи тоҷикӣ ҳамчун шаклҳои жанрӣ шинохта шудаанд. Тадриҷан навъҳои асосии наср ва ҳудуди маъно ва шакли онҳо маълум шуд, марҳалаи баъди инкишофи наср, тартиб додани маҷмӯаҳое, ки аз назари ҳаҷми калон аз навъҳои мутанавии адабӣ буд, ки намунаи воризи он «Ҳазору як шаб» ва «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» аз Муҳаммад Авфии Бухороӣ мебошад.

Дар насри классикии форсии тоҷикӣ навъҳои афсона, достон, ҳикоя, қисса, мақомот, масал, латифа, тарсул ва таърихи шеърро метавон ном бурд. Аз ҷумла, маҷмӯаи маншаот, ки ҳунари комили суханвариро намоиш медиҳад, «Маншаоти форсӣ» аз Рашиди Ватвот, «Макотиби Рашидӣ» аз Рашиддадуни Фазлуллоҳ мебошад. Аз назари шакли рашаҳот ва руқаот ва маншаот наздикӣ доранд, ки метавон дар ин маврид «Таърихи Байҳақӣ» аз Абулфазли Байҳақиро ном бурд. Навъҳои достон дар ҷараёни ҳамосаи миллӣ «Шоҳнома» эҷод шуд ва тадриҷан қиссаҳои адабиёти омиёна «Доробнома» ва «Бахтиёрнома» ба вуҷуд омадаанд. Қиссаҳои динӣ ҳам дар таърихи адабиёти тоҷик кам набудааст. Монанди «Қобуснома» аз Кайковус, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва ғайра. Масалу зарбулмасал ва латифа низ дар адабиёти асрҳои миёна эҷод шудаанд.

Дар насри классикии тоҷикӣ равияи қиссаҳои рамзӣ инкишоф ёфтааст, ки «Калила ва Димна» ва «Синбоднома» намунаҳое аз онҳо ба шумор мераванд. Дар ин навъ асарҳо, ҳикояҳо чун ҳикоя андаруни ҳикояи дигар баён мешавад. Дар насри классикӣ асарҳои зиёде дар шакли ёддошт ва сафарнома навишта шудаанд. Мисли «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш.

Як ҷузъи муҳими асарҳои адабиро китобҳои адабиётшиносӣ ташкил медиҳанд, ки муҳимтаринашон: «Тарҷумон-ул-балоғат» аз Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ (асри X1), «Ҳақоиқ-ул-Ҳадоиқ» аз Шарафуддини Ромӣ (X1V), «Бадоеъ-ус-саноеъ» аз Атоулло Маҳмуди Ҳусейнӣ (асри XVI) мебошанд.

Як шохаи махсуси насри асрҳои миёнаи тоҷикро китобҳои тасаввуфӣ ташкил медиҳад. Китобҳои тасаввуфӣ аз рисола, мақолот, маноқиб ва тазкара мебошанд. Дар рисолаҳо асосан маълумот дар бораи тасаввуф баён мешавад.

Дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ наср дар баробари назм ҳамчун тарзи махсусе инъикос ва маърифати бадеӣ шинохта шуд. Нависандагони касбӣ ба камол расидаанд ва ҷойи он дар ҳаёти маънавӣ ва тарбияти эстетикии халқ афзуд.

Дар асоси оинҳои адабӣ, насри классикиии адабиёти пешқадами халқҳои олам ва махсусан адабиёти рус навъҳои асосии наср, ҳикоя, очерк, повест ва роман ташкил ёфтаанд. Мавзӯъ ва мазмуни наср низ вусъат ёфта, асарҳои дорои мазмуни иҷтимоӣ дар адабиёт ҷойи асосиро ишғол карданд.

Ҳаёти таърихии халқ, муборизаҳои инқилобӣ ва падидаҳои пешқадами сиёсӣ ва иҷтимоӣ асоси асарҳои насриро ташкил дод. Дар наср таваҷҷуҳ ба рӯҳияи қаҳрамон, хислатҳо, инъикоси ҳодисаҳои бузурги таърихии халқ ва ҳақиқати воқеӣ ва шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ вусъат ёфт дар насри форсии тоҷикӣ тадриҷан реализми сотсиалистӣ ҳамчун методи асоси эҷоди маърифати реалистӣ шуд. Насри реалистии устод Айнӣ ҳамонанди романҳои «Ғуломон», «Марги судхӯр» ва «Ёддоштҳо» намунаи аввали насри реалистии тоҷик мебошанд.

Сайри такомулии наср ҳамвора аз содагӣ ва сироҳат ба сӯйи печидагӣ ва тасанноъ будааст. Дар нахустин мактуботи мансур интиқоли маонӣ ва мафоҳим ба расотарин шакли мумкин таҳрир шудааст. Аммо рафта-рафта ин содагии баён ба зеварҳои музаян шуд. То он ҷо, ки бархе аз анфоъ чун насри фаннӣ, ҳадафи нависанда ба ҷои интиқоли сарӣ ва бевоситаи маънӣ ҳунарнамоӣ ва зӯрозмоӣ дар арсаи корбурди алфоз ва санооти хоси наср будааст [3, 458-459].

Дар адабиёти форси дарӣ анвои насрро метавон ба таври зайл ном бурд:

1. **Насри мурсал ё сода** – насреро гӯянд, ки саҷъ надошта бошад ва калимоти он озод ва холӣ аз қайди хос бошад. Навиштаҳои маъмулӣ ва аз ҷумла китобҳое чун «Кимиёи саодат», «Асрор-ут-тавҳид», «Сафарнома»-и Носири Хусрав ҳама насри мурсал аст [1].

Ин навъ сабк дар тамоми давраҳо идома ва такоммул ёфта, ихтилофе, ки дар он батадриҷ вуҷуд меёфт, на аз боби усул ва бунёд, сабку равиш ва нигориш, балки аз ҷиҳати тағйирот ва таҳаввулот ва тағйироте буд, ки батадриҷ дар забони форсӣ сурат мегирифт [9].

2. **Насри мурсали оддӣ**. Ба насри фаннӣ наздиктар аст, чаро, ки нависанда дар айни ирсол ва итлоқи маънӣ ва равшанию расоӣ ва равонии сабки сода, аз ҷанбаи лафзӣ низ ба шеваи хушоҳангтар ва зеботар адои маънӣ мекунад. Ин давра миёни насри мурсали сода ва насри фаннӣ қарор дорад [3, 459].

Мушаххасоти он ҳамонанди истифодаи бештар аз луғоти арабӣ, истифода аз истишҳод ва масал барои баёни мақсуд, риояти такаллуфот ва саноеъ дар миқёсе, ки ҳанӯз наср аз шеваи мурсал дур нашуда буд, таркиби ҷумлаҳо ба шеваи забони форсӣ истифода аз атноб ба ҷои эҷоз ва мусовот ва ҳасфи афъол ба қарина. Намунаҳои онро метавон аз «Таърихим Байҳақӣ» ва «Калила ва Димна» ном бурд. Мисол, «Акунун ба Бағдод расида будем ва дигар оҷизон ва нобакоронро барандохта ва риоёи он навоҳиро фарёд расида, ҳамчунин тиловати адл бичашонида» [7, 19].

3. Насри мурсали фаннӣ. Дар ин навъ наср агар чи саноеи лафзӣ ва саҷъ ва истифода аз луғат ва истилоҳоти арабӣ фузунӣ мегирад, нависанда ҳамчунон мекӯшад то зебоии лафз ва баёни маъниро бо якдигар талфиқ диҳад, ҳамон калимот ва таркиботеро баргузинад, ки маънӣ ба он ниёз дорад ва илтизоми саҷъ дар он нест. Намунаи барҷастаи ин навъ насри «Гулистон»-и Саъдӣ аст.

4. **Наси – ирсол ё рисолат** – Каломи насрии муқаррар, ба оҳанг ва қофия, ба унвони мисол: «Корвони суғдиҳо аз сафари дусолаи бозаргонӣ баргаштанд, дар баҳори соли 675 ба диёри худ расид».

Бо ин навъ наср мактубҳои расмии муншиот ва китобҳо навишта мешаванд. Насри мутавассилона то нимаи асри 12 мелодӣ шакли асосии баёни насрӣ буд. Намунаи хуби насри ин давра китоби «Таърихи Байҳақӣ»- и Абулфазли Байҳақӣ мебошад.

5. Насри маснӯъ ё фаннӣ (суннӣ ё санъатдор). Навъҳои ин наср вобаста ба он ҳастанд, ки бо кадом санъат навишта мешаванд, ба унвони мисол агар дар асоси сухан саҷъ гузошта шуда бошад, онро насри мусаҷҷаъ мегӯянд. Ҳамонанди «Миннат Худойро азза ва ҷал, ки тоаташ мӯҷиби ғурбат аст ва шукрандараш мазиди неъмат» [5, 1].

Насри ба воситаи санъати тарсӣ ҳосилшударо мурасаъ гӯянд. Саҷъ ва тарсӣ маъмулан як ҷо бо ҳам меоянд. Мисол: «Чӣ медонам дунё хонаи айбҷӯён аст ва ошёнаи айбҷӯён, айби набуда биҷӯянд ва ғайби ношунида бигӯянд. Ҳама олам ноқиди ахфаш ва саррофи аъмашанд, ки шаҳри худ гум карда ва бар занни дигарон меҷӯянд ва ҷави худ ноёфта, арзани дигарон металабанд» (Ҳамидуддини Балхӣ).

Нимаи дуввуми асри 12 мелодӣ замони ташкили насри маснӯъ буда, китобҳои «Мақомоти ҳамидӣ» аз Ҳамидаддуни Балхӣ, «Синбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ, ки ба ин тарз навишта шудаанд. Китобҳое дар асрҳои баъди аксари муаллифи бадеӣ, таърихӣ ва ғайра ба манзури ороиши сухан кӯшидаанд ва ин сабаби душвор фаҳмидани каломи бадеии як силсила асарҳо шудааст. [6, 427].

Дар насри фаннӣ каламоти мушаххас маъмулан дар аҳкоми зиннатии ҷумлаҳо ҷой доранд. Истифода аз такрори наҳвӣ ва мутарадифот ва саҷъ зиёд ёфт мешавад [3, 460].

6. **Насри мураҷҷаз:** сухане аст, ки вазн дорад ва қофия на. Ин навъ наср дар адабиёти тоҷик кам истифода шудааст. Мисол «ақлу адаб пеш гиру лаҳву лааб бигузор» [5, 124].

7. **Насри матбӯъ:** ба ғайр аз инҳо насреро, ки бо ёрии ташбеҳ, истиора, киноя, маҷоз ба равиши муайяни услубӣ дароварда мешавад. Донишмандони гузашта насри матбӯъ ё насри шоирона гуфтаанд. Ба сухани шоирона, ки сухан шоирона буд, ба қавли Баҳовуддини Муҳаммади Бағдодӣ «Каломи ҷазъ ва маҳкам бошад, ки асари қуввати хотир дар аснои он муоина мешавад ё сухани раҳиқи диловез, ки далели лутфу табъ ва мазмуни он мушоҳида мешавад» [6, 427].

8. **Насри шикаста**. Насре, ки дар муколама ва мунозираҳо ба кор бурда мешавад ва дар онҳо аксаран ҷумлаҳо нотамом мебошанд. Қадимитарин адабиёти намуна дар «Таърихи Балъамӣ» ё тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» таълифи Абӯалӣ Балъамӣ дар асри Х ва «Таърихи Байҳақӣ» асари Абулфазли Байҳақӣ мебошад.

Шеъре, ки манзум нест ва ба сурати наср навишта мешавад. Шеъри мансур маъмулан хасоиси айнии манзумасароиро мисли вазну қофия надорад, аммо ба далели корбурди аносири маънавии шеър, бавижа дарҳам рехтани мафоҳими мантиқии калом аз раҳгузари забони маҷозӣ ва эъмоли иқооти хос фитратан шеър аст. Шеъри мансур ба он ки аз низоми арӯзии қадим табиият кунад, мусиқии хоси хешро дорад, ки гоҳ аз навъи қофияҳои миёнӣ ва ҳатто оҳанги хос бархурдор аст. Намунаи аз он ин аст: «Мол аз баҳри осоиши умр аст, на умр аз баҳри гирд кардани мол» [5, 139].

Насре аст, ки дар он ҳолу ҳавои наср, яъне мафоҳими мантиқӣ ва гузоришӣ ва ҳақоиқи ғайришеърӣ) ҷомеъи қофия ва санооти шеърӣ ба тан кардааст. Мисли «Калила ва Димна»-и Насруллои Муншӣ ва «Марзбоннома» [3, 322].

Монанди: «Эй писар, туро дар ин навбати фалак ёварӣ кард ва иқболи раҳбарӣ, ки соҳиби давлатӣ дар ту расид ва бар ту бибахшоид ва касри ҳолатро ба тафақуди ҷавр кард ва иттифоқи нодир уфтад ва бар нодир ҳукм натавон кард. Зинҳор то бад ин тамаъ дигарбора гирди валаъ нагардӣ» [5, 88]. Метавон тафовути ин дуро дар он донист, ки дар шеъри мансур ба маънии хоси калима ҷаҳонбинӣ ва ҳолу ҳавои шеър, бавижа шеъри ғаноӣ бар асар ҳукумат мекунад. Аммо дар насри шоирона ҳолу ҳавои наср ҷомеъи қофия ва дигар санооти шеъриро ба тан кардааст.

Тафовути содаи содатарин шакли насри мактуб, ки ба он насри мурсал гӯянд бо назм дар он аст, ки назм ба қайдҳои хос маҳдуд аст. Аммо наср аз озодӣ ва вусъати маҷол бархурдор аст ва ҳамин маҳдудият дар назм аст, ки дар ҳар забоне, алфоз ва таъбирот ва таркиботи хосе дар назм эҷод мекунад, ки онро аз наср мутамоиз месозад.

Аз баррасии маҷмӯи орои давраҳои қабл ва муосир метавон шеърро ин гуна баён намуд, ки моҳияти он зоидаи қудрати тахайюл ва тасвиргарӣ, билкул васоили он, баёни маҷозӣ ва ороиши он вазну қофия ва дигар санооти лафзӣ аст [3, 307].

Ҳамонанди Абӯалӣ Сино дар китоби «Шифо» мегӯяд, ки «Аз ақволи мавзун ва мутавосӣ сохта шудааст». Наср дар қиёс бо шеър аз назму тартибе, ки лозими каломи манзум аст, яъне аз вазну қофия холӣ аст ва буҳури арӯзӣ мутобиқат намекунад [9].

Наср дар ҷараёни такомули худ ва дар анвои чун насри фаннӣ гоҳ аз ин лиҳоз тавониста ба назм наздик шавад ва ин маврид ихтилофро ба ҳадди ақал коҳиш медиҳад [3, 307].

А Д А Б И Ё Т

1. Манучеҳри Одамият. Гулистони Саъдии Шерозӣ. – Теҳрон: товонии корофаринони фарҳангу ҳунар, 1386. – 166 с.
2. Муҳаммаддабири Сиёқӣ. Сафарномаи Носири Хисрав. – Теҳрон: Заввор, 1375. – 400 с.
3. Муҳаммадтақӣ Баҳор. Сабкшиносии Баҳор.- Ҷ. 1-3. – Теҳрон, 1338. – 210 с.
4. Сафо Забеҳулло. Таърих ва адабиёти Эрон. Ҷ.1. – Теҳрон, Фирдавс, 1387. – 616 с.
5. Унсурулмаолии К. Мунтахаби Қобуснома. – Теҳрон: Чугон бо ҳамкории каломи ҳақ, 1387. – 204 с.
6. Халилӣ Хатибраҳбар. Таърихи Байҳақӣ. – Теҳрон: Маҳтоб, 1386. – 391 с.
7. Шукуров М. Таърихи ададбиёти советии тоҷик.- Ҷ.4.– Душанбе, 1980. – 250 с.
8. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. -Ҷ. 2. – Душанбе, 1989. – 560 с.
9. www. Donishju.ir.

ИЗУЧЕНИЕ ПРОЗЫ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ЯЗЫКОЗНАНИЯ

Прозаическая литературная речь обнаруживает строгие закономерности расположения слов. В данной статье определены все виды прозы - статья, рассказ, повесть, роман и рассмотрены особенности языка и стиля прозаических произведений.

Ключевые слова: персидско-таджикская проза, особенности языка и стиля изложения, проза, виды прозы, поэтическая проза, прозаическое стихотворение, происхождение прозы.

PROSE STUDYING FROM THE POINT OF VIEW OF LINGUISTICS

Prosaic literary speech finds strict regularities of an arrangement of words. In this article all types of prose - article, the story, the story, the novel are defined and features of language and style of prosaic works are considered.

Key words: Persian-Tajik prose, features of language and style of a statement, prose, types of prose, poetic prose, prosaic poem, prose origin**.**

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ахмади Калатах Ахмад Захра***- аспирантка ТНУ

МУҲАҚҚИҚИ САЙРИ МАЪНАВӢ

Садриддин Шамсуддинов
Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Шоир ва ғазалсарои маъруф Шайх Фахруддин Иброҳим бини Бузарҷмеҳр бини Абдулғаффори Ҳамадонӣ дар асре зиста ва фаъолият намуда аст, ки муҳаққиқини муосири ирфон ва тасаввуфи исломӣ онро садаи ҷунбиш ва парвозу густариши гуногунназарӣ дар зимни ақоиди ирфонӣ ва балоғати тасаввуф пиндоштаанд. Номбурда ба Ироқӣ мутахаллис шуда, аз зумраи пайравон ва номварони тариқи суҳравардия буда, аз хеш девони комили иборат аз ғазалиёт, қасоид ва рубоиётро маҳфуз мондааст, ки саршор аз ишқу самимият дар азми худшиносӣ ва худошиносии инсон маҳсуб мебошад. Барои исботи ин фикр, ки қарни 7- уми солшумории ҳичрии қамарӣ аз садсолаи ҷаҳишу ҷумбиши ақидаҳо шинохта шудааст, зикр намудани номи ду нафар аз андешамандони шаҳири ҷаҳонӣ кифоят аст, ки дар ҳамин қарн зиста ва фаъолият намуда, шӯҳрати ирфону маърифати адабиёти форсӣ-тоҷикиро ҷаҳонӣ кардаанд, ки яке Муҳиддини Андалусӣ, мутахаллис ба Ибнуларабӣ (вафоташ соли 638, Димишқ) ва дигар Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ, мутахаллис ба Мавлавии Румӣ (вафоташ соли 672, Қуния) мебошанд.

Воқеан, Шайх Фахруддини Ироқӣ тибқи иттилооте, ки аз манобеи таърихӣ дастрас мешавад, ба марказҳои тамаддуни исломӣ чун Мултон, Ҳиҷоз, Шом, Рум, Миср ва Димишқ сафарҳо дошта, мутобиқи сарчашмаҳои муътамади таърихӣ бо донишмандони доираҳои гуногуни ирфониву таърихӣ суҳбатҳои маънавии мондагор оростааст. Аз бархе аҳли мутасаввифа пайравӣ карда ва гурӯҳе аз ӯ изҳори муридӣ намуданд, афроде дар муҳити фаъолият ва пажуҳиши Ироқӣ ворид гашта, ҳадалимкон аз ин муҳит таъсир пазируфтаанд ё дар равнақи он муассир будаанд ва далел он аст, ки Шайх Фахруддини Ироқӣ бо муҳтарам доштани эътибори хеш ҳануз дар зиндагӣ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда аст. Чунон ки аз сарчашмаҳои муътамади тасаввуфӣ бармеояд, Ироқиро ҳанӯз қабл аз сафари минтақае мешинохтанд ва расидани ӯро чун пешомади нек истиқбол мекардаанд ва чун ба маҳалле сафар мекард, пас аз муддате, ки муаррифӣ мешуд, дарзамон пайравони худро пайдо мекард ва аҳли тасаввуф ӯро дар ҳар ҳалқае гиромӣ медоштанд, дар ҳоле ки номбурда дар санаи 610 солшумории ҳичрии қамарӣ дар қарияи Кумиҷон аз навоҳии дурдасти шаҳри Ҳамадон мутаваллид шудааст. Дар айни замон донишҳои заруриро аз худ карда, пас аз муддате ба тадрис машғул мегардад. Парвини Қойимӣ, ки муҳаққиқи осори ирфонии Шайх Фахруддини Ироқист, дар муқаддимаи девони комили ин мутафаккир ҳангоми шарҳи аҳвол навиштааст: «чун синни ӯ ба ҳабдаҳ расид, бар ҷумлаи улум аз маъқулу манқул муталлеъ шуда буд ва мустафид гашта, то чунон шуд, ки дар шаҳри Ҳамадон дар мадрасаи шаҳристон ба ифодат ва дигарон дар хидматаш ба истифода машғул буданд. Ногоҳ ҷамъи қаландарон ҳой-ҳуйзанон аз маҷлис даррафтанд ва самоъ оғоз карданд…» [3,20]. Муқаддима ба девони комил аз аввал то охир дар байни ду масъала хонандаро ба андеша ва таҳқиқ водор месозад. Аввал, чун Фахруддини ҷавонро «ҷамъе аз қаландарон» ба сафарҳои такмилӣ бурданд, пас Ироқие, ки дар фирқаи суҳравардия комил шуд, бо қаландария ва маломатия чи иртибот дорад? Дувум, чаро «писаре дар ҳусн беназир» шоирро мутаваҷҷеҳи худ сохта аст ва яке аз авомили рӯоварии ӯ ба сайру сулук гардидааст? Ё худ чаро султони Миср аз муносибати шоир бо писари кафшгар суол кард?.. чун мувоҷеҳи ин назарро дар байти зери ин мусаллас бар тавсифи ин “писар” мегирем, ки овардааст:

Дар дайр шаву биншин, бо хуш писари ширин,
Шаккар зи лабаш мечин, то чанд зи куфру дин.
Дар зулфу рухи ӯ бин, габреву мусулмоне!

Гуфтам, ки магар ҷастам в-аз доми бало растам,
Дил дар писаре бастам, к-аз ёди лабаш мастам,
Чун рафт дил аз дастам, чӣ сӯд пушаймонӣ? (3, 347).

Дар масъалаи аввал иктифо мекунем ва рӯ меоварем ба интиқоди муҳаққиқи муосири тасаввуфи Эрон Аблулҳусайни Зарринкӯб, ҳамоно ҷое изҳор медорад, ки «Шайх Фахруддини Ироқӣ дар Ҳинд ба қаландария пайваст», ҷойе дигар мегӯяд: «мисли шоири суҳравардия нисбат ба қаландария алоқае надошт» [1,313]. Аммо номбурда муқаддимаи парвини Қойимиро хеле хуб таҳқиқ карда ва овардааст: «Дар достони Фахрддини Ироқӣ ҳамон гуна, ки дар муқаддимаи маъруфи девони ӯ омадааст, дастае аз қаландарон дар ҳамадон зоҳир мешаванд, ки ҳойю ҳуйи онҳо ҳатто дар мадрасае, ки ин донишманди ҷавон дар он ҷо тадрис мекард, ғавғо дарандохт ва вуҷуди қаландарписари зебо сабаб шуд, ки мударриси ҷавон дарсу баҳсро раҳо кунад ва аз Ҳамадон то Ҳинд ба дунболи онҳо биравад» [1,306]. Ин ҷо ҳадафи муаллиф аз қаландар оворагард аст, на намояндагии аҳли силсилаи қаландария, ки абрӯ ва мӯи сару рӯ метарошиданд ва бо садақаи дигарон мезистанду боз ба хотири маломат шудан аз ҷониби муосирин издивоҷ намекардаанд, дар ҳоле, ки Ироқӣ бо духтари Шайх Баҳоваддин Закариёи Мултонӣ (вафоташ соли 661) Издивоҷ намуда, аз ӯ писаре бо номи Кабируддин дошт. Дигар ин ки Ироқӣ дар куҷое, ки сафар мекард, бо авомуннос қарор дошт ва муносибати хубе бо муосирин мекард, чунонки дар муқаддимаи девонаш омадааст:

Чу худ карданд рози хештан фош
Ироқиро чаро бадном карданд? (3,84)

Боз бармегардем ҷониби Абдулҳусайни Зарринкӯб, ки ҳангоми таҳқиқ намудани роҳу равиши силсилаи қаландария арз доштааст, ки: «касе, ки силсилаи ба номи

қаландария таъсис кард, Шайх Ҷамолуддини Совачӣ, ки дар ҳудуди санаи 620 дар Димишқ расми тарошидани мӯи сар ва абрӯро бунёд ниҳод ва Муҳаммади Балхӣ ки шогирду пайрави ӯ буд, расми пӯшидани ҷуволро бар он афзуд ва аз ин ҷо шуҳрати онҳо ба ҷавлақӣ ва ҷуволиқӣ» афзуд. Ҳадафи мо ин ҷо танҳо манзур ба таҳлил овардани вожаи "ҷувол" ва "ҷуволиқӣ" аст, чунки дар баъзе манбаъҳо Ироқиро Ҷуволиқӣ низ гуфтаанд. Аз ҷумла силсилакитоби «Дурдонаҳои наср» дар зимни овардани маълумоти муфассал шоирро «Ҷуволиқии Ироқӣ» [2,58] ном овардааст. Ҳамин гуна иттилоот дар ЭСТ низ омадааст [4,11]. Пас аз ин ҷо хулосае бармеояд, ки Шайх Фахруддини Ироқӣ дар маслаки қаландария гирифтор буд ё сарчашмаҳо иштибоҳ кардаанд, ки Ироқиро Ҷуволиқӣ низ ном бурданд.

Ҷувол ғолибан дар маънии пӯшиши риндона аст, ки аз пашм ё худ аз матои дағал омода мешавад, аммо чун аз манобеи таърихӣ пайдост, ҳангоми шарҳи зиндагиномаи Ироқӣ, ба яқин метавон гуфт, ки шоир беҳтарин хирқаро ба бар мекард ва ба дигарон имкони кӯчактарин надодааст, ки ӯро таҳқир ё маломат кунанд. Пас сабаб чист, ки ҳангоми таҳқиқи зиндагиномаи Ироқӣ мо таъсири ҷамъе аз қаландарони оворагардро дар тафаккур ва андешаи шоир эҳсос мекунем! Чаро дар манотиқе, ки шоир будааст, урафо ва мутасаввифа аз ҳолу кирдори ӯ ба муршидони худ бо арзи шикоят муроҷиат кардаанд? Чун ғолиби муридон аз авомуннос маҳсуб мешуданд, ҷаҳд менамуданд аз ҳудуди курае, ки барояшон пешво кашида буд, хуруҷ накунанд. Чун Шайх Фахруддини Ироқӣ аз ин ҳудуди мазҳабӣ хуруҷ мекард, дигарон ба ӯ бо назари шубҳа менигаристанд ва ҷамъе аз ҳасудон аз ин хурӯҷҳо истифодат бинмуда, овозаҳо интишор мекарданд ва ба аҳли раёсат аз шоир шикоят мебурданд. Дигар ин, ки нуфузи аҳли қаландария дар афкори Ироқӣ чандон ҳақиқат надорад ва дар зимни таҳқиқи осори ӯ бармеояд, ки бар чунин гуфтаҳо ҳам эътимод набояд баст.

Алҳол мегузарем ба ифшои масъалаи дуввум, ки бағоят нозук мебошад. Ин ҷо як қаландарписари зебо, ки боиси аз Ҳамадон ба Ҳинд рӯ овардани Шайх гардидааст, танҳо нест. Ин ҳодиса дар Рум низ такрор мешавад. Шайх аз амир Муиниддин хидмат нахост, балки Ҳасани Қавволро дархост кард, ки гӯё «дар ҳусн беназир буд ва дар лутф дилпазир ва халқе доғи ишқи ӯ бар дил ниҳода ва ба савдои ӯ чон ба бод дода» [3,26]. Ҳамчунин дар Миср Шайх Фахруддини Ироқӣ «рӯзе дар бозори кафшгарӣ мегузашт назараш ба писаре афтод, шефтаи ӯ шуд»[3,32]. Аввалин, бояд иқрор шуд, ки ҳеҷ вақт инсон аз пеши худ думболи як гурӯҳ қаландарон азми сафари Ҳиндустон намекунад, то сабабе барои ӯ пайдо нагардад. Ҳамчунин таъсири як ғазали ориофона низ инсонҳоро водор намесозад, ки зуд тағйири ақида, муҳит ва мазҳаб намоянд. Сониян, таърих ёд надорад, як марди соҳибҷамол дили ҳазорон марди дигарро шефтаи хеш сохта бошад. Солисан, ҳеҷ мард шефтаву дилбохтаи инсони хурд намегардад. Ин қисса то ҳол дар асрор нуҳуфта буд ва чун Ироқӣ аз Миср ба Димишқ муроҷиат намуд ва муддате дар он ҷо иқомат мекард, ба наздаш писари ягонааш Кабируддин аз Мултон боз омад ва инҷо қиссаи ишқи ҷавонписар ҳангоми баёни мусофиратҳои Шайх Фахруддини Ироқӣ анҷом меёбад. Ҳамчунин, шоир дар як китоби мансураш мавсуф ба «Ламаъот» аз мутафовит будани чеҳраи маъшуқ бар ошиқ ҳарф мезанад ва асрори мутасаввифаро бо дар назардошти ишқи Илоҳӣ ҳувайдо менамояд: «Маъшуқ ҳар лаҳза аз даричаи ҳар суффае бо ошиқ рӯи дигар намояд. Айни ошиқ аз партави рӯйи ӯ ҳар лаҳза рушноии дигар ёбад ва нафас биноии дигар касб кунад, зеро ҳарчанд ҷамол бештар арза кунад, ишқ ғолибтар ояд ва ишқ ҳарчанд муставилтар гардад, ҷамол хубтар намояд ва бегонагии маъшуқ аз ошиқ беҳтар шавад, то ошиқ аз ҷафои маъшуқ дар паноҳи ишқ мегурезад ва аз дугонагӣ дар ягонагӣ меафзояд» [2,60]. Ва низ ин байтро, ки дар "Ламаот" овардааст, ифодагари бо Худо якӣ чӯстани Ироқист ва ин ки мегӯяд:

Кӣ бувад мо зи мо ҷудо монда?
Ману ту рафтаву Худо монда (3, 397).

Аз ин мулоҳизаҳо андешаи понтеистии Шайх Фахруддини Ироқӣ ошкор мешавад ва интиқол ёфтани ду ба як аз тавҳид, яъне таҳқиқи ирфонии «ваҳдати вуҷуд» истиқбол мекунад. Бидуни шубҳа аз ин ҷост, ки Ироқиро яке аз номовартарин мутафаккирони мутасаввифа дар садаи ҳафтуми солшумории ҳичрӣ қамарӣ донистаанд, ки андеша ва амали ин шоир далели гуфтаҳои болоянд ва ӯ аз ҳидоятгароне буд, ки дар тариқати тасаввуф орифони бешумореро думболи хеш овардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳусайни Заринкӯб. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Ирон.-Душанбе: Ирфон, 1992.
2. Дурдонаҳои наср.-Душанбе, Адиб, 1982.
3. Девони комили Фахруддини Ироқӣ.- Теҳрон: Паймон,1381.
4. Энсиклапедияи советии тоҷик, ҷилди 3.-Душанбе, 1981.

ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ДУХОВНОГО ПУТЕШЕСТВИЯ

В данной статье речь идет о мистических сторонах произведения поэта - суфия XII века Востока Фахриддина Ираки.

Ключевые слова: исследование, мистицизм, духовный, дервиш, любовь, пантеизм, путешествие, суфизм

MASTER OF THE SPIRITUAL TRAVEL

This scolastic article expresses the mystic (gnostic) sides of poetry of sufi poet XII centuty of East Fakhriddini Iraqi`s poetry.

Key words: research, mysticism, spiritual, dervish, love, panteism, travel, Sufism.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Садриддин Шамсуддинов*** **–** саискатель ТГ ИЗ им. Сотим Улугзоде

ЗАН ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Вакилиёни Огуи Ғуломҳусейн
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Шоҳнома» китоби ҷомеест, ки сарояндаи он дар баёни вижагиҳои гурӯҳҳо, хислатҳои афроди тому баркамол сухан рондааст. Аз ҷумлаи ин афрод занони ҷомеаанд, ки ҳакими Тӯс тавоноиҳо, арзишҳо ва хислатҳои хубу сурату сирати ононро бо маҳорати комил баён карда, ойини ишқу вафодорӣ, муҳаббат, отифӣ ва инсониятро ба ҷомеа муаррифӣ кардааст.

Кори ин марди номдор, дар асл нишон додани намод ва улгуи инсони воло, арҷманд ва бартар ба алоқамандони инсони комил аст. Шояд пазириши ин нукта душвор бошад, ки мешавад дар канори ишқу муҳаббату вафо, ҷанговарию диловарӣ ва ҳақҳоҳиро думбол кард? Аммо Фирдавсӣ бо ҳунармандиаш ин ҷамъи аҷдодро нишон додааст.

Пазириши ин ки зане барои ҳамроҳ будан бо шавҳар ва пойдорӣ дар ҳамсарӣ аз падар дил биканад ва ба молу маноли дунё пушти по бизанад, сахт аст. Вале дар «Шоҳнома» симоҳои барҷастае муаррифӣ шудаанд, ки чунин карда ва ҳатто ба хотири ҳамсару фарзанд ҷони ширини худро низ ба гарав гузоштаанд.

Дар ин мақола, ки аз манобеи барҷаста маншаъ гирифта, шояд битавон паёми тааҳҳуд, вафодорӣ, пойбандӣ ба ахлоқи хонавода ва ба таври куллӣ тадбири манзилро, ба тавфиқи иллоҳӣ, ба одамиён фаҳмонд.

Дар «Шоҳнома», ки ҳамосаи мардони паҳлавон ва мубориз аст. Дар он занон бару ёли паҳлавонӣ доштанд ва бархе аз онон дар ҷангҳо ширкат ҷустаанд. Хислатҳои таҳамтаниро дар бархе аз ин занон низ метавон ёфт [1,241]. Масалан, Ҷарира, духтари пирони Виса ва зани Сиёвуш чун писари худро ба дасти сипоҳиёни Тӯс кушта ёфт, парастандагонро аз мӯй кандан ва мӯя кардан боздошту гуфт:

Кунун андар оянда эрониён,
Ба тороҷи Диж танг баста миён.
Парастандагонам асирон кунанд,
Дижу бораи кӯҳ вайрон кунанд.
Дили ҳар кӣ бар ман бисӯзад ҳамин,
Зи ҷонам рухаш бар фурӯзад ҳамин.
Ҳама пок бар бора бояд шудан,
Тани хештан бар замин бар задан.

Пас ганҷҳоро ба оташ бисӯхту ва тир бар каф гирифт ва шиками аспонро ҷумлагӣ бардарид ва он гоҳ ба болини писар фуруд омаду бо дашнае, ки ҳамвора зери ҷома дошт, шиками хеш бардарид ва бар болини писар ҷон дод.

Ин зан агарчи тӯронист, аммо аз нажоди Вис ва духтари Пирони Озодамард ва модари як шоҳзодаи эронӣ ва ҳамсари бузургтарин умеди эрониён, яъне Сиёвуш аст, ки ӯро қабл аз Фарангис ба занӣ гирифт ва чунин зане дар ҳамосаи миллии мо ҷуз мардӣ ва мардонагӣ шоиставу сазовор нест.

Бархе аз занони дигари туронӣ ҳам, ки қаробате бо эрониён доранд, аз ин гунаанд. Таҳмина - модари Сӯҳроб ва духтари шоҳи Самангон дар марги фарзанд бо коре аз ин гуна пеш гирифт ва ҳамаи ганҷ ва хостаи хешро ба бенавоён бахшид ва худ пас аз як сол бимурд.

Корномаи занон дар «Шоҳнома» беш аз ҳар чиз зебо ва дилпазир аст, яке аз занон, ки дар «Шоҳнома» ба нудурат аз ӯ ёд шудааст, Бону Гушасп - духтари Рустам ва зани Гев мулаққаб ба Савор аст.

Он чи дар «Бону Гушаспнома» омадааст, Гев, ки пас аз Рустам дуввумин паҳлавони Эрон буд, бо ин зан баробар намеомад. Чун Рустам Бону Гушаспро ба кобини Гев даровард, вай барошуфт ва бо Гев дарафтод ва ӯро ба банд даровард ва он гоҳ ба поймардии Рустам озодаш кард.

Дигар аз занони ҷасур ва савори «Шоҳнома», Гурдофарид аз сокинони «Дижи Сапед» аст.

Ин духтари камандафкани лашкарӣ чун Сӯҳробро дар пойи Диж дид:

Бипӯшид диръи саворон ба ҷанг,
Набуд андар он кор ҷойи диранг.
Ниҳон кард гесӯ ба зери зиреҳ,
Бизад бар сари тарги румӣ гиреҳ.
Фуруд омад аз Диж ба кирдори шер,
Камар бар миён бодпое ба зер.
Ба пеши сипоҳ андар омад чу гард,
Чу раъди хурӯшон яке вайла кард.
Ки гурдон кадоманд ва солор кист?
Зи размоварон ҷангро ёр кист?

Ва чун бо Сӯҳроб ба разм андар омад, албатта, бо он муборизи беҳамто ба ҷанг бар натобид ва чун саранҷом Сӯҳроб аз ҳоли ӯ огоҳӣ ёфт:

Шигифт омадаш гуфт аз Эрон сипоҳ,
Чунин духтар ояд ба овардгоҳ.
Саворони ҷангӣ ба рӯзи набард,
Ҳамоно ба абр андароранд гард.
Заноншон чунин андар Эрон сарон,
Чӣ гунанд гурдону ҷанговарон.

Ин зани далер дар чораҷӯӣ ва ройу тадбир низ мояи ҳайрати паҳлавонзодаи эронӣ гашт ва гузашта аз ин дар парастиши Эрон ҳам аз дигар паҳлавонони эронӣ фурутар набуд ва як паҳлавон ва сипаҳдори Тураниро агар чанд бемонанд бошад, ба ҳамсарӣ намепазируфт ва мегуфт: «Ки туркон зи Эрон наёбанд ҷуфт».

Дар «Шоҳнома» дар баробари мансаби шоҳӣ доштани занон инчунин занони одӣ [2,873] ва канизакон, [2,842] низ фаъолият мекарданд. Бояд гуфт, ки занони одӣ, ки миёнчигӣ ва канизакон, ки хидматгузорӣ мекунанд, танҳо аз рӯйи корашон ном гирифта мешаванд ва исми аслии онҳо ёд карда намешавад.

Дигар аз занони паҳлавон ва номбардори «Шоҳнома», Гурдия хоҳари Баҳроми Чӯбин аст. Ин зан дар «Шоҳнома» намудори комили ақлу дониш ва меҳанпарастию паҳлавонӣ ва чолокӣ аст.

Аз пандҳое, ки ба Баҳроми Чубин дод ҳамаи сифати олияи ахлоқӣ ва миллии ӯ намудор аст ва аз ҷумлаи суханони ӯ абёти зеринро аз «Шоҳнома» метавон баршумурд:

Ҳар он кас ки оҳуи ту бо ту гуфт,
Ҳама ростиҳо кушод аз наҳуфт.
Макун ройи вайронии шаҳри хеш,
Зи гетӣ чу бардоштӣ баҳри хеш.
Накӯҳиш махоҳ аз ҷаҳон сар ба сар,

Набуд аз таборат касе тоҷвар.
Ҷуз аз дарду нафрин наҷӯӣ ҳаме,
Гули заҳр хира бибӯӣ ҳаме.
Чу гӯянд Чубина бад ном гашт,
Ҳама номи Баҳром бад ном гашт.
Бар ин низ ҳам хашми Яздон бувад,
Равонат ба дӯзах ба зиндон бувад.
Ба дил девро ёр гардӣ ҳаме,
Ба Яздон гунаҳкор гардӣ ҳаме.
Ҷаҳондор то ин ҷаҳон офарид,
Буланд осмон аз бараш баркашид.
Надиданд ҳаргиз саворе чу Сом,
Назад пеши рӯ шери дарранда гом.
Нузар шуд аз бахт бедодгар,
Ба пой андар овард роҳи падар.
Ҳамон меҳтарон Сомро хостанд,
Ҳамон тахти пирӯза оростанд.
Бад-он меҳтарон гуфт ҳаргиз мабод,
Ки ҷони сипаҳбад кунад тоҷ ёд.
Ки хоки Манучеҳр гоҳе ман аст,
Пайи тахти Нувзар кулоҳи ман аст.
Зи ту Сом донам, ки буд мардтар,
Наҷуст ин шаҳӣ чун набуд бадгуҳар.
Чу Дастону чун Рустами пилтан,
Наҷустанд шоҳе бад-он анҷуман.
Бад-он гуфтанам, ай бародар, ки тахт,
Наёяд магар мардуми некбахт.
Надонам, ки бар ту чӣ хоҳад расид,
Ки андар дилат шуд хирад нопадид.

Дар марги Баҳроми Чӯбин низ, Гурдия бар бистари ӯ дар айни вафодорӣ ва сӯгворӣ аз ин пандҳои худ ёд кард ва аз ин ки сипаҳдор панди ӯро нашнида буд, андӯҳи фаровон ва ғами гарон ба дил дошт [3,201].

Паҳлавониҳои Гурдия аз ҷанг бо Табаррук сардори Чин, ки ба фармони Хоқон аз пайи ӯ омада буд ва куштани ин сипаҳсолор ва низ аз ҳунарҳои гуногун, ки пеши Хусрав намуд, ба хубӣ ошкор мешавад, то он ҷо ки:

Бад-ӯ монда буд Хусрав анадр шигифт,
Чунон бурзу болову бозуву китф.

Ширин маъшуқа ва зани Хусрав низ аз машоҳири «Шоҳнома» ва дар вафодорӣ самар аст, аммо чун аз ин гурӯҳ ба чанд тани дигар, ки бигузарем, зан мавҷуди заиф ва сустрой аст. Паҳлавонон ва шоҳон риояти ҳоли занонро монанди ҳамаи заифон воҷиб ва зарур мешуморанд. Насиҳатҳои занон назди паҳлавонон аҷру баҳое надорад ва Исфандиёр дар посухи пандҳои модар чунин мегӯяд:

Ки пеши занон роз ҳаргиз магӯй,
Чу гӯӣ, сухан боз ёбӣ ба кӯй.
Агар лаб бибандӣ зи баҳри газанд,
Нагӯӣ занонро бувад судманд.
Ба коре макун низ фармони зан,
Ки ҳаргиз набинӣ зани ройзан.

Бежан аз кушодани рози Рустам, ки дар кисвати бозаргонон ба Турон рафта буд, назди Манижа сар боз зад, вале чун ин зани вафодор савганд ёд кард, рози худро бо ӯ дар миён ниҳод.

Занон дар «Шоҳнома» аз пӯшидагонанд ва аз миёни эшон ҳамон тавре ки баён шуд, бархе монанди Гурдофарид ва Гурдия занони далер ва ҷанговаранд. Судоба зане аст зебо ва дар ишқ устувор ва пойдор, вале тинати хубс дар ниҳоди хеш дорад ва охир бар сари ин хубс Сиёвушро аз миён мебарад ва худ низ табоҳ мешавад ва Эрону Тӯронро ба ҳам меафканад. Занони дигар низ ҳар як хислатҳое доранд, ки болотар аз ҳамаи онҳо ишқ, муҳаббат ва вафо ва авотифи олияи инсонӣ аст.

Ишқ. Ишқ ва афкори ғаноӣ дар осори ҳамосии ҷаҳон таърихи боғановату густурда дорад. Достонҳои ошиқона ин гуна китобҳоро равнақу шукӯҳ ва ҷалоли хос мебахшад, зеро дар онҳо танумандӣ ва диловарии паҳлавонон ва зебоию латофати занон, авотифи нозук ва ҳассосии дилу бозуи қавӣ ба ҳам дармеомезад ва аз он миён азамати ишқ ба ҳамон дараҷаи қувват ошкор мешавад, ки тантана ва шукуҳи паҳлавонӣ ва размозмоӣ, дар «Иллида» ва «Одиссея» ва манзумаи Бювалуфи англисӣ «Ромоёно»-и ҳиндувон ва манзумаҳои ҳамосии Эрон ҳама осори ин ишқи бошукӯҳ ва пурарҷу боарзиш, ки бояд ишқи паҳлавониш ном дод, ба некӣ ёд мешавад ва дар онҳо достонҳои ошиқонаи зебо мебинем, ки дар миёни гирудори ҷанг ва шӯру ғавғои ҷанговарон дилро ба ваҷд меоварад.

Ишқ дар ҳеҷ кадом аз ин достонҳо бидуни шак монанди ишқи занони қаҳрамон дар ҳамосаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ нест (1.244). Кадом достони ошиқонаро метавон пайдо кард, ки дар ҷамол ва латофати занон ва иффату покдомании мардон ба пояи достони Зол ва Рудоба ва Манижа ва Бежан ва Судоба ва Сиёвуш расида бошад. Ҳанӯз аз ошиқиҳои дигаре монанди ишқи Таҳмина ба Рустам ва Сӯҳроб ба Гурдофарид ва Ковус ба Судоба набояд гузашт.

Ишқи занон дар «Шоҳнома» ағлаб муқаддимаи воқеаҳои сиёсӣ ё ҷангҳои бузург низ ҳаст, ишқи Ковус ба Судоба муқаддимаи ҷанги Рустам бо шоҳи Ҳомоварон ва ишқи Судоба ба Сиёвуш асоси ҷангҳо ва кинакашиҳои эрониён ва тӯроniён ва бар афтодани салтанати Афросиёб аст. Нерумандтарин отифа, менависад Муҳаммадамини Риёҳӣ, - дар миёни инсонҳо ишқ аст, ки он мояи бақост [5,260].

Ногуфта намонад, ки паҳлавонони «Шоҳнома» ҳамеша дар ишққҳои худ ҷониби дин ва маросими диниро муҳмал намегузоранд. Чунонки Рустам чун ишқи ғайримаъмулӣ Таҳминаро ба худ дид, бо он ки духтари зебову дилангез буд, аз хондани мӯбад ва никоҳ кардани ӯ худдорӣ натавонист кард.

Занон дар «Шоҳнома» илова бар вижагиҳои номбурда дар чеҳраи шоҳ, шоҳбону, сипаҳсолор, паҳлавон ва парастанда ва доя низ зоҳир шуданд, ки баландовозатарин занони кохнишини «Шоҳнома» ба шарҳи зер ҳастанд.

Шоҳон. Дар «Шоҳнома» саргузашти 70 тан шоҳон ба тасвир омадаанд, ки онҳо шоҳони миллӣ ва ғайри миллианд. Иддае аз онон бонувони сиёсатмадоранд, ки зимоми кишвардорӣ бар уҳда доштаанд. Ҳумой, Пурондухт ва Озармедухт шоҳаншоҳони Эрон, Қайдофа маликаи Андалузия ва модари Талҳаанд ва Гав маликаи бахше аз Ҳиндустон баландпоятарин занони «Шоҳнома»-анд. Аз ин панҷ зан Ҳумой ба маниш ва қудратпараст ва Қайдофа ва модари Талҳанд ва Гав хирадманд ва бо тадбир ва кордонанд. Аммо Пурндухт Озармедухт имтиёзи вижае надоранд.

Шаҳбонувон. Ҳарчанд дар гузориши болиғ бар 70 подшоҳи эронӣ ва ғайриэронӣ дар «Шоҳнома» радифҳои чанд шаҳбонуро бештар наметавонем гирифт. Вале дар байни ин гурӯҳ шахсиятҳои мумтозеро мебинем. Синдухт ҳамсари Меҳроб подшоҳи Кобул, нахустин шаҳбонуи барозандаи «Шоҳнома» аст, ки хирадмандӣ ва виқор ҳамроҳ бо авотифи занона ва модарона дар шахсияти ин зан барастӣ таҳсинбарангез аст. Ӯ дар ниҳояти зиракӣ ва кордонӣ кори ишқи духтари хеш Рудобаро бо Зол, ҷаҳонпаҳлавонзодаи эронӣ ба сомон мебарад.

Зане аст, чиразабон ва бархурдор аз тавоноӣ дар ром кардани шавҳари саркаш ва оташмизоҷ. Вай шаҳбонуи устувор, модари сазовор ва ҳамсари вафодор аст. Аз маъдудзанони «Шоҳнома» аст, ки дар зиндагии ӯ нуқтаи сиёҳе намеёбем.

Дар симои Судоба ҳамсари Ковусшоҳ, дар баробари хислатҳои бад ва сангдилиҳо, нуқтаҳои равшан низ дар саргузашти ӯ тавон ёфт, ки яке аз онҳо вафодории вай ба шавҳар аст. Дар ҳангоми асорати ӯ дар банди шоҳи Ҳомоварон, дар ҷавоб ба падар, ки мехоҳад ӯро ба Кох биоварад, забон ба накӯҳиши падар мекушояд ва мегӯяд, то дами марг дар канори шавҳар хоҳад монд.

Модари Сиёвуш ҳам аз занони баландовозаи ҳамосаи Эрон аст. Ӯ аз хонадони Гарсеваз ва аз табори Фаридун аст. Тӯс ва Гев ӯро дар нахҷиргоҳ меёбанд ва бар сари тасоҳиби ӯ ихтилоф доранд ва саранҷом ӯро ба назди Ковус меоваранд, то вай дар ин бора доварӣ кунад, Ковус ӯро ба шабистони хеш мефиристад. Аз шигифтиҳои чарх ин ки ин бону бо фарзанди хеш Сиёвуш сарнавишти ҳаммонанд дорад, ҳар ду аз каҷкории падар ба бегона паноҳ мебаранд.

Катоюн-ҳамсари Гуштоспро аз миёни ҳозирони анҷумане, ки падар ба оҳанги гузиниши ҷуфт барои вай барпо кардааст, бармегузинад. Ин кор хашми падар (Қайсар)-ро бармеангезад ва ба куштани ӯ фармон медиҳад, аммо дар миёнии Ускуф аз хуни ӯ дармегузарад, Қайсар ба ночор бо заношӯии Катоюн ва Гуштосп гардан мениҳад, аммо аз ёрӣ кардан ба онон дареғ меварзад.

Катоюн дар ниҳояти вафодорӣ бо шӯи хеш дар рӯзгори оворагӣ дар Рум сар мекунад ва саранҷом бо ҳам ба Эрон меоянд ва рӯзгори сахте поён мегирад. Фирдавсӣ аз Катоюн ба некӣ ёд мекунад ва ӯро хирадманд ва равшандил ва шодком мехонад: падараш ӯро аз ганҷ ва тоҷ ва нигин маҳрум мекунад ва аз ӯ мехоҳад то ба ҳамроҳи шавҳар овора ва бегонааш дарборро тарк кунад. Ба Гуштосп пешниҳод мекунад, ки ба ҷои вай каси дигар аз номдорони анҷуманро баргузинад ва ин гуна ба бахти хеш по назанад. Катоюн мегӯяд, ман бо ту хурсандам ва ба тоҷу тахт намефахрам. Чунин гуфт бояд:

Яке буд меҳтар Катоюн ба ном,
Хирадманду равшандилу шодком.
Яке Қайсару духтари сарфароз,
Ки ай, парварида ба ному ба ноз.
Зи чандин сару афсари номдор,
Чаро кард роят маро хостор.
Ғарибӣ ҳаме баргузинӣ, ки ганҷ,
Наёбиву бо ӯ бимонӣ ба ранҷ.
Аз ин сарфарозон ҳамолӣ биҷӯй,
Ки бошад ба назди падар-т обрӯй.
Катоюн бад-ӯ гуфт ки ай, бадгумон,
Машав тез бо гардиши осмон.
Чу ман бо ту хурсанд бошам ба бахт,
Ту афсар чаро ҷӯйи тоҷу тахт.

Андарзҳои ин зан ба Исфандиёр фарзанди хеш ба ҳангоме ки оҳанги рафтан ба Зобулистон дорад, намудори хирадмандӣ ва бузургвории ӯст. Аз шаҳбонувони дигари Эронзамин бояд аз Равшанак - ҳамсари Искандар, духтари Ардавон ва ҳамсари Ардашер - духтари Меҳраки Нӯшзод ва ҳамсари Шопури Ардашер - Сапинуд духтари Шангел ва ҳамсари Баҳроми Гӯр - Марям духтари Қайсар, Гурдия хоҳари Баҳроми Чӯбин ва Ширин ҳамсари Хусрави Парвиз ёд кард.

Духтари Меҳрак далер ва густох, забоновар ва бузургвор аст ва Шопур дил ба ҳамин саҷоёи ӯ мебандад ва ӯро ба ҳамсарӣ бармегузинад. Сапинуд бовафо, меҳрубон, фармонбардор ва роздор аст ва ҳам ӯст, ки хитоб ба шавҳари хеш Баҳроми Гӯр мегӯяд:

Беҳини занони ҷаҳон он бувад,
К-аз ӯ шӯй пайваста хандон бувад.

Гурдия паҳлавон, кордон, хирадманд ва чорагар аст, ӯст, ки розиёнро ба тадбир аз шарри ҳокими вайронакоре, ки Парвиз бар онон гумордааст, мераҳонад.

Шоҳдухтҳо. Аз шоҳдухтҳои эронӣ Арнавоз ва Шаҳрноз духтарони Ҷамшед, Ҳумой ва Беҳофарид духтарони Гуштосп аз дигарон баландовозатаранд, аммо ҳеҷ як аз вижагиҳои манишии истисноӣ барҳӯрдор нестанд ва чеҳраи онон бо чеҳрае, ки аз зан ба таври куллӣ мешиносем, фарқи чандоне нест.

Фиристодагон. Дар «Шоҳнома» гоҳ бо занон дар нақши фиристодагон дидор мекунем, ин амр намудори тавоноии онон дар иқдом ба муҳимоти мамлакатӣ аст. Аз занон, ки ба фиристодагӣ аз шаҳре ба шаҳри дигар аз хонае ба хонаи дигар мераванд, Синдухт ҳамсари Меҳроби Кобулӣ аст, Гулшаҳр ҳамсари Пирон, ҳамсари Гуштосп ва ҳамсари Гардуйро ном мебарем. Ин занон ҳама далер ва густоханд.

Синдухт аз Кобул ба Зобулистон меравад ва бо Сом дидор мекунад ва мувоффиқати ӯро бо издивоҷи Зол ва Рудоба ба даст меорад.

Гулшаҳрро Пирон пас аз он ки Сиёвуш ӯро дар хоб ба омадан ба ҷашни Кайхусрав фаро мехонад, ба хонаи Фарангис мефиристад, то бибинад чӣ пеш омадааст, ин зан шабона маъмурияти худро ба беҳтарин ваҷҳ анҷом медиҳад ва бо муждаи зодани Кайхусрав ба назди шавҳараш бармегардад.

Ҳамсари Гуштосп аз Балх ба майдони ҷанги Гуштосп ва Арҷосп мешитобад ва шавҳарашро аз тохтани Каҳрум ба Балх ва кушта шудани Луҳросп ва вайрониҳое, ки Тӯрониён ба бор овардаанд, меогоҳонад.

Модарон. Дар ин мақола нақши модаронаи бархе аз занони «Шоҳнома»-ро набояд аз ёд бурд. Аз модарони баландовозаи ин ҳамоса аз Фаронак, Синдухт, Таҳмина, Ҷарира, Фарангис, Катоюн, Равшанак модари Искандар, модари Кисро ва модари Нӯшзод бояд ёд кард. Аз ин модарон Фаронак, Синдухт, Ҷарира, Фарангис ва Катоюн аз авотифи модарии бисёр жарфе бархурдоранд, аз миёни онон Ҷарира аз ҳама нозукдилтар ва отифитар аст. Ин модари доғдор пас аз ҷон супурдани фарзанди дилбанди хеш, Фуруд бо пора кардани шиками худ дар канори пайкари бечони фарзанд худкушӣ мекунад. Худкушии ин зан басе дардноктар аз худкушии Ширин аст, ҳарчанд ҳар ду аз ишқ ба дигаре моя мегирад ва ба ангезаи намоиши газанди ҷудоӣ аз ёр сурат мепазирад.

Ҳусн ва зебоӣ - сармояи зан. Дар он даста аз достонҳои «Шоҳнома», ки занон дар онҳо нақши дархури эътинон ба уҳда доранд, шоҳиди нақши зебоӣ дар зиндагии онон ҳастем. Дар ин мавзӯъ зерфасле дар асари Қ. Сарромӣ [2,83] мавҷуд аст. Ба унвони мисол: зебоии Рудоба, дар достони «Зол ва Рудоба» дар эҷоди пайванд миёни хонадони Меҳроб ва Зол нақши аслӣ ва асосиро бозӣ мекунад. Ҳамон гуна, ки дар достони Сӯҳроб зебоии Гурдофарид дар наҷоти сокинони Дижи Сапед сахт муассир меафтад, дар достонҳои Шопур ва духтари Меҳраки Нӯшзод Баҳром ва духтарони осиёббон, Баҳром ва Барзин ва духтарони ӯ, Баҳром ва Орзу, Ширин ва Ширӯя низ шоҳиди афсунгариҳои ҷамоли занонем. Шопур ба ҷамол ва варзидагии тани духтари Меҳрак дил мебозад ва Баҳроми Гӯр шефтаи зебоии духтарони осиёббон ва Барзини деҳқон ва Моҳёри гавҳарфурӯш мешавад ва Ширӯяро низ ҷамоли Ширин ба шӯр меоварад.

Бештари паҳлавонони бузурги «Шоҳнома» дӯстдори зебоии зананд ва каму беш аз бароварда сохтани ниёзи ҷинсии хеш рӯй барнаметобанд. Зол бо Рудоба, Рустам бо Таҳмина, Сӯҳроб бо Гурдофарид, Бежан бо Манижа, Ардашер бо Гулнор, Шопур бо духтари Меҳраки Зулактоф бо Малика, Хусрави Парвиз бо Ширин ва Гурдия моҷароҳои ошиқонае доранд, аммо аз миёни онон Баҳроми Гӯр беш аз ҳама ошиқпеша аст.

Тақрибан дар тамоми достонҳои марбут ба подшоҳии ӯ занонро дар кори дилбарӣ ва ӯро дар ҳоли дилдодагӣ мебинем. Ин подшоҳ бо духтарони осиёббон, духтарони Барзини деҳқон ва духтари Моҳёри гавҳарфурӯш дармеомезад ва мояи аслии ҳамаи ин омезишҳо ишқ ва дилдодагист.

Бинобар ин, дар «Шоҳнома» ба таври куллӣ баровардани ниёзи ҷинсӣ амри табиӣ аст. Танҳо подшоҳе, ки бо зане издивоҷ накардааст, Кайхусрав аст, ки ӯро низ чаҳор канизаки зеборӯй ва вафодор аст, ки ба ҳангоми видои вопасини шоҳ, ононро сӯгвор ва ошуфтаҳол мебинем.

Дар «Шоҳнома» дар панҷ достон, атфои ғаризаи ҷинсии шум ва нохуш мебинем. Чун дар ин мавридҳо ба чашми таамул дарнигарем, дар меёбем, ки далели бадфарҷомии нафс, атфои шаҳвати ноҳамоҳангиҳои миёни зан ва мардест, ки бо ҳам дармеомезанд. Дар ду достон аз ин панҷ достон, яъне Судоба ва Сиёвуш ва Ширину Ширӯя, шоҳиди омезиши ғаризаи ҷинсӣ бо номардумӣ ва хиёнати яке аз ду сӯи омезишем. Судоба аз нописари худ ком металабад ва Ширӯя ба номодарии хеш чашми тамаъ духтааст. Чунон ки медонем, ҳеҷ як аз ин ду комҷӯйӣ сомон намепазирад. Дар ду достони дигар шоҳиди ноҳамгунии жарфи дилбарон ва дилбохтагонем.

Дар достони Ковус ва шоҳи Ҳомоварон, Ковус ба соиқаи майли ҷинсӣ бо Судоба духтари подшоҳе издивоҷ мекунад, ки бо ӯ душман аст ва аз миён бурдани ӯро мебасиҷад. Дар достони «Бежану Манижа» низ паҳлавони эронӣ пой аз гилеми хеш фаротар мениҳад ва ком аз Манижа духтари Афросиёб меҷӯяд, ки подшоҳи худком аст, касе чун ӯро дархури пайванд бо хонадони хеш намешуморад.

Дар достони Сӯҳроб низ мебинем, ки Сӯҳроб фиреби зебоии Гурдофарид мехӯрад ва ба ӯ дил мебандад ва ба умеди комҷӯӣ вайро озод мегузорад, то ба Дижи Сапед бозгардад.

Далели шуми ин дилдодагии ҷинсӣ низ метавонад ин бошад, ки на бар ҷойи хеш воқеъ мешавад. Сӯҳроб дар майдон, ки ҷойи разм аст, ба ғаризаи ҷинсии хеш мепардозад, ки ҷойи он базм нест.

Он чи ҳаст дар «Шоҳнома» дар айни ҳол, ки баровардани ниёзи ҷинсӣ амри табиӣ мешавад, ифрот дар омезиш бо занон сахт мавриди накӯҳиш қарор гирифтааст.

Бар хилофи он чи дар назди ашхоси ноошно маъруф шудааст, «Шоҳнома» як китоби зидди зан нест, дар даврони паҳлавонӣ аз Судоба, ки бигузарем, ҳеҷ зане пасфитрат дида намешавад. Баръакс теъдоди занони бисёр бузургвор ва ширин ҳастанд, ки назири онҳоро аз ҳайси рангорангӣ ва диловезӣ на танҳо дар осори дигари форсӣ, балки дар осори бузурги бостонии дигар кишварҳо низ наметавонем бубинем. Аксари занони «Шоҳнома» намунаи боризи зани тамомаёр ҳастанд. Дар айни бархурдорӣ аз фарзонагӣ, бузургманишӣ ва ҳатто далерӣ аз ҷавҳари занона ба наҳви саршор низ баҳраманданд.

Заноне чун Синдухт, Рудоба, Таҳмина, Фарангис, Ҷарира ва Манижа, Гурдофарид, Катоюн, Гурдия ва Ширин ҳам ишқ бармеангезанд, ҳам эҳтиромро, ҳам зоҳиран зебову, ҳам ботинан. Бар хилофи мардон ҳамаи занони бегонае, ки бо эронӣ пайванд мекунанд, аз сифати олии инсонӣ бархурдоранд (ғайр аз Судоба). Инҳо чун ба Эрон мепайванданд, якбора аз кишвари худ мебуранд ва аз дилу ҷон эронӣ мешаванд ва ҷониби некиро, ки ҷониби Эрон аст, мегиранд.

Нуқтаи қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки дар даврони асотирӣ ва паҳлавонии «Шоҳнома» аксари занони номовар хориҷӣ ҳастанд. Ҳамсарони писари Фаридун, Яманӣ ҳастанд. Синдухт ва Рудоба Кобулӣ ҳастанд. Фарангис, Манижа, Ҷарира, Таҳмина ва модари Сиёвуш тӯронианд ва Катоюн зани Гуштосп Румӣ аст. Зане, ки муҷиби бадномии занони «Шоҳнома» шуд, Судоба аст. Дар бораи ӯ Рустам ба Ковус мегӯяд:

Касе, к-ӯ бувад меҳтари анҷуман,
Кафан беҳтар ӯро зи фармони зан.
Сиёвуш зи гуфтори зан шуд ба бод,
Хуҷаста зане, к-ӯ зи модар назод.

Ва боз дар ишора ба мисоли Судоба аст, ки роҷеъ ба зан гуфта мешавад:

Забон дигару дил-ш ҷои дигар,
Аз ӯ пой ёбӣ, ки ҷӯи писар.

Аммо зани хуб дар «Шоҳнома» зебоии баданро бо зебоии рӯҳ ва раъноиро бо оҳистагӣ ва шармро бо хоҳиш ҷамъ дорад. Тавсифи чунин занеро аз забони Ширин бишнавем:

Ба се чиз бошад занонро беҳӣ,
Ки бошанд зебои тахти меҳӣ.
Яке он ки бо шарму бо хоста аст,
Ки ҷуфташ баду хона оростааст.
Дигар он ки фаррух писар зояд ӯ,
Зи шӯи хуҷаста биафзояд ӯ.
Саввум он ки болову рӯяш бувад,
Ба пӯшидагӣ низ мӯяш бувад.

Хирад он қадар ки мавриди таваҷҷуҳи «Шоҳнома» аст, занон низ бояд аз он баҳраманд бошанд, дар васфи Равшанак духтари Доро мегӯяд «Ту гуфтӣ хирад парваридаш ба меҳр» ва дар васфи духтари Кайди ҳиндӣ низ омадааст:

Зи дидори чеҳраш хирад бигзарад,
Ҳама дониши ӯ хирад парварад.

Зебоии зани тамомаёр он гуна ки дар «Шоҳнома» васф шуд, наздик ба зебоиест, ки боби табъи бузургони давраи Сосонӣ буда. Кристенсен А. дар китоби «Эрон дар замони Сосониён» аз рисолаи паҳлавӣ ном бурда, ки дар он Ридак васфи зани тамомаёрро чунин баён мекунад: «Беҳтарин зан он аст, ки пайваста дар андешаи ишқ ва муҳаббати мардаш бошад, аммо аз ҳайси андом ва ҳайъат некӯтарин занон касе аст, ки болои миёна ва синаи фаррох ва сар ва сарин ва гардани хушсохт ва пойҳои хурд ва қомати борик ва кафи пои муқаар ва ангуштони кашида ва тани нарм ва устувор дорад. Бояд, ки пистонаш чун беҳ (дарахти биҳӣ) ва нохунаш чун барф сафед ва рангаш сурх чун анор ва чашмаш бодомӣ ва миҷгонаш ба нозукии пашми барра ва дандонаш сафед ва зариф ва гесӯвонаш дароз ва сиёҳ моил ба сурхӣ бошад ва ҳаргиз густох сухан наронад».

Дар таърихи Балъамӣ низ васфи зани намуна, ки мавриди писанди дарбори Сосонӣ буд, чунин омадааст: «Канизак ростхилқат, тамомболо, на дароз ва на кӯтоҳ, сафедрӯй ва ҳамаи тан ба нохуни по сафед, сафедии гунаи ӯ ба сурхӣ зада ва қолаб ба гунаи моҳ ва офтоб, абрӯвон тоқ чун камон ва миёни ду абру кушода ва чашм фаррох, мижгони сиёҳ ва дароз, бинии баланд ва борик, рӯй на дароз ва на сахт, мӯй сиёҳ ва дароз, сараш миёна, на бузург ва на хурд, гардан, на дароз ва на кӯтоҳ, ки гӯшвораҳо бар китф зананд, бари паҳн ва гирд, пистони кӯчак ва гирд ва сахт, ангуштони даст борик на дароз ва на кӯтоҳ, шикам бо бар рост, рухсор аз паси пушт баландтар ва миёни борик, ҷои гарданбанд бар гардан борик, ронҳо фарбеҳ ва оганда ва зонуҳо гирд ва соқҳо ситабр, ангуштони пой хурд ва гирд». Фармонбардоре, ки ҷуз Худованди худро фармон набарад, шармгин ва бохирад ва мардумӣ ва ба нисбат аз сӯи падар пок ва аз ҷониби модар карим. Агар ба нисбати ӯ бингарӣ беҳ аз рӯй ва агар ба рӯяш нигарӣ беҳ аз насаб ва агар ба хилқаташ нигарӣ беҳ аз хулқ, бо шараф ва бузургӣ, ба коркардан ҳарис, ба даст парҳезгор ва ҳарис ба пухтану шустану духтан ва ба забон хомӯш ва камсухан, чун сухан гӯяд, хушсухан ва хушхӯй ва хушзабон ва хушовоз бошад.

Ишқҳои «Шоҳнома» дар айни бараҳнагӣ бисёр пок ва нақибона аст (ғайр аз мавриди Судоба) Рудоба духтари Меҳроби Кобулӣ нодида дилбохтаи Зол мешавад.

Таҳмина духтари подшоҳи Самангон низ ба ҳамин шева, яъне аз тариқи шунидаҳо ва васфҳо ба Рустам дил месупорад. Ҳардуи ин занон ба тарзи аҷибе ҷасорати ошиқонаро бо покдоманӣ меомезанд. Рудоба монанди Ҷулета, бо он ки медонад хонаводааш бо хонаводаи Зол душмананд, дар парвардан ва борвар кардани ишқи худ камтарин тардиде ба дил роҳ намедиҳад. Золро пинҳонӣ ба қасри худ фаро мехонад, он гоҳ бо лутфу дилбарии беназире гесувони хешро аз бом фурӯ меафшонад, то ӯ камандвор дар ба он занад ва ба фарози Кох биравад. Дар хилвати худ бо Зол ҳаракате намекунад, ки муқоир бо ифоф ва бонуманишӣ бошад. Покманиши бебок аст, ҳамчун чашмаи равшан, ки итминон ба олуда нашудани худ дорад.

Таҳмина аз ӯ ҳам ҷасуртар аст, Рустам, ки ба думболи аспи гумшудаи хеш ба хонаи онон меравад ва меҳмон мешавад, дар утоқи худ орамидааст ва ӯ бе ҳеҷ тарсу тардид пинҳонӣ ба хобгоҳи ӯ меравад ва ба ӯ мегӯяд: Ман нодида ошиқи ту шудам, биё, маро бигир, тасоҳуб кун, нутфае дар шикамам ҷой деҳ. Ин бебокӣ назираш дар ҳеҷ зани номдоре дида нашуда ва ҳамин воқеа ӯро дар радифи порсотарин ва маҳрумтарин занони ҷаҳон қарор медиҳад. Таҳмина ҳамаи шодӣ ва таманнои зиндагии худро дар як ҳадаф мениҳад ва он доштани фарзанде аз Рустам аст.

Занони «Шоҳнома» замони хуб шиносонда мешаванд, ки бо озмоише рӯ ба рӯ гарданд. Дар чунин вазъест, ки ҳассосияту отифӣ ва шахсияти онон намуда мешавад.

Таҳмина пас аз шунидани хабари марги писараш, Суҳроб беш аз як сол зиндагӣ намекунад:

Ба рӯзу ба шаб мӯя карду гирист,
Паси марги Сӯҳроб соле бизист.
Саранҷом ҳам дар ғами ӯ бимурд,
Равонаш бишуд сӯи Сӯҳроби гурд.

Ҷарира низ пас аз марги писараш Фуруд бар сари наъши ӯ худро ханҷар мезанад ва мекӯшад.

Биёмад ба болини фаррух Фуруд,
Бари ҷомаи ӯ яке дашна буд.
Ду рухро ба рӯи писар бар ниҳод,
Шикам бар дариду бараш ҷон бидод.

Фарангис духтари Афросиёб яке аз ранҷкашидатарин занони адабиёт аст. Шавҳараш, ки дар миёни ҳамаи мардони замони худ беназир аст, ба дасти падараш кушта мешавад. Падар қасди ҷони худи ӯро низ мекунад ва ӯ бо писараш Кайхусрав солҳо дар ба дар мешавад. Сипас, бо вай ба Эрон фирор мекунад. Солҳои сол шоҳиди лашкаркашии эрониён ба кишвари падараш аст ва саранҷом ҳамаи хонаводаи падараш кушта ё оввараву асир мешаванд. Ӯ дар тамоми муддат ба хотираи шавҳараш вафодор мемонад ва бо эрониён дар кинхоҳии Сиёвуш ҳамдилӣ ва ҳамдардӣ нишон медиҳад. Ҳангоме ки Фарибурз бародари Сиёвуш аз ӯ хостгорӣ мекунад, танҳо ба исрори писараш Кайхусрав ва Рустам ва шояд аз рӯи маслиҳати сиёсӣ хоҳиши ӯро мепазирад.

Занони «Шоҳнома» хубии хоси занонаи худро доранд. Ишқи занон дар «Шоҳнома» асли сутуданист, то ҷое ки ба даргириҳо ва низоъҳо ва дар ниҳоят ба ҷангҳои бузург наанҷомад, монанди ишқи Ковус ба Судоба, ки муқаддимаи ҷанги бузурги Рустам бо шоҳи Ҳомоварон шуд ва ё ишқи Судоба ба Сиёвуш, ки асоси ҷангҳо ва кинакашиҳои эрониён ва тӯрониён гардид ва бар уфтодани салтанати Афросиёб ва ишқи Гулнор канизаки Ардувон ба Ардашер, ки боиси фирори ӯ ва падид омадани салтанати Сосониён шуд.

Асли риояти усули динӣ ва мазҳабӣ дар издивоҷи занон дар «Шоҳнома» нуктаи мусбат ва сутуданӣ аст ва шоҳону паҳлавонон бо маросими мазҳабӣ ва дарборӣ ва оину ҷалоли қобили ҳамсари дилхоҳи худро ба зиндагии худ ворид мекунанд.

Натиҷаи ин мақола ба мо, инсонҳо, агар каме андеша кунем, дар меёбем, ки Фирдавсӣ сифати як инсони комилро бо бартар донистани заноне, ки дорои он сифат ҳастанд, бармешуморад ва моро ғайримустақим ба ин сифати ҳасана ва олиҳа фаро мехонад.

Фирдавсӣ бо баёни саҷоёе ҳамчун хирадмандӣ, вафодорӣ, ишқи пок, тааҳҳуд ва пойбандӣ ба паймони заношӯӣ ба ҳамагон дарс медиҳад, ки агар арзише ҳаст, дар гарави ҳамин хислатҳост. Бидуни шак, оромиши ҷомеа ва ҷилавгирӣ аз кашмакашиҳои дунёталабӣ низ бо амали ба ҳамин ахлоқ ба вуҷуд меояд.

Дарси дигаре, ки аз ин овардҳои ҳакими Тӯс истинбот мешавад, тавоноии занон дар ҳама умур аст, агарчи занро як мавҷуди латиф ва бо отифа медонад, вале дар ҷойи лозим танумандӣ ва қудратмадории ӯро гӯшзад менамояд. Зан агар як модари арзишманд аст, як ҳамсари вафодор ҳам ҳаст.

А Д А Б И Ё Т

1. Доктор Забеҳуллоҳи Сафо. Ҳамосасароӣ дар Эрон. –Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ, 1374.
2. Қадамалии Саромӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор. Шаклшиносии достонҳои «Шоҳнома». -Теҳрон Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1388.
3. Муҳаммадалӣ Исломии Надушан. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома». –Теҳрон: Интишороти Тус, 1340.
4. Чамъе аз донишмандон. Ҳазораи Фирдавсӣ. Ношир дунёи китоб, 1362.
5. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ. Баргардон аз Дорои Дуст. -Душанбе: Шуҷоиён. 2010.
6. Бертелс Е.Э. История персидско-таджикисой литературы. Москва: ИВЛ. 1960.
7. Рипка Ян. История персидской и таджикской литературы. Москва: Прогресс. 1970.

ОБРАЗ ЖЕНЩИН В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

Данная статья посвящена изучению образов женщин в “Шахнаме” Фирдоуси. Образ женщин в легендарной таджикско-персидской прозе переходил из уст в уста и занимает важное место в «Шахнаме». Фирдоуси очень красочно передает внешний и внутренный мир своих героин.

Ключевые слова: “Шахнаме” Фирдоуси, образ женщин в “Шахнаме” Фирдоуси,гароини “Шахнаме”

IMAGE OF WOMEN IN "SHAKHNAM" FIRDOUSI

This article is devoted to studying of images of women in "Shakhname" by Firdousi. The image of women in legendary tajik-persian prose passed by word of mouth and takes an important place in "Shakhname". Firdousi very colourfully transfers the outside and vnutrenny world of the heroin.

Key words: To "Shakhname" of Firdousi, an image of women in "Shakhname" of Firdousi, heroines to "Shakhname".

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Вакилиёни Огуи Гуломхусейн*** – соискатель ТНУ

ТАЪСИРИ ЭРОН ВА ШЕЪРИ ФОРСӢ БАР ШЕЪРИ АРАБӢ

Амири Табасӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таъсири шеъри арабӣ бар таҳаввул ва рушди шеъри форсӣ зиёд будааст, аммо дар иваз таъсири Эрон бар араб ва шеъри арабӣ қадимтар аст.

Ба истилоҳ «тамаддуни арабӣ» маҳсули фаъолиятҳои чандин миллати мухталиф будааст, ки таҳти ливои ислом ба сурати як маҷмӯаи воҳид даромада буд, ва эрониён дар он саҳми муҳиме доранд. Ҳатто дар заминаи шеър, ки муҳимтарин маҳсули адабӣ аст ва араб метавонад ба он биболад, эрониён бар аъроб пешӣ гирифтанд. «Дар он чи маъмулан улумӣ арабӣ хонда мешавад – аз тафсир ва ҳадису илоҳиёт ва фалсафаву тиб ва луғату таърих тарҷеҳ гирифта, то сарфу наҳви арабӣ – эрониён мушорикат ва муҳимтарин саҳмро доштаанд» [14,204]. Ва бе ҳеҷ иддаое мехоҳем дар ин қисмат таъсири Эронро бар шеъри арабӣ аз даврони пеш аз ислом то замони Аббосиён баррасӣ кунем.

Касе, ки осори шоирони араби замони ҷоҳилият, мисли Амрулқайс, Тарафа, Лабид, Аъшо, Авс ибни Ҳуҷр ва дигаронро мутолиа кунад, ба калимаҳои зиёди форсӣ бармехӯрад ва дармеёбад, ки бисёре аз ин шоирон, алорағми ин ки эрониён аъроби бостонро ба дидаи таҳқир менигаристанд, бо зиндагӣ ва русуми эронӣ ошноии қобили таваҷҷуҳе доштанд. Оё ин сирфан тасодуфӣ аст ё бояд иллатҳои муҳимтареро дар ин нуфузи тадриҷии луғоти форсӣ дар арабӣ пеш аз ислом ҷуст? Масъала ин аст, ки агар ин луғот барои мардуми он даврон қобили фаҳм набуд, шоирони араб наметавонистанд онҳоро дар ашъори худ ба кор баранд. Бояд замони зиёде гузашта бошад, то ин луғот дар миёни мардум марсум шуда бошад. Аз илали фаровоне, ки метавон дар таъсир ва нуфузи забон ва фарҳанги эронӣ бар араб зикр кард, се омил аз ҳама муҳимтар аст: 1. Ҳамҷавории ду кишвар. 2. Равобити сиёсиашон. 3. Мубодилоти тиҷорӣ.

Собиқаи равобити Арабистон ва Эрон ба айёми куҳан бозмегардад. Арабистон дар даруни худ низ аз таъсири унсури эрони дур набуд. Ба қавли Гурд Заҳф «Дар чандин нукта аз ин шабеҳҷазира тоҷирони эронӣ дар канори аъроб мезистанд. Ва аз оғози аҳди масеҳӣ шоҳиди эрониёне ҳастем, ки дар нукоти мухталифи Арабистон машғули истихроҷ аз маодини тилло буданд. Барои дарки доманаи таъсири ин эрониён метавон ба ин нукта таваҷҷуҳ дошт, ки як бахш аз қабилаи аъроб бани Аҷл, ки сокини Баҳрайн буданд комилан эронӣ шуда буданд». Ба ин тартиб комилан табиӣ аст, ки луғоти форсӣ ба арабӣ, ки дар он манотиқ забони рӯзмараи мардум буд даромехт ва сипас батадриҷ дар шабеҳҷазира мунташир шуда бошад [5,103].

Давраи Сосониён, дар тавсиаи равобити Арабистон ва Эрон давраи бисёр муҳим аст. Дар ин давра шоҳиди он ҳастем, ки эрониён ва аъроб ба қасди дастёбӣ ба қудрат бар якдигар фишорҳои муҳлике ворид мекарданд.

Шопури аввал писари Ардашер қабилаи Қузоаро, ки ба нафъи Сатирун (Зайзан) ҷангида буд, ба таври куллӣ нобуд кард. Достони таҳвили Зайзан ба дасти духтараш Нузайла ва саранҷоми дарднок ва бераҳмонаи худи Нузайла маъруф аст [7,2;827].

Шопури дуввум низ сипоҳиёни арабро ба бахшҳои ғарби императори Эрон, ки дар поёни қарни савуми мелодӣ таҷовуз карда ва машғули ғорат буданд аз дами теғ гузаронд. Батадриҷ аъроби мутаммаориди шимол мутеъ шуданд ва ба ҷойи шӯриш ва нофармонӣ, ҳукумати некфарҷоми Алҳираро таҳти ливои фармонравоёни аъроб, яъне лахмиҳо бино ниҳодаанд, ки иқтидори Эронро ба расмият мешинохт.

Алҳира, ки наздики пойтахти Эрон қарор гирифта буд ва дар маърази таъсири мулоими он қарор дошт, масири аслии интиқоли фарҳанги эронӣ ба шумор шуд ва беҳтарин фурсатро барои он, ки араб ва эронӣ бо якдигар ошно шаванд ба вуҷуд овард. Арабҳое, ки ба Алҳира меомаданд ва дар он ҷо сокин мешуданд батадриҷ шеваи зиндагии мардуми он ҷоро мепазируфтанд [9,39-49].

Шоири масеҳӣ Удоӣ ибни Зайд дар Аҳира мезист. Ӯ дар забони форсӣ маҳорат ёфта буд ва ҳатто чавгонбозии дарбори Эронро низ фаро гирифта буд. Ва бо ин иллат ва соири камолоте, ки дошт ба симати муншӣ дар дарбори Касро машғул ба кор шуд ва Касро баъдан ӯро ба сафорат ба Бизантиюм фиристод [1,18-40].

Дарбори Лахмиён бисёре аз шоирони бостони арабро ба сӯйи худ ҷалб кард. Аз миёни он гурӯҳ, ки он ҷо сокин шуданд, метавон аз Нобиға ва Лақит ва аз миёни он гурӯҳ, ки барои гирифтани пул ва силоҳ муввақатан ба он ҷо омаданд, метавон аз Абид ибни Абрас, Тарафа ва амуяш Муталаммис, Лабид ва Аъшоро ном бурд, ки аз соирин маъруфтаранд. Аъшо то дарбори Эрон дар Мадоин ҳам рафт ва гуфтаанд пеши худи Анушервон ҳам шеър хондааст.

Фаровонии номи адавоти мусиқии эрониён ва гулу гиёҳон нишон медиҳад, ки ӯ маҷзуби равиши зиндагии эрониён шуда буд. Иллати фаровонии каламоти форсиро дар

ашъораш, ҳамин иқоматаш дар дарбори Эрон ва ошноии ӯ бо зиндагии эрониён зикр кардаанд [6,37-136].

Ҳамчунин бояд таваҷҷуҳ дошт, ки Алҳира ба хотири мавқеияти хосаш ба сурати як бозори бузурги тиҷорӣ ҳам даромада буд, ки боиси тамоси наздики аъроб ва эрониён шуд. Корвонҳои Абӯсӯффиён, ки колоҳои бозоргонони Маккаро ба Эрон ҳамл мекард, бояд аз Алҳира мегузашт [5,22].

Бархе аз ҳамроҳони ин корвонҳо, достонҳои подшоҳони Эрони Бостон ва паҳлавонони ҳамосии миллиро меомӯхтанд. Яке аз ин ноқилони Қурайшӣ Назр ибни Ҳорис буд, ки бо машғул кардани мардуми Макка ба достони Рустам ва Исфандиёр аз теъдоди мустамеъони пайғамбар коста буд [9,330]. Илова бар қаламрави Ҳила, соҳили ҷанубӣ шарқии Арабистон бо Йёлоти Баҳрайн Уммон, ки то марзи Ямомӣ ва Ямон имтидод дошт мутааллиқ ба Эрон буд. Бисёре аз калимоти форсӣ аз тариқи Баҳрайн ва Уммон ба забони арабӣ роҳ ёфт ва бархе аз ин луғот дар осори шоирони пеш аз ислом қобили радёбӣ* аст. Фармондори эронии Баҳрайн, Асбад, мансуби эрониён буд. Ва аъроби озод раоёи ӯро Бандагони Асбад (Абиду Асбад) мехонданд. Охирин фармондори эронии Баҳрайн, Мунзар ибни Сово буд, ки ҳамроҳ бо эрониёни дигар пас аз фатҳи Баҳрайн ба дасти мусалмонон ислом оварда [3,78-85].

Ҳамчунин бояд аз Яман ёд кунем, ки дар замони вилодати паёмбар зери нуфузи Сосониён буд. Раҳояш аз дасти ҳаббашиён ба дасти довталабони муздури эронӣ сурат гирифт, ки Анӯшервон барои кумак ба сайри Заязан барои берун рондани муҳоҷимон ба он ҷо равона карда буд.

Сайф баъди чор соли фармонравоии муштарак бо фармондеҳи эронии ин сарбозон (Ваҳриз) дар зимни шикор ба дасти бардагони ҳаббашӣ ба қатл расид. Яманиҳо аз набудани подшоҳашон сахт андӯҳнок шуданд, зеро эрониён ба ҷойи ӯ ҳокими дигаре аз миёни яманиҳо мансуб накарданд. Бо ин ҳама аз боқӣ мондани зери сойтараи эрониён хушҳол буданд. Охирин фармондори эронии ин ҷо, Бодҳон, аз ислом истиқбол кард (соли даҳуми ҳиҷрии қамарӣ). Ва паёмбар ӯро дар мақоми ҳукумати Яман, ки пойтахташ Санъо буд боқӣ гузошт. Баъд аз даргузашти Бодҳин, ки каме баъд аз ҳаҷҷатул видоъ сурат гирифт, паёмбар Яманро миёни фармонравоёни маҳаллӣ тақсим кард. Ва Санъоро барои Шаҳр (писари Бодҳон) гузошт [14,178-181].

Эрониёне, ки бо Сайф ибни Заязан омада буданд, дар Яман сокин шуданд ва бо аъроб издивоҷ карданд. Ба онҳо бани Аҳрор ё писарони Нуҷабо мегуфтанд. Ахлафи (касоне, ки баъд аз онҳо буданд) онон низ муддатҳо ҳамин номро доштанд. Ин истилоҳ нахустин бор дар шеъре аз Уммият ибни Абисалт омадааст, ки онро пеши Сайф ибни Заязан дар ҳузури ҳайъати намояндагони араб, ки барои табрики ӯ ба муносибати пирӯзиаш бар ҳаббашиён ба Яман омада буданд, хонд. Дар миёни ҳозирони дар он маҷлис, Абдулмуталиб калиддори Каъба ҳам буд, ки раёсати ҳайъати бузургони Қурайшро дошт, ки аз Макка омада буданд [1,75].

Ба ин тартиб мулоҳиза мекунем, ки Арабистони пеш аз ислом ғолибан таҳти нуфузи Эрон буд. Ва лизо метавон тасаввур кард, ки ин мавқеияти сиёсӣ бояд чӣ таъсири бузурге бар забони арабӣ гузошта бошад.

Илова бар равобити сиёсӣ, бояд ба нақши мубодилоти тиҷҷорӣ ҳам дар забон таваҷҷуҳ дошт. Байни Арабистони шимоли ҷанубӣ мубодилоти тиҷҷории фаъоле буд ва маҳмилҳои тиҷҷории ҷаҳон аз айёми бостон аз Яман мегузашт. Лизо метавон пиндошт, ки корвонҳое, ки ачнос ва шароби Яманро ба шимол мебурданд, афкор ва ақоиди роиҷ дар он ҷоро ҳам бо худ мунтақил мекарданд [5,23]. Ба ин тартиб бисёре аз калимоти форсӣ бояд аз тариқи Яман ба соири нукоти Арабистон роҳ ёфта бошад. Бо мурури замон ин калимоти форсӣ дар арабӣ роҳ ёфтанд ва чузъе аз забони арабӣ шуданд.

Фатҳи Эрон дар замони Умар ибни Хаттоб ва пешравиҳои баъди лашкари ислом дар замони Уммавиён роҳро бар калимоти форсии бештаре боз кард, ки батадриҷ ба шеъри араб роҳ ёфтанд.

Мусиқии арабӣ ҳам, ки дар даврони Уммавиён рушд кард, комилан таҳти таъсири мусиқии эронӣ буд [9,236-237].

Ба воситаи рушд ва тавсеаи мусиқӣ, шеър ҳам рушд ва камол ёфт. Аҷзои ҷудо аз ҳами қасида, ки рабти чандоне ба ҳам надоштанд, иртибот ва инсиҷом ёфтанд. Ашъори ошиқонаи Умар ибни Абирабиъ нишонаҳое аз таъсири Эронро дар худ дошт.

Нуфуз ва таъсири Эрон дар давраи хулафои нахустини Аббосӣ ба авҷи худ расид. Албатта, набояд пиндошт, ки ин иттифоқот якбора ва бидуни муқаддима рух дод, балки баръакс ин як ҷараёни тадричӣ буд, ки аз давраи Уммавиён шурӯъ шуда буд. Аъробе, ки дар иёлоти дур аз маркази ҳукумат зиндагӣ мекарданд, ба тадриҷ тафовутҳои миллии худро ва шеваҳои зиндагии мардумони ҳамон минтақаро омӯхтанд.

Таъсир ва нуфузи эрониён дар давраи тасаллут бар маккиён, ки дар ҳақиқат идораи ҳамаи умури мамлакатро дар даст доштанд ва ҳамон хату мосинӣ Ҷаъфар идома медоданд ба авҷи худ расид ва бешак агар Ҳоруннарашид қабл аз сафар ба Хуросон Ҷаъфарро ногаҳонӣ нагирифта буд, таърихи Аббосиён ба таври дигар рақам мехӯрд [8,199].

Бар аҳли Макка аз нуфузи худ дар пешрафти ҳаммеҳанони худ ва эҳёи сунати миллии эрониён истифода карданд [14,158]. Онон аз наҳзати шуубия тарафдорӣ мекарданд ва ба касоне, ки ба шиддат аз араб мутанаффир буданд, мақом ва мансаб медоданд. Худи он ҳам аз гароишҳои эронигарӣ муббаро набуданд [13,150]. Ва ҳақиқат ин аст, ки бисёре аз эрониёне, ки бар асари фишор авзо ва аҳвол исломро пазируфта буданд, ҳанӯз дар дарун ба дин падарони худ буданд. Ибни Муқаффаъ тасодуфан аз наздики оташкадае мегузашт, бо хитоб ба он гуфт:

Ё байти отикаталлази атаазалу,
Ҳазарол идо ва биҳил фуоду муанналу.

Эй манзили отака, ки ман акнун аз тарси душманон аз ту парҳез мекунам, ҳол он ки дилам пеши ту аст.

Аввоили аҳди Аббосиён ба хотири ғинои адабиёти ширин ва ҳамвор ва достонҳои ошиқонааш давраи муҳиме аст ва ин умдатан сохтаи шоирон ва муҳаққиқони эронӣ буд. Ҳунари таърихнигорӣ ҳам аз ин давра оғоз шудааст. Гулд Зиҳер дар ин маврид менависад:

«Таърихнависии араб реша дар бойгонии салтанати эрониён дорад. Ва ин Эрон буд, ки бори нахустин муҳаққиқони арабро ба сӯйи тарих савқ дод, вагарна акнун ҳеҷ муаррихи арабӣ надоштем, зеро ҳамин ангеза буд, ки ононро ба таҳқиқ ва ҳифзи асар ва ба ғояи таърихиашон ташвиқ кард» [5,4]. Ба ҳамин минвол адабиёти ахлоқу таълим низ, ҳам дар арабӣ ва ҳам дар форсӣ, аз осори ахлоқӣ ва таълимии давраи Сосониён нашъа гирифт.

Аммо дар мавриди шеъри арабӣ дар давраи Аббосиён бояд гуфт, ки нахустин шоирони бузурги ин давра, Башшор, Абуннувос Аббосӣ ал - Аҳноф дар асл эронӣ ҳастанд. Бархе аз онон, ҳатто ба насаби эронии худ ифтихор карданд. (Мубоҳот) Башшор боғурур, қабилаи худро «Қурайши Эрон» хондааст. Ал -Хураймӣ аз ин ки хуни поки бузургони Суғд дар рагҳои ӯ ҷараён дорад, изҳори хушҳолӣ мекунад [1,3-54] ва муддатҳо пеш аз Исмоил ибни Ясор тақрибан ба хатари ситоиш аз аҷдоди эронии худ дар ҳузури халифаи уммавӣ (Ҳишом) зиндагии худро аз даст дод [14,200]. Дар ашъори арабии ин давра калимот ва истилоҳоти форсӣ фаровон аст. Шоирони ин давра маъдани ғание аз зарбулмасалҳои форсӣ нашр карда буданд ва аз он дар бинои шеъри арабӣ истифода мекарданд. Абӯлҳилоли Аскарӣ аз ибни Дурайд нақл мекунад, ки фақат дар шеъри Солеҳ ибни Абдуқуддус (вафоташ 167ҳ.қ.) ҳазор зарбулмасали арабӣ ва ҳазор зарбулмасали форсӣ аст. Баъдҳо шоироне пайдо шуданд, ки аслан корашон тарҷумаи зарбулмасалҳои форсӣ ба шеъри арабӣ буд. Яке аз онон Абулфазли Сукрии Марвазӣ аст, ки ба қавли Саолабӣ [10,23] «Ошиқи тарҷумаи зарбулмасалҳои форсӣ ба арабӣ буд», аз миёни зарбулмасалҳои фаровоне, ки ба қолаби маснавӣ даровард, се намунаро бо муодили форсиашон нақл мекунем, то матлаб равшан шавад:

Ман рома тамса ашшамси ахтау
Ашшамсу битатине ло туқато.

Касе, ки қасд кардааст, то хуршедро маҳв кунад бархато аст, хуршед бо гиландуд кардан пинҳон намешавад.

Муодили форсӣ: «Офтоб ба гиландуд кардан натвон» ва ҳамчунин мисоли Асадии Тӯсӣ:

Чунин дод посух бути дилгусил,
Ки хуршед пӯшида натвон ба гил.
Изол маъу фавқи қариғин тамо
Фақобу қанотин ва алфа саво.

Вақте ки об аз сари ғарқшуда гузашт, дигар фарқе намекунад ба андозаи як найза бошад ё ҳазор найза.

Муодили форсии он чунин аст:

Чун об аз сар гузашт, чи як найза чи сад найза.

Ва байти Салмони Савачӣ:

Ғамаш дарёи бепоёну моро дастгире не,
Гузашт об аз сарат Салмон чӣ поӣ? Дасту пое зан.
Аҳсану мофи сифатулайни вуҷуд
Алайлу ҳубло лайса ядло мо яли.

Беҳтарин васфе, ки аз шаб шуда, ин аст, ки шаб обистан аст ва кас надонад, ки чӣ зояд.

Муодили форсии он : Шаб аст обистан, бинем то чӣ зояд.

Шоири дигаре, ки зарбулмасалҳои форсиро ба арабӣ тарҷума мекард, Абуабдуллоҳ Зурайр Абевардӣ буд [10,25].

Илова бар ин шоирон, ки зарбулмасалҳои форсиро ба шеъри арабӣ тарҷума кардаанд, бархе аз шоирони мутааххири араб ҳам буданд, ки мазомин ва сувари хаёлро аз шоирони нахустини форсӣ, ки муосирони онҳо буданд, ё каме қабл аз онҳо ба сар мебурданд, гирифтаанд [10,74].

Аз ин намунаҳо пайдо аст, ки шоирони арабигӯйи Эрон қарни XI мелодӣ шефтаи тарҷумаи рубоиёти форсӣ ба арабӣ буданд, зеро ин навъ шеър ҳам муъҷаз аст ва ҳам маъмулан дарбаргирандаи нукта ва мазмуне аст. Илова бар ин қолаби рубоӣ, сохта ва пардохтаи эрониён аст. Ва барои ин шоирони Эрон мехостанд, онро дар адабиёти араб матраҳ кунанд ва ба хотири ҳамин аъроб дар оғоз талош мекарданд, то аз асли форсӣ тақлид кунанд. Ва бояд ёдоварӣ кунем, ки намунаҳои куҳани рубоиёти форсӣ, ҳар чор мисраъ дорои қофия аст ва ин хусусият дар рубоиёти арабҳо омадааст. Аҳмад ибни Ҳасани Котиби Бушончӣ мегӯяд:

Қад ҳоза фироқуҳу фақори валлоҳ
Вастаҳлака ҳичруҳу қарори валлоҳ.
Аз раддаи лайлию наҳорӣ валлоҳ
Лим юғни анил ҳаво ҳизори валлоҳ.
Ба Худо қасам, дури аз ӯ пуштамро шикаста,
Ва ба Худо қасам дурӣ ва ҳачри ӯ оромишамро нобуд кардааст.
Ба Худо қасам, рӯзу шаб хун гиря мекунам,
Ва ба Худо қасам чораандешиам дар муқобили ишқ суде надорад [4,80].

Пешрафти шеъри форсиро аз оғоз баррасӣ кардем ва таъсири шеъри арабиро бар он дар заминаҳои мадҳӣ ва таълимӣ ва тавсифӣ баррасӣ кардем. Ҳамоса ва ғино аз худи Эрон рӯидааст, аммо дар тайи рушду камоли худ бисёре аз ташбеҳот ва суратҳои хаёлии дилписандеро, ки шоирони араби давраи Аббосӣ марсум карда буданд, гирифтанд ва дар худ ҷазб карданд. Аз он замон то кунун фанни шоирӣ бидуни тағйир боқӣ мондааст ва ҳеҷ шоири шуҷое ҷуръат накардааст, ки алайҳи гузашта туғён кунад.

Вазн ва қофия ҳанӯз ҳам тахайюлоти шоиронаро маҳдуд ва муқайяд нигоҳ доштааст. Шояд шеъри шарқӣ ҳаргиз наметавонад бидуни вазн ва қофия ба ҳаёти худ идома диҳад. Рушди ашъори ватанпарастона ва намоишӣ дар ин рӯзҳо нишонаи хубе аз дарки ҳисси замон аст.

Орифи Қазвинӣ дар Эрон, Шавқӣ дар Миср ва Иқбол дар Ҳинд ҷиҳати тозае ба шеъри исломӣ додаанд [12,174-175].

А Д А Б И Ё Т

1. Абулфараҷи Исфаҳонӣ.- Ал-ақонӣ. Ҷ.2. – С. 18 – 40.
2. Дамият-ул-қаср. – С. 80.
3. Билозурӣ. Футуҳ-ул-булдан. – С. 78 – 85.
4. Бохазрӣ. Дамият-ул-қаср. – С. 80.
5. Гулд Зиҳер. Исломият ва эронигарӣ. – С. 22.
6. Ибни Қутайба. Ал шеър вал шуаро. – С. 3 – 54.
7. Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷ.12. – С. 2 ва 827
8. Морглюс. Уммавиён ва Аббосиён. – С. 199.
9. Николсон. Таърихи адабиёт. – С. 236 - 237.

10. Саолабӣ. Ятимат-уд-даҳ. Ҷ. 4. – С. 23.
11. Таърихи Табарӣ. Муҳаммад Ҷаририи Табарӣ. Ҷ.1. – С. 956.
12. Рудпо. Таъсири Эрон ва шеъ Гулд Зиҳер. Исломият ва эронигарӣ. – С. 23.
13. Ҷоҳиз. Ал баёну таббиин. Ҷ.2. – С. 150.
14. Эдуард Браун. Таърихи адабиёти Эрон. Ҷ. 1. – С. 204.

ВЛИЯНИЕ ИРАНА И ИРАНСКОЙ ПОЭЗИИ НА АРАБСКУЮ ПОЭЗИЮ

В данной статье автором на основе изучения иранской и арабской поэзии подвергнуто рассмотрению и изучению влияние иранской поэзии на арабскую поэзию.

Ключевые слова: Иран, иранская поэзия, арабская поэзия, поэт, патриотическая поэзия, перевод.

INFLUENCE OF IRAN AND THE IRANIAN POETRY ON THE ARAB POETRY

In this article the author on the basis of studying of the Iranian and Arab poetry subjected to consideration and studying influence of the Iranian poetry on the Arab poetry.

Key words: Iran, Iranian poetry, Arab poetry, poet, patriotic poetry, transfer.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Амири Табаси*** - аспирант Таджикского национального университета.

КОРКАРДҲОИ МАНЗУРИ НАЗАРИ ФИРДАВСӢ АЗ «ФАР(Р)» ДАР «ШОҲНОМА»

Ақили Замонӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар фарҳанги Эрони бостон мафҳуми арзишманд бо номи «фар» «фарра» ё «хавра» рӯ ба рӯ мешавем, ки он ҳолатҳои рӯҳониро, ки дар дини Ислом вуҷуд дорад, дар зеҳни одамӣ мутабодир мекунад. Он ҳолатҳои иртиботи инсон бо осмонҳо, Худо ва ба мавҷудоти бисёр доно, ба он хуб мутааллиқ ва ба падидоварандаи ҳамаи ҳастӣ ба чизе, ки насиби ҳар кас намешавад ва агар шуд, ӯ дигар танҳо ба худаш тааллуқ надорад, балки рисолати бузург барои афзоиши хубиҳо ва нобудии ҳамаи бадиҳо дорад.

Дар ин мақола бар онем, то иртиботи инсонҳои худопарасти ориоиро бо Худованд ба василаи фар баррасӣ кунем ва гӯшаҳои тозае аз иртибот ва иттисоли ниёгони худ бо Худо ва худопарастиро ба истиноди «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ тавсеаи ин ганҷинаи гаронқадри форсӣ ба намоиш бигузорем. Дар ин замина талошҳои зиёде ва бо арзише сурат гирифта, ки натоиҷи ҳосил аз онҳо чароғи ҳидояти бисёре аз аҳли таҳқиқ гардидааст.

Дар ин қисмат ба теъдоде аз ин осор ишора мекунем:

Номаи достон дар 10 ҷилд чоп гардидааст ва дар он устод Мирҷалолиддини Казозӣ бо диққати тамом дар вироиш ва ҷудо кардани абёт барафзуда, бар «Шоҳнома» талош намуда ва дар охири ҳар ҷилд ба тавзеҳу тафсири абёт аз назари каломӣ ва зебошинохтӣ ва решаёбии калимот талоши вофир намудааст, ки дар навъи худ беназир аст.

Аз намунаҳои дигар метавон ба «Калимат-ул-ишроқ» аз Шаҳобиддини Суҳравардӣ ва Фарояздӣ ҳаққи илоҳии подшоҳон асари ҳумоюни котузиё ва ишороте, ки дар фарҳанги асотир ва ишороти достоне дар адабиёти форсӣ асари Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳаққӣ омадааст, ишора кард.

Бо таваҷҷуҳ ба мавзӯи Фарояздӣ ва кайфияти он ғолиби мутолеа ва ҷамъоварии матлабу истиноду истишҳод ба шеваи китобхонае мебошад, то таҳқиқу тафаҳус аз мутуни мухталиф дар гушудани мавзӯоти марбута мадад бигирем ва аз назари андешамандони бузурги худ, ки дар ин бора талоши шоён намудаанд, баҳраманд шавем.

Анвои фар (р). Фар ду гуна аст:

1. Фарри эронӣ, ки боиси шукӯҳ ҷалол , ҳифз ва ҳиросати Эрон ва обу хоки он аст. Устод Ёҳаққи муътақид аст, ки: фарри эронӣ иборат аст: … қудрат ва шукӯҳ ба вижа нерӯи фавқулодаи Маздо, офаридае, «ки Эронзаминро ҳамвора дар баробари душманон ва ғайри эрониён нигаҳбонӣ карда, аз партави ҳамин фар сарзамини

Эроншаҳр ҳамвора мустақил ва нерӯманд буда ва душманон наметавонистанд бар он чира шаванд» [1].

2. Фарри каёнӣ, махсуси подшоҳон ва комёбии сарони кишвару шавкат ва иқтидори онҳост. Ин фарри маънавӣ ва қобили ситоиш, тақаддиси вуҷуди Аҳуромаздо аст. Ин нерӯ ба ҳамаи Яздон, шаҳриёрон, бузургон ва подшоҳон тааллуқ дорад. «Шоҳ бояд маншаъ ва сарчашмаи дороии мақоми қудрати иҷтимоӣ ва халлоқият бошад. Аз ҳар ки мехоҳад, бигирад ва ба ҳар ки мехоҳад, бидиҳад. Ҳарфи ӯ қонун ва қонун ҳарфи ӯст» [2].

«Фарри каёнӣ ин нерӯи маънавӣ ва қобили ситоиши тақаддусе, ки онро Аҳурамаздо овардааст ва сабаби мақом, маънавият ва короии бар сари ҳамаи офаридаҳо қарор гирифта ва ҷузъи ҷудоношудании Аҳурамаздо аст ва дар партави ҳамин нерӯи илоҳӣ аст, ки Аҳурамаздо офаринишро дар камоли зебоӣ ва камол офаридааст» [3].

-бо вуҷуди фарри бадӣ ва пулуштӣ ба ӯ намерасад:

Вуҷуд ва моҳияти фар ҳама аз хубӣ, некӣ ва лутфу покӣ аст. Вақте ки ин хусусиёт дар касе ҷамъ шуд, дигар ҷойе барои бадӣ ва бадандешӣ нест. Гударз дар ради далоили Тӯс барои мухолифат бо ҷонишини Кайхусрав мегӯяд:

Ба Ҷайҳун гузар карду кишти наҷуст,
Ба фарри каёну ба ройи дуруст. (ҷ.3, 3554)

Чу шоҳи Фариддун к-аз Арвандрӯд,
Гузашту наёмад ба кишти фурӯд. (3555)

Зи мардӣ в-аз фарри эзадӣ,
Аз ӯ дур шуд, чашму дасти бадӣ. (3556)

Фар (р) дар маънии пирӯзӣ. Фар дар бисёре аз маворид дар маъноҳои мухталиф ба кор рафтааст. Яке аз маъноҳое, ки аз он хосташуда пирӯзӣ аст. Чунонки Кайхусрав дар номае ба Ковус менависад ва мегӯяд: з-ин пас ҳар чӣ ки ба даст оварам, ба шумо гузориш медиҳам:

Аз ин пас фиристам ба шоҳ огаҳӣ,
Зи рӯзе, ки бошад маро фарраҳӣ. (5/5273)

Ҳамчунон ки Исфандиёр дар насиҳати сипоҳиёни тарсидаи худ, ки шоҳро аз сармо ва хато парҳез медонанд, гуфт:- Баргардед, аммо ман ҳунару пирӯзии худро ба гӯши шумо хоҳам расонид:

Биёбед ҳам бегумон огаҳӣ
Аз ин номвар фарри шоҳаншаҳӣ. (6/2753)

Фар мӯҷиби судмандӣ, муваффақият ва ободонӣ мешавад. Худованд дар вуҷуди афроди вижаи худ ҳунарҳо ва қобилиятҳоеро ба амонат мегузорад, то мӯҷиби судмандӣ ва муваффақияти бандагони худ гардад. Манучеҳр ба Нузар фарзандаш панд медиҳад, ки ба тамосук (сабру таҳаммул) ба фарри Фариддун душманонро нобуд кардам ва ободиҳои мутааддид бино кардам:

Ба фарри Фариддун бубастам миён,
Ба пандаш маро суд шуд, ҳар зиён. (ҷ.1 3736)

Биҷустам зи Туру зи Салми стург,
Ҳамон кини Эраҷ ниёи бузург. (3737)

Ҷаҳон вижа кардам, зи патёраҳо,
Басе шаҳр кардам, басе бораҳо. (3738)

Фар боиси итоати ҳамаи инсонҳо ва ҳатто ҳайвонот мешавад. Каюмарс аввалин офаридаи Аҳурамаздо бар тамоми мавҷудот сарварӣ дошт, гӯё ӯ таъминкунандаи тамоми ниёзҳо ва халлоқаҳои онҳо мебошад. Дар таваҷҷуҳ ва паноҳи инсонҳо ба қудрати фавқуттабиӣ ва беайбу нуқс метавон ин гароишоро баррасӣ кард:

Ҳаметофт аз тахти шоҳаншаҳӣ,
Чу моҳи дуҳафта, зи сарву сиҳӣ. (Ҷ.1/225)

Даду дом ҳар ҷонваре к-аш ба дид,

Зи гетӣ ба наздики ӯ орамид. (226)

Дуто мешудандӣ, бар тахти ӯй,
Аз он бар шуда, фарраи бахти ӯй. (Ҷ.1/227)

Ҳушанг ба кӯмаки фарри кайи ҳайвонотро аҳл карда ва аз онҳо баҳрабардорӣ мекунад.

Ба-дон эйзади фарру ҷоҳи каён,
Зи нахҷиру гуру гавазни жаён. (ҷ. 21/ 299)

Ҷудо кард гову хару гуспанд,
Ба варз оварид он чи буд судманд. (300)

Яке аз мулозимоти фар доштани шабоҳат ва монандагӣ ба падар аст. Вақте ки Рустам Кайхусравро мебинад, дар чеҳари ӯ фарри шоҳӣ ва шабоҳат ба Сиёвушро мебинад:

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт, ки эй шаҳриёр,
Ҷаҳонро туйи аз падар ёдгор. (4/49)

Надидам ман андар ҷаҳон тоҷвар
Ба-дин фарру монандагӣ бо падар.

Яке дигар аз мулозимоти фар доштан зуру қудрати баданӣ ва авранг мебошад. Дар баррасии «Шоҳнома» нигоранда дар ҳеҷ қисмат надидааст, ки шоҳ дорои заъфи ҷисмӣ ва ё нуқсу нотавонӣ бошад. Иттифоқан онҳо инсонҳои тавонманд ва ҳунарманди дорои баҳраи ҳуш ва хирадӣ боло ва бозувони ситабру қадӣ кашида ҳастанд. Гӯйё чанд сару гардан аз онҳо болотар ҳастанд. Дар номае, ки Кайхусрав барои мардуми Диж Баҳман навишт, худро дорои чунин вижагиҳое донист:

Худованди кайвону Баҳрому ҳур,
Худованди фарру худованди зур. (ҷ.3/3609)

Маро дод, ӯ рангу фарру каён,
Тани пилу чанголи шери жаён. (3610)

Ҷаҳонро саросар ба шоҳи марост,
Сари гов то бурҷи моҳӣ марост. (3611)

Ҷаҳоне саросар маро шуд, раҳӣ,
Маро равшанӣ ҳаст ва ҳам фарраҳӣ. (3612)

Фар хирад аст. Яке аз маъное, ки аз фар ба даст меояд, хирад ва андеша аст. Ҳуш, зиракӣ ва ҳамаи мақулаҳои ақлӣ ва зеҳниро шомил мешавад. Чунончи дар «Достони Густошб» мебинем, пас аз шунидани пешгӯйиҳои Ҷомосб, ки дар ҷанг бо Арҷосб бархе аз бузургон аз байн мераванд ва дар ниҳоят бо кӯмаки Исфандиёр пирӯзӣ ба даст меояд. Гуштосб подшоҳи Эрону Хуросон шуда ва:

Зи дасташ бияфтод, заррина гурз,
Ту гуфти бирафташ ҳама фарру бурз. (6/1319)

- **Фар насиби инсонҳои хирадманд мешавад.** Дар номае, ки Манучеҳр ба Фаридун навишт, дар ситоиши ӯ гуфт:

Кунун бар Фаридун аз ӯ огаҳӣ,
Хирадманду бедори шоҳи замӣ. (ҷ. 1 / 2084)

Гӯшояндаи бандҳои бадӣ,
Ҳамаш рою ҳам фарри эзадӣ. (2085)

- **Фар ва бахту иқбол дар расидан ба подшоҳӣ.** Эътиқод ба ин ки сарнавишти одамӣ аз қабили маълуму таъиншуда дар байни ҳама фарҳангҳои муштарак аст, масалан сарнавишти паёмбар ҳазрати Юсуф (а), ё он хоби ёздаҳ ситора ва моҳу хуршед, нубувати ҳазрати Муҳаммад (с), ки қаблан ба дигар паёмбарон муждаи омадани он дода шуда, подшоҳии Кайхусрав ва оқибати Сиёвуш ва даҳҳо мавриди дигар далели бар эътиқоди ҳатмӣ будани сарнавишту таъини он аз қабл аст. Бо боварӣ ба ин

эътиқод, вуҷуди фарри Эзадӣ ҳатто дар бадтарин шароит дар ниҳояти мавҷуди ошкор шудани бахту толеъ ва расидан ба подшоҳӣ ва суруре аст.

Ин ки бо зикри намунаҳое, ки «Шоҳнома» бар ин мафҳум далолат мекунад, ба истиқболи онҳо меравем.Пас аз ин ки Каюмарс ба подшоҳӣ расид ва фарри ӯ мӯҷиби бахту иқболи ӯ гардид, ҳама гирди ӯ ҷамъ шуда ва ба ӯ идаои эҳтиром карданд:

Дуто мешудандӣ бар тахти ӯй,
Аз он бар шуда фарру бахти ӯй. (ҷ.1/ 227).

Сиёвуш, ки дар доягии Рустам буд, то тарбият бипазирад чун хоҳони дидан ва мулоқоти падараш Ковус гардид ба ӯ хабар доданд ...

Чу омад ба Ковусшоҳ огаҳӣ,
Ки омад Сиёвахш бо фарраҳӣ. (ҷ. 3/96).
Бифармуд то бо сипаҳ Геву Тӯс,
Бирафтанд бо шодию буқу кус. (97)

Хулоса, шоҳоне, ки дар баробари душманон, нахуст фарзандон ва азизони худро сипари ҳуҷумҳои душман мекунанд, то дигарон аз буни ҷон ва бедареғ барои молидани пузаи душманон талош менамоянд ва ҷон дар сари роҳи ному номус ниҳанд. Фарри эзадӣ нишонаи ҷамъ шудани тамоми ин хусусиёт ва сифоти инсоние аст, ки ӯро бо арз ва шохис мекунад ва аз ҳамгунони худ фаротар мебарад ва ин андешаи бузург дар посдорӣ аз Эронзамин чӣ аз хатари Афросиёбҳои туронӣ ва чӣ дар парваронидани Сиёвушҳои рӯҳонӣ ва чӣ дар посдошти Кайхусравони қудсӣ, ки гӯё барои раҳоӣ ва нозиши Эрониён аз баидтарин тасаввурот ва хаёлоти туронӣ азми Эрон мекунад ва пас аз нил бар ин муҳим роҳи осмонҳо ва суришиёнро дар пеш мегирад ва худро дар ҳифзи покӣ ва сафо мувафақ медорад. Ба ҳақиқат мепайванданд. Ӯ назаркардаи Худо ва маҳбуби дили инсонҳои озодандеш аст. Ӯ бо талош ва муҷоҳидат ба ин мақом расида ва ё дар ҳифзи он иноятиҳудовандӣ бисёр дақиқу кушо аст.

А Д АБ И Ё Т

1. Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳаққӣ. Фарҳанги асотир ва ишорати достонӣ дар адабиёти форсӣ, 1369.- с. 318.
2. Муҳаммадалии Ҳумоюни Котузиён. Фарри эзадӣ ва ҳаққи илоҳии подшоҳон. -Теҳрон, 1357.- с. 4- 10-129-130.
3. Меҳрдоди Баҳор. Авесто куҳантарин ганҷинаи манзуми Эрони бостон.- 1377.-с. 437.
4. Эътимод Мақдуми Алиқулӣ. Фарр дар Шоҳнома. Чопхонаи вазорати фарҳанг ва ҳунар, 1352.
5. Деҳхудо Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо. -Теҳрон, 1325.
6. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Нӯшин 10 ҷилд. Ҷопи аввал.-1965.
7. Казози Мирҷалолиддин. Номаи бостон. -Теҳрон, 1376.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ И РАЗРАБОТКА СЛОВА «ФАР(Р)» (ВЕЛИКОЛЕПИЕ, СИЯНИЕ) В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению значение и использование слова «Фарр» (великолепие, сияние), а также его различная интерпретация в «Шахнаме» Фирдоуси.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: слово «фарр», «Шахнаме» Фирдоуси, значение слова «фарр», словарь, использование, разработка.

USE AND DEVELOPMENT OF THE WORD "HEADLIGHTS (P)" (MAGNIFICENCE, LIGHT) IN "SHAKHNAME" FIRDOUSI

In this article the author subjected to consideration and studying value and word "Farr" use (magnificence, light), and also its various interpretation in "Shakhname" by Firdousi.

Key words: word of "headlights", to "Shakhname" of Firdousi, word meaning of "headlights", dictionary, use, development.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Акили Замони*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни.

АНОСУРИ БАКОРРАФТА ДАР АЛЛАҲОИ ЭРОН ВА ТОҶИКИСТОН

Фатемех Эйбак Абади
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ

Адабиёти омиёнаи ҳар қавм ва миллате оинае аст, ки ҷилвагари бахше аз хостаҳо, одобу русум, ақида, орзуҳо ва ғайра мебошад. Ин оина вақте аз равзани аллаҳо нигариста шавад, намудоре аз ҳадафҳо ва равишҳои таълиму тарбияти замони худашро ироа мекунад. Дар ҳақиқат аллаҳо дерпотарин таронаҳои фолклорӣ ва оғозгоҳи адабиёти занона дар пойи гаҳвораҳо ҳастанд, ки хидматашон дигар таърихӣ нест, балки бостоншиносӣ аст ва метавон онҳоро адабиёти шифоҳии ҳар сарзамине донист, чаро ки ҳеҷ модаре онҳоро аз рӯйи навишта намехонад ва ҳамаи модарон бе он ки бидонанд аз кучо ва чи гуна аллаҳоро фаро гирифтаанд, онҳоро медонанд гӯё, ки алла ва лаҳни вижаи он аз рӯзи нахуст барои равони зан тадорук дида шудааст. Хидмати аллаҳо ба пеш аз даврони хат ва китобат мерасад, ки бо пешрафти башар бо фарҳанг ва эътиқодоти оммаи мардум омехта ва ғанитар шудаанд. Авомили мутаадиде ҳамчун забоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ нишон медиҳанд, ки падидае аллаҳо дуруст ба замоне бармегардад, ки инсон тоза ба сиришти ҷодуии забон пай бурда буд [1,75].

Лозим аст бидонем, ки аносури ташкилдиҳандаи аллаҳо дар фарҳангҳои гуногун бо якдигар фарқ доранд ва ин мазӯъ аз ҷумла мабоҳисе аст, ки қобили таҷзия ва таҳлил мебошад. Баҳром Шермуҳаммадов пажӯҳишҳоеро дар заминаи аллаҳои тоҷикӣ анҷом додаст ва дар китоби худ ба номи «Назми халқии бачагонаи тоҷик» дар мавзӯи аносури бакоррафта дар аллаҳо менависад: «Дар сурудҳои алла инсонҳо, ҷонаварон, ашё ва муҳит нисбат ба соири аносур ба кӯдак наздиктар аст ва кору бори зиндагии деҳқонӣ дар аллаҳо инъикоси қобили таваҷҷуҳе дорад. Ин навъ аллаҳо одатан сюжет ва матни муаяне доранд. Тоҷикон бештар сурӯдаҳое эҷод кардаанд, ки дар онҳо тифлон тавсиф шудаанд, ин навъ сурудҳои тавсифӣ дорои мавзӯоти муаяне ҳастанд ва ба ҳамин тариқ сурудҳои алла инъикоскунандаи тарзи зиндагӣ, орзу, ният ва васли ҳоли модар аст» [2,86].

Баррасии аносури аслии бакоррафта дар аллаҳои эронӣ ва тоҷикӣ ва таъйини басомади онҳо яке аз баҳсҳои аслии ин мақола аст, ки аз робита миёни иқлим, навъи маишат ва шеваи зиндагии мардум бо аносури аслии бакоррафта дар аллаҳо ҳикоят дорад. Барои мисол, аллаҳои модарон дар минтақаҳои гарм бо аллаҳои модарон дар минтақаҳои сард тафовут дорад. Фаровонӣ ва такрори ҳар як аз аносури ба кор рафта дар аллаҳо нишондиҳандаи дараҷаи аҳамияти онҳо дар минтақаи мухталиф аст, ки ин даста аз аносурро метавон ба ду гурӯҳ моддӣ ва маънавӣ тақсим кард. Ҳар як аз ин гурӯҳҳо аз танавои қобили таваҷҷуҳе бархурдор аст, ки дар идома ба намунаҳои аз он ишора мекунем.

Аносури модии бакоррафта дар аллаҳо аз муҳити табиӣ, шеваҳои тавлид ва сабқи зиндагии инсонҳо пайравӣ мекунад. Дар айни ҳол метавон таъкид кард, ки аносури ғайримодии бакоррафта дар аллаҳо низ нишондиҳандаи навъи эътиқодҳо, боварҳо ва ба таври куллӣ нигаришҳои ҷомеае аст, ки аллаҳо дар он шакл гирифтаанд [4,104].

Аз муҳимтарин аносури бакоррафта дар аллаҳои эронӣ ва тоҷикӣ, ки басомади бештаре нисбат ба аносури дигар доранд, метавон ба мавриде ишора кард:

1. Ишора ба навъҳои гулҳо ва гунаҳои гиёҳӣ монанди савсан, лола, хашхош, дорчин, зира, бодом, сиёҳдона, даштӣ, наъно, наргис ва пудина ки басомади қобили таваҷҷуҳе дар аллаҳо доранд. Гул бо алла даромехтааст ва гӯё гул фарзанди модаре аст, ки алла месарояд. Модар кӯдакашро ба ҳар гуле, ки дида ва шунидааст, ташбеҳ мекунад ва гули гулҳо ва саромади гулҳоро ҳамон кӯдаки худаш медонад. Ҳатто он вақт ки кӯдак намехобад ва модарро асабонӣ мекунад, кӯдак боз ҳам барои модараш монанди гул мебошад ва ба ҳамин далел номи гулҳои ошно ва ноошно ҷойгоҳи вижае дар аллаҳо дорад [3, 62]:

Алла, алла гули лола,
Балогардон шавад холла.
Гул, гули бодом, аллаё,
Садқат шавам мудом аллаё.
Лоло, лоло гули савсан,

Сарат бардор лабат бӯсам.
Лоло, лоло гули даштӣ,
Ҳама рафтанд, ту баргаштӣ… (6, 773).

2. **Ишора ба анвои ҳайвонот, ки аз миёни онҳо метавон ба булбул, паланг, хар, саг, мурғ ва асп ишора кард, ки такрори қобили таваҷҷуҳе доштаанд ва баёнгари аҳамият ва нақши онҳо дар навъи зиндагӣ ва маишати мардум дар гузаштаҳои начандон дур аст:**

Гунҷишки паррон хоб кард, аллае,
Булбули хушхон хоб кард, аллаё.
Лоло, лоло гули гандум,
Ки аспатро куҷо бандум,
Лоло, лоло гули лола,
Паланг дар кӯҳ менола.

3**. Зикри бархе аз шуғлҳо низ дар аллаҳо ба чашм мехӯрад.**

Аллаё, аллаё, чӯпон будӣ ту аллаё,
Алаё, аллаё, боғбон будӣ ту аллаё.
Аллаё, аллаё мулло будӣ ту, аллаё,
Аллаё, аллаё мирзо будӣ ту, аллаё …(7,10)

4. **Ишора ба истилоҳоти марбут ба кишоварзӣ (вожагони назири: дарахт, боғ, биёбон, бӯстон, гандум, хӯша, бел, обёрӣ ва ғ)**

Бобоят рафта обёрӣ,
Дами белаш тиллокорӣ.
Ало лоло, сиёҳдуне,
Ки бобот дар биёбуне .
Аллаё, аллаё боғу бӯстонам аллаё,
Боғу чаманам туӣ ту, аллаё, аллаё.

5. **Ишора ба вожагони мазҳабӣ ба унвони аносури маънавӣ низ дар аллаҳо корбурди қобили таваҷҷуҳе дорад:**

Алла мегӯям шумоя,
Ёд мекунам Худоя.
Ало Худо ёрат шавад аллаё,
Пирҳо мададгорат шаванд аллаё.
Баҳоваддин ёрат шаванд аллае (7,8).

Лоло, лолой, лолой,
Шабе рафтам ба дара,
Даровардам се то моҳӣ,
Яке Акбар яке Асғар, яке домоди пайғамбар.
Ки пайғамбар дуо мекард,
Алӣ зикри Худо мекард.
Алӣ канда дари Хайбар,
Ба ҳукми холиқи Акбар (8,192).

Бархе аносури дигар низ дар аллаҳо ба чашм мехӯранд, ки албатта, басомади камтаре нисбат ба мавриди зикршуда доранд, ва дар идома ба бархеи онҳо ишора менамоем.

6. **Мафоҳими марбут ба хонавода ва хешовандон назири: бобо, нана, додо, каниз, доя ва бибӣ**.

Гул гули биҳӣ аллаё,
Балогардон шавад бибӣ, аллаё.
Гул гули раъно аллаё,
Балогардон шавад момо, аллаё

Лоло, лолой, гули наргис,
Набинам доғи ту ҳаргиз.
На доғи ту на аз бобот,
На аз дояи буландболот.

7. **Ишора ба ҷавоҳирот ва колоҳои гаронқимат мисли: тилло, нуқра, дур, марворид, махмал, дастбанд гулубанд.**

Ало лоло малус малмал,

Ки гаҳворат чубин сандал.
Ба манқоши тилло хораш дароред,
Ба дастмоли ҳарир рӯяш бибандед,
Хока гири тилло шавад, аллаё,
Самарқанд меравам пойи пиёда, аллаё.
Чилими нуқрабандаш зиёде, аллаё.

8. **Ишора ба васоил ва ашё монанди: гаҳвора, камон, сандуқ, ханҷар, офтоба ва ….**

Ба манқоши тилло хораш дароред,
Ба дастмоли ҳарир рӯяш бибандед.
Биё доя, буру доя,
Биёрен ташту офтоба,
Бишурам рӯи маҳпора,
Ки маҳпора Худо дода (6,673).

Васоил ва ашёи зикршуда дар ин алла ба ин расм ишора мекунад, ки дар гузашта эрониён дар хонаҳо барои шустани дасту сурат аз офтоба ва лаганд истифода мекарданд ва маъмулан хидматкорони зан, ки гоҳ дояи кӯдакони ширхора будаанд, ин корро анҷом медоданд, (Имрӯзҳо ин расм дар Тоҷикистон ҳамчунон маъмул мебошанд).

Самарқанд меравам пои пиёда, аллаё,
Чилими нуқрабандаш зиёде, аллаё.
Қуввати гаҳвора, аллаё,
Ранҷакаши овора, аллаё.
Лолоӣ, ло туфангамро,
Ба дастат медиҳам фардо.
Лоло, лои гули чойӣ,
Асои дасти бобоӣ…

9. Ишора ба исмҳо (номҳои писар ва духтар):

Лоло, лоло Азизуллоҳ,
Қалам даст гир буру мулло.
Хуршедҷон калон шавад аллаё (7, 14),

10. **Ишора ба номи анвои дарахтҳо**:

Дарахти себу зардолу аллаӣ,
Лоло, лоло гули лола,
Дарахти себи яксола.
Лоло, лоло гули олӯ,
Дарахти себу зардолӯ.

11. **Ишора ба ададҳо**:

Бар мактаби нуҳ паҳлавонат бинам,
Дар болои сесад нафар калонат бинам.
Гулҳоро ба шаш қатор дар фасли баҳор.
Дунёро ба як қарор кай мебинам,
Лолои гуяму хобат кунам ман.
Алӣ гӯяму сад солат кунам ман,
Илоҳӣ зинда бошӣ ту,
Шавӣ даҳ сола сад сола.

12. Анвои пӯшишҳо (либос ва ҷинси он):

Куҷо бурди калиди ақлу ҳушам,
Лоло, лоло лолояш кун,
Бихар махмал қабояш кун.
Ки ин махмал давом доре.
Қабои зери пояш кун,
Куртаи сафед зебад ба келинчак аллаё.

13. Савтҳо:

Шилдир, шилдир об омад аллае,
Лоло, лоло гули сумбул,
Бибин чаҳ-чаҳ зани булбул.

14.Ишора ба маконҳо (кишварҳо, шаҳрҳо ва рустоҳо):

Лоло, лолой гули қандӣ,
Ту аз шаҳри Самарқандӣ.
Аё эй боди тобистон,
Назар кун сӯи Ҳиндустон.
Лоло, лоло гули марҷун,
Бобот рафте ба Рафсанҷун.
Мурчу қаламфур барин, аллаё ,
Анори Тошкандӣ барин, аллаё,
Себи Самарқандӣ барин, аллаё,
Самарқанд меравам пойи пиёда, аллаё.
Чилими нукрабандаш зиёде, аллаё.

16. Ишора ба вазнҳо ва миқдорҳо.

Бар истилоҳот ки барои воҳидҳои андозагирии камиятҳои гуногун истифода мешудааст. Дар мабҳасҳои вазн ва миқдорҳо се камияти вазн, ҳаҷм ва дарозӣ ба унвони камиятҳои асосӣ баррасӣ мешаванд. Дар манобеъ таърихи иттилооти бисёре дар бораи нисбати воҳидҳо бо якдигар вуҷуд дорад, ки дар сурати маълум будани ҳар як андозаи дигар низ маълум мешавад. Дар баъзе аз аллаҳо низ модарон ба вазнҳо ва миқдорҳои роиҷ дар замони худ ишора кардаанд:

Лоло, лоло гули хашхош,
Маро бозор бибар бифрӯш.
Ба як ман нун ба даҳ сир гӯшт,
Биё биншин бухур хомӯш.

Сир: ин вожаи паҳлавӣ ва асли он «сетир» аст. Аз миқёсҳои вазн дар Эрон, ки иборат аз 16 мисқол аст [5,771].

Ман: миқёси вазн, ки иборат аст, аз чиҳил сир ва тақрибан муодили 3 килло аст [5,1120].

Ҷадвали татбиқии пуркорбурдтарин аносури бакоррафта дар аллаҳо

№	Аносури аслӣ дар аллаҳо	Басомади корбурд дар лолоиҳои эронӣ	Басомади корбурд дар лолоиҳои тоҷикӣ
1.	Ишора ба анвои гулҳо ва гунаҳои гиёҳӣ	90	50
2.	Зикри бархе аз шуғлҳо	4	7
3.	Ишора ба истилоҳоти марбут ба кишоварзӣ	61	58
4.	Ишора ба вожагони мазҳабӣ	57	16
5.	Мафоҳими марбут ба хонавода ва хешовандон	60	69
6.	Ишора ба ҷавоҳирот ва колоҳои гаронқимат	26	26
7.	Унсурҳои замон (шабу руз ва ғ)	24	14
8.	Навъҳои ҳайвонот (барра, оҳу, гунҷишк, чӯҷа, булбул ва ғ)	20	15
9.	Маконҳо (шаҳрҳо ва рустоҳо)	9	3
10	Васоил ва ашё монанди гаҳвора, туфанг, сандуқ, ханҷар, ташт, офтоба ва ғ	21	16
11.	Исмҳо (номҳои писар ва духтар)	16	25
12	Номи анвои дарахтон	7	5
13.	Ададҳо	19	9
14.	Савтҳо монанди (шилдир-шилдир, чаҳ-чаҳ)	1	1
15	Анвои пӯшишҳо (либос ва ҷинси он)	6	4
	ҷамъ	421	318

Хулоса**,** бо баррасӣ ва татбиқи басомади муҳимтарин аносури бакоррафта дар 1400 мисраъ аллаи интихобшудаи эронӣ ва тоҷикӣ мушаххас гардид:

1. Дар лолоиҳои эронӣ анвои гулҳо ва гунаҳои гиёҳӣ бо 90 маврид бештарин басомади корбурдро доштааст ва ишора ба шуғлҳо ба унвони яке аз дигар унсурҳои бакоррафта дар лолоиҳо бо чаҳор маврид камтарин басомади корбурдро доштааст.

2. Дар аллаҳои тоҷикӣ унсури «хонавода ва хешон» бо 69 маврид, бештарин корбурдро доштааст ва дар муқобил унсури шуғлҳо бо 7 маврид аз камтарин корбурд бархурдор будааст.

3. Маҷмӯи аносури бакоррафта дар лолоиҳои эронӣ ва аллаҳои тоҷикӣ ба тартиб 421 ва 318 маврид будааст.

Бинобар ин метавон натиҷа гирифт, ки модарони эронӣ дар сурудани аллаҳо аз аносури моддӣ ва маънавии бештаре нисбат ба модарони тоҷикӣ баҳра бурдаанд ва ҳамчунин басомади болои гулҳо дар лолоиҳои эронӣ нишон аз танавои зистмуҳитӣ дар манотиқи мухталифи Эрон ва вуҷуди анвои гунаҳои гиёҳӣ дорад. Аз сӯйи дигар басомади болое унсури хонавода ва хешовандон дар аллаҳои тоҷикӣ ҳикоят аз зиндагии мутамаркази хонаводаҳо дар канори якдигар дорад. Ба иборати дигар модарони тоҷикӣ ҳангоми сурудани аллаҳо чашм дар чашми хешони наздики худ доштаанд ва ин сабаб шудааст, то дар ҳангоми сурудани аллаҳо исмҳои онҳоро дар аллаҳо зикр намоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Деххудо Алиакбар. Луғатнома (давраи ҷадид), муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳи Теҳрон, 1998.
2. Шермуҳаммадиён Баҳром. Назми халқии бачагонаи тоҷик.- Душанбе, 1973.
3. Содиқи Алӣ. Таронаҳои омиёнаи кӯдакон, фаслномаи фарҳангу мардум.- Теҳрон: инитшороти «Суруш» 2007.
4. Ҷамолии Сусафӣ Иброҳим. Нигоҳе ба лолоиҳои Кирмон, маҷаллаи фарҳанги мардуми Эрон.- Теҳрон, 1991.
5. Амид Ҳасан. Фарҳанги форси Амид. «Амир Кабир».- Теҳрон 2006.
6. Шомлу Аҳмад. Китоби кӯча (ҷомеи луғот, истилоҳот, таъбирот ва зарбулмасалҳои форсӣ, дафтари аввал), Теҳрон, интишороти «Мозиёр», 1999.
7. Шермуҳамммадиён Баҳром ва Обидзода Додоҷон. Алла ҷонам аллаё. -Душанбе, 1993.
8. Аҳмади Паноҳӣ, Синони. Муҳаммад. Тарона ва таронасароӣ дар Эрон. -Теҳрон: Суруш, 1998.
9. Боқирӣ Меҳрӣ. Муқаддимоти забоншиносӣ, нашри Теҳрон: Қатра, 2009.
10. Ботинӣ Муҳаммадризо. Пиромуни забон ва забоншиносӣ. Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1992.
11. Сафавӣ Куруш, аз забоншиносӣ ба адабиёт (ҷилди аввал: назм).-Теҳрон: нашри «Чашма», 1994.
12. Ёрзода Тағоймурод. Боварҳо ва таъбироти мардумӣ дар забони Яғнобӣ, инитшороти ройзании фарҳангии сафорати Эрон дар Тоҷикистон.- Душанбе 2009.
13. Соколов Юрий. Сурудҳои алла, Энсиклопедияи адабиёт.- Москва 1931.
14. Асрорӣ В.; Амонов Р. Эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик. -Душанбе: нашриёти Маориф, 1980.

ЭЛЕМЕНТЫ ИСПОЛЬЗОВАННЫЕ В КОЛЫБЕЛЬНЫХ ПЕСНЯХ ИРАНА И ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье автором подвергнуто изучению и рассмотрению использование различных элементов в колыбельных песнях Ирана и Таджикистана. Элементы составляющие основу колыбельных песен различны и имеют свои особенности.

Ключевые слова: колыбельные песни, Иран, Таджикистан, культура, мировоззрение, семья, воспитание.

THE ELEMENTS USED IN LULLABIES SONGS OF IRAN AND TAJIKISTAN

In this article the author subjected to studying and consideration use of various elements in lullabies songs of Iran and Tajikistan. The elements making a basis of lullabies of songs are various and have the features.

Key words: song lullabies, Iran, Tajikistan, culture, outlook, family, education.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Фатемех Эйбак Абади*** - соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

УСУЛИ НАҚЛИ ҲИКОЁТУ ҚИССАҲО ДАР “АСРОР-УЛ-ҒИЮБ”-И ХОҶА АЙЮБИ ПОРСО

Т.С.Келдиёров
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Шарҳи «Асрор-ул-ғиюб»-и Хоҷа Айюби Порсо аз шарҳҳои маъруфи маснавии Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ аст, ки дар соли 1120 ҳичрии қамарӣ таълиф гардида, дар мушкилоти «Маснавии маънавӣ» навишта шудааст.

Ин шарҳ бо кӯшиши адабиётшиноси эронӣ Муҳаммад Ҷаводи Шариат дар соли 1377 дар ду муҷаллад интишор ёфтааст. Дар мавриди шахсияти Хоҷа Айюби Порсо дар сарчашмаҳо маълумоти дақиқе дар даст набуда, танҳо ҳамин қадар маълум аст, ки Хоҷа Айюб аз шахсиятҳои тасаввуфии аҳли тасаннуни мазҳаби шофеии садаи дувоздаҳуми ҳичрии қамарӣ буда, дар Лоҳур умр ба сар бурдааст.

Яке аз муҳимтарин усулҳои гузориши “Маснавии маънавӣ”, ки дар шарҳи Хоҷа Айюб ба кор рафтааст, истифодаи нақлу ҳикоёти марбут ба рӯзгору зиндагӣ ва хислату ҳолоти Ҳазрати Мавлоно Ҷалолуддин мебошад. Роҷеъ ба ин усули кори хеш Хоҷа Айюб дар муқаддимаи шарҳ ишора карда, менависад:

«… ва баъзе аз хаворию одот ва ғароиби ҳолот ва латоифи нукоти Ҳазрати Мавлоно, ки муносиби маънии абёт буд, низ таҳрир намуд» [7,10].

Суоле пеш меояд, ки маъхази ҳикоёт ва нукоте, ки ба рӯзгори Мавлоно иртибот доранд, аз куҷост?

Мутолиаи шарҳ нишон медиҳад, ки шореҳ дар баробари он ки аз шурӯҳи дигари пеш аз худ бавуҷудомада истифода кардааст, инчунин аз «Маноқиб-ул-орифин»-и Афлокӣ ва «Маноқибнома»-ҳои дигар, «Рисола»-и Фаридуни Сипаҳсолор, «Валаднома»-и Султон Валад, «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва кутуби мушобеҳ ба он баҳра бардоштааст. Дар ин китобҳо муҳимтарин лаҳазоти рӯзгор ва аҳволи Мавлоно нақл шудааст, ки маводи онҳо барои шинохт ва маърифату дарки румузи маснавӣ аз аҳамият холӣ нестанд.

Яке аз ин китобҳо «Маноқиб-ул-орифин» аст, ки муаллифи он Аҳмади Афлокӣ- аз муридон ва тарбиятёфтагони хонадони Мавлоно буда, асари хешро пас аз 72 соли вафоти Мавлоно бо дастури набераи ӯ тасниф ва маводи онро дар муддати 43 сол ҷамъу тадвин кардааст. Ин китоб бо эҳтимоми донишманди эронӣ Таҳсини Ёзичӣ ба табъ расида, шомили маҷмӯаи каромоту мақомот, ҳикоёти зиёди марбут ба Мавлоно, падари ӯ, машоих ва хулафои ӯ мебошад. «Маноқиб-ул-орифин» маълумотҳои аҷибе дар мавриди ҳаёти Мавлоно, муҳити зиндагӣ, авлод ва афкори ӯро дар худ муҷассам намудааст. Асари дигар, «Рисола»-и Фаридуни Сипаҳсолор аст, ки нусхаи он ба воситаи муҳаққиқи маъруф Саид Нафисӣ чопи интиқодӣ шудааст. Муаллифи ин китоб Фаридуни Сипаҳсолор муддаист, ки ҳудуди чил соли умри хешро дар ҳалкаи муридони Мавлоно гузаронидааст. Гузашта аз ҷанбаҳои муболиғаомезе, ки дар ин кутуб ҷой доранд, тасвири равшане аз зиндагии Мавлоноро метавон аз онҳо дарёб намуд. Дар навбати худ лаҳазоти мухталифи рӯзгори Мавлоно метавонад барои маърифат ва шарҳи румузи маснавӣ ба шореҳон маводи ҷолиб пешниҳод намояд. Чунончи, дар мавриди аҳамият ва арзиши аҳволи Мавлоно дар ташреҳи румузи маснавӣ муҳаққиқи беназири эронӣ Абдулҳусайни Зарринкӯб менависад:

«… Як маъхази умда барои фаҳми дурусти маснавӣ қатъан аҳволи худи Мавлоност, чаро ки бисёре аз ишороту румузи маснавӣ ба аҳволу таҷоруби худи ӯ марбут аст ва касе, ки худаш тасреҳ мекунад, ки *«Беҳтар он бошад, ки сирри дилбарон, Гуфта ояд дар ҳадиси дигарон»* қатъан мебоист ҳамон гуна, ки падараш Султон Валад ишора дорад, дар бисёре аз он чӣ мегӯяд ва ҳатто дар бисёре аз он чӣ дар боби аҳволи авлиё баён мекунад, бештар ба аҳволу таҷоруби худ назар дошта бошад ва бад-ин гуна маснавӣ дар айни ҳол мебоист то ҳадди зиёде тафсиру таваҷҷуҳи тарзи сулук ва наҳваи ҳаёти худи ӯ бошад» [4, 232].

Аз ин рӯ, ба назари мо ошноӣ бо рӯзгори Мавлоно тавассути маноқибномаҳо фоидаҳое дар маърифати маснавӣ низ дар пай дорад.

Шореҳи «Асрор-ул-ғиюб» зимни ташреҳи абёти маснавӣ бештар ҳамон ҳикоётеро ба шарҳи худ ворид кардааст, ки баёнгари азамату бузургии Мавлоно ва намоёнгари

шукӯҳи маснавӣ ҳастанд. Чунончи, дар мисраи аввали байти *«Маснавӣ чун сайқали арвоҳ буд, Бозгашташ рӯзи истифтоҳ буд»(дафтари дуюм)* бо ишора ба мақоми рафеи маснавӣ ҳикояти зиринро нақл мекунад, ки бешубҳа маъхази он ҳам «Маноқиб-ул-орифин» мебошад:

«Рӯзе Ҳазрати Чалабӣ Ҳусомуддин дар бандагии Ҳазрати Мавлоно тақрир мекард, ки имшаб дар мубашшараи хоб дидам, ки Ҳазрати Билол (р) Каломуллоҳро бар болои сар бардошта буд ва Ҳазрати Сайидалмурсалин (с) китоби маснавиро дар бар гирифта мутолиа мефармуд ва бо асҳоби киром мубоҳот мекард ва тафохур менамуд. Ҳазрати Мавлоно мефармуд, ки:

-Эй валлоҳ, ончунон аст, ки чашми мубораки шумо дид, ҳошо, ки дидаи шумо нодида гӯяд ва ҳар дидае, ки бад он дидае дидор дида гардад ва аз аҳли дида шавад, то ғайбҳош дида шавад» [«Асрор-ул-ғиюб», саҳ. 194].

Овардани чунин ҳикоёт ва махсусан бо абёти маснавӣ таъмин намудани иртиботи он шарҳи мазкурро бадеият бахшида, як андоза пуробуранг гардонидааст.

Тавассути ҳикоёти марбут ба рӯзгори Мавлоно, ки дар «Маноқиб-ул-орифин» баён гардидаанд, пайванд бахшидан ва шарҳу тавзеҳ додани абёти қобили тавақҷуҳ буда, дар фаҳми маснавӣ хеле созгор аст. Чунончи, дар мисоли зерин мушоҳида мекунем:

Шовируҳунна пас он гаҳ холифу,
Инна ман лам яъсиҳинна толифу.

«Нақл аст, ки рӯзе ҳазрати Мавлоно дар тафсири «шовируҳунна ва холифуҳунна» маонӣ мегуфт. Дар он зимн ин ҳикоят фармуд, ки рӯзе Ибни Масъуд (раз) дар шаҳри Басра дар боми сарои худ сайр мекард. Ба хотуни худ ишора кард, ки «ман аз ин бом фурӯ ҷаҳам». Зан фарёд кард ва гуфт: Нашояд! Ӯ нашнид ва аз он баландӣ фурӯ ҷаҳид. Аз ҳукми қазо пояш шикаст. Баъд аз он ки соҳибфирош шуда буд, ҷамъе қазоват аз Димишқ биёмаданд, ки фористарини мардум туӣ, бояд, ки ҳозир шавӣ, то ба машварати акобир аз миён Усмонро баргирем. Гуфт: *Алмузру возиҳу вал азру фозиҳу.* Дар ин ҳолат, ки мебинед, аслан маҷоли ҳаракат надорам. Ва ба баракати он шикаст, ки аз он қазияи гарданшикан амон ёфт ва ҳозир нашуд, бигуфт: Садақа расулаллоҳу салаллоҳи алайҳи ва салам фи қавлаҳу. Хилофи зан кардан маро аз гуноҳи кабоир раҳонид ва ба иноятиҳ махфӣ расонид [7,228].

Бо зикри ин матлаб шояд шореҳ ба он ишора кунад, ки Мавлоно муддате ба таълиму тадрис низ машғул будаанд. Аз тарафи дигар, овардани ҳикояти вафқ, ки бо номи амириалмӯъмин Усмон иртибот дорад, ишораи нозукест ба мазҳаби аҳли тасаннун доштани шореҳ, зеро шореҳоне, ки ба мазҳаби ташайюъ гироиш доштаанд, дар гузоришоти хеш аз хулафои рошидин (ба истиснои Алӣ (а) ёд накардаанд. Хоҷа Айюб дар ҷой-ҷойи гузоришоти хеш чунин амали тафриқаангезро мавриди маломат қарор дода бо таассуф «таассуби аҳли ташайуъ» унвон кардааст. Чунончи, зимни ташреҳи ҳикояти «Бедор кардани Иблис Муовияро» менависад:

«… ва он чи баъзе шореҳон мувофиқи тақрири шореҳи Хоразмӣ таҳрир намуда, ки «Шайтон дар ин далолат Муовияро мағлуби нафси ӯ гардонид ва ба ин гумони фосид ва ин хаёли косид андохт, ки оҳу нолаи ӯро дар боргоҳи ҳадият эътибори тамом аст ва ниёзи ӯро бар намози ӯ фазилати молокалом, то ҳамин пиндор камоли саромояи туғён ва залолат гардид, ки бар имоми барҳақ (мурод Имом Ҳусайн аст, Т.К.) хуруҷ кард ва бағӣ варзид – интиҳо каломаҳ таассуф аст ва таассуби аҳли ташайюъ» [7,444].

Ва ин ҷо мурод аз «баъзе шореҳон» Муҳаммадризои Лоҳурӣ аст, ки роҷеъ ба мазҳабгароиҳои ӯ дар мавриди худ сухан хоҳем гуфт.

Баъзе аз калимоту иборотиҳ маснавиро, ки ишороти равшан ба оёти қуръонӣ мекунанд, шореҳ дар баробари зикри ояти китоби Илоҳӣ хилофи чашмдошт, бо овардани ҳикояте аз забони ҳамзамонони Мавлоно тафсир кардааст: Чунончи, аз дафтари дуюм зимни ҳикояти Даққуқӣ дар фасли «Як дарахт шудани он ҳафт дарахт» дар байти ***«Ёд кардам қавли ҳақро он замон, Гуфтам «аннаҷму шаҷарро ясҷудон»*** – ки мисраи дуюми он ишораи равшан ба ояти китоби осмонӣ дорад, ҳикояти аҷиберо дар робита ба рӯзгори Мавлоно чунин баён медорад:

Наҷм билфатҳ – наботи бетана ва ситора. Шаҷар – ба фатҳайн- дарахт ва наботи ботана. Қавлаҳу таоло: Ваннаҷму вашшаҷару ясҷудон, яъне гиёҳу дарахт саҷда мекунанд Худои таолоро ва мунқоди қудрати ҳақанд субҳона.

Шарафуддини гӯянда, ки надими қадими ҳазрати Мавлоно буд, чунон ривоят кард, ки рӯзе дар боғи Карохотун се шабонрӯз дар намозу тавоҷуд ҳазрати Мавлоно машғул буд. Се ҷавқ гӯяндагон аз гуфтану навохтан оҷиз шуда буданд. Дар миёни самоъ ба гӯши Закӣ ном гӯяндае гуфтам, ки «се шаб аст, ки ба хоб нарафтам». Ҳазрати Мавлоно даст аз зери доман берун кард ва муште сими нави маскука дар дафи мо чунон рехт, ки варақи даф дарида, зар бар замин рехт, ҷамъ карда шумурдем, ҳазору ҳафтсад дирами султонӣ буд. Алассабоҳ ҳазрати Мавлоно дар миёни боғ равон шуд, бар ҳар дарахт, ки мерасид, салом мекард ва дарахтон саҷда мекарданд ва маро аз сирри «ваннаҷму вашшаҷару ясҷудон» ҳикмате мефармуд, фарёд мекардам ва наъраҳое мезадам. Ба остини муборак маро ишорат фармуд, ки магӯ. Аз он ҳайбат се шабонарӯз бехуду мадҳуш афтода будам. Баъд аз он бо сад ҳазор ниёзу адаб омада пеши Худовандгор сар ниҳодам ва истиғфор кардам ва ҳаргиз дар умри худ бенаво нагаштам ва ғамнок нашудам [саҳ. 568-569].

Низ дар шарҳи байти ***«Ё Алӣ, аз ҷумлаи тооти роҳ, Баргузин ту сояи хоси Илоҳ»*** аз достони «Васият кардани Расул (с) амиралмуъминин Алиро» ҳикоятеро аз рӯзгори Мавлоно нақл кардааст, ки мақсуд аз он баёни инсони хоси Илоҳ будани ҳазрати Мавлоност:

«Нақл аст, ки Муҳаммадбеки Уҷӣ, ки ғозӣ ва баҳодур дар диёри Уҷ буд, чун ба Қуния расид, ба зиёрати Ҳазрати Мавлоно мушарраф гашт мурид шуд ва истионат ва истимдод хост, ба Қайсария рафт. Магар дар он айём мардуми ӯ бозаргон Хоҷа Маҷдуддинро ғорат карда, қариб панҷоҳ ҳазор дирам қумош бурда буданд. Чун Маҷдуддин тазаррӯъ ва зории ӯро бидид, дар кунҷи мадраса рафта зери лаб мегуфт, ки: «Эй мардаки ҳаромӣ, чандин моли моро бурдӣ ва хунрезӣ мекунӣ ва истионат мехоҳӣ, ҳаққо, ки дар қиёмат хасми ту хоҳам шуд, куҷо аз ман хоҳӣ раҳид? Ҳазрати Мавлоноро ҳолаш макшуф шуд ва ба тундии тамом наъра бизад ва гуфт, ки: Ҳошо зӯҳду чӣ гуна зӯҳд ва кӣ мегӯяд, ки зӯҳд? Валлоҳ, валлоҳ, ҳар кӣ аз мадрасаи мо бигзарад, бираҳад ва ҳар кӣ номи мо бибарад, бираҳад ва ҳар кӣ моро дӯст дорад, бираҳад. Дарҳол Хоҷа Маҷдуддин сар ниҳода маҷмӯи мол ӯро биҳил кард. Ва чун Муҳаммадбек аз ин ҳол огоҳ шуд, тамомаи моли ӯро ба қосидони амин фиристод ва чандин туҳфаи дигар ирсол карда, узрҳо хост. Ҳамчунин Хоҷа Маҷдуддин маҷмӯи молро тасаддуқ намуда, самои азим бидод» [7, 229-230].

Ҳикояти мазкур дар баробари соҳиби усули баёни дилпазир будан намоёнгари шукӯҳи маънавии Мавлоно Ҷалолуддин низ мебошад.

Бештарини чунин нақлҳо, ки бо ибораи «…нақл аст, ки Ҳазрати Мавлоно», «манқул аст, ки Ҳазрати Мавлоно…» оғоз мегардад, ҷанбаи ривоятӣ доранд ва шояд маъхази хешро аз маноқиб ва кутуби тазкира гирифта бошанд. Ин нукта моро ба натиҷае мерасонад, ки Хоҷа Айюб пеш аз он ки ба шарҳу тафсири маснавӣ шурӯъ кунад, аз равзанаҳои мухталиф ба рӯзгору осори Мавлоно Ҷалолуддин рӯй оварда, ба ҳар як ҷузъиёти зиндагии шоир, ки дар сарчашмаҳо зикрашон рафтааст, таваҷҷуҳ намудааст. Ҳатто дар абёте, ки зоҳиран наметавон онро бо рӯзгори Мавлоно қобили қиёс донист, шореҳ мекӯшад, иртиботеро дарёбад ва байтро аз равзанаи пайванди он бо зиндагии Румӣ шарҳ диҳад. Чунончи, дар мисоли зерин мебинем:

Ҳар кӣ бошад шери асрору амир,
Ӯ бидонад ҳар чӣ андешад замир.

«Манқул аст, ки ҳазрати Мавлоно дар Масҷиди қалъа рӯзи ҷумъа тазкир мефармуд ва бағоят маҷлис гарм шуда буд. Фақеҳе аз рӯи инкор сӯи зан дар дил гузаронид. Ҳазрати Мавлоно ба ҳайбат бонг бар вай зад, ки «Хавосси ҳазрати Илоҳӣ ҷавосисулқулубанд, чун дар суҳбати ишон расӣ, ба ҳузури дил ва сидқи тамом биншин то аз саодати сармадӣ бенасиб намонӣ!». Фақеҳи мункар бархост ва сар бараҳна кард ва ҷомаҳо чок зада зорикунон ба эътиқоди комил ва сидқи бе **ғулл** мурид шуд» [7, 232].

Ба назар мерасад, ки агар чунин тарзи баён аз як тараф барои тамоми табақаҳои мардум баробар хидмат кунад, аз тарафи дигар далел бар он аст, ки шореҳ мекӯшад Мавлоноро аз равзанаи рӯзгори худи ӯ шарҳ диҳад.

Аз ишороти шореҳ маълум мегардад, ки агарчи дар баъзе маворид «Нафаҳот-ул-унс»-ро бевосита истифода накардааст, тавассути кутуби дигар маълумоти онро мутазаккир мешавад ва дар ин сурат ҳатман сарчашмаи маълумоти хешро зикр

менамояд. Чунончи, дар робита ба маънии абёти нахустини дафтари дуюм, ки он ҷо дар сабаби таъхири навиштани идомаи маснавӣ сухан меравад, менависад:

«Аммо муҷиби таъхир аз рӯи зоҳир он чи Шайхи марҳум аз «Нафаҳот-ул-унс» нақл намуда, ки баъд аз он ки хидмати Мавлоно ба илтимоси Ҷалабӣ Ҳисомуддин, ки бо илқои ғайбат мутобиқ афтода буд, шурӯъ дар назми маснавӣ фармудаанд ва чун ҷилди аввал ба итмом расид, ҳарами Ҷалабӣ Ҳусомуддин вафот ёфт ва дар миён фатрате воқеъ шуд. Баъд аз ду сол Ҷалабӣ Ҳусомуддин ба хидмати Мавлоно ниёзмандӣ ба тақдим расонида бақияи маснавиро истидъо намуд. Баъд аз он хидмати Мавлоно мефармуд ва Ҷалабӣ Ҳусомуддин менавишт. Ва ин байт ишора ба ҳамон таъхир аст» [7,293].

Чунонки дида мешавад, ин ҳикоят дар миёни дӯстдорон ва алоқамандони маснавӣ машҳур аст ва маншаи он аслан тазкираи Аҳмади Афлокӣ буда, минбаъд ба осори дигари тазкирамонанд ва маноқиб мунтақил шудааст. Нуктаҳое аз онро, Ҷомӣ дар фасли марбут ба Мавлоно Ҷалолуддин оварда ва Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ (Шайхи марҳум) чун шореҳони дигар онро ба ҳамин васила ахз кардааст.

Дар назари аввал чунин менамояд, ки шореҳ аксари абётеро, ки ишора ба воқеаю ҳодиса мекунанд ва талмеҳ мебошанд, бо усули мазкур ташреҳ кардааст, аммо ин усул дар саросари асар яксон риоя нашудааст. Ҳоҷа Айюб гоҳо абётеро, ки ишораи сареҳ ба воқеие мекунанд, тариқи ихтисор тавзеҳ медиҳад ва бо ин роҳ эҷозро риоя мекунад. Чунончи,

Сабр кун бар кори Хизре бе нифоқ,
То бигӯяд Хизр: «Рав, ҳозо фироқ».

Аслан маънии ин байт ишора ба воқеаи ҳамроҳӣ кардани Мӯсо бо Хизр аст, ки ношӣ аз «Қуръон» буда, дар кутуби тафсир ва соири осори мазҳабии адабиёти мо муфассалан баён ёфтааст ва шореҳ мебоист чун қоидаи маъмул онро нақл мекард. Вале шореҳ бар хилофи урф ва бо зикри ояи китоби осмонӣ маънии байти мазкурро чунин шарҳ медиҳад:

«Қавлуҳу таъоло*:* ***Қола ҳозо фироқа байни ва байнак***, яъне гуфт Хизр бо Мӯсо ало набийино ва алайҳиссалом, ки ин аст миёни ману ту ҷудоӣ. Яъне гуфта будӣ, агар навбати солис суол кунам, бо ман суҳбат мадор. Инак, вақти фироқ расид» [7, 230]. Ин тарзи гузориш, ки дар саросари матни шарҳ ба назар мерасад, нишон медиҳад, ки шореҳ дар тафсири матолиби маъруф ҷонибдори муъҷазбаёнӣ аст. Чунончи, ҳангоми шарҳи мисраи *«Кӯҳ дар рақс омаду чолок шуд»* ҳамин мухтасарбаёниро хеле хуб риоя кардааст: «Ин мисраъ ва байти ояндаро ишорат аст ба каримаи **«Фаламмо таҷалло раба лил ҷабали ҷаъалаҳу дакко ва харра Мусо саиқо»**, яъне пас вақте ки таҷаллӣ кард Парвардигори Мӯсо мар кӯҳро, гардонид ӯро пора-пора ва афтод Мӯсо (а) беҳуш» [7,23].

Чунин усули шарҳ имкон додааст, ки шореҳ аз тавзеҳоти муқаррари малоловар парҳез кунад ва матлабро дар ниҳояти ихтисор баён созад.

Ҳамин тавр, басҳ дар мавриди истифодаи ҳикоёту қиссаҳо дар шарҳи «Асрор-ул-ғиюб» моро ба натиҷаҳои зерин меорад:

1. Овардани ҳикоёту қисса ва воқеоти нодире, ки қисман ба рӯзгори Мавлоно Ҷалолуддин иртибот доранд, яке аз вижагиҳои «Асрор-ул-ғиюб» маҳсуб мегардад.

2. Шореҳ аксари талмеҳотеро, ки дар зимни абёти маснавӣ омадаанд ва аз сабаби дар кутуби шарҳ, тафосири Қуръонӣ, маноқиб ва «Қисас-ул-анбиё»-ҳо фаровон корбаст гардида, маъруфияти бештаре пайдо кардаанд, дар ниҳояти эъҷоз зикр карда, баръакс ҳикоётеро, ки ба рӯзгори Мавлоно Ҷалолуддин иртибот доранд, нисбатан муфассал баён кардааст. Ин шеваи пешгирифтаи шореҳ шарҳи ««Асрор-ул-ғиюб»-ро аз такрорҳои малоловари матолиб дур нигоҳ дошта, баръакс арзиш ва ҳусни онро афзудааст, зеро аксари ҳикоёте, ки ба рӯзгори Мавлоно иртибот доранд, хеле ҷолиб ва хонданӣ буда, дар сарчашмаҳои дастрас дида намешаванд.

3. Бо вуҷуди он ки маноқибномаҳо дар масъалаи шинохти ҳақиқати ҳоли Мавлоно муболиғоти зиёде доранд, вале боз ҳам метавонанд ҳамчун як маъхази муҳим дар маърифати маснавӣ кумак намоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Афлокӣ Шамсиддин Аҳмад ал-Орифӣ. Маноқиб-ул-орифин. Иборат аз 2 ҷилд. Ба кӯшиши Таҳсин Ёзиҷӣ.–Теҳрон: Дунёи китоб, 1385.
2. Балхӣ Мавлоно Ҷалолуддини Муҳаммад. Маснавии маънавӣ. Бар асоси нусхаи мактуб ба соли 677 қамарӣ ва муқобала бо тасҳеҳу табъи Николсон. Тасҳеҳ муқобала ва кашфулабёт аз Қивомуддини Хуррамшоҳӣ.–Теҳрон, 1384 .
3. Балхии Румӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Куллиёти Шамс. Бар асоси чопи Бадеуззамон Фурӯзонфар.–Теҳрон: Ҳермес, 2008
4. .Зарринкӯб Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон.–Душанбе: Ирфон, 1992.
5. Замонӣ Карим. Шарҳи ҷомеъи маснавӣ. Дар ҳафт муҷаллад.–Теҳрон, 1384.
6. Қуръони маҷид. Тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ.–Теҳрон, 1997.
7. Хоҷа Айюб. «Асрор-ул-ғиюб» - шарҳи «Маснавии маънавӣ», Тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммадҷаводи Шариат. – Теҳрон, 1377.
8. Маҷмӯаи мақолот бахшида ба 800-умин зодрӯзи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. Мураттиб ва муҳаррир Алии Муҳаммадии Хуросонӣ.–Душанбе: Пайванд, 2007 .
9. Николсон, Рейналд. Шарҳи «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ. Бо пешгуфтори Сайид Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Тарҷума ва таълиқи Ҳасани Лоҳутӣ (дафтари шашум).– Теҳрон, 1374.
10. Пурномдориён Тақӣ. Достонҳои паёмбарон дар Куллиёти Шамс.–Теҳрон, 1364.
11. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Шарҳи Маснавии шариф. Чопи 12.–Теҳрон, 1386.
12. Франклин, Д. Луис, Мавлоно: дирӯз то имрӯз, Шарқ то Ғарб. Тарҷумаи Ҳасан Лоҳутӣ, 1386.
13. Ҳолбрук Виктория Ров. Қалъаи Зотуссувар: Мавлавӣ ва Ғолиб.–Дар китоби «Мероси Мавлавӣ: Шеър ва ирфон дар ислом». Тарҷумаи Марями Мушарраф.–Теҳрон: Интишороти «Сухан», 1386.
14. Ҳодизода Расул. Ҷалолуддини Румӣ.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2003.

МЕТОДЫ ТОЛКОВАНИЯ РАССКАЗОВ И ПРЕДАНИЙ В “АСРОР-УЛ-ГИЮБ” ХОДЖЫ АЙЮБА ПОРСО

«Асрор-ул-гиюб»- Ходжы Айюба Порсо является одним из комментариев к произведению «Маснавии маънави», который был издан в XVIII веке в Индии. Данная книга была издана в 1377 году хиджры в Иране Мухаммадджаводом Шариат. В данной статье автором подвергнут изучению и рассмотрению один из методов толкования «Маснавии маънави» со стороны Ходжы Айюба Порсо посредством рассказов и преданий.

Ключевые слова: “Асрор-ул-гиюб”, “Манокиб-ул-орифин”, Ходжа Айюб, Мавлоно, толкование “Маснави”, рассказы.

METHODS OF INTERPRETATION OF STORIES AND LEGENDS IN "ASROR-UL-GIYUB" HODZHY AYYUBA OF PORSO

"Asror-ul-giyub" - Hodzhy Ayub Porso is one of comments to the work "Masnavi Majnavi" which was published in the XVIII century in India. This book was published in 1377 хиджры in Iran by Mukhammaddzhavod Shariat. In this article the author subjected to studying and consideration one of methods of interpretation of "Masnavi majnavi" from Hodzhy Ayub Porso by means of stories and legends.

Key words: "Asror-ul-giyub", "Manokib-ul-orifin", Hodge Ayub, Mavlono, interpretation of "Masnavi", stories.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Т.С.Келдиёров*** **–** докторант Худжандского государственного университета им. Б.Гафурова. Телефон: **92-780-40-01.**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

ЧАНД ОМИЛИ ПАЙДОИШИ «БУХОРОИ ШАРИФ»

Мурод Муродӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз шиносоӣ бо таърихи матбуоти ҷаҳон бармеояд, ки аввалин нашрияҳои даврӣ дар дунё дар ибтидои асри XVII ба вуҷуд омадаанд. Ҳарчанд то ин давра баъзан варақаҳо ва гунаҳои нашрияӣ дар ашколи гуногун зуҳур карда буданд, аммо маҳз дар ин аср дар якчанд кишварҳои Аврупо, аз қабили Англияву Олмон ва Фаронса бо авҷи ҳаракатҳои сиёсӣ ва ташаккули афкори иҷтимоӣ тоифае аз равшангароёну озодихоҳон аз паи таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳои оммавӣ шуданд. Дар таъсиси аввалин нашрияҳои даврӣ, аз як сӯ, омилҳои объективию ҳолатҳои иҷтимоӣ, рушди дастгоҳҳои чопӣ, муносибатҳои капиталистӣ, аз ҷониби дигар, майлу рағбат, манфиат ва ҳисси худогоҳии афроди алоҳида мусоидат кардааст. Ин омилҳо тадричан бо шарофати пахши нашрияҳо аз доираи минтақаҳои алоҳида берун шуда ба кишварҳои дигар низ паҳн гардид ва асар гузошт. Аммо таъсиргузорӣ ва пайравӣ ба он дар минтақаҳои гуногуни олам яксон сурат нагирифтааст.

Аз ҷумла дар муҳити шарқ, хосса Осиёи Миёна чунин омил ва шароит нисбатан дертар ба вуҷуд омад. Яъне, пайдоиш ва ташаккули матбуоти форсӣ, хусусан тоҷикӣ каме дертар рух додааст, ки марҳилаҳои шаклгирии онро муҳаққиқон ба 4 давра: матбуоти то форсӣ, матбуоти форсизабонон, матбуоти минтақавӣ ва матбуоти тоҷикӣ ҷудо намудаанд.

Матбуоти то форсӣ дар охирҳои асри XVII ва ибтидои садаи XVIII дар шакли ҷой додани матнҳои форсиву тоҷикӣ дар нашрияҳои ғайрифорсӣ ба вуҷуд омад, ки намунаи он рӯзномаҳои туркӣ мебошанд. Ба таъбири Иброҳим Усмонов «дар ин давра матбуоти соф форсӣ ба вуҷуд наомада, балки нашрияҳое пайдо шуданд, ки огоҳона ё ғайриогоҳона дар онҳо матнҳо ва порчаҳои тоҷикӣ шомил буданд» [4, 104].

Марҳилаи дуюм, яъне матбуоти форсизабонон ба асри XIX аз чопи варақаҳои иттилоотии форсӣ маншаъ мегирад. Дар ин давра дар як қатор кишварҳо аз ҷумла Ҳиндустон, Миср, Афғонистон, Англия нашриҳои форсӣ рӯи чоп омаданд, ки «Ҳубл-ул-матин», «Ахтар», «Чеҳранамо», «Парвариш», «Қонун», «Шамс-ун- наҳор», «Сироҷ-ул-ахбор» аз намунаи онҳост. Доманаи мундариҷоти ин нашрияҳо нисбатан фарохтар буд ва дар онҳо масоиле инъикосу баррасӣ мегардид, ки ба тамоми форсизабонон, аз ҷумла тоҷикон низ дахл дошт. Ин матбуот қариб аз тамоми минтақаҳои форсинишин ахбор интишор мекард ва ба кишварҳои Ҳинд, Чин, Афғонистон, Бухоро, Миср, Алҷазоир ва ғайра бо роҳу василаҳои гуногун озодона паҳн мегардид. Маҳз бо таъсири ин матбуот аввалин пайвандҳои ислоҳталабона миёни равшанфикрони манотиқи форсизабонон, хосса Эрон ва Бухорову Афғонистон ба вуқӯъ пайваст. Миёни ин нашарот «Ҳубл-ул-мутун» мавқеи бештаре дошт. Ин нашрия аз соли 1883 (1311 –и ҳиҷрии қамарӣ) дар Калкутта бо мудирӣ ва муҳарририи Саидҷалолуддин Муидисломи Кошонӣ мунташир гардид ва дар як муддати кӯтоҳ ба воситаи муҳимтарини инъикскунандаи иттилооти таҳлилӣ дар ҳавзаҳои ислоҳталабонаи Эрон, Осиёи Марказӣ, ҳукумати тозорӣ ва Афғонистон табдил шуд. Дар ин нашрия дар бораи вазъияти Эрон, таъсири сиёсати Русия ба Қавқоз ва Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи хосса дода мешуд. Аз ҷумла зиндагии сарзамини Бухоро аз мавзӯъҳои мубрам маҳсуб меёфт, ки дар аксари сармақолаҳои он ба ин масъала ишораҳо шудааст.

«Ахтар», ки соли 1875 бо мудирии Муҳаммадтоҳири Табрезӣ дар Кустантания (Истанбул) нашр гардид, то соли 1894 ҳамчун яке аз аввалин рӯзномаҳои ислоҳталаби форсӣ ба таври густурда дар Осиёи Марказӣ пахш мешуд ва дар бедории фикрии равшангароён мусоидат мекард.

Нашрияи дигар, ки дар саросари Туркистон пахш гардида, сабаби ташвиши афкори мақомоти русӣ мешуд, «Қонун» буд, ки аввалин шумораи он дар соли 1890 бо мудирияти Мирзомалкумхони Низомудавла дар Лондон интишор гардид. «Қонун» дар тули 15 соли фаъолият ба ҳайси яке аз машҳуртарин рӯзномаҳои ислоҳталаб шинохта

шуд. Маслаки асосии ин нашрия эътироз алайҳи беқонунӣ ва таъкид ба зарурати ташкили Маҷлиси миллӣ буд. «Қонун» бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла тариқи Боку, Кросноводск ба Бухоро мерасид, ки бе гумон дар шиноҳти фарҳанги рӯзноманигории равшанфикрони ин минтақа, хосса таъсисдиҳандагони «Бухорои шариф» бе таъсир набуд.

Матбуоти марҳилаи сеюм, ки минтақавиаш номидем, аз нашри аввалин нашрия дар Туркистон – «Туркистанские ведомости» шурӯъ мегардад. Яъне, пас забт гардидани Осиёи Миёна аз тарафи империяи рус бо таъсири давлатдори русӣ имконияти дар ин сарзамин таъсис додани матбаа ва матбуот ба вуҷуд омад.

Таъсиси «Туркистанские ведомости», ки нашрияи генерал-губернатори кишвари Туркистони Русияи подшоҳӣ буд, аз санаи 28 апрели соли 1870 бо нашри шумораи аввал ба таърихи матбуоти даврии Осиёи Миёна ҳусни оғоз бахшид. Баъдтар дар ин минтақа нашрияҳои гуногуни сиёсӣ ба забонҳои русӣ ва маҳаллӣ чун «Тараққӣ», «Хуршед», «Туҷҷор» баъзан дузабона ба табъ расидаанд, аммо то даҳсолаи аввали асри XX дар Осиёи Миёна ба забони тоҷикӣ нашрияе рӯи чоп наомад. Ҳарчанд андешаҳои таъсиси рӯзнома дар ин минтақа на танҳо равшанфикрони Бухоро, балки озодандешони ҳамдинро, ки нисбати илму адаб ва фарҳанги ин кишвар бетараф набуданд, ором намегузошт. Онҳо аз зуҳури нашрияҳои кишварҳои гуногун воқиф гардида, аз набудани нашрияе дар Бухоро изҳори нигаронӣ мекарданд. Ба таъбири Валӣ Самад дар ибтидои садаи XX «масъалаи таъсиси рӯзнома дар Бухоро ва ба ин васила кушодани чашми мулку миллат аз дардноктарин масъалаҳои замон буд.

Беҳтарин ва наҷибтарин фарзандони Бухоро болои ин масъала дилу майна об карда, ниҳоят худ қурбони он шуда буданд. «Мулло Насруддин» ин азму рамзи ватанхоҳонаи кӯҳандарди бухориро ба воситаи «ҷигаргӯшаҳои худ» фаҳмида ҳис карда, онҳоро хеле нозук ва пардапӯш ҷонибдорӣ кардааст.

«Мулло Насруддин» ҳанӯз соли 1906 (№ 27, 4 окт., саҳ.6) дар Бухоро ба рӯзнома завқ доштани халқро махсус қайд карда, пешниҳод мекунад, ки ба рӯзномаи таъсисшавандаи Бухоро «Ғафлат» ном гузошта шавад» (3, 126).

Ин пешниҳоди «Мулло Насруддин» бе асос набуд. Воқеан, ҳарчанд равшанфикрони Бухоро аз тавлиди воситаи нави замонавӣ- матбуот ҳаматарафа воқиф гардида, мавқеъ ва нақши онро дар тарғиби ғояҳои ислоҳталабона хуб дарк карда буданд, аммо барои таъсис намудани нашрия мушкилӣ мекашиданд. Мушкилии асосӣ муҳити тираву тори Бухорои охири асри XIX ва ибтидои садаи XX буд. Намояндагони Ҳукумати подшоҳии рус бо маъмурони аморат бо ҳар роҳ кӯшиш мекарданд, ки пеши роҳи вориди нашрияҳои бурунмарзиро гиранд ва мардумро аз рӯзномахонӣ дур созанд. Ҳол он ки равияи ислоҳталаби маҳз дар ин сарзамин бо шарофати Аҳмади Дониш шурӯъ гардида буд. Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки ҳарчанд таъсиси нахустрӯзномаи тоҷикӣ дар даҳсоли дуюми асри гузашта рост омада бошад, ташаккулу тафаккури ислоҳотхоҳона ва андешаи таъсис намудани рӯзнома ва ба ин роҳ таъсир расондан ба бедории шуури омма ҳанӯз аз даврони Аҳмади Дониш сар задааст.

Мутафаккир ва андешапардози тавонои тоҷик Аҳмади Дониш, ки равияи ислоҳотталабиро, хусусан, дар низоми маориф маслаки асосии худ қарор дода буд, бо ҳар роҳ мекӯшид то дар Бухоро ва ҳамчунин Осиёи Миёна фазои тавлидсозӣ таҳаввули фикрӣ, сиёсӣ ва таҷдидгари ҷаҳонбинии иҷтимоғароро ба вуҷуд орад. Дар ин ҷода Дониш тавонист гурӯҳи муайяни ҳаммаслаконеро пайдо кунад, ки дар пайравӣ ба ӯ пайвасти назария ва амалияро дар Бухоро аҳдофи худ қарор дода, дар ҳалли он кӯшишҳо ба харҷ диҳанд. Дар ҳалли ин масъала, пеш аз ҳама минбаре зарур буд, то иртиботи байниҳамии мардумро таъмин созад. Ба ин маънӣ ҳамфикрон ва пайравони ӯ барои дарёфти чунин минбар ҳамеша дар талош буданд, вале чун ишора шуд муҳити тираву тори Бухоро ва маҳдудиятхоҳиҳои аморат ба чопи рӯзнома чандон созгор набуд. Мардум ба рӯзномахонӣ майл надоштанд, зеро маъмурони аморат рӯзномахониро бидъат ҳисобида, ба ин роҳ онҳоро гумроҳ мекарданд. Ба таъбири устод Айнӣ аксарият газетахонҳоро «бобӣ» ва газетаҳоро «китоби бобиён» меномиданд» [1, 25]. Аммо, авҷи воқеаҳои сиёсии ҷаҳон, хусусан ҷанги русу япон, ки аморати Бухороро низ дар таҳлука андохта буд, боис мегардид, ки бо ҳар роҳу васила рӯзномаҳои форсӣ, ҳамчунин туркиву тоторӣ ба Бухоро бештар ворид гарданд. «Ба туфайли ин ҷанг (русу япон М.М.) «газетаи «Тарҷумон», ки гоҳ-гоҳе омада меистод,

зиёдтар паҳн шудан гирифт. Аз Ҳиндустон маҷаллаи «Ҳабл-ул-матин», аз Миср «Чеҳранамо» ва «Парвариш» барин маҷаллаҳои форсӣ омода, ба касоне, ки барои огоҳӣ аз хабарҳои ҷанг мехонданд, фикрҳои дигар низ илҷо мекард» [1, 24]. Ҳамзамон «Мулло Насруддин» - нашрияи мусулмонони Қафқоз низ бо роҳҳои гуногун ба Бухоро омада мерасид, ки бегумон дар бедории фикри мардум таъсир нарасонида наметавонист. Аз ҷумла «бо таъсири ин газетаҳо ва дар натиҷаи инқилоби Русия ва Туркия касоне пайдо шуданд, ки ба аҳволи илмӣ ва иҷтимоии Бухоро ва ба зулму разолатҳои доираҳои давлатӣ бо назари танқидӣ менагиристанд» [1, 69].

Бояд гуфт, ки дар ташаккули назари танқидии ҷавонбухориён нашрияи «Вақт», ки дар Оренбург ба табъ мерасид, низ кам набудааст. Ин нашрия натанҳо доир ба навгониҳои Туркистону аморати Бухоро пайваста мақолаҳо интишор мекард, балки нигоштаҳои ҷавонони равшанфикри ин сарзаминро дар саҳифаҳои худ ҷой медод. Бинобар зикри П. Гулмуродзода «соли 1907 дар шумораҳои гуногуни рӯзнома мақолаҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ «Фарёди Туркистон», «Дума ва мусулмонони Туркистон», Абдулкодири Шакурӣ «Мактабу тарбия дар Туркистон» ва дигар маорифпарварони тоҷик ба табъ расидаанд» [2, 41-42]. Воқеан, мундариҷаи ағлаби нашрияҳое, ки вориди Бухоро мегардиданд, саросар рӯҳияи таҷаддудхоҳонаву инқилобӣ доштанд, ки бегумон дар ташаккули ҷунбишҳои фикрӣ ва маънавии равшангароёни Бухоро асар мегузоштанд. Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки яке аз омилҳои пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикӣ ташаккули назари танқидии ислоҳталаб буда, ки дар шаклгирии он нақши матбуоти форсӣ ва минтақавӣ хеле муҳим аст. Матолиби зиёди проблеманоки «Бухорои шариф», ки аз камбудиҳои иҷтимоиёти замон баҳс мекунанд, аз як тараф, ба таъсир доштани чунин омил ва аз сӯи дигар, ба таҷрибаи рӯзноманигории нашрияҳои фавқуззикр пайравӣ намудани дастандаркорони онро далолат мекунад.

Ҳамин тавр, бо ба вуҷуд омадани нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» давраи чаҳоруми ташаккули матбуоти форсӣ шурӯъ мегардад. Дар таъсиси нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» заминаҳои гуногун: пайдоиши матботи ҷаҳон, таъсиси матбуоти форсизабонон, ба вуҷуд омадани матбуоти рус дар Осиёи Марказӣ, ташаккули матбуоти мусулмонони Қавқозу Тотористон таъсир доштаанд, ки дар ин хусус аз устод Садриддин Айнӣ шурӯъ карда, то муҳаққиқони журналистика Иброҳим Усмонов, А. Саъдуллоев, Пайванди Гулмуродзода, Қаҳор Расулиён, Олимҷон Салимзода, Қироншоҳ Шарифзода, Абдухолиқи Набавӣ ва дигарон маълумот додаанд. Ҳамчунин донишманди афғон Наҷмуддини Ковиёнӣ таҳқиқоти алоҳидаеро ба анҷом расонид.

Ҳамаи муҳаққиқон бар он андешаанд, ки пайдоиши «Бухорои шариф» ба осонӣ рух надодааст, балки дар тавлиди он омилҳои зиёде нақш гузоштаанд. Ҳарчанд мушкилоту монеаҳое муҳити Бухоро, хусусан аморат садди роҳи зудтар таъсис додани нахустрӯзномаи тоҷикӣ мешуданд, аммо таҷаддуди ақидаҳои маорифпарварона, таъсири матбуоти кишварҳои ҳамҷавору ҳамдин тавлиди рӯзномаро наздик мекарданд.

Чораи ҳалли мушкилотро ҷавонбухориён ва махсусан, ба ибораи Садридин Айнӣ, Мирзо Муҳиддин ва Мирзо Сироҷ (доктор Собир) ёфтанд. «Онҳо аввал мудири матбааи Когон Левии яҳудиро дида, ба вай аз нашри газета ваъдаи манфиати зиёде нишон дода, ӯро ба майдон андохтанд. Левӣ ба умеди фоида ба майдон баромада, дар ин бора ба элчихона муроҷиат кард. Мирзо Муҳиддин ҳам, ки бо корҳои тиҷоратиаш ба элчихона рафтуой дошт, тарафи рухсат додан ба газетаро гирифт ва барои бо идораҳои рус шиносонидани мардуми Бухоро, барои ривоҷи пахтакорӣ лозим будани газетаро фаҳмонда, барои итминони хотири элчихона Ҳайдархоҷа Мирбадаловро, ки дар он ҷо хизмати тарҷумониро ба ҷо меовард, ба мудирии газета тавсия кард. Элчихона ба шарти дар дасти худаш будани ҳаққи сензорӣ аз ҳукумати Бухоро барои нашри газета ба номи Левӣ ва Ҳайдархоҷа имтиёз ва иҷозат гирифта дод» [1, 106].

Барои чопи рӯзнома иҷозати расмӣ гирифтан ҳоло маънои ҳалли пурраи масъаларо надошт, таъсисдиҳандагонро масъалаи ҷалби мардум ба рӯзномахонӣ низ ба ташвиш меовард. Зеро, тавре дар боло ишора шуд, бо ташвиқи масъулини дарбор рӯзнома ва рӯзномахонӣ дар зеҳни мардум ҳамчун амали куфр нақш баста буд. Ин муносабати аҳли дарбор на танҳо равшанфикрони Бухоро, балки соҳибназарони халқиятҳои дигарро низ ба нигаронӣ оварда, ҳатто объекти танқиди чандин нашрияҳо

гадидааст. Аз ҷумла «Мулло Насруддин» дар шумораи 4 [1907, 7- уми апрел] ба ин масъала рӯ оварда, дар шакли сурати карикатурӣ таъқиби рӯзнома ва рӯзномахониро дар Бухоро мазаммат кардааст. Сурат нишон медиҳад, ки дар регистони Бухоро мардуми зиёде ҷамъ омадаанд, шахсе дар даст рӯзнома мехоҳад мардумро ба мазмуни он шиносонад, аз аҳамияти он чизе гӯяд, аммо мардум ба он тарсону ҳаросон менигаранд, балки ваҳмида худро ба ҳар тараф мезананд. Он марди ҳайратзада дар майдон танҳо мемонад… Таъсисгарони «Бухорои шариф» аз чунин матолиб ва ҳамчунин фазои аморат ба хубӣ воқиф буданд, ки аз масъулини аморат гирифтани иҷозатномаи хаттиро зарур донистанд. Ба ин маънӣ Левӣ ва Ҳайдархоҷа аз Насрулло – қӯшбегӣ ба мазмуни «ҳар кас ба газета муштарӣ шавад, аз тарафи мо ҳеҷ мамониат нест» як мактуби кушода гирифтанд. Ин хат ба воситаи одамони махсус ба вилоятҳои атроф фиристода шуда, як миқдор муштарӣ ҷамъ шуд. Қозӣ ва ҳокимҳое ҳам, ки аз газета метарсиданд, «ин газета аз они ҷаноби олӣ будааст» гуфта, ба он муштарӣ шуданд» [1, 107].

Ҳамин тавр, шумораи аввали «Бухорои Шариф» 11 марти соли 1912 дар формати А 3 (андозаи 43 бар 26), ҳаҷми чаҳор саҳифа (ҳар саҳифа 4 сутун), ба қимати 3 тин мунташир шуд. Нашри он дар матбааи Бухорои нав (Когон), ки тақрибан 15 километр дуртар аз Бухорои кӯҳна буд, сурат мегирифт, ки дар аввал ҳафтае 6 ва баъди чаҳор моҳ, ҳафтае се маротиба зери сарпарасти консулгарии Россия мебаромад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ. С. Таърихи инқилоби Бухоро. – Душанбе, 1987.
2. Гулмуродзода П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон.-Душанбе,2006.
3. Самад В. Аз қаъри Ҳазар то авҷи Зуҳал.- Душанбе, 1992.
4. Усмонов И. Журналистика, қ.3.- Душанбе, 2008.

НЕСКОЛЬКО ФАКТОРОВ ВОЗНИКНОВЕНИЯ «БУХОРОИ ШАРИФ»

В данной статье рассматриваются некоторые факторы появления первой газеты на таджикском языке «Бухорои шариф». На основе изучения источников и научной литературы автор приходит к выводу о том, что для возникновения данной газеты послужило три основных фактора - становление мировой печати, появление персидской и региональной прессы.

Ключевые слова: первая газета на таджикском языке «Бухорои шариф», становление мировой печати, появление персидской и региональной прессы.

SOME FACTORS OF ORIGIN ORIGIN OF "BUHOROI SHARIF"

This article considers some factors of appearance the first tajik newspaper language "Buhoroi sharif" . Based on the study of soueces and scientific literaturs the author concludes that emergence of the newspapers were three main factors: coming into being the global printing, the appearance of persian and regional press.

Key words: the first newspaper in the Tajik language "Bukhoroi Sharif", formation of world press, emergence of the Persian and regional press.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мурод Муроди*** – доктор филологических наук, ТНУ

ЖУРНАЛИСТИКА ВЫСОКИХ ТЕХНОЛОГИЙ

Т.Г. Хасанова
Таджикский национальный университет

В современном мире роль журналистики возрастает и ее присутствие в нашей жизни расширяется, в том числе и за счет новых технических средств: интернета, сотовой телефонной связи и т.п. И конечно, поэтому подготовка журналистов требует иных подходов: изучения студентами новых курсов, чтения дисциплин, вводящих в мир интернета, знакомящих с открывшимися возможностями работы журналиста.

Журналистика не без оснований претендует на древность своей профессии. Формы допечатной журналистики хорошо известны. Это глашатаи, гонцы, маги, советники, прорицатели и тому подобные специалисты по информационным коммуникациям.

Сегодняшняя журналистика – и печатная, и радио, и телевидение – отличается тем, что, как правило, существует в двух формах: традиционной, т.е. печатной, звучащей по радио или в видимой на телевизионном экране, и ее цифрового интернет-варианта, который сохраняется на жестком диске компьютера и распространяется в интернете.Безусловно, любое новшество (в данном случае интернет-журналистика) - это хорошо, однако необходимо понять и определить его достоинства и недостатки и только потом делать какие-либо выводы.

Что же нового привносит в журналистику интернет? Чем же является по своей сути этот всеобъемлющий и вездесущий **WWW** (World Wide Web)? Опираясь на тематические источники, мы можем дать некоторую характеристику интернет-журналистике:

интерактивность - диалоговость, интерактивность заложена в саму технологию WWW, что заставляет журналистику не на словах, а на деле отказываться от исключительно однонаправленных способов коммуникации. Причем, не только веб-журналистику, но и журналистику в целом. Эта новая задача, очевидно, будет вносить существенные изменения в стилевые особенности журналистской работы, в организационные аспекты издательской деятельности и т.п. Всемирная паутина дает возможность не только что-то сообщать обезличенному читателю, но и узнавать его реакцию, и учиться у него кое-чему. Традиционные подходы, рассчитанные на абстрактного читателя, здесь не годятся.

персональная ориентированность - появилась возможность учитывать потребности и привычки конкретного читателя и/или группы читателей.

мгновенность и масштабируемость - схематично сеть интернет можно представить себе как центральную часть, скорость передачи информации в которой постоянно растет и удешевляется, что делает его самым непосредственным СМИ.

гибкость - позволяет излагать материал самым замысловатым образом и быстро его обновлять, дает возможность посетителям самим участвовать в построении страницы, поддерживая таким образом у них постоянный интерес.

взаимосвязанность - гипертекст, делающий любой текст связанным со всеми текстами.

экономичность - небольшая веб-страница – бесплатная услуга провайдера при подключении к интернету. Развернутое веб-издание – сложная конструкция, требующая немалых интеллектуальных и финансовых вложений. И все же веб-издание, в любом случае, обходится намного дешевле бумажного.

На наш субъективный взгляд, эти несколько наиважнейших аспектов определили популярность, успех информационной журналистики.

Интернет-журналистика имеет свои особенности. Прежде всего, это журналистика малых (по объему) форм. Материал бывает разбит на короткие конкретные блоки с подзаголовками и используются доступные средства выделения (полужирный, курсив, подчеркивание, маркированные списки) которые "оживляют" текст и могут усилить наиболее значимые моменты. Важно научиться ориентироваться в интернет - пространстве, использовать всевозможные веб-ресурсы и дополнительную информацию. Таким образом, становится очевидной важность использования виртуальных учебников, которые могут оказать очень большую помощь и поддержку начинающим журналистам и начинающим издателям газет и журналов, руководителям теле- и радиокомпаний. Безусловно, развитие интернет-журналистики и интернет-учебников имеет большое будущее и уже сегодня играет важную роль в совершенствовании журналистского образования.

Писать для бумажной прессы на тему интернет-журналистики несколько необычно. Вроде бы и большинство авторов сетевых изданий вышли из печатных СМИ, да и сами газеты в последние годы обзавелись своими веб-представительствами. По сути дела, интернет-журналистика и журналистика классическая ("бумажная") друг друга так и не поняли. Хотя любое интернет - издание стало все чаще и чаще прибегать к услугам чисто "бумажных" корреспондентов. Но крепкой бескорыстной дружбы не вышло.

К сожалению, эти два таких "родных", но таких разных мира слишком рано посчитали друг друга конкурентами и вместо поиска путей сотрудничества оперативно занялись разглагольствованиями о том, выживут ли газеты в эру WWW.

«Кесарю – кесарево» - это высказывание верно и в отношении СМИ, следовательно, интернет – для интернет-изданий, киоски – для газет и журналов, а телевизор – для телевидения, т.е. каждому своё. Читатель просто хочет использовать нужный, удобный и

доступный в определённых конкретных условиях источник информации. По дороге на работу он послушает радио и прочтет газету, для получения оперативной информации зайдет в Сеть, а вечером просмотрит интересные репортажи по телевидению.

Однако, журналистика on-line, несмотря на свою специфику, остается журналистикой, то есть способом влияния на общественное мнение и сознание. Трудно себе представить журналиста, не имеющего личного эмоционального мнения о предмете своей публикации. Даже "чистая" информация, подаваемая безликими агентствами, всегда тенденциозна. Что же говорить о таких жанрах, как очерк или аналитический обзор. Очевидно, что в нашем больном и измученном обществе степень ответственности журналиста особенно велика и об этом необходимо всегда помнить. Последствия неосторожного слова или непродуманной оценки, растиражированные в сознании тысяч или, даже, десятков тысяч читателей могут оказать непредсказуемые последствия. И здесь не важна ни тема, ни кажущаяся малозначительность публикации. Испорченное настроение или неоправданное беспокойство лишь одного из читателей - это отрицательный результат, который вернется к автору в самый неподходящий момент и потребует оплаты по счетам. И этот счет перевесит гонорар.

Следует отметить ещё два отрицательных аспекта интернет - журналистики - анонимность и безнаказанность. Эти два бича современного веб - пространства постоянно напоминают о себе в самом негативном ключе.

Присутствие каждого человека в интернете – это только вопрос времени. ТВ не заменило книг и радио, интернет не заменит реальной жизни, но, несомненно, добавит в неё новые стороны и ощущения.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Амзин Л. Новостная интернет - журналистика. Уебное пособие. -М.: Аспеки-Пресс, 2011.
2. Калмыков А.А., Коханова Л.А. Интернет - журналистика. -М.: Юнити-дапд, 2005.
3. Машкова С.Г. Интернет - журналистика. Тамбов: издательство ТГТУ, 2006.

ЖУРНАЛИСТИКА ВЫСОКИХ ТЕХНОЛОГИЙ

В рамках настоящей статьи в эпицентре дискуссии находится новая разновидность журналистской науки - интернет-журналистика. Определяются источники происхождения, положительные и отрицательные аспекты этого нового явления.

Ключевые слова: интернет - журналистика, интернет - пространство, ресурсы, публикация, новшество, газета, сетевое издание, цифровой аналог.

JOURNALISM OF HIGH TECHNOLOGIES

Within the limits of the present article in discussion epicenter there is a new version of a journalistic science - Internet journalism. Origin sources, positive and negative aspects of this new phenomenon are defined in this article.

Key words: the Internet - journalism, the Internet - space, resources, the publication, an innovation, the newspaper, the network edition, digital analogue.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Т. Г. Хасанова*** - кандидат филологических наук, старший преподаватель ТНУ

ТАЪСИРИ РЕКЛАМА ДАР ВАЙРОН КАРДАНИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Убайд Бобоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Реклама дар замони кунунӣ яке аз омилҳои рушду инкишофдиҳандаи истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Реклама як наъви коммуникатсия, алоқаи пулакӣ, ваҳдати бузурги иҷтимоӣ мебошад. Реклама роҳҳои гуногуни таблиғот дорад. Яке аз воситаҳои қуллай ва дастрас ин рекламаи беруна мебошад.

Рекламаи беруна яке аз воситаҳои манфиатбахш ба ҳисоб меравад, ки дар қатори дигар василаҳои таблиғотӣ, он низ рӯз аз рӯз инкишоф меёбад. Аммо ҳамин рекламаҳое, ки дар борааш гуфтем, ба талаботи сабку услуби забони тоҷикӣ ҷавобгӯй нестанд. Аз чи сабаб бошад он ширкатҳое, ки молу ашёи худро бо чунин восита таблиғ мекунанд, ба ҷиҳати асосии он, яъне услуби забони реклама аҳамият намедиҳанд. Ҳол

он ки ба ҳар фард зарур аст, то ки дар ҳифзи забон бо эҳтиёт бошад, нагузоранд ба ин ганҷинаи миллат осебе расад.

Забон ҳастии миллат, сутуни фарҳангу маданият аст. Забони тоҷикӣ, ки яке аз забонҳои шевою гуворо буда, тавассути ҳамин забон аз бузургони илму адабамон, то ба имрӯз мероси бузурге боқӣ мондааст.

Мутаассифона солҳои охир бо забони лаҳҷаву маҳалҳо ва чанд забони бегонаи дигар махлут гашта, ҳусни баёнашро гум карда истодааст. Имрӯз дар ҷомеа кам шахсоне ёфт мешаванд, ки бо забони ноби тоҷикӣ гап зананду фикрашонро равону беғалат баён кунанд. Забон яке аз пояҳои давлату миллат аст. Аз ин рӯ, пос доштани забон ҳам қарз аст, ҳам шарт аст ва ҳам зарур аст. Доир ба норасоию камбудиҳои забон муҳаққиқон ҳамаҷониба корҳои назаррасро ба анҷом расонидаанд. Вале ҳанӯз ҳам ин камбудию норасоиҳо, чи дар зобони гуфтугӯи ва чи дар забони асарҳои бадеию публитсистӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳо ҳалли худро наёфтаанд. Имрӯз бо таъсири сармоядорони хориҷӣ ба забони тоҷикӣ калимаҳое ворид мегарданд, ки забони ноби тоҷикро олудаи вожаҳои бегона мегардонанд. Ин маънои онро дорад, ки имрӯз дар кӯчаву хиёбонҳои шаҳр менигарем, овезаҳои рекламавӣ ба чашмамон мехӯрад, ки ҷумлаҳои сохташуда пур аз хатоиҳои услубию граматикӣ мебошад.

Профессор Баҳриддин Камолиддинов дар китоби худ «Сухан аз баҳри дигарон гӯянд» чунин менависад: «Равшан ифода кардани фикр, фасоҳати калом, пеш аз ҳама, ба интихоб ва мавқеи истемоли калима вобаста аст. Агар калима ё таркиб мафҳуми ашё, аломат, амалу ҳолатро саҳеҳ ифода кунад ва дар мавқеи худ кор фармуда шуда бошад, дар ҷумла мақсади гӯянда ё нигоранда саҳеҳ ифода меёбад» [1,10].

Мутаассифона, дар навиштаҷотҳои рекламавӣ муҳимтарин усули забон риоя намешавад. Забоншиносон бисёр нуқсонҳои матолибҳои илмию оммавиро нишон додаанд. Қисми зиёди он ғалатҳо ислоҳ шудаанд, аммо ҳамоно нуқсонҳои зиёд дида мешаванд:

Масалан: **Мушкилоти офис ин ҷо осон мегардад!** Ин ҷумла аз ҷиҳати сохт ва услуби байён нуқсон дорад. Ин ҷумла аз русии «**Офисные задачи решаются здесь!»** тарҷума шудааст, ки хеле норасои дорад. Агар ин ҷо ҳар як калимаро тарҷума кунем, маълум мешавад, ки дар тарҷума низ нуқсон мавҷуд аст:

Офис – корхона, утоқи корӣ, дафтари корӣ;

Задачи – масъалаҳо, вазифаҳо;

Решаются – муҳокима, ҳукм, ҳал мегардад;

Здесь – дар ин ҷо.

Калимаи **мушкилот** дар забони русӣ **проблема** гуфта мешавад. Дар ин ҷумла агар нигоранда ба ҷои калимаи **мушкилот** вожаи тоҷикии **вазифаҳо** ё **масъалаҳо**ро мегузошт, мантиқи ҷумла тағйир меёфт. Аз ин рӯ нигоранда калимаи **мушкилот**ро дар ин ҷумла корбаст кардааст, ки ба маврид аст. Нуқсони ҷумла дар он аст, ки ба ҷои калимаи **корхона** ё **дафтари корӣ** вожаи англисии **офис**ро истифода кардааст, ки ғалат аст. Ин вожа, яъне **офис** солҳои ахир ҳам дар забони гуфтугӯи тоҷикӣ ва ҳам дар забони гуфтугӯи русӣ васеъ истифода мешавад. Тарзи солими ҷумла чунин аст: Мушкилоти дафтари корӣ (корхона, утоқи корӣ) дар ин ҷо ҳалли худро меёбад ё (ҳал мегардад). Дар асарҳои бадеӣ ҳам ҳамин тавр истифода шудааст. Масалан, адиб Шодон Ҳаниф чунин истифода кардааст: «Иншооллоҳ, ту ки ба миён даромадӣ, **мушкилот ҳал мегардад** ва ҳамаи мо ба мурод мерасем» [4,99]. Ҷумлае, ки мавриди таҳлил қарор додем рекламаи маҳсулоти фурӯшгоҳи техники «Valna» мебошад, ки ҷиҳози лозима, барои корхона пешниҳод шудааст, тарғиб мекунад.

Суръатҳои нав бо нархҳои арзон! Ҷумлаи рекламашуда аз ду ибора ва пешоянди **бо** сохта шудааст. Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар китоби худ «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад», доир ба пасванди ҷамъ ва ҷамбандӣ чандин нуқсонҳои аҳли матбуотро мавриди таҳлил қарор додааст, дар бораи калимаи **нарх** эрод гифта, ҷумлаи зеринро аз матбуот мисол меорад: «**Нархҳои** равған, нон, ва дигар маҳсулоти озуқаворӣ низ арзон карда шудаанд». Ин ҷо ҳам **дар мубтадо ва ҳам дар хабар** лафзи ҷамъ лозим набуд, зеро ҳар кадоме аз он чизҳое, ки дар мубтадо номбар шудааст (равған, нон), як нарх дорад, на ин ки ду се нарх дошта бошад. Бинобар ин « нархи равған, нон … низ арзон шуд» гуфтан даркор буд» [5,262]. Ҷумлаи мавриди назари мо, низ ба ҳамин ҷумла монанд аст. Дар ин ҷо танҳо дар бораи нархи як маҳсулот ё таҷҳизот сухан гуфта

шудааст, аз ин рӯ **нарх** гуфтан даркор буд. Калимаи **суръатҳо** низ ҳамин нуқсонро дорад. Ибораи якум **суръатҳои нав** нодуруст сохта шудааст. Суръат хосияти паст ё баланд шуданро дорад. Ҳол он ки вожаи **суръатҳо** вуҷуд надорад. Масалан: Нақлиёт бо суръати баланд ҳаракат мекард, мегӯем на он ки бо **суръатҳои** баланд ҳаракат мекард, бигӯем. Зеро чунин тарзи ҷамбандии бе маврид, ҳусни байёнро коҳиш медиҳад. Дар ин ҷо суръатнокии дилхоҳ ё суратнокии матлуб гуфтан беҳтар мешавад. Пас шакли дурусти ҷумла чунин шуданаш даркор буд: **Суръатнокии матлубро бо нархи арзон соҳибӣ намоед**.

Ҷумлае, ки мавриди таҳлил қарор додем, ширкати мобилии «Beeliene» моли истеҳсолии худро, ки таҷҳизоти пайвасткунандаи интрнети бе сим аст, ки бо номи мадем машҳур аст, реклама кардааст.

Ҷумлаи дигаре, ки бо пасванди ҷамбандии «ҳо» сохта шудааст, хеле нуқсон дорад: **Чиптаҳо ба тамоми самтҳо.** Ҳар як шахс як чибта харидорӣ мекунад, аз ин рӯ ҷамъ бе маврид кор фармуда шудааст. Ширкати ҳавопаймоии «Азия транс тур» фаолияти худро бо чунин ҷумла, яъне **Чипта ба тамоми самтҳо** тарғиб мекард, ба маврид буд.

Имрӯз дар ҷомеаи Тоҷикистон бонкҳо яке аз муассисаҳои фаъол ба ҳисоб меравад, ки аксарияти мардум аз ин гуна хизматрасонӣ истифода мебаранд. «Агроинвестбонк» яке аз бонкҳои фаъоли кишвар мебошад, ки дар аксарияти манотиқи мамлакат шуъба (филиал) – ҳои худро дорад. Ин бонк чун дигар ширкатҳо фаъолияти худро дар кӯчаҳои шаҳр дар табло тарғиб намуда, чунин матнро пешкаш намудааст: **Интиқоли маблағҳо**. Табиати забони тоҷикӣ чунин ибораҳои ҷамъсозро қабул надорад, зеро мо ҳам дар забони гуфтугӯи ва ҳам дар забони адабӣ, ҳеҷ вақт намегӯем, ки маблағҳоро гирифтӣ, яъне маблағ гирифтӣ мегӯем. Аз ин рӯ дар ин ҷо низ **интиқоли маблағ** гуфтан ба маврид буд.

Ба ҳамин ҷумла монанд, «Тоҷикпромбонк» дар лавҳаи рекламавии худ менависад: **Қабули пасандозҳо** ва ба ҳамин монанд; **фуруши телфонҳо**. Ҳам дар ибораи аввал ва ҳам дар ибораи дуюм ҷамъ лозим набуд. Зеро чунин калимаҳо худ шакли ҷамъро ифода мекунанд, барои ҷамеа фаҳмо аст. **Қабули пасандоз** ва **фурӯши телефон** ва ё **дукони телефон** ё **мағозаи телефон** гуфтан беҳтар буд. Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ чунин мегӯяд: «Агар калимаи **китоб** дар лавҳаи магазин ба шакли танҳо навишта шуда бошад, ин лавҳа чунин маънӣ хоҳад дошт, ки дар ин магазин китоб мефурӯшанд ва худ аз худ маълум хоҳад буд, ки як китоб не, балки китоби бисёр дар фурӯш аст» [5,272].

Ҷумлаи дигар низ ба ҳамин ҷумлаи боло монанд буда, аз нуқсон орӣ нест: **Тарофаҳои ягона ба ҳамаи самтҳо!**

Тарофа, он шакли тоҷикишудаи калимаи тарифи русӣ аст, дар луғати тоҷикию русӣ тарҷумааш тариф аст. Ин ҷумлаи рекламашуда, ба бонкҳо рабт дорад. «Migom» - ин як намуди қуллайи хизматрасонӣ мебошад, ки ба ин восита маблағ интиқол карда мешавад. Дар ин ҷумла ба тарофа гуфтанаш ҳеҷ зарурият набуд, хизматрасонӣ гуфтанаш беҳтар мешуд, модоме, ки тарофа истифода кардааст, ҷумларо бе истифодаи ҷамъбандии «ҳо» месохт беҳтар мешуд: **Тарофаи ягона ба тамоми самтҳо.**

Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ менависад, ки: «Як хусусияти забони тоҷикӣ ин аст, ки лафзи ҷамъ дар тоҷикӣ нисбатан кам кор фармуда мешавад. Халқи мо дар бисёр мавридҳо бо шакли танҳо баъзе мафҳумҳои ҷамъталабро ҳам ифода намудааст. Калимаҳое ки фақат ба шакли ҷамъ кор фармуда мешуда бошанд, дар забони тоҷикӣ қариб нестанд (фақат баъзе калимаҳои арабӣ дар шакли ҷамъ маъмуланд). Бисёр мазмунҳое, ки дар баъзе забонҳои дигар бо ҷамъ баён мешаванд, дар забони тоҷикӣ шакли танҳоро талаб доранд» [5,262].

Қаблан зикр карда будем, ки донишмандону забоншиносон баҳри покизагиву беолоиши забон кӯшиш ба харҷ додаанд, лекин ошкор кардани нуқсону ғалатҳо зиёд дида мешавад. Ширкати мобилии «Тисел», ки қаблан бо номи «Индиго» машҳур буд, тарофаи ҷадиди худро бо унвони «CITY» (калимаи англисӣ, тарҷумаи тоҷикиаш шаҳр аст) бо чунин ҷумла тарғиб карда истодааст: **Беҳтарин нархҳо ба тамоми самтҳо**. Ин ҷумла аз нигоҳи сохт ва услуби баён нодурус сохта шудааст. Нуқсони ин ҷумла, чун дигар ҷумлаҳои қаблӣ, дар истифодаи бемавриди пасванди ҷамъсози «ҳо» дида мешавад. Агар ҷумлаи мавриди назарро таҳлил кунем чунин гуфтан ба мақсад наздик мешавад: **Нархи арзон (ё нархи дастрас) ба тамоми самтҳо**. Нигоранда ба он хотир пасванди «ҳо» -ро истифода кардааст, ки гӯё маънои аслиро ифода намекарда бошад,

бехабар аз он ки истифодаи чунин ҷумлаҳои нодуруст сохта шуда, чандин каси дигарро гумроҳ мекунад. Ин маъниро ба тарзи дигар ё ба ҷумлаи дигар ифода кардан мумкин аст: Бо нархи дастрас ба тамоми самтҳо муошират намоед. Ҳамин реклама, дар табло бо як манзараи зебои шаҳр оро дода шудааст, ки ҷумлаи дигаре бо ҳарфҳои калон –калон чунин навишта шудааст: **Узви шаҳр бошед!** Узв дар фарҳанги забони тоҷикӣ, ба маънои зер омадааст:

Узв – қисми андом, як қисми бадан, ҳамчун даст, пой, китф ва монанди инҳо.

Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки оё инсон як қисми шаҳр буда метавонад? Албатта, ки не! Иштибоҳи нигорандаи лавҳаи рекламавӣ дар он аст, ки калимаи **узв**-ро гумон кардааст, ки ба маънии шаҳрванд кор фармудан мувофиқ аст, аммо хато кардааст. Агар мақсад аз гуфтан ҳамин бошад, пас ҷумлаи зерин мувофиқи матлаб аст: **Шаҳрванди (сокини) арзандаи шаҳр бошед**.

Ҷомеаи кунуниро бидуни фаъолияти мутарҷим тасаввур кардан мушкил аст, зеро дар шароити кунуни лозим мешавад, то як ҳуҷҷатро аз як забон ба забони дигар тарҷума кард, бо роҳи тарҷумаи дурусту бенуқсон лозим мешавад, ки тарҷумон аз услуб ва нозукиҳои ҳусни баён бохабар бошанд, маълумоти кофии забондонӣ дошта бошанд. Шахсе, ки аз хусусиятҳои забони модарии худ бехабар аст, ҳеҷ вақт наметавонад, як ҷумларо бехато тарҷума кунад. Имрӯз аксарияти ҷумлаҳои рекламашуда, тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ аст, ноҷо тарҷума шудааст.

Рекламаи беруна ба он хотир қуллай ва дастрас аст, ки аксарияти мардум чунин рекламаҳоро ҳаррӯза мебинанд, он беҳаракат аст (рекламаи табло дар назар дошта шудааст), шахс метавонад ҳар боре, ки аз назди лавҳаи рекламавӣ гузаштан чандин маротиба матни онро бихонад, аз ин рӯ чунин матн дар зеҳни одам зуд ҷой мегирад. Агар чунин матнҳои рекламавӣ хатои имлоӣ дошта бошад, бинанда хато қабул мекунад. Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда матнҳои рекламашуда пур аз хатоиҳои услубӣ мебошад: **Ду баробар беҳтар** ин ҷумлаи рекламашуда тарҷума аз русии **В два раза больше** мебошад, ки тарҷумаи таҳтуллафзӣ аст. Аъзоҳои пайрави ҷумла бе иштироки сарҷумла хели ҷумлаҳои нодуруст ва бе мантиқро созмон медиҳад. Мақсади ҷумлаи рекламашуда, пӯшида ва номаълум аст, аз чи ду маротиба беҳтар. Вале тарҷумаи саҳеҳи ин ҷумла ҳамин тавр аст: **Зиёдтар (ё бештар) аз ду маротиба.** Ин матн тарғиби симкорти нави ширкати мобилии «Beeliene» аст.

Фурӯшгоҳи техникии «Volna» маҳсулоти худро бо ҷумлаи зерин реклама карда аст: **Дар маркази диққат!** - ин ҷумла ҳеҷ гуна тарғиб карда наметавонад, он қолибият надорад, наметавонад ҷомеаро ба худ ҷалб кунад. Ба он хотир ҷалб карда наметавонад, ки матлаб саҳеҳ байён нашудааст. Муҳаққиқ Сметанина С.И. Матнҳои рекламавиро таҳлил намуда, чунин мегӯяд: «Матни рекламавӣ бояд услубан беғалат бошад, яъне ба талаботи фаъолияти нутқ дар соҳаи робитаи оммавӣ мувофиқат кунад. Дар ин бобат ҷараёни таҳрири матнҳои рекламавӣ аз таҷрибаи маъмулии кори муҳаррир фарқе намекунад» [2,200]. Пас матни реклама мешударо эътиётона сохтан лозим аст, то ки ба талаботи имлоии забон мувофиқ бошад.

Дар маркази диққат – ин матнест, ки аз забони русии **В центре внимания** тарҷумаи таҳтуллафзӣ шудааст, ки маънии аслиашро гум кардааст. Агар ин ҷумларо таҳлил кунем ва мақсади асосиашро ҷуё шавем, чунин гуфтани матлаб саҳеҳ ҳосил мешавад: **Ҳамеша дар мадди назар аст.**

Ибораи руссии **идеальная стирка [3]** -ро тарҷумонҳои мо, **покшуй** тарҷума кардаанд, ки тарҷумаи таҳтуллафзӣ аст. Тарҷумонҳои мо, гумон кардаанд, ки ҳар як калима аз як забон ба забони дигар айнан тарҷума мешавад, ки ин фикр ғалат аст, воқеият дар он аст, ки мазмуни ҷумла бояд, тарҷума карда шавад, зеро калимаву ибораҳои як забон ба забони дигар ҳамвазн нестанд. Маъсалан, дар забони русӣ як калима дар мавридҳои гуногун ба маъниҳои мухталиф истифода мешавад. Аз ҷулмаи мавриди назар ҷомеа чизе фаҳмида наметавонад, аз ин рӯ лозим аст, бо ҷумлае ба ҷомеа ҳадафи худро гуфта тавонем: **Воқеан ҳам либосро пок мешӯяд,** ё ба тарзи дигар: **Дар ҳақиқат ҳам, либосро пок мешӯяд.**

Дар аксарияти матнҳои рекламашуда тарҷума таҳтуллафзӣ аст. Зеро қисми зиёди рекламаҳо маҳсулоти ширкатҳои хориҷӣ мебошанд ва сабаби асосӣ дар ҳамин аст, ки аксарияти матнҳои рекламавӣ ё аз забони русӣ ва ё аз забони англисӣ тарҷума шудаанд. Тарҷума қоидаву қонуниятҳои худро дорад ва дар ин замина тадқиқотҳои

зиёде навишта шудааст, ки қисми зиёди онҳо ба қалами муҳаққиқони Русия, Эрон, Олмон ва Амрико мансубанд. Дар кишвари мо, низ ба тадбиқу рушдӣ тарҷума аҳмияти хоса дода мешавад. Забоншиносон доир ба паҳлуҳои гуногуни тарҷумаи асарҳои бадеӣ ва матолиби илмию оммавӣ корҳои назаррасеро ба анҷом расониданд, қисме аз он камбудию норасоиҳо ислоҳ шудаанд. Вале, то ба ҳол камбудиҳои зиёде мушоҳида мешавад.

Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар хусуси калимаи хизматросонӣ ақидаи худро баён дошта, чунин менависад: «Ин аст, ки нисбат ба калимаи **хизматрасонӣ** эътирозе наемонад ва онро калимаи дуруст ҳисоб кардан лозим аст» [5,116]. Аммо, имрӯз ҳам, ба ҷои калимаи **хизматрасонӣ,** вожаи англисии **дилер** – ро истифода мебаранд, ки ғалат мебошад. Маъсалан, дар матни лавҳаи рекламавӣ чунин омада аст: «ҶДММ (Душанбе САН – БАО) **дилери расмии** корхонаҳои хитоӣ». Чунин ибораҳо ба монанди: **Маркази дилерӣ** ё **дилери расмӣ** зиёд истифода мешаванд, ки забони тоҷикиро олудаи мафҳумҳои бегона мегардонад. Агар ин ҷумлаи болоро саҳеҳ тарҷума кунем, беҳтар мешавад ва ба ҳусни байён халал ворид намекунад: «ҶДММ (Душанбе САН – БАО) хизматрасонии расмии кархонаҳои хитоӣ». Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ, инчунин пешниҳод менамояд, ки дар мавридҳои гуногун дар радифи вожаи **хизматрасонӣ**, калимаи **хизматгузор** –ро низ истифода бурдан ба маврид аст: «Ба фикри мо, калимаи **хизматгузорӣ** сазовори ин аст, низ дар матбуот дар баробари **хизматрасонӣ** мавриди қабул қарор диҳем» [5,116]. Дар воқеъ, калимаи **хизматрасонӣ**, имрӯз яке аз он калимаҳое мебошад, ки зиёд истифода мешавад. Ба монанди хизматрасонии маишӣ, маркази хизматрасонӣ, хизматрасонии техникӣ ва ғайра, аз ин рӯ ба ҷои калимаи **дилер**, ки ба забони мо, бегона аст, истифодаи калимаҳои **хизматрасонӣ** ва **хизматгузорӣ** ба маврид аст.

Аз тадқиқот бармеояд, ки ҷумлаҳои рекламавӣ, ҳам аз нигоҳи матни реклама ва ҳам аз нигоҳи услуби баён нодуруст сохта шудаанд. Вақте ки бо корхонаҳое, ки ба омода намудани рекламаҳои беруна машғуланд, муроҷиат намудем, онҳо баҳона пеш мегузоранд, ки мо, ба хоҳиши ташкилот матнро омода менамоем. Ҳол он ки барои ҳар як фарди солимақл зарур аст, ки дар ҳифзи забони худ бетараф набошад, забони худро аз олудагии калимаҳои бегона ҳифз кунад. Матни реклама фаҳмо, муъҷаз, дилчасп ва аз нигоҳи сохту услуби грамматикӣ беғалат буданаш даркор аст. Матни реклама тарзе бояд сохта шавад, ки муштариро ба сӯи худ ҷалб карда тавонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд.- Душанбе.-2001.-с.10.
2. Сметанина С.И. Редактирование.СПб.- 2003.-с. 200.
3. Рекламаи мошинаи ҷомашӯии фурӯшгоҳи техникии «Valna». – феврали соли 2012.
4. Шодон Ҳаниф. Бо роҳи нур то охират.- Душанбе,- 2002.-с.99.
5. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад.-Душанбе,- 1985.- с. 262

ВЛИЯНИЕ РЕКЛАМЫ НА НАРУШЕНИЕ ПРАВИЛ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Реклама в наше время является одним из факторов развития производства и одним из видов коммуникации, денежной связи, огромной социальной независимости. Реклама имеет очень много путей распространения.Одним из доступных и удобных путей распространения является внешняя реклама. Но в них можно встретить очень много грамматических и смысловых ошибок, которые искажают и нарушают правила таджикского языка.В данной статье автором рассматривается влияние рекламы на нарушение таджикского языка.

Ключевие слова: PR, реклама, информация, имидж, покупатель, маркетинг, товар, аудитория, СМИ, пресса, язык.

INFLUENCE OF ADVERTISING ON VIOLATION OF THE RULES OF THE TAJIK LANGUAGE

Advertizing is presently one of factors of development of production and one of types of communication, monetary communication, and huge social independence. Advertizing has many ways of distribution. One of available and convenient ways of distribution is external advertizing. But in them it is possible to meet many grammatical and semantic mistakes which distort and violate rules of the Tajik language. In this article the author considers influence of advertising on violation of the Tajik language.

Key words: PR, advertaisemet, information, style, marketing, goods, audience, media, pressa.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Бобоев Убайд*** – аспирант Таджикского национального университета.

]МЕНТАЛИТЕТИ СИЁСИИ МАОРИФПАРВАРОНИ ШАРҚ ОИД БА КОНСЕПСИЯИ ИЛМУ МАЪРИФАТИ ҶОМЕА

Ф.М. Ғоибова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ташаккули ақоиди нави маорифпарварӣ дар мамолики Шарқ аз нимаҳои асри XIX оғоз меёбад ва дар саргаҳи он Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, Мирзомалкумхон, Аҳмади Дониш, Муҳаммадабдӯҳ, Мизҳатпошо, Маҳмуди Тарзӣ барин шахсиятҳо қарор доранд. Он чиз барои аксарияти онҳо умумӣ аст, ки диди сиёсиву иҷтимоии нави онҳо гарчи аз сарчашмаҳои бузурги Ислом ва илму адаби асримиёнагии форсу тоҷик маншаъ мегирад, аммо ошноӣ ва таваҷҷуҳашон ба маданият ва мафкураи нави сиёсии аврупоиҳо ба ташаккули ҳуввияти эшон зиёдтар муассир будааст. Ҳатто шакли баёни ақидаҳояшон низ хислати ба ин мушоҳидаҳо мушобеҳ пайдо кардааст. Агар Аҳмади Дониш ва Малкумхон ақидаҳои худро бештар дар китобу рисолаҳои анъанавӣ баён карда бошанд, дигарҳо, аз ҷумла Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ба василаҳои нави иттилоотӣ – рӯзнома ва маҷалла бештар муроҷиат намудаанд. Бинобар он афкори онҳоро дар маҷаллаҳояшон «Чеҳранома», «Ҳабл-ул-матин», «Шамс-ун-наҳор», «Сироҷ-ул-ахбор», «Алмунор», «Урват-ул-вусқо» нашр кардаанд, пайдо кардан мумкин аст.

Маорифпарварони Шарқи мусулмонӣ дар осори худ ба маърифатнок сохтани халқу миллати хеш диққати асосӣ дода, онро муҳимтарин омили пешрафт ва инкишофи давлат донистаанд. Аз ҷумла, маорифпарварони араб, турк, эронӣ ва рӯшанфикрони охири асри XIX-и Осиёи Миёна дуруст ва воқеӣ дарк карданд, ки маърифатнокии умумии ҷомеа бо истифода ва татбиқи комёбиҳои илмӣ ва техникии Ғарб, ягона роҳи прогрессии иқтисодӣ ва фарҳангии Шарқи мусулмонӣ мебошад. Ба ақидаи аксари эшон, дурӣ аз илму маърифат сабаби асосии бемаърифатӣ, бесаводӣ, камбағалӣ ва қашшоқии ин мардум аст.

Маъруфтарин шахсиятҳои маорифпарварии Шарқ Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ (1838-1897) ва ҳаммаслаки ӯ Мирзо Малқомхон (1834-1908) мебошанд, ки қисми зиёди умри худро дар кишварҳои Ғарб гузаронида, барои боло бардоштани афкори маорифпарварии Шарқ хизматҳои шоистаеро анҷом додаанд. Малқомхон зидди истисмори одам аз тарафи одам буда, дар асари худ «Принсипҳои гуманизм» чунин менависад: «Инсон бояд душмани зулму истисмор бошад ва дар ҳама ҷо, барои рафъи он тамоми қувваашро ба кор барад» [7,237].

Дар ин гуфтаҳо ақида ва андешаи маорифпарварии ӯ равшан намудор аст. Чуноне ки дар боло зикр шуд дар ҳақиқат саҳми Мирзо Малқумхон дар ташаккули тафаккури сиёсӣ ва муборизаи фаъоли он зидди феодализм, баҳри равнақу тараққии ҳамаҷонибаи мардуми Шарқ беандоза бузург мебошад.

Беҳтарин коре, ки маорифпарварони Шарқ дар ин самт анҷом додаанд, кушодани даричаи хиради мардум ба омӯзиш ва азбарсозии дастовардҳои тамаддун, илм ва фарҳангу адабиёти Ғарб мебошад. Инро низ набояд фаромӯш кард, ки ҳамаи ин амалро онҳо дар чаҳорчӯбаи таълимоти Ислом тарғибу ташвиқ намудаанд.

Аз ин ҷост, ки наҳзати маорифпарварӣ дар баъзе аз кишварҳои Шарқ бо муборизаҳои сиёсӣ иртиботи қавӣ дошт. Сухан дар бораи он меравад, ки маҳз пешвоёни пешқадами наҳзати маорифпарварӣ, ба мисли Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва Муҳаммад Абдуҳ пешвои муборизаҳои сиёсӣ дар мамолики мухталифи Шарқ низ буданд. Асоси таълимот ва ҷаҳонбинии онҳоро, озодӣ ва мустақилияти халқҳои мусулмон дар иттиҳоди як хилофати озод бе дахолати аврупоиён ташкил медод. Барпокунии ин иттиҳод ва муттаҳидиро онҳо дар маърифати баланду ҳаматарафаи васеи мардум медиданд.

Ба ақидаи онҳо, дини мубини Ислом ҳамчун дини ҷаҳонӣ, ки асоси таълимоташ маърифат ва донишмандии инсон аст, беҳтарин имкониятҳоро барои рушду инкишофи инсон ва ҷомеа фароҳам меовард. Ҳардуи ин шахсиятҳо, ки дар фавқ зикрашон кардем, дар охири қарни XIX муддати зиёде дар Франсия зистаанд ва табиист, ки

ҷаҳонбинии онҳо бештар афкор ва андешаҳои маорифпарварони Ғарб, хусусан, фаронсавиён таъсир гузоштааст. Дар кишварҳои хеш онҳо озодӣ, баробарӣ, баробарӣ, соҳибҳуқуқ будани инсон ва волоияти қонунро, ки маҳз дар Аврупо омӯхта буданд, тарғибу ташвиқ кардаанд.

Ба ақидаи мо, наҳзати маорифпарварӣ дар Шарқи мусулмонӣ хусусиятҳои хоси худро дошт ва дар чаҳорчӯбаи идеалогияи Ислом амалӣ мешуд.

С.Ҷ.Афғонӣ ва М.Абдуҳ ҳарчанд, ки дар Аврупо умри зиёде ба сар бурдаанд, лекин ҳамчун фарди мусулмон ба дини поки Ислом эҳтиром ва садоқатро қоил буданд ва берун аз доираи таълимоти он ҳарфе нагуфтаанд. Аз ин ҷост, ки тамоми маорифпарварони шарқӣ дар хусуси ислоҳоти мактабу маориф, бо назардошти ғояҳои Ислом сухан гуфтаанд. Онҳо на Исломро, балки ғафлатзадагӣ, коҳилию танбалии мардуми мусулмонро зери тозиёнаи танқид гирифтаанд.

Маорифпарварӣ дар Ғарбу Шарқ хусусиятҳои муайян ва хоси худро дорад. Агар дар кишварҳои Ғарб: Англия, Олмон, Фаронса ин ҳаракат пештар шуруъ шуда бошад, дар Шарқ фақат дар охири асри XIX ба миён омад. Формулаи «Ғарб Ғарб аст, Шарқ Шарқ» ба назари мо ин моҳиятро фаро намегирад зеро ҳардуи ин наҳзатҳои маорифпарварӣ дар ягонагии деалектикӣ қарор доштанд, яъне ҷавҳари ҳардуро як чиз: маърифатнокии ҷомеа ташкил медод. Қайд кардан ба маврид аст, ки ин ҷо бояд ҳуввият (менталитет)-и Ғарбӣ ва Шарқии миллатҳои гуногун ба эътибор гирифта шавад.

Бисёре аз муҳаққиқони ин соҳа бар ин ақидаанд, ки маҳз фарҳанг ва тамаддуни пешқадами Ғарбӣ заминаи асосии инкишоф ва рушду нумӯи иқтисодӣ ва фарҳангии мардуми Шарқ гардид.

Маорифпарварони турк – Аҳмад Ризо ва Мидҳатпошо низ андешаҳои ҷолибе баён кардаанд. Аҳмад Ризо асоси сарватмандӣ ва гулгулшукуфоии кишвар, қудратмандӣ ва ояндаи онро маҳз дар маорифпарварӣ мебинад.

Мидҳатпошо, ки яке аз муборизони қабули конститутсияи аввали кишвар, ислоҳотчӣ ва чеҳраи сиёсӣ аст, ба тайёр кардани мутахассисони хоҷагии қишлоқ ва саноат диққати махсус додааст. Ҳамчун губернатори оянда, ӯ дар як қатор музофотҳои Усмонӣ, омӯзишгоҳҳои ҳунармандӣ-косибӣ таъсис намуд ва методҳои пешқадами омӯзиши техникаи хоҷагии қишлоқро ба миён гузошт [11,111-113].

Маорифпарварони Шарқ маорифпарвариро муҳаррики (двигатель-Ғ.М.) пешбарандаи ҷомеа донистаанд. М.Тарзӣ пешвои «ҳаракати ҷавонафғонҳо», дар саҳифаҳои ҷаридаи худ «Сироҷ-ул-ахбор» ҳамеша ба тарғиби ғояи пешқадами маорифпарварӣ матолиби зиёд ба нашр мерасонд. Ӯ доимо таъкид мекард, ки илм ва маориф мавқеи аввалиндараҷа дар инкишофу пешрафти ҷомеа доранд. М.Тарзӣ васеъ ва замонавӣ намудани сохтори маориф дар Шарқ таблиғ менамуд. Хизмати хастанопазири ин симоҳои барҷаста дар болобурди маърифатноксозии ҷомеаи онрӯзаи шарқӣ хеле муассир аст. Як нуқтаро таъкид кардан бамаврид аст, ки ҷанбаҳои гуногуни наҳзати маорифпарварӣ дар Шарқ ба пуррагӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст ва ба таври лозимӣ омӯхта нашудааст.

Албатта, чӣ хеле ки мегӯянд: «Безиддият ҳаракат нест ва бебаҳс ҳақиқат, ҳақиқат зодаи баҳс аст». Он ҳама таҳаввулот ва тағйирот, ки дар ҷомеаи шарқӣ пас аз маорифпарварӣ ба амал омад, имрӯз бояд аз мавқеи илмӣ бознигарӣ шавад. Бисёре аз таҳқиқотчиён пайдоиши мактабҳои замонавӣ ва матбуоти давриро аз таъсири мутақобилаи фарҳангу адабиёти аврупоӣ медонанд. Масалан, ба афкори маорифпарварӣ дар Туркия равшанфикрони франсуз таъсири зиёд расонидаанд. Мисоли ин, тарҷумаи асарҳои маорифпарварони зиёди ғарбӣ ба забони туркӣ мебошад. Маорифпарвари турк – Исмоил Ҳабиб китоберо бо номи «Адабиёти Аврупо ва мо» ба табъ расонид, ки ба афкори мутафаккирони давраи маорифпарварӣ баҳои баланд медод. Номиқ Камол намояндаи дигари онҳо асарҳои Монтескёро, ки ба империяи Рим бахшида шуда буд, ба забони туркӣ тарҷума ва нашр намуд.

Ба болоравии ҳаракати маорифпарварӣ дар Эрон бошад, адабиёти пешқадами Россия, ки бо воситаи Қафқоз паҳн мегардид, мусоидат мекард [3,87].

Ҳарчанд ки дар хусуси таърихи маорифпарварӣ дар кишварҳои гуногуни Шарқ маълумот дошта бошем, ҳамон қадар имкони омӯзиши фарқият ва хусусиятҳои онҳоро пайдо менамоем. Аз рӯйи таҳлил ва омӯзиши ҳаматарафаи ин наҳзати таърихӣ ба хулосае меоем, ки маорифпарварони Шарқ динро асоси ҳаёти маънавӣ ва иҷтимоии

ҷомеа ҳисобида, бедину эътиқод вуҷуд доштани ҷомеаи инсониро номумкин шуморидаанд ва динро маҳаки таърих ва фарҳанг гуфтаанд. Ҳамчуноне ки Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ дар пешрафти ҳаёти ҷомеаи шарқӣ эҳтироми арзишҳои исломиро аввалиндараҷа мешуморад ва Соловёв В.- файласуфи машҳури рус низ эҳтиромро ба насроният қоил аст [10,563]. Соловёв маърифати олии инсониро дар шинохти эътиқоди динӣ мебинад ва С.Ҷ.Афғонӣ- асосгузори панисломизм, маърифати илоҳиро моҳияти асосии ҳаёти маънавии инсон маънидод месозад.

М.Тарзӣ, ки ба мисли устоди хеш С.Ҷ.Афғонӣ қисмати зиёди умри худро дар Аврупо гузаронидааст, пешрафти маорифро асоси пешрафти ҳаёти маънавии ҷамъияти ҳисобидааст. Маориф, ба андешаи вай, манбаи (база-Ғ.М.) азхудкунии ҳамаи унсурҳои фарҳангии ҷомеа аст.

Машҳуртарин намояндаи маорифпарварӣ дар кишварҳои араб, аз ҷумла Миср, Муҳаммад Абдуҳ (1849-1905) мебошад. Андешаи ислоҳот дар соҳаи маорифи исломӣ дар ҷаҳонбинии М. Абдуҳ ҳанӯз аз давраи таҳсил дар донишгоҳи «Алазҳар» пайдо шуда буд. Ин боис шуд, ки ӯ мактаби ақидотии хешро дар шаҳри Қоҳира – пойтахти Миср таъсис дода, тарафдорони зиёде пайдо намояд. Вазифаи аввалиндараҷаи ин мактаб ғояи маорифпарварӣ, талош баҳри эҳёи Исломи ноб буд. Пайравони он муътақид буданд, ки эҳёи Ислом амр ва зарурати таърихӣ аст ва барои истиқлолияти фарҳангӣ ва динии мардуми мусулмон мусоидат месозад ва ҳамчунин боиси иттиҳоди онҳо бар зидди душманони беруна мегардад. Ба ғайр аз М. Абдуҳ, Салим Наққош, Адиб Исҳоқ, Яъқуб Саруф ва дигарон аз намояндагони маъруфи ин мактаб буданд. Ҳамаи онҳо ба ин ақида буданд, ки маорифпарварӣ имони инсонҳоро комил мекунад, ахлоқи онҳоро такмил медиҳад ва ваҳдату ягонагии мусулмонони оламро меафзояд.

М. Абдуҳ назариёти хешро рӯйи ин масъала дар яке аз мақолаҳои дар газетаи «Алаҳром» навиштааш изҳор доштааст: «Мо бояд таҷрибаи дигар динҳо ва давлатҳоро омӯзем, то ки сирри пешрафти онҳоро донем. Моро лозим аст, ки дастовардҳои илмӣ ва техникии онҳоро дар ҷаҳони Ислом инкишоф диҳем» [8,36].

